**АМИРӢ (УМАРХОНИ ХӮҚАНДӢ),
МУҲЙИИ ХӮҚАНДӢ,
ВАҲШИИ БОФҚӢ,
РОЗИҚИ ФОНӢ**

# ЧАҲОР ГУЛЗОР

**ДУШАНБЕ
«Истеъдод»
2019**

**ББК 86. 38+87.717+88.5**
**А - 62**

**Мураттиб ва таҳиягар**
***Исмоил Зарифӣ***

**Муҳаррир *Равшани Ҳамроҳ***

**А – 62 Чаҳор гулзор. – Душанбе: «Истеъдод», 2019, 448 саҳ.**

**Китоб фарогири осори форсии Амир Умархони Хӯқандӣ, ғазалиёти Муҳйии Хӯқандӣ, осори Ваҳши Бофқӣ ва намунаҳое ашъори Розиқи Фонист. Маҷмӯа барои оммаи васеи хонандагон пешкаш карда мешавад.**

**ISBN 978-99947-2-571-7**

**© Исмоил Зарифӣ, 2019**

**АМИРӢ**
**(УМАРХОНИ ХӮҚАНДӢ)**

# АШЪОРИ ФОРСӢ

## АМИР УМАРХОНИ ХӮҚАНДӢ
## (1787 – 1822)

*Амир Умархон соли 1787 дар оилаи Норбӯттабӣ таваллуд шудааст.*

*Аз ӯ пеш дар тахти салтанати Хӯқанд бародараш Олимхон, ки ба золимӣ ном баровард, менишаст. Соли 1809 риштаи умри ӯ канда мешавад ва ба ҷояш Умархон ба тахти салтанат менишинад. Аз рӯзи аввал писанди хотири аҳолӣ мегардад. Ҳудуди салтанатро аз ҳисоби шаҳрҳои Кошғар, Ҷиззах, Истаравшан ва Тошканд васеъ мегардонад. Шаҳрҳои нав бунёд мекунад.*

*Дар даври хонигариаш шоирону донишмандони замонро, аз қабили Адо, Фазлӣ, Ҳозиқ. Хичлат, Вазир, Махмур, Нодир, Ғозӣ, Маъдан, Мирӣ, Нодира, Увайсӣ, Махзуна, Гулханӣ, Мушриф, Дабир, Маҳзун ва дигаронро ба дарбор ҷалб мекунад ва адабиёти дузабонаро ба роҳ мемонад.*

*Ҳамсараш Моҳлароим Нодира, бо тахаллуси Нодира, Комила ва Макнуна бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ шеър мегуфт.*

*Фарзандаш Муҳаммадалихон бо тахаллуси Хон шеър гуфтааст.*

*Ашъори форсии шоир аз 148 ғазал, 19 мухаммас, 1 тарҷеъбанд, 1 таркиббанд ва 1 мусамман иборат аст.*

*Дар охири «Девон»-и Амир 8 таърих, ки шоирони давр дар таърихи вафоташ гуфтаанд, ҷой дорад.*

*«Девон»-и форсии шоир бори аввал бо таҳрири комил дар Тоҷикистон нашр мешавад.*

*Амир Умархон соли 1822 дар Хӯқанд вафот кардааст.*

### ҒАЗАЛИЁТ

1

Эй зикри ту зевари суханҳо,
Аз номи ту шаҳд дар даҳанҳо.
Аз файзи санои ту забонам
Гардид чароғи анҷуманҳо.

То субҳи абад зи тоби меҳрат,
Афрӯхта шамъ дар лаганҳо.
Умрест дил аз хаёли васлат,
Дар гӯшаи ғам нишаста танҳо.
Доранд таҳайюри ҷамолат,
Дар гӯшаи боғ ёсуманҳо.
Халқе ба суроғи хоки кӯят,
Афтода ба ғурбат аз ватанҳо.
То зулфи каҷат шикан-шикан шуд,
Афтода дилам дар он шиканҳо.
Онҳо, ки зи хеш чашм бастанд,
Бурданд ғами ту бар кафанҳо.
Бикшой ду зулф, то бароям,
Аз чоҳи ғамат ба он расанҳо.
Сад ранг ба хомаи иродат,
Сунъи ту нигошт дар чаманҳо.
Дар ҳасрати он даҳони ширин,
Дил гум шуда дар чаҳи зақанҳо.
Ҳаҷри ту балост, нест тоқат,
Ушшоқи туро дар ин маҳанҳо.
Дар ҳасрати чашми хушнигоҳон,
Аз хоки дилам дамад Хутанҳо.
Дар ишқи ту рафта аз дили ман,
Нақди хираду ҳусули фанҳо.
Гул карда ҳазор доғ, гӯё
Пироҳани дил шуд аз чаканҳо.
Беҳтар зи Амириясту шоҳӣ,
Аз доғи ғами ту хун шуданҳо.
2
Ман надорам сабр, он нозофарин дорад ҷафо,
То куҷо оид шавад, ё Раб, маро ин моҷаро?
Наргисат аз ноз хуни бегуноҳон рехта,
Ғамзаат дил мерабояд аз мани бедаступо.
То куҷо фарёду афғонам ба гӯши Ӯ расад?
Ӯ сипеҳру ман замин, Ӯ подшоҳу ман гадо.
Баски аз халқи ҷаҳон вазъи мурувват рафтааст,

Бар сари ман захми шамшер аст дасти ошно.
Нақши хоки пои Ӯ ҳар ҷо, ки пеш ояд маро,
Гирам аз шавқу ба чашми хеш созам тӯтиё.
Қомати хамгашта дорам аз ғами сарви қадат,
Кош ин афтодаро бардорад аз ҷое асо.
Саҷдафарсо мешавад аз хоки даргоҳат ҷабин,
Партави анвори Ҳақ дорӣ магар, эй маҳлиқо?
Муддате шуд орзуи сарви нозат мекашам,
Як замоне бигзар аз нозу ба сӯи мо, биё!
Кай расад аҷзи ниёзи мо ба базми нози ӯ?
Хаймаи Лайлӣ баланду дасти Маҷнун норасо.
Интизори мақдамат аз чашми дил дорам, Амир,
К-ин ду манзар ҳарду ҷои туст, эй бадр-уд-даҷо.
3
Эй зи акси оразат оина лабрези сафо,
Гул занад аз хандаат сад чок аз ҷайби қабо.
Бо шаҳидон теғи абрӯи ту шодоб аз ситам,
Бо асирон наргиси масти ту сaршори ҷафо.
Аз тағофул чашми мастат карда дилҳоро асир,
Панҷаи мижгони мастат дорад аз хунам ҳино.
Чашми мастат мекушад, лекин надорам бок аз ӯ,
Дидаи ман аз лаби майгуни ту оби бақо.
Дар шаҳодатгоҳи уммедат ҳаёпарвардаам,
Ранг мехезад зи хуни бисмилам ҷои садо.
Лаъли майгунат ба ҳар маҷлис, ки бахшад нашъае,
Бодаи ноб аз қадаҳ берун наояд аз ҳаё.
Ҳар нафас чун шамъ сар додам ба савдои ғамат,
Ҳаққи шамшери ту аз гардан намегардад адо.
Хок гардидему шӯри ишқ аз мо кам нашуд,
Муддао ҳосил намегардад зи тарки мосаво.
Гар тану ҷон бе тақозо чошнӣ гирад, Амир,
Медиҳад лаъли лабат хосияти оби бақо.
4
Тамошои гулу сарви саҳӣ набвад ҳавас моро,
Таманнои узору қомати он шӯх бас моро.

Ғубори оҳ аз дил гарди кулфат мекунад зоил,
Сазад равшан шавад оина дарх(в)арди нафас моро.
Гирифторем ҳамчун шонаҳо бар синачокиҳо,
К-аз ӯ шуд домани гесӯи хубон дастрас моро.
Намехоҳад амал осудагиро нест бок уфтад,
Зи ифроти ҳавас дар дидаи ором хас моро.
Ба қадри кӯшиши гарди нафас аз худ равад ҳар кас,
Дар ин раҳ нолаи мо буд фарёди ҷарас моро.
Ба мижгон ҷодаи мурғи нафасро кист, то бандад
Нагардад монеи парвоз оғӯши қафас моро.
Намегирем бо ин карру фар дил аз хаёли Ӯ,
Ба асбоби Амирӣ кай барад аз худ ҳавас моро?
5
Наврӯз шуд, омад ба тамошо гули раъно,
Пӯшида ба бар хилъати зебо гули раъно.
Дар мавсими гул бодаи рангин чӣ хуш омад,
Дар соғари зар рехта саҳбо гули раъно.
Рӯи ману рухсори ту дар боғи муҳаббат,
Дар ҳусн муқобил шуда гӯё гули раъно.
Аз чашм ман ашку арақ аз рӯи ту резад,
З-он ҷо надамад ҳеҷ гул, илло, гули раъно.
Бар хок ниҳам рӯй ба ёди гули рӯят,
То домани маҳшар дамад он ҷо гули раъно.
Ҷуз ошиқу маъшуқ дар ин пардасаро кист?
Гулзори ҷаҳон аст саропо гули раъно.
Он сарви гуландом, гул аз шарми ниқобаш,
Дар боғ гули рух накунад во гули раъно.
Дар мамлакати боғ ба оини таҷаммул,
Садбарг Амир асту раоё гули раъно.
6
Биё, ба гулшану бинмой рӯи раънoро,
Бидеҳ ба бод чу гул рангубӯи раънoро.
Касе, ки баҳра зи рангинии узори ту ёфт,
Ба ҳеҷ ранг накард орзуи раънoро.
Расид бода зи хумхонаи баҳор имрӯз,
Ба дӯши ғунча кашад гул сабӯи раънoро.

Киришки сурх ба рухсори зард рехтаем,
Марез аз рухи мо обрӯи раънорo.
Зи файзи талъати меҳри рухи ту субҳи баҳор,
Кушуд бурқаи рӯи накӯи раънорo.
Кадом шуъла, ки ахгар нашуд зи вазъи ғурур,
Нигар тароватии сомону хӯи раънорo.
Амири олами ҳуснию мо гадои туем,
Ниҳон макун зи гадоён ту рӯи раънорo.
Паи шукӯҳ Амири чаман ба савсан гуфт:
Бигӯ, насим кунад ҷустуҷӯи раънорo.
7
Эй зи фикрат шоҳиди дил ҳамчу гул рангинқабо,
Аз кафи поят тароватгуна мегардад ҳино.
Қомати яктои ӯ ҳар ҷо чаманпиро шавад,
Сарв аз пастӣ чу маҷнунбед мегардад дуто.
Шарми рухсори кадомин шӯх дорад дар назар?
Ин гулистонро зи шабнам об мегардад ҳаво.
Мекунад дарюзаи нур аз фурӯғи оразат,
Меҳр аз ин рӯ бар узори моҳ мебахшад зиё.
Чашми биниш равшан аз оинаи рухсораат,
Дидаи дил мекунад аз хоки поят тӯтиё.
Умрҳо шуд, дар раҳат чун нақши по афтодаам,
Як нигоҳи лутф аз чашми ту дорам муддао.
Кишвари меҳру муҳаббатро Амирӣ мекунам,
То зи сар гардам ба ранги ашк дар роҳи ту по.
8
Бошад ба ёди лаъли ту ушшоқ дар наво,
Парварда найситон ба умеди шакар наво.
Дил пора-пора гаштаву ҷон дар фиғон ҳанӯз,
Парголаҳо зи дида барояд ба ҳар наво.
Дорам ба ёди зулфу баногӯшат изтироб,
Дар шом нола дораму вақти саҳар наво.
То чанд аз дилам зи ғамат нола сар кашад?
То кай кашам ба ёди қадат аз ҷигар наво?
Дар тангнои даҳр иқомат чӣ мумкин аст?
Бошад даруни кӯчаи най раҳгузар наво.

Созад тазаллум аз дили пурхуни ман зуҳур,
Ояд бурун зи соғари саршор агар наво.
Арбоби дидаро зи хамӯшӣ гузир нест,
Н-ояд бурун зи ҷунбиши тори назар наво.
Бо масқаби ҳаво натавон сангро шикофт,
Мушкил, ки бар дили ту намояд асар наво.
Дар кӯҳу пушта нола кунам, манъи ман масоз,
Маҷнун кунад ҳамеша ба ҳар дашту дар наво.
Бе лаъли ҷонфизои ту натвон хамӯш шуд,
Дур аз шакар намедамад аз найшакар наво.
Бошад ба мулки даҳр зи файзи Амириям,
Дар Шом базми ишрату дар Бохтар наво.
9
Бурд дил аз дасти ман он санами дилфиреб,
Ҷомаи ҷон чок шуд, рафт қарору шикеб.
Гуфтамаш: Аз ҳаҷри ту, сӯхтам, эй дилрабо,
Гуфт: Туро васли ман шод кунад анқариб.
Муждаи васлат расон, тоқати фурқат намонд,
Чанд зи ҳиҷрони гул нола кунад андалеб?
Сӯхтам аз ҳаҷри ту, эй санами тундхӯ,
Ё ки маро ту бибар, ё ки биёӣ қариб.
Дур зи ёру диёр гаштаам аз ҳаҷри ту,
Нолаю афғони ман бо ту намонад ғариб.
Шоҳи ҷаҳонро бақо бод ба мулки ҷаҳон,
Аз асари адли ӯ кавну макон ёфт зеб.
Шиква аз он бевафо, гар бикунам айб нест,
Дур шуд аз ошиқон, шуд ба рақибон қариб.
Дар ғами ту солҳо нолакунон аст, Амир,
Дарду бало меҳрубон, меҳнати ҳиҷрон насиб.
10
Ҳусни оламсӯзи ӯ ҳар гаҳ барояд аз ниқоб,
Нест ҷуз борони ашкам шабнами он офтоб.
Аз ғами рӯи арақнокаш чу созам гиря сар,
Мешавад ҳар қатраи ашкам ба сони дур(р)и ноб.
Хирмани васли туро фаҳмида гул гардид об,
Осмон кофур мебезад ба ғирболи саҳоб.

Кард бод аз қатраи борон зи рухсораш савол,
Дар латофат иқди шабнам рӯи гул гуфтам ҷавоб.
Гуфтамаш: Бар оразат зулфи парешон аз чӣ рӯст?
Гуфт: Пинҳон мешавад ҳар лаҳза дар абр офтоб.
Ман намедонам, ки абри осмон зулм аз кӣ дид?
Рӯ ба хоки даргаҳат дар гиря шуд аз изтироб.
Зулфи пурчини туро сад дил бувад дар ҳар шикан,
Ҳар шиканро ҳалқаву ҳар ҳалқаро сад печутоб.
Офтоби авҷи истиғност рухсори маҳат,
Хонабардӯши туам, чун соя аз ман рух матоб.
Чун нарезам ашки хунин бар рухи зард ошкор?
Кард он симинбадан бар рӯи худ зарринниқоб.
Аз шикасти мавҷи ин дарё ба ёди ҷилваат,
Умр бошад коҳ афкандаст бар чашми ҳубоб.
Маҳфили нозат, ки ёд аз боғи ҷаннат медиҳад,
Метавон хӯрдан шароби ноб бо чангу рубоб.
Гӯшаи чашми ту бе кайфияти найранг нест,
Аз нигоҳат мешавад паймона лабрези шароб.
Кистам ман, то кунам васфи Амири ҳусни ӯ?
Зарра бе миқдор бошад дар ҳузури офтоб.
11
Кист созад нусхае аз лавҳи имкон интихоб?
Нусха гар ин аст, кардан ҳеҷ натвон интихоб.
Ҳар куҷо он абрӯвони ноз дидам, кардаам
Байти фарде аз китоби ҳусни ҷонон интихоб.
Рехт азбас хуни дилҳоро ба теғи ғамзааш,
Месазад з-он рӯ намуди чашму мижгон интихоб.
Аз саводи наргисаш карданд арбоби назар,
Мисраъи барҷаста, яъне тори мижгон интихоб.
Оби Хизр аз хомаам ҷои сиёҳӣ мечакад,
То намоям нусхае з-он хатти райҳон интихоб.
Дар дабиристони озодӣ зи девони ҷунун,
Кардаам чун гул ҳамон чоки гиребон интихоб.
Дар дабистони ҳақиқат ҳеҷ кас мумтоз нест,
З-он ки натвон ёфт дар оёти Қуръон интихоб.

Хондаам девони ҳусни нозанинонро, Амир,
Кардаам з-ин дафтари дилкаш фаровон интихоб.
12
На тоби бода бо шамъи ҷамолат равшан аст имшаб,
Сипандосо дили парвонаам дар шеван аст имшаб.
Набояд кард густохона майли соғару мино,
Арӯси бода дар базми тараб мардафкан аст имшаб.
Ту бар тарфи чаман май хӯрдию дар ҳасрати рӯят,
Зи ҷӯши гиря ҷайбу домани ман гулшан аст имшаб.
Қадаҳ бишкаст соқӣ, ман шикастам шишаи дилро,
Ту ҳам тарфи кулаҳ бишкан, ки бишкан- бишкан
аст имшаб.
Ба фикри он ки то домони рангинаш ба каф ояд,
Сари шӯридаам чун ғунча дар пироҳан аст имшаб.
Ба ман додӣ ту соғар, аз яди байзост, эй соқӣ,
Сарат гардам, дуболо кун, ки рашки Айман аст имшаб.
Ба базму разм ҷисму ҷони худ созам сипар, яъне
Ба ханҷарбозии мижгонсиёҳон ҷавшан аст имшаб.
Зи гулзори сари кӯи ту бо сад доғ меоям,
Ки хуни дил маро чун лола андар доман аст имшаб.
Амир, аз нашъаи базми қадаҳнӯшон чӣ мепурсӣ?
Чароғи айшро аз оташи ман равған аст имшаб.
13
Дилам з-андешаи лаъли кӣ шуд дар изтироб имшаб?
Ки ҳамчун мӯи оташдида дорад печутоб имшаб.
Чунон бигдохтам аз оташи шавқи гуландоме,
Ки мерезад ба ҷои ашк аз чашмам гулоб имшаб.
Қадаҳ чид аз арақ бо оташи май аз узори ӯ,
Яке сад шуд ба қадри сифр ҳуснашро ҳисоб имшаб.
Зибас, эй шӯх, шарҳи гулшани ҳусни ту мехонам,
Сазад аз ман кунад оина ҳайрат интихоб имшаб.
Маҳи ман рӯй бинмуд аз канори ҳалқаи гесӯ,
Баромад аз саводи шоми зулмат офтоб имшаб.
Зи фикри наргиси ӯ бехуди паймонаи рангам,
Надорад нашъаи ман эҳтисобе бо шароб имшаб.

Зи бахти вожгунам буд дар дил шикваи чанде,
Зи рӯи бекасӣ бо хеш мекардам хитоб имшаб.
Ба рухсори тавақкуъ бӯсаҳо кардам кафи пояш,
Ба базми духтари раз буд ҳуснаш бениқоб имшаб.
Амир, азбаски ғолиб буд бими шоми ҳиҷронам,
Ба парвоз омада ранг аз рухам, в-аз дида хоб имшаб.
14
То ниҳод он симтан лаб бар лаби ҷоми шароб,
Кард рашки ӯ дили пурхуни ошиқро кабоб.
Ҳар куҷо машшота бар гесӯи он маҳ шона зад,
Риштаи ҷони маро афтод чандин печутоб.
Хандаи лаълаш ба ҳангоми такаллум шуд падид,
З-он даҳони бенишон як нуқта кардам интихоб.
Ошиқонро беқарорӣ мефизояд рӯи ӯ,
Ҳар куҷо хуршед бошад, зарра дорад изтироб.
Аз хаёли орази ӯ ошиқон ҷон медиҳанд,
Вои он соат, ки аз рӯяш барандозад ниқоб.
Хок гардидам, тапидам, сурма гаштам, сӯхтам,
Аз тағофул во нашуд он чашми масти нимхоб.
Мехӯрам хуни дилу сад нола иншо мекунам,
Бода нӯшад ҳар куҷо он шӯх бо чангу рубоб.
Кардаам сад бор аз лаълаш саволи бӯсае,
Аз лаби ҷонбахши ӯ як бор нашнидам ҷавоб.
Дар таманнои висоли ӯ равон кардам, Амир,
Сӯи гардун корвонҳои дуои мустаҷоб.
15
Мекашад бар рух зи гесӯ он бути саркаш ниқоб,
Аз саводи дида гӯё мениҳад оташ ниқоб.
Чун парӣ дар ҷилва омад то ба минои ҳарир,
Мекашад авсофи ҳусни ӯ маи беғаш ниқоб.
Чун насӯзад хирмани сабрам, ки яксар мениҳад,
Барқи ҳусни ӯ ба ранги пунба дар оташ ниқоб.
Гар ҳама шом аст, ҳамчун рӯз равшан мешавад,
То барандозад зи рӯи хеш он маҳваш ниқоб.
То ба кай ҳусни туро дар парда мебинад, Амир?
Эй малаксимо, барандоз аз рухи дилкаш ниқоб.

16
Зибас дар кулбаам шамъи ҷамолат равшан аст имшаб,
Канори хонаам гулрезтар аз гулшан аст имшаб.
Намедонам, ҳадиси хатти райҳони кӣ мегӯям?
Ки бар рӯи забонам дуди дил чун сӯзан аст имшаб.
Чунон бо оразат дил дар фиғон омад, ки ҳар узвам,
Ба ранги ҳалқаи занҷир соҳибшеван аст имшаб.
Буни ҳар мӯи ман шуд рахти оташбор чун қумрӣ,
Кадомин шамъ андар кулбаам барқафкан аст имшаб?
Нигаҳ нуре надорад бе фурӯғи оразн моҳат,
Саводи дидаам монанди чашми равзан аст имшаб.
Зи ҷӯши новаки мижгони он шӯхи камонабрӯ,
Фазои синаам ҳамранги чашми ҷавшан аст имшаб.
Ҳавои гул намехоҳад, Амир, аз ашки оли худ,
Ба ёди он баҳори ноз гул дар доман аст имшаб.
17
То фикри он даҳону миён дар хаёли мост,
Эй дида, шод бош, ки рӯзи висоли мост.
Раъноии риёзи муҳаббат чу бингарӣ,
Аз ранги заъфарониву аз ашки оли мост.
Қонеъ наям зи омадурафти нишоту ғам,
Шоми висол дарх(в)ари субҳи висоли мост.
Дар орзуи факр гузаштанд ағниё,
Фағфури Чин ба ҳасрати ҷоми сафоли мост.
Сархуш ба заҳрнӯшии хунобаи ғамем,
Ҷоми нишот боиси ҳузни малоли мост.
Хун мехӯрем ғунчасифат аз ғами ҷаҳон,
Ин ранги зинати дили ҳасратмаоли мост.
Ғайр аз халал намерасад аз арзи эҳтиёҷ,
Айши мудом, Амир, лаби бесуоли мост.
18
Парешонӣ маро аз турраи гесӯи маъшуқ аст,
Ки ин ошуфтагиҳо аз хаёли хӯи маъшуқ аст.
Бирав, носеҳ, магӯ, афсонаи фирдавсу ризвонро,
Биҳишти ҷовидони ман ҳарими кӯи маъшуқ аст.

Маро дар базми ҳайронӣ тамошо муфти дидан шуд,
Нигоҳи бехудӣ оинадори рӯи маъшуқ аст.
Бигардон рӯи худ аз сурати девор, эй зоҳид,
Ки меҳроби иҷобат қиблаи абрӯи маъшуқ аст.
Ба гулшан гар равам бо сарви мавзун дида бикшоям,
Маро мадди назар он қомати дилҷӯи маъшуқ аст.
Сияҳрӯзам, чароғ аз равғани бодом месӯзам,
Саводи сурма то дар наргиси ҷодуи маъшуқ аст.
Шикоят кам кун аз бемеҳрии ҷонон, ки дар олам,
Тазаллум пешаи ошиқ, тағофул хӯи маъшуқ аст.
Баҳори нозанин омад, Амир, аз ҷониби гулшан,
Насими накҳати гул дар димоғам бӯи маъшуқ аст.
19
Ба ҷон ,эй гулбадан, ҳастам асири сарви болоят,
Туӣ манзури муштоқон, нагирад сарву гул ҷоят.
Дили хунгаштаву ин чашми беморе, ки ман дорам,
Фидои лаъли майгунат, хароби чашми шаҳлоят.
Агар ин аст найранги рамузи дилрабоиҳо,
Чу ман зурроти олам бошад, эй хуршед, шайдоят.
Зи шавқи орзуи холи рухсори ту гардидам,
Гирифтори каманди ҳалқаи зулфи сумансоят.
Чу гул зад ханда шӯрии табассум рехт бар ҷонам,
Ба ҳангоми такаллум ғунчаи лаъли шакархоят.
Ниҳам рӯи худу бар чашми гирён тӯтиё созам,
Ба ҳар ҷое, ки пеш ояд маро нақши кафи поят.
Нашуд манзури нозат бехудиҳои ниёзи ман,
Ки сар дар зери поят хок гашту нест парвоят.
Шудам овора дар ишқи ту, аҳволам намепурсӣ,
Бигӯ, пас, эй Амири ҳусн, ҷуз ман нест расвоят.
20
Омад бутею орази худро намуду рафт,
Як ҷилва карда нақди дил аз каф рабуду рафт.
Ханҷар кашид, синаи худ сохтам сипар,
Таслими ошиқонаи ман озмуду рафт.
Дод аз ҷамоли худ дили аҳбобро сафо,
Занги ситам зи оинаи мо зудуду рафт.

Дарди дилам зи омадани ёр тоза шуд,
Марҳам ба доғи синаам алмос суду рафт.
Мехост он парӣ, ки парешон кунад маро,
Як ҳалқа з-он ду зулфи муанбар кушуду рафт.
Имшаб зи нолаам дили санг об мешавад,
Азбас Амир оташи ишқам фузуду рафт.

21

Имрӯз моҳи талъати ӯ дар хаёли мост,
Эй дида, шод бош, ки рӯзи висоли мост.
Мо аз нишоти васли ту аз ид фориғем,
Рӯят маҳи мунаввару абрӯ ҳилоли мост.
Васли ту муддаост, на дунё, на охират,
Дар роҳи ишқ ҳарду ҷаҳон поймоли мост.
Мо муфлисон ба давлати ишқи ту мунъимем,
Чоки ҷигар хазинаву доғи ту моли мост.
Зоҳид, магӯ, ки бода ҳаром аст, май махӯр,
Мо ошиқем, ҷоми муҳаббат ҳалоли мост.
Мо гӯш бар насиҳати воиз намекунем,
Дар боби ишқ зоҳиди худбин сиголи мост.
Мо бар дили шикастаи худ ноз мекунем,
То зиндаем оби бақо дар сафоли мост.
То пар кушодаем, зи дунё гузаштаем,
Монанди барқ ҷазбаи шавқи ту боли мост.
Хоки раҳи туем ба имдоди оҷизӣ,
Бар доманат ғубор нишинад камоли мост.
Гар ташнаем, миннати Кавсар намекашем,
Дар дил хаёли теғи ту оби зулоли мост.
Шавқи Амири дил, ки ба олам фасона шуд,
Дар орзуи дилбари Лайлимисоли мост.

22

Эй туро зулф качу нахли қади боло рост,
Ҳамчуноне ки бувад шохи гули раъно рост.
Пеши шамшоди хиромони ту аз боғи ҳаё,
Сарв дар боғ наёрист кунад боло рост.
Нашавад сарви ту аз бод ба ҳар сӯ моил,
Баски дорад ба чаман гардани истиғно рост.

Шохи гул дар назари булбули мо хор намуд,
Қомат он сарв ба пироҳани гулгун орост.
Аз ғами сунбули гесӯи хам андар хами ёр,
Ҳаст дар табъи ҷунунпешаи мо савдо рост.
Қиссаи ҷуръати моро кӣ расонад ба Амир?
Аз фалак мегузарад новаки оҳи мо рост.
23
Задӣ теғе ба ҷонам захми бисёр аст аз дастат,
Саги кӯи туро чашми ҳавас хор аст аз дастат.
Шабистон хаёли ноз дорад сурмаи дигар,
Хиёбони ҳаё имрӯз гулзор аст аз дастат.
Рақибо, бар дили маҷруҳи ман нохун задан то кай?
Ба фирдавси вафо товуси ман мор аст аз дастат.
Зи тири ғамзаат дар хун нишаста дӯст то душман,
Ки чандин синаи бекина афгор аст аз дастат.
На ман танҳо дили афгор дорам аз ҷафоҳоят,
Чунон шӯхӣ, ки чашми маст бемор аст аз дастат.
Маро дар маҳфил, эй бедодгар, ҳайраттамошо кун,
Саропо пайкарам чун нақши девор аст аз дастат.
Рақибонро паёпай мерасад ҷоми вафо аз ту,
Насиби ман ҳама абзову озор аст аз дастат.
Туӣ имрӯз дар Мисри муҳаббат Юсуфи сонӣ,
Зи дунё то ба уқбо шӯри бозор аст аз дастат.
Қадаҳ додию маҳви ноз шуд ин анҷуман, соқӣ,
Амири базми ишрат масти саршор аст аз дастат.
24
Офоқ ҳамчу бисмили дар хун нишастааст,
Аз қавси ноз новаки оҳи кӣ ҷастааст?
Қатъи сипеҳр мекунад оҳам ба саъйи дил,
Шамшери тезро буриш аз зарби дастааст.
З-ин бӯстон тавақкуъи суҳбат чӣ мекунӣ?
Улфат дар ин баҳор, ки ранге набастааст.
Асрори софи табъ ниҳон нест ҳамчу най,
Дар шиша аст, ранг ба берун нишастааст.
Айни дурустӣ, баски накӯ гиру ғам маҳӯр,
Гар шишаат ба санги ҳаводис шикастааст.

Чун ғунча дар бисоти риёзи баҳор нест,
Гулшантирозие, ки ба дилҳои хастааст.
Шуд рабти халқ доми гирифториям, Амир,
Берун аз ин каманд хуш аст, он ки ҷастааст.
25
Бе қаду рухсори ҷононам сари гулзор нест,
Сарву гул пайдост, аммо сарви гулрухсор нест.
Ҳаст дар ҳар сар хаёле, ҳар дилеро пешае,
Ҳеҷ кас дар коргоҳи зиндагӣ бекор нест.
Хок гаштам, то гирифтам домани он гул ба каф,
Баски андар гулшани имкон гули бехор нест.
Саҳл набвад поси номуси муҳаббат доштан,
Ҳар тунукзарфе дар ин ҷо қобили асрор нест.
Ҳар қадар ранги сувайдо мезанад ҷӯш аз дилам,
Акси холи ӯст, дар оинаам зангор нест.
Бок набвад, гар сарам коре ба расвоӣ кашид,
Бо асирони муҳаббат аз маломат ор нест.
Чашм во кардан саропо сӯхт чун шамъам умед,
Ҳосили ҳастӣ дар ин маҳфил ҷуз ин миқдор нест.
26
Ба завқи он ки расонам ба зулфи ёр ангушт,
Чу шона медамад аз дасти ман ҳазор ангушт.
Расост нохуни андеша ҷуз хароши ҷигар,
Вале чӣ суд, намеоядам ба кор ангушт?
Илоҷи кулфати захми дил аз фатила нашуд,
Нагашт монеи хамёзаи хумор ангушт.
Гираҳ зи зулфи сиёҳат кушудан осон нест,
Касе чӣ гуна расонад ба чашми мор ангушт?
Нигаҳ ба рӯи ту кардам, гудохтам чун шамъ,
Сазои он ки ба оташ кунад дучор ангушт.
Зи ҳасрати гули рӯят фасурда шуд хунам,
Аз ин баҳор ҳиное накард ор ангушт.
Ишорати мижаҳои ту рост мешумарам,
Агар ғалат бувад аз дасти ман барор ангушт.
Зи гарди ҳодиса афсурда гашт оташи дил,
Ки хок бар сари ин оташ аст чор ангушт.

Хаёли зулфи парешони ёр кард, Амир,
Ба ин сухан марасон шона зинҳор ангушт.
27
То ба даст омад маро домони он бебоки маст,
Бехуде омад ба худ, чандон ки ман рафтам зи даст.
Он чӣ дар корам зарурӣ буд, н-омад дар кафам,
В-он чӣ асбоби ҷаҳон н-ояд маро даркор, ҳаст.
Нест бедардӣ ба оини муҳаббат дилнишин,
Хуб шуд, гар санги офат шишаи моро шикаст.
Ҳар қадар бишкастаӣ, эй шӯх, паймони вафо,
Нашканад аҳде, ки дил бо доғи савдои ту баст.
Шуълаи оҳам дамодам медиҳад таскини дил,
Ҳар куҷо доғест мегардад ба оташ зердаст.
Ман на танҳо хондаам имрӯз дарди ишқро,
Дод устоди азал таълимам аз рӯзи аласт.
То нагардад устухон қуллоб чун мавҷам, Амир,
З-ин муҳитам моҳии мақсуд кай ояд ба шаст?
28
Махмуриям имрӯз, ки дар ҳадди камол аст,
Бе соғари май зистанам амри маҳол аст.
Равшан бувад асрори дил аз дидаи ҳайрон,
Ҳарчанд забони мани дилсӯхта лол аст.
Дар ҳар нафасе умри гаронмоя ҳамешуд,
Ман дар паи он фикр, ки ин гардиши сол аст.
Ҳар нақш, ки дар дидаи мо доли гул омад,
Дидем, ки бар зулфи гули рӯи ту дол аст.
Имрӯзи ту мумтоз нашуд аз диву фардо,
Мустақбалу мозӣ агарат нест, чӣ ҳол аст?
Дар мазҳаби ушшоқ намуданд муқаррар,
Нӯшидани хун заҳрсифат низ ҳалол аст.
Холӣ наям аз машқи хати нуқтаи хомат,
То нақши хату холи ту дар лавҳи хаёл аст.
Бе фикр зи таҳқиқ нишоне натавон ёфт,
Ин нукта нафаҳмиданат изҳори камол аст.
Бигзар зи ҳавову ҳаваси мулк, Амирӣ,
Асбоби ҷаҳон боиси андуҳу малол аст.

29
Эй турки ҷафопеша гарат майли шароб аст,
Хуноби ҷигар доғи дили зори кабоб аст.
З-андешаи зулфи рухат, эй шамъи дилафрӯз,
Умрест дили сӯхтаам дар табу тоб аст.
Тӯфони сиришкам, ки гирифтаст ҷаҳонро,
Ин гунбади ороста з-он баҳр ҳубоб аст.
З-ин матлаби ноёб касеро хабаре нест,
Мо ташнаву олам ҳама амвоҷи сароб аст.
Дӣ ҷониби гулзор гузаштем чу шабнам,
Имрӯз зи шарми рухи хуби ту гулоб аст.
Ҳарчанд бувад хоб муқаввии фасона,
Афсонаи ман гар шунавӣ, монеи хоб аст.
Хуршед ниҳон аст таҳи абр, Амирӣ,
То бар рухаш аз гесӯи ошуфта ниқоб аст.
30
Олам ҳама сарсабзу чаман лолаузор аст,
Эй соқии гулрух, қадаҳе деҳ, ки баҳор аст.
Ҳар гул, ки шукуфтаст дар ин гулшани ибрат,
Як лахти дили хуншудае бар сари хор аст.
Набвад дигарам тоқати хамёза кашидан,
Май ор, ки бетобиям аз дарди хумор аст.
Аз ҳасрати лаълу дури дандони ту, эй шӯх,
Ашкам ҳамагӣ дар сифати донаи нор аст.
Умрест зи савдои хаёли сари зулфат,
Рӯзи мани ошуфта сияҳ аз шаби тор аст.
Товуси чаманбӯси гулистони ту бошад,
Чун лола зи доғат дили он кас, ки фигор аст.
Чун ғунча сар аз зонуи андеша нагирад,
Онро, ки ба хилваткадаи фикри ту бор аст.
Бо кори ду олам сари таслим надорад,
Ҳар дилшудаеро, ки ба ишқат сарукор аст.
Дилхоҳтар аз тоҷи Амирист ба фарқам,
Он мушти ғуборе, ки дар ин роҳгузор аст

31
Аҳде, ки гул ба ранг дар ин боғ баст, нест,
Имрӯз дар бисоти чаман ҷуз шикаст нест.
Шабнамсифат ҳавои иқомат намудаем,
Дар гулшане, ки ҳеҷ касеро нишаст нест.
Кайфияте куҷо бувад афсурдатабъро?
Паймона аз мувонисати бода маст нест.
Моро ба кор он чӣ дар ин арса нест, ҳаст,
Дар кори мо зи накди ҷаҳон он чӣ ҳаст, нест.
Ҷуз бедилони ишқ, ки меҳнатсириштаанд,
Кас нест дар замона, ки роҳатпараст нест.
Бӯе зи ранги айш маҷӯед, к-ин чаман,
Чун ғунчааш ба ҷуз дили хунин ба даст нест.
Олам тамом бастаи зулфи сиёҳи ӯст,
Берун аз ин каманд, Амир, он ки ҷаст, нест.
32
То зи шавқат ҳамчу шамъам дуди савдо бар сар аст,
Дидаи доғи диламро нақши по равшангар аст.
Софтабъонро ғарибӣ боиси иззат бувад,
Аз фироқи баҳр қадру қимате дар гавҳар аст.
Дар дилам то бор дорад фикри савдои хаташ,
Чеҳраи оинаам чун мӯ сувайдоҷавҳар аст.
Сад чаман дар ранг дорад ранги гулзори хаёл,
Дил агар чун ғунча хун гардад, баҳори дигар аст.
Дар тариқи ростӣ кӯшанд арбоби сухан,
Бештар майли гузори хат ба роҳи мистар аст.
Шарбати ноб аз раги ёқут берун мечакад,
То ба ҳангоми сухан лаълаш табассумпарвар аст.
Аз ҳаловат дур шав, гар дард мехоҳад дилат,
Дастгоҳи нолаи най аз видоъи шаккар аст.
Хандаҳо дар парда дорад ғунчаи лаъли лабаш,
Шӯри сад маҳшар дар оғӯши раги гул музмар аст.
Хандаи гулҳо ба қадри гиряи абр асту бас,
Хуррамиҳо ин қадар аз файзи мижгони тар аст.
Комҷӯӣ нармхӯро соҳиби кин мекунад,
Об дар роҳи гулӯ чун банд гардад, ханҷар аст.

Бар Амири ишқ ганҷи дунявӣ манзур нест,
Накди доғе аз чароғи ҳафт кишвар беҳтар аст.
33
Ба дил то ҳасрати он лаъли ноб аст,
Сиришкам обрӯбахши гулоб аст.
Зи худ рафтам, гирифтам домани ӯ,
Катон чун пора гардад моҳтоб аст.
Мапурсед аз нишотам бе рухи ӯ,
Шаробам ашк, лахти дил кабоб аст.
Ҷаҳон коме надорад ғайри ҳасрат,
Ҳама мусташқию дунё сароб аст.
Бинои ҷисм фарсуд аз сиришкам,
Чу он қасре, ки дар наздики об аст.
Агар дорӣ сари таъмир, эй шӯх,
Назокатхонаи дилҳо хароб аст.
Машав аз бодпои умр ғофил,
Ки фурсат чун шарарҳо дар рикоб аст.
Шуоъи ҳусн бо чашми сафедам,
Мақорун ҳамчу субҳи офтоб аст.
Барор аз сар таманнои Амирӣ,
Бинои олами фонӣ хароб аст.
34
Ҳаст бо тирадилӣ бахти сиёҳам боис,
Бар парешонии ман турраи оҳам боис.
Рӯи ӯ дидаму дар ҷайби ҷигар чок задам,
Шуд ба расвоии дил madди нигоҳам боис.
Дилам озод зи қайди ғами олам шудааст,
Нест ҷуз бандагии ҳазрати шоҳам боис.
Кам мабод аз сари ман мӯи сари расвоӣ,
Ба шикасти ду ҷаҳон гашт кулоҳам боис.
Ман, ки маҳбус ба ғамхонаи ҳаҷрат шудаам,
Ғайри ишқи ту надонам, чӣ гуноҳам боис?
Боиси хотири ағёр ба мо наншастӣ,
Кош як бор шавад хотири мо ҳам боис.
Бо зар иқбол харидан натавонист касе,
Ба Амирӣ нашавад давлату ҷоҳам боис.

35
Карашма тиру нигаҳ ханҷар аст, ман боис,
Шудам ба чоҳи ғамаш мубтало, зақан боис.
Маро бикушт ба нозу рақиб мурд зи ғам,
Ба рӯи мотами ӯ гашт қатли ман боис .
Кушода шавқи ту аз сина чашмаи носур,
Ба ҷӯи шир бувад саъйи Кӯҳкан боис.
Ба базми ёр чу парвона тоири дили мост,
Ки гардад аз сари ӯ шамъи анҷуман боис.
Чу анкабут, ки бар ришта баста тӯли амал,
Ба тори зулфи ту печад дилам расан боис.
Назар ба холи лабат кардаму дилам хун шуд,
Бувад ба доғи дилам лолаи Хутан боис.
Муродам аз гули ин боғ буд рухсорат,
Тавофи кӯи туро мекунам, чаман боис.
Зи ҳасрати дили хандони ӯст гиряи ман,
Ба хуни дидаам он ғунчаи даҳан боис.
Дилам дар оташи ишқи ту шӯрҳо дорад,
Сипанд нола кунад, завқи сӯхтан боис.
Ба тирабахтии ман шуд сабаб хати мушкин,
Ба печутоби дилам зулфи пуршикан боис.
Ба ҳусну ишқ, ки худ ошиқ асту худ маъшуқ,
Ҳадиси Лайлию Маҷнун ба марду зан боис.
Либоси офиятам бе ту гарди ҳирмон рехт,
Ки хок бар сари худ мекунам, кафан боис.
Ба ғамза чашми сиёҳи ту кушта буд маро,
Дубора зинда шудам, аз лабат сухан боис.
Ҷаҳон қаламрави теғи забони ман бошад,
Амири оламии маънӣ шудам, сухан боис.
36
Як сухан аз лаъли ноби ёр дорам эҳтиёҷ,
Шарбат аз бахри дили бемор дорам эҳтиёҷ.
Ҳайрате гул кардаам, эй васли ҷонон, муждае,
Дидаи оинаи дидор дорам эҳтиёҷ.
Интизори гулфурӯши ҳайратам дар кӯи ёр,
Дидани он оразу рухсор дорам эҳтиёҷ.

Дар чаман бо ноз бихрому раво кун ҳоҷатам,
Аз қади сарви ту як рафтор дорам эҳтиёҷ.
Дар дилам гулҳо шукуфт аз касрати пайкони ӯ,
Ғунчае ман ҳам аз ин гулзор дорам эҳтиёҷ.
Аз тамошои бутон мақсуди ман рухсори ӯст,
З-ин гулистон он гули бехор дорам эҳтиёҷ.
Эй каломат бар тани афсурда ҷон бахшад ҳаме,
Аз лаби лаъли ту як гуфтор дорам эҳтиёҷ.
Теғ бар ҷон зан, ки бедоди ту мехоҳад дилам,
Талхкомам, лаззати гуфтор дорам эҳтиёҷ.
Захми дил носур шуд дар орзуи новакат,
Марҳаме бар синаи афгор дорам эҳтиёҷ.
Беҳҷатафзои дили решам, Амирӣ, васли ӯст,
Доруи дарди дил аз дилдор дорам эҳтиёҷ.
37
Шуд маро аз лаъли ноби он парирух ком талх,
Мешавад ҷоми шароб аз бодаи гулфом талх.
Бандаи чашми сиёҳу лаъли гулфоми туам,
Гарчи шуд коми дилам з-он пиставу бодом талх.
Тундии зоҳид бувад аз норасоиҳои ӯ,
Дар чаман азбаски бошад меваҳои хом талх.
Оқибат гардад ҳаловатҳо ба захри ғам бадал,
Шарбати ширин шавад аз гардиши айём талх.
Дар дили пурхуни ман мавҷи ҳарорат мезанад,
Ёди он лабҳо, ки дорад шарбати дашном талх.
Нашъаи иқболи дунё, баски дорад захри ғам,
Соғари накши нигин шуд аз шароби ноб талх.
Дар ҳавои зулфу рухсору лаби ширини ӯ,
Мехӯрам хуни ҷигар чун бода субҳу шом талх.
Рафт он ширинсанам аз ноз дар базми рақиб,
Боз шуд айши мани бесабру беором талх.
Мехӯрам умрест дар базми висолат хуни дил,
Бода набвад дар мазоқи ринди дурдошом талх.
Шаб ба маҳфил ҷоми айше доштам бар каф, Амир,
Шуд зи ҳиҷрони лаби он моҳи симандом талх.

38
Ба табассум лаби ту қимати шаккар шиканад,
Турки махмури ту ҳам садди Сикандар шиканад.
Қади мавзунат агар ҷилва кунад дар бӯстон,
Сарв афтад ба замин, қадди санавбар шиканад.
Шаҳсаворе, ки шавад қалбшикан дар майдон,
Бишканад тарфи кулаҳ гунбади ахзар шиканад.
Дасти машшота, Илоҳо, нарасад бар зулфат,
Кокули печу хамат накҳати анбар шиканад.
Қосиде нест барад пеши ту пайғоми маро,
Нома аз кулфати дил боли кабӯтар шиканад.
Тоҷи зар аз сари хуршед рабояд маҳи ман,
Аз раҳи ноз чу тарфи кулаҳи зар шиканад.
Дарх(в)ари ҷавҳари зот аст дар ин ҷо қадре,
В-арна ҳар мушти садаф қиммати гавҳар шиканад.
Сифларо дар карами хеш бадомӯз макун,
Чун гадо хира шавад, нон надиҳӣ, дар шиканад.
Аҷабе нест, гар аз фазли Худованд, Амир,
Ба сарангушти хирад қалъаи Хайбар шиканад.
39
Дар дил гудози ишқу ашк аз дида берун мечакад,
Аз як тараф месӯзаму аз як тараф хун мечакад.
Аз шарми доғи сӯхтан аз рух арақ мерезадам,
Ҳайронам аз хокистарам обу арақ чун мечакад?
Дар бӯстони ошиқӣ оби сиришкам аз мижа,
Дар интизори мақдами он сарви мавзун мечакад.
Дӣ бо висолаш зистам, имрӯз бо ҳиҷрони ӯ,
Аз нӯги ҳар мижгони ман дарёи Ҷайҳун мечакад.
Ҳасратпарасти ҷилваро набвад сари сайри чаман,
Ашкам ба ёди оразаш умрест гулгун мечакад.
Ҳар зарра хоки он замин чандин хумистон мешавад,
Дар маҳфиле як қатра май з-он лаъли майгун мечакад.
Ман ошиқи девонаам, ҳар лаҳза бинам рӯи ӯ,
Олам дигаргун мешавад, ашкам ҷигаргун мечакад.
Дар мулки иқлими ҷунун бинад Амир иқболи ман,
Ҷамшед хун менӯшаду ашки Фаридун мечакад.

40
Ҳар кас хабар аз фазлу ҳунар дошта бошад,
Сар бар хати таслим агар дошта бошад.
Ҳарфе, ки зи дил сар занад аз ҳасрати лаълаш,
Шак нест, агар шаҳду шакар дошта бошад.
Равшан бувад аз нусхаи нақши пари товус,
Зоеъ нашавад ҳар кӣ ҳунар дошта бошад.
Ғафлат дилам афсурд, ба парвоз наояд,
Мурғе, ки сари худ таҳи пар дошта бошад.
Аз суҳбати абнои замон гир канора,
Суде надиҳад, он ки зарар дошта бошад.
Шаҳду маю матлаб ҳамагӣ дарх(в)ари ком аст,
К-аз дил сӯи мақсуд сафар дошта бошад.
Холи рухи зебо ба гирифтории ҳуснат,
Чун мардумаки дида назар дошта бошад.
Зоҳид нашавӣ қобили даргоҳи Амирӣ,
Ҳарчанд дуои ту асар дошта бошад.
41
Бо вазъи ҷаҳон ҳар кӣ назар дошта бошад,
Донад, ки фароғат чӣ қадар дошта бошад.
Аз зулфи ту ошуфта шудам, чора надорам,
Хаттат агар ошӯби дигар дошта бошад.
Ҳайрони туам, ҳоли дили зор чӣ пурсӣ?
Оина кай аз хеш хабар дошта бошад?
Қурбони сари теғи ту созад ба шаҳодат,
Ҳар кас, ки дар ин марҳала сар дошта бошад.
Ашкам ба сари роҳи ту дар хок фитода,
Эй кош, ки ин тифл падар дошта бошад.
Шак нест, ки домони висолат ба каф орад,
Ҳар кас, ки ба савдои ту зар дошта бошад.
Дар мулки ҷаҳон боди сабо сурма фурӯшад,
Гарди сари кӯи ту ба бар дошта бошад.
Акси ту ба рӯи ту нагардид муқобил,
Ҳарчанд зи оина сипар дошта бошад.
Гӯянд, ки дар мамлакати ишқ Амир аст,
Он кас ба ҷамоли ту назар дошта бошад.

42
Дил кай зи ғами ишқ раҳо мешуда бошад?
То фориғ аз ин дарду бало мешуда бошад?
Чун шамъ сари гарм ба савдои ҷунун аст,
Уммеди кӣ дар роҳи ту по мешуда бошад?
Эй кош, кушандам ба сари кӯи ту рӯзе,
Хунам ба сагони ту ғизо мешуда бошад?
Аз хуни манат ҳусни ту гул карда, мапиндор
Ин маънӣ аз он лафз ҷудо мешуда бошад?
Эй дил, ба ғами ҳаҷр сабурӣ мадеҳ аз каф,
Шояд, ки дар ин дард даво мешуда бошад?
Бедодгаро, раҳм ба мазлумии ошиқ,
То кай ситаму ҷавру ҷафо мешуда бошад?
Дилро ба бути сангдиле додаам, аммо
Аҳволи мани зор чиҳо мешуда бошад?
Аз адли Амир аст, ки бо ошиқи ҳайрон,
Оини бутон меҳру вафо мешуда бошад?
43
Гуфтам, ки сарам мояи савдо нашавад, шуд,
Дил бастаи он зулфи сумансо нашавад, шуд.
Гуфтам, ки дилу дидаи оинаи ғайрат,
Дар ҳайрати он орази зебо нашавад, шуд.
Шамъи маҳи рухсори ту дар базми рақибон,
Гуфтам: Ҳама шаб анҷуманоро нашавад, шуд.
Гуфтам, ки даме дидаи ман бе гули рӯят,
Бар орази симинзақанон во нашавад, шуд.
Гуфтам: Дили девона зи савдои муҳаббат,
Саргарми маи ноби таманно нашавад, шуд.
Гуфтам: Қади болои ту дар боғи латофат,
Чун сарв ба ҳар дида тамошо нашавад, шуд.
Гуфтам: Ба хами зулфи каҷу орази моҳат,
Ҷуз ман дигаре бедилу шайдо нашавад, шуд.
Гуфтам: Шаби ҳиҷрон ба сагони сари кӯят,
Аз нолаи ман шӯришу ғавғо нашавад, шуд.
Атфоли сиииушкам ғами ишқи ту аён сохт,
Гуфтам: Ба касе рози дил ифшо нашавад, шуд.

Гуфтам: Ба ғуломони Амир ин дили шайдо,
Дар кӯи бутон бехуду расво нашавад, шуд.
44
Паи қатли ман он сарви хиромон бозмеояд,
Насими васл аз фирдавси ризвон бозмеояд.
Дили ошуфтаам як дастаи сунбул ба каф дорад,
Магар аз сайри он зулфи парешон бозмеояд?
Нишоти дил маро аз доғҳои сина мечӯшад,
Ки бӯи ғунча аз тарфи гулистон бозмеояд.
Ба каф шамшер меояд барои қатли муштоқон,
Гузашт айёми фурқат, иди Қурбон бозмеояд.
Маро сад бор бахри имтиҳон з-он остон ронӣ,
Ба тавфи кӯят ин Мачнуни ҳайрон бозмеояд.
Ба дини ишқбозон хок гаштам, лек хурсандам,
Барои куштанам он номусулмон бозмеояд.
Амир, аз гиря манъи дидаи худ мекунам, аммо
Ба хотир ёди он лабҳои хандон бозмеояд.
45
Ниҳоли қоматаш дар боғи даҳр озод мебошад,
Ғуломи қадду рухсораш гулу шамшод мебошад.
Ҷафоҷӯ, бемурувват, тифли нодоне, ки ман дорам,
Ба макру ҳиллаи ошиқкушӣ устод мебошад.
Ҳазар з-он шӯхи кофаркеши габроини бераҳме,
Ба қатли бегуноҳон чашми ӯ ҷаллод мебошад.
Маҳи ман аз вафодорӣ иморат карда дилҳоро,
Чу султон шуд адолатпеша мулк обод мебошад.
Ба савдои сари зулфаш дили девонае дорам,
Ки ҳамчун ҳалқаи занҷир дар фарёд мебошад.
Амир, он нозанин шӯхе, ки ман дилдодаи ӯям,
Агар Ширин бувад, дар ишқи ӯ Фарҳод мебошад.
46
Тӯтии килкам сухан з-он лаъли ширин мекунад,
Теша бар сар мезанад, Фарҳод таҳсин мекунад.
Ихтироъи нози ӯ бингар, ки чун мавҷи гуҳар,
То хиромон мешавад, он шӯх тамкин мекунад.
Турки чашми ӯ, на танҳо дил ба яғмо мебарад,

Мезанад роҳи хирадро, ғорати дин мекунад.
Оина аз софии дил боиси ороиш аст,
Содалавҳонро сафои табъ худбин мекунад.
Ҳар куҷо дил меравад аз худ ба завқи ҷилвааш,
Аз раги гул бистари оина болин мекунад.
Ман зи ишқат дӯстонро душмани худ кардаам,
Кофарам, гар ҳеҷ душман бо касе ин мекунад.
Зери фармони Амири дил бувад Чину Чигил,
Баски ҷо дар ҳалқаи он зулфи мушкин мекунад.
47
Ба қатли ошиқон шамшери абрӯ инчунин бояд,
Дили халқе барад чашми балоҷӯ инчунин бояд.
Зи дунё чашм пӯшад мард, яксӯ инчунин бояд,
Ба роҳи Ҳақ равад ҳар кас такопӯ инчунин бояд.
Зи хатташ накҳати райҳони ҷаннат бар машом ояд,
Магӯ, эй боғбон, тавсифи гул, бӯ инчунин бояд.
Ба ғамза мекушад, хоки заъифонро ба бод орад,
Бале, ошиққуширо табъи бадхӯ инчунин бояд.
Надорад майл ҳаргиз ошиқонро чашми фаттонаш,
Ба ваҳшатошно рампарвар оҳу инчунин бояд.
Ба васфи оразу зулфаш чунин гуфт аз ҳунар Соиб:
Такаллуф бартараф рӯ ончунон, мӯ инчунин бояд.
Амир, он оразу мӯ дид маҳву ҳам парешон шуд,
Рухи гулфомро зулфи суманбӯ инчунин бояд.
48
Гул зи рашки ранги рухсорат, на танҳо ғунча шуд,
Ҳамчу дил хун баст, гулшан ҳам саропо ғунча шуд.
Гоҳ хотирҳо ба ёди оразат гул-гул шукуфт,
Гаҳ зи фикри гунаи лаъли ту дилҳо ғунча шуд.
То зи тухми орзу хуни ҷигар омад ба бор,
Меваи нахли гули боғи таманно ғунча шуд.
Дар фазои синаам чун дил ба танг омад нафас,
Эй ҷунун, раҳме бар он Маҷнуни саҳро ғунча шуд.
Пайки шодӣ нест ҳар ҷо ғунча мебандад дилат,
Гул бурун овард сад нохун ба каф, то ғунча шуд

Аз даҳонаш доштам дар дил тааммулнусхае,
Як қалам хатте, ки з-он рӯ кардам иншо ғунча шуд.
Ранги ишрат барнамедорад, Амир, ин бӯстон,
Субҳдам во кард агар оғӯш шабҳо ғунча шуд.
49
Чаман шуд тозарӯ, то фасли гулгашти баҳор омад,
Зи ҳар шохи гуле як сарвқадди гулъизор омад.
Чаманзори хаёлаш навбаҳори дигаре дорад,
Дил аз худ рафт, чандоне ки гулшан дар канор омад.
Кушуд ин бӯстонро шоҳиди гул турраи сунбул,
Бидеҳ, соқӣ, қадаҳ тағйир, ҳангоми баҳор омад.
Шудам нақши қадам, то пойбӯси он санам гаштам,
Ба роҳаш хоксориҳои ман охир ба кор омад.
Муборак бод наврӯзи тараб боғи табиатро,
Гули шодӣ шукуфту меваи ишрат ба бор омад.
Зи гавҳар вақти суфтан ин нидо бар гӯш меояд,
Дилаш сурох он касро, ки ин ҷо эътибор омад.
Ба адл оин бубанд, эй боғбон ,имрӯз гулшанро,
Амири вақт, яъне сояи Парвардигор омад.
50
Дар таманнои лаби ӯ хотирам то ғунча шуд,
Дил ба ранге ғӯта дар хун зад, ки гӯё ғунча шуд.
Ин гулистонро кадомин бодапаймо мерасад?
К-аз тараб гул ранги соғар рехт, мино ғунча шуд.
Аз тамошои гули ин гулшани ваҳшатсамар,
Хотири доно шукуфту табъи доно ғунча шуд.
Чун дамад субҳи тараб, ғофил мабош аз шоми ғам,
Ин чаман имрӯз агар бишкуфт, фардо ғунча шуд.
Аз ғами пайкони он шӯхи камонабрӯ, Амир,
Ҳар қадар гул кард захми синаи мо, ғунча шуд.
51
Шудам бемор, баҳри пурсиши ман ёр меояд,
Масеҳо бар сари болини ин бемор меояд.
Камоли ишқи ошиқ мекунад маъшуқро ошиқ,
Ба завқи Кӯҳкан Ширин дар ин кӯҳсор меояд.

Саҳар булбул ба гӯши ғунчаҳо мекард фарёде,
Шунидам бӯи гул аз нолаҳои зор меояд.
Сари Мансур дар базми шаҳодат гуфт дар гӯшам:
Ҳамин меъроҷи ошиқ то ба пои дор меояд.
Лаби лаъли ту то пинҳон шуд аз лаъли гуҳарборам,
Гудози дил маро аз дидаи хунбор меояд.
Ба сад уммед дар оғӯши тан парвардаам ҷоне,
Ки рӯзе дар тавофи кӯи ҷонон кор меояд.
Ғарибам, нотавон афтодаам бемор дар кӯят,
Саги кӯйи туро аз пурсиши ман ор меояд.
Қадам дар дидаи мо ранҷа фармо, ҷой дар дил кун,
Ба меҳмондорият ҷон медиҳам, ағёр меояд.
Дили ман аз саводи зулфи ӯ худро ба савдо зад,
Ҳар он девона шуд дилгир, дар бозор меояд.
Ба дил меҳри рухат парвардаам аз шавқи гесӯят,
Ки ҳар ҷо ганҷ бошад, бар сари ӯ мор меояд.
Зи арши дил нидое мерасонад ҳотифи маънӣ,
Нафасро пос дор, ар гунбади даввор меояд.
Амирӣ, анҷуман таклифи ишрат мекунад як дам,
Нафас, дар сина сокит бош, ки имшаб ёр меояд.
52
Аҷаб набвад, дил аз хатти лабат дар ғам ҳазин монад,
Ба сони неши занбӯр аст, к-андар ангубин монад.
Дар иқлими муҳаббат кардаам даъвои султонӣ,
Намебинӣ, ки ин доғи дили ман дар нигин монад.
Надорад нисбате бо қомати ӯ Тӯбии ҷаннат,
Чу бинад ҷилваи сарви қадаш сар бар замин монад.
Агар эъҷози софиҳои дасти ӯ шавад зоҳир,
Яди байзои Мӯсо то абад дар остин монад.
Ба ишқи гулрухон машҳур шуд номам ба расвоӣ,
Зи ман дар арсаи олам агар монад, ҳамин монад.
Гулу барги ҳино умрест хуни ранг мерезад,
Ба ин тақриб мехоҳад, ки бар поят ҷабин монад.
Макун лутфу итоб аз бими васлу ҳаҷр, эй гардун,
Суботе нест оламро, на он монад, на ин монад.

Кулоҳи ноз бар торак ниҳоду бурд ҳуш аз ман,
Маъозаллоҳ, аз он соат, ки бар абрӯ қарин монад.
Ба гулшан гар паи машшота ой̄, бар кафи поят,
Баҳор аз ҷабҳаи барги ҳино яксар ҷабин монад.
Зи шарми гесӯи анбарфишони ӯ сазад яксар,
Саводи мушк андар нофаи оҳуи Чин монад.
Агар Юсуф бубинад ҳусни он шӯхи парирӯро,
Ба Мисри дилбарӣ аз рашки ӯ дар офарин монад.
Барад боди сабо гар аз шиканҷи зулфи ӯ бӯе,
Ба хун печида рахти нофа дар саҳрои Чин монад.
Амир, аз доғи ишқи лоларӯён аст, шавқи ман,
Ки дар авроқи дил бо нуктаҳои дилнишин монад.
53
Шаби васл аст, ҷононам куҷо шуд?
Баҳор омад ,гулистонам куҷо шуд?
Ба ранги соя помолам дар ин кӯй,
Бигӯ, сарви хиромонам куҷо шуд?
Ману шоми фироқу нолаи зор,
Ки он хуршеди тобонам куҷо шуд?
Дилам аз зиндагӣ роҳат надорад,
Сабо, он мӯниси ҷонам куҷо шуд?
Дилу ҷон бе ту аз ман рафт умре,
Надонам, инаму онам куҷо шуд?
Ман аз оворагӣ худро надонам,
Дили бесабру сомонам куҷо шуд?
Ҷунун кард аз либоси ваҳм урён,
Куҷо шуд, ҷайбу домонам куҷо шуд?
Ба ҳар кас ёр меҳмон аст, имшаб
Манам бе ёру меҳмонам куҷо шуд?
Амир, имрӯз бо хубон ҳарифам,
Вале он шоҳи хубонам куҷо шуд?
54
Ҳасрати орзуи маҳфили имкон то чанд?
Мекунӣ макс дар ин кулбаи вайрон то чанд?
Ба кушоди гираҳи зулфи хам андар хами хеш,
Мекунӣ ҳоли мани зор парешон то чанд?

Эй фалак, ин қадарам партави анҷум мафишон,
Субҳ шуд, ин шаби дайҷур чароғон то чанд?
Муғтанам гир даме суҳбати айёми шабоб,
Ишрати васлу ғами ҳасрати ҳиҷрон то чанд?
Ту чу гул хуррам у хандону мани хаста мудом,
Ҳамчу шабнам зи ғами ишқи ту гирён то чанд?
Нон зи дунон маталаб, дар ҳама дам қонеъ бош,
Баҳри ноне бикашӣ миннати дунон то чанд?
Сози офоқ ҳамин пасту баландист, Амир,
Шиква дар зеру бами маҳфили имкон то чанд?
55
Ба сарвақтам агарчанде ки мумкин нест, чуст ояд,
Бад-он уммед хурсандам, ки дер ояд, дуруст ояд.
Надорад олами эҷод ғайр аз хок гардидан,
Дар ин ҳирмонсаро ҳар кас, ки даст аз хеш шуст ояд.
Зи нақши ҷабҳаи ҳастӣ хати тақдир мехонам,
Маро имрӯз бар сар он чӣ бошад, дар нахуст ояд.
Маҷӯ аз гулрухони сангдил расми вафодорӣ,
Ки аҳди нозанинони ҷафоҷӯ сахт суст ояд.
Ба иқлими муҳаббат дилнишин гардад Амириро,
Қабои ошиқӣ дар бораи он кас, ки чуст ояд.
56
Чун нафас ҳардам макун з-ин қасри бебунёд ёд,
Мебарад хоке, ки шуд дар раҳгузори бод бод.
Пой то сар нолаам, аз дарди махмурӣ мапурс,
Чун тиҳӣ гардид соғар дорад аз фарёд ёд.
Нест занҷири таъаллуқ монеи фарёди ман,
Модари гетӣ ба ранги нолаам озод зод.
Кам кунад ёди шикорӣ сайд, аммо мурғи дил,
Турфа нахҷире, ки доим мекунад сайёд ёд.
Гард бо як ҷоми саршоре бароввард аз ғамам,
То қиёмат хонаи пири муғон обод бод.
Умрҳо шуд дурам аз васлат, надодӣ муждае,
Аз карам як раҳ накардӣ хотири ношод шод.
Додам аз хубон Амири ишқ настонад агар
Баъд аз ин пеши кӣ хоҳам гуфт з-ин бедод дод?

57
Агар аз ту бар дили нотавон ду ҳазор тири ҷафо равад,
На чунон бувад, ки ба ин қадар зи ҳузури кӯи вафо равад.
Ба саре, ки сояфикан буд, чу саҳоб мӯи сари ҷунун,
На суроғи афсари Ҷам кунад, на ба фикри боли ҳумо
равад.
Зи ҳуҷуми кулфати бори дил нафасе зи сина бароварам,
Ки чу нола кӯҳи гаронқадам ба инони барқи садо равад.
Дили ман ба ишқи ту карда хӯ, ки ба завқи нашъаи
дарди ӯ,
Зи чӣ ҷоми бода талаб кунад, ба тараддуди чӣ даво равад?
Шуда умрҳо, ки ғизоли Чин ба ҳавои нофаи турраат,
Чу насим сунбули орзу ба Хутан равад, ба Хито равад.
Бигудохт нола шамъсон, такутози шавқи ту кам кунад,
Ки ҳанӯз тифли сиришки ман ба раҳи ту обилапо равад.
Зи Амири ҳайрати дил талаби санамест ба даргоҳи ӯ,
Ки ба пеши ҷилвааш оина ба сад изтиробу ҳаё равад.
58
Сарв нахли қоматат дар боғ диду банда шуд,
Гул зи шабнам дар арақ хуфту зи худ шарманда шуд.
Менамудӣ ҷониби Маҳмуд чашмакҳо Аёз,
Он кӣ султон буд, дар роҳи муҳаббат банда шуд.
Офтоб аз бурҷи Машриқ рӯй дар Мағриб ниҳод,
Дар сипеҳри ҳусн то меҳри рухат тобанда шуд.
Гул на танҳо рехт аҷзои даҳони худ ба хок,
Ғунча ҳам ин ҷо парешонрӯзгор аз ханда шуд.
Оқибат эман нагардад аз хазони ғам, Амир,
Ҳар кӣ андар гулшани имкон тарабоганда шуд.
59
Паи дастбӯсии мақдамаш ҳама вақт ранги ҳино равад,
Чӣ шавад, ки қатраи хуни мо зи ғалат ба он кафи по
равад.
Ҳаваси тариқат ар буд, ба дар ой соя, ки меҳрам,
Чу занад ҳавои таназзуле ба самак равад, ба само равад.
Кароме ба хастаи оҷизе, ки зи қаҳри худ чӣ биронияш,
Наравад зи даргаҳат орзу, зи дари туаш ба куҷо равад?

Ба хаёли ҷилваи мубҳаме, задаем чун маҳи нав хаме,
Насазад ҳазиз фурӯтане зи камоли рифъати мо равад.
Ба ҷуз аз шиори фақириям, нашавад ҳавои Амириям,
Ману пои мардию он, вале ки ба хидмати ғурабо равад.
60
Эй ҷон шуда аз шаҳди саноят муталаззаз,
Коми дили тутӣ зи навоят муталаззаз.
Осоиши ман дар талаби кӯи ту бошад,
Саргашта ғуборам ба ҳавоят муталаззаз.
Захми дили решам бувад озурда зи марҳам,
То гаштаам аз хори ҷафоят муталаззаз.
Кас нест дар ин анҷумани кавн, ки набвад,
Аз моидаи хони атоят муталаззаз.
Ҳайрат намак аз ҷилваи дидори ту дорад,
Оина шуд аз меҳри лиқоят муталаззаз.
Муҳтоҷи наволи ту садо бар дари дил зад,
Гардид аз ин боб гадоят муталаззаз.
Гул карда зи хокистари ман оташи меҳрат,
Яъне манам аз доғи вафоят муталаззаз.
Ҳиҷрони ту мекушт, агар васл намебуд,
Бемори ғамат шуд зи шифоят муталаззаз.
Мо ҳам зи ғуломони Амирем дар ин кӯй,
Рухсора зи нақши кафи поят муталаззаз.
61
Эй дили девона бо андуҳи ҳиҷрон, ғам махӯр!
Ком хоҳӣ ёфтан аз васли ҷонон, ғам махӯр!
Гар ҷудо гаштӣ зи васл, эй Пири Канъони фироқ,
«Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр!»
Шоми ҳиҷрон бигзарад, рӯзи висол ояд падид:
«Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, ғам махӯр!"
Ғунча пироҳан дарад, домони гул ояд ба каф,
Чок агар кардӣ гиребонро зи домон, ғам махӯр!
Ин бувад мазмуни хат дар рӯи соғар, соқиё,
Ҷоми май дар даст агат дорӣ зи даврон, ғам махӯр!
Нест бе файзи шукуфтан ғунча аз абри баҳор,
То тавонӣ гиря кун, з-ин лаъли хандон, ғам махӯр!

Ёр меояд, ба истиқболи ӯ ҷон меравад,
Шод бош, эй дил, вале аз рафтани ҷон, ғам махӯр!
То бувад ҷоми тараб дар даст ишрат кун, Амир,
Бода нӯш, аз инқлоби чархи гардон, ғам махӯр!
62
Эй дили озурда, аз осеби даврон, ғам махӯр!
З-инқилоби гардиши гардуни гардон, ғам махӯр!
Ҳар хазоне навбаҳору ҳар ғаме дорад тараб,
Нест бе субҳи висоле шоми ҳиҷрон, ғам махӯр!
Гар Азизи Мисри иқболат харидорӣ кунад,
Юсуфи мақсуд кай монад ба зиндон, ғам махӯр!?
Косаи даврат чу ояд, нӯш кун, ҳушёр бош,
Дигар аз омад-шуди андуҳи имкон, ғам махӯр!
Чашми ҳиммат накд мехоҳад баҳори ҷилваро,
Зоҳидо, бахри биҳишти нася чандон, ғам махӯр!
Гар шудӣ аз нози мигони сияҳмасташ ҳалок,
Медиҳад лаъли лабаш кайфияти ҷон, ғам махӯр!
Аз даҳонаш, эй ки мехоҳӣ табассумгунае,
Мешавад з-ин ғунча эҷоди гулистон, ғам махӯр!
Сояро оинаи хуршед месозад фано,
Гар кунад чархат ба хоки тира яксон, ғам махӯр!
Ин бувад ҳукми Амири ҳусн аҳли ишқро,
Он чӣ меояд зи ҷонон, рӯ магардон, ғам махӯр!
63
Зи бахти тираи худ Хоҷа Маҳмадюсуфи музтар,
Зи ҳамраҳ рафтани шаҳзода монд аз толеи абтар.
Зибас маҳрум шуд он хоҷа аз ташрифи ҳамроҳӣ,
Аз ин ҳасрат чу абри тира шуд аз гиря домантар.
Агар як рӯз хайли чокарон бо салтанат оянд,
Зи ғам албатта хоҳад кушт худро бе дами ханҷар.
Агарчанде ки дорад аспи хуб аз давлати Мирӣ,
Намеҷунбад ба ҷои хештан як бор бе занбар.
64
Дар чаман то гашт он сарви назокат бор бор,
Буд чашми андалебонро гули бехор хор.

Карда таъмири биноямро нигоринпанчае,
Менаояд ҳеҷ аз дасти мани бекор кор.
Бе рухи он симандом аз сарангушти фиғон,
Баста дар қонуни ҳасрат мисраъи гуфтор тор.
Дӣ ба сайри гулшан омад он баҳористони ноз,
Монд накди гул чу шабнам бар сари гулзор зор.
Баста таъвизи дили мо зулфи ӯ, ҳушёр бош,
Сар бурун орад, Амир, аз ҷайби ин тӯмор мор.
65
Мурдам зи ҳаҷру зинда дили зори ман ҳанӯз,
Чун ахгарам табест ниҳон дар кафан ҳанӯз.
Дӣ аз чаман гузаштиву доранд ҳайрате,
Бодому наргису суману настаран ҳанӯз.
Умрест дар ғами ту ҳамон оташе, ки ҳаст
Месӯзадам чу шамъ дар ин анҷуман ҳанӯз.
Афсурд, хок шуд дили ғафлатсиришти ман,
Тайрон накарда тоири рӯҳ аз бадан ҳанӯз.
Боз о, ки чун Амир зи ҳар қатра шабнаме,
Доранд интизори ту аҳли чаман ҳанӯз.
66
Хок шуд тан дар таманнои ту, ранҷурам ҳанӯз,
Мечакад хуни ситам, к-аз захми носурам ҳанӯз.
Тангнои даҳр табъамро кудуратхез кард,
Аз таҷаллигоҳи ваҳдат ин қадар дурам ҳанӯз.
Гарчи сад мастӣ зи андози хиромаш дидаам,
Шармсори як нигоҳи чашми махмурам ҳанӯз.
Гарчи дода ишқ бар ман сархати озодагӣ,
Абрӯи хубон бувад туғрои маншурам ҳанӯз.
Хоки махмурон қадаҳпаймои айши бехудист,
Умрҳо шуд дар талоши оби ангурам ҳанӯз.
Аз шикасти чинӣ ин овоз меояд ба гӯш:
Эй ҳарифон, дар суроғи номи Фағфурам ҳанӯз.
Умр кӯтаҳ, даҳр бепоёну даврон мухталиф—
Ин тараннум мекунад мизроби сантурам ҳанӯз.
Барги ҳар гул мекунад исботи ваҳдат дар чаман,
Аз фусуни чашми касратбини худ кӯрам ҳанӯз.

Гарчи гардидам ба базми лоларӯён комёб,
Ман талабгори висоли ҷаннату ҳурам ҳанӯз.
Баски мурдам дар ғами ҳиҷрони он гулгунқабо,
Нола мерӯяд ба ҷои лола аз гӯрам ҳанӯз.
Гарчи гардидам Амири кишвари шаҳри ҷунун,
Ҳусн механдад бад-ин бозуи безӯрам ҳанӯз.
67
Эй дида, ашк дар талаби орзу марез,
Изҳори эҳтиёҷ макун, обрӯ марез.
Софитараб зи соқии даврон макун ҳавас,
Гар ҷуръае бирехт ба коми ту, гӯ, марез!
Тамкин гузин, хоки биёбони шавқро,
Чун гирдбод бар сарат аз ҷустуҷӯ марез.
Дар гулшани ҷаҳон, ки баҳору хазон якест,
Монанди ғунча обрӯ дар рангубӯ марез.
Берун макун зи шиша дили софу дурдро,
Ин бодаро ба пеши касон аз сабӯ марез.
Ҳар тиратабъ қобили гуфтушунуд нест,
Дар гӯшҳо сухан зи лаби ҳарзагӯ марез.
Дур(р)и гаронбаҳост дили обгаштаат,
Ин қатраро чу ашк зи мижгон фурӯ марез.
Софе, ки занги ғам назудояд зи дил манӯш,
Обе, ки ташнагӣ набарад дар гулӯ марез.
Барбодрафтаи ғами ҳиҷронам, эй насим,
Хокам зи лутф ҷуз ба сари роҳи ӯ марез.
Бе дард ҳосиле набувад тухми ашкро,
Дар хок донае, ки надорад нумӯ марез.
Пӯшида доғи дил магар аз дидаат, Амир?
Ин нақдро ба киссаи ҳар айбҷӯ марез.
68
Надидам чун ту маъшуқи парирухсори шӯрангез,
Ба Мисри дилбарӣ шӯхи шакаргуфтори шӯрангез.
Сумансо зулфбардӯше, суманандоми гулпӯше,
Лаби чун ғунча хомӯше, сиҳирафтори шӯрангез.
Ба каф ҷоми булурине, саропо нозу тамкине,
Харобам карда аз мастӣ, маҳи пуркори шӯрангез.

Марав, эй бехабар, аз шӯхии наззорааш ғофил,
Ки дорад фитнаҳо ин наргиси айёри шӯрангез.
Ҷунуномодаам, имрӯз айби ман макун, зоҳид,
Ки ҳушам бурда имшаб соғари саршори шӯрангез.
Ба гӯши ман чӣ хонӣ ин қадар афсуни бедардӣ,
Маро девонаи худ карда он дилдори шӯрангез.
Амири олами қудсам, надорам рағбати дунё,
Намесозам даме бо ин дару девори шӯрангез.
69
Бисмилэҷодем аз теғи талаб ҳамчун нафас,
То ба дил омад таваққуъ метапад дар хун нафас.
Қулқалоҳанг аст, ҳар ҷо санг мино мешавад,
Аз гудози пораи дил кардаам мавзун нафас.
Баски ҳикматҳост дар одобгоҳи хомӯшӣ,
Сӯхт якчанде дар ин андеша Афлотун нафас.
Гоҳ бар авҷат барад, гаҳ бар хазизат афканад,
Мебарад то домани хокат ба сад афсун нафас.
Зиндагӣ рахтам ба тӯфони ҳаводис медиҳад,
Чун ҳубобам мерасонад бар рухи Ҷайҳун нафас.
Маънии нозук ба қадри печиши андеша аст,
Дар ҷигар хун кардаам чун ғунча з-ин мазмун нафас.
Дуди оҳат парда бармедорад аз рухсори доғ,
Поси рози дил агар дорӣ мадеҳ берун нафас.
Мерасад ҳардам зи овози ҷарас бар гӯши ман,
Ҳеҷ кас ин ҷо намехоҳад иқомат чун нафас.
Ҷои он дорад, ки дар мулки сухан гардад, Амир,
Ҳар кӣ бо хунобаи дил мекунад гулгун нафас.
70
Чун нагардад теғи қотил ҳамчу субҳам дар нафас,
Мекашад ҳар дам зи чоки синаам ханҷар нафас.
Поси роз аст, ин ки муҳри хомӯшӣ дорам ба лаб,
В-арна аз дил мекашам то шӯриши маҳшар нафас.
Чун ҳубобам аз касофатхонаи ҳастӣ мапурс,
Мекунад ин қасри бебунёдро абтар нафас.
Дуди оҳам месазад ранг аз дилам зоил кунад,
Баски ин оинаро гардид равшангар нафас.

Саъйи он дорад, ки базми зиндагӣ барҳам занад,
Мекашад авсофи умрам дамбадам соғар нафас.
Нотавононни муҳаббатро Амирӣ мекунад,
Он ки дорад аз таби ишқи ту оташ дар нафас.
71
Мерасад бар гӯши ман ҳар дам зи таҳрики нафас,
Ранги ҷамъият дар ин гулшан надорад ҳеҷ кас.
Гарди мавҳуме зи домони нафас гул кардаам,
Чун саҳар ин корвони мо надорад пешу пас.
Бе тавaққуъ нестӣ то аз дилат нагзошта,
Обрӯ хоҳӣ табарро кун зи асбоби ҳавас.
Ҳеҷ кас аз рафтани фурсат надорад огаҳӣ,
Меравад ин корвони умр бе савти ҷарас.
Чун нагардад об аз таъсири афғонам рақиб,
Ранҷи бори ишқ натвонад кашидан булҳавас.
Баҳра натвон ёфтан аз ҳосили боғи ҷаҳон,
Ранги коми дил маҷӯ з-ин меваҳои нимрас.
Булҳавас кай мерасад бо лаззати маъно, Амир?
Бар сари хони сухан ҳаргиз намегунҷад магас.
72
Андалеби бе пару болам ба зиндони қафас,
Сайри гулзори сари кӯи ту дорам мултамас.
То нафас дар арсаи дил боли ваҳшат мезанад,
Аз ҷаҳон уммеди осоиш надорад ҳеҷ кас.
Эй баҳори ноз, аз мо беш аз ин доман мачин,
Дар чаман аз васли гул маҳрум набвад хору хас.
Медарад ҷайби ду оламро сари ангушти ман,
Лек бар домони ӯ ҳаргиз надорам дастрас.
Софии дил маҳв шуд, то дуди оҳам сар кашид,
Доғҳо дорад рухи оина дар гарди нафас.
Сӯхтам аз оташи савдо, ки хокистар шудам,
Ҳосили ишқи бутон моро ҳамин доғ асту бас.
Дил ба як дидан асири доми савдои ту шуд,
Дидани рӯи ту як бори дигар дорам ҳавас.
То шавам андар сафи ушшоқ сарвар чун Амир,
Дар тариқи ишқ з-ин рӯ чуст меронам фарас.

73
Бе рухат, эй маҳ, ба қатлам мерасонад ҳар нафас,
Дамбадам чун субҳ аз дил мекашад ханҷар нафас.
Чун нагардад кар зи афғони дилам гӯши ҷаҳон,
Медиҳад дур аз ту ёд аз шӯриши маҳшар нафас.
Дуди оҳам мекунад зоил кудуратро зи дил,
Гӯиё оинаамро буд равшангар нафас.
Бомдоди оҳ чун сархатти доғе мекашад,
Мезанад дар саҳфаи дил ин қадар мистар нафас.
Ҳар куҷо дар фикри гесӯят ба худ печидаам,
Мефишонад аз шамими мушк ё анбар нафас.
Хуррамӣ равшан зи нуқси умр мегардад маро,
Мекунад охир бинои зиндагӣ абтар нафас.
Дар дилам андешаи васли кӣ меомад, Амир?
Медиҳад ҳардам муҷаддад муждаи дигар нафас.
74
Ману ҳусне, ки дилҳо мерабояд холи лимӯяш,
Ба ранги ғунчаам хун кард ранги оли лимӯяш.
Зи нори синаву аз себи ғабғаб кард мамнунам,
Ки дил сафро шикаст аз лаъли моломоли лимӯяш.
Зи сафро он қадар саргарми савдоям, ки мебахшам,
Баҳо монад агар дар накди ҷон даллоли лимӯяш.
Мизоҷи ишқ сафроист, аз савдо чӣ мепурсӣ?
Ки дар бозори ҳуснаш дорам истиқболи лимӯяш.
Дил аз савдои лаъли холи ӯ гардида сафроӣ,
Ки зоҳир гашт охир бар лабам табхоли лимӯяш.
Шикастам ранги савдои табу тоби муҳаббатро,
Задам то дар гулистони таманно фоли лимӯяш.
Зибас ҷозиб бувад андешаи пистони ӯ яксар,
Дил аз худ рафт з-ин рӯ баҳри истиқболи лимӯяш.
Анори лаъли ӯ бишкаст сафрои муҳаббатро,
Амири ишқи ман хун мехӯрад бар холи лимӯяш.
75
Чу бар гул ошиқи зоре, ки бинад бе рухи нозаш,
Ба ранги шамъ хун гардад нигаҳ дар дидаи бозаш.

Даруни сина асрори муҳаббат чун нигаҳ дорам?
Ки ранги сурхи ашки арғувонӣ буд ғаммозаш.
Нахоҳӣ бе гудози яъс аз дил равнақи софӣ,
Ки ин оина аз хокистари хеш аст пардозаш.
Намоён аст мавҷи бодаи оинаи мино,
Агар дил соф бошад бар забон гул мекунад розаш.
Адабпарварди базми яъс ҷуръат барнамедорад,
Сипанди ман куҷо аз сӯхтанҳо болад овозаш?
Тулуъи меҳр рахти сояро бар хок напсандад,
Зи аҳволи ниёзам нест ғофил пурсиши нозаш.
Рамузи сад баҳор аз васфи рухсораш рақам кардам,
Чӣ мазмунҳо, ки рангин ёфтам аз гулшани розаш.
Амир аз қомати мавзуни Шӯхӣ мисраъе гуфтам:
Ки бо сарви чаман паҳлӯ занад ороиши нозаш.
76
Он сарви гуландом, ки дилҳост фигораш,
Шамшод ба қаддаш нарасад, гул ба узораш.
Он хаста, ки аз шавқи гули рӯи ту ҷон дод,
То ҳашр чаман тарҳ кунад хоки мазораш.
Дил бастаи зулфи сияҳе буд, ки яксар
Равшан бувад аз субҳи саодат шаби тораш.
Чун тири ту пайваст ба қавси хами абрӯ,
Як мурғ надидам, ки нагардид шикораш.
Ранге, ки дили хуншудаамрост зи фикрат,
Нисбат натавон дод ба гулҳои баҳораш.
Кам нест зи гулгашти чаман сайри муҳаббат,
Бишкуфта гул аз ғунчаи дил бар сари хораш.
Беҳтар бувад аз афсару аз тоҷ, Амирӣ,
Он хок, ки бар сар ниҳам аз роҳгузораш.
77
Чу он шамъе, ки равшан буд доғ аз дидаи нозаш,
Бувад анҷоми кори зиндагӣ пайдо зи оғозаш.
Ба сони шамъ дар базми ҷаҳон ҳар кас сар афрозад,
Расонад гардани таслими худро дар дами гозаш.
Дили девонаам умрест аз ман рафта дар кӯят,
Намеояд ба сӯям медиҳам ҳарчанд овозаш.

Маро он шӯхи мутриб бо тараннум ин наво дорад,
Ки шуд накди дили ушшоқ сарфи нағмаву созаш.
Ҷигар шуд чок, зад дасти тасарруф шона бар зулфаш,
Дили ман об гашту лек шуд оина дамсозаш.
Ба ҳар ҷониб, ки он сарви равон аз ноз бихромад,
Бувад аз пардаҳои чашми ошиқ пойандозаш.
Қаноат пешаи худ соз, гар иззат тамаъ дорӣ,
Гадоро мӯҷиби хорӣ намебошад ба ҷуз озаш.
Ғубори мушти хоки пайкари афсурдаи худро,
Биҳамдуллоҳ, ки мебинам зи ҷавлонат сарафрозаш.
Амир, оина бар рӯяш зи бешармӣ, назар дорад,
Ки аз гарди кудурат кӯр бодо дидаи бозаш.
78
Нозукандоме, ки озор аз қазо дорад танаш,
Бори рангубӯ набардорад чу гул пироҳанаш.
Нест ғайр аз барги гул оинадори рангро,
Қатраи хунам нарезад ҷуз ба тарфи доманаш.
Дар таҷоҳул монд чун оина вазъи ҳайратам,
В-арна дар бар доштам шӯхе, ки мехоҳам манаш.
Дӣ зи хешам бурд завқи он баҳористони ноз,
Мерасам имрӯз ҳамчун бӯи гул аз гулшанаш.
Васли побӯси Амири ишқ беманшур нест,
Мениҳам бар фарқи худ афсар зи суми тавсанаш.
79
Зи худ мерафт гул, аз ҷой бармехост шамшодаш,
Ба гулзоре, ки ранги ҷилва резад сарви озодаш.
Қиёмат аз қиёму аз хиромаш фитна ангезад,
Чӣ офатҳо, ки дорад ҷилваи ҳусни худододаш.
Тавонад нақш бастан сурати нақши миёнашро,
Агар аз сояи мижгон бубандад хома Беҳзодаш.
Ба дом оранд баҳри сайд оҳуро, аҷаб дорам,
Ки сайдам мекунад оҳуи чашми шӯхи сайёдаш.
Муқими тоқи нисён аз ғами фурқат диле дорам,
Ки ҳамчун шишаи бишкаста берун аст аз ёдаш.
Касе, к-ӯ тай накарда кӯҳу ҳомуни муҳаббатро,
Ҳамон афсона донад қиссаи Маҷнуну Фарҳодаш.

Харобитинатам, аз ранги таъмирам чӣ мепурсӣ?
Дили девонае дорам, ки натвон кард ободаш.
Нагардад тай ба осонӣ тариқи Каъбаи мақсуд,
Аз ин рӯ кардаам омода аз лахти ҷигар зодаш.
Ба дарбори Амири ишқ менолад дили зорам,
Ситонад то зи ҳусни бе амони гулрухон додаш.
80
Ману ҳусне, ки дар хун мефишонад фикри рухсораш,
Ба ҳар ҷо ғунча гардидам, дар оғӯш аст гулзораш.
Ба гулзори муҳаббат ҳамчу наргис ҳайрате дорам,
Зи хешам мебарад афсуни чашми шӯхи бемораш.
Асири водии ишқам, мапурсед аз диёри ман,
Ки бошад пораи лахти диле бар ҳар сари кораш.
Ба ҳар коре, ки бошад коргар, бо ӯ саре дорад.
Ба ҷои нақшҳо оина мерӯяд зи рафтораш.
Ҳубобосо бувад ҳарчанд шайх аз маърифат холӣ,
Шавад маълум аз ороиши дастор микдораш.
Шудам хоки дари майхона аз савдои махмурӣ,
Ба уммеде, ки резад қатрае аз ҷоми саршораш.
Диле, к-ӯ дар саводи зулфи ӯ ҷамъияте дорад,
Чароғонӣ намехоҳад шабистони шаби тораш.
Дар ин гулшан баҳор аз баҳри захми дидаи булбул,
Ба бозуи арӯси гул бибаст аз ғунча тӯмораш.
Ба қадри интизори ҷилва аз ҳар қатраи ашкам,
Ҳазор оина хирман мекунад уммеди дидораш.
Амир, он нозанин шӯхе, ки ман дилдодаи ӯям,
Диҳад сармашқи ҳайронӣ ба олам ҳусни паргораш.
81
Он шӯх, ки бар дӯш либоси чаканасташ,
Сарвест санавбарқади гулпираҳанасташ.
Таҳқиқи вуҷуди адами хеш гирифтам,
З-он нуқтаи мавҳум, ки шакли даҳанасташ.
Лаълат ба ғубори хати шабранг нишаста,
Чун Оби Ҳаёте, ки ба зулмат ватанасташ.
Он лаъл шакархандаву он рӯй гулистон,
В-он сабзаи хат тӯтии шаккаршиканасташ.

Ҳусни ту муаллаф шуда, аз зулфи ту доғам,
Товуси чаман дар сафи хайли ниъанасташ.
Оҳу ба нигоҳи ту расидан натавонист,
Умрест, ки овозаи мушки Хутанасташ.
Он кас, ки зи холи лаби ӯ ком ситонад,
Кайхусрави Кашмиру Амири Ямanасташ.
82
Шудам гарчи аз ёди хубон мураххас,
Нагардидам аз кӯи ҷонон мураххас.
Чу тифле, ки аз хона берун наояд,
Нашуд ашкам аз чашми ҳайрон мураххас.
Ба доғи дили хеш қонеъ нишастам,
Нагаштам ба сайри гулистон мураххас.
Ғами шонаву ҷаври машшота дидам,
Нашуд дил зи зулфи парешон мураххас.
Чу оина ҳайрони рӯи ту будам,
Нигоҳам нашуд то ба мижгон мураххас.
Ба роҳи ту чун ашк бо сар давидам,
Нагардид поям зи домон мураххас.
Амири дилам хост тавфи ҳаримат,
Валекин нагаштам зи дарбон мураххас.
83
Чаман аз сабза дорад зеб, рухсори нигор аз хат,
Риёзи ҳусни ҷононрост айёми баҳор аз хат.
Ба оине, ки боғ аз сабза обуранг мегардад,
Фузун шуд зиннати рухсори он симинузор аз хат.
Чаман аз сабзаи сероб дорад равнақи дигар,
Ба ҳусни лоларӯён медиҳад фасли баҳор аз хат.
Сафои оразат равшан кунад оинаи дилро,
Намехоҳем бо ин саҳфа биншинад ғубор аз хат.
Ба қадри доғи дил дорам хароши сина аз ишқат,
Агар бовар надорӣ, як ба як ӯро шумор аз хат.
Баҳору сабза шуд, ҳусни ту оҳанги сафар дорад,
Маро шуд ин қадар мазмуни рангин ошкор аз хат.
Амири дил сувайдогӯшае андар назар дорад,
Рухи ёраш чу барги лола шуд то доғдор аз хат.

84
Эй туро ҳарф дар вафост ғалат,
Накҳати бо кас ошност ғалат.
Ошиқонро висол мумкин нест,
Аҳду паймон зи дилрабост ғалат.
Нест бӯи ҳақиқате зи мизоҷ,
Ҳусни маъшуқу ишқи мост ғалат.
Аҳли дунё намерасад ба мурод,
Муддао ботилу дуост ғалат.
Гар бигӯям, ки олам аст хаёл,
Чӣ дурӯғ аст, дар куҷост ғалат?
Ҷилвагар шоҳиди таҷаллии ӯст,
Лек ин ҷо нигоҳи мост ғалат.
Гар ба ин баҳра кай бувад олам,
Дили оинаро сафост ғалат.
Чашм агар сурмаи сафо дорад,
Бас бувад, гарди тӯтиёст ғалат.
Дил асири муҳаббат аст, Амир,
Набувад ҳеҷ ҳарфи рост ғалат.
85
Аз нигоҳи ишқбозон лоларӯёнро чӣ ҳаз?
Мерасад аз дида хун, шабнам гулистонро чӣ ҳаз?
Кофар аз доғи муҳаббат он қадар маҳзуз нест,
Лек аз инсоф агар пурсӣ мусалмонро чӣ ҳаз?
Мекунад оина бе моҳи рухат қолаб тиҳӣ,
Аз тамошои ҷамолат чашми ҳайронро чӣ ҳаз?
Мерасам аз водии ҳайрат такаллуф бартараф,
Аз рамузи шуҳрати Маҷнун биёбонро чӣ ҳаз?
Мизбон ҳарчанд эҳсони карам пеш оварад,
Ҷуз хиҷолат аз фузули хеш меҳмонро чӣ ҳаз?
Гар набошад вақти ҷон додан ҷамолат дар назар,
Аз баёзи субҳи ҳайрат чашми қурбонро чӣ ҳаз?
Нуктаи мӯи миёни ёр бар зоҳид махон,
Аз мазоқи маънии борик нодонро чӣ ҳаз?
Нест осоиш ба мулки комрониҳо, Амир,
Ғайри дарди сар зи шуғли халқ султонро чӣ ҳаз?

86
Эй маро дида зи рӯят маҳзуз,
Дил зи ёди сари мӯят маҳзуз.
Ҳайрати гулшани фирдавс надошт,
Он ки шуд аз сари кӯят маҳзуз.
Ҷо кунад нофа ҳамон кас, ки шавад,
Аз хати ғолиябӯят маҳзуз.
Чун дили хаста самандар нашавад?
Баски шуд оташи хӯят маҳзуз.
Ҳар дам аз шавқи ту мегуфт, Амир:
Эй маро дида зи рӯят маҳзуз.
87
Булҳавасро аз шароби суҳбати дилбар чӣ ҳаз?
Аз навои ҷонфизои най ба гӯши кар чӣ ҳаз?
Обрӯи нақд даркор аст, суд аз нася нест,
Муфлисонро аз ҳисоби нақди симу зар чӣ ҳаз?
Ҳар тунукзарфе куҷо бо нашъаи маънӣ расад,
Аз висоли бода бо паймонаю соғар чӣ ҳаз?
Кай нишонад оташам дигар лаби сероби ӯ,
Ташнагонро аз ҳадиси чашмаи Кавсар чӣ ҳаз?
Ҳақшиносӣ кун, ки дар катмони маънӣ баҳра нест,
Нуктафаҳмонро зи истеҳлоли якдигар чӣ ҳаз?
Софии зоҳир насозад ранги ботинро илоҷ,
Хонаи оинаро аз дасти равшангар чӣ ҳаз?
Подшоҳонро адолат медиҳад лаззат, Амир,
В-арна аз ҷамъияти асбобу симу зар чӣ ҳаз?
88
Дар таваккул риштаи уммед магсил аз тамаъ,
Зери гардун нест фориғ ҳеҷ соил аз тамаъ.
Эҳтиёҷи аҳли имкон бе тааммул равшан аст,
Ҳуш агар дорӣ макун дар дил маҳофил аз тамаъ.
Гар ба иззат моилӣ бигзар зи оини талаб,
Эй ҳавасфарсо, марав дар роҳи ботил аз тамаъ.
Тоқати бори таваққуъ ҳар сабуксарро набуд,
Пунба дар оташ чӣ сон гардад муқобил аз тамаъ?

Баски набвад ҳеҷ кас холӣ зи сомони ғараз,
Гар Амири вақт бошад, нест ғофил аз тамаъ.
89
Ҳама шаб доғ ба дил, дуд ба сар дорад шамъ.
Магар аз оташи ишқи ту хабар дорад шамъ?
Бинигар қадр, ки аз аввали шаб то ба саҳар,
Гули рухсори ту дар пеши назар дорад шамъ.
Аз ҳаёи гули рухсори ту дар базми нишот,
Пираҳан аз арақи шарм ба бар дорад шамъ.
Нест осон ба замон анҷуманоро будан,
Хори ғам дар қадами теғ ба сар дорад шамъ.
Сӯхтан, доғ шудан, ашк зи чашм афшондан,
Бе ту дар базм ҳамин лофу ҳунар дорад шамъ.
Мегузоранд ба сад ноз дар ин анҷуманаш,
То ки аз ҳастии худ ранги асар дорад шамъ.
Гар на раҳ ёфта дар анҷумани хос, Амир,
Бар сари хеш чаро афсари зар дорад шамъ?!
90
Аз оташи ишқи кӣ намудам талаби доғ?
Восӯхт дилам шамъсифат тобу таби доғ.
Имрӯз ба мазмуни хату холи сиёҳат,
Бардоштам аз дафтари дил мунтахаби доғ.
Зоил нашавад аз сари ман зулмати савдо,
Азбаски муарро зи саҳар буд шаби доғ.
Рӯи ту намесӯхтам, ар дида намедид,
Ин аст мани сӯхтадилро сабаби доғ.
Аз ҳасрати холи сияҳи кунҷи даҳонат,
Зад бӯса дили сӯхтаи ман ба лаби доғ.
Дар даҳр зи кас ҳарфи вафое нашунидем,
З-ин саҳфа намудем кунун мунтахаби доғ.
Чун лола ба дил оташи савдои ту дорад,
Бо гул натавон дод Амирӣ тараби доғ.
91
Имшаб, ки буд бе гули рӯят чароғ доғ,
Минои май тиҳӣ шуду гардид аёғ доғ.

Сунбул зи хатти сабзи ту ошуфтаҳол монд,
Шуд мушки рози накҳати зулфат димоғ доғ.
Гул-гул шукуфта дӯш гузаштӣ зи сайри боғ,
Шуд лолаҳо зи дидани рӯи ту доғ-доғ.
Дар иштиёқи доғи ту хун шуд дили ҳазин,
З-он мекунад ба лоласитонҳо суроғ доғ.
Чун шамъ агар ба маҳфили аҳли вафо расӣ,
Равшан кунӣ, сазад, ки ба ҷои чароғ доғ.
Гашт аз ҳуҷуми хатти сияҳ тира он ҷамол,
Гулзор шуд зи сояи парҳои доғ доғ.
Азбас Амири мамлакати ишқ гаштаам,
Набвад аҷаб ба сина диҳад гар фароғ доғ.
92
Кай ба осонӣ тавон гаштан ба огоҳӣ тараф?
То кушоӣ чашм, мижгон мезанад оҳам ду саф.
Табъи равшан дур дорад аҳли дилро аз ватан,
Софии тинат бурун овард гавҳар аз садаф.
Муғтанам бишмор базм, эй соқиё, пур кун қадаҳ,
Эй муғаннӣ, нағма дар чанг ор бо қонуну даф.
Хотири ҷамъи мушаввашрӯзгорам тира шуд,
То гирифтам домани зулфи парешонат ба каф.
З-оташи шавқи ҷамолат меҳр андар тобу таб,
Бар ҷабин дорад маҳ аз доғи таманноят калаф.
Нақши пои рафтагон оинаи ибратнамост,
Он ки шуд воқиф, Амир, аз реҳлати аҳли салаф.
93
То ишқи ӯ шуд як тараф, ошӯби савдо як тараф,
Ман meравам бо як тараф, дил меравад бо як тараф.
Шабҳо ба гирди кӯи ӯ бо шӯру ғавғо то саҳар,
Хайли сагонаш як тараф, девонаи мо як тараф.
Дар базми мавзунқоматон афтода баҳсу моҷаро,
Сарви хиромон як тараф, он қадди боло як тараф.
Гаҳ мурдаву гаҳ зиндаам, аз ишқи ӯ азбаски шуд,
Он лаъли хандон як тараф, в-он чашми шаҳло як тараф.

Аз ҳар тараф бар сар маро афтода савдои ҷунун,
Холи суманбӯ як тараф, зулфи сумансо як тараф.
Ман музтариб андар миён, дар бурдани дил мекашад,
Чашмаш ишорат як тараф, абрӯш имо як тараф.
Аз ишқи он ширинлиқо, афтодаам пур бенаво,
Хайли рақибон як тараф, ман зори танҳо як тараф.
Мурдам зи ҳаҷри рӯи ӯ, аз ханҷари абрӯи ӯ,
Афтодаам дар кӯи ӯ сар як тараф, по як тараф.
Рафтам Амир аз хештан бо мастиву девонагӣ,
Ман як тараф, ҷон як тараф, дил ном расво як тараф.
94
Эй хатти ту чун сутури мусҳаф,
Бар гирди рухат дамида саф-саф.
Аз сабзаву сунбул аст гулшан,
Чун рӯи бутони нав музаллаф.
Дар базми нишоти майпарастон,
Шуд ҳола ба рӯи моҳ чун даф.
Май нӯш, ки мавсими баҳор аст,
Шуд соғари лола ҷоми Қарқаф.
Хуш он ки ба даври шоҳиди гул,
Дар маҳфили май шавад мукаллаф.
Рухсори чаман шуд арғувонӣ,
То аз қадами ту шуд мушарраф.
Аз ҳиммати пири дайр соқӣ,
Ҳар рӯз ба бодаам муваззаф.
Аз рӯи адӯ яке ҳазор аст,
Чун сифр бувад сипеҳри аҷваф.
Ақсоми нишот буд ноқис,
Дар даври Амир шуд музоъаф.
95
Ҳар куҷо гирам зи дарси фикри рухсорат сабақ,
Дафтари гул мешавад чун барги гул рангинварақ.
Дар сипеҳри ҳусн то моҳи рухат дид офтоб,
Аз хиҷолат сурх шуд, гардид пинҳон дар шафақ.
Нест осон об хӯрдан дар дами теғи сухан,
Чун қалам дорад забонам дарх(в)ари гуфтор шақ.

Рехт дар базми тамошо сад чаман ранги гулоб,
То гули рухсораат аз тоб мерезад арақ.
Дар каманди ишқи хубон чун нагардад рози дил,
Хушк месозад гиёҳеро, ки мепечад ашақ.
Нақди дилро бохтан, бори вафо бардоштан,
Буд дар ишқи ту ин қонун ба муштоқон сабақ.
То шудам фармонраво дар маснади шоҳӣ, Амир,
Рӯ ниҳодам дар тариқи шаръ бо фармони Ҳақ.
96
Эй дилу дидаи ушшоқ ба рӯят муштоқ,
Ҷони савдозада бо ҳалқаи мӯят муштоқ.
Дили мо нофасифат дар талабат хунбаста,
Буд ин ғунчаи нашкуфта ба бӯят муштоқ.
Меравам ҳамчу сабо дар ба дару кӯй ба кӯй,
Ба тавофи ҳарами каъбаи кӯят муштоқ.
Гул ба гулшан ҳаваси рӯи ту дорад дар дил,
Сарв бо қомати дилҷӯи накӯят муштоқ.
Ҳасрати сӯзани мижгони ту дар синаи мост,
Дили садпораи ошиқ ба руфӯят муштоқ.
Шуд дуто қоматам аз пирию шавқи ту ба ҷост,
Дил ҳамон бо хами гесӯи дутӯят муштоқ.
Ҷигари ташна ба паймона нагардад қонеъ,
Дили махмур ба минову сабӯят муштоқ.
Ҳамаро мерасад аз сӯи ту ташрифи қабул,
Чашми уммеди Амир аст ба сӯят муштоқ.
97
Ман ҳамон девонаам, дил дорад аз савдо сабақ,
Дар дабистони муҳаббат кардаам иншо сабақ.
Аз хаёли сарви мавзунаш сабақҳо кардаам,
Дар миёни ошиқон гардидаам болосабақ.
Аз сари кӯяш чамандарбор меоям, зи ман
Месазад гирад дурангиро гули раъно сабақ.
Хондаам дар мактаби ҳуснаш рамузи ҳусни ӯ,
Нест андар хотири ман ғайри истиғно сабақ.
Дар муаллимхонаи ишқаш чу ман устод нест,
Медиҳам бар ҳарду олам як сари танҳо сабақ.

Он қадар аз нуктаи илми ҷунун донистаам,
Кай тавонад дод бар ман фикри домулло сабақ?
Он қадар аз нуктаи илми ҷунун донишварам,
Метавон додан ба ман аз соғари саҳбо сабақ.
То ба кӯи гулрухон илми ҷунун омӯхтам,
Додаам аз даст як ҷо дафтару як ҷо сабақ.
Муддао аз дафтари илму амал ҳосил нашуд,
Оқибат девонагиро кардам аз мино сабақ.
То ба даргоҳи Амири ишқи ӯ афтодаам,
Афсари давлат сарам дорад зи нақши по сабақ.
98
Зи дасти фурқати он шӯхи бебок,
Диле дорам ба ранги ғунча садчок.
Муҳайё кардаам аз ишқи ҷонон,
Рухи зарду дили хун, чашми намнок.
Ба ранги оина хуштар намояд,
Ҷамоли гулрухон аз дидаи пок.
Ману андешаи он шӯх, ҳайҳот,
Нагирад домани ӯ гарди идрок.
Ба нозаш барнамеояд ниёзам.
Суроғи чарх натвон кард аз хок.
Ҳамекардам барои шоми ҳиҷрон,
Чароғи ишқро дар дида имсок.
Наи мижгон ба чашмам менамояд,
Зи ёди наргисаш чун решаи ток.
Зибас афтодаам аз чашми хубон,
Зи хокам барнадорад дасти афлок.
Амири мулкати ишқем яксар,
Зи ҷайби чок моро кай бувад бок?
99
Дӯш омад дар назар як сарви гулрухсоракак,
Тундхӯяк, дилрабояк, шӯхакак, дилдоракак.
Лоларӯяк, сарвқаддак, симсоқак, нозукак,
Хурдсолак, нозанинак, чобукак, тарроракак.
Моҳрухсорак, ҳилолабрӯяк, анбархолакак,
Хушадояк, лаъли лабҷонбахшакак, айёракак.

Симандомак, суманрухсорак, ошиқпарварак,
Риндакак, сармастак, оҳучашмакак, хумморакак.
Хостам, рухсораки худро ниҳам бар поякаш,
Гуфт: Бигзар з-ин таманно. Гуфтамаш: Якборакак.
Гулҷабинак, мӯмиёнак, анбарингесӯякак,
Навниҳолак, сарвболояк, сиҳирафторакак.
Пурҷафояк, бевафояк, зудхашмак, золимак,
Сангдил, бемеҳракак, бераҳми дилозоракак.
Дилписандак, ҷонситонак, мухтараъ маҳбубакак,
Турфа ширинкоракак, шӯхи шакаргуфторакак.
Дидаам ҳайронаки рухсораки он моҳак аст,
Гашт ҷону дил зи ишқаш беқарорак, зоракак.
Дил ба як дидан асирак гашт бо он кофирак,
Бастаам з-он рӯ, Амир, аз зулфакаш зунноракак.
100
То иёр аз гардиши ранги ҷаҳон гирад фалак,
Бар тилои рӯз зад аз шоми зулмонӣ маҳак.
Чун набoрад аз табассум ранги мастӣ наргисаш?
Нашъа кам бахшад шароберо, ки меғалтад намак.
Лаъли нобаш, нуқли ҳуснаш медиҳад соғар мудом,
Боданӯшӣ нест дар оини мастон бегазак.
То бурун ояд ба захми наштари мижгони ӯ,
Медавад хуноби дил аз кӯчаи борики рак.
Ҷилвагоҳи ҳусн бошад ҳар куҷо оинаест,
Ҳамчу ашк аз қасри чашмам дур бош, эй мардумак!
Аз вуҷуду аз адам мумтоз набвад мумкинот,
Нестӣ з-ин рӯй мегардад ба ҳастӣ муштарак.
Дар бари гул сунбуле печида мебинам, Амир,
То ниҳод он шӯх бар тарфи узори худ кақчак.
101
Эй ҷигар аз теғи мижгони ту чок,
Дил зи савдои хами зулфат ҳалок.
Ҳамчу дуди шуъла боло меравад,
Сояи сарват намеафтад ба хок.
Нест мумкин бе ҷамолат зистан,
Ҷисмро аз ҷон набошад инфикок.

Бедилони ишқро бахшад фараҳ,
Синаи пурдоғу ҷисми дарднок.
Кай малолам медиҳад таъни рақиб?
Ошиқонро аз маломат нест бок.
Дил зи ёди наргиси мастат мудом,
Медавад чун бода бо рагҳои ток.
Ҳамчу шабнам об мегардам, Амир,
Аз висоли он ҷамоли шармнок.
102
Чӣ сон гузар накунад мадди оҳи мо зи фалак?
Ки садди роҳ нагардад нигоҳро айнак.
Зи ҷунбиши мижаат метапад дили зорам,
Чунон, ки хун ба тапиш омад аз таҳарруки раг.
Ба ранги ғунча зи шабнам куҷо расад марҳам,
Ба захми дил чу хаёли лаби ту рехт намак.
Зи ашки сурх ҳувайдост ҷавҳари ишқам,
Намезананд зари хушиёрро ба маҳак.
Ҳамон фасонаи Маҷнуну қиссаи Фарҳод,
Зи саргузашти ғами мо намешавад садяк.
Ҳавои лоларухон чун намешавад зи дилам,
Зи сина доғи муҳаббат намешавад мунфак.
Амир, баски намудам ҳавои соиди ӯ,
Шукӯҳи давлати ман аз самост то ба самак.
103
Ишратнавост баски садои шикасти ранг,
Аз худ гузаштаем барои шикасти ранг.
То муждае зи базми висоли туам расид,
Дил мебарад зи хеш ба пои шикасти ранг.
Чун пай бараd зи қофилаи зиндагӣ касе?
Умрест меравад ба дирои шикасти ранг.
Азбас расондааст ба гулгашти бехудӣ,
Моему субҳу шом дуои шикасти ранг.
Пайки сабо расонд навиде зи кӯи ёр,
Бояд зи худ равем ба ҷои шикасти ранг.
Ранги хазон надошт иёри рухи зарам,
Ҳал кардаам ба чеҳра тилои шикасти ранг.

Гаштам Амири мамлакати ишқ бар сарам,
То соя кард боли ҳумои шикасти ранг.
104
Биё, ки бе ту баҳору тараб надорад ранг,
Парӣ ба шишаам афсурдааст аз раги санг.
Дар ин ҷунункада аз чашми аҳли дил пайдост,
Саводи дидаи оҳу зи доғҳои паланг.
Ба ранги ғунча дар ин боғ бе гули рӯят,
Ба хун нишонда маро ихтилоти ин дили танг.
Садои қул-қули май бе рухи ту дар гӯшам
Хӯрад, чунон ки расад аз шикаст шиша ба ранг.
Ба чормавҷаи офат нишастан осон нест,
Зи ҷайби фикр фурӯ рафтаам ба коми наҳанг.
Сафедрӯй шавад шоми толеам зи саҳар,
Чу шона ар сари зулфи ту оварам дар чанг.
Амир, олами исбот баски мавҳум аст,
Ҷилои ранг чӣ дорад ба ғайри нашъаи банг?
105
Баски мечинад чаман з-он лаъли гавҳарбор гул,
Мекашад бар ришта аз шабнам дури шаҳвор гул.
Эман аз ранги тараб маншин, ки андар боғу роғ,
Нашкуфад бе доғ барги лолае, бехор гул.
Баҳри дафъи захми чашми андалебон дар чаман,
Бар гулӯ бастаст аз ҳар ғунчае тӯмор гул.
Баски дорад чун ҳино андешаи побӯсият,
Ғоза аз хуни ҷигар молида бар рухсор гул.
Бе рухат то чашм во кардам ба саҳни бӯстон,
Дар назар омад ба ранги рахти оташбор гул.
Дар чаман то ҷилваат зулфи тамошоро шикаст,
Аз тафи ғайрат ба худ печид ҳамчун мор гул.
Бастаам то дил ба тори гесӯи зулфаш, Амир,
Мекунад ин ғунча аз он гӯшаи дастор гул.
106
Ба дайҳими нигин ҳаргиз фурӯ н-орад сар ангуштам,
Ки нохунро шуморад бар сари худ афсар ангуштам.

Кучо созад нигинро бар сари худ афсар ангуштам?
Зи истиғно намехорад ба нохун ҳам сар ангуштам.
Наям маҳви фиреби ҳастиву айёми маъдудаш,
Ҳисоби даҳр чун нохун бувад равшан дар ангуштам.
Ба васфи қоматаш гулдаста бандад дасти зинҳорам,
Забон чун барги гул умрест мепечад бар ангуштам.
Хароши синаам ташвиши нохун барнамедорад,
Намехоҳад кушоиш уқдаи дил аз сарангуштам.
Ками ақли тааллуқ обрӯи мард мебошад,
Ки бар ангушти дигар корфармо шуд нарангуштам.
Амири кишвари шаръам, ливои адл дар дастам,
Ки мифтоҳи дари фатҳу зафар бошад ҳар ангуштам.
107
Эй балои чашму мижгони сиёҳат бар дилам,
Доғҳо ҳамчун калаф аз рӯи моҳат бар дилам.
Мадди оҳам мешавад дайҳими фарқи фарқдон,
Гар расад, эй маҳ, шикасте аз кулоҳат бар дилам.
Бар сарам то кард чун мӯ реша савдои хатат,
Сабза шуд андеша аз меҳри гиёҳат бар дилам.
Дуди оҳам як чаман сунбул парешон мекунад,
Аз ғами зулфи назокатдастгоҳат бар дилам.
Гар нагирад панҷаи ҳуснат тағофулҳои ноз,
Захми корӣ мекунад тири нигоҳат бар дилам.
Хонаи оина зиннат дарх(в)ари тимсол дошт,
Кош гардад, эй парирӯ, ҷилвагоҳат дар дилам.
Мансаби иқбол маншури Амирӣ мерасад,
Аз хаёли қомати иззатпаноҳат бар дилам.
108
Юсуфи дил, ки дар он чоҳи зақан мегӯям,
Зулфи ӯ бар сари он чоҳ расан мегӯям.
Пешаат дилшиканӣ буд, аз ин рӯй туро,
Дар сафи симтанон қалбшикан мегӯям.
Дар сар афтод шабам фикри хати мушкинат,
Ба забони қалам имрӯз сухан мегӯям.
Бе рухат ғунчаи хотир накушояд, зинҳор,
Он ки хун баст ба ёди ту, чаман мегӯям.

Гарчӣ дар кишвари эҷод Амирӣ дорам,
Мадҳи он сарвқади симбадан мегӯям.
109
Ба кулфат он қадар аз гардиши айём хӯ кардам,
Нами ашке, ки берун шуд зи чашмам, обрӯ кардам.
Либоси баҳр пӯшад, қатра чун аз худ тиҳӣ гардад,
Зи фикри хештан як сӯ шудам, то ёди ӯ кардам.
Набастам нақши он мӯи миён бо ин заъифиҳо,
Қалам ҳарчанд баҳри нақши тасвираш зи мӯ кардам.
Ба ҷо орам намозе то ба тибқи мазҳаби ишқат,
Ба каф омад чу хуноби ҷигар сарфи вузӯ кардам.
Амир, он беҳ, ки одоби хамӯширо нигаҳ дорам,
Ба ғафлат хок шуд дил, то забонро ҳарзагӯ кардам.
110
Нишот омода дорад фикри он лаъли шакархандам,
Куҷо берун барад гарди малол аз сина гулқандам?
Уруҷи ҷоҳи шавқи факр иқболи дигар дорад,
Зи асбоби таҷаммул бо ҳамин андеша хурсандам.
Надорад нахли умрам ҷуз сару барги парешонӣ,
Надонам бо хами зулфи кӣ шуд чун шона пайвандам?
Ба ранги нақши по андар тариқи интизориҳо,
Ба завқи пойбӯсат умрҳо шуд орзумандам.
Тариқи майгусориҳои вақт одоб мехоҳад,
Ба ранги шиша бояд хуни дил паймуд якчандам.
Аз он рухсору лаб як бӯса дорам, хуш димоғе деҳ,
Хуморолудаи шавқи туам, ин аст гулқандам.
Дар ин гулшан, ки сомони ҳаё ранги дигар дорад,
Чу шабнам то наме дар ҷабҳа дорам, обрӯмандам.
Зи ҳастӣ то асар боқист, дил арзи фиғон дорад,
Гирифтам гар ғамат чун най, ҷудо шуд банд аз бандам.
Дил аз занҷири зулфат то қиёмат барнамедорам,
Дар ин даъво бувад бо Мусҳафи рӯи ту савгандам.
Асири зулфи хубони хуҷандӣ гаштаам яксар,
Намеояд ба хотир фикри туркони Самарқандам.
Биҳамдиллаҳ, ки то Руму Хито фармонраво гаштам,
Зи алтофи Худовандӣ Амири мулки Хӯқандам.

111
Бувад дар ишқ гаҳ бар мусҳафи дилдор савгандам,
Гаҳе бо ҳалқаи гесӯи анбарбор савгандам.
Чӣ сон дил аз хами зулфи гираҳгири ту баргирам?
Чӣ шафқат дод бо он мусҳафи рухсор савгандам.
Чунон эъзом дорам мӯ ба мӯ дини муҳаббатро,
Ки бошад аз сари зулфи ту бар ҳар тор савгандам.
Гаҳе бо зулф, гаҳ бо оразу гаҳ бо хати мушкин,
Бувад дар даъвии ишқи бутон бисёр савгандам.
Чӣ мехоҳӣ қасам дар сидқи қавли ишқам, эй носеҳ?
Далели ҳарзагӯиҳост дар гуфтор савгандам.
Ба зулфи он парирӯ мехӯрам савганд, метарсам,
Мабодо бишканад он наргиси хуммор савгандам.
Ҳамон беҳтар, ки рози ишқ андар дил ниҳон дорам,
Касе, к-ӯ то диҳад дар даъвии ин кор савгандам.
Ба дорулмулки лутфат маҳзари ишқи ту овардам,
Надорам шоҳиде ин ҷо бидеҳ ночор савгандам.
Амир, омад баҳору ҷуз шикастан нест имконе,
Диҳад гар муҳтасиб бар тарки май сад бор савгандам.
112
Хаёли он руху зулфи абиролуд мекардам,
Ба худ чун шамъ оташ мефишондам, дуд мекардам.
Мабодо дуди оҳам хотири ӯро малол орад,
Фиғонро аз дари дил з-ин сабаб масдуд мекардам.
Зи ҳукми нозанинон нест сар печидан ошиқро,
Ба кӯяш ишқ ҳар коре, ки мефамуд мекардам.
Зи хубон ҳар чӣ ояд, табъ чун марғуб мегардад,
Зиёнеро, ки дидам з-он ситамгар суд мекардам.
Хушӣ андар тахайюл буд арбоби тааммулро,
Дил аз ёди ту хун мегашт, агар хушнуд мекардам.
Намехоҳам, ки бе андеша аз ман сар занад ҳарфе,
Бад-ин уммед роҳи гуфтугӯ масдуд мекардам.
Амир, асбоби олам нест ғайр аз мояи кулфат,
Аз ин рӯ он чӣ дар каф доштам, нобуд мекардам.

113
Гуфт ёр: Аз ғайри ман пӯшон назар! Гуфтам: Ба чашм!
Баъд аз ин бе парда бар рӯям нигар! Гуфтам: Ба чашм!
Дӯш густохона гуфтам: Соқиё, паймона гир,
Гуфт: Аз хоки раҳам афшон ба сар! Гуфтам: Ба чашм!
Гуфтамаш: Молам ба он пои нигорин рӯи худ,
Гуфт: Аз хоки раҳам афшон ба сар! Гуфтам: Ба чашм!
Гуфтам: Эй раъно, саги кӯи туам. Хандиду гуфт:
Хез бо мижгон бирӯб ин хоки дар! Гуфтам: Ба чашм!
Сӯи ман омад хиромон сарви мавзуни қадаш,
Хост дар дил ҷо кунад он симбар! Гуфтам: Ба чашм!
Тӯтиё аз хоки пои ёр кардам илтимос,
Гуфт: Баҳри дидаи мардум мабар! Гуфтам: Ба чашм!
Дар дили вайронаам омад Амири ишқ гуфт:
Баҳри исорам куҷо дорӣ гуҳар! Гуфтам: Ба чашм!
114
Сӯхт то барқи ҷамоли он парирӯ пайкарам,
Сурма мегардад ба чашми аҳли дил хокистарам.
Доғи ҳирмони висолу фурқати шоми фироқ,
Дур аз он гулрӯ чӣ офатҳо, ки ояд бар сарам?
Пардадори рози ишқи моҳрӯён чун шавам?
Гар нафас дил меканам, бе парда шӯри маҳшарам.
Вақти мавзуни мухайялро ба сад рангин хаёл,
Хун шудан, он ғунча мебахшад баҳори дигарам.
Тоири рангам, ки бо таҳрики дил пар мезанам,
Дар паридан эҳтиёҷе нест бар болу парам.
Ғайри хокистар нахоҳад монд баъд аз сӯхтан,
Оташи шавқат, вале боқист ҳамчун ахгарам.
Нест бе тамҳиди ҳастӣ, даври махмурӣ, Амир,
Лаб кушудан дод аз хамёза даври соғарам.
115
Навои мурғи дил аз савти қумрӣ медиҳад ёдам,
Дар ин гулшан гирифтори кадомин сарви озодам?
Зи қурби меҳр шахси соя номаълум мегардад,
Ки ҳангоми висолат чун асар монад зи бунёдам?

Чу минои тиҳӣ з-ин рӯй вақфи тоқи нисёнам,
Мабодо хотире гардад ғуборолуда аз ёдам.
Ба фикри он миён печидаму чун мӯй гардидам,
Заъифӣ кард охир нақшбанди килки Беҳзодам.
Ба даври холи рух бинҳод он гул ҳалқаи кокул,
Дило, чаҳде, ки дому дона афкандаст сайёдам.
Ғуборам боз дар пиромуни нози ту мегардад,
Зи ман доман бияфшон, гар нахоҳӣ дод барбодам.
Амирӣ, баски сомони раъунатро намехоҳад,
Набояд саркашӣ бо давлату ҷоҳи Худододам.
116
Чамантирози сухан аз камоли афкорам,
Ба ранги ғунча зи хун гаштан аст гулзорам.
Ба риштаҳои раги гул кашидаам гавҳар,
Зи васфи лаъли гуҳарзои кист гуфторам?
Зи ашки ол дамодам ба рӯй меғалтад,
Чӣ гуна рози муҳаббат ба дил нигаҳ дорам?
Сазад, ки шарҳ намоям рисолаи ҳайрат,
Чу оина сабақомӯзи дарси дидорам.
Чӣ гуна бе рухат, эй гул, насӯзадам гулзор?
Ки нест фарқи гули сурх аз гули норам.
Ба гашти боғ чу бар шохи арғувон нигарам,
Намунаест зи мижгони чашми хунборам.
Амир, занги таъаллуқ зудудаам аз дил,
Ба базми ҷилва чу оина мерасад борам.
117
Чашмасоре, ки ҳавои лаби обаш кардам,
Чун арақ мунфаъил аз чашми пуробаш кардам.
Мурғи дил тарбияташ сохтаму ром нашуд,
Дӯш дар оташи ишқи ту кабобаш кардам.
Мардуми чашми ман аз дидани дидори рақиб,
Гунаҳе дошт, ба ҳаҷри ту азобаш кардам.
Аз ғами зулфи ту дар костани пайкари худ,
Он қадар ҷаҳд намудам, ки танобаш кардам.
Базми ушшоқи ту қонуну наво дорад соз,
Ҳамчу дил ракс ба оҳанги рубобаш кардам.

Ваҳшати ранги чаман як сари мижгон нағунуд,
Гарчӣ аз махмали гул бистари хобаш кардам.
Чашми худ бар қадамаш суд, чаро об нашуд?
Шиква аз сангдилиҳои рикобаш кардам.
Саҳфаеро, ки бувад ҳарфи лабаш аз раги ҷон,
Нози шерозаи авроқи китобаш кардам.
Майпарасте, ки лабаш таъна ба саҳбо мезад,
Ҷомаи ҷон гарави бодаи нобаш кардам.
Хонаи чашм, ки роҳаткадаи мардум буд,
Ҳайф, сад ҳайф, ки аз гиря харобаш кардам.
Лаби хомӯши ту аз ман ба ҳаё дошт савол,
Ҷон ба каф дошта тамҳиди ҷавобаш кардам.
Аз ниқобам ба рухаш ғайри ҳаё нест ҳиҷоб,
Чашм пӯшидаму таҳрики ниқобаш кардам.
Шом то субҳ бувад кори ман анҷумшуморӣ,
Шаби ҳиҷрони туро рӯз ҳисобаш кардам.
Холи мушкини ду гесӯи ту бо ёд омад,
Шаҳпари боли худ аз оҳи азобаш кардам.
Роҳат аз даври фалак чашм надорам чу Амир,
Такя бар сояи девори ҳубобаш кардам.
118
Кудуратҳои табъи хеш аз он бебок донистам,
Зи ғам май хӯрдам, в-ин сархушӣ аз ток донистам.
Ба майдони муҳаббат кард ҷавлон бар рухам зулфаш,
Сарамро гӯй кардан з-он бути чолок донистам.
Чу шуд мижгони чашми масти ӯ Хизри раҳи тақво,
Маро он решаҳои ток чун мисвок донистам.
Чунон аз хеш бурдам ҳасрати он шӯхи симинбар,
Ки ман худро зи лавҳи зиндагонӣ пок донистам.
Ба роҳи ӯ ғуборе барнахезад, қасди он дорад,
Ду чашми хунфишони хешро намнок донистам.
Насозам аз чӣ раҳ андешаи он зулфи ҷонпарвар?
Ки баҳри дафъи заҳри ҳаҷри ӯ тарёк донистам.
Чӣ лозим баъд аз ин сайди ту гаштан аз тапишҳоям?
Ки ман худро асири ҳалқаи фитрок донистам.

Хати паргор дорад сарнавишти ошиқон, лекин
Ман ин саргаштагӣ аз гардиши афлок донистам.
Ману як мисраъи барҷаста кардан, нест имконе
Биҳамдуллоҳ, ки табъи хешро идрок донистам.
Сазад гардад мунаввар шоми ҳастӣ аз хаёли ман,
Ки ман ин равшанӣ аз шуълаи идрок донистам.
Амири дил чаро ҳаммашраби булбул намебошад?
Гули ин боғро аз синаи садчок донистам.
119
То шавад он сарви симинтан равон андар чаман,
Медиҳад дар ҳар қадам рӯҳи равон андар чаман.
Ҳайрати рухсори ӯ кардам зи ҳар барги гуле,
Фикри он гул рехт хунам ғунчасон андар чаман.
Зоҳидо, хуш бош бо тасбеҳу зуҳди хушки ман,
Мову базми айшу васли гулрухон андар чаман.
Дидани рухсори ҷонон боиси афғони мост,
Булбулонро з-ин сабаб шуд бо фиғон андар чаман.
То кунад васфи ҷамоли он баҳористони ноз,
Ғунча лаб во мекунад, савсан забон андар чаман.
Бе гули рухсорат, эй рашки Ирам, дар дидаам,
Чашми хунбор аст шохи арғувон андар чаман.
Медиҳад ишрат висоли навниҳолонам, Амир,
Бишкуфад чун ғунча табъи боғбон андар чаман.
120
Бикшод то зи турраи анбаршикан шикан,
Мушк аз ҳаё ба нофа гираҳ зад Хутан-Хутан.
Пӯшад шаҳиди шуълаи хӯи ту, он ки шуд
Чун ахгараш зи хеш барои кафан кафан.
Дур(р)и хушоб рехт зи оғӯши лаъли тар,
Чун барфишонд з-он лаби гавҳарсухан сухан.
Чинад дил аз хаёли лабат ғунча-ғунча гул,
Болад нигаҳ зи боғи ҷамолат чаман-чаман.
Дур аз висоли базми парипайкарон, Амир,
Мову диле, ки ҳаст зи байтулҳазан ҳазан.

121
Хароби ишваву бедоди чашмони сиёҳат ман,
Ба хун ғалтида сайди бисмили тири нигоҳат ман.
Дилу ҷон рафта аз дастам, намепурсӣ чӣ ҳол аст ин?
Ғарибӣ нотавон афтода бар сарҳои роҳат ман.
Агар дар базми хубон мекунӣ даъвии яктоӣ,
Яке аз ростӣ чун сарви побарҷо гувоҳат ман.
Шикастӣ гӯшаи тарфи кулаҳ дил гуфт дар гӯшат:
Чу дуди оҳ маҳви гӯшаи тарфи кулоҳат ман.
Асири хонабардӯши рухи гулдастгоҳат дил,
Ғуломи ҳалқабаргӯши хати сунбулпаноҳат ман.
Рухи моҳу хати сабзи ту маншури Амир омад,
Амири хатти сабзу бандаи рӯи чу моҳат ман.
122
Баски шуҳрат кард аҳли ҷоҳро офаткамин,
Шуд ҷароҳатномаҳо аз захми дандони нигин.
Баҳри таслими хами абрӯи ӯ ҳамчун ҳилол,
Пой то сар кардаам эҷод аз лавҳи ҷабин.
Сурмасон дар гӯшаи чашмат ду олам фитна аст,
Аз сафи мижгон алам баркаш қиёматофарин.
Дар гузори ишқ арзи нози маъшуқӣ баҷост,
Мекунад эҷод мум аз об гаштан ангубин.
Ҳалқаи гесӯ ба рӯ, дар ҳалқаи гесӯст рӯй,
Куфр дар оғӯши дину дар канори куфр дин.
То нагирад чеҳраи миръоти табъи ӯ ғубор,
Мекашам аз шавқи он симинбадан оҳи ҳазин.
Аз Амири ишқ то маншури доғам ворасид,
Гаштаам дар гулшани эҷод хокистарнишин.
123
Хуш бувад дар кӯи ӯ ҷон бохтан,
Сар ба зери пои ёр андохтан.
Оҳ мебояд кашид аз дуди дил,
Гар ҳамехоҳӣ алам афрохтан.
Хуш бувад гоҳе ба тадбири ҷунун,
Хешро дар кӯи ёр андохтан.

Аз барои дидани дидори ёр,
Боядам оинаҳо пардохтан.
Дар қимори ишқ мехоҳад дилам,
Ҳарду оламро ба як дав бохтан.
Аз бинои обу гил авлотар аст,
Каъбаи дилро иморат сохтан.
Гавҳари мақсуд аз дил ҷӯ, Амир,
Гирди олам чанд бояд тохтан?

124

Сар ба ҷайб оварда дар гирдоб об аз чашми ман,
Ҳайратомӯз аст дар дарё ҳубоб аз чашми ман.
Сели ашкам дод оламро ба тӯфон бе рухат,
Рӯзи ҳиҷрон мекашад мардум азоб аз чашми ман.
Дидаам дар интизори моҳи рӯят шуд сафед,
Мекунад наззора сайри моҳтоб аз чашми ман.
Он қадар дар ҳайрат аст рӯят дар обу оташам,
Рафт ором аз дилу барҷаст хоб аз чашми ман.
Абраши нозат чу шерон сайди оҳу мекунад,
Ғамзаи шӯхи ту гар созад рикоб аз чашми ман.
Ҳар чӣ тӯфон дар замони Нӯҳ туғён карда буд,
Шаҳнаи ишқи ту мегирад ҳисоб аз чашми ман.
Он қадар саршорам аз наззораи лаълаш, Амир,
Бар димоғам мерасад бӯи шароб аз чашми ман.

125

Ишқ бебок асту ман ғамноку дилдор инчунин,
Ёр бепарвову ман бесабру дил зор инчунин.
Чашм-наргис, зулф-сунбул, чеҳра-гул, шамшод-қад,
Кас надида дар биҳишти ноз гулзор инчунин.
Дар муҳаббат хешро расвои олам сохтам,
Ҳар касе ошиқ шавад, ӯро бувад кор инчунин.
Соғари чашмам зи ашки лолагун лабрез шуд,
Нест дар базми муҳаббат ҷоми саршор инчунин.
Қадди ӯро дар гулистон сарви мавзун дида гуфт:
К-ин чунин қадро бувад шоиста рафтор инчунин.
Орази ӯро саводи зулф равшантар намуд,
Кас надида моҳтобе дар шаби тор инчунин.

Шеъри мавзун дар хаёли қоматаш гуфтам, Амир,
Кай бувад дар шоирӣ устоди солор инчунин?
126
Субҳ шуд, аз хона он оличаноб омад бурун,
Хез, к-аз баҳри тамошо офтоб омад бурун.
Дар ҳавои қомати он баркҷавлон аз дилам,
Мадди оҳам рост чун тири шиҳоб омад бурун.
Муҳтасиб манъам зи май мекард, дидам субҳдам,
Аз дари майхона сармасти шароб омад бурун.
Сӯхт дил дар ҳасрати лаъли шароболуди ӯ,
Ашк шуд хуноб, аз ҷисми кабоб омад бурун.
Дил надорад бе висоли ёр уммеди ҳаёт,
Кай бимонад зинда чун моҳӣ зи об омад бурун?
Даҳр фонӣ, то тавонӣ май бинӯшу айш кун,
К-ин наво аз пардаи тори рубоб омад бурун.
Баҳри таъзими Амири ишқ гӯё маст буд,
Шоҳиду саҳбо зи мино беҳиҷоб омад бурун.
127
Ҳар куҷо он тифли шӯхи найсавор омад бурун,
То сипеҳр аз хоки муштоқон ғубор омад бурун.
Ҷоми чашмам шуд зи хуни дил лаболаб, то даме
Наргиси масти ту аз ранҷи хумор омад бурун.
То рухат мустақбали оина шуд дар чашми ман,
Меҳр аз як субҳдам гӯё ду бор омад бурун.
Ихтиёри манъи мастон кард имшаб муҳтасиб,
Бар дари майхона шуд, беихтиёр омад бурун.
Ҳар куҷо он Лайлии маҳмилнишин омад ба ёд,
Ноқаҳои ашки чашмам шашқатор омад бурун.
Хат баровард аз лаби майгуни худ он бевафо,
Шукр, аз пои дилам имрӯз хор омад бурун.
Ноз бо шоҳини абрӯву ба шаҳбози нигоҳ,
Аз барои сайди дилҳо ошкор омад бурун.
Ашкам аз ёди ту чун хуршед вақти субҳдам,
Сархушу фирӯзбахту комгор омад бурун.
Шаб хаёли теғи абрӯи ту мекардам, Амир,
Мисраъи рангини ман чун зулфиқор омад бурун.

128
Чу шамъ нест маро бе ту сӯхтан таҳсин,
Ба рӯз мурдану дар шом зистан таҳсин.
Адам ба ҳукми касе гул намекунад зоҳир,
Табассум аст аз он ғунчаи даҳан таҳсин.
Ба хун нишастааму мекунам ҷигар сад чок,
Аҷаб набошад, агар гул кунад ба ман таҳсин.
Ҳамеша тирадилон дар нишемани тарабанд,
Ба худ гудохтани шамъи анҷуман таҳсин.
Ба гулситони узори ту зулфи мушкин чист?
Ба рӯи хирмани гул бозии заған таҳсин.
Рагу пай аз тани ӯ гар намуд, боке нест,
Намуд ин қадар аз лутф он бадан таҳсин.
Амир, лаъли бутон дидаам ба коми рақиб,
Бувад нигини Сулаймон ба Аҳриман таҳсин.
129
Ба ин хубӣ рухи худро намоён метавон кардан,
Ба як наззора сад оина ҳайрон метавон кардан.
Агар машшота бар ҳусни бутон оина пардозад,
Зи мижгон шонаи зулфи парешон метавон кардан.
Сипоҳи ҳусн, агар тороҷи ақлу ҳуш меҳоҳад,
Ба фатҳи мулки дил якбора ҷавлон метавон кардан.
Хаёлаш чун ба хилватгоҳи дил ояд ба меҳмонӣ,
Ба роҳи дида аз мижгон чароғон метавон кардан.
Чӣ бошӣ туҳматолуди ғубори домани ҳастӣ?
Фаноро бахяи чоки гиребон метавон кардан.
Муқаррар шуд, ки фардо корвони реш меояд,
Баҳои бӯсаро имрӯз арзон метавон кардан.
Амир, асрори дил дар ишқ мастурӣ намемонад,
Зи чандин пираҳан як нола урён метавон кардан.
130
Бар даҳани танги ту ғунча чӣ гӯяд сухан?
Қиммати шаккар шикаст он лаби шаккаршикан.
Нест зи хайли бутон, мисли ту ороми ҷон,
Гулрухи ғунчадаҳон, сарвқади симтан.

Пеши даҳони ту гул хост кунад хандае,
Ғунча гираҳ карда мушт омаду зад бар даҳан.
Гар набувад волаи меҳру маҳи оразат,
Шамъ чаро хешро сӯхта дар анҷуман?
Он ки ба Замзам нишаст ҳиндуи лабташнае,
Холи сиёҳи ту буд бар сари чоҳи зақан.
Гуфтам: Аз он лаб чаро сабзаи хаттат аён?
Гуфт: Ба Оби Бақо Хизр гирифта ватан.
Бе қади сарви ту шаб кард ба чарх оҳи ман,
Он чӣ намуд аз ҳунар Гев ба ҷанги Пашан.
Чанд равам аз паи ғамзаи чашми ту дур?
Ром ба мардум нашуд оҳуи дашти Хутан.
Роҳи ҷунун пурхатар, бори муҳаббат гарон,
Наърazанон меравад уштури Вайси Қаран.
Аз дур(р)и дандони ту шуд дили гавҳар шикоф,
Ҳасрати лаъли ту рехт хуни ақиқи Яман.
Субҳи саодат дамид аз уфуқи чоки дил,
Гардани мино талаб, даст ба паймона зан.
Дил ба хами турраат ҷон ба саломат рабуд,
Ёфт Ҷам ангуштарӣ аз бағали Аҳриман.
Кӯси ҷунун мезанам, чокари ишқам, Амир,
Ёфтам ин салтанат аз карами Зулминан.
131
Гашт зи ранги лабат ранги ақиқи Яман,
Хун шуда аз зулфи ту нофи ғизоли Хутан.
Омаданат дар бадан рӯҳи равон медамад,
Ҳаст дами рафтанат рӯҳ равон аз бадан.
То арақафшон гузашт он гули наврас зи боғ,
Шуд зи хиҷолат гулоб оби гул андар чаман.
Он ки шуд оташзабон анҷумани даҳрро,
Шамъсифат сӯхташ чарх ба доғи куҳан.
Баски нишоти баҳор ғайри надомат надошт,
Ғунча гиребон дарид, лолаву гул пираҳан.
То бувад андар назар зулфу қаду оразат,
Кист кунад орзу сунбулу сарву суман?

Гар дили бишкастаам дар шикан ояд чӣ бок?
Баски хами зулфи ӯ ҳаст шикан дар шикан.
Магзарӣ аз забти хеш, он ки суханпарварӣ,
Аз лаби хомӯш садаф дошт гуҳар дар даҳан.
Ҳар қадар андеша кард аз лаби ҷонон, Амир,
Гоми тасарруф ниҳод низ ба мулки сухан.
132
Нашуд аз оразат гесӯ ба як сӯ,
Ба худ печид оташ мӯ ба як сӯ.
Диҳад нози туро сармашқи шӯхӣ,
Ишорат як тараф, абрӯ ба як сӯ.
Ман аз бедоди мижгони ту мурдам,
Ҷафои наргиси ҷоду ба як сӯ.
Хату рӯи ту бо ҳам дар масофанд,
Ки румӣ як тараф, ҳинду ба як сӯ.
Чу санги шиша аз бедоди ишқат,
Дили ҳайрон ба як сӯ, ӯ ба як сӯ.
Хуш аз ранҷидани ёру рақибам,
Ки саг як сӯ равад, оҳу ба як сӯ.
Ба базми васл ҳайрон аст чашмам,
Бувад оина як сӯ, рӯ ба як сӯ.
Зи гесӯву баногӯши ту рафта,
Насими субҳ як сӯ, бӯ ба як сӯ.
Амир, ошуфта шуд дил дар миёна,
Манам як сӯву он бадхӯ ба як сӯ.
133
Зулфаш, ки ҳаст роҳати ҷовид банди ӯ,
Хуррам диле, ки буд асири каманди ӯ.
Н-ояд ба дида чун раги ёқут дар назар,
Ранги табассуме зи лаби нӯшханди ӯ.
Сарви саҳӣ, санавбару шамшод дар чаман,
Пастанд пеш қомати болобаланди ӯ.
Дил хун шуду чу ашк зи мижгон фурӯ чакид,
Аммо нашуд ба кеши муҳаббат сипанди ӯ.
Акнун Амир ҷуз хами зулфаш куҷо барам?
Дорам диле, ки ҳаст гирифтори банди ӯ.

134
Рӯҳ бахшад сояро сарви қади болои ту,
Эй зи сар то пои ман қурбони сар то пои ту.
Ҷони ширин бар каф аз баҳри нисор овардаам,
То чӣ фармояд лаби ҷонбахши шаккархои ту.
Бисмили шамшери абрӯи ту мебояд шудан,
То расидӣ хуни ман ҳамчун ҳино бар пои ту.
Ноумед аз пурсиши лаъли қадаҳнӯшам макун,
Эй тағофулпеша, то кай бошад истиғнои ту?
Чанд аз базми висолат номуродам мекунӣ?
Эй дилу ҷонам фидои хӯи бепарвои ту.
Будаам дар интизори мақдамат, эй сарви ноз,
Кош гардад дар ҳарими дидаи ман ҷои ту.
Баҳри савдои ту шӯре дар сари Маҷнуни мост,
Кам мабодо аз сари шӯридагон савдои ту.
Аз лабат ҳардам ҳаёти тоза дорад ҷони ман,
Додаам то ҷон ба ёди лаъли рӯҳафзои ту.
Дил ба савдои парирухсора хун кардӣ, Амир,
Гар надонӣ номи он хуршедманзар, вои ту.
135
Эй бод, паёме ба ман аз турраи ӯ гӯ!
З-он нуктаи сарбаста сухан мӯй ба мӯ гӯ!
Моро набувад ғайри таманнои висолаш,
Тутӣ сухане чанд аз он оинарӯ гӯ!
Аз ишқ сухан гуфтиву он шӯх барошуфт,
Эй дил, кӣ туро гуфт, ки ин ҳарфи накӯ гӯ!?
То гиря кунад чашм талаб кун дили пурхун,
Лабрез шавад соғару паймона, сабӯ гӯ!
Эй боди сабо, муждаи гулзори висолаш,
Ҳарчанд надорӣ хабар аз ранг, зи бӯ гӯ!
Мижгони ман аз гиря агар ёр бипурсад,
Чун сабзаи сероб, ки дорад лаби ҷӯ гӯ!
Бар гардани ӯ тоб зада ҳалқаи кокул,
Қосид барад аз рашк танобам ба гулӯ гӯ!

Рӯзе, ки туро боз ба кӯяш гузар афтад,
Пайғоми ниёзам ба саги он сари кӯ гӯ!
Дар мулки сухан ёфтам иқболи Амирӣ,
Ҷуз хомаи ман кист дар ин давр накӯ гӯ?!
136
Он ки бошад манзари дил ҷои ӯ,
Сурмаи чашм аст хоки пои ӯ.
Дар ғамат норафта як доғ аз дилам,
Мениҳад сад доғ бар болои ӯ.
Аз пару боли ҳумо дорад шараф,
Бар сари ман сояи савдои ӯ.
Сарв дорад инфиъол аз қоматаш,
Гул хиҷил аз оразi зебои ӯ.
Баста мавзунқоматони боғро,
Ҳайрати шавқи қади болои ӯ.
Ноз дорад шӯхи бепарвои ман,
Аз тағофул ҳаст истиғнои ӯ.
Донаи дил аз лабат як бӯса буд,
Гар наёбад донаи худ, вои ӯ.
Коми ҷон талх аст, мехоҳад дилам,
Бӯсае аз лаъли шаккархои ӯ.
Мехӯрам хуни ҷигар имрӯзу лек,
Дилхушам аз ваъдаи фардои ӯ.
Нестам миннаткаши дунёи дун,
Фориғам аз атласу дебои ӯ.
Ҳар куҷо девонае шӯр оварад,
Бар сари ман мешавад ғавғои ӯ.
Шӯхи бебоке, ки мурдам дар ғамаш,
Нест дар дил заррае парвои ӯ.
Сархуши паймонаи ноз аст ёр,
Мечакад ранги гул аз симои ӯ.
Ҷайби ман садпора чун гул шуд, Амир,
Гашта то дил ошиқи шайдои ӯ.
137
Чу рӯи он парипайкар намоён шуд ба як ногаҳ,
Ду олам дида чун оина ҳайрон шуд ба як ногаҳ.

Ба завқи донаи холи ту дилхуш буд мурғи дил,
Асири доми он зулфи парешон шуд ба як ногаҳ.
Ба сад найрангу шӯхӣ он парипайкар, ки дар чашмам,
Замоне ҷилва пайдо кард, пинҳон шуд ба як ногаҳ.
Ба ҳиҷрон сахт мемурдам, хаёлат дар назар омад,
Биҳамдуллоҳ, ғами ҷон додан осон шуд ба як ногаҳ.
Умеди васли ӯ хуни диламро кард афзунтар,
Агарчанде ки марҳам буд, пайкон шуд ба як ногаҳ.
Ба рӯзи ҳаҷр дидам моҳи рухсораш, шудам бисмил,
Муҳаррам буд, лекин иди Қурбон шуд ба як ногаҳ.
Ба дил то ёфт улфат, сабҳа шуд зуннори гесӯяш,
Зи таъсири вафо ҳинду мусалмон шуд ба як ногаҳ.
Дилам аз бодаи васли ту хушдил буд гар умре,
Гирифтори дами шамшери ҳиҷрон шуд ба як ногаҳ.
Амир, аз сайри доғи синаи ман ёр шуд хушдил,
Гули ин бӯстон манзури султон шуд ба як ногаҳ.
138
То куҷо хоҳӣ шудан масти шароби зиндагӣ?
Андаке бикшой чашми худ зи хоби зиндагӣ.
То нафас боқист фикри кори ҳастӣ карданист,
В-арна халқе рафта аз олам хароби зиндагӣ.
Ғам махӯр аз будану нобудани дунфитратон,
Дар ҷаҳон аҳли сухан ҳастанд боби зиндагӣ.
Кас нафаҳмад маънии ором аз забти нафас,
Нест ҷуз мазмуни ваҳшат дар китоби зиндагӣ.
Тар намесозад лаби андеша бо Оби Ҳаёт,
Он ки нӯшад аз лаби лаъли ту оби зиндагӣ.
Монеъи васли яқинат нест ҷуз гарди вуҷуд,
Ҷилваҳо муфт аст берун аз ниқоби зиндагӣ.
Дар кашокашҳои ташвиши нафас ҷон меканам,
Баски афтодаст дар гардан таноби зиндагӣ.
Аз шумори накди мавҳуми нафас ғофил мабош,
Фикри ҳастӣ аз ту мегирад ҳисоби зиндагӣ.
Нестам ҳамчун Хизир миннаткаши Оби Ҳаёт,
Аз лаби ёрам, Амирӣ, комёби зиндагӣ.

139
Бувад машҳур чашми турки қаттолат ба хунрезӣ,
Нигоҳи чашми фаттонат алам бар фитнаангезӣ.
Зи нахли сарви раънои чаманзеби ту мебинам,
Диловезии субҳею  гулафшон рангомезӣ.
Таҷаллибахши шоми зулф шуд субҳи баногӯшат,
Сазовор аст дилро андар ин шабҳо саҳархезӣ.
Дили хунбаста аз фикрат баҳоре дар камин дорад,
Ки дар ҳар ғунча гаштан мекунад сад ранг гулрезӣ.
Ба мӯй овехта дилҳои маҳзуни асиронаш,
Аз ин рӯ дошт шуҳрат турраи ӯ бо диловезӣ.
Фурӯғи ишқ андар чашми покон бештар гардад,
Ба мавҷи оби шабнам оташи гул мекунад тезӣ.
Амир, азбаски хубони Хуҷандиро сарӣ дорад,
Надорад ҳасрати хубони Хоразмиву Табрезӣ.
140
Ту намудӣ руху ман волаи ӯ, яъне чӣ?
Ҳаст ин шева миёни ману ту, яъне чӣ?
Муддате шуд дили ман ҳайрати дидори ту дошт,
Нанамудӣ ту дар ин оина рӯ, яъне чӣ?
Ишқ оинаи найранг напардозад агар
Ҷои ту дар дили ман кӯй ба кӯ, яъне чӣ?
Баҳри таъзими қадат гар накунад истиқбол,
Сарв истода ба по бар лаби ҷӯ, яъне чӣ?
Ба ниёзи ман агар нози ту парво накунад,
Дар миёни ману ту рост бигӯ, яъне чӣ?
Шонасон чок шуд аз ҳасрати зулфат дили мо,
Нанамудӣ ту ба ин ришта руфӯ, яъне чӣ?
Солҳо ташналаби мавҷи шаҳодат будам,
Оби теғи ту наояд ба гулӯ, яъне чӣ?
Дарди мо аз лаби лаъли туву арбоби ҳавас,
Ҷоми май бар кафу бар дӯш сабӯ, яъне чӣ?
Зоҳид аз бодапарасти лаби ӯ нест, Амир
Чун магас карда ба ин шаҳд гулӯ, яъне чӣ?

141
Имшаб, ки шудам ҳамдами ҷононаи чинӣ,
Саҳбои тараб рехт ба паймонаи чинӣ.
Овозаи иқболи ҷаҳон ғайри садо нест,
Фағфур надорад ба ҷуз афсонаи чинӣ.
Нолидани ман нест ба ҷуз ном шикастан,
Ошуфта чу мӯям ба тарабхонаи чинӣ.
Аз ғунчаи тазвир шукуфтан натавон ёфт,
Гулчини хаёлем ба кошонаи чинӣ.
Дар базми таманнои ту, эй меҳри дилоро,
Шамъи тараб афрӯхта парвонаи чинӣ.
Беҳзоди хаёлам зи тасаввур чӣ нигорад,
Ҷуз ранги гули нақши санамхонаи чинӣ?
Дар мамлакати ишқ, Амир, омада он рӯ,
Ғофил машав аз маънии бегонаи чинӣ.
142
Ба шона то гираҳ дар турраи пуртоб афкандӣ,
Раги ҷони маро дар дасти печутоб афкандӣ.
Шукуфтӣ чун гул андар базму май хӯрдӣ, арақ кардӣ,
Ба гул шабнам задӣ, дар оташи май об афкандӣ.
Ба кӯи ишқ гаштӣ раҳнамунам, эй ҷунун, хун шав,
Ки аз соҳил маро бурдиву дар гирдоб афкандӣ.
Чаро мижгон зи хоби ноз накшудӣ, чӣ сеҳр аст ин?
Ба афсун дидаи бахти маро дар хоб афкандӣ.
Бинозам бар хами шамшери тези теғи абрӯят,
Сари таслими зоҳид дур аз меҳроб афкандӣ.
Шабе дар гулхани мо гар задӣ паҳлӯ ба хокистар,
Зи истиғно гираҳ бар бистари санҷоб афкандӣ.
Зи тоби бода барги настаран шуд арғувон имшаб,
Қадаҳ нӯшидиву гул бар сари маҳтоб афкандӣ.
Каманди зулфи пурчинро парешон сохтӣ бар рӯ,
Ба сайди моҳии дил ҳар тараф қуллоб афкандӣ.
Амир, ар ин сухан, к-аз ёди лаъли навхатон гуфтӣ,
Тасаллӣ дар дили бетоқати аҳбоб афкандӣ.

143
Ҳаст бо ҳусни муҷаддадҷилва чун ман булбуле,
Баски он рухсор мебинам зи ҳар барги гуле.
Метавон бо дӯши пирӣ аз сари ҳастӣ гузашт,
Ҷуз қади хамгашта сели умрро набвад пуле.
Кист з-ин гулшан, ки аз ворастагиҳо дам занад?
Сарв ҳам аз тавқи қумрӣ дар гулӯ дорад ғуле.
Бе рухат, эй шӯх, андар базми минои шароб,
Аз садои шишаи бишкаста дорад қулқуле.
Мехӯрам хуни дилу чун ғунча мепечам, Амир,
Аз ғами шӯхи гуландоми мусалалкокуле.
144
Ба ранги шона аз андешаи зулфи парешоне,
Дар ин гулшан надорам ҷуз дили садпора сомоне.
Ду рухсораш зи таҳти бурқаъи ӯ дидаму гуфтам:
Аҷаб дорам, ки сарви ноз бор овард руммоне.
Чу ман фикри кадомин лоларухсоре ба дил дорам?
Чаман аз ҳар гуле во карда як доғи намоёне.
Шавад хуршед ҳар ҷо соя дур аз хеш мегардад,
Ба ғайр аз нафйи худ исботи ӯро нест бурҳоне.
Ба ранги шамъу гул дар узв-узвам мениҳад захме,
Найи мижгон хадангу новаки наззора пайконе.
Надорам эҳтиёҷи шамъ андар шоми ҳиҷронаш,
Зи ҷӯши доғ чун товус месозам чароғоне.
Таҳайюрпарвари ранги ҷамоли кист ин гулшан?
Ки во кардаст аз ҳар шабнаме як чашми ҳайроне.
Амири кишвари ишқам, зи иқболам чӣ мепурсӣ?
Ба сар дорам зи хоки роҳи ҷонон тоҷи хоқоне.
145
Ба базме, ки ҷоми тараб нӯш кардӣ,
Шудӣ масти ёру ба худ ҷӯш кардӣ.
Бирафтиву ёдам накардӣ зи дурӣ,
Тариқи мурувват фаромӯш кардӣ.
Ту ҳамдӯши аҳбоб рафтиву моро,
Ба сад дарду меҳнат ҳамоғӯш кардӣ.

Асири кадомин париталъатӣ ту?
Асирони худро фаромӯш кардӣ.
Шуд аз сурма чашми ту мардумфиреб,
Сипоҳи балоро сияҳпӯш кардӣ.
Куҷо рафтиву бо кӣ ҳамдам шудӣ ту?
Надонам чӣ дидиву дар гӯш кардӣ.
Амиро, чу тирам ба кеши вафо,
Ки ҳамчун камон хона бар дӯш кардӣ.
146
Ту хокистар шав, эй булбул, баровар шеван, эй қумрӣ!
Агар ояд ба боғ он сарви гулпироҳан, эй қумрӣ!
Набинад кас зи мавзунқоматон ғайр аз гирифторӣ,
Манам занҷир дар пою ту ғул дар гардан, эй қумрӣ!
Надонам бандаи қадди кадомин сарви озодӣ?
Сар аз тавқи вафо бурдан наёрӣ чун ман, эй қумрӣ!
Ба ҳар манзил суруди ишқ таъсири дигар дорад,
Ту дар гулшан навосозию ман дар гулхан, эй қумрӣ!
Гирифторам ба нахли қадди нилуфарқабо шӯхе,
На фикри сарв дорам, не хаёли савсан, эй қумрӣ!
Ту маҳви ҷилваи сарвӣ, куҷо шуд булбулу ку гул?
Ба ёди рафтагони ин чаман ҳӯе зан, эй қумрӣ!
Ту бо тавқи вафо нозию ман бо дидаи гирён,
Туро гул дар гиребону маро дар доман, эй қумрӣ!
Макун таклифи гулгашти чаман он қадди мавзунро,
Таҳаммул кун, шукӯҳи сарви худро машкан, эй қумрӣ!
Амирӣ, комрон дар сояи сарви равон гардӣ,
Тавонӣ ёд кардан ин ғазалро аз ман, эй қумрӣ!
147
Агар сарви ту бинад сарви озоди ман, эй қумрӣ!
Ниҳад тавқи ту баҳри бандагӣ дар гардан, эй қумрӣ!
Машав ғофил зи шавқи булбулон дар ишқ варзидан,
Ки аз сарви ту навхат менамояд гулшан, эй қумрӣ!
Дар ин гулзор бе он сарв ҳар нахле, ки мебинам,
Намояд дар назар монанди дуди гулхан, эй қумрӣ!
Ту маъво кардаӣ бар фарқи сарву ман ба пои ӯ,
Намегирӣ чаро таълими одоб аз ман, эй қумрӣ?!

Ту ҳам чун ман кунун «ку сарву ку шамшод» мегӯӣ,
Ба ку-ку рафт аз худ оламе з-ин маъман, эй қумрӣ!
Ба нахли қомати нозофаринон нисбате дорад,
Ҳамин ҳусн аст бо сират, вале дил бурдан, эй қумрӣ!
Амири кишвари ишқам, баҳори гулшани дардам,
Макун чун андалебон дар паси ман шеван, эй қумрӣ!

148

Гирифтӣ ҳамчу хат з-он лаъли нӯшин шаккар, эй тӯтӣ!
Ки Хизросо либоси сабз дорӣ дар бар, эй тӯтӣ!
Ба гулзори ҷамоли ёр даври сабзаи хат шуд,
Ту акнун ҷамъ кун аз бӯстон болу пар, эй тӯтӣ!
Ту сайри Ҳинд кун, ман дар саводи хат ватан дорам,
Ки лаъли ёр бошад аз шакар ширинтар, эй тӯтӣ!
Ба ёди лаъли ноби ёр гар чун ман на хун хӯрдӣ,
Чаро минқор кардӣ ҳамчу ёқут аҳмар, эй тӯтӣ?!
Сухан пардохтӣ аз лаъли ширину хати сабзаш,
Ки гаштӣ лаълминқору зумуррадпайкар, эй тӯтӣ!
Гирифтори хати он сабзи ширин гар наӣ чун ман,
Чаро гаштӣ ту дар банди қафас мушти пар, эй тӯтӣ!?
Макун тақлиди гуфтори Амиру килки дурбораш,
Ки натвонӣ фишондан дар такаллум гавҳар, эй тӯтӣ!

## МУХАММАСҲО

### Мухаммас бар ғазали Соиб

Хаёли оразат аз дил барад фикри тасаллиро,
Нашуд рамзи такаллум дар ҷаҳон арбоби маъниро,
Ки ҷонбахши лабат ботил кунад эъҷози Исиро,
«Сафои соидат нилӣ шуморад дасти Мӯсиро,
Баногӯши ту созад тоза имони таҷаллиро».

Чӣ мазмун дошт, ё Раб, сарбаёзи номаи қосид?
Ки ақлам бар ҷунун зад дар ҳавои ҷилваи шоҳид,
Муҳаббат файзҳо дорад, ки ин ҷо ғофил аст обид,

«Тариқи ақлро бар ишқ раҷҳон медиҳад зоҳид,
Асояш беҳтар аз сад шамъ кофур аст аъмиро».

Маро дар хоку хун афканд чашми масти фаттонаш,
Ба дил парвардаам умре ҳавои захми пайконаш,
Фарангизода, динбегона, абрӯи камонхонаш,
«Ба чандин сӯзану алмос ҳайрон аст мижгонаш,
Ки аз пои кӣ берун оварад хори таманниро?»

Муҳаббатпешаро сӯи ту майле мешавад, в-арна
Хароб аз шӯхии ҳусни таҷаллӣ мешавад, в-арна
Агар ёбад касе васлаш, туфайлӣ мешавад, в-арна
«Ба андак нисбате ошиқ тасаллӣ мешавад, в-арна
Ба оҳу нисбати дурест чашми шӯхи Лайлиро».

Ғубори ман чу субҳ аз ҳар тараф саъйи ҳавас дорад,
Ки бар домони он хуршеди тобон дастрас дорад,
Фиғону нолаам дар гӯш овози ҷарас дорад,
«Таваҷҷуҳ бештар аз ошиқон бо булҳавас дорад,
Каримон дӯсттар доранд меҳмони туфайлиро».

Чӣ мепурсӣ зи аҳволи мани маҳзуни саргардон?
Зи дасти хубрӯён дил ба ғоратдодаи ҳиҷрон,
Ба сад меҳнат расондам хешро дар кӯи он ҷонон,
«Биҳамдуллоҳ, намурдем он қадар, к-аз гардиши даврон,
Қадаҳ дар дасту мино дар бағал дидем тақвиро».

Ба ҳар сӯ меравам ному нишони худ намедонам,
Чу мурғи бе пару бол ошёни худ намедонам,
Ба ғоратрафтаи ишқам, фиғони худ намедонам,
«Хуморолудаам, суду зиёни худ намедонам,
Ба як паймона савдо мекунам дунёву уқбиро»

Чӣ мепурсӣ зи шавқи интизори нолаи маҳзун?
Манам дар ҳифзи Халлоқе, ки ҳаст Ӯ Қодири бечун,
Гаҳе дар кӯҳ меноливу гаҳ дар домани ҳомун,

«Гар аз ишқи ҳақиқӣ ҳаст дарде дар сар, эй Маҷнун,
Ба чашми ошиқон машкан хумори чашми Лайлиро».

Зи девони сухан гар бишнавад ҳангомаи Соиб,
Барад боди сабо бар кӯи ҷонон номаи Соиб,
Амир, аз баҳр меорад гуҳар алломаи Соиб,
«Дар он кишвар, ки гардад гавҳарафшон хомаи Соиб,
Раги абри баҳорон тай кунад тӯмори даъвиро».

**Мухаммас бар ғазали Бедил**

Умрест  чун боди сабо дорам суроғи гулшанат,
Оворае чун бӯи гул дар орзуи масканат,
Мавҷи гуҳар сар дар қадам аз ҷустуҷӯи маъданат,
«Эй парфишон чун бӯи гул берангӣ аз пироҳанат,
Анқо шавам то гарди ман ёбад суроғи доманат».

Бо инбисоти нуҳ фалак изҳор кардӣ аз адам,
Килки қазо тасвир зад бар ҳастии Одам рақам,
Назми таъаюн дар ҷаҳон тасвир кардӣ бе рақам,
«Бо сад ҳудуси кайфу кам аз мазраи нози қадам,
Як реша бар шӯхӣ назад тухми ду олам хирманат».

Баҳси ду олам моҷаро як фард аз тавҷеҳи ту,
Шуд чашми ғафлатпешагон  бедор аз танбеҳи ту,
Тақдис дар боғи ҷаҳон гул карда аз тавзеҳи ту,
«Танзия сад шабнам ҳаё парварда дар ташбеҳи ту,
Ҷон сад арақ оби бақо гулкарда алтофи танат».

Эй партави ҳусни туро оина шуд дунёву дин,
Саргаштаи шавқи туро мулки Сулаймон дар нигин,
Дорад фалак аз меҳру маҳ доғи ғуломӣ дар ҷабин,
«Дар водии шавқи яқин сад Тури Мӯсоофарин,
Хокистари парвонае маҳви чароғи Айманат».

Дорад гулистон рангубӯ аз ҷилваи раънои ят,
Халқе зи ҳастӣ то адам девонаи савдоият,
Хобонда халқеро ба хун афсуни бепарвоият,
«Таҷдиди нозошуфтаи ранги либосороият,
Бе пардагӣ девонаи тарҳи ниқоб афкандана т».

Бе санъати изҳори ту, эй Подшоҳи Ламязал,
Номи абад, исми азал аз килки сунъат як ғазал,
Имрӯз файзи ҷилваат пӯшида ар чашми базал,
Дар навбаҳори Ламязал ҷӯшида аз боғи азал,
Нуҳ осмон гул дар бағал як барги сабзи гулшанат».

Андешаи сад зуфунун, дар ядди қудрат шуд забун,
Умрест бо қадди нагун не сабр дорад, не сакун,
Нуҳ тоқи  чархи нилгун истода ин ҷо бесутун,
«Дилро ба ҳайрат кард хун, бар ақл зад барқи ҷунун,
Шӯри ду олам кофу нун як лаб ба ҳарф оварданат».

Худ ошиқи ҳусни худӣ бар шавқи худ пӯшидаӣ,
Аз мазҳари кавну макон чун бӯи гул ҷӯшидаӣ,
Пеш аз азал ҷоми бақо аз дасти худ нӯшидаӣ,
«Ҳар ҷо бурун ҷӯшидаӣ, худро зи худ пӯшидаӣ,
Дар нури шамъат музмаҳил фонусии пироҳанат».

Аз доғи савдои ту дил дорад дусад ганҷинаҳо,
Зуррот пайдо мекунад шавқи туро дар синаҳо,
Меҳри рухат пардохта аз сина ранги кинаҳо,
«Ҷӯши муҳити Кибриё бар қатра зад оинаҳо,
Моро ба мо кард ошно ҳангомаи мову манат».

Дорам умед аз даргаҳат, эй довари фарёдрас,
Гӯяд чӣ сон ҳамди туро ин бенавои ҳеҷкас?
Дар маҳмили шавқи ту дил фарёд дорад чун ҷарас,
«Не ишқ донам, не ҳавас, шавқи туам сармоя бас,
Эй субҳи як олам нафас, андешаи дил масканат».

Девонаи шавқи ту дил, дорад суроғат кӯ ба кӯ,
Лекин нишони манзилат пайдо нашуд аз ҳеҷ сӯ,
Ҳам зоҳиру ҳам ботини доғам, Амир, аз ҷустуҷӯ,
«Ҳусни ҳақиқат рӯ ба рӯ, саъйи фузул оинахӯ,
Бедил, чӣ пардозад, бигӯ, эй ёфтанҳо ҷустанат».

**Мухаммас бар ғазали Бедил**

То либоси зиндагонӣ ҳамчу шамъам дар бар аст,
Доғ бар дил, об бар лаб, дуди савдо дар сар аст,
Рӯҳи пок аз улфати ҳастӣ касофатовар аст,
«То нафас боқист дар дил ранги кулфат мизмар аст,
Оби ин оинаҳо яксар кудуратпарвар аст».

Ҳар кӣ мебинам дар ин хумхона масти орзуст,
Оламе аз бебарӣ ғафлатпарасти орзуст,
То зи қонуни гирифторӣ ба дасти орзуст,
«Този озодӣ ҳамин гарди шикасти орзуст,
Ҳар қадар осуда гардад ранг сомони тар аст».

Ошиқонро бо баду неки ду олам кор нест,
Зурваи иқболи моро пастии идбор нест,
Арсаи ҳайронияст ин ҷо, ғами ағёр нест,
«Дар тилисми ҳайрати мо ҳеҷ касро бор нест,
Чашми қурбонӣ камингоҳи хаёли дигар аст».

Дар сухан онҳо, ки мекоҳанд аз бедонишӣ,
Ҷумла боби марг н-огоҳанд аз бедонишӣ,
Роҳат аз офат ҳамехоҳанд аз бедонишӣ,
«Аҳли дунё ошиқи ҷоҳанд аз бедонишӣ,
Оташи сӯзон ба чашми кӯдаки нодон зар аст».

Ҳарфи некӯ аз лаби ҳар кас, ки сар бар мезанад,
З-эътибори ғута андар мавҷи гавҳар мезанад,
Ном аз оворагиҳо санг бар сар мезанад,

«Мавҷи шуҳрат бар камини хомӯшӣ пар мезанад,
Мисраъи барҷаста оҳанге зи тори мистар аст».

Худфурӯши халқро аз хеш ғофил мекунад,
Қуввати идрокро аз табъ зоил мекунад,
Ақлро касби сухан дар фаҳм комил мекунад,
«Ҷӯши дониш иқтизои софии дил мекунад,
Хонаи оинаро ҷорӯб зулфи ҷавҳар аст».

Расми дил аз бедилони водии савдо мапурс,
Аз Амири ишқ шону шавкати дунё мапурс,
Пешаи ин қатраи хуни ҳавасфарсо мапурс,
«Бедил, аз ҳоли дили кулфатнасиби мо мапурс,
Вой, бар оина, к-он аз нафас равшангар аст».

**Мухаммас бар ғазали Мушфиқӣ**

Дили дорам, ки шуд аз дидани рухсори некӯят,
Ба сад шеван асири ҳалқаи занҷири гесӯят,
Гирифторам, чӣ сон рӯи талаб баргирам аз сӯят?
«Саре дорам ба саҷда дар ҳарими каъбаи кӯят,
Ҷиҳатмандам ба қибла аз хаёли тоқи абрӯят».

Ба Мисри ноз шуд то шуълаи ҳусни ту барқафкан,
Ба Канъони ғамат чун шамъ кардам дуди дил хирман,
Барояд меҳри тобонат зи субҳи интизори ман,
«Агар аз бӯи Юсуф дидаи Яъқуб шуд равшан,
Чу Яъқуб ин замон он чашм дорад Юсуф аз бӯят».

Шудам дар бурёи факр пинҳон аз тиҳидастӣ,
Чу дарвеше, ки гардад зору   урён аз тиҳидастӣ,
Нашуд равшан саводи шоми ҳиҷрон аз тиҳидастӣ,
«Ба сад дил моилам, эй сарви ҳайрон, аз тиҳидастӣ,
Ба сад ҷон дар ҳаворӣ моҳи ман шарманда аз рӯят»

Ҳавои оразат аз аз дил барорад кулфату ғамро,
Ба домони муруввaт пок созад дидаи намро,
Барафшондӣ зи нозе симбар гесӯи пурхамро,
«Ба саъйи шона гар торик кардӣ чашми пурнамро,
Бувад чашми чароғи оламе аз ҳалқаи мӯят».

Чу шамъам дуди савдои ту дар дил мекунад манзил,
Амирӣ ҳам намеарзад ба накди доғи ин маҳфил,
Зи ҳоли зори нокомони шавқат нестӣ ғофил,
«Надорад, Мушфиқӣ, он ҳад, ки ҷӯяд аз ту коми дил,
Ту медонӣ, ки бошад нуктадон лаъли сухангӯят».

### Мухаммас бар ғазали Шӯхӣ

Боз андуҳе ба ҷони нотавони мо расид,
Новаки ҳасрат ба мағзи устухони мо расид,
Заъф  чун бар он маҳи номеҳрубони мо расид,
«Аз сипеҳри бемурувват ғам ба ҷони мо расид,
Ин камонро тир-ш охир бар нишони мо расид».

Хуррам он, к-аз ҷоми хомӯшӣ лабе саршор сохт,
Ғунча аз хандидане тарки сару дастор сохт,
Шамъро оташзабониҳо ба куштан дор сохт,
«Поймоли даҳр моро ҷавҳари гуфтор сохт,
Бар сари мо оқибат теғи забони мо расид».

Муддате дар маҳфили мо буд он моҳи ҳабиб,
Доштам аз бодаи ҷоми висоли ӯ насиб,
Рафт аз шӯхӣ ба рағми мо асирони ғариб,
«Бемуҳобо, имшаб он бераҳм дар базми рақиб,
Он қадар бinшаст, то гардун фиғони мо расид».

Чун кабоб аз дидаи мо меравад хуноби ашк,
То ба кай бар оташи дилҳо фишонем оби ашк?
Кулбаи эҳзон зи ҷӯши гиря шуд гирдоби ашк,

«Дар замин чандон чакид аз дидаҳо селоби ашк,
Мавҷаи хуноби ҳасрат то миёни мо расид».

Суҳбати зоҳид дили бедори моро мурда сохт,
Ғунчаи боғи муҳаббатро гули пажмурда сохт,
Табъи моро гуфтугӯи сарди ӯ озурда сохт,
«Панди носеҳ доғҳои синаро афсурда сохт,
Офати боди хазон бар гулистони мо расид».

Вақти он омад, ки рӯ бар водии ҳирмон ниҳем,
Дар биёбон рӯй чун Маҷнуни саргардон ниҳем,
Эй Амир, аз давр то кай неши ғам бар ҷон ниҳем?
«Чанд Шӯхӣ, аз таҳаммул бар ҷигар дандон ниҳем,
Теғи бедоди фалак бар устухони мо расид.»

**Мухаммас бар ғазали Шӯхӣ**

Шӯхе, ки рабудаст дил аз мо, ба кӣ монад?
Чун ӯ набувад ҳури дилоро, ба кӣ монад?
Дар ҳусн малеҳ аст саропо, ба кӣ монад?
«Он шоҳиди тарсобача, оё ба кӣ монад?
Гар он ки намонад ба Масеҳо, ба кӣ монад?»

Он кист, ки дар ҳайрати ин оинарӯ нест?
Кас нест, ки дилбаста ба он ҳалқаи мӯ нест,
Дар даҳр ба сони рухи ӯ ҳеҷ накӯ нест,
«Бо моҳ намемонаду хуршед чу ӯ нест,
Ин ғайрати хуршеду маҳ ,оё ба кӣ монад?»

Шӯхе, ки диҳад хатти рухаш маънии сармад,
Дар Мисри тақаддус зада авранги муҷаддад,
Як ҳарфи лабаш мӯҷиби сад умри муайяд,
«На Юсуфи Мисрист, на Исии муҷаррад,
Анвоъи башар нест, Худоё, ба кӣ монад?»

Он рӯз, ки сарви қади дилҷӯи ту орост,
Аз зевари фирдавс ба сад ранг биёрост,
Ошӯби қиёмат зи нигоҳи ту ҳувайдост,
«Гуфтам, ки зи чашмони ту сад фитнаву ғавғост,
Бархост паи рақс, ки боло ба кӣ монад?»

То ҳаст Амир аз асари хеш нишонам,
Дар чорсӯи ишқ, ки ҳар сӯ гузаронам,
Умрест, ки савдоии шириндаҳанонам,
«Дил ҳар нафасам дар кафи Шӯхист, надонам,
Ин қалби азим охири савдо ба кӣ монад?»

### Мухаммас бар ғазали Шӯхӣ

Дилам дур аз ту андар кӯи ҳирмон то ба чанд афтад?
Гузорат, кош, як раҳ ҷониби ин мустаманд афтад,
Ба меҳнат ту амон додиву ҳасрат бар сипанд афтад,
«Сари ҳар кас, ки дар болини шавқаш дардманд афтад,
Масеҳо рӯ ба хоки пояш аз чархи баланд афтад».

Кафи хоки ҳавопарвардаи роҳатгусил дорам,
Чу шабнам қатрае аз рӯи ҳастӣ мунфаил дорам,
Зи ҷӯши ашку гарди нола рабти обу гил дорам,
«Чунин к-аз ҳамдамон дарди ҷудоиҳо ба дил дорам,
Сазад чун най фиғон дар устухонам банд-банд афтад».

Киям ман? Хомаи ҳасратсарири яъсро ноле,
Ба авроқи вуҷудам ҷуз харобӣ нест ирсоле,
Шикастам ранги худдориву аз ҳасрат задам фоле,
«Ба дил гуфтам ба зери чархи гардун бо чӣ аҳволе,
Ҷавобам дод миное, ки аз тоқи баланд афтад».

Ба ғайр аз дурии дидор аз ҷонон намебинам,
Шаби зулматсиришти ҳаҷрро поён намебинам,
Маризам, беҳтар аз дарду алам дармон намебинам,

«Қабули хотираш аҳволи бедардон намебинам,
Супурдам тан ба беморӣ, табибамро писанд афтад».

Назокаҳост дар андешаи он қомати мавзун,
Ба фармони Амири ишқ дорам фикри ин мазмун,
Сарафрозӣ бидеҳ аз сақфи хокам то сари гардун,
«Расон афсонаи мушти ғуборам Шӯхии маҳзун,
Ғуборат, эй сабо, бар хоки Шайдои Хуҷанд афтад».

**Мухаммас бар ғазали Бедил**

Он парипайкар надорад майли улфат бо манаш,
Рафт чун ранги ҳино охир зи дастам доманаш,
Кай бувад бе васли ҷонон ҷони ошиқ дар танаш,
«Дил ба ҳиҷрон сабр кард, аммо фузун шуд шеванаш
Хуни тоқат рехт дандон бар ҷигар афшурданаш».

Нахли теғатро агар аз дуди ман обаш диҳанд,
Аз гули захми намакфарсуди ман обаш диҳанд,
Сӯхтам, к-и шуъларо аз рӯди ман обаш диҳанд,
«Мазраъе, к-аз ашки дардолуди ман обаш диҳанд,
Нола хезад чун сипанд аз донаҳои хирманаш».

Он тағофулпеша бо фарёди кас накшуд чашм,
Корвони ноз аз бонги ҷарас накшуд чашм,
Андалеби дил ба рӯи хору хас накшуд чашм,
«Як нигаҳ беш аз шарори ман ҳавас накшуд чашм,
Оламеро кард пинҳон гарди аз худ рафтанаш».

Эй зи савдои висолат мояаам бе ҳосил аст,
Халқро дар водии шавқат таманно маҳмил аст,
Дар саводи сунбулат аз шӯри дилҳо маҳфил аст,
«Ҳар хаме з-он зулфи мушкин тоқи минои дил аст,
Шонаро дасти тасарруф дур бод аз доманаш».

Он кӣ чашми комронӣ мекунад бар оразаш,
Зулфи мушкин соябонӣ мекунад бар оразаш,
Дил тамошои ниҳонӣ мекунад бар оразаш,
«Ҷунбиши мижгон гаронӣ мекунад бар оразаш,
Сояи гесӯ кабудӣ мерасонад бар танаш».

Ишқ дар мулки ҳақиқат тарки даъво кардан аст,
Бе нигаҳ рухсори хубонро тамошо кардан аст,
Шеваи маҳбуб изҳори таманно кардан аст,
«Накди ошиқ аз ду олам тарки савдо кардан аст,
Чун нигаҳ рабте надорад дил ба домон бастанаш».

Он кӣ Маҷнуни ту шуд,  дорад дар ин водӣ чӣ кор?
Бастаи занҷири савдоро ба озодӣ чӣ кор?
Ошиқонро дар муҳаббат бо ғаму шодӣ чӣ кор?
«Ишқро бо хонапардозони ободӣ чӣ кор?
Кардаанд ин ганҷ аз дилҳои вайрон масканаш».

Дил асири турраи ӯ гашт, аммо нек кард,
Аз ғами мӯи миёнаш хешро борик кард,
Хизр дар зулмат ба оби зиндагӣ наздик кард,
«Хатти мушкине, ки дар чашми ҷаҳон торик кард,
Сурма дорад чашми хуршед аз суроғи доманаш».

Бар сари мижгони худ чун ашк кардам ҷои дил,
Бар сари кӯи ту мехоҳам, ки лағжад пои дил,
Боли бисмил мезанад аз ҳар тараф савдои дил,
«Бармадор, эй ҷустуҷӯ, даст аз тапиданҳои дил,
Ин ҷарас роҳе ба манзил мекушояд шеванаш».

Ҳеҷ кас савдоии бозори  матлабҳо мабод,
Бехудӣ самоядори  кори матлабҳо мабод,
Ҳайрати мо монеъи дидори  матлабҳо мабод,
«Нотавонӣ пардаи изҳори  матлабҳо мабод,
Нола гоҳи аҷз мегардад нигаҳпироҳанаш».

Нағмапардози наи килкам, Амир, овози кист?
Ишқ дар қонуни ҳайрат пардадори рози кист?
Ин наво дар чанги пирӣ, месароям, сози кист?
«Қомати хамгашта, Бедил, илтифоти нози кист?
Ҳамчу абри гӯшаи чашмест бар ҳоли манаш»

**Мухаммас бар ғазали Бедил**

Он парисимо, ки шуд бо ёфтан гум карданаш,
Дорад оҳанги тағофул рам зи мардум карданаш,
Дил ба хун меғалтад аз ёди тараннум карданаш,
«Об аз ёқут мерезад такаллум карданаш,
Ҷайби гавҳар медарад завқи табассум карданаш».

Шеваи он дилфиребӣ мо ба ғайр аз ҷавр нест,
Дидани рӯи рақиби мо ба ғайр аз ҷавр нест,
Қисмати ҳоли ғариби мо ба ғайр аз ҷавр нест,
«З-он ситампиро насиби мо ба ғайр аз ҷавр нест,
Кист,  ё Раб, то бувад боби тараҳҳум карданаш?».

Аз ҷамоли ӯ, на танҳо дидаи мо равшан аст,
Аз хазизи хок то авҷи сурайё равшан аст,
Қатраҳои шабнами ашке, ки ҳар ҷо равшан аст,
«Дар арақ он чеҳраи хуршедсимо равшан аст,
Барқи чандин шуъла вақфи кишти анҷум карданаш».

Барқҷавлоне, ки натвон дид ӯро ҷуз ба хоб,
Ғамзааш аз куштани ошиқ надорад иҷтиноб,
Дар инонаш медавад пайваста моҳу офтоб,
«Турки ман метозад, ошӯби қиёмат дар рикоб,
Нест бок аз хоки раҳ дар чашми мардум карданаш».

Аз рухи соқӣ надорам ёд ҷуз таърифи шавқ,
Кардаам аз сабзаи пушти лабаш таснифи шавқ,
Медиҳад ҷоми шаробу мекунад таклифи шавқ,

«Бандаи пири хароботам, ки аз таълифи шавқ,
Як ҷаҳон дил ҷамъ кард ангур дар хум карданаш».

Панди воиз машнав, ин афсонаҳо хоб оварад,
Суҳбати ӯ дар бинои ишқ селоб оварад,
Аз куҷо дил бо насиҳатҳои ӯ тоб оварад?
«Дар вузӯ зоҳид чу туфон бар сари об оварад,
Менишонад хокро дар хун таяммум карданаш».

Фикри худ кун, дил ба даст овар зи асбоби маош,
Рав, зи лавҳи сина нақши орзуҳоро тарош,
Домани осудагӣ аз каф наёяд аз талош,
«Дил агар ҷамъ аст, гӯ, олам парешонҷилва бош,
Гавҳар осудаст дар баҳр аз талотум карданаш».

Фикри фардо кун, ки нақди хуррамӣ имрӯз нест,
Ризқ мақсум аст, бешию камӣ имрӯз нест,
Мазраъи мақсуди моро бенамӣ имрӯз нест,
«Дар паи рӯзӣ талоши одамӣ имрӯз нест,
Аз азал овора дорад фикри гандум карданаш».

Зиндагонӣ мояи роҳат надорад аз ҳавас,
Метавон донист аз мазмуни фарёди ҷарас,
То нафас боқист осоиш надорад ҳеҷ кас,
«Кулфати ҳастӣ тапишҳо сӯхт дар набзи нафас,
Риштаи ин соз хун шуд аз тараннум карданаш».

Истиқомат дар ҷаҳон фикри маҳоле беш нест,
Акс дар оина ҷуз гарди мисоле беш нест,
Ҳастии мавҳум ғайр аз инфиъоле беш нест,
«Чун саҳар шӯри нафас гарди хаёле беш нест,
То ба кай оинаи ҳастӣ таваҳҳум карданаш?»

Сина чун хун гашт, рози дил нуҳуфтан офат аст,
Тангдилро гавҳари асрор суфтан  офат аст,
Ғунчаро ҳарф аз нишоти ханда гуфтан офат аст,

«Бар дили озурда тамҳиди шукуфтан офат аст,
Ҷом дар хун мезанад захм аз табассум карданаш».

Хушдилам, аз қулзуми чашмам кашад сар мавҷи ашк,
Дорад аз баҳри Амири ишқ гавҳар мавҷи ашк,
Дар ғамаш охир ба тӯфон шуд баробар мавҷи ашк,
« Бе лаби дилдор Бедил ғута зад дар мавҷи ашк,
Оқибат гум кард дар дарё гуҳар гум карданаш».

**Мухаммас бар ғазали Бедил**

Диле дорам асири ҳалқаи занҷири гесӯяш,
Худоё, дур дор ин шона даст аз домани мӯяш,
Мабод озурда гардад сафҳаи рухсори некӯяш,
«Сабо, эй пайки муштоқон, қадам фаҳмида неҳ сӯяш,
Ки рангам мебарад гар метапад гард аз сари кӯяш».

Дилам сад захм аз мижгони он ҷаллод бардорад,
Чу нахҷире, ки  ранҷи новаки сайёд бардорад,
Ҳамон беҳтар, ки бори меҳнати бедод бардорад,
«Шикасти дидаи дил то куҷо фарёд бардорад?
Тағофул рафт бар тоқи баланди чини абрӯяш».

Чу тифли ашк то дар хоки кӯят манзиле дорам,
Ҷабини дар суҷуди остонат моиле дорам,
Ба хун ғалтида аз шамшери ҳасрат бисмиле дорам,
«Баҳоролуд найранги таманноят, диле дорам,
Ки гар сайри гуле дар хотир афтад, мекунам бӯяш».

Чунон он шӯхи саркаш бо тағофул мекунад доғам,
Ки бар ҷои сиришк аз чашм бар гул мекунад доғам,
Куҷо омадшуди гул чини булбул мекунад доғам?
«Дар ин боғ иттифоқи шабнами гул мекунад доғам,
Нигоҳам кош сомони арақ мекард бар рӯяш».

Чӣ кулфатҳо зи дасти ишқи хубон мекашам, Бедил?
Амири ишқаму андуҳи ҷонон мекашам, Бедил,
Ба ранги соя аз хуршед домон мекашам, Бедил,
«Ба васл аз нотавонӣ ранҷи ҳиҷрон мекашам, Бедил,
Надорам он қадар ҷуръат, ки чашме во кунам сӯяш».

**Мухаммас бар ғазали Соиб**

Дидам ба боғ он гули худрӯ  ба як тараф,
Як сӯй сарву он қади дилҷӯ ба як тараф,
Дар гулшане, ки ҷилва  кунад ӯ ба як тараф,
«Гулҳо тамом як тараф, он рӯ ба як тараф,
Чину Хито ба як тараф, он мӯ ба як тараф».

Ҳар дил, ки дар салосили он зулф мубталост,
Чун гирдбод вазъи парешонияш баҷост,
Гарде, ки шуд баланд аз он ҷо, зи ҳам ҷудост,
«Дар водие, ки Лайлии бегонахӯи мост,
Маҷнун равад ба як тараф, оҳу ба як тараф».

Шӯхе, ки мезудуд кудурот аз замир,
Аз акси меҳри талъаташ оина шуд мунир,
Дар сайдгоҳи ишқ яке тоири асир,
«Бинмо нишонае, чӣ кунад бо ҳазор тир?
Дил як тараф, ҳазор парирӯ ба як тараф».

Эй аз инояти ту ҷаҳон маҳви илтифот,
Оинаи камоли ту як рӯ ба шаш ҷиҳот,
Набвад сифоти лутфи ту махсуси ҳеҷ зот,
«Ом аст файзи ишқ ба зурроти коинот,
Ҳошо ки офтоб кунад рӯ ба як тараф».

Ку мояе, ки дорамаш аз гулрухон дареғ?
Ҷонро надошт ошиқи маҳзун аз он дареғ,
Чун рофати Амир зи аҳли замон дареғ,

«Соиб мадор файзи худ аз ташнагон дареғ,
Ин об то нарафта аз ин ҷӯ ба як тараф».

**Мухаммас бар ғазали Ҷомӣ**

Дар тазаллум шуд сари мо бар дари шоҳ аз фироқ,
Юсуфи иқболи мо афтода дар чоҳ аз фироқ,
Дасти мо аз домани васл аст кӯтоҳ аз фироқ,
«Рӯзи моро сохт чун шаб тира он моҳ аз фироқ,
Чанд сӯзам аз фироқ? Оҳ, аз фироқ, оҳ аз фироқ».

Дар назар имрӯз то он себғабғаб меравад,
Ошиқонро аз ҷигар фарёди «ё Раб» меравад,
Тоби оҳи мо ба гардун аз раҳи таб меравад,
«Огаҳанд аз моҳ то моҳӣ, ки ҳар шаб меравад,
Оби чашми мо ба моҳӣ, оҳ то моҳ аз фироқ».

Дорам умеде, ки рӯи ӯ бубинам филмасал,
Васл хоҳам, лек метарсам зи марги бемаҳал,
Гар наёбад аз аҷал бунёди умри ман халал,
«Васли ҷонон шоядам рӯзӣ шавад пеш аз аҷал,
Як-ду рӯз, эй ҷони ғамдида, амон хоҳ аз фироқ».

Гарчи дур афтодаем аз қиблаи абрӯи дӯст,
Маҳрами базми висолам аз хаёли рӯи дӯст,
Мерасонад бод ҳар соат насими бӯи дӯст,
«Меҳнати дурӣ мапурс аз сокинони кӯи дӯст,
Нозпарварди висол охир чӣ огоҳ аз фироқ?»

Чанд рӯзе шуд, ки дурам аз висоқи базми васл,
Шамъсон дорам ба мурдан иштиёқи базми васл,
Талх шуд аз бодаи ҳиҷрон мазоқи базми васл,
«То ба кай сарришта гардам аз фироқи базми васл?
Нур деҳ як лаҳза то берун барам роҳ аз фироқ».

Оқибат дар ошиқӣ моро муҳаббат зор кушт,
Гоҳ андуҳи рақибу гоҳ нози ёр кушт,
Булбулонро дар чаман аз дидани гул хор кушт,
«Рӯзи васли ёр моро ғайрати ағёр кушт,
Чун висол ин ваҳшат орад навҳашиллоҳ аз фироқ».

Бар сарам афтод, Амир, аз ишқи ӯ савдо чу кӯҳ,
Мекашам бори ситам аз мардуми дунё чу кӯҳ,
Рӯзи ғам дар домани тоқат кашидам по чу кӯҳ,
«Дар сабурӣ гарчи Ҷомӣ буд побарҷо чу кӯҳ,
Гардиши гардун ба бодаш дод чун коҳ аз фироқ».

**Мухаммаси мухтараъ**

Маҳви ӯ гаштему бо теғи хирад кардем ҳак,
Аз нуқуши меҳру маҳ то нуқтаи сулси самак,
Мегузорад мункарони аҳли олам рафъи шак,
То ғубор аз гардиши ранги ҷаҳон гирад фалак,
Бар тилои зард дорад шоми зулмонӣ маҳак.

Баски меболад ба кайфиёти ҳастӣ наргисаш,
Нест ғофил соате аз майпарастӣ наргисаш,
Дошт аз ширинлабон бо зердастӣ наргисаш,
Чун бибозад аз табассум ранги ҳастӣ наргисаш,
Нашъа кам бахшад шароберо, ки меафтад намак.

Гар туро аз дидаи ибратнамо оинаест,
Ҳар кафи хоке дар ин водӣ ҷудо оинаест,
Нозанинонро ба ҳар як нақши по оинаест,
Ҷилвагоҳи ҳусн бошад, ҳар куҷо оинаест,
Ҳамчу ашк аз қасри умрам дур бош, эй мардумак.

Он парипайкар, ки менӯшад маи ёқутфом,
Шӯхию бебокию мастист кораш субҳу шом,
Базми ӯро эҳтиёҷе нест бо миною ҷом,

Лаъли нобаш нуқлу чашмаш медиҳад соғар мудом,
Боданӯшӣ нест дар оини мастон бе газак.

Нест дилҳои ҳазинро аз ҳадаф гаштан гузир,
То зиҳи мижгон ба қавси нози абрӯ кард тир,
Дар назар дорам гуле з-он гулшани ҷаннатназир,
Дар бари гул сунбули печида мебинам, Амир,
То ниҳод он шӯх бар тарфи узори худ каҷак.

**Мухаммас бар ғазали Холис**

Қадашро бо дили худ ҷо намекардам, чӣ мекардам?
Ба ҷон нахли бало барпо намекардам, чӣ мекардам?
Ба бозори ҷунун ғавғо намекардам, чӣ мекардам?
«Зи ишқат гар ҷунун пайдо намекардам, чӣ мекардам?
Чу Маҷнун рӯй дар саҳро намекардам, чӣ мекардам?»

Ба ишратхона дарси мул намехондам, чӣ мехондам?
Фиғону нолаи булбул намехондам, чӣ мехондам?
Ман он зулфи каҷаш сунбул намехондам, чӣ мехондам?
«Чу булбул в-аз китоби гул намехондам, чӣ мехондам?
Хаёли он рухи зебо намекардам, чӣ мекардам?»

Туро дилдори симинбар намегуфтам, чӣ мегуфтам?
Ду зулфат мушку ҳам анбар намегуфтам, чӣ мегуфтам?
Зи баҳри васфи он дилбар намегуфтам, чӣ мегуфтам?
«Чу гул ҳарфи рухатро гар намегуфтам, чӣ мегуфтам?
Зи сӯзи ишқ гар иншо намекардам, чӣ мекардам?»

Ба ораз зулфи долашро намедидам, чӣ медидам?
Зи лаъли ёр холашро намедидам, чӣ медидам?
Ба хотир гар хаёлашро намедидам, чӣ медидам?
«Ба дил акси ҷамолашро намедидам, чӣ медидам?
Ки ин оинаро пайдо намекардам, чӣ мекардам?»

Гирифтори қади мавзун намебудам, чӣ мебудам?
Хумори он лаби майгун намебудам, чӣ мебудам?
Амир, аз ҷаври ӯ дилхун намебудам, чӣ мебудам?
«Барои ишқ агар Маҷнун намебудам, чӣ мебудам?
Чу Холис хешро расво намекардам, чӣ мекардам?»

### Мухаммас бар ғазали Бедил

Агар бар домани он шӯх рӯи зардро монам,
Ба нӯги остин афшонад аз худ гардро монам,
Зи яъси орзуҳо табъи ғампарвардро монам,
«Далели корвони ашкам, оҳи сардро монам,
Асарпарварди доғам, ашки соҳибдардро монам».

Рамидан аз таалluқ он қадар мушкил намебошад,
Зи худ рафтан ба фикри ҷодаву манзил намебошад,
Ҷунуни корвони шавқро маҳмил намебошад,
«Рафиқи ваҳшати ман доғҳо дар дил намебошад,
Дар ин ғурбатсаро хуршеди танҳогардро монам».

Ғуборам дар ҳавои каҷкулоҳе мекунам ҷавлон,
Сабуксайрам, ба имдоди нигоҳе мекунам ҷавлон,
Ба ҳар  вомондагӣ дар кӯи моҳе мекунам ҷавлон,
«Шикаста рангаму бар дӯши оҳе мекунам ҷавлон,
Дар ин дашт аз заифӣ коҳи бодовардро монам».

Ғубори бенишони домани саҳрои имконам,
Хаёле дар назар дорам, ба фикри хеш ҳайронам,
Ба ин сармоя дар ишқат чӣ хоҳад буд сомонам?
«На ашки зеби мижгонам, на оҳи пайки афғонам,
Тапиданҳо намедонам, дили бедардро монам».

Надорам ғайри доғи лоларухсорон ғами дигар,
Намехоҳад дили садпораи ман марҳами дигар,
Надорад ҷуз арақ боғи хиҷолат шабнами дигар,

«Ба ҳар мижгон задан ҷӯшидаам аз олами дигар,
Парешонрӯзгорам, ашки ғампарвардро монам».

Гули ин бӯстон аз ашки чашмам барги тар дорад,
Магар он сарв аз сайри чаман қатъи назар дорад?
На гул ороише, на нолаи булбул асар дорад,
«Баҳори обрӯям сад хазон хиҷлат ба бар дорад,
Шукуфтан дар мизоҷам нест, ранги зардро монам».

Маро афканд берун шавқи сурат аз дили маънӣ,
Саропо чашми ҳайрони туам аз маҳфили маънӣ,
Надонам ҷуз тапидан, сӯхтан аз ҳосили маънӣ,
«На доғам қобили маънӣ, на лафзам моили маънӣ,
Бисоторои ваҳмам, каъбатайни нардро монам».

Ба ҳастӣ ҷуз пушаймонӣ набошад ҳосили корам,
Зи лофи зиндагӣ хиҷлаткаши тамҳиди изҳорам,
Фузулӣ мекунам, аз табъи худ шармандагӣ дорам,
«Хиҷолатсарфи гуфторам, надоматвақфи кирдорам,
Саропо инфиолам, даъвии номардро монам».

Шудам хоку ҳавас аз носабурӣ барнамеояд,
Дили васлорзу аз дарди дурӣ барнамеояд,
Димоғи ҳуш ҳам аз бешуъурӣ барнамеояд,
«Тамизи халқ аз ташвиши кӯрӣ барнамеояд,
Ҳама гар сурмаҷӯшам, дар назарҳо гардро монам».

Ба чашмам з-ин чаман не ранг зоҳир шуд, на саббоғе,
Зи бахти тира дорам ошёне дар пари зоғе,
Барои чидани хоре равам дар гӯшаи боғе,
«Ба худ оташ занам, то гарм созам паҳлуи доғе,
Ки аз афсурдатабъиҳо танӯри сардро монам».

Амир, аз шеъри рангин тарҷумон медорадам, Бедил,
Магар оина баҳри имтиҳон медорадам, Бедил?
Ҷунуновора бар гирди ҷаҳон медорадам, Бедил,

«Фалак умрест дур аз дӯстон медорадам, Бедил,
Ба рӯйи саҳфаи офоқ байти фардро монам».

**Мухаммас бар ғазали Ҷомӣ**

Дорад зи оразат гули боғи ҷинон ҷунун,
Бурда ҷамолат аз дили некӯфанон фунун,
Нутқи ту дода бар лаби шаккарлабон лабун,
«Эй бо лаби ту тӯтии ширинзабон забун,
Карда аён зи панҷаи симинбарон бурун».

Аз дидани ҷамоли ту дилшод гаштаем,
Бо бандагии сарви ту озод гаштаем,
Фориғ зи дидани гулу шамшод гаштаем,
«Бо ҳусни илтифоти ту муътод гаштаем,
Аз мо макун убури тағофулкунон кунун».

Гӯяд маро рақиб ба он дар чӣ меравад?
Огаҳ наӣ, ки бо дили абтар чӣ меравад?
Аз мавҷи оби теғи ту бар сар чӣ меравад?
«Лабташна меравем зи ғамат гарчӣ меравад,
Бар рӯям аз ду дидаи пурхун аён уюн».

Дар водии хаёли ту ақлу ҷунун якест,
Бо ҳайрати мушоҳида ҷаҳлу фунун якест,
Дар панҷаи фироқ қавию забун якест,
«Дар мулки ишқ мансаби олию дун якест,
Некон намуда майл ба олӣ бад-он бидун».

Маҳви ҷамоли он бути ширинашамоилам,
Набвад дар ин бисот ба ҷуз ишқ ҳосилам,
Рӯяд гули вафои ту аз хоку аз гилам,
«Гар бишканӣ ба санги ситам ҳалқаи дилам,
Ҷуз гавҳари ниёз наёбӣ дар он дарун».

Андешаи висол гарат мерасад ба ёд,
Ҳайратнигоҳ бош дар ин арсаи давод,
Гар чеҳраи ҳузур биҷӯӣ аз ин савод,
«Хоҳӣ, дило, ба пой кунӣ хаймаи мурод,
З-он мӯ таноб соз, в-аз он қад ситон сутун».

Хоҳӣ, ки рози синаи ту гардад ошкор,
Дар маснади қабул нишинӣ Амирвор,
Аз даст домани хираду ҳуш вогузор,
«Ҷомӣ, саре ба олами девонагӣ барор,
Чун ишқ кард рояти фарзонагон нагун».

**Мухаммас бар ғазали Камол**

Нуктаи ишқ бувад барқфишон,
Ба дили ҳар кӣ расад сӯзад ҷон,
Аз рақибон натавон дошт ниҳон,
«Рози ишқат зи дил омад ба забон,
Меҳр аз зарра нуҳуфтан натавон».

Хирад аз кӯи ҷунун меояд,
Бохабар бош, ки чун меояд,
Ашкам аз дида бурун меояд,
«Гуфтӣ: Аз чашми ту хун меояд,
Ҳар чӣ меояд аз ӯ даргузарон».

Эй ҷамолат чу маҳ андар назар аст,
Ба каломи ту ҳаловат дигар аст,
Лаби хандони ту гулбарги тар аст,
«Даҳанат дидаму гуфтам шакар аст,
Гуфтамат ҳар чӣ хуш омад ба забон».

Монда дар чоҳи муҳаббат дили ман,
Аз занахдони ту ҳамчун Бежан,
Пеши рухсори ту хор аст суман,

«Лоф агар зад ба қадат сарви чаман,
Гӯяш инак гарав, инак майдон».

Эй Амири ҳашами мулки ҷамол,
Баҳри қатлам чу намудӣ эҳмол,
Набувад куштани ман бар ту вубол,
«Гуфтаӣ хуни ту резам чу Камол,
З-интизорам чӣ кашӣ? Бош бар он».

**Мухаммаси мухтараъ**

Зи бедодат шуд ,эй гул, ашку хун аз дидаам ҷорӣ,
Фикандам аз ҷафоят хешро дар бистари хорӣ,
Наметарсӣ зи Ҳақ, хӯят ҳамеша мардумозорӣ,
Гузаштӣ бар мани ғамдида аз роҳи ҷафокорӣ,
Бале, ту умриву бар умр кай бошад вафодорӣ?

Чу Маҷнун то задам кӯси ҷунун аз ҷӯшиши савдо,
Фикандам чокҳо аз бехудӣ дар домани саҳро,
Гаҳе мегирад аз домону гоҳе мекунад аз по,
Рақибе дар паи озори ҷони мост, вовайло,
Саги кӯи ту пайдо кард хӯи мардумозорӣ.

Раво набвад ба даври чашми ӯ ҷому сабӯ гуфтан,
Гулу сунбул нашояд пеши он рухсору мӯ гуфтан,
Ба аҳди ҳусни ӯ натвон ҳадиси рангубӯ гуфтан,
Хато бошад ба даври орази зулфайни ӯ гуфтан,
Сухан аз луъбатони чиниву аз мушки тоторӣ.

Шудам хоки дари он кӯю аз васлат набурдам пай,
Ба он ранге, ки Маҷнун фориғ аз Лайлӣ бувад дар ҳай,
Сазад тавфи мазори ман кунад зуҳҳод пай дар пай,
Қади ман Бесутун шуд аз ғами Ширинлабе дар вай,
Бувад ҳар гӯша аз сели сиришкам чашмаҳо ҷорӣ.

Зи худдорӣ ба ранги ғунча то кай баҳравар гардам?
Кунун мебоядам аз худнамоӣ дуртар гардам.
Чунин то чанд аз ҷӯши хуморе дарди сар гардам?
Бидеҳ, соқӣ, маи боқӣ, ки як дам бехабар гардам,
Ки ҷонам бар лаб омад аз такаллуфҳои ҳушёрӣ.

Чӣ сон гӯям зи лутфат бӯсае назри асирон кун,
Зи қаҳрат, ё ба хуни бедилон теғат гулафшон кун,
Намегӯяд, Амир, эй тундхӯ ин соз, ё он кун,
Ту хоҳӣ хуни ман резию хоҳӣ лутфу эҳсон кун,
Инони ихтиёри мо ба дасти туст, мухторӣ.

## Мухаммас бар ғазали Бедил

Зи чӣ рӯй, эй дили нотавон, ба харобаи бадан омадӣ,
Зи фарози равзаи Кибриё ба ҳазизи мулки тан омадӣ,
Зи чӣ рӯй аз чамани яқин ба ҷаҳони ваҳму занн омадӣ?
«Кӣ кашид домани фитратат, ки ба сайри мову ман омадӣ?
Ту баҳори олами дигарӣ, зи куҷо ба ин чаман омадӣ?»

Ба яке гумон, ки ниқоби дил нафаси ҳазини ту хуни дард,
Дами теғи нолаи пурасар чу шавад зи сина буруни дард,
Насазад ҳарири шуъурро, ки тағофулат ба фусуни дард,
«Саҳари ҳадиқаи огаҳӣ ситам аст ҷайби даруни дард,
Чӣ ҳаво бипарварад оташат, ки буруни пираҳан омадӣ».

Чу қадам ба сайри сувар задӣ, ба чӣ раҳ фитода заруратат,
Ки бараҳна шуда сари ҳимматат ба кулаҳ фитода заруратат,
Зи таназзуҳот бадар омадӣ, ки гунаҳ фитода заруратат,
«Ҳаваси тааллуқи суратат зи чӣ раҳ фитода заруратат,
Бирамидӣ он ҳама аз самад, ки ба мулки бараҳман омадӣ».

Зи ғурури ҳастии бебақо ба  хаёли худ нафитодаӣ,
Чу расӣ ба кунҳи ҳақиқатат ба канори манзили ҷодаӣ,
Ба камини гӯшаи нестӣ ба ҳамон масоба ситодаӣ,
«Зи адам ҷудо нафитодаӣ, қадами дигар накушодаӣ,
Нигар он ки пеши хаёли худ ба хаёли омадан омадӣ».

Ҳавасат ба домани муддао ба ҳазор восита чанг зад,
Ки шуъури ту дар огаҳӣ ба хаёли нашъаи банг зад,
Баму зери қулқули шишаат бишикаст фолу ба ранг зад,
«На лабат ба замзама чанг зад, на нафас дари дили танг зад,
Адам обгина ба санг зад, ки ту қобили сухан омадӣ».

Сабақе ба ҳам нарасондаӣ зи ҷаридаи азалу абад,
Ба хаёли даъвии ботилат ба сабот ҳақ зи куҷо расад?
Лаби гуфтугӯ чӣ кушодаӣ ба ҳадиси нусхаи неку бад?
«Чӣ қадар таҷарруди маъният ба дари тасаннуилафз зад,
Ки чу тори сабҳа зи як забон ба тавофи  сад даҳан омадӣ».

Чу амал ба маҳфили маъният ба фусуни фасона
тироз шуд,
Сару барги мояи зиндагӣ ҳама сарфи кӯшишу оз шуд,
Зи чӣ шева чун нафас аз тапиш раҳи манзили ту
дароз шуд,
«На сафар баҳортироз шуд, на қадам ҷунуни такутоз шуд,
Ба худат ҳамин мижа боз шуд, ки ба ғурбат аз
ватан омадӣ».

Дари лофро ба ҳавас мазан, паи гуфтугӯ макушо даҳан,
Ба дурӯза олами ваҳму занн, чӣ кунӣ тараддуди илму фан?
Ба куҷост ҳосили ин чаман ба ҷуз аз гудози зи худ шудан,
«Зи хурӯши ибрати марду зан, пари  яъс мезанад ин сухан,
Ки чу шамъ дар бари анҷуман, зи чӣ баҳри сӯхтан
омадӣ?»

Зи навиди маҳфили Кибриё, ба ту мерасад ин нидо,
Ба дари тамаъ зи чӣ омадӣ, чу нафас агар нашудӣ гадо,

Наӣ огаҳ аз сару кори худ, зи кадом моя шудӣ ҷудо,
«Чӣ шуд атласи фалакиқабо, ки дарояд он малаки ридо,
Ки ту дар зиёнкадаи фано паи як-ду газ кафан омадӣ».

Ба суроғи васли ту инон ба ҳазор марҳала тофтам,
Ба тариқи зулмати роҳ чу ғубори зарра шитофтам,
Ба тамизи ман ту раҳни ман, ки ба дунё туро наёфтам,
«Зи мизоҷи сояи офтоб асари дуӣ нашикофтам,
Ман агар на ҷои ту доштам, ту чунон ба ҷои ман омадӣ».

Кушад орзу агарат шавӣ чу Амир маҳрами илму фан,
Ба талоши мансабу иззате мафароз гардани мову ман,
Агар аз ҳузури дил огаҳӣ бикушой дида дар ин чаман,
«Ба ҳавас чу Бедили бехабар дари эътибори ҷаҳон мазан,
Чӣ балост завқи гуҳар шудан, ки чу мавҷи худшикан
омадӣ».

## ТАРҶЕЪБАНД

Ҳайрони латофати танат ман,
Оинаи ҳусни равшанат ман,
Мафтуни ду чашми раҳзанат ман
Муштоқи баёзи гарданат ман.
Ҳарчанд ғубори доманат ман,
Қурбони нигоҳи пурфанат ман.

Дар кишвари ҳусн подшоҳе,
Дар даҳр туӣ ҷаҳонпаноҳе,
Гоҳ-гоҳ ба ман кунӣ нигоҳе,
То кай бикашам фиғону оҳе?
Ҳарчанд ғубори доманат ман,
Қурбони нигоҳи пурфанат ман.

Абрӯи хами туро бинозам,
Оҳуи рами туро бинозам,

Дар ҳаҷр ғами туро бинозам,
Ҷавру ситами туро бинозам.
Ҳарчанд ғубори доманат ман,
Қурбони нигоҳи пурфанат ман.

Рухсори ту рашки шамси анвар,
Нутқи лаби лаъли туст гавҳар,
Сарв аст қади ту ё санавбар?
Лутфе бинамо ту, эй ситамгар.
Ҳарчанд ғубори доманат ман,
Қурбони нигоҳи пурфанат ман.

Умрест ба кӯи ту бипӯям,
Ҳаргиз ту наёмадӣ ба сӯям,
Дар ҳасрати зулфи мушкбӯям,
Ё ноли қалам ва ё ки мӯям?
Ҳарчанд ғубори доманат ман,
Қурбони нигоҳи пурфанат ман.

Дар маснади ишқ подшоҳам,
Дар авҷи фалак расад кулоҳам,
Аз ханҷари нози ту табоҳам,
Раҳме бинамо, ки бегуноҳам.
Ҳарчанд ғубори доманат ман,
Қурбони нигоҳи пурфанат ман.

Эй дил, ту асири дард, ман ҳам,
Ту сохта оҳи сард, ман ҳам,
Аз ишқи бутон ту фард, ман ҳам,
Дар кӯи вафо ту гард, ман ҳам.
Ҳарчанд ғубори доманат ман,
Қурбони нигоҳи пурфанат ман.

Эй хусрави ҷумла каҷкулоҳон,
Ғоратгари дини ҳушпаноҳон,

Сарфитнаи ҷумла хушнигоҳон,
Зоминшави хуни бегуноҳон.
Ҳарчанд ғубори доманат ман,
Қурбони нигоҳи пурфанат ман.

Бинмой чу офтоб ораз,
Афрӯхта аз шароб ораз,
Кардаст дилам кабоб ораз,
Берун макун аз ниқоб ораз.
Ҳарчанд ғубори доманат ман,
Қурбони нигоҳи пурфанат ман.

Ёриву чӣ ёри гулъизорӣ,
Ороми диливу ғамгусорӣ,
Дорам зи ғами ту беқарорӣ,
Шояд, ки муроди дил барорӣ.
Ҳарчанд ғубори доманат ман,
Қурбони нигоҳи пурфанат ман.

Ҳастам ба рухи ту зор, соқӣ,
Гулгунқадаҳе биёр, соқӣ,
З-он бодаи пурхумор, соқӣ,
Маълум шавад иёр, соқӣ.
Ҳарчанд ғубори доманат ман,
Қурбони нигоҳи пурфанат ман.

Ҳарчанд ки ман ҳалоки ишқам,
Маҷруҳаму дардноки ишқам,
Он бодаи ҷоми поки ишқам,
Печида ба шохи токи ишқам.
Ҳарчанд ғубори доманат ман,
Қурбони нигоҳи пурфанат ман.

Эй дилбари шӯхи дилпазирам,
Дар орзуи ту ногузирам,

Дар кишвари ишқи ту, Амирам,
Дар доми муҳаббатат асирам.
Ҳарчанд ғубори доманат ман,
Қурбони нигоҳи пурфанат ман.

## ТАРКИББАНД

Шаби ҳаҷр аст, ёд аз субҳи маҳшар метавон кардан,
Забони ноларо фарёдгустар метавон кардан,
Ҳазор оина бо оҳе мукаддар метавон кардан,
Ба дарду оҳ дод аз даври ахтар метавон кардан.
Шикоятнома аз ҷаври фалак сар метавон кардан,
Фиғон аз дасти ин чархи ситамгар метавон кардан.

Надонам, мардуми чашмам ба мижгони кӣ ҳайрон шуд?
Ба ҳар мижгон кушудан сад ҳазор оина сомон шуд,
Шаби ғам аз хаёли орази моҳаш чароғон шуд,
Зи ҷӯши ашки хунин ҷайб то мижгон гулистон шуд.
Ба ҳиҷрон орзуи васли дилбар метавон кардан,
Биҳиште дар дили дӯзах мусаввар метавон кардан.

Зи дасти ҳуш доғам, эй ҷунун, роҳи дигар сар кун,
Ба ҳар водӣ зи мушти хоки ман таъмири маҳшар кун,
Ба ҳасрат об шав, оинаи дилро мунаввар кун,
Зи тоби меҳри шавқ ин зарраро хуршедманзар кун.
Зи иксири муҳаббат хокро зар метавон кардан,
Гудози қатраро дар баҳр гавҳар метавон кардан.

Чу дил девона шуд, таклифи зоҳид барнамедорад,
Ҷунун миннат зи таҳсили мақосид барнамедорад,
Димоғи интизорон нози қосид барнамедорад,
Ки номаҳрам ниқоб аз рӯи шоҳид барнамедорад.
Чунон пайғоми ёр аз ғайр бовар метавон кардан,
Тирози нома аз хуни кабӯтар метавон кардан.

Шароби ноби ишрат борҳо дар ҷоми Ҷам хӯрдӣ,
Куҷо монанди ман хуни ҷигар дар базми ғам хӯрдӣ?
Зи ваҳшатгоҳи имкон бо ҳазор афсӯс рам хӯрдӣ,
Ғалат кардӣ, ки саҳбои дили гумгашта кам хӯрдӣ.
Аз ин паймонаи мо ҳам лабе тар метавон кардан,
Ба иқлими ҷунун худро Сикандар метавон кардан.

Хати вожуни маҳрумӣ бувад накши нигин моро,
Бувад дар зери гардун ҳасрату ҳирмон қарин моро,
Хаёли ёру дарду доғ бошад ҳамнишин моро,
Фироқи гулрухон ҳамвора дорад инчунин моро.
К-аз ин савдо ба маҳшар ҳашри дигар метавон
кардан,
Зи ашки дидаам эҷоди Кавсар метавон кардан.

Амири олами маънӣ бувад табъи сухандонам,
Ки бошад зеби девони назокат шеъри алвонам,
Ба дил шарҳи муҳаббат менависам, нола мехонам,
Ба рӯи саҳфаи гетӣ қалам чун теғ меронам.
Ба нӯки хомаам тасхири кишвар метавон кардан,
Бад-ин ангушт фатҳи боби Хайбар метавон кардан.

## МУСАММАН

Шаб, ки зи базми ошиқон шамъи ман аз миёна рафт,
Базми нишот тира шуд, равнақи айшхона рафт,
Доғ шудам зи субҳдам, нуқли маи шабона рафт,
Мурғи дилам зи хештан аз паи обу дона рафт,
Шиша зи бода шуд тахӣ ишрати ҷовидона рафт,
Аз ситами дами саҳар чангу наю чағона рафт,

*Мутриби маҳлиқо зи ҷо ҷасту ба ин тарона рафт,*
*Ҳар кӣ рамид з-ин саро аз ситами замона рафт.*

Шоми тараб бурида шуд нои хурӯси субҳдам,
Бод дароз зулфи шаб, то накашад сари алам,

Баски зи ғулғули саҳар мурғи нишот кард рам,
Рӯз шуду гузашт шаб мекашам аз хумори ғам,
Рафт ба хона моҳи ман, соқии гулъузор ҳам,
Пардаи шаб дарида шуд, гашт хамӯш зеру бам,

*Мутриби маҳлиқо зи ҷо ҷасту ба ин тарона рафт,*
*Ҳар кӣ рамид з-ин саро аз ситами замона рафт.*

Шаб, ки зи ҳусни гулрухон буд чаман вифоқи ман,
Буд зи лаъли навхатон оташи иштиёқи ман,
Субҳ дамиду талх шуд аз маи ғам мазоқи ман,
Чарх зи матлаъи саҳар кард аён нифоқи ман,
Ҷониби хона шуд равон соқии симсоқи ман,
Бод ба ҷони субҳдам рӯзи ғами фироқи ман,

*Мутриби маҳлиқо зи ҷо ҷасту ба ин тарона рафт,*
*Ҳар кӣ рамид з-ин саро аз ситами замона рафт.*

Хез, ки соқиё, зи каф ҷоми муғона меравад,
Субҳи фироқ мерасад, айши шабона меравад,
Шаккари хоб омада, завқи фасона меравад,
Рӯз шуду хаёли ӯ аз дили мо намеравад,
Ёр зи базми май ба сад нозу баҳона меравад,
Дид, ки ҷумла як ба як ҷониби хона меравад,

*Мутриби маҳлиқо зи ҷо ҷасту ба ин тарона рафт,*
*Ҳар кӣ рамид з-ин саро аз ситами замона рафт.*

Шамъсифат гудохтам аз ғами интизори шаб,
Рафт зи базми айши ман давлати гирудори шаб,
Рӯз ба ғусса мекашам дарди сари хумори шаб,
Буд сурохию қадаҳ сарву гулу баҳори шаб,
Субҳ бирафт аз назар соқии гулъизори шаб,
Рафт зи дасти майкашон фурсати рӯзгори шаб,

*Мутриби маҳлиқо зи ҷо ҷасту ба ин тарона рафт,*
*Ҳар кӣ рамид з-ин саро аз ситами замона рафт.*

Аз дами нои субҳдам тафриқа дар нишаст шуд,
Бонги хурӯс шуд баланд, оташи шавқ паст шуд,
Санг ба шиша зад фалак, айши маро шикаст шуд,
Гашт хамӯш чангу най соғари май зи даст шуд,
Рафт зи ҷои хештан, он ки зи бода маст шуд,
Фитнаи рӯз бар сари соқии майпараст шуд,

*Мутриби маҳлиқо зи ҷо ҷасту ба ин тарона рафт,*
*Ҳар кӣ рамид з-ин саро аз ситами замона рафт.*

Тира шуд аз дами саҳар равнақи базми майкашон,
Субҳи сиёҳрӯй шуд душмани айши ошиқон,
Аз ғами рӯз шуд нагун ҷоми шароби арғувон,
Шишаи айши ман шикаст аз ситами саҳаргаҳон,
Чун накашам ба ёди шаб рӯз ба сони най фиғон?
Пеши Амири муҳташам мекунам ин сухан аён,

*Мутриби маҳлиқо зи ҷо ҷасту ба ин тарона рафт,*
*Ҳар кӣ рамид з-ин саро аз ситами замона рафт.*

## ЧАНД ТАЪРИХ АЗ ШУАРОИ ДАВР ДАР МАРГИ АМИР УМАРХОНИХӮҚАНДӢ

### Таърихи марги Амирӣ аз Мулло Гулшан

Фиғон, ки рафт ҷавон он шаҳи накӯтахмир,
Ғарибпарвару шаръиқтибосу покзамир.
Зи базми маъдани айшу нишот чун Ҷамшед,
Ба разм сафдари соҳибқирон чу Соми далер.
Мақоми азми ғазоту ҷиҳод дар дил дошт,
Нашуд муяссараш ин орзуи амри хатир.
Расо ба табъу зиё маҷмаъ-ул-фазоил буд,
Бутун чу зоҳири ӯ буд ҳамчу шамъи мунир.

Дареғ, рафт ба ҳасрат аз ин ҷаҳони фано,
Ба зери хок шуд он шаҳсавори оламгир.
Яке фаросати ӯ, он ки истихора намуд,
Замона хобу хаёл асту бе нишон таъбир.
Сарою мадраса аз баҳри олимон пардохт,
Бино намуду нишон буқъаҳои хайркасир.
Расид амри Илоҳӣ, фазои мубрам буд,
Пуле кашид ба дарё, ки ӯ надошт назир.
Накард адъия нафю касрати хайрот,
Накард шарбати лиму даво дар он таъсир.
Биҷустам аз хиради нуктадон яке норинҷ,
Бале, асар накунад бо қазои Ҳақ тадбир.
Зи тахту тоҷу зару зевар, ҳамсари дунё,
Бигӯй, то ки кунад аҳли табъ аз ӯ таҳрир.
Назора кард ба дунёю бевафоӣ дид,
Кашид дасту бигуфто: Қазо намуд, Амир.

**Таърихи дигари марги**
**Амирӣ аз Мулло Гулшан**

Рафт аз дунё Амири олии некӯсиришт,
Ҳақтаъоло маҳв гардонад аз ӯ аҳволи зишт.
Аз улуми Ҳақтаъоло заррае мастур нест,
Мешавад он котиби қудрат ҳамон хайре навишт.
Карда аз дунёи дуни бевафо адл ихтиёр,
Эй хуш он шоҳе, ки тухми зулмро аз худ биҳишт.
Ёфт тағйире зи феъли дунявӣ дар охират,
Гандум аз гандум, ҷав аз ҷав медамад зурроъу кишт.
Ҷустам аз дил рамзи торихи Амир-ал-муслимин,
Доғ шуд, гуфто, ки: Оҳу бод ҷояш дар биҳишт!

**Таърихи марги Амирӣ аз Вазир**

Фарёд зи ҷаври чархи ғаддор,
З-ин куҳна ситамгари ҷафокор.

Аз боди хазон дар ин гулистон,
Эмин набувад чӣ гул, куҷо хор?
З-он гул, ки шукуфт андар ин боғ,
Айёми хазон намонад осор.
Ку моҳвашони Зуҳратолеъ?
Ку сарвқадони лоларухсор?
Ку тоҷварони меҳрқудрат?
Ку подшаҳони аршмиқдор?
Боқӣ нагузошт чарх дар тахт,
Не адлшиору не ситамгор.
Чун оҳ зи дил бурун наёрам,
Бо ёди қади Амири дилдор?
К-аз неши синони мотами ӯ,
Дил хаставу синааст суффор.
Сад ҳайф, аз он шаҳи ҷаҳонгир,
К-ӯ зери замин гирифт ночор.
Дар боғи ҷинон мақоми худ дид,
Гардид зи тоҷу тахт безор.
Рӯҳаш чу ғизоли ташнаи об,
Гардид ба сӯи хулд сайёр.
Дар мотами ӯ сиёҳ пӯшид,
Айём, ки рӯз шуд шаби тор.
Торихи чунин мусибати сахт,
Меҷустаму лек мотамивор.
Дар дафтари дастгоҳи давлат,
Бар гирди нигоҳи ақл паргор.
Гуфто ба манаш, ки: Хома баргир,
Бинмой ба рӯи саҳфа изҳор.
К-аз тахт сабақ бигир, к-ин аст,
Торихи вафоти шоҳи диндор.

**Таърихи марги Амирӣ аз Султонхонтӯра Адо**

Бар сарири адл шуд шоҳонаю шоҳона рафт,
Омад ӯ ҳамчун Умар поконаю покона рафт.

Аз шумо бегона танҳо шуд, на аз хешу табор,
То ба Ҳақ шуд ошно, аз хеш ҳам бегона рафт.
Дар биҳишт афтад ба равған молатон, оваҳ, чӣ бок?
Дар сари шамъи шариат, баски чун парвона рафт.
Дар биҳишти адн, ё Раб, хонааш obод бод,
Ганҷи махфӣ буд, аз ин олами вайрона рафт.
Ӯ ба ибрат, баски бо таърихи шоҳон дида буд,
Чашми бедораш ба хоб, охир аз ин афсона рафт.
Эй париру, гар набудӣ чун парӣ дар ҳусну хулқ,
Бар сари қабри ту халқе аз чӣ рӯ девона рафт.
Не фароғат монд бар мардум, на фориғболие,
То Амир-ал- муъминин аз хиттаи Фарғона рафт.
Он Фалотунтабъи Искандарфари Ҷамшедҷом,
Баски шуд масти маи ваҳдат аз ин хумхона рафт.
То задам нохун ба ёди мӯи анбарбӯи ӯ,
Чокҳои синаи ман мӯ ба мӯ чун шона рафт.
Чун бидидам ман ба тахти базм, гуфтам, шоҳ ку?
Соқии даврон бигуфто: Пур шуд, паймона рафт.
Обёрӣ аз дуо созам ба ҳосил дар биҳишт,
Сабз бодо решааш, дар хок ҳамчун дона рафт.
Ӯ аз ин дунё ба ҷаннат аз дили равшан, ки дошт,
Шамъсон номурда аз ин хона бо он хона рафт.
Дӯстон, хоке ба сар дар мотами ман ҳам кунед,
Ҷон намехоҳад тани ман, то ки он ҷонона рафт.
Ҷустам аз пири хирад торихи соли фавти ӯ,
Сар ба ҷайби фикр ӯ як соате пирона рафт.
Баҳри ду торих худ дар гиря шуд, бо оҳ гуфт:
Моҳии осори бидъат, ҳайф, аз Фарғона рафт.

### Таърихи марги Амирӣ аз Хотиф

Шоҳи олидастгоҳи ман, ки нури ҷилвааш,
Буд чун хуршед дар даври адолат комрон.
Дасти гирудор з-оғӯши арӯсони ҳавас,
Кард холӣ, то ниҳад бар дӯши ҳурони ҷинон.

Шоҳиди айём баҳри мотамаш болои ҳам,
Хилъати нилӣ ба дӯш афканда аз нуҳ осмон.
Он сухансанҷе, ки азбон дошт лаълаш эҳтироз,
Гаштааст имрӯз хоки тирааш муҳри забон.
Бар сараш дӣ афсари зар буд чатри сарварӣ,
Ин замонаш хок бар фарқ асту хиште соябон.
Шуд тамом он мисраъи мавзун, дорад дар ғамаш
Саҳфа рухсори сиёҳу хома чашми хунфишон.
Шукр, ӯ чун дида пӯшид аз назаргоҳи вуҷуд,
Нури чашмаш чун нигаҳ болид дар чашми ҷаҳон.
Баҳри фавти шоҳ насабхонии олидастгоҳ,
Дошт Хотиф сайри торихе зи табъи нуктадон.
Гашт машҳуди замираш, ин ки бо фанни ҳакам:
Шоҳ Умар аз тахт рафту ҷои ӯ бигрифт Хон.

**Таърихи марги Амирӣ аз Хиҷлат**

Афсӯс, он Амири муаллосарир рафт,
В-он шоҳи покгавҳари равшанзамир рафт.
Ҳар кас, ки по ниҳод ба ҷавлонгаҳи вуҷуд,
Аз пир то ҷавон, зи ҷавон то ба пир рафт.
Дӣ гирудори салтанаташ буд дар уруҷ,
Имрӯз он салобату ин доругир рафт.
Зеҳ кард то камони қадарро маи қазо,
З-ин тангнои ҳодиса монанди тир рафт.
Таърихи фавти шоҳу ҷулуси валад ба ҷой,
Ҷустам зи ақл, чун шаҳи олисарир рафт.
Бо фарру ҷоҳу мулк ба рӯи ҳавас хирад,
Гуфто: Нишаст хон ба сариру Амир рафт.

**Таърихи марги Амирӣ аз Ҳозиқ**

Афсӯс, к-аз ин мамлакат он шоҳи ҷаҳон рафт,
Охир зи тани кишвари Фарғона чу ҷон рафт.
Мо хастадилон чун нанишинем ба хуноб,
К-он шоҳ аз ин давр чу тире зи камон рафт.

То рафт ҷавон з-ин чаман он шохи гули умр,
Сабр аз дилу ашк аз мижаи пиру ҷавон рафт.
Ё Раб, ба куҷо рафт гули боғи ҷавонӣ,
Дар сояи Тӯбо магар ин сарви равон рафт?
Мо хок ба сар аз чӣ нарезем, ки охир
Дар хоки сиёҳе қади он рӯҳи равон рафт.
Ку он лаби ширин, чӣ шудаст  ин қади мавзун?
Он ҳарду ба кому бари ҳурони ҷинон рафт.
Пӯшид либоси сияҳе шеърии мотам,
Зад чок қалам сина чу он теғзабон рафт.
Карданд варақ маънии мавзун зи назарҳо,
Таҳ кард сухан дафтару ҳам аз паи он рафт.
Дӣ Ҳозиқи дилхаста ҳамегуфт қасоид,
Имрӯз сари турбати ӯ марсияхон рафт.
Зад сина қалам чок ба таърих ҳамин гуфт:
Аз хиттаи Фарғона Умар, қадри замон рафт

**Таърихи марги Амирӣ аз Фазлӣ**

Аз ҷаҳон Сайид Умархонтӯра кӯтоҳ кард даст,
Шуд ба мулки офият, аз кулфати дунё бираст.
Нуктадоне буд, дар як соат аз фикри дақиқ,
Сад муаммо аз рамузи ин ҷаҳон бикшод даст.
Чашм пӯшид аз тамошои ҷаҳони бевафо,
Дид чун анҷоми кори худ ба чашми ҳақпараст.
Аз раҳи фаҳму фаросат карда таслими писар,
Тоҷу тахту хотам, аз асбоби дунё ҳар чӣ ҳаст.
Бар сарири салтанат шуд ҳазрати Хон ҷонишин,
Аз шукуҳаш муддаиро гардани даъвӣ шикаст.
Дӣ гузашт аз хеш, Фазлӣ, гуфт дар таърихи ӯ:
Аз мароми шаҳриёрӣ шоҳ рафту Хон нишаст.

**МУҲЙИИ ХӮҚАНДӢ**

# МУНТАХАБИ ҒАЗАЛИЁТ

# МУҲЙИИ ХӮҚАНДӢ
# (1838 – 1911)

*Мулло Ҳоҷӣ Муҳйиддин ибни Муҳаммад Охунзодаи Ҳиравӣ мутахаллис ба Муҳйӣ соли 1838 дар Қандаҳори Афғонистон ба дунё омадааст. Ӯ дар зодгоҳаш соҳиби хату савод гардида, бо маслиҳати падараш барои таҳсили илму дониш ба шаҳри Бухоро омадааст.*

*Пас аз хатми мадрасаҳои Бухоро Муҳйӣ ба шаҳри Хӯқанд ба дидани шарикдарсаш Қозӣ Холиқҷон рафта, бо хоҳиши ӯ дар он ҷо муқим гаштааст. Ӯ дар он ҷо забони ӯзбекиро азхуд намуда, ба таълими толибону наврасон мепардозад. Муҳйӣ ба муҳити адабии Хӯқанд пайваста, бо шоирон Муқимӣ, Фурқат, Нисбатӣ, Мухайяр, Завқӣ дӯстиву мушоара менамояд. Ӯ ҳамчунин ба дарбори ҳокими онвақтаи Хӯқанд – Маллахон кашида шуда, солҳои 1859-61 ба сифати сафир ба кишварҳои Афғонистон, Ҳиндустон, Туркияву Эрон фиристода мешавад. Худоёрхон бошад ба Муҳйӣ таълиму тарбияи фарзандаш Насриддинбекро вогузор менамояд.*

*Азбаски Муҳйӣ дар аксарияти умрашро дар Хӯқанд сипарӣ намудааст, ба Муҳйии Хӯқандӣ машҳур гардидааст. Ӯ ба шаҳрҳои Самарқанд, Шаҳрисабз, Тошканд ва ба кишварҳои Ҳиндустону Туркияву Арабистон сафарҳо кардааст.*

*Муҳйӣ соли 1874-75 ба сафари Каъба рафта, аз он ҷо ба Афғонистон ва баъдан ба Хӯқанд баргашта, то поёни умр дар он ҷо мемонад. Соли 1911 Муҳйӣ барои дидани яке аз дӯстонаш ба Андиҷон сафар карда, 4 майи ҳамон сол дар он ҷо вафот мекунад ва дар қабристони Хоҷа Саъдуддини Фарғонӣ мадфун мегардад.*

*Девони Муҳйӣ аз ғазалиёт, рубоиёт, қитаъот ва мухаммасу таърих иборат буда, бо ду забон – форсиву ӯзбекӣ дар Тошканд ба табъ расидааст.*

## ҒАЗАЛИЁТ

1
Эй аз фурӯғи ҳусни ту акси ҷамолҳо,
Саргашта дар таҳайюри чашмат ғизолҳо.
Оина об гашта зи ҳайрат, ки рӯи ту,
Бошад барӣ зи тӯҳмати аксу мисолҳо.
Як умр дар ҳавои ту парвози мурғи ваҳм,
Гарде набурда доғ фурӯ рехт болҳо.
Оҷиз қалам зи шарҳи сифотат, ки нотиқа
Аз гуфтани санои ту дар ҳукми лолҳо.
Н-ояд бурун зи уҳдаи васлат, ки мушкил аст,
Ҳарфе зи Кибриёи ту гуфтан ба солҳо.
Дар рояти ҷамоли ту нодида аз ҳавас,
Афтода ҳар фариқ ба баҳсу ҷидолҳо.
Фазлат, агар на ҳодии иқболи мо набуд,
Раҳ ёфтан ба қурби ту будӣ маҳолҳо.
Аз маънии ҳақиқати зоти ту бехабар,
Онон, ки ғарраанд ба қилу ба қолҳо.
Муҳйӣ, ки сохт пок дил аз нақши мосиво,
Нуре зи файзи қудси ту дорад саволҳо.
2
Эй хуррам аз ҷамоли ту боғу баҳорҳо,
Оташ зада ҷабини ту дар лолазорҳо.
Афканда доғи рӯи ту дар табъи лолаҳо,
Афтода шавқи ҳусни ту дар гулузорҳо.
Боде, агар зи гулшани кӯи ту бигзарад,
Гулҳо дамад чу лолаи хумро зи хорҳо.
Мақсуд з-офариниши олам гили ту буд,
То ёбад аз гили ту тароват узорҳо.
Гарна баҳори ҳусни ту манзур менабуд,
Будӣ куҷо ба боғи ҷаҳон баргу борҳо?
Дар орзуи он гули рухсор тар шуда,
Аз ашки қатра-қатра чу шабнам ҳазорҳо.
Шавқи риёзи гулшани фирдавс кӯи ту,
Аз дил рабуда тоқату сабру қарорҳо.

Танҳо на ман ба гулшани ҳуснат ғазалсарой,
Дастонсарои кӯи ту чун ман ҳазорҳо.
Дар ёди зулфу рӯи ту Муҳйӣ ба сӯзи дил,
Пайваста субҳу шом ба лайлу наҳорҳо.
3
Эй аз фурӯғи ҳусни ту дар дида тобҳо,
Дар дил зи шавқи зулфи ту сад печутобҳо.
Ҳаргиз зи сӯзи синаи ман огаҳӣ нашуд,
Гарчи ба ёди рӯи ту гашта кабобҳо.
Гуфтӣ: Шабе ба хоб бибинӣ маро чӣ суд?
Рафта зи шавқи рӯи ту аз дида хобҳо.
Дар маҳфиле, ки бода ба ёди лабат хӯранд,
Оби Ҳаёт ҷӯш занад аз шаробҳо.
Аз гулшани ҷамоли ту дар даҳр мезанад,
Бӯи хуши ту ҷӯш зи атру гулобҳо.
Чандон шаби фироқи ту аз дида рехтам,
Тӯфони ашк, дод ба мардум азобҳо.
Аз ғояти тамаввачи ашкам ба рӯи об,
Афлок дар муҳит намоён ҳубобҳо.
Чун булбулам ҷудо зи гулистони гулрухон,
Афтодаам ғариб миёни ғуробҳо.
Муҳйӣ ба ёди он дури дандон ба силки назм,
Бингар чӣ гуна чида басе дур(р)и нобҳо?
4
Соқӣ, биёр бода, ки омад баҳори мо,
Дилдор садри маҳфилу гул дар канори мо.
Вақт аст ин, ки аз паи айёми интизор,
Ёбад марҳам ин дили уммедвори мо.
Моро зи ҷоми бода намоён ҷамоли ёр,
Эй ғофил, аз таҷаллии рӯи нигори мо.
Соғаркашони майкадаи ҷоми ваҳдатем,
Натвон қадаҳ гирифт ба дафъи хумори мо.
Мурғони қудси тӯбии авҷи тақаррубем,
Гарчанд дар ҳазизи замин шуд қарори мо.
Бахшӣ ҳаёти тоза ба ҷисми рамими ман,
Ой пас аз вафот ба хоки мазори мо.

Мо доман аз ғубори ду олам кашидаем,
Эй муддаӣ, чӣ кор туро худ ба кори мо?
Машмар кам аз ғубор, ҳасудо, ки баъди ман
Аз баҳри сурма кош биёбӣ ғубори мо.
Муҳйӣ шикаст ойина аз акси рӯзгор,
Аҳли басар намонд зибас дар диёри мо.
5
Эй дар хаёли зулфи ту доим хаёли мо,
З-он дар сиёҳияст ҳама умр соли мо.
Рӯят гуле зи гулшани хулди латофат аст,
Қадди ту сарви боғи назокатниҳоли мо.
Аз ҷӯйбори дида аз он нозпарвар аст,
Ҳамвора дилхушист аз он қад ба ҳоли мо.
Карда чу дол бори ғамам сарви қоматат,
Озод кай шавад зи ғамат қадди ноли мо?
Қадди чу нолу қомати хамгашта дар раҳат,
Ҳар як зи бори ишқи ту ҳастанд доли мо.
Моро ҳилоли ид чӣ ҳоҷат, ки абрӯят
Аз баҳри шоми иди висолат ҳилоли мо?
Ёқутвор баста ҷигар хун зи лаъли ту,
Кай мерасад ба гӯш туро ҳасби ҳоли мо?
Аҳбобро ҳамеша бувад умр дар хушӣ,
Аз лаззати ҳаловати шаҳди мақоли мо.
Муҳйӣ ,зи рашк об нагардад чаро ҳасуд?
Аз иқдҳои назми лаолимисоли мо.
6
Хабари мани парешон кӣ расонад ошноро?
Магар, эй насими субҳӣ, ту расон паёми моро.
Зи паси дуо ту баргӯй, ки биёву лаъли нӯшин,
Ба Худо, ки ҷони ширин ба лаб омад ошноро.
Зи шарори оташи дил тани зори ҳамчу нолам,
Шуда ахгару дареғо хабаре нашуд шуморо.
Зи фироқи рӯи гулгун, дили ман зи ғусса пурхун,
Ту, биё, бибин, ки бе ту чӣ фитодааст моро?
Ки маро қарор бе ту на илоҷу сабру тамкин,
Ба кӣ гӯям ин аламро, зи кӣ ҷӯям ин даворо?

Ту, ки шоҳи мулки ҳуснӣ, чӣ шавад ба шукри шоҳӣ,
Ки ба пурсише навозӣ зи карам мани гадоро.
Зи фироқи рӯи ёру зи мулоқии рақибон,
Шуда ганҷи ранҷ сина зи вуфури ғусса моро.
Зи ҷафову ҷаври агёр дили ман зи ғусса хун шуд,
Ба куҷо барам паноҳе зи рақиб ҷуз Худоро?
Ба рақиб, ёри Муҳйӣ, манамо ба ҷуз тавозуъ,
Чи илоҷ, гар насозӣ ба сагони ӯ мадоро?
7
Эй соқии қадаҳкаши базми мудоми мо,
Пур кун зи бода ҷом, ки бишкан сиёми мо.
Омад чунин маҳалли нишоту замони гул,
Аз май чаро тиҳист, ту худ гӯй ҷоми мо?
Вақти баҳору мавсими айшу тараб расид,
Бо ёр май бинӯш, замон шуд ба коми мо.
Бо майкашони маҳфили Ҷамшед огаҳӣ,
Бахшид аз тазарруъи ҷоми мудоми мо.
Мо сайди дому донаи зоҳид намешавем,
Сад бор агар ниҳад зи тасбеҳ доми мо.
Мо шоҳи мулки фақру фаноем, хусравон
Созанд ифтихори ғуломӣ ба номи мо.
Золи ҷаҳон, ки куҳнааҷузест бевафо,
Бодо туро ҳалол, ки бошад ҳароми мо.
Муҳйӣ, куҷост маъмани амне дар ин ҷаҳон?
Ғайр аз ҳарими ишқ, ки омад мақоми мо.
8
Бигзар, аё боди сабо, аз лутф сӯи ёри мо,
Изҳор кун дар ҳаҷри ӯ ин ҳолати душвори мо.
Мегӯй, эй зебосанам, то кай чунин афғон кунам?
Набвад туро огоҳие аз нолаҳои зори мо.
Аз захмати хори маҳан, дар хоку хун афтода ман,
Раҳме намо, эй гулбадан, бо ин дили афгори мо.
Дар ёди чашми шӯхи ту бемораму умре шуда,
Ҳаргиз намепурсӣ чаро чун аст ин бемори мо?
Ғайр аз ҷафоҳову ситам, набвад шиъорат, эй санам,
Гоҳе тараҳҳум аз карам фармо ба ҳоли зори мо.

Аз дида сад дарёи хун, ҳар субҳу шом ояд бурун,
Рӯи замин шуд лолагун аз дидаи хунбори мо.
Заҳмат кашам аз хору хас, эй бевафо, фарёд рас,
Бо арзи аҳволам бирас, то кай чунин озори мо?
Дар ҳайратам оинасон, аз акси вазъи нокасон,
Азбаски ин сангиндилон кӯшида дар озори мо.
Мебош Муҳйӣ баъд аз ин, дар гӯшае узлатнишин,
Бо ғайрдил камтар нишин, кофист ёди ёри мо.
9
Эй аз баҳори оразат гулзори ҷонҳо босафо,
Аз сабзаи лаъли лабат равшан саводи дидаҳо.
Нозофарине чун қадат нодида, эй сарви сиҳӣ,
Умрест наргис дар чаман чашм аз таҳайюр карда во.
Эй аз хироми қоматат шӯре ба бозори ҷаҳон,
В-эй аз хаёли қоматат ҳар кас ба дарде мубтало.
Сунбул парешон ҳамчу ман, ошуфта дар саҳни чаман,
Оварда бӯи зулфи ту дар боғ то боди сабо.
Гарчанд доим аз ҳама симинбарон дар вахшатанд,
Лек аз паи чашмони ту чашми ғизолон аз қафо.
Бурдӣ ба яғмо, эй парӣ, аз ғояти яғмогарӣ,
Дину хирадро сарсарӣ, танҳо на дил бурдӣ зи мо.
Бе ту надорам тоқате, аз зиндагонӣ роҳате,
Бо куштаи худ соате ,ороми ҷони ман, биё!
Дардат бувад меҳмони ман, ёди ту ҳамдармони ман,
Ҷуз васлат, эй ҷонони ман, набвад мурoду муддаъо.
Кай бошад, эй ороми ҷон, оӣ бари ин нотавон?
Муҳйӣ бигӯяд ҳар замон: «Аҳлан ва саҳлан», марҳабо!
10
Он оҳуи рамида нагардид роми мо,
Бурдем интизору наёмад ба доми мо.
Соқӣ, биё, ки фасли гул асту замони мул,
Пур кун зи софбодаи гулранг ҷоми мо.
Бояд сиришт аз маи рангин сиришти хеш,
З-он пештар, ки хок шавад ҳам изоми мо.
Мо коми худ зи даври маю ҷом баркашем,
Даври фалак нагашт агар худ ба коми мо.

Шамъи кадом маҳфилӣ, эй нозанин, ки шаб
Дар орзуи рӯи ту шуд рӯз шоми мо?
Кай бошад он, ки боз бубинем рӯи ёр?
Даврон шароби васл бирезад ба ҷоми мо.
Май деҳ зи юмни мақдами дилдор, к-ин замон
Иқбол чокар омаду давлат ғуломи мо.
Май нӯш, ин ки тоири иқбол қабл аз ин,
Мурғи рамида буд, ки омад ба доми мо.
Дафнам ба зери ток кун, эй боғбон, аз он-к
Ёбад зи оби ток хизорат изоми мо.
Будем, Муҳйӣ, сокини гулзори боғи қудс,
Ин хокдони тира чаро шуд мақоми мо?
11
Сабо расон саломе ба сӯи дилбари мо,
Ба он нигори паризодаи суманбари мо.
Бигӯ, ки бе ту сиришкам ҷаҳон намуда хароб,
Туро куҷост вуқуфе зи дидаи тари мо?
Расад агар аз ту ҳар ҷавру ҳар ҷафо бар мо,
Бигӯ, бисоз, ки нози ту ҳаст бар сари мо.
Умед буд, ки созам назора рухсорат,
Надида сер бирафтӣ, дареғ, аз бари мо.
Ба ҳар чӣ менигарам, мешавад ситам ҳосил,
Магар ба об фитода зи авҷ ахтари мо?
Куҷост Хизри муборакқадам, ки бар кӯят,
Шавад зи лутфу иноят ҳамеша раҳбари мо?
Ба рӯзи ҳашр, ки ҳар кас ба Ҳақ намояд дод,
Ҳам аз ту сӯйи Худованд ҳаст маҳзари мо.
Бисӯхтем чунин дар фироқат, эй дилбар,
Гирифта рӯи заминро ғубори ахгари мо.
Шаҳи мамолики ишқем, Муҳйӣ, аз он рӯй
Гузашта аз сари курсӣ сарину афсари мо.
12
Эй аз баҳори ҳусни ту дар ҳар тараф гулзорҳо,
Аз рангубӯи оразат гул гашта ҷумла хорҳо.
Чун лола бо доғи дарун, хун хӯрда дар дашти ҷунун,
Дар ёди чашми наргисат афтода сад беморҳо.

Аз мӯйи анбарбӯйи ту мушкин ҷамоли оламе,
Рафта хато мушки Хито бо нофаи тоторҳо.
Дар фикри зулфи пуршикан, кай хобу х(в)ар ояд ба ман?
Мушкил бувад шабҳо ба тан заҳмат расад аз морҳо.
Созам хато дар қимматаш бо мулки Тотору Хутан,
Аз тор-тори мӯйи ӯ бахшам яке з-он торҳо.
Лаъли лабаш дар ҳаққи ман гар як Масеҳоӣ кунад,
Аз новаки мижгони ӯ ман мемирам сад борҳо.
Ёрам гулу ёрони ӯ, з-он толиби дидори ӯ,
Оре, бувад ушшоқро маҳфил хуш аз «Гулёр»-ҳо.
Мутриб бизан танбӯрро, то ҷони нав ояд ба тан,
Аз савти ҷонафзои ӯ «Ушшоқ»-и дилафгорҳо.
Ашъори Муҳйӣ сар ба сар, афтода чун дурру гуҳар,
Бояд, ки бо оби гуҳар бинвисад ин ашъорҳо.
13
Эй, ки иқболи туро мадди назар дорем мо,
Меҳри ту дар дил зи аввал бештар дорем мо.
Чашми лутфу ошноӣ аз ту, эй золим хатост,
Нест меҳре дар дилат ҳаргиз хабар дорем мо.
Донаи меҳре, ки андар мазраъи хоми хаёл
Кишта будем, ин замон бояд, ки бардорем мо.
Бори ихлосу вафо бурдем бо мулки шумо,
Ҷинси моён шуд касоду з-он зарар дорем мо.
Муддаӣ моро вафою аҳду паймони ту буд,
Аз вафо баргашта будӣ, кай хабар дорем мо?
Баъд аз ин бояд, ки хат бар ҳарфи неку бад кашем,
Кору бори аҳли дунё мухтасар дорем мо.
По кашем аз базми халқу мою кунҷи узлате,
Чунки мою дил ба ҳам кори дигар дорем мо.
Мо қаландармашрабон аз ҳиммати озодагӣ,
Кай назар бар ганҷи симу кони зар дорем мо?
Гар надорад ганҷи зар Муҳйӣ надорад ҳасрате,
Табъи пургавҳар беҳ аз сад ганҷи зар дорем мо.
14
Эй ки дил моил ба рӯйи меҳри осори шумо,
Дида муштоқи ҷамолу маҳви дидори шумо.

Гарчи дурем аз ҳарими васл, бар ҷисми низор
Медиҳад ҳар дам ҳаёти тоза гуфтори шумо.
Дида равшан аз саводи хатти анбарбор шуд,
Рафтаем аз худ ба фикри сеҳри ашъори шумо.
Аз дами Рӯҳулқудус ҷӯям мадад вақти дуо,
Баҳри иқболи ривоҷу умри бисёри Шумо.
Андалеби дил ба ёди рӯйи гулгун з-иштиёқ,
Рӯзу шаб булбулнаво дар ёди рухсори шумо.
Оламе гардад мусаххар аз раҳи ихлосу шавқ,
Гар бувад ин гуна вазъу хулқу атвори шумо.
Худ чӣ сон оям бурун аз мидҳатат чун оҷиз аст
Хома аз таҳрири мадҳу васфи гуфтори шумо?
Эй қадаҳнӯшони базми маҳфили сайиди умр,
Мекашам хамёза баҳри базми дарбори шумо.
Кош диди дидаи Муҳйӣ зиёе дам ба дам,
Аз таҷаллии ҷамоли ёру дидори шумо.
15
Саҳар, ки бод биёрост шоҳиди гулро,
Насим шона расонид зулфи сунбулро.
Зиёда гашт навоҳои булбули маҷруҳ,
Ба авҷи сидра расонид шӯри ғулғулро.
Ҳаво ҳавои субут асту боғ рашки Ирам,
Даро ба боғу ба каф гир соғари мулро.
Зи қилу қол чӣ ҳосил ба дастгоҳи шуъур?
Зи хатти ҷом биёмӯз ҳарфи қулқулро.
Чунон абирсиришт аст гулшану гулҳо,
Магар ба боғ кушудаст ёр кокулро?
Сабо дарой ба боғу бигӯй бо он гул:
Чаро зи ноз напурсӣ ту арзи булбулро?
Навои мурғи чаман сӯхт хирмани сабрам,
Зи тан рабуд қарору зи дил таҳаммулро.
Шудам ба гулшану дидам, ки шоҳи маснади гул,
Ниҳода афсари заррин ба сар таҷаммулро.
Рабуд гулшани Фарғона Муҳйӣ аз сари ман,
Ҳавои равзаи Кашмиру Ҳинду Кобулро.

16
Эй чамансимо, ба гулшан пур кун аз май ҷомро,
Бо маю мино ба сар кун ҷумлаи айёмро.
Сабзаву боғу баҳору мутрибу созу рубоб,
Муғтанам дон, эй париваш, айнан ин айёмро.
Тан заъифу бемадору дил зи ҳиҷронат хароб,
Ман чӣ сон бахшам тасаллӣ ҷони беоромро?
Дар шиканҷи зулфи пурпечам дилу ҷонҳо асир,
Эй сабо, машшота кун, он зулфи анбарфомро.
Шеваи риндӣ гирифтам дар тариқи ошиқӣ,
Дода барҳам ҳам ба олам поси нангу номро.
Тирабахтӣ, бин, ки омад ёру бахти ман ба хоб,
Нест ғайр аз ин натиҷа бахти бадфарҷомро.
Мурғи дил дар орзуи донаи холат шуда,
Банду доми ҳалқаи зулфат надида домро.
Бо сияҳбахтон ба ёди зулфи он ҳиндупарӣ,
Беҳтар аз сад субҳи равшан баргузида шомро.
Ҳар замон ёбам ҳаёти тоза аз анфоси ту,
Баҳри Муҳйӣ тарк манмо, ҷони ман, пайғомро.
17
Гарчи дар маснад ба хоки тира афтодем мо,
Худ ҳамон курсинишини лавҳи эҷодем мо.
Мулки шоҳӣ, гар ба коми мо нашуд, набвад ғаме,
Аз навиди фақр фахре, баски дилшодем мо.
Шоҳиди дунё надорад бо касе ҳаргиз вафо,
З-ин сабаб ӯро ба коми сифлаҳо додем мо.
Дар баҳори зиндагӣ гулчини боғи ишратем,
Ҳамчу сарв аз бори дунё, чунки озодем мо.
Дар баҳои тори мӯи зулфи он ҳиндунажод,
Ҷисму ҷонро дар сари савдо ба ҳам додем мо.
Гӯ, макун бо теша канда Бесутун, мо синаро
Карда садпора ба нохун, беҳ зи Фарҳодем мо.
Хомаи мо дар қалам тасхири олам карданист,
Баски дар таҳрири маънӣ килки Беҳзодем мо.
Дар пайи тармими рукни байти маъмури дилем,
Гарчи халқе гашт вайрон, шукр, ободем мо.

Мо муриди ҳазрати ишқем, Муҳйӣ, дар ҷаҳон,
Кай ба фикри хонақоҳу шавқи иршодем мо?
18
Сабо ба арз расонӣ таҳияти моро,
Агар тавоф намоӣ мақоми Салморо.
Бигӯ, ки чист хатое, ки муддати бисёр,
Шудаст ин , ки фаромӯш кардаӣ моро.
Ба ғайри дидаи хунбору хуни дил бо мо,
Ба ёди лаъли лабат нест қисмате моро
Чаро ба гӯши ту, ҷоно , намерасад ҳаргиз
Фиғони ман, ки гирифтаст кӯҳу саҳроро?
Ба ҳайратам зи сари лутф чун намепурсад,
Чӣ монеъ аст зи Маҷнуни хеш Лайлоро?
Ҳаёти тоза биёбам ба ҷон зи бӯи хушат,
«Агар ба бод диҳӣ зулфи анбаросоро.»
Чаро ту раҳм насозӣ, ки гиря меояд,
Ба нолаҳои мани зор габру тарсоро?
Чаро ба ракс наояд зи шавқ, эй Муҳйӣ,
Агар ба Зуҳра бихонанд гуфтаи моро?
19
Турфа савдое ба сар афканда он кокул маро,
Ин парешонӣ ба фикраш нест чун сунбул маро.
Бедимоғонро куҷо таскин диҳад гулҳои боғ?
Боғбон, таклиф манмо баҳри сайри гул маро.
Суҳбати ҳамдард бояд, то ки дафъи ғам кунад,
Нест ҳамдарде дар ин гулшан ба ҷуз булбул маро.
Табъи мавзунам чӣ сон хуш мешавад дар анҷуман?
Шӯриши занбӯр бошад ин ҳама ғулғул маро.
Бехуд аз паймонаи ишқам намеояд ба кор,
Дар тарабгоҳи ҷунун мастии ҷоми мул маро.
Дил ба печи зулфи ёри Деҳлавӣ афтодааст,
Кай ҳавас бошад лиқои шоҳиди Кобул маро?
Тардимоғам аз шамими хатти райҳонии ӯ,
Шуд шукуфта боғи дил аз нафҳааш гулгул маро.
Чист ҷуз ҳарфи таҷаллӣ рӯҳафзо дар дилам,
Кай писанд афтад каломи Толиби Омул маро?

Муҳйӣ, шавқи гулшани рӯи таҷаллӣ монеъ аст,
Аз тамошои ҷаҳону сайри Истанбул маро.
20
Эй, ки дар ёди ту доим май ба каф дорем мо,
Чашми ёрӣ бо ту аз ёри Наҷаф дорем мо.
Дил, ки умре гавҳари меҳри туро будӣ садаф,
Аз пайи қимматшиносӣ дар садаф дорем мо.
Дар масиратгоҳи меҳрат, аз хаёли рӯйи ту,
Созу қонуну рубобу чангу даф дорем мо.
Ҷом дар каф, ханда бар лаб, завқ бар дил, гул ба сар,
Баҳри шавқат ин ҳама шӯру шаъаф дорем мо.
Лутфи Ҳақ ёр аст бо мо хавф кай аз рӯзгор?
Чунки аз Ҳақ лутфи оми лотахаф дорем мо.
Мо асири хирқаи зуҳду риёе нестем,
Дил ба асрори Илоҳӣ чун садаф дорем мо.
Нест уҷбе дар дили мо зарра аз зуҳду риё,
Форіғем аз макри эшон, ин шараф дорем мо.
Гарчи набвад дӯстонро туҳфаи лоиқ зи мо,
Гавҳари назми Саноӣ муттаҳаф дорем мо.
Як тараф шуд бо ту гар аҳбоб, Муҳйӣ, ғам махӯр,
Шукрилиллаҳ, хушдилӣ аз сад тараф дорем мо.
21
Муддате шуд ишқи он гулрух ба сар дорем мо,
Ҳамчу булбул, з-ин сабаб сад шӯру шар дорем мо.
Дидаҳо ойинасо, азбаски маҳви рӯи ӯст,
Аз саводи чашми ӯ нури басар дорем мо.
Бар машоми ҷон зи ту бӯи вафо кам-кам расад,
Гарчи изҳори муҳаббат бештар дорем мо.
То ба кай баҳри вафои чун ту ёри бевафо
Хешро ноҳақ ба ранҷу дарди сар дорем мо?
Золимо, ин зулм то кай мекунӣ бар мо раво?
Ёд кун аз қаҳри Ҳақ, оҳи саҳар дорем мо.
Мо таҷаррудпешагон аз ранҷи дунё фориғем,
Ганҷи истиғно ба дил, сад ганҷи зар дорем мо.
Эй чамансимо, замират бод доим гулситон,
То ки аз файзи ту мо ҳам гул ба сар дорем мо.

Умри Хизру давлати Искандарӣ бодат насиб,
Ин дуо вирди забон шому саҳар дорем мо.
Муҳйӣ, доим дар ҳавои васли он оличаноб,
Ашки гарму оҳи сарду чашми тар дорем мо.
22
Доғи ишқи лоларӯе дар ҷигар дорем мо,
Дар хаёлаш оҳи гарму чашми тар дорем мо.
Муддате шуд доғи он гул дар ҷигар парвардаем,
Ҳамчу булбул нолаю сад шӯру шар дорем мо.
Дидаҳо маҳви тамошо, дил ба фикри васли ӯ,
Мову дил аз халқи олам кай хабар дорем мо?
Мову ишқи гулрухону ҷому саҳни бӯстон,
Кай хабар аз воридоти шӯру шар дорем мо?
Баъд аз ин дар кунҷи ваҳдат беҳ, ки маҳви дил шавем,
То кай аз касрат ғубори дарди сар дорем мо?
Арзи ҷавҳар бар гуруҳи бебасират мушкил аст,
То ба кай ойина бар ҳар бебасар дорем мо?
Кай маро парвои манъи муҳтасиб, бар рағми он,
Майли майхорӣ зи аввал бештар дорем мо.
Аз таҷаллӣ ҷилвае афтода доғе дар ҷигар,
З-ин сабаб ҳар лаҳза оҳи пуршарар дорем мо.
Аз барои симу зар, Муҳйӣ, чаро заҳмат кашӣ?
Гавҳари назми беҳ аз дур(р)у гуҳар дорем мо.
23
Аён аз гулшани ҳуснат ба олам гулфурӯшиҳо,
Зи сарви қадди мавзунат нишони фитнаҷӯшиҳо.
Набошад чун рухат меҳре миёни осмон равшан,
Аз он рӯ дар ҷаҳон зоҳир фурӯғи нурбахшиҳо.
Аз ин кайфияти мастӣ, ки зоҳир аз маи лаълат,
Ба махмурону майхӯрон чӣ ҳоҷат боданӯшиҳо?
Яқинам шуд, ки шаб гардад ҷаҳон аз ҷӯшиши зулмат,
Агар ин сон бувад доим зи чашмат фитнаҷӯшиҳо.
Туро гар лофи ҳамчашмӣ занад оҳу, макун айбаш,
Бале, аз ҷавҳари идрок маъзуранд ваҳшиҳо.
Хуш он соат, ки аз базми висолат роҳате ёбам,
Насозад аз ҳасад бо ман рақиб он розбахшиҳо.

Аз он рӯзе, ки рухсорат тароватбахши гулшан шуд,
Навиде дода оламро сабо аз тозаайшиҳо.
Назокат ҷӯшише дорад аз он аз ҳар сари байтам,
Ки дорад назми ширинам зи маънӣ ҳуллапӯшиҳо.
Шавад коми ҷаҳон ширин зи шаҳди назми ту Муҳйӣ,
В-агар дар зиндагӣ дорӣ чунин шаккарфурӯшиҳо.
24
Аён аз чашмаи лаълат зулоли хушмақолиҳо,
Туӣ машҳур дар олам ба ҳусни бемисолиҳо.
Аз он мижгони хунрезат ба даврон шӯриши маҳшар,
Намоён карда чашмонат зи айни лоуболиҳо.
Рамузи чашми мастатро куҷо донанд ғофилҳо?
Ки зоҳир ҳар нафас аз вай фунуни бадқитолиҳо.
Фусунгар наргиси шӯхат аҷаб найрангҳо дорад,
Ба сайди ошиқон зоҳир аз ӯ ҷодухисолиҳо.
Хиҷил аз шарми рухсорат чӣ сарви тӯбии ҷаннат,
Ки доранд инфиъол аз худ ба он нозукниҳолиҳо.
Вуфури ҳусни ахлоқе, ки дар табъи ту шуд зоҳир,
Аломатҳост дар зотат паи соҳибкамолиҳо.
Агар бар сӯйи боғ афтад гузорат, боғбон аз шавқ,
Бисот аз сабза андозад зи баҳри поймолиҳо.
Чаро аз рӯйи гулгунат чу булбул нолаҳо дорам?
Нашуд масмуъ дар гӯшат ба ҳукми хурдсолиҳо.
Ҳамин ашъори Муҳйӣ шуд мувашшаҳ чун ба номи ту,
Аз он рӯ гашта ашъорам беҳ аз иқди лаолиҳо.
25
Ассалом, эй остонат мулҷаи аҳли сафо,
Ассалом, эй хоки поят сурмаҳои тӯтиё.
Ассалом, эй муҳтадои олимону орифон,
Муршиди аҳли тариқат, соликонро раҳнамо.
Меҳри гардуни фазилат, шамъи арбоби камол,
Раҳравони роҳи Ҳақро муқтадову пешво.
Ҳаст Хӯқанд аз вуҷуди фоизат мамлу зи файз,
Эй ки зоти ашрафат соҳибдилонро муддао.
Ёфта аз файзи ту халқе ҳидоят дар ҷаҳон,
Мулҷии аҳли улумию мулози атқиё.

Дар улуми фиқҳу тафсиру аҳодису ҳакам,
Чун туе соҳибамал олим куҷо дар мулки мо?
Аз ҷамолат чашми арбоби маориф равшан аст,
Бо маризони маъориф даргаҳат дорушшифо.
Бод, ё Раб, файзи иршодат мазоиф дар ҷаҳон,
Бод аз Ҳақ то қиёмат зилли файзатро бақо.
Омадам баҳри зиёрат, эй музури аҳли илм,
З-он ки бо ман ғоибона доштӣ меҳру вафо.
Сояи меҳру карам бар фарқи ман афкан, аз он-к
Соят бошад ба фарқам беҳтар аз зилли ҳумо.
Дар ҳақи Муҳйӣ дуое кун, ки дорад эътиқод,
Аз ту дар ҳаққаш дуоҳою иҷобат аз Худо.
26
Эй ки бар лаб нест ғайр аз зикри гуфтори шумо,
Нест дар дил ҷуз лиқову шавқи дидори шумо.
Хор-хори ҳаҷр доим медиҳад озори дил,
Баски ғоиб аз назарҳо сайри гулзори шумо.
Фазлу алтофи Худо дар ҳар умури ҷузву кул,
Бод доим дар ҷамиъи корҳо ёри шумо.
З-он бувад меҳрам фузун, эй зуфунуни рӯзгор,
Ҳаст манзурам ҳамеша феълу атвори шумо.
Ҳар нафас хун меҳӯрам аз рашки новакти сухан,
Гавҳарафшони кӣ бошад лаъли дурбори шумо?
Хизру Илёсу Масеҳо мекунам аз Ҳақ талаб,
Баҳри ёрӣ дар ҷамиъи ҳол дар кори шумо.
Маснади ҳукми қазоро бо ту з-он дар ифтихор,
Норасида бо касе як зарра озори шумо.
Карда қозии фалак таслим дар кулли умур,
Кист гардад мункари афзолу атвори шумо?
Нури чашмонро зи мо пурсед, эй соҳибкамол,
З-он ки нури дидаи анвору абсори шумо.
Мекунам доим талаб аз Ҳақтаъоло субҳу шом,
То дигарбора бибинам меҳри рухсори шумо.
Эй сабо, гар роҳ ёбӣ, гӯй бо он ёри ҷон,
Қозиё, Муҳйӣ, бувад муштоқи дидори шумо.

27
Сабо бигӯй саломе ба сурхафсари мо,
Ки аз чӣ хату паёмат намерасад бари мо?
Аз он замон, ки ҷудо сохт чарх шуд пайдо
Ба даҳр шӯриши тӯфон зи дидаи тари мо.
Ба кӯи дӯст ба сад шавқи орзумандӣ,
Намешавад зи чӣ рӯ бахт ёру раҳбари мо?
Магар ба резиши толеъ фитодааст дар об,
Чунин зи авҷи сипеҳри ҷалол ахтари мо?
В-агарна рӯзу шабе нест бигзарад аз дил,
Хаёли васли шумоён, аё бародари мо.
Расон дуою саломам ба соҳиби ҳашмат,
Ки ӯст мушфиқу дилҷӯ, азизу раҳбари мо.
Ба ёди гулшани бӯи ту дилхушем ,аз он-к
Ки чеҳраи ту гулситону қад санавбари мо.
Куҷо равам? Зи кӣ ҷӯям нишони меҳру вафо?
Ки нест меҳру вафое ба аҳли кишвари мо.
Намеравад ба мурури замона, эй Муҳйӣ,
Ҳавои дидани дидори ҳарду аз сари мо.
28
Шавқам туро чу шавқи ҳаҷим аст бар Сафо,
Майлам туро чу майли мариз аст бар шифо.
Ҷон медиҳам ба ёди ту, аз хоки турбатам
Хоҳад дамид баъди вафотам гаҳе вафо.
Он лутфу марҳамат, ки намудӣ барои ман,
Аз баҳри дӯстист ба ман ин ҳама кафо.
Ман сӯхтам зи оташи шавқат, чӣ мешавад
Мактуби рӯҳбахши ту ояд ба интифо.
Ҳифзи Худо ҳамеша туро бод посбон,
Ҳақ бод аз ту розию хурсанд Мустафо.
Иқбол бод чокари давлатсарои ту,
Пайваста зердасти ту бошанд дар рифо.
Бо иззу эҳтишом ба ҳар ҷо, ки рӯ ниҳӣ,
Созад дуову мадҳ туро халқ аз қафо.
Пайваста моҳу сол туро мекунам дуо,
Бар аз фурӯзу хумпару ин нест дар хафо.

Эй додхоҳи халқ, ба додам намерасӣ,
Манмо ба тарки руқъа ба Муҳйӣ чунин ҷафо.
29
Бунёди айшу ишрат маъмур фасли сармо,
Рав, бош бо рафиқон масрур фасли сармо.
Фурсат ба айш набвад рӯзона мардумонро,
Ёрон, ба шаб фароғат машҳур фасли сармо.
Бошад агарчи матлуб бо аҳли айш, лекин
Аҳли ғано, хусусан, мағрур фасли сармо.
Хуррам касе, ки дорад, ёре, ки моҳи рӯяш,
То вақти субҳ бошад манзур фасли сармо.
Ёрон, кунед ҳозир моҳе, ки хона гардад,
К-аз партави ҷамолаш пурнур фасли сармо.
Роҳат чаро набахшад ҷонро, агар бигирад
Хуш лаҳзае, ки бар каф танбӯр фасли сармо.
Аҳбоб ҳозир оед, азбаски дам ғанимат,
Бо якдигар нишинем масрур фасли сармо.
Ҳар кас ба васли ёре масруру шоду хуррам,
Моён чӣ гуна бошем маҳҷур фасли сармо?
Набвад ба кас муяссар, Мӯҳйӣ, ҷамоли хубон,
Ё зар ба кор ояд, ё зӯр фасли сармо.
30
Аҷаб ҷои фараҳафзост ин ҷо,
Чи гулҳои чаманорост ин ҷо.
Зи ҷӯши сабзаву гулҳои рангин,
Биҳишти тозае пайдост ин ҷо.
Зи ҳар ҷӯ об ҷорӣ ҳамчу Кавсар,
Равонбахши ҳама танҳост ин ҷо.
Бубинӣ наҳру берунаш бигӯйӣ,
Хиҷолатбахши сад дарёст ин ҷо.
Ба ҳам омехта гулҳои рангин,
Чи хушнузҳат гуҳар барпост ин ҷо.
Шукӯҳи оби ӯ бинӣ, бигӯйӣ
Аҷаб баҳри муҳитосост ин ҷо.
Зи гулҳои Фарангу Руму Чинӣ,
Магар гулзори Ёрупост ин ҷо?

Наёбанд роҳ ҷуз хубони танноз,
Мақому манзили ҳуросг ин ҷо.
Чаро гулҳо напардозанд худро?
Чу Муҳйӣ булбули шайдост ин ҷо.
31
Маро васфи ту меояд ба хоб аз хушмақолиҳо,
Ки аз ахлоқи некӯят аён соҳибкамолиҳо.
Агар ин аст вазъи таври ҳусну хулқу афъолат,
Рабоӣ гӯи сабқат аз ҳама дар хушхисолиҳо.
Аён аз меҳри рӯйи ту фурӯғи ҳушмандонро,
Ҳувайдо аз ҷамоли ту фари донишмаолиҳо.
Сафои тинатат бурда суҷуди пок з-олоиш,
Ба миръоти дилат наншаста гарди лоуболиҳо.
Мунаввар маҳфили арбоби фазл аз шамъи рухсорат,
Ки нури бадр мебахшад маҳат бо ин ҳилолиҳо.
Туро ҷамъ омада азбас ҷамоли сурату маънӣ,
Аз он манзури аҳли дил шудӣ бо хурдсолиҳо.
Агар гӯям якеро аз ҳазорон ҳусни ахлоқат,
Шавӣ машҳур дар олам ба васфи бемисолиҳо.
Лаб аз мадҳат намебандам, забон то даҳон бандам,
Зибас дил бурдаӣ аз ман ба вазъи хушхисолиҳо.
Лаболаб бод аз саҳбои маънӣ соғарат доим,
Шавад чун гул шукуфта рӯй аз осудаҳолиҳо.
Ҳамеша дар риёзи умр гулчини тараб бошӣ,
Набинад сарви қадди ту хами беэътидолиҳо.
Хушам аз ёрии толеъ, ки ҳамдам гаштаам бо ту,
Шуда дар сӯҳбати гулшан дилам аз иттисолиҳо.
Аё махдуми аҳли илм, бингар сӯйи ашъорам,
Ки аз баҳри нисор овардам ин накди лаолиҳо.
Ниҳода бар сари ҳар байт, Муҳйӣ, гавҳари номат,
Чунон чида ба силки назм ин нозукхаёлиҳо.
32
Ба ҳаққи Аҳмади мухтору ҷумла анбиё, ё Раб!
Зи роҳи нафси шайтонӣ нигаҳ дорӣ маро, ё Раб!
Агарчанде сафои дил накарда ҳосил аз тоат,
Намо маҳшур дар маҳшар ту бо аҳли сафо, ё Раб!

Накардам бандагӣ ҳаргиз, ба роҳи маъсият рафтам,
Шуда умри азизи ман ҳама сарфи ҳаво, ё Раб!
Наҷоте бахш аз қайди азоби суҳбати дунон,
Надонам аз чӣ гардидам ба инҳо мубтало, ё Раб!?
Зи бори ихтилоти ҷоҳилон дар хок яксонам,
Агарчанде мақоми ман бувад авҷи само, ё Раб!
Надорам роҳате ҳаргиз, надидам рӯйи хурсандӣ,
Ҳама рӯзам бувад мотам, шаби ман дар азо, ё Раб!
Зи як сӯ кулфати даҳру зи як сӯ қиллати тоат,
Намедонам, чӣ сон бинам ҷазо рӯзи ҷазо, ё Раб!?
Гузашта накди умри ман ҳама дар ғафлату исён,
Аз он дар дил маро бошад ҳазорон доғҳо, ё Раб!
Зи рӯйи лутфи худ авфе намо исёни Муҳйиро,
Накун шарманда дар маҳшар тафили Мустафо, ё Раб!
33
Эй дил, аз чарх муддао маталаб!
Ком аз даҳри бебақо маталаб!
Чатри шоҳию неъмати дунё,
Устухонест аз ҳумо маталаб!
Муъминӣ, ғайри давлати имон,
Ҷоҳу иқбол аз Худо маталаб!
Иззату эътибори аҳли камол,
Аз хабисони норасо маталаб!
Ошиқӣ ҳаст дарди бепоён,
Чун шудӣ мубтало даво маталаб!
Ҳар наеро шакар намебошад,
Шаҳди шаккар зи бурё маталаб!
Сурати зоҳирӣ наояд кор,
Дониш аз шахси хушлиқо маталаб!
Инчунин ҳар хабоиси зотӣ,
Аз сиёҳони баднамо маталаб!
Муҳйӣ, ҷуз риндию хароботӣ,
Аз бузургони шаҳри мо маталаб!
34
Эй дил, аз Тури талаб нури таҷалло дарёб!
Баҳри наззораи ӯ дидаи Мӯсо дарёб!

Ошиқӣ пеша куну маҳви таҷаллӣ мебош,
Баъди ин кайфияти нашъаи саҳбо дарёб!
Тирарӯзӣ зи ҳад афзун шуда дар ёди рухаш,
Дар шабистони зулам партави байзо дарёб!
Дар муҳити сифаташ лаҳзае ғаввосӣ кун,
Мамлу оғӯши худ аз луълӯи лоло дарёб!
Аз даму хулқи таҷаллии таҷалло, эй дил,
Чашмаи Хизр бибин, файзи Масеҳо дарёб!
Гар муяссар шавад он боргаҳи файзасос,
Ба худ аз гӯшаи он манзили аъло дарёб!
Танг гардид дил аз суҳбати ин дунтабъон,
Тарк кун сифлагиён, олами боло, дарёб!
Бигзар аз мамлакату ҳашмату аҳлу фарзанд,
Садди Искандариву шуҳрати Доро дарёб!
Гӯшае гир аз ин халқ ба Қофи узлат,
Баъд аз он Муҳйӣ ҳамон шуҳрати анқо дарёб!
35
Биҳамдуллоҳ, ки меҳмон аст, бо ман офтоб имшаб,
Зи моҳи оразаш гардид маҳфил моҳтоб имшаб.
Зи баҳри мақдами дидори муштоқони ӯ, зинҳор
Сафобахши раҳаш гардид аз атри гулоб имшаб.
Ғанимат суҳбати аҳбобу ин давлат бувад ноёб,
Чи хуш ин давлати дидор, бояд тарки хоб имшаб.
Куҷо Ҷамшед дид ин базму ин ҷамъияту ҷавлон?
Шуда маҷлис биҳишти накд аз нуқлу шароб имшаб.
Шароб аз дасти ғилмони биҳиштӣ нӯш то гардад,
Зи оҳи оташини мо дили зоҳид кабоб имшаб.
Ба рақс ояд аҷаб набвад ба гардун Зуҳра аз мастӣ,
Расад то авҷи гардун созу овози рубоб имшаб.
Чаман хулди барин гардид аз ҷӯши масарратҳо,
Аҷаб набвад фитад дар табъи хубон печутоб имшаб.
Ман аз иқбол хурсандам, ки толеъ гашт ёри ман,
Фиканда шоҳиди мақсуд аз ораз ниқоб имшаб.
Зи юмни толеъу иқбол Муҳйӣ баъди муддатҳо,
Шудам аз васли маҳбубу муҳибон комёб имшаб.

36
Ин чӣ сеҳр аст, ки ангехта райҳон имшаб?
Сохт аз сози баму зер чӣ тӯфон имшаб?
Нест ҳоҷат ба гулу атр ба маҳфилгаҳи мо,
Атрогин шуда чун базм зи райҳон имшаб.
Созу танбӯру наю чангу наво соз ба ҳам,
Ҳамагӣ ҷумла дар афғону ғазалхон имшаб.
Шуда аз ҷӯши тараб аҳли тараб мустағнӣ,
Аз гулу булбулу қумрии ғазалхон имшаб.
Аз гули орази дилдору лаби хандонаш,
Маҷлиси мо шуда дар айш гулистон имшаб.
Баски аз нолаи танбӯру дутору ғиҷҷак,
Гул-гул ошуфта ҳама табъи парешон имшаб.
Васфи боғу гулу гулзор масозед, ки шуд
Мутфаъил гулшану гулзор зи райҳон имшаб.
Ғаму андуҳ шуда дур чу аз завқу сурур,
Қисса аз ҳур магӯеду зи ғилмон имшаб.
Табъи маҳзуну парешону дили ушшоқон,
Гашта маҷмуъ аз он зулфи парешон имшаб.
Муҳйӣ тавсиф чӣ созам, ки нигори бадхӯ
Дода коми дили ноком ба меҳмон имшаб.
37
Гул дар чаман зи шарми ту бар рух кашад ниқоб,
Сунбул ба ёди зулфи ту доим ба печутоб.
Аз хиҷлати сафедии дандону он даҳон,
Гардида дар миёни садаф об дур(р)и ноб.
Андар хаёли шӯълаи рухсори оташин,
Оташ фитода дар тану гардида дил кабоб.
Азбас ба ёди рӯйи ту чандон гиристам,
Аз ашки ман ҷаҳон шуда толоб дар гулоб.
Аз ҳасрати ҷамоли ту сели сиришки ман,
Тарсам, ки ҷумла хонаи мардум шавад хароб.
Баҳри тавофи равзаи поки ту солу моҳ,
Симобвор дил шуда дар банди изтироб.
Шукри Худо, ки ҳар чӣ талаб кардам аз Худо,
Гаштам ман аз тафили ту бар ҷумла комёб.

Дар ҳар мурод восита кардам туро ба Ҳақ,
Шуд бар ҷаноби қудси Худованд мустаҷоб.
Муҳйӣ, зи файзи нолаву зории субҳдам,
Шуд каъбаи мақосиду уммед фатҳёб.
38
Кардӣ ту азми қибла аз ин балда, эй ҳабиб,
Ман монда бе ҳузури ту андар Ватан ғариб.
Ҷон рафт аз тани ману ман зинда бе ҳабиб,
Ин зиндагӣ зи ҳаҷри ту бар ман бувад аҷиб.
Дар орзуи гулшани рухсори ту маро,
Не сабру не қарору на ором на шикеб.
Ман бе ту дар мусибату ағёр дар нишот,
Ман дур аз висолу рақибон бувад қариб.
Бе лаззати ҷамоли ту кай баҳра аз ҳаёт,
Умре, ки бе ту кай шавад аз зиндагӣ ҳасиб?
Дардест дарди ишқ, ки оҷиз ҳама аз он,
Ин дардро куҷо илоҷе мекунад табиб?
Ман аз шароби ноби таҷаллӣ шудам зи ҳуш,
Ин хосият куҷо расад аз бодаи ратиб?
Фасли баҳор омаду ман дар ғами фироқ,
Дидору васли ёр куҷо мешавад насиб?
Аз ёрии фалак марав аз худ, ки оқибат,
Сулҳаш ба ҷанг ояду ёбӣ аз ӯ фиреб.
Ранги бақо ба гулшани дунё наёфтам,
Дидам агарчи Муҳйӣ ҷаҳонро фарозу шеб.
39
Азбас муҷарраб аст ба андуҳу ғам шароб,
Шӯяд зи дил кудурату ранҷу алам шароб.
Бигзашт моҳи рӯзаю омад сабоҳи ид,
Соқӣ, бидеҳ ба мужда дар ин субҳдам шароб.
Беҷост орзуи Ҷаму ҷоҳу ҳашматаш,
Он беҳ, ки мо хӯрем пур аз Ҷоми Ҷам шароб.
Мутриб, ки аз тарона ба ушшоқ ҷон диҳад,
Ваҳ, ваҳ, чӣ беҳтар аст, ба ин зеру бам шароб.
Бе чангу бе таронаву бе суҳбати нигор,
Дар мавсими баҳор ту менӯш кам шароб.

Зеро ки ошиқони дилафгорро бувад,
Бе лаззати висоли дилором сам шароб.
Айёми иду фасли гулу нағмаи рубоб,
Бошад чи хуш ба ин ҳама созем зам шароб.
Май аз кафи ту дилбари нозофарин хуш аст,
Гардад вагарна бе ту мубаддал ба сам шароб.
Муҳйӣ биҳишти накд ҳамин бас зи дасти ёр,
Нӯшем ҳар баҳор муҳибон ба ҳам шароб.
40
Дар орзуи рӯйи ту, эй рашки офтоб,
Дилҳои мо зи оташи ҳасрат шуда кабоб.
Фурсат ғанимат аст, ду рӯзе дар ин чаман,
Суҳбат кунем бо маю маъшуқу бо рубоб.
Тури дилам, ки пок зи осори зулмат аст,
Шабҳо ба ёди меҳри таҷаллист моҳтоб.
Эй наргиси ту карда маро маҳву бешуур,
Чашмам зи ёди чеҳраи зебои ту пуроб.
Ҷон медиҳам ба ёди рухат аз ғами фироқ,
Як лаҳза монд зиндагӣ, эй ҷон, маро биёб.
Уммед аз шароби висоли ту доштам,
Шуд сурати шароб, дареғо, кунун сароб.
Май хӯрда ҷоми бодаю маъшуқу гӯшае,
Аз суҳбати машоихи даврон кун, эҳтисоб.
Дар остони кӯйи муғон бошу шод бош,
То чанд дар маҷолиси дунон кашӣ азоб?
Муҳйӣ, ту роҳи Ясрибу Батҳо бигир, аз он-к
Хӯқанд аз шарорати ашрор шуд хароб.
41
Шаб ба гӯши ҷон шунидам з-он лаби ширин ба хоб,
Нақли Фарҳоди ҳазину қиссаи Ширин ба хоб.
Во шуда дарҳои ҷаннат бар рухам аз хушдилӣ,
Табъи ман шуд аз шукуфтан чун чаман рангин ба хоб.
Баски аз боғи висолаш сайри ҷаннат доштам,
Будам аз гулзори ҳуснаш то саҳар гулчин ба хоб.
Рӯйи худ андар канорам монд чун аз рӯйи ноз,
Шуд чаман оғӯши ман аз наргису насрин ба хоб.

Буд дар гардан ҳамоил то ба ҳангоми саҳар,
Бар мисоли тавқи заррин соиди симин ба хоб.
Шукрилиллаҳ, рафт ҷумла ранҷи шабҳои фироқ,
Меҳнати айёми ҳиҷрон, кулфати дерин ба хоб.
Турфа меъроҷе ба ман рӯ дод аз авҷи шараф,
Зуҳра курсӣ монда бар ман, Муштарӣ болин ба хоб.
Чархи атлас гӯиё аз баҳри пойандози ман,
Атласи худ кард фарш эсори ман Парвин ба хоб.
Ҳамчу Муҳйӣ ҳар кӣ бандад чашми худ аз ғайри ёр,
Булаҷаб набвад, ки бинад найири Адҳам ба хоб.
42
Чун худ муқаддар аст ба мо аз азал шароб,
Соқӣ паи нишот бидеҳ ҳар маҳал шароб.
Оби Ҳаёт боиси тӯли надомат аст,
Эй Хизр, худ бинӯш, насозам бадал шароб.
Азбаски ҳаст шарбати юҳйилиҷоми мо,
Барҳам занад мазаррати ранҷу касал шароб.
Ороми ҷону қуввати ҷисму ғизои рӯҳ,
Сайқалдеҳи табиъату дафъи алал шароб.
Майхорае, ки лаззати шурби мудом ёфт,
Хуш бар мазоқи ӯст зи қанду асал шароб.
Май бо ҳарифу соқии симинбадан бинӯш,
Бо улфатони сифла махӯр бемаҳал шароб.
Ҳар укдае, ки дар дили доно шавад падид,
Созад билохилоф ба як ҷуръа ҳал шароб.
Вақти шароб омаду ёрон ба дашту кӯҳ,
Бояд ба ҳам хӯрем ҳама бехалал шароб.
Муҳйӣ, чӣ ҳоҷат аст, ки таърифи май кунам?
Дар хосият шудаст ба олам масал шароб.
43
Таҷаллидастгоҳи ман, ки партавафкан аст имшаб,
Аз он Тури дилам равшан зи нури Айман аст имшаб.
Ба ёди ҷаннати кӯяш чунон аз фикри гулчинам,
Ту гӯйӣ синаам гулзору боғу гулшан аст имшаб.
Чунон равшан бувад имшаб, магар меҳри ҷаҳоноро,
Ба ҷои моҳи оламтоб партавафкан аст имшаб?

Ба дил ёди кадомин тири мижгонат гузар карда,
Ки аз бетоқатӣ ҳар сӯ ба паҳлӯ сӯзан аст имшаб?
Ба дафъи талхии айёми ҳиҷрону хумори ӯ,
Ба ҷои ишрати м-офоти май нӯшидан аст имшаб.
Шикаста муҳтасиб минои ман фарқи сари ӯро,
Ту ҳам, ҷоно, кулаҳ бишкан, ки бишкан-бишкан аст
имшаб.
Таъолаллоҳ, чӣ хуш ҷомест, к-аз нури ҷамоли ӯ,
Ба қадри иштиёқи хеш аз худ рафтан аст имшаб.
Аҷаб набвад, ки сӯзад хирмани андуҳу ғамҳоро,
Ки он рухсори оташнок бурқаъафкан аст имшаб.
Биҳамдуллоҳ, ки Муҳйӣ дар ҳарими гулшани васлаш,
Маро аз шом то вақти саҳар гул чидан аст имшаб.
44
То фиристодӣ маро,эй мушфиқи дерин, китоб,
Аз тафохур сарфарозам кард то Парвин китоб.
Лаззати шаҳди ибороту маъониҳои ӯ,
Талхкоми ҳаҷр будам, кард бас ширин китоб.
Дидаӣ арбоби табъи ҳеҷ манбаъ дар ҷаҳон,
Инчунин нодида ҳаргиз хушхату рангин китоб.
Накҳати райҳони хатти ӯ дамодам коми ҷон,
Аз чӣ рӯ созад муанбар нест гар мушкин китоб?
Аз баҳористони алтофат шукуфт, эй ёри ҷон,
Сад чаман гулҳои роҳат бар рухам аз ин китоб.
Ҳар киро афтад назар аз завқ гӯяд: «Офарин!»
Ваҳ ,чӣ зебо чоп гашта дилнишин таҳсин китоб.
Шуд шукуфта табъи ман аз «Лайлию Маҷнун»-и ӯ,
Кард мустағнӣ маро аз «Хусраву Ширин» китоб.
Ҳар хати ӯ сархати хубони навхат шуд аз он,
Ёфта аз ҳусни хаттат зевару тазмин китоб.
Мекунад Муҳйӣ дуоят,бод афзун умри ту,
То бувад боқӣ ба рӯзи ҳашри Акбар ин китоб.
45
Дилам дар зулфи ту маъво гирифтаст,
Мақому рутбаи аъло гирифтаст.
Маро иззу шарофат, қадри бисёр,
Зи ишқат дар ҷаҳон боло гирифтаст.

Шудам девонаи занҷири ишқат,
Аз он мӯ бар сарам савдо гирифтаст.
Рақибон ҷо гирифта дар бари ту,
Ҷаҳонро з-ин сагон ғавғо гирифтаст.
Ба ҷуз васлат дигар матлаб надорад,
Дилам андешаи беҷо гирифтаст.
Аҷаб умри дарозе ёфт, гӯям,
Касе чун ту сиҳиболо гирифтаст.
Ҷудо аз ту чӣ гуна зинда монам?
Ғами дурии ту ҳоло гирифтаст.
Агар Маҷнун шавам, айбам масозед,
Ки ишқи он парисимо гирифтаст.
Ба кунҷи дарду ғам, Мӯҳйӣ, аз он рӯй,
Ба сад ранҷу машаққат ҷо гирифтаст.
46
Оламе маҳви ҳусну сурати туст,
Эй паричеҳра, ин чӣ, талъати туст.
Эй дил, аз давр шодмон мебош,
Бахту давлат надими хидмати туст.
Гардиши чарху кавкаби иқбол,
Илтизоми муроду роҳати туст.
Коми дунёву завқи ишрати ӯ,
Ҳама мавқуфи коми лаззати туст.
Беҳтарини нисо фитад дар даст,
Шукр мекун, ки ҳури ҷаннати туст.
Миннати халқ аз чӣ бардорӣ?
Гардани халқ зери миннати туст.
Эй дил, аз фақр ғам махӯр зинҳор,
Фазлу дониш камоли давлати туст.
Ҳар чӣ аз Ҳақ туро шуда қисмат,
Ҳама бар қадри қобилияти туст.
Даври Маҷнун гузашт, эй Муҳйӣ,
Бош огаҳ кунун, ки навбати туст.
47
Боз майли хотири мо бо қади дилҷӯйи кист?
Ҷони маҳзун дар хаёли наргиси ҷодуйи кист?

Ғунчаи дил аз насими субҳдам гул-гул шукуфт,
Ё Раб, ин боди сабурӣ қосиде аз кӯйи кист?
Боди субҳе ин саҳар олам муаттар сохта,
Мушкро ин бӯ набошад, накҳати гесӯйи кист?
Ҷумла тан маҳвам, надонам пой то сар, дӯстон,
Ҷону дил дар орзуи накҳати гесӯйи кист?
Бехудиҳо рӯ намояд ҳар нафас беихтиёр,
Эй муҳибон, табъи ин мушкил надонам сӯйи кист?
Шуд машоми ҷон муаттар аз ҳавои анбараш,
Ин фазои ҷонфазо аз зулфи анбарбӯйи кист?
Дида ҳайрону дилам бирёну тан дар изтироб,
Ин ҳама заҳмат зи шавқи дидани оҳуйи кист?
Дар чаман сунбул парешон, ғунча гашта ғарқи хун,
Дар хаёли лаъли майгун ҳасрати гесӯйи кист?
Мекашам бори ғами ишқи кадомин сарвиноз?
Қоматам хамгашта ,Муҳйӣ, дар ғами абрӯйи кист?
48
Ҷон дар ғами ту ба лаб қарин аст,
Мурдан зи фироқи ту ҳамин аст.
Қади ту ниҳоли боғи хубӣ,
Рухсори ту барги ёсамин аст.
Ман ҷон диҳаму ту дар тамошо,
Оини паривашон чунин аст.
Куштан ба ту кешу зулму миллат,
Дар мазҳаби ту савоб ин аст.
Чун домани васли ту муяссар
Гардад, ки фалак ба фикри кин аст?
Манмой ситам агарчи бо ту,
Иқлими ҷамол дар нигин аст.
Дар ишқи ту рӯй ҳамчу коҳам,
Пиндор, ки ояти мубин аст.
Эй дилбари нозанин, ҳазар кун,
Аз нолаи ман, ки оташин аст.
Дарёб, ки Муҳйӣ дар фироқ аст,
Бо ғуссаву ранҷу ғам қарин аст.

49
Эй ки қадди ту сарви мавзун аст,
Қоматам дар ғами ту чун нун аст.
Дар фироқи рухи ту шому саҳар,
Чеҳраи ман зи ашк гулгун аст.
Гар нависам фироқи ту сад сол,
Кай тавонам? Зи ҳисса берун аст.
Ҳар қадар ман нависам аз васфат,
Ҳар нафас, ҳар замонаш афзун аст.
Дили ман дар ҳавои гуфторат,
Чӣ нависам, ки таҳ ба таҳ хун аст?
Иштиёқе, ки ман туро дорам,
Не ба Фарҳоду не ба Маҷнун аст.
Бе ҷамоли ту чашми пурхунам,
Мавҷзан ҳамчу рӯди Ҷайҳун аст.
Дар хаёли ту хуни дил хӯрдан,
Ин муқаддар зи даври гардун аст.
Ҳоли Муҳйӣ зи ғам чӣ мепурсӣ?
Кулфаташ аз шумор берун аст?
50
Ҳар касеро дил паи динору дирҳам дарҳам аст,
Оқибат бунёди динаш баҳри дунё барҳам аст.
Аҳли дунё аз ғаму сӯзиш надорад чорае,
Чунки дар динору дирҳам оташу ҳам дарҳам аст.
Фикр кун дар охири динору дирҳам, эй азиз,
Охири динор нору охири дирҳам ҳам аст.
Ҷонканиҳою фиреби хосу ом аз баҳри чист?
Баски доғи зар даруни табъи эшон бад ғам аст.
Як саре ҳаргиз надидам холӣ аз кибру ҳаво,
Як диле бе муқтазои нафси шайтонӣ кам аст.
Ҳар киро бар дам гумону соҳиби сирри Худост,
Баҳри фавти дунявӣ чашми ҳарисон пурнам аст.
По манеҳ дар маҷлиси ҳақношиносон як замон,
Ҳосилат з-ин ғӯлтабъон оқибат ранҷу ғам аст.
Ҳар қадар сомони давлат беш, дарди сар зиёд,
Ту хаёли айш кардӣ, ҷумла асбоби ғам аст.

Зинҳор, аз файзи дил ғофил машав, эй бехабар,
Ҳар чӣ меҷӯйӣ, биҷӯ аз дил, ки дил Ҷоми Ҷам аст.
Мӯҳйӣ, аз абнои даврон одамиятҳо маҷӯй,
Ҳар кӣ хар шуд ин замон, дар ин замона Одам аст.
51
Кай мекунӣ насибам, ё Раб, дари саодат?
Бо дида сурма созам хоки дари саодат.
Иқболу бахт гарданд ҳарду ба ҳам мададгор,
Аз лутф худ супоранд бо раҳбари саодат.
Толеъ шавад ба ман ёр, то раҳбарӣ намояд,
То бар дари саодат, ҳамахтари саодат.
Бахту саодати ман ҳарду гирифт дастам,
Осон маро расонад то бар дари саодат.
В-он гоҳ бӯса созам аз сидқи дил бар он дар,
Созам иқомат он ҷо ҳам аз сари саодат.
Аз юмни лутфи султон, ёбам мурод осон,
Ёбам зи баҳри эҳсон ҳам гавҳари саодат.
Хоқони дину халқон, Абдуҳамиди султон,
Дар фарқи ӯ ниҳода Ҳақ афсари саодат.
Дар осмони ҳиммат чун Муштарӣ нишаста,
Он кавкаби шарофат бо аскари саодат.
Дорам умед Муҳйӣ аз юмни хокбӯсӣ,
Осори тарбиятҳо з-он ахтари саодат.
52
Нозанине омаду Маҷнуни шайдо карду рафт,
Нимҷоне доштам, он низ яғмо карду рафт.
Дидаро манзил намуду сохт равшан аз рухаш,
Манзари чашми маро азбаски маъво карду рафт.
Баъд аз ин доғи ҷигар гул мекунад аз синаам,
З-он ки доғи меҳри худ дар синаам ҷо карду рафт.
Гаштаам савдоии зулфи сиёҳи он санам,
То ниқоб аз мӯи мушкин бар рухаш во карду рафт.
Баҳри ҷазби остонаш ин дили шӯридаро,
Аз сари абрӯйи худ ногоҳ имо карду рафт.
Шӯру шар афканда дар дилҳои муштоқони зор,
Мӯи мушкинаш зибас тасхири дилҳо карду рафт.

Ҳар тараф сад шӯру ғавғо кард зоҳир дар ҷаҳон,
Гӯиё рӯзи қиёмат ошкоро карду рафт.
Дидаҳо дар шавқи рӯяш буда пурнуру зиё,
Шукрулиллаҳ чашми мо пурнуру бино карду рафт.
Ман чӣ сон Маҷнун нагардам, Муҳйӣ, дар ҳиҷрони ӯ?
З-он ки савдои ҷаҳоне бар сарам ҷо карду рафт.
53
Бубин ба даври хат акнун, ки оразат чун аст?
Тароватӣ чаман аз ҷӯши сабза афзун аст.
Дил аз зуҳури хати худ масоз зарра малул,
Ки фасли гулшани хубии ҳуснат акнун аст.
Саводи зулфу фурӯғи маҳи рухат афзуд,
Бубин, ки шӯълаи маҳ дар саводи шабгун аст.
Ҳанӯз сарвари Лайливашони офоқӣ,
Ҳанӯз ҳамчу манат сад ҳазор Маҷнун аст.
Ҳанӯз лаъли ту аз мавҷи ханда рӯҳафзост,
Ҳанӯз чашми ту аз куҳли ноз мафтун аст.
Ба ғайри ман зи чӣ рӯе барӣ, бигӯ, бо ман,
Ки илтифоти ту аз ҳадди ҳирс берун аст.
Назар ба ҳоли мани нотавон намесозӣ,
Ки сина чанд ба дил доғ, дар ҷигар хун аст.
Шудам мусофири ин шаҳр як раҳ, эй дилдор,
Намекунӣ ту саволе, ки ҳоли ту чун аст?
Ки ин ҳазину дилафгору нотавон Муҳйӣ,
Хамида қоматаш аз ғам чу беди Маҷнун аст.
54
Онро, ки кору бор ҳамеша фароғат аст,
Дар охираш дареғу фусусу надомат аст.
Аз баҳри корвони раҳи охират ҷаҳон,
Манзилгаҳи фаност, на ҷои иқомат аст.
Холиқ, ки офарид ҷину одаму малак,
Мақсуд баҳри тоату зуҳду ибодат аст.
Аз баҳри тоат аст ҳама узви одамӣ,
Дида зи баҳри дидани осори ваҳдат аст.
Ҷабҳа паи суҷуду забон баҳри зикри Ҳақ,
Гӯш аз паи самои аҳодису оят аст.

Пой аз паи давидану тооту кори Ҳақ,
Даст аз барои кардани хайру саховат аст.
Дил аз паи давомати ёди Худо бувад,
Зеро ки арши Эзаду ҷои муҳаббат аст.
Кай сар ба нози неъмату дунё фурӯ кашад?
Он кас, ки ӯ зи ёди Худо дар ҳаловат аст.
Онро, ки умр сарф ба ғафлат шуда ,дареғ,
Маҳрум дон зи ҷаннату маъюси раҳмат аст.
Эй дил, бикӯш баҳри ибодат, ки ногаҳон
Умрат тамом гардаду фурсат ғанимат аст.
Муҳйӣ, ки нома кард сиёҳ гарчи аз гуноҳ,
Аз Мустафо ба ҳашр умедаш шафоат аст.
55
Зан ба ҷоми айши даврон то тавонӣ пушти даст,
Балки бар лаззоти ин дунёи фонӣ пушти даст.
Нотавонӣ, бар сарири иззу ҳашмат по манеҳ,
Мезанад охир ба фарқат комронӣ пушти даст.
Тарки молу ҷоҳ набвад кори олиҳимматон,
Зан ба фарқи нафси золим то тавонӣ пушти даст.
Рӯй гардон аз муроду орзуҳо пеш аз он,
Мезанад рӯзе ба рӯят зиндагонӣ пушти даст.
То кай андешӣ ба пирӣ тавба, эй ғофил, чӣ суд?
Бар ҳаёти худ занӣ вақти ҷавонӣ пушти даст.
Дар тавоноӣ ту нақди умри худ зоеъ макун,
Мегазӣ ,охир, ба вақти нотавонӣ пушти даст.
Дасти худ ҳар сӯ зи баҳри коми дил манмо дароз,
То нагирад ногаҳон рӯзи ҷавонӣ пушти даст.
Мард бо паҳлӯ фикандан нест аз зӯроварӣ,
Бар замин аз аҷзи мардӣ гар расонӣ пушти даст.
Хок шав аз эҳтиёҷу назди арбоби ғино,
Хам макун баҳри талаб то метавонӣ пушти даст.
Дар баёзи аҳли дунё нест чун ҳарфи вафо,
Бояд афшондан ба алфозу маъонӣ пушти даст.
Гашт то ҳосил маро мақсуд аз андуҳу ғам,
Барзадан Муҳйӣ ба айши зиндагонӣ пушти даст.

56
Маро, эй гул, ба сар афтод майли сарви дилҷӯят,
Нашуд гарчанд бо ҳарф ошно лаъли сухангӯят.
Яқинам шуд, ки монандат набошад ҳеҷ маҳбубе,
Ба ин тамкину вазъи неку ҳусну сирату хӯят.
Раво аҳкоми ҳусни ту ба хубони ҷаҳон, з-он рӯ,
Ки шоҳи маснади ҳуснию хубон чокари кӯят.
Зи сайди чашми сайёдат халосӣ нест мардумро,
Рабуда дил ба сад ваҳшат, бале, чашмони оҳуят.
Агар хубони оламро ба ман пеши назар оранд,
Кунам ман ҷумлаи онро фидои як сари мӯят.
Кунад изҳори ҷонбахшӣ лабат, аммо чӣ суд аз он?
Ба қатли ман расид ҳар дам зи мижгон тири абрӯят.
Равон, к-аз чашмаи лаълат зулоли комбахшиҳо,
Инон афзунтар аз ушшоқ, ҷоно, бар сари кӯят.
Якояк ҳусни ахлоқат куҷо ман шарҳ битвонам?
Бурун аз ҳадди тақрир аст васфи хулқи некӯят.
Маро орому сабру ҳуш аз дил бурдаӣ, з-он рӯ
Чу қумрӣ гаштаам нолон ба ёди сарви дилҷӯят.
Хаёли суратат ҳар гоҳ дар миръоти дил афтад,
Шавад равшан замири ман зи анвори маҳи рӯят.
Агар бар саҳфаи олам нависам ҳусни ахлоқат,
Яке аз сад нахоҳам гуфт васфи хулқи некӯят.
Нигар бо гавҳари гуфтори Муҳйӣ баҳри тавсифат,
Чӣ сон дар силки назм оварда ашъори чу лӯълуят.
57
Чӣ сон барам мани мискин ба зулфи ёр ангушт?
На оқилист расондан ба фарқи ёр ангушт.
Ба фикри зулфи парешон чу нофа хун гардид,
Дилу накард нигорам бар он нигор ангушт.
Расост нохуни шавқам ба уқда во кардан,
Ба зулфи ёр, дареғо, нашуд дучор ангушт.
Ба шавқи рӯи ту дар боғ қасди гул созам,
Расад ҳар оина бешак ба нӯги хор ангушт.
Расад ба хотирам аз рашк сад парешонӣ,
Агар машота расонад ба зулфи ёр ангушт.

Барои сайқали ғамҳо зи синаи мутриб,
Зи баҳри созу наво з-остин барор ангушт.
Агар ба қатли мани хаста хат кунӣ зоҳир,
Чӣ сон ҳамениҳам аз шавқ садҳазор ангушт?
Магӯ зи ранги ҳино шуд хизоб нохуни ёр,
Зи хуни дидаи ман гашт доғдор ангушт.
Ба табъи олии Муҳйӣ бубин тафовути ӯ,
Зи назми Фазлию Ҳозиқ бувад чаҳор ангушт.
58
Офтоби авҷи хубӣ ҳусни Мирзо Акрам аст,
Мисли ӯ ёри шакарлаб, чунки дар олам кам аст.
Феъли ӯ доно писандад, хулқи ӯ ҳам дилрабо,
Шукрилиллаҳ, рӯзу шаб ин ёр бо мо ҳамдам аст.
Офаринҳо чун насозам бо чунин ҳусни адаб,
З-он ки шаҳди нӯшхандаш дофеъи дарду ғам аст.
Шарбати лаъли лаби ӯ нӯшдорӯи дил аст,
Суҳбати ағёри ӯ бо мо асирон чун сам аст.
Он арақҳое, ки ҳамчу дур нишаста бар рухаш,
Бар гули рӯяш шуда аз шарм гӯё шабнам аст.
Мешавад соқӣ ба базми мо асирон он парӣ,
Базми мо з-он рӯй, ёрон, рашкафзои Ҷам аст.
Доимо шому саҳар аз ҷоми маънӣ сархушам,
Дар баҳористони фазлу илм дилҳо хуррам аст.
Чунки фориғ аз таколифи ғурури давлатем,
Кай ба табъи мо ғубори ганҷу симу дирҳам аст?
Муҳйӣ, ҷуз дидори хубон суҳбати мардум балост,
Кун ҳазар аз суҳбати ашрор, гар худ як дам аст.
59
Маро дар сар бувад доим ҳавои дидани рӯят,
Аз он афтад гузори ман ҳамеша бар сари кӯят.
Лабат гоҳи табассум ғунчаро созад гиребончок,
Парешонии сунбул низ аз таҳрики гесӯят.
Агарчи наргисат ҷон меситонад аз парешонӣ,
Масеҳосо дамад рӯҳи дигар лаъли сухангӯят.
Рами оҳу бувад гарде зи ҷавлони нигоҳи ту,
Саводи шом бошад нусхае аз холи ҳиндуят.

Ҷудо аз васл набвад бар дили ман сабру ороме,
Ки ҳастам андалебу нолатавъам бар гули рӯят.
Ба даври наргисат гардида олам масти лояъқил,
Аз он рӯ ҷумла мегарданд чун Маҷнун ба ҳар сӯят.
Ҷигар сӯрох-сӯрох аст, дорам доғҳо дар дил,
Ба ёди хатти райҳонат, зи мижгони балоҷӯят.
Асирони ғаматро тоқати ҷунбиш куҷо бошад,
Магар бардорад онро қомати сарви лаби ҷӯят?
На танҳо ман қатили ханҷари хунрези бебокам,
Ду олам бисмил асту метапад аз теғи абрӯят.
Сари ҳар байти ман зиннат фузуд аз ҷавҳари номат,
Бубин Муҳйӣ чӣ сон гашта ҳавохоҳу ризоҷӯят.
60
Он парипайкар, ки доим дил ба ёдаш хуррам аст,
Меҳри ӯ дар дил ҳамеша бо хаёлам ҳамдам аст.
Бо чунин одобу вазъи хубию ҳусни фиол,
Гар ҳаёти Хизр ҳам хоҳам барои ӯ, кам аст.
Чун гуҳар бар чеҳраи ӯ ин арақ вақти ҳаё,
Гӯиё бар гул нишаста қатра-қатра шабнам аст.
Аз сухан вақти такаллум бар дили маҷруҳи ман,
Рӯҳбахш омад каломаш, дарди моро марҳам аст.
Рашк меояд маро аз васфи ин зебонигор,
З-он ки дар васфи ҷанобаш ҳарф ҳам номаҳрам аст.
Муғтанам доред, ёрон суҳбати ин гулнигор,
Ҳамчу гул бошад ғанимат суҳбаташ гар як дам аст.
Гашт аз файзи ҷамолаш суҳбати мо гулситон,
Оре, имшаб базми моён беҳтар аз базми Ҷам аст.
Гар набошад маҷлисоро, Муҳйӣ, он дилбар ба мо,
Ҳосили аҳли тараб з-ин базм чашми пурнам аст.
61
Баъд аз ин, эй дил, зи ёрон тарки суҳбат хуштар аст,
Гӯшаи фақру фанову кунҷи узлат хуштар аст.
Суҳбати арбоби дунё оқибат ранҷу хатост,
Пеш аз он сӯзӣ надомат, тарки улфат хуштар аст.
Аз ҳазорон аҳли дониш назди ин аҳли ғурур,
Суҳбати як амради макруҳталъат хуштар аст.

Ағниё ҳаргиз нагардад ошно, эй бехабар,
Ағниёро хидмати арбоби давлат хуштар аст.
Бо Худо будан ба танҳоӣ ба сӯзи дил мудом,
Аз ҳама ҷамъияти фисқу шарорат хуштар аст.
Сар ба саҳро додану узлат намудан ихтиёр,
Аз мулоқоти гуруҳи хуктинат хуштар аст.
Нест рангубӯи инсонӣ дар ин сагтинатон,
Дил чӣ мебандӣ ба гулрӯе, ки нафрат хуштар аст?
Аз ҳазорон маънии рангину изҳори камол,
Бар мазоқи ҷоҳилон фаҳшу башорат хуштар аст.
Ин чӣ гумроҳӣ, ки аз асмои тафсиру ҳадис,
Назди абнои ҷаҳон зикри шарорат хуштар аст?
Гар бубинӣ нохушӣ аз суҳбати аҳли нифоқ,
Муҳйӣ, з-он суҳбат муқаррар тарки суҳбат хуштар аст.
62
Маро афтода то дар дил таманнои маҳи рӯят,
Чу қумрӣ гаштаме нолон ба ёди сарви дилҷӯят.
Лабат гоҳи табассум мекунад изҳори ҷонбахшӣ,
Вале дил мебарад ҳар дам ба яғмо чашми ҷодуят.
Агар тӯтӣ, в-агар булбул адои нутқи ширинат,
В-агар тотори Чин бошад, фидои тори гесӯят.
На ман танҳо кунам васфи ту, эй дилдори базморо,
Ҷамиъи Андиҷон ҳастанд маддоҳу дуогӯят.
Аён аз чашмаи лаълат зулоли комбахшиҳо,
Аз он ҷон медиҳанд ушшоқ бо лаъли сухангӯят.
Мунаввар гашта аз шамъи ҷамолат ҷумла маҳфилҳо,
Муаттар шуд машоми халқ аз мӯйи суманбӯят.
Амири кишвари ҳуснию гулрӯён туро чокар,
Ҳама хубон туро ҳастанд ходим дар сари кӯят.
Нигоҳат кори сад ҷоду ба имо мекунад ҳардам,
Магар Ҳоруту Морутанд он чашмону абрӯят?
Хаёле доштам дар дил зи фикри он камар, ногаҳ
Тариқи муддао бинмуд бо мақсуди ман мӯят.
Агар бар саҳфаи олам нависам ҳусни ахлоқат,
Яке аз сад нахоҳам гуфт васфи хулқи некӯят.
Нигар бо гавҳар гуфтори Муҳйӣ то ба тавсеҳат,
Чӣ сон бар силки назм овард ашъори чу луълӯят?

63
Нигори ман аҷоиб нозанин аст,
Қадаш сарву рухи ӯ ёсамин аст.
Саводи хат ба гирди Оби Ҳайвон,
Мисоли мӯр андар ангубин аст.
Қади ӯ фитнаи саҳрои шӯр аст,
Ду чашмаш офати дунёву дин аст.
Чу рӯяш моҳу чун қаддаш санавбар,
На андар осмону на замин аст.
Кашида сураташ наққоши сурат,
Чунин сурат куҷо дар мулки Чин аст?
Нагардад дида сер аз дидани ӯ,
Таъолуллоҳ, чӣ ғоят нозанин аст.
Мақомаш гар ба зоҳир ҳаст Хӯқанд,
Вале асли вай аз хулди барин аст.
Мисоли ҳусни Юсуф гар биҷӯед,
Ҳамин асту ҳамин асту ҳамин аст.
Бибин бо гавҳари ашъори Муҳйӣ,
Ки ҳар ҳарфаш беҳ аз дур(р)и самин аст.
64
Шукри он мушкинқалам пайғоми султонам навишт,
Қатрае будам, навид аз баҳри Уммонам навишт.
Чун ниҳоли орзуям аз аташ пажмурда буд,
Муждаи сарсабзие аз Оби Ҳайвонам навишт.
Офарин, бар килки гавҳарбори ин зеборақам,
К-инчунин зебо хате чун лаълу марҷонам навишт.
Хуфта будам дар фироқаш муддате аз ғам низор,
Аз каломи ҷонфизо тадбиру дармонам навишт.
Эй сабо, гар сӯи Ҳиҷрӣ бигзарӣ, аз ман бигӯй,
Он касеро, к-ӯ чунин лутфи фаровонам навишт.
Ман, агар мактуб нанвисам, маро маъзур дор,
Дар ҷавоби номаат мактуб натвонам навишт.
Ё ба ман аз Юсуфи Мисрӣ рақам карда салом,
Ё саломе бо ман аз он шоҳи хубонам навишт.
Табъи ман гул-гул шукуфта аз фараҳ ҳамчун чаман,
Хати он дарде зи ғам, азбаски султонам навишт.

Муҳйӣ дар базми муҳибон чун нагардӣ сурхрӯй,
З-он ки бо ман нома он шаҳзоди давронам навишт.
65
Алғиёс, аз ҷаври даврон, алғиёс,
Аз ҷафои чархи гардон, алғиёс.
Аз ҷафои даҳр созам нолаҳо,
Ё зи бедоди муҳиббон, алғиёс?
Ё зи ранҷи девхӯён гӯямаш,
Ё зи дасти моҳрӯён, алғиёс.
Аҳли Тӯронро бешармӣ гирифт,
Муъминонро кор вайрон, алғиёс.
З-ин сабаб бояд ҳама шому саҳар,
Муъминон бошанд гӯён, алғиёс.
То ба кай сӯзад ҷигар, эй дӯстон?
Дил кабобу сина бирён, алғиёс.
Халқ гардиданд Маҷнуни асир,
Дар шиканҷи зулфи хубон, алғиёс.
Аз барои нон ҳама биштофтанд,
Бартараф шуд ёди Маннон, алғиёс.
З-ин сабаб ҳастам мани Муҳйии зор,
Доимо аз ғусса нолон, алғиёс.
66
Бурд аз ман ақлу имон, алғиёс,
Он ҷафоҷӯ, номусалмон, алғиёс.
Гарчи ҷону дил ба ӯ кардам нисор,
Менагардад он мусалмон, алғиёс.
Садҳазорон ҳамчу ман дар роҳи ӯ,
Уфтода маҳву ҳайрон, алғиёс.
Бисмили теғи нигоҳи ӯ шуда,
Ҳамчунин мазбуҳу қурбон, алғиёс.
Дар хаёли оташин рухсори ӯ,
Оташе афтода дар ҷон, алғиёс.
Қиссаи сӯзу гудози худ рақам,
Ё кунам бедоди ҳиҷрон, алғиёс?
Ман ба гиря доимо аз ифтироқ,
Дигарон дар васл хандон, алғиёс.

Ӯ фитода дур аз ёрони худ,
Рӯзу шаб гирёну нолон, алғиёс.
Ҳамчу Муҳйӣ андалеби хушнаво,
Дар миёни буму зоғон, алғиёс.

67

Мондаам маҳҷур аз ёр, алғиёс,
Шуд ҷудо, афсӯс, дилдор, алғиёс.
Бе ҷамолаш ман чӣ сон ёбам ҳузур?
Гаштаам маҳзуну афгор, алғиёс.
Мурдаам бе ту, надорам зиндагӣ,
Бе висолат кор душвор, алғиёс.
Бе ту омад ҷон ба лаб, эй ёри ҷон,
То диҳам ҷон бахри дидор, алғиёс.
Новаки чашми ту, эй дилбар, нишаст,
Бар дили ман то ба суфор, алғиёс.
З-ин сабаб ҳар рӯзу шаб, шому саҳар,
Кори ман шуд нолаи зор, алғиёс.
Бо дили сангини ӯ, ё Раб, чаро
Менасозад нолаам кор, алғиёс?
Доғҳо дар дил ба ҳасрат меравам,
Аз ғами он лоларухсор, алғиёс.
Нест Муҳйӣ раҳм дар сангиндилон,
Баъд аз ин кам гӯй, зинҳор, алғиёс.

68

Сарф шуд умри гиромӣ, ҳайф, эй ёрон, абас,
Рӯзу шаб дар фикру зикри васли гулрӯён абас.
Чист расми ишқбозӣ? Хешро кардан ҳалок,
Дарди бедармон кашидан аз паи дармон абас.
Хешро андохтан чун мор андар печутоб,
Аз сари савдо ба фикри кокули печон абас.
Аз барои сайди ин ваҳшиғизолон аблаҳист,
Ранҷи беҳуда кашидан, сохтан сарсон абас.
Даштпаймои ҷунун гардидан аз девонагист,
Хешро заҳмат мадеҳ, зинҳор, эй нодон, абас.
Нест чун бӯи бақо андар гулистони ҷаҳон,
Завқу шавқу рангу бӯю сунбулу райҳон абас.

Дар дилат як зарра набвад эътиқод, эй муддаӣ,
Лофи илму қолу қилу ҳуҷҷату бурҳон абас.
Дил ба ёди зикру фикри Ҳақтаъоло кун мудом,
Базму разму ишқу фисқу мастию туғён абас.
Муҳйӣ, то кай мекашӣ заҳмат аз ин бедонишон?
Умри худ зоеъ макун дар суҳбати дунон абас.
69
Эй ба даргоҳи ту шоҳон чу гадоён муҳтоҷ,
Ба гадоёни дарат ҷумлаи шоҳон муҳтоҷ.
Карда ирсол Худованд паи заҳмати халқ,
Ба ту ҷинси башару тоифаи ҷон муҳтоҷ.
Ҷумла шоҳони ҷаҳондор ба хоки дари ту,
Шавад охир чу фақирон паи эҳсон муҳтоҷ.
Рӯзи маҳшар, ки шавад ёфтани аҷру ҷазо,
Ба шафоат зи ту гарданд ба исён муҳтоҷ.
Ё расули арабӣ баҳри шафоат ҳама халқ,
Ба ту хоҳанд шудан пиру ҷавонон муҳтоҷ.
Ман, ки чун ташналаби рашҳаи абри карамам,
Ҳамчу муштоқ зироат паи борон муҳтоҷ.
Дорам уммед, ки созӣ назаре бар ҳолам,
Ба ҷамолат мани муштоқи парешон муҳтоҷ.
Аз паи иллату исён ба ту рӯ меорам,
Чу маризе, ки шавад аз паи дармон муҳтоҷ.
Муҳйӣ, ман ошиқи мастам, зи ҳама мустағнӣ,
На ба дунё, на ба уқбову на ризвон муҳтоҷ.
70
Кай кунад дарди дили ман ҳар илоҷ?
Нест ҷуз лаъли ту, эй дилбар, илоҷ.
Сахт душвор аст бемории дил,
Нест ғайр аз бодаи соғар илоҷ.
Бе дами ҷонбахши ӯ оҷиз шуда,
Аз мудовоям Масеҳ андар илоҷ.
Соқиё, бинмо раҳи майхонаро,
То шавад ҳосил ба ман з-он дар илоҷ.
Баргирифтам дил зи асбоби ҷаҳон,
Кай кунад бо ман Ҷаму Қайсар илоҷ?

Бар сувайдои дили ман кай шавад,
Равғани бодому мушки тар илоҷ?
Ошиқи хунгаштаро созад куҷо
Ҳашмату ҷоҳу зару зевар илоҷ?
Ғайри Батҳо баъд аз ин бошад куҷо,
Аз балоҳо баҳри мо дигар илоҷ?
Ҷуз шароби васл бо Муҳйӣ магӯй,
Эй Фалотун, баъд аз ин дигар илоҷ.
71
Эй дил, маҷӯ нишонае аз лаъли ёр ҳеҷ,
Ҷон кандание ҳеҷ макун ихтиёр ҳеҷ.
К-аз хатти сабзи ёр чӣ ҳосил, ки дидаӣ
Касби зиё накарда зи хатти ғубор ҳеҷ?
Ғарра машав ба давлати серӯзаи ҷаҳон,
Ин карру фарру ҳашмату ин гирудор ҳеҷ.
Охир чу бо шикори аҷал мешавӣ дучор,
Ин шоҳбозу тозию табли шикор ҳеҷ.
Хобу хаёли хом бувад айши зиндагӣ,
Васли нигор, лаззати бӯсу канор ҳеҷ.
Дурдикашони соғари заҳри фирокро,
Бе рӯйи ёр бодаю боғу баҳор ҳеҷ.
Онро, ки хуш зи накҳати зулфе нашуд димоғ,
Боду насиму анбару мушки татор ҳеҷ.
Ҳиҷрат намо зи кишвари Фарғона, чун намонд
Қадру ривоҷи мардуми боэътибор ҳеҷ.
Муҳйӣ, ба бекасию ғарибӣ сафар намуд,
Нодида меҳру шафқати аҳли диёр ҳеҷ.
72
Муҳйӣ, ки ба фазл ёфт меъроҷ,
Бар маснади фазли соҳиби тоҷ.
Гардида лақаб ба фазл Муҳйӣ,
Тоҷушшуъарою ашрафулҳоҷ.
Шоҳаншаҳи мулки фазлу дониш,
Хоҳад зи ҳама суханварон боҷ.
Арбоби фасоҳату маонӣ,
Дар радду қабул ҷумла муҳтоҷ.

Бар фарқи суханварони олам,
Бошад суханаш чу дурратултоҷ.
Аз ҳусни хаёлу фикри олӣ,
Бинмуда ба аҳли назм минҳоҷ.
Андешаи ҳусни халқ, Муҳйӣ,
Кардаст матоъи сабр тороҷ.
Дар ҳасрати офтоби рӯяш,
Рӯзи мани хаста тира чун доҷ.
Сеҳри суханаш ҳамеша бодо,
Бар лавҳи калом ғайби дебоҷ.
Хоҳам ба ҳавои васл Муҳйӣ,
Созам таярон мисоли дурроҷ.
73
Эй дил, андар ишқи ёре нола пайдо кун ба субҳ,
Ҳамчу булбул дар чаман ошӯбу ғавғо кун ба субҳ.
Ҳаст мақруни иҷобатҳо дуоҳои саҳар,
Оби чашми хештан монанди дарё кун ба субҳ.
Ҳамчу наргис баҳри сайри нозанинони чаман,
Дар чаман дасте ту ҳам аз сидқ боло кун ба субҳ.
Лаб кушоянд ғунчаҳо аз баҳри оини чаман,
Андар ин гулшан ба ҳайрат дидае во кун ба субҳ.
Хони яғмои Илоҳӣ ҳар саҳар во мешавад,
Тарки хоб аз баҳри қасди хони яғмо кун ба субҳ.
Гар диле дорӣ ту ҳам чун ғунча дар ин гулситон,
Аз шукуфтан файзи гул бар хеш пайдо кун ба субҳ.
Гул шавӣ сар то ба по, гар ғунчаи дил во кунӣ,
Хешро чун гул пас он гаҳ оламоро кун ба субҳ.
Атр хоҳӣ шуд саросар, в-он гаҳе аз бӯи хеш,
Коми ҷони бедимоғон атрпаймо кун ба субҳ.
Муҳйӣ, гар хоҳӣ висоли ҷовидон аз дилбарон,
Ҳукми гул ёбӣ ба гулшан хешро ҷо кун ба субҳ.
74
Соқиё, табъи ҳазинам бодапаймо кун зи роҳ[1],
Ҷилвагоҳи фикри ман аз арш боло кун зи роҳ.

[1] роҳ+ راح—май, шароб

Табъи рангинам, ки дорад сад чаман гул дар бағал,
Ин гулистони маонӣ оламоро кун зи роҳ.
Тира шуд мироти дил аз суҳбати ноқобилон,
Ҳурмати пири муғон табъам мусаффо кун зи роҳ.
Ҷумла андуҳе, ки дорам дар дил аз бадтинатон,
Ин ҳама ғам дам ба дам масруфи яғмо кун зи роҳ.
Баъд аз он бингар ҷамоли шоҳиди гуфтори ман
Аз ниқоб ояд бурун, ҳуснаш тамошо кун зи роҳ.
Табъи ман баҳрест пургавҳар, ки аз ҳар мавҷи ӯ,
Садҳазорон гавҳари мақсуд пайдо кун зи роҳ.
Тардимоғам, гарчи аз саҳбои мазмунҳои худ,
Лек, эй соқӣ, ту ҳам кайфам дуболо кун зи роҳ.
Ҳар гаҳе гардам малул аз итилоти сифлагон,
Аз замири ман илоҷи рафъи ғамҳо кун зи роҳ.
Баски эҳёи сухан карда зи эъҷози калом,
Ҳамчу Муҳйӣ, соқиё, эҳёи Мавло кун зи роҳ.
75
Дод пири хирадам дӯш чунин ҳусни салоҳ,
Ки машав бо маю маъшуқ ҳама шому сабоҳ.
Гаҳ барад суҳбати маъшуқ зи дил кулфату ғам,
То диҳад рӯҳи равон ҷисми туро соғари роҳ.
Шавад аз суҳбати дилдор шабат чун шаби қадр,
Партавафрӯз бувад бода чу нури мисбоҳ.
Ман, ки аз зуҳду риё фориғам, эй зоҳиди шаҳр,
Медиҳӣ таъна, ки бо ман дили соф аст мубоҳ.
Шаби қадр аст, бинӯшем зи дасти маъшуқ,
Бодаи софи муҳаббат ба нузули арвоҳ.
Гашт бунёди дилам рахна зи бедоди замон,
Соқиё, ин дили вайрона зи май кун ислоҳ.
Рӯй оварда маро лашкари ғам аз ҳар сӯ,
Баҳри дафъи ғаму андуҳ зи май соз силоҳ.
Ҳар кӣ аз нашъаи шеърам тарабангез нашуд,
Ба дилаш хори ҳасад бод чу пайкони румоҳ.
Муҳйӣ, з-ин айш чӣ беҳтар, ки бинӯшем мудом,
Бодаи рӯҳфазо аз кафи маъшуқи малоҳ.

76
Боз, о, ки бе ту айши ман айёми ҳиҷрон кард талх,
Коми мани нокомро аз заҳр ҳирмон кард талх.
Бе лаззати гуфтори ту, бе ҷилваи рафтори ту,
Бе талъати рухсори ту, сайри гулистон кард талх.
Азми сафар кард он парӣ, он сарви нози дилбарӣ,
Ҳиҷрони он сарви сиҳӣ, ишрат ба моён кард талх.
Аз рафтанат, эй ҷони ман, дил шуд мусофир дар ватан,
Хурсандии ҳар субҳи ман, шоми ғарибон кард талх.
Ҳар кас зи шаҳди офият, олуда лаб дар оқибат,
Аз талхии заҳри аҷал гардуни гардон кард талх.
Гарчанд аз шаккарлабон, ширин шавад коми ҷаҳон,
Коми маро, эй дӯстон, он лаъли хандон кард талх.
Ҳиҷрат кунам, эй дӯстон, мобайни ин гову харон,
Умри азизи хештан беҳуда натвон кард талх.
Чун тӯтиям ширинсухан, аз мантиқи шаккаршикан,
Афсӯс, шаҳди нутқи ман ин зоғтабъон кард талх.
Муҳйӣ, дар ин меҳнатсаро, гаштан ба ишқе мубтало,
Савдои ӯ дар дил маро ҳурони ғилмон кард талх.
77
Кард бо ман зиндагонӣ чархи каҷрафтор талх,
Бодаи ишрат намуда даҳри ноҳамвор талх.
Аз нифоқи бетамизиҳои абнои замон,
Зиндагониҳо ба ман гардид аз миқдор талх.
Менаояд дар қалам таҳрири он ,эй дӯстон,
Гашт бо ман даҳр ҳамчун коми сафродор талх.
Ин Худодурон ба мастӣ ин қадар печидаанд,
Бо лаби ин бадсириштон гашта истиғфор талх.
Айши ин шоҳидпарастон то куҷо хоҳад кашид?
Ишрати садрӯза хоҳад гашт аз гуфтор талх.
Мекунанд аз пучмағзӣ кибр арбоби ғано,
Мағзи ин бодом гардад охир аз пиндор талх.
Ҳаст маҳруми абад аз лаззати ҳусни ҷавоб,
Ҳар киро бошад ба мардум одати гуфтор талх.
Бош ширин, то писанди ҷумла аҳли дил шавӣ,
Мешавӣ мардуди лабҳо, гар шавӣ бисёр талх.

Бош чун Муҳйӣ ҳаловатбахши дилҳо аз сухан,
Хӯ макун бо гуфтани фаҳшу магӯ бисёр талх.
78
Саҳар аз талхии айём наҷотам доданд,
Хабар аз он бути ширинҳаракотам доданд.
Ҷуръа аз ҷоми лаби лаъл ба комам карданд,
Шаҳди гуфтори беҳ аз қанду наботам доданд.
Чи ҳумоюн маҳале буд, чи фаррух ҷое,
Ки ба ишратгаҳи ҷовид баротам доданд.
Ба машоми мани ноком ба роиҳаи қудс,
Саҳар аз гулшани қудсӣ нафақотам доданд.
Дидаро равшанӣ аз нури ҳақоиқ афзуд,
Куҳли биниш, ки зи анвори сифотам доданд.
Умри ҷовид чӣ даркор, ки аз  чашмаи табъ,
Мавҷи маънӣ ба дили Оби Ҳаётам доданд?
Бехабар аз худу идроку шуурам карданд,
То ки огоҳие аз ҳалқаи зотам доданд.
Гар ба талхӣ зада айём паи талхии ком,
Мурда будам, ки пас аз марг ҳаётам доданд.
Чи тамошо, ки надидем дар оинаи ёр,
Хабар аз олами асмои сифотам доданд.
Аз найи хомаи ман ҳамчу шакар мерезад,
Шаҳди маънӣ ивази қанду наботам доданд.
Ин ҳама ганҷи маонӣ, ки дилам махзани ӯст,
Файзи фақр аст, ки ин ҷо ба закотам доданд.
Ҳашмати Балху Ҳирот аз ту маро, эй золим,
Мулки маънӣ, ки беҳ аз Балху Ҳиротам доданд.
Муҳйӣ, дар талхии айём шуд оид, сад шукр,
Ҳанзали сабр беҳ аз оби наботам доданд.
79
Захри дилҷӯӣ зибас андар димоғам кардаанд,
Гарди аз ҷо рафтае будам, суроғам кардаанд.
Ёфтам дар тан равону хуррамӣ дар ҷон магар?
Оби Хизр, к-аз бодаи Ҷам дар аёғам кардаанд.
Маҳви ин андешаам, аз ман чӣ омад дар зуҳур?
К-инчунин аз илтифоти хос чоғам кардаанд.

Булбуле, будам ба гулзори маонӣ, дӯстон,
Аз чӣ рӯ ҳамошёни хайли зоғам кардаанд?
Мурғи боғи қудс будам дар нишемангоҳи хок,
Сайдгирони қазо ҷуфти калоғам кардаанд.
Сӯхтам аз иштиёқи лоларӯёни ҷаҳон,
Оташи ишқи бутони шӯх доғам кардаанд.
Аз масарратбахшии пайғоми лаъли рӯҳбахш,
Сад хумистон бода гӯё дар аёғам кардаанд.
Кай маро парво ба айшу нӯши базми ҷоҳилон?
Чунки аз саҳбои маънӣ тардимоғам кардаанд.
Мекунад равшан замири ман шабистони ҷаҳон,
Баски анвори таҷаллӣ дар чароғам кардаанд.
Гулшани табъи мани маҳзун шукуфта сад чаман,
То ки ҷонони маро таклифи боғам кардаанд.
Муҳйӣ, ҷуз ёди Илоҳӣ дар дили мо ҳеҷ нест,
Шукрилиллоҳ, аз ғами дунё фароғам кардаанд.
80
Партави меҳри фалак буд, ки дар ҷом афтод,
Ё фурӯғи рухи он моҳи гуландом афтод.
Дид бе парда ба майхона рухи соқии мо,
Ориф аз сидқи талаб дар қадаҳи ҷом афтод.
Васли маъшуқ биҳиштест ба накд аз каф дод,
Зоҳиди ҳурталаб дар тамаъи хом афтод.
Аз ҳасад сарв биларзид чу шамшод ба боғ,
Назараш, то ки ба он сарви гуландом афтод.
Нест мумкин, ки кунам ишқи ту аз халқ ниҳон,
Ташти расвоӣ чӣ тадбир, ки аз бом афтод?
Васфи моҳи руху абрӯи ҳилолат маҳу сол,
Бар лаби халқи ҷаҳон ҳафтаву айём афтод.
Лаҳза-лаҳза ба ту рози дили худ мегуфтам,
Рафтию кор сад афсӯс ба пайғом афтод.
Сири ишқи ту ниҳон буд ба дил, ҳайронам,
Аз куҷо сири ниҳон дар даҳани ом афтод?
Донаи хол ба рӯи ту парешон чу надид,
Мурғи дил омаду ногоҳ дар ин дом афтод.
Зулф бар рӯи ту то гашт намоён, гуфтам:
Шуд парешон сияҳе, куфр дар ислом афтод.

Сарнавиште ба азал буд ба расвоии ишқ,
Айби Муҳйӣ чӣ тавон кард, ки бадном афтод?
81
Дил зи ҳиҷронат маро ҳардам ба ҳомун мекашад,
Дар биёбони ҷунун монанди Маҷнун мекашад.
Дар ҳавои рӯи ту чашми ман аз селоби шӯр,
Гоҳ дар пои муҳиту гоҳ Ҷайҳун мекашад.
Дил зи сайди чашми хунхорат надорад нафрате,
Мефитад дар дом ҳар гаҳ сайдро хун мекашад.
Кай тавонад баркашад шакли туро Монии Чин?
Обуранги ҳуснат азбас сунъи бечун мекашад.
Лангари кӯҳи ғамат бингар, ки бо сад нозукӣ,
Табъи мавзунам ба ин ворастагӣ чун мекашад?
Меҳнати қадди туро дар боғ чун шамшоду сарв,
Умрҳо шуд бо қади хам беди Маҷнун мекашад.
Ҷуз фурӯ рафтан надорад бар замин касби ғино,
Бин, чӣ сон моли ҷаҳон дар хок Қорун мекашад?
Суҳбати мардум нифоқу ранҷу исёну дағост,
Ин ҳама боис маро аз халқ берун мекашад.
Нуктаи мавзуни Муҳйӣ нашнавад ҳосид чӣ бок,
Табъ чун мавзун набошад чун ба мавзун мекашад?
82
Дар ҳаққи ҷаъди зулфи ту узри хато кунанд,
Мӯе агар ба нақди ду олам баҳо кунанд.
Гесӯи анбарини ту бар нофаи Хито,
Ташбеҳ мекунанд, валекин хато кунанд.
Аз хоки даргаҳи ту , ки куҳли саодат аст,
Аҳли назар мудом аз он тӯтиё кунанд.
Онҳо, ки рӯҳи рӯҳ зи дарди ту ёфтанд,
Кай чашми илтифот ба сӯи даво кунанд?
Онҳо, ки мункаранд ба ҳусну ҷамоли ту,
Он фирқа ҷаҳди нафй ба сунъи Худо кунанд.
Аз нимханда мурда тавон зинда сохтан,
Хубон дар ин савоб тағофул чаро кунанд?
Бар куштагони лаъли лабу чашми шӯхи ту,
Фардо биҳишту ҳур бадият ато кунанд.

Кай восифони фикру таммул ба солҳо,
Як ҳарф аз сифоти ҷамолат адо кунанд?
Санги буҷул ба нола дарояд, аҷиб нест,
Ушшоқ ар ба ёди ҷамолат наво кунанд.
Ҳар тоате, ки бе хами меҳроби абрӯят,
Мардум адо кунанд, бибояд қазо кунанд.
Ҷуз рақсу ваҷду шӯр набояд зи аҳли ҳол,
Муҳйӣ гар истимоъ ба ашъори мо кунанд.
83
Куҳли басар зи хоки дари ёри мо кунанд,
«Онҳо, ки хокро ба назар кимиё кунанд»[2].
Хоқону Рои Ҳинд зи ҳирмони бандагист,
Гардида ноумед басе гиряҳо кунанд.
Нодида дар ҳавои ту ҷон медиҳанд халқ,
Дар он замон, ки рӯйи ту бинанд чиҳо кунанд?
Бори амонате, ки киноят зи ишқи туст,
Пирон умеди ҳамл ба қадди дуто кунанд.
Бегонагон зи ёр надоранд огаҳӣ,
Худро чи аз дурӯғ ба ёр ошно кунанд.
Ҳаргиз набурда роҳ ба гарди ҳарими ӯ,
Аз васфи кӯйи ёр ҳикоят чаро кунанд?
Шайхони хирқапӯш, ки дар банди шуҳратанд,
Шояд, ки умри хеш ба сарфи риё кунанд.
Арзи муроди хеш ниҳон доштам зи ғайр,
Бошад, ки маҳзи лутфу атояш раво кунанд.
Ё Раб, сабаб намой, ки арбоби фазлу ҳол,
Ҳангоми қилу қол ба Муҳйӣ ато кунанд.
84
Баски бо ман кори он бераҳм ёри ман нашуд,
Бар муроди ҳарду олам низ кори ман нашуд.
Риштаи умеди худ бибридам аз хубон, ки ёр
Маҳрами дарди дили уммедвори ман нашуд.
Муддате дар ёди рӯяш, ҳайф, беҷо сӯхтем,
Равшан аз шамъи рухаш шабҳои тори ман нашуд.

[2] Мисраъ аз Ҳофизи Шерозӣ

Аз риёзи даҳр, ё Раб, кас гули шодӣ начид,
Ё гули айшу тараб дар навбаҳори ман нашуд?
Обуранги дӯстӣ дар гулшани даврон набуд,
Ё магар бӯи вафо дар гулъузори ман нашуд?
Гӯю чавгони ҳаводис бод дар майдони ишқ,
Ҳар саре хоки раҳи чобуксавори ман нашуд.
Дил зи шавқи ӯ чу симоб аст, дар таскини ӯ,
Он бути симинтани мардумшикори ман нашуд.
Ҷон ба сад армон ба лаб омад зи тан, аммо чӣ суд?
Аз паи назора он қотилшиори ман нашуд.
Дил буридан Муҳйӣ аз ёрон набудам ихтиёр,
Шуд зи тақдири азал, аз ихтиёри ман нашуд.

85

Рухат аз моҳи тобон ор дорад,
Ҷамолат ранги сад гулзор дорад.
Гули фирдавси ҳуснӣ, эй парирӯй,
Назокатҳо ҳамин миқдор дорад.
Тароват гул кунад аз боғи ҳуснат,
Ҳаримат з-он чаман дарбор дорад.
Сари кӯят, ки фирдавси барин аст,
Ҳавои таҳтиҳуланҳор дорад.
Куҷо як Юсуфе дар Мисри хубӣ,
Чунин ҳусну чунин рухсор дорад?
Матои ҳусни ту, ё Раб, чӣ ҳусн аст?
Ки нақди дину дил дар кор дорад.
Набошад бандаи рӯят бараҳман,
Чаро дар гардан ин зуннор дорад?
Ҳама шоҳон ба савдоят гирифтор,
Кадомин Юсуфе бозор дорад?
Аз он Муҳйӣ намуда тарки ёрон,
Ҳамин бас чун ту як дилдор дорад.

86

Дӯш дар гулшан маро рухсори ту омад ба ёд,
Дар назар аз хор то ағёри ту омад ба ёд.
Сарву шамшоду санавбар ҷумла дидам по ба гил,
Хубии он қомату рафтори ту омад ба ёд.

Булбули шайдо ба зорӣ сохт мастона наво,
Гӯш нанмудам ба ӯ, гуфтори ту омад ба ёд.
Соғаре аз лаъл дидам, пур зи май ёқутранг,
З-он лаби майгуни гавҳарбори ту омад ба ёд.
Хоби осоиш зи чашми ман бирафт аз иштиёқ,
Шаб, ки дар дил наргиси бемори ту омад ба ёд.
Об шуд дил з-иштиёқу маҳв гаштам аз фироқ,
То чу оина маро дидори ту омад ба ёд.
Дӯш дидам дар чаман сунбул парешон ҳар тараф,
Гесӯйи мушкини анбарбори ту омад ба ёд.
Тӯтие дидам сухангӯ бо каломи ҷонфизой,
Муҳйӣ он лаҳза маро гуфтори ту омад ба ёд.
Гуфтам аз дурҳои маънӣ ҳаст махзан табъи ту,
То ки Муҳйӣ гавҳари ашъори ту омад ба ёд.
87
Зикри ҷаннат кардаму кӯйи туам омад ба ёд,
Фикри гулшан доштам, рӯйи туам омад ба ёд.
Дидам аз шабнам саҳаргаҳ чеҳраи гул пурарақ,
Дар рухи зебойи ту хӯйи туам омад ба ёд.
З-он ду шамшере, ки бо хун рехтан пайвастаанд,
Беибоиҳои абрӯйи туам омад ба ёд.
Дар шаби ялдо зи савдои дарозиҳои ӯ,
Тӯли зулфу зулмати мӯйи туам омад ба ёд.
Дӣ ба атторе нишастам, то ки тар созам димоғ,
Аз шамими атри ӯ бӯйи туам омад ба ёд.
Боғбон дар боғ васфи сунбулу райҳон намуд,
Зулфи мушкин, хати дилҷӯйи туам омад ба ёд.
Муддате гум буд дил аз ман, ҳамекардам хаёл,
Ёфтам ин лаҳза чун сӯйи туам омад ба ёд.
Бар машоми ман саҳар аз сунбулу гул дар чаман,
Зулфи мушкини суманбӯйи туам омад ба ёд.
Васфи чашми оҳувон мегуфт Муҳйӣ дар ғазал,
Аз ғизоли чашмоҳуйи туам омад ба ёд.
88
Агараш ба сар зи ризои ту ҳама умр ранҷу бало равад,
Ба забони Муҳйии нотавон чӣ ба ғайри ҳамду сано равад?

Чӣ бувад ба тораки ҳар саре, зи кароматі азал афсаре?
Зиҳӣ бехирад, ки вай аз харӣ паи зилли боли ҳумо равад.
Ту муқайядӣ ба гили ҳаво, чӣ барӣ ту раҳ бари мосаво?
Чу Масеҳ ҳар кӣ ба мосаво нанамуд рух бар само равад.
Чӣ маҷоли ин ки гаҳе шавад ба ҷабин арақ зи ҳаёи ман,
Магар аз ҷаноби тақаддусе назаре ба қатраи мо равад?
Ба ҳузури маҳфили Кибриё шабу рӯз боядам ин дуо:
Ту Ғафури мутлақи диданамо зи дари ту кас ба куҷо равад?
Зи фазои олами Кибриё ҳама дам ба ман расад ин нидо:
Ки ба мушти осии рӯсиё чӣ ба ғайри раҳмати мо равад?
Ҳама гарми шуълаи ишқи ту ба раҳат зи ҷон шудаӣ
комҷӯ,
Чӣ шавад агар шараре аз ӯ ба дили фасурдаи мо равад.
Чӣ ҷунун чӣ ҳушу чӣ бехудӣ манамой ханда ту ба
бехирадӣ,
Чӣ кунӣ, ки некию ҳар бадӣ ба ману ту чун зи Худо равад?
Ба намозу рӯзаи бориё машавӣ ту ғарра, ки зоҳидо,
Чи савоби ту чи гуноҳи мо ҳамагӣ ба назди Худо равад.
Нанамуда сайқале аз Сафо дили худ ба мурдаи умраҳо,
Зи чӣ умр мекунадаш баҳона ба Каъбаю на Сафо равад.
Чӣ илоҷ Муҳйӣ ба ҷуз ризо зи сипеҳру қавсу ҳилоли ӯ,
Ба куҷо, ки тири ҷафо бувад ба дили шикастаи мо равад.
89
Ба ҳузури зулфи муанбарат ба ғалат расад, ба хато равад,
Ки ба бӯи нофаи мулки Чин ба талаб кай ба Хито равад?
Шуда хун дилам ба ҳавои ӯ, ба лаб омада зи барои ту,
Ки мабод бӯсаи пои ӯ ба ғалат ба барги ҳино равад.
Ба ҳавои ҷилваи қомате нашудам насиба фароғате,
Ту биёю бубин чӣ қиёмате ба хаёли ӯ, ки маро равад.
Нашуд ,ин ки ман ба ҷамоли ту, бирасам ба пои хаёли ту,
Ба ҳарими базми висоли ту магар ин ки дастидуо равад.
Чу зиёи дидаи ман ба ҳарими манзари ӯ даме,
Агар аз тариқаи мардумӣ қадаме ниҳӣ чӣ баҷо равад.
Маҳи осмони сабоҳатӣ, ки мабод доғи кудурате,
Зи шарори шуълаи синаам чу калаф ба рӯи шумо равад.

Шуда нол ҷисми низори ман нашавад, ки шуълаи офате,
Зи шарори оташи оҳи дил на ҷисм чу барқи ҳаво равад.
Бари пурсишам ниҳӣ бар замин қадам, эй маҳи
фалаки барин,
Сари ифтихори мани ҳазин зи самак ба авҷи само равад.
Ҳама сол, эй санами Чигил, ба итоб гӯӣ зи мани касил,
Ту бигӯй Муҳйии хастадил зи ту бигсалад ба куҷо равад?
90
Умр то кай баҳри сарфи касбу молу пул кунед,
Як замоне фикри боғу сайри сарву гул кунед.
Гулшани Хӯқанд гашта равзаи доруссалом,
Ҳайф бошад орзуи гулшани Кобул кунед.
Шуста аз шабнам сабо рухсори гулҳои чаман,
Даст сӯи шоҳиди гул, турраи сунбул кунед.
Нозанинони чаман доранд базме, як замон,
Гӯш бар бонги рубобу нолаи булбул кунед.
То ба кай дар хонақаҳ фарёди беҷо, дӯстон?
Дар гулистон ҳамчу мастон шӯришу ғулғул кунед.
Дил зи қилу қоли маҳмил шуд мукаддар, як замон,
Дар чаман дафъи ғубори табъам аз қулқул кунед.
То шавад мушкин мазорам зинҳор аз баъди марг,
Ришта аз баҳри кафан аз тори он кокул кунед.
Табъи ман азбаски дорад обуранги сад чаман,
Дар гулистони замирам сайри боғу гул кунед.
Аҳли дунё зиннат аз занҷири соат ҷустаанд,
З-ин баҳона гардани ин ғӯлтабъон ғул кунед.
Муҳйӣ абнои замон азбас ба пӯшиш хурраманд,
Ин харонро бояд аз кимхобу атлас ҷул кунед.
91
Эй ки мактуби ту аз дил дарду ғамҳо дур кард,
Гарди ғам аз дил бирафту хотирам масрур кард.
Сад чаман гул бар рухам бишкуфт аз мазмуни вай,
Ҳамсаводи ҳусни ин хат дидаам пурнур кард.
Ҳар шикасте дар бинои дӯстӣ рӯ карда буд,
Он бино аз пештар ҳам маҳкаму маъмур кард.
Гулшани табъам ғуборе дошт аз андуҳи даҳр,
Ин насими отифат аз синаи ман дур кард.

Лек аз ин истимоъи ранҷи ту бори дигар,
Ваҳ, ки чархи кинавар табъи маро ранҷур кард.
Ғайри сабру тоқату таслим набвад кори мо,
Бандаро азбас, ки Ҳақ дар ибтидо маҷбур кард.
Гар зи дастам омадӣ, ман додаме ранҷи алал,
Чун кунам кори қазо ин бандаро маъзур кард?
Чанд рӯзе дард бошад ҳамчу меҳмон дар бадан,
Сабр беҳтар мисли ман чандин алал Ҳақ дур кард.
Нестам ғофил замоне аз ту, эй ёри қадим,
Гар ба зоҳир аз висолат Ҳақ маро маҳҷур кард.
Нест холӣ лаб зи мадҳу дил зи меҳру иштиёқ,
Меҳри ту рӯзи азал азбаски Ҳақ мақдур кард.
Аз барои дафъи ранҷи офиятҳои дабир,
Ҷумлаи некон дуои беҳаду мавфур кард.
Муҳйӣ мактуби туро бо муршидони ин замон,
Баҳри уммеди дуо бо ҷумлагӣ манзур кард.
92
Аз назар, то ки ҳамон навхати мавзун гузарад,
Дуди оҳи мани дилхаста зи ҳомун гузарад.
Хуни дил мавҷ занад зуд зи чашмам он ёр,
Ҳар гаҳе ҷилвакунон бо рухи гулгун гузарад.
Дар шаби ҳаҷр кунам нола ба ёди рухи ӯ,
Даҷлаи ашки мани зор зи Ҷайҳун гузарад.
Ивази хору хас аз дашт дамад савсану гул,
Ногаҳ он сарви парирӯй зи ҳомун гузарад.
Шукр бояд ҳама авқот, ки андак вақте
Зиллати фақри ману айши Фаридун гузарад.
Кулфати аҳли замон сохт, Худоё, дилхун,
Дорам умед зи лутфи ту, ки акнун гузарад.
Мурдаам дар раҳи он сарви сиҳӣ, кош зи лутф
Баҳри пурсидани бемори ҷигархун гузарад.
Бош хомӯш ,макун шиква зи гардун, зинҳор,
Шодии айши мудому дили пурхун гузарад.
Ин бувад гар асари ишқи ту, эй офати ҷон,
Муҳйии хаста аҷаб нест, зи Маҷнун гузарад.

93
Дил зи ёдат ба печутоб афтод,
Тан ба сад сӯзу изтироб афтод.
Шуд замин аз ҷамоли ту пурнур,
Ё ки аз чарх офтоб афтод?
Партаве аз рухат ба дил зад он,
Ҷисму ҷонам дар илтиҳоб афтод.
Дар ҷаҳон аз ҷамиъи маҳрӯён,
Як парирӯй интихоб афтод.
Шаб намуда тулуъ бадри мунир,
Ё магар аз рухаш ниқоб афтод?
Дар ҳавои рухи арақнокаш,
Кавкаби бахти ман дар об афтод.
Дид зоҳид ҷамоли ӯ, з-он рӯй
Дар паи соғару шароб афтод.
Рӯи ӯ дид шайх дар масҷид,
Дар мусаллои худ хароб афтод.
Ҳар кӣ чун ман чашид бодаи ишқ,
Муҳйӣ, то ҳашр масти хоб афтод.
94
Ҷон фидои оразӣ он маҳлиқо кардам, нашуд,
Хоки пои ӯ ба чашмам тӯтиё кардам, нашуд.
Баъд аз ин беҳуда худро аз чӣ дарди сар диҳам?
З-он ки умре меҳри ӯ дар сина ҷо кардам, нашуд.
Шӯри тӯфонҳо нишонад одаму чашм ашки хеш,
Назди ӯ сад бор з-ин сон моҷаро кардам, нашуд.
Менасозад гӯш бо ман золим аз сангиндилӣ,
Арзи ҳоли хеш бо вай борҳо кардам, нашуд.
Ранҷу меҳнатҳо кашидан то ба кай дар ҳаҷри ӯ?
Қомат аз бори фироқи ӯ дуто кардам, нашуд.
Бо ҳазорон ҷонфишонӣ аз сари аҷзу ниёз,
Хидмати даргоҳи ӯ шому сабо кардам, нашуд.
Менагардад аз чӣ рӯ, ё Раб, муноҷотам қабул?
Дар саҳаргоҳон зи баҳри ӯ дуо кардам, нашуд.
Сина то кай чок гардад аз синони ҷаври ӯ?
Тири зулмаш муддате дар дил раҳо кардам, нашуд.

Лолаосо гаштаам хун дар фироқаш борҳо,
Додгӯён Муҳйӣ чоки сина во кардам, нашуд.
95
Илоҳӣ, гулузори ман ҳамеша дар амон бошад,
Агарчанде ки дар ҳаҷраш дили ман дар фиғон бошад.
Парирӯе, ки дар мактаб зи ҳаҷраш ҷон ҳамедодам,
Чӣ сон сабр оварам он моҳ ёри дигарон бошад?
Набинад дар ҷаҳон, ё Раб, ғам аз осеби чархи дун,
Агарчи улфатони ӯ ҳама бедонишон бошад.
Дареғ ояд маро аз он суманрухсори тӯбиқад,
Ки доим зиннатафзои мақоми ҷоҳилон бошад.
Чаро бо суҳбати арбоби дониш рӯ намеорад?
Зи файзи суҳбати некон Фалотуни замон бошад.
Мабош, эй ҷони ман, мағрур бо ҳусни ду-се рӯза,
Ки чун ранги ҳино ҳуснат ба андак дам хазон бошад.
Машав ҳамсуҳбати дунон, ки месозад асар бо ту,
Шиори шумии онҳо агарчи як замон бошад.
Набинад заҳмати боди хазон рухсори гулгунат,
Илоҳо, то ҷаҳон бошад, ҷамолат гулситон бошад.
Куҷо парвои хубони дигар дорад зи сидқи дил?
Чу Муҳйӣ ошиқи гирёни он номеҳрубон бошад.
96
Себ додию бӯи ёр ояд,
Бӯи ёр аз гули баҳор ояд.
Сад чаман гул ба рӯи ман ҳар субҳ,
Бишкуфад, бе рухат чӣ кор ояд?
Лек доғам, ки аз гулат ба рухам,
Алами захмҳои хор ояд.
Ҳеҷ як мисли ман туро ошиқ
Набувад, филмасал ҳазор ояд.
Дилбари ман, ки дар миёни бутон,
Чобуку шӯху гулузор ояд.
Ишқбозон зи баҳри дидани ӯ,
Аз Самарқанду аз Бухор ояд.
Накҳати зулфу хати райҳонаш,
Кай зи бӯи хуши татор ояд?

Мурдаам ман зи баҳри он дилбар,
Кай ба сарвақти интизор ояд?
Кош Муҳйӣ ба ман зи рӯи бахт,
Он парирӯй дар канор ояд.
97
Ид наздик омаду ғамҳо шуд аз дилҳо баид,
Соқиё, ҷоми булурин пур кун аз саҳбо ба ид.
Ҷоми заррин бо маи рангин надорад нашъае,
То набошад маҷлисоро шоҳиди раъно ба ид.
Мавсими ид асту нӯшад бода бо ағёр ёр,
Ман хӯрам хуни ҷигар з-он орази зебо баид.
Баҳри идӣ ҳар касе меҷӯяд аз ҳар сӯ ҳилол,
Ман нахоҳам ҷуз ҳилоли рӯи маҳсимо ба ид.
Халқ шод аз баҳри иду ман баид аз васли ёр,
Чун наёбам иди васлаш кай маро парво ба ид?
Дидаи мо з-интизораш шуд сафед аз мардумӣ,
Чашми он дорам, ки ояд дар канори мо ба ид.
Дил зи абнои замон хун гашту ҷаври рӯзгор,
Май бидеҳ, соқӣ, ки созад ранҷу ғам яғмо ба ид.
Сози базму айш созед, ҷамъи ёрон, зинҳор,
Соғаре гиред бар каф ҳам ба ёди мо ба ид.
Муҳйӣ, ин ашъори идӣ мефиристам сӯи ёр,
Шояд ар бахшад ба идӣ бӯсае бар мо ба ид.
98
Сахт рӯзе мегузорам бе ту ман, ҷоно, ба ид,
Чун нагардад ид мотам аз ту гар бошам баид?
Орзумандам, ки бошам ман ба ту як ҷо ба ид,
Оҳ, аз он рӯзе, ки гардам ман ба ид аз ту баид.
Ид омад мебарад аз лавҳи хотир нақши ғам,
Бе вуҷудат бурдани ғам аз дили маҳзун баид.
Тирабахте нест чун ман рӯзи ид аз ту баид,
Ҳар кӣ ёбад иди васлат хонамаш ӯро саид.
Ҷумла мардум шодмон дар ид бо аҳбоби хеш,
Чун баидам аз ту ман кай бошадам парво ба ид?
Ар набошӣ рӯзи идам соқӣ, эй абрӯҳилол,
Кофарам бе рӯятат гар рӯза накшоям ба ид.

Номаи идист ,Муҳйӣ, кард исматро ниҳон,
Мефиристам баҳри идӣ бо ту ман, ҷоно, ба ид.
99
Гуландомам, ки то рух бар чаман кард,
Ба хун оғушта рӯи настаран кард.
Ақиқ аз ҳасрати лаъли ту, эй ҷон,
Аҷаб ҷонкандане андар Яман кард.
Ҷаҳоне шуд мусаххар зери ҳукмаш,
На танҳо хатти ту тасхири ман кард.
Сабо аз бӯи зулфи анбаринат,
Ҷаҳонеро пур аз мушки Хутан кард.
Миёни ҷумла гулрухони олам,
Туро дар нозукӣ гулпираҳан кард.
Ба қаддат пираҳан хайёти тақдир,
Ҳарир аз пардаҳои чашми ман кард.
Қазо аз ёди он лаъли шакарханд,
Ҳама хуни ҷигар тақсими ман кард.
Накарда ҳеҷ кофар бо мусалмон,
Ки чашмат корҳо дар ҳаққи ман кард.
Шуда сарсабз Муҳйӣ боғи умрам,
Маҳи ман, то ки хат зери зақан кард.
100
Дил ба ҳавои рӯи ту майли чаман намекунад,
Ҷон ба хаёли кӯи ту ёди Ватан намекунад.
Он ки бувад машоми ӯ хуш зи абири зулфи ту,
Бастаи чини мӯи ту ёди Хутан намекунад.
Дида зи шавқи оразат кай фиканад назар ба гул?
Дар чамани хаёли ту ёди суман намекунад.
Ин қади хушхироми ту вақти хиром, ҷони ман,
Мекунад он қиёмате сарви чаман намекунад.
Лутфу муруввате, ки ёр карда зи рӯи дилбарӣ
Бо ҳама ошиқони худ, лек ба ман намекунад.
Ҳар ки дур(р)и даҳони ту дид гаҳи табассумат,
Зикри сафоюю лӯълую дур(р)и Адан намекунад.
Муҳйӣ, агарчи дар ғамаш ҳар нафасе ҳамемурам,
Дилбари сангдил бубин ёд зи ман намекунад.

101
Он ки сахтӣ дар дили хубони симинбар ниҳод,
Ҳам тавонад сабру таскин бар дили мо барниҳод.
Мекашад маъшуқаи иқбол дар оғӯши хеш,
Ханҷари таслим ҳар кас бо дами ханҷар ниҳод.
То ба гардун мерасонад фарқи иззу эътибор,
Ҳар кӣ аҷзе пеша карду кибри худ аз сар ниҳод.
Шарм кун, эй сифлаи дун, то кай аз рӯи нифоқ,
Бар дари аҳли ғано аз сагниҳодӣ сар ниҳод?
Ағниёи аҳди моён роҳи шӯру шар гирифт,
Ҷодаи шаръи шарифи Мустафоро барниҳод.
Кай мусалмон метавон гуфт, он ки аз рӯи ҳаво
Зери пои амрадони шум ҷумла сар ниҳод?
Зери ҳар габру мусалмон ҷумла фарзандонашон,
Бар замин рӯи сиёҳи хеш баҳри зар ниҳод.
Ғофил аз чоҳи ҷаҳаннам ашқиё бар қабри худ,
Аз барои зеб санге пораю мармар ниҳод.
Муҳйӣ, рух аз симу зар бартофт, аммо дар ҷаҳон
Аз паи мерос назми хеш аз гавҳар ниҳод.
102
Қадат аз сарви бӯстон ор дорад,
Рухат гулҳои гулшан хор дорад.
Тани лола ба хун оғушта аз чист?
Ба дил доғе аз он рухсор дорад.
Ҳазорон ошиқи шӯридааҳвол,
Ба зери сояи девор дорад.
Кадомин Хусраве ҳамчу ту Ширин,
Нигори шаккарингуфтор дорад?
Абири сунбули мӯи ту, эй ҷон,
На мушку нофаи тотор дорад.
Шуда булбул ба ишқат, Муҳйӣ, эй гул,
Агарчанде ҳазорон ёр дорад.
103
Мужда, эй дил, ки бӯи ҷон омад,
Яъне ин ёри меҳрубон омад.
Буд бе ҷон тани фасурдаи ман,
Боз бар ҷисми ман равон омад.

Баҳри пурсиш зи рӯи фазлу карам,
Шукрилиллаҳ, ки ёри ҷон омад.
Ёру дилдори шӯхи хушгуфтор,
Соҳиби ҳушу нуктадон омад.
Дар чунин мавсими фараҳафзой,
Сар ба сар лутфу имтинон омад.
Чун гулистон шукуфта орази ӯ,
Чаманорою гулфишон омад.
Сад чаман гул шукуфта бар рӯям,
Чаману боғу бӯстон омад.
Шод, эй дил, ки баъд аз ин айём,
Хори ҳиҷрон-ш дар хазон омад.
Бо тамошои қадду рухсораш,
Чаману сарву арғавон омад.
Азми ёрам шунида дар гулшан,
Булбул аз шавқ дар фиғон омад.
Моҳи анвар зи баҳри дидани ӯ,
Шом бар боми осмон омад.
Субҳ баҳри назораи рӯяш,
Меҳр бо рӯи заъфарон омад.
Қумрӣ дар ёди сарви озодаш,
Ҳамчу булбул фиғонкунон омад.
Муҳйӣ аз баҳри табъи гавҳарбор,
Дар қудумаш гуҳарфишон омад.

104

Оразат омад ба ёдам навбаҳорам тоза шуд,
Аз хаёли бодаи васлат хуморам тоза шуд.
Бе ҷамолат буд умре тира чашми интизор,
Аз тамошоят ду чашми интизорам тоза шуд.
Дида будам баски меҳнат дар ғами ҳиҷрони ту,
Муждаи васли ту омад, рӯзгорам тоза шуд.
Оҳ бар лаб, доғ бар дил, сина пурандуҳ буд,
Ёфтам васлат, дили андуҳдорам тоза шуд.
Лаҳза-лаҳза хуни дил мехӯрдам аз ёди лабат,
Аз лаби лаъли ту ҷони доғдорам тоза шуд.
Ранҷу заҳматҳо, ки аз хори фироқат дидаам,
Шуд бурун аз дил зи сина захми хорам тоза шуд.

Шукри васлат кай тавонам гуфтан, эй рӯҳи равон?
Омадӣ бар пурсишам ҷисми низорам тоза шуд.
Ёди ман кардию рафт аз дил ғубори хотирам,
Будаам ман ошноят, эътиборам тоза шуд.
Доштам умед, Муҳйӣ , талъати дидори ӯ,
Аз висоли ӯ дили уммедворам тоза шуд.
105
Дили ҳазини мани зор пора-пора кунед,
Чу лола доғи даруни маро назора кунед.
Чи доғҳо, ки надидам зи ҷаври лоларухон,
Агар самоъ намоед, ҷома пора кунед.
Ҳар он ҷароҳати тире, ки аз сияҳчашмон,
Ба дил нишаста зи мижгон ҳама шумора кунед.
Мисоли ин дили садчоку тири мижгонаш,
Ҳамон тасаввури қассоб, в-аз қанора кунед.
Чунин ки захмати ишқу фироқ ман дидам,
Зи ишқ тавба намоеду худ канора кунед.
Зи истимоъи ҳадисам тамом об шавед,
Агарчи ҷумла дил аз санги яшму хора кунед.
Шаҳиди новаки мижгони ёри ман гардед,
Агар ҳавои ҳадиси абад дубора кунед.
Чунин ки куштаи ишқам ба хорию зорӣ,
Маро ба зумраи эҳёи Ҳақ шумора кунед.
Агар зиёрати Муҳйӣ ҳавас кунед ,аҳбоб,
Расед пеш аз оне, ки истихора кунед.
106
Будам ман он замон, ки зи олам нишон набуд,
Олам куҷо? Нишонаи кавну макон набуд.
Ман он замон, ки сурати ҳастӣ бидоштам,
Аз ҷилвагоҳи аҳли замона аён набуд.
Дар ҳолате, ки ишқ маро буд ҷонгудоз,
Он ҷо асар зи сурати ин гулрухон набуд.
Базме ,ки ман набуд зи ҷоми аласти Ҳақ,
З-он ҷо зи шурби бодаву соғар нишон набуд.
Он нашъаи шароб, ки аз бодаи қадим,
Дар ҷом доштам, ки хуми ин ҷаҳон набуд.

Дар оламе, ки соири он кӯй будаме,
Он ҷо асар зи буди замину замон набуд.
Ман будаму ниёз ба маъшуқи ҷонгудоз,
Он ҷо шарар зи оташи ин ҷисму ҷон набуд.
Дарде, ки ман кашида зи ишқи азал ба ҷон,
Не ишқ буду ошиқу не ҷисму ҷон набуд.
Ишқе, ки доштам мани Муҳйӣ ба сӯзи дил,
Дар он замон зи Лайлию Маҷнун нишон набуд.
107
Ё Илоҳо, аз ту ман лутфу ато дорам умед,
Ғарқи исёнам зи ту авфу ато дорам умед.
Раҳмату лутфи ту, ё Раб, баски ом афтодааст,
Чашми афву раҳмати бемунтаҳо дорам умед.
Ҳар замон аз айб, ё Раб, баҳри раҳмат аз суруш,
Осиям ман, рӯсиёҳам, муждаҳо дорам умед.
Гуфтаӣ: «Ло тақнату мин раҳмати» аз ин сабаб,
Мағфиратҷӯён вафои ваъдаҳо дорам умед.
Такя месозад ба тоат ҳар касе рӯзи ҷазо,
Ман ба фазлу раҳматат рӯзи ҷазо дорам умед.
Ҳар касе аз ҳар касе ҷӯяд шафоат аз гуноҳ,
Ман шафоат аз Муҳаммад Мустафо дорам умед.
Чун Муҳаммад Мустафо бошад шафеъам рӯзи ҳашр,
Раҳмату лутфи фаровон аз Худо дорам умед.
Таъна бар Муҳйӣ макун гарчанд ғарқи зиллат аст,
Рӯзи маҳшар дар шумори авлиё дорам умед.
108
Дареғу ҳайф, ки ёрону ҳамраҳон рафтанд,
Дар ин работ чӣ хобӣ, ки корвон рафтанд?
Намонд марди раҳе, то ки роҳ бинмояд,
Куҷо расем ба мақсуд, ки раҳбарон рафтанд?
Ту дер омадаӣ ҳайф з-он ки дар ин боғ,
Нишаста базм намуданду дӯстон рафтанд.
Чӣ бастаӣ ту дили хештан ба маҳбубон?
Ки дилбарони парирӯю дӯстон рафтанд.
Чӣ завқ мекунӣ ҳосил зи гулшани даврон?
Ки булбулони хушилҳону мутрибон рафтанд.

Ҳазор боғу тамошои гулшани дунё,
Чӣ корояд аз он баски гулрухон рафтанд?
Ба сарву сабзаву гулзор дил чӣ мебандӣ?
Вафо надида ба сад доғ қумриён рафтанд.
Ба ғайри шаҳди суханҳои шоирони дигар,
Чи монд з-он ки париданду тӯтиён рафтанд?
Дар ин харобаи фонӣ чӣ мекунӣ, Муҳйӣ?
Намой азми тарикe, ки ҳамраҳон рафтанд.
109
То навиди қадами ёр ба Хӯқанд омад,
Коми умед маро ҷои шакарқанд омад.
Шукрилиллаҳ, ки дигар бор ба лутфи Эзад,
Муддаои дили мо боз ба Хӯқанд омад.
Доштам хӯй ба қанди суханонаш ваҳ, ваҳ,
Чи хуш аз шаҳди лабаш қанд ба Хӯқанд омад.
Аз рухи ҳамчу гулу лаъли чу қандаш ба дилам,
Фарҳату хуррамию лаззати гулқанд омад.
Доштам парвариши нахли вафои ту ба дил,
Шукрилилаҳ, ки аз он кулли Самарқанд омад.
Ғайри ҷон лоиқи эсор дигар чиз набуд,
То ки он ёри вафодори Самарқанд омад.
Гӯӣ аз баҳри илоҷи дили маҷруҳи ҳазин,
Аз паи чора Фалотуни хирадманд омад.
Дил аз ӯ буд ҷудо гашта ба ҳасрат дамсоз,
Шукр гӯям, ки ба ман ҳамдами дилбанд омад.
Муҳйӣ аз муждаи ташрифи ҷаноби Мирзо,
Рафта аз хеш ғазалхону фараҳманд омад.
110
Соғари айши маро руҳи тараб бозомад,
То ки он ёри сафаркардаи ман боз омад.
Зубдаи аҳли камолу хираду фазлу улум,
Он ки дар меҳру вафо, к-аз ҳама мумтоз омад.
Ман, ки будам ба ватан зору ғарибу бекас,
Аз паи улфатиям шукр, ки дамсоз омад.
Аз паи дафъи хумори алами ноаҳлон,
Ҳамдаму ҳамнафасу ҳамраҳу ҳамроз омад.

Маҷлиси мо шуда аз рашки чаман ҳурулайн,
Магар аз баҳри тараб шоҳиди танноз омад?
Муддати дар ғами ӯ хаставу лоғар будам,
Чун Масеҳо ба ман он ёр давосоз омад.
Чеҳраам дар ғами ӯ чеҳраи коҳӣ медошт,
Ранги коҳӣ ба рухам шукр ба парвоз омад.
Мурғи дил дар чамани васл ба сад шӯру фиғон,
Ин замон бин, ки чӣ сон масту навосоз омад.
Ғам махӯр, Муҳйӣ, зи носозии абнои замон,
З-он ки маъшуқаи иқбол туро соз омад.
111
Эй ки лутфи Ҳақ туро ҳамроҳ шуд,
Ҳаммаъинат авлиёуллоҳ шуд.
Бо чунин касрат наӣ ғофил зи Ҳақ,
З-он дилат аз файзи Ҳақ огоҳ шуд.
Дар ҳақиқат ҳар кӣ огаҳ шуд зи дил,
Ҳаст соҳибдил агар худ шоҳ шуд.
Аз фақирӣ ёфт авҷи сарварӣ,
Гарчи соҳибҳукму олиҷоҳ шуд.
Эй ки мутаҳҳар шудӣ аз файзи Ҳақ,
Дӯстонро ҳар чӣ хотирхоҳ шуд.
Нестам фориғ зи ту гарчи фироқ,
Аз ҳузурат чанд солу моҳ шуд.
Чунки дар бунёди меҳру дӯстӣ,
Аз дили ман бар дили ту роҳ шуд.
Шавқ дар парвозу ҷон дар иштиёқ,
Чеҳра аз зардӣ ба ранги коҳ шуд.
Давлати васлат чаро гашта маҳол?
Дар азал ин қисмати Аллоҳ шуд.
Издиёди умру ҷоҳат аз Худо,
Вирди моён дар гаҳу бегоҳ шуд.
Ман ба шуғли худ гирифторам мудом,
Кам касе аз ҳоли ман огоҳ шуд.
Мондаам дар кунҷи узлат субҳу шом,
Бе рафиқу ёри ман Аллоҳ шуд.
Ҳамчу гул бишкуфтаам бо ёди Ҳақ,
Гарчи ранги сурхи ман чун коҳ шуд.

Ёфт Муҳйӣ то ҳузури бекасӣ,
Кай варо парвои иззу ҷоҳ шуд?
112
Ё Раб, он додхоҳ амон бошад,
То ки осор аз ҷаҳон бошад.
Давлаташ то ба ҳашр боқӣ бод,
Умри ӯ низ ҷовидон бошад.
Ҳифзи Парвардагор лайлу наҳор,
Бар сараш чатру соябон бошад.
Бахту иқбол аз ямину ясор,
Доимулҳол ҳаминон бошад.
Айши ӯ дӯсткоми ёрон бод,
Нофизулҳукм комрон бошад.
Гули рӯяш шукуфта чун гулшан,
Дар тароват чу гулситон бошад.
Бод бунёди давлаташ маҳкам,
То ки бунёди осмон бошад.
Нахли умраш масун зи боди хазон,
Зиннатафзои хонадон бошад.
Аз хаёли ҳасуди бадандеш,
Эман аз кулфати замон бошад.
Нури чашмони ӯ ба гулшани ҷоҳ,
Ҳама чун сарви бӯстон бошад.
Дар фазоил зи файзи илму хирад,
Нури чашми ҷаҳониён бошад.
Дар риёзи мадеҳи ӯ умре,
Доимо шоду тарзабон бошад.
113
Ё Раб, зи алам ҷисми ту ранҷур мабод!
Бе ҷоми тараб табъи ту махмур мабод!
Ҳар кас, ки ба рухсори ту бадбин бошад,
Дар дида ба ҷуз наштари занбур мабод!
Ҳам зилли ту аз фарқи ҷамиъи аҳбоб,
То хотимаи давру замон дур мабод!
Ҳар кас, ки сурури ту нахоҳад ба ҷаҳон,
Як лаҳза дилаш хурраму масрур мабод!

Эй холи рухи давлати иқбол ба олам,
Сити ту кам аз Кисрию Фағфур мабод!
Бе рӯи ту рухсораи мулку давлат,
Бе партаву бе талъату бенур мабод!
Дар маҳфили офоқ ба ҷуз фикри ҷамилат,
Ҳарфи дигаре ҷорию мазкур мабод!
Эй мазҳари алтофи Худо бар дари аҳбоб,
Бар табъи ҳумоюни ту мастур мабод!
Дар чашми мани Муҳйии муштоқ ҳамеша,
Ҷуз гулшани дидори ту манзур мабод!
114
Хуррам аз файзи насимат сабзаи кӯҳсор бод!
Табъи мавзунат зи ишрат доимо гулзор бод!
Бодаи айшат ҳамеша шод бодо аз тараб,
Рӯзу шаб соқии базмат ёри гулрухсор бод!
Файзи ту ҳар дам зиёду умру иқболат фузун,
Ёвару ёдат ҳамеша Ҳайдари Каррор бод!
Аз фурӯғи меҳри рӯят бод равшан оламе,
Зеббахши тоқу қасру гунбади даввор бод!
Моҳрӯёни ҷаҳон дар боргоҳи олият,
Ҳайратафзои нигоҳи дидаи ағёр бод!
Ёр дар бар, ҷом бар каф, завқ дар дил, гул ба сар,
Ёр дилҷӯ, бахт некӯ, соғарат саршор бод!
Аз паи имдоду ёрӣ, Муҳйӣ, баҳри он ҷаноб,
Хизру Илёсу Алии Муртазо дар кор бод!
115
Ҳар кӣ ёбад суҳбати симинбарони Тошканд,
То абад гардад ғуломи дилбарони Тошканд.
Кай ҳамеҷустӣ касе з-умри абад Оби Ҳаёт,
Гар шудӣ воқиф зи лаъли навхатони Тошканд?
Кай намояд орзуи шарбати оби зулол,
Ҳар касе нӯшад агар оби равони Тошканд?
Ман чӣ сон тавсиф созам хубии обу ҳаво,
Дашту саҳро, сабзазори бӯстони Тошканд?
Ҷумлагӣ ишратпарасту лоуболу базмҷӯй,
Дилбарони нозанину гулрухони Тошканд.

Ғайри базму шӯру шар дигар надорад иштиғол,
Хосу ому ҷумлаи хурду калони Тошканд.
Ғайр аз шурби қамизу хӯрдани қурти қазӣ,
Менабинӣ ғайри инҳо ошу нони Тошканд.
Дам задан ҳикмат набошад дар миёни мардумон,
Аз рамузи дилбарони навҷавони Тошканд.
Бо ҳазорон сеҳру афсун, Муҳйӣ, ҳар дам монеъанд,
Аз сафар кардан маро ин шоҳидони Тошканд.
116
Баҳри пурсиданам он сарви сиҳӣ меояд,
Бахту иқбол паи комдиҳӣ меояд.
Дилу ҷон аз паи наззора бароед, ки ёр,
Ба ҳазорон ҳашаму каҷкулаҳӣ меояд.
Гар надорад самаре, лек бубин сарви маро,
Ки зи анфоси хушаш бӯйи биҳӣ меояд.
Аз паяш атру гулоб аз паи шодӣ резед,
Ки ба кӯйи фуқаро подшаҳе меояд.
Ин тааҷҷуб, ки ба гӯшам зи малак аз афлок,
Ҳардам овозаи таҳсину зиҳӣ меояд.
Дид чун ёр маро, кард навозиш толеъ,
Ҳамчу иқбол паи комдиҳӣ меояд.
Аз навиди қадаму омадани он дилбар,
Дарди маҳҷурии ман рӯ ба беҳӣ меояд.
Кулбаам чун нашавад водии Айман ин шом?
Ки ба кошонаам аз чарх маҳе меояд.
Манзари дида биорой, ки Муҳйӣ имшаб,
Ба тамannoи ту меҳмони зиҳӣ меояд.
117
Ҳар он кас чун ту як дилдор дорад,
Ба хубони ҷаҳон кай кор дорад?
Гадои остони олии ту,
Зи тахту бахти шоҳӣ ор дорад.
Рухат гулҳои фирдавси баринро,
Ба обу ранги худ бекор дорад.
Чӣ гӯям васфи зулфи анбаринат,
Ки мушки сад Хутан дар бор дорад.

Зибас он гесӯи мушкин ба ҳар мӯй,
Ҳазорон таблаи аттор дорад.
Ҳар он ҳосил, ки дар тотор бошад,
Сари мӯе, ки дар ту тор дорад.
Хироми қоматат ҳангоми ҷилва,
Ба олам маҳшаре изҳор дорад.
Бинозам он шакарлабро ба хубӣ,
Ҷамоли хуш чаманосор дорад.
Зи сели ашки Муҳйӣ хонаи ӯ,
Нишони таҳтиҳаланҳор дорад.
118
Эй ҳадиси шаккаринат бо мазоқи ҷон лазиз,
Бо тани бемор ҳамчун муждаи дармон лазиз.
Зикри лаълат рӯҳбахши ҷисму ҷон омад аз он,
Хастагонро ёди оби чашмаи Ҳайвон лазиз.
Ошиқонро гарчи ёди дилбарон бошад, вале
Дилбаронро низ зикри ошиқи нолон лазиз.
Аҳли дунёро набошад баҳра аз завқи сухан,
Коми онҳоро насозад ғайри ошу нон лазиз.
Ошиқонро ёди васлу дидани дидори хеш,
Зоҳидонро зикри ҳуру Кавсару ғилмон лазиз.
Лек дарду шавқу зикру фикри Ҳақ шому саҳар,
Бо таҷаррудпешагони соҳиби ирфон лазиз.
Ихтилоти аҳли дунё баски заҳри қотил аст,
Коми нокоме нашуд аз неъмати боён лазиз.
Баски аз ашъори Муҳйӣ шаҳд меҷӯшад ,аз он
Шаккари гуфтораш омад аз лаби хубон лазиз.
119
Бо халқ агар ҳаловати шаккар бувад лазиз,
Бо мо ҳадис аз лаби дилбар бувад лазиз.
Бо ман ба ҷуз ҳикояти дилбар сухан магӯй,
Ёдаш маро зи қанди мукаррар бувад лазиз.
Гар солҳо аз он лаби ширин сухан кунӣ,
Ман бишнавам зи қиссаи дилбар бувад лазиз.
Барбанд лаб зи нақли гуландом назди мо,
Афсонаҳои ёри суманбар бувад лазиз.

Ҷон медиҳад ба вақти сухан он шакардаҳан,
Азбас мақоли ёр саросар бувад лазиз.
Зикри лабаш агарчи диҳад ҷон ба ҷисми мо,
Ҷонро хаёли ёри фусунгар бувад лазиз.
Дар ҳайратам, ки аз чӣ туро офарида Ҳақ,
Тахмири ту тамом саросар бувад лазиз.
Кирдори ту тамом мувофиқ ба дилбарӣ,
Гуфтори ту зи шаҳди музаъфар бувад лазиз.
Муҳйӣ агарчи ҳусни адаб хуш зи ҳар касе,
Лекин ба мо зи рӯи накӯтар бувад лазиз.
120
Эй дил, аз ин дурии шабҳои ҳиҷрон, ғам махӯр!
Шоми ҳиҷрон мерасад охир ба поён, ғам махӯр!
То куҷо дар ҳаҷри ҷонон дил ба хун омехтан?
Мешавад рӯзе муяссар васли ҷонон, ғам махӯр!
Гар баҳори зиндагӣ боқист дар боғи висол,
Бишкуфад охир ба рӯят сад гулистон, ғам махӯр!
Ҳар фироқеро ба олам ҳаст васле дар камин,
Мерасад охир ба мақсад шоду хандон, ғам махӯр!
Зинҳор аз кулфати бегонагон ғофил машав,
Мерасӣ охир ба назми дӯстдорон, ғам махӯр!
Сабр кун бо дарди захми хортинатҳои аср,
Гул кунад з-ин захм охир рӯҳи райҳон, ғам махӯр!
Аз фиребу узри ин рӯбоҳтабъонат чӣ ғам?
Бо ту чун бошад назар аз шери Яздон, ғам махӯр!
Чун туро аз олами ғайб аст улфат бо малак,
Аз ҷафову кулфати ин девтабъон, ғам махӯр!
Муҳйӣ, з-ин ҳақноширосон то ба кай озурдагист?
Чун туӣ тоҷи сари арбоби ирфон, ғам махӯр!
121
Дил манеҳ, эй дил, ба хату зулфи ёр,
З-ин ду ҳосил ҳаст шакли мӯру мор.
Дида гар ёбад зи хатти хуш ҷило,
Тирагӣ бахшад, вале хатти ғубор.
Бар сарат печида сад ранҷу бало,
Аз шиканҷи печутоби зулфи ёр.

Даст бо зулфи бутон кам кун дароз,
Бош, эй дил, пурҳазар аз заҳри мор.
Оқилӣ ҳаргиз мадеҳ дил бар бутон,
Ишқбозӣ нест кори ҳушёр.
Бо гули рӯе чӣ бозӣ накди ҳуш?
Чун ту дорад ҳар яке чандин ҳазор.
Ихтиёри хеш аз каф худ мадеҳ,
В-арна расво мешавӣ беихтиёр.
Шавкати дунёву айши давлаташ,
Ҳаст фонию надорад эътибор.
Ҳамчу Муҳйӣ к-офати дунёи дун,
Бо талабгорони дунё вогузор.
122
Андар ин Наврӯзу айёми баҳор,
Дил шуда аз ғуссаю ҳасрат фигор.
Марги ёрону бародарҳо намуд,
Синаи ман ҳамчу лола доғдор.
Мондаам ман бекасу оҷиз, дареғ,
Не бародар дораму хешу табор.
Бо чунин андуҳу яъсу бекасӣ,
Кай масаррат ёбам аз боғу баҳор?
Ҳамчу булбул баъд аз ин, эй дӯстон,
Нола созам дар чаман бе рӯи ёр.
Бо ҷавонию ҷамолу мулку мол,
Дил манеҳ гар оқилию ҳушёр.
Чанд рӯзе дар баҳори зиндагӣ,
Бо лиқои дӯстон дил шод дор.
Бишнав аз ман панд, эй маҳбуби ман,
Бо баҳори умр набвад эътибор.
Меравам ман ҳам аз ин дори фано,
Бо дили садчоку чашми ашкбор.
Муҳйӣ бунёди ҷаҳони бебақо,
Нест ҷои айшу маъвои қарор.
123
Ҷонони маро кунед ҳозир,
То бар рухи ӯ шавем нозир.

Дар ҳасрати он ҷамоли некӯ,
Ҷон додани ман шудаст зоҳир.
Зулфи ту куҷо ба даст афтад,
Дасти мани бенавост қосир.
Ушшоқи ту мисли ман ҳазорон,
Афтода ба ҳар куҷост вофир.
Кай домани ту зи каф гузорам?
Ман гардам агар ба васл қодир.
Чашми ту, ки ҳаст масту хунрез,
Дар шеваи қатл гашта моҳир.
Ишқи ту чӣ сон ниҳон намоям?
Аз чеҳраи ман ҳамеша зоҳир.
Бо ин ҳама бекасию ҳиҷрон,
Ҳастам ба Худои хеш шокир.
Ояд зи Худо ҳар он балое,
Муҳйӣ ба ризои ӯст собир.
124
Агар узри зарурӣ сохт маҳҷур,
Маро аз диданат, эй ёр, маъзур.
Наям аз ту ҷудою менамоям,
Дуои давлатат, эй ёр, аз дур.
Муборак бод ҷою манзили ту,
Биноят то қиёмат бод маъмур.
Зи давлатхона як дам кам мабодо,
Навоҳои рубобу созу сантур.
Набинӣ аз замона ранҷу андуҳ,
Ҳамеша дар тараб бошию масрур.
Туи манзур доим бар ду чашмам,
Ба ман гашта зибас хулқи ту манзур.
Ба лаб мадҳу ба дил меҳри ту дорам,
Набошад эътиқодам бо ту мастур.
Машав ғофил зи ман ҳам, эй бародар,
Маро яксар диле дар вай дусад шӯр.
Дуои Муҳйии дилхаста ин аст,
Ки пайваста ҳасудат бод ранҷур.

125
Гар зи ҷинси нифоқ дорӣ бор,
Эй бародар, ту зуд берун ор.
Бо қумоши риёву ҷинси нифоқ,
Шуда алҳол ҷӯшиши бозор.
З-он ки гаштанд аз вуфури нифоқ,
Муршидон ҷумла толиби зардор.
З-ин сабаб аз ҳузури марди фақир,
Менамоянд шайхи даврон ор.
Ки бувад доимо шиори шуюх:
Ағниёҷӯию фақир озор!
Толиби ағниё ба ҷону дил,
Аз фақирони бенаво безор.
Саҷда созанд ҳар куҷо бинанд,
Соҳиби молу қабчаи динор.
Менамоянд сар фуруд аз дур,
Бо тавозуъ зи баҳри ҳар зардор.
Нури дидаст ағниё дар чашм,
Гар ҳунуду ҷуҳуду гар тотор.
Менамоянд бӯса бар хару гов,
Гар ба пӯсташ ниҳанд аз зар бор.
Ҳиндувони палиди соҳибзар,
Меҳмони азизи бо миқдор.
Муъминони фақири бесомон,
Назди эшон залилу бемиқдор.
Гар бувад ин шиори эшонон,
Кори дарвешу муфлисон душвор.
Рӯзу шаб баҳри нафс саргардон,
Дар биёбону шаҳр лайлу наҳор.
Ҷӯй Муҳйӣ панoҳ аз ин қавм,
Вақано раббуно азобуннор.
126
Умри ман бигзашту ман ғофил чу тифлонам ҳанӯз,
Ҳамчу тифлон дар паи бозию ҷавлонам ҳанӯз.
Осмон ҳар лаҳза сад тири ҳаводис бар ҷигар
Мезанад, ман дар паи он тири мижгонам ҳанӯз.

Хирмани умрам ба боди ҳарзатозӣ шуд талаф,
Бехабар дар орзуи ҷамъи сомонам ҳанӯз.
Бехудам аз одаму олам ба он ҳусну ҷамол,
Баски ман оинаосо маҳву ҳайронам ҳанӯз.
Сад баҳор охир шуду сад гулситон барбод рафт,
Ман чу булбул беқарору масти ҷавлонам ҳанӯз.
Ёфта ҳар кас ба ҷаҳду ҷид васли ёри хеш,
Ман зи бе саъйӣ ба ранҷу қайди ҳиҷронам ҳанӯз.
Зарра-зарра шуд вуҷуди ман зи ошӯби ҷаҳон,
Ҳамчунон ман дар ҳавои меҳри тобонам ҳанӯз.
Хок гардидан маро монеъ нашуд ,Муҳйӣ, зи шавқ,
Дар адам ҳам ман ба ёди лаъли хандонам ҳанӯз.
127
Хандаҳои шакаринат дили ман бурда ба ноз,
Баъд аз ин аз кӣ бипурсам, зи куҷо ҷӯям боз?
Ту савора ба саманду мани мискин ба замин,
Ман чӣ сон бо ту расам, бо фалакӣ дар такутоз?
Чӣ шавад як нафасе аз сари шафқат зи фарас,
Ранҷа созӣ қадаму сӯи ман ой зи фароз.
Ваҳ ,чӣ сон ҳусну ҷамол аст туро, эй дилбар,
Мекашам ҷаври ту гар ноз кунӣ бар сари ноз.
Бурда сабру дилу ҳушам шакарин гуфторат,
Эй парӣ, баҳри Худо, чораи ин хаста бисоз.
Як назар дидаму аз ман бирабудӣ ту шикеб,
Чӣ кунам ,гаштаам акнун ба ғами ту дамсоз?
Ман фитода ба ҳалокат, ту надорӣ хабаре,
Оташи ишқи ту, ҷоно, тани ман кард гудоз.
Баъди мурдан чу Масеҳо бигузар аз хокам,
Ки шавам зинда зи файзи қадамат дигар боз.
Гуфта аз рӯи бадеҳа ба ту ин тозағазал,
Муҳйии хаста, ки бошад ба фасоҳат мумтоз.
128
Сари иродати худ аз камоли аҷзу ниёз,
Ниҳодаам ба дарат, эй ҳабиби банданавоз.
Бар он умед, ки зилли ҳумосаодати хеш,
Зи рӯи лутфу тараҳҳум ба ман нагирӣ боз.

Камина бандаи даргоҳи остони туам,
Ба рӯи ман дари алтофу марҳамат кун боз.
Чаро ки шуҳрати ахлоқу хубият рафта,
Ба Турку Ҳинду Хуросону Руму Мисру Ҳиҷоз.
Чӣ гуна лаб накушоям ба мадҳи ту, аз он-к
Ба васфи ту ба ман аз ғайб мерасад овоз.
Агарчи каҷкулаҳонанд дар ҷаҳон бисёр,
Вале ту аз ҳама ҳастӣ ба сарварӣ мумтоз.
Самар зи нахли қадат ман чӣ сон ба даст орам,
Чаро ки мисли қадат нест нахли сарафроз?
Чӣ гуна қиссаи шавқам баён кунам бо ту,
Зибаски қиссаи ман ҳаст ҳамчу зулфи Аёз!
Зи орзуи рухат, эй сипеҳри авҷи шараф,
Саманди нолаи шавқам шудаст гардунтоз.
Агар ба васли ту восил шавам ба фазли Илоҳ,
Кунам ба назди ту тӯмор қиссаи худ боз.
Умед дорам аз иқболу толеи масъуд,
Шавам ба коми дили худ ба суҳбатат дамсоз.
Чу тӯтие, ки гирифтори ҳабси бумон аст,
Фитодаам мани мискин миёни хайли гуроз.
Маро чунин ба азоби фироқи худ, эй моҳ,
Раво мадор ту фикри халосии худ соз.
Ҳамеша матлаби Муҳйӣ зи Ҳақ ба сидқи дил,
Бувад зи ёдею иқболу умри дароз.
129
Эй париваш дилрабои чорасоз,
Чораи кори мани бечора соз.
Чора аз каф рафту ман бечораам,
Чорае кун баҳри ман, эй чорасоз.
Чораи ҳар кор аз аввал беҳ аст,
Чораи кори худ аз аввал бисоз.
Баъди рафтан чора набвад судманд,
Бо қазои рафта набвад чорасоз.
Чораи бечорагӣ осонтар аст,
Чорасозо, чораи бечора соз.
Чораи кори мани мискин бирафт,
Баҳри ман пайдо нашуд як чорасоз.

Чорасози корҳои ман Худост,
Чорасози корҳои чора соз.
Чорасозон оҷизанд аз кори худ,
Нест ҷуз Ҳақ чорасози чорасоз.
Муҳйии бечораро дар корҳо,
Нест ҷуз лутфи Илоҳӣ чорасоз.

130

Эй парипайкар, ба ин ҳусну ҷамоли худ маноз!
Бо қади чун сарву рӯи гулмисоли худ маноз!
Абрӯят гарчанд нохун бар ҷигарҳо мезанад,
Оқибат дорад заволе, бар ҳилоли худ маноз!
Эй ғанӣ, то чанд нозӣ аз ғурури молу зар?
Симу зар монад зи ту, бар мулку моли худ маноз!
Боргоҳи Кибриёро нест роҳе ғайри аҷз,
Кибри худ аз сар бадар кун, бар камоли худ маноз!
Аз хаёле то ба кай дам мезанӣ, эй муддаӣ?
Бо вуфури илму зеҳну бо хаёли худ маноз!
Мақсад аз таҳсили илму дин амал бояд туро,
Гар туро набвад амал бар қилу қоли худ маноз!
Нест мардӣ, золимо, хуни мусалмон рехтан,
Аз Худо тарсу ба ин қатлу қитоли худ маноз!
Чоҳи дӯзах дар раҳу хуш мехиромӣ бехабар,
Ёд кун чоҳу ба ин ҷоҳу ҷалоли худ маноз!
Талхии марг аст, Муҳйӣ, оқибатандеш бош,
Чун хабар дорӣ, ба ин шаҳди мақоли худ маноз!

131

Шукрилиллаҳ, ман надорам давлати дунё ҳавас,
Бе хаёли орзуи шоҳиди зебо ҳавас.
Давлати дунё саросар кулфату ранҷу балост,
Ҳеҷ оқил менасозад кулфату ғавғо ҳавас.
Бо чӣ кор ояд маро дунёи дуни бевафо?
Лоиқ он бошад, ки созад ҳиндию тарсо ҳавас.
Гар мусалмонзодаӣ кун фикри зоди охират,
З-он ки бошад бо мусалмон давлати уқбо ҳавас.
Ихтилоти аҳли дунё боиси дарди сар аст,
Суҳбати инҳо макун, гар оқилӣ асло ҳавас.

Хок мегардад ба матлаб норасида оқибат,
Давлати дунё агар ҳар кас кунад бечо ҳавас.
То насозӣ тарки кори дунявӣ, аз ту хатост
Дар тариқат орзуи муршиди мавло ҳавас.
Даъвии фақру фанову ин чӣ бешармӣ, ки боз
Менамоӣ орзуи шоҳиди раъно ҳавас.
Панди Муҳйӣ гӯш кун, эй ғофил, аз қаҳри Худо,
То ба кай созӣ зи ғафлат мастии дунё ҳавас!
132
Лаззати зикри Худо аз мардуми дунё мапурс!
Ҳуш дорӣ сири ин аз одами качпо мапурс!
Аҳли дунёро набошад огаҳӣ аз сири Ҳақ,
З-ин ҷамоа ғайри базми шоҳиду саҳбо мапурс!
Рӯзи маҳшар ҳар касеро нур бошад бар ҷабин,
Нури тоат бар ҷабини толиби дунё мапурс!
Ағниё азбас ба фикри зар бимиранд ин гуруҳ,
Дар рухи инҳо ба ғайр аз зардии сафро мапурс!
Ҳар кӣ бандад дил ба зулфи дилбарони бевафо,
Дар сари инҳо ба ғайр аз иллати савдо мапурс!
Маънии дунё бидонӣ ғайри дунӣ ҳеҷ нест,
Бар забон ҳаргиз марон, аз маънии дунё мапурс!
Ҳаст беилмӣ сабаб бо сад хиҷолат дар ҷаҳон,
Маънии Фурқони Ҳақ аз қории қурро мапурс!
Гар ту аз ҳикмат хабар дорию илму фаҳму ҳуш,
Ҳалли мушкилҳои худ аз халқ дар ҳар ҷо мапурс!
Кӯрботинро нашояд раҳнамое сӯи Ҳақ,
Муҳйиеро муддао аз зумраи аъмо мапурс!
133
Эй дил, аз ғамҳои олам дарди ишқи ёр бас,
Оҳи сарду рӯи зарду дидаи хунбор бас.
Гӯшаи узлат бигиру бош дур аз нокасон,
Баъд аз ин кун ихтилоту меҳри дунёдор бас.
То ба кай оинаи дил дар шикастан медиҳӣ?
Суҳбати сангиндилони шум кун, зинҳор, бас.
Ағниёи мулки моро нест аҷзи бандагӣ,
Кибру даъвии ғуруру нахвату пиндор бас.

Кай зи ифроту такаббур сар фурӯ оранд ба мо,
Аз паи таъзими инҳо шахси дунёдор бас.
Ин наво ояд ба гӯш ҳар лаҳза аз рагҳои тан,
Нағмаи танбӯру сози ғиҷҷаку сетор бас.
То куҷо ғофил шудӣ аз марг, эй дил, баъд аз ин
Тавбаи аҷзу ниёзу зикру истиғфор бас.
Ин ҳама айшу сурýру хуррамиҳо даргузашт,
Вақти рафтан омад акнун суҳбати дилдор бас.
Гарчи, эй Муҳйӣ, накардам тоате аз баҳри Ҳақ,
Бо шафоатхоҳии ман Аҳмади Мухтор бас.
134
То ба кай мастӣ, дило, як дам ба истиғфор бош!
Дил ба шуғли ёди Ҳақ кун, гӯ, забон бекор бош!
Ман нагӯям соз тоат дар миёни халқу боз,
Бо чунин зуҳду риё мағруру дар пиндор бош!
Инчунин зуҳди риёӣ менаарзад як ҷаве,
Соз тақвии ниҳону муъмини диндор бош!
То куҷо ин ғафлату хобу фароғат сад фусун,
Рафт кор аз дасту як дам, як замон бедор бош!
Душманонат дар камину дар паи қасди туанд,
Медиҳӣ барбод динат воқифу ҳушёр бош!
То ба кай чун зан асири орзуҳо мешавӣ?
Бо ҷиҳоди нафси кофар мардикорозор бош!
Чашм во кун, ибрате баргир аз аҳли замон,
Баъд аз ин, эй бехабар, бо дидаи хунбор бош!
Лофу даъвии саёдат, в-он гаҳе фисқу фуҷур,
Мустаъид бо қаҳру хашму Воҳидалқаҳҳор бош!
Муҳйӣ аҳволи вилоят ин бувад аз ин диёр,
Соз ҳиҷрат ихтиёру сокини кӯҳсор бош!
135
Мову макони хилват як дилрабои дилкаш,
Аз дасти ёр, соқӣ, ҷоми шароби беғаш.
Хуш давлатест бо ман дар қавлу феъли мардум,
То чанд хотири худ созам мудом пурғаш?
Хун шуд дилам, нигоро, аз ихтилоти ғулон,
Аз баҳри дафъи андуҳ ҷоми шароб баркаш.

Баркаш инони нафсат аз орзуи дунё,
В-арна ҳалок созад ин нафси шуми саркаш.
Гар шоҳиди таманно хоҳӣ, ки ром гардад,
Бигзар зи орзуҳо, в-онгоҳ хуш ба бар каш.
Бар муддаои хотир дидӣ касе расида,
Восил шуда ба мақсуд мардони Ҳақ зи баркаш.
Аъёни мулки моён лавҳу тараб гузинад,
Эй дил, аз ин ҷамоа домони хеш баркаш.
Муҳйӣ намуда узлат дар гӯшае ба зорӣ,
Моему зикру фикру сӯзу гудозу дардаш.
136
Зиҳӣ Лоҳуру шаҳри дилкушояш,
Чӣ гӯям васфи хубии ҳавояш?
Ирамро хиҷлате аз тарҳи боғаш,
Фалак сар бар замин аз ҳар бинояш.
Ба ҳар масҷид хироҷи ҳафт иқлим,
Намуда сарф шоҳон аз барояш.
Биноҳои даруни шаҳр аз чарх,
Гузашта аз камоли эътилояш.
Иморатҳо ҳама санги булӯрин,
Ба ҳар ранге музайян дар фазояш.
Ба ҳар кӯча ҳазорон фонуси маҳ,
Ҳама шаб рӯз гашта аз зиёяш.
Ба масҷидҳо лак андар лак қанодил,
Фурӯзон ҷумла шабҳо ҷо ба ҷояш.
Палоси ҷумла масҷидҳо зи мо даст,
Фиканда фаршҳои бебаҳояш.
Ҳуҷуми одамӣ аз ҳар тавоиф,
Хирад оҷиз зи таърифу адояш.
Шитобон ҳар тараф андар калипак,
Ба рӯзу шаб бутони маҳлиқояш.
Ҳама гулрӯю гулгунпӯшу танноз,
Чу Муҳйӣ сад ҳазорон мубталояш.
137
Парирӯе, ки ман гаштам гирифтори гули рӯяш,
Намебахшам ба хубони ҷаҳон як торе аз мӯяш.

На ман танҳо ба гулзори ҷамолаш нолапардозам,
Ҳазорон ҳамчу ман ҳастанд шайдо бар гули рӯяш.
Маро аз дил рабуда орзуи Кавсару Тубӣ,
Таманнои лаби лаълу хироми қадди дилҷӯяш.
Куҷо азми сафар созам, ки баста пои рафторам?
Ба занҷири сари зулфаш фалак афканда дар кӯяш.
Худоро, эй сабо, бигзар ба кӯи ёру он гоҳе,
Муанбар кун машоми ман зи бӯи анбаринмӯяш.
Пас он гоҳе ба сад ихлосу таъзиму таманноҳо,
Аз ин дилхастаи афгор бо расми адаб гӯяш.
Зи мо ҳаргиз намепурсанд он маҳбубу умре шуд,
Чаро хомӯш аз пурсиш лаби лаъли сухангӯяш?
Агарчанде ки ман дурам ба зоҳир аз висоли ӯ,
Вале дар олами ботин дилу ҷон моили кӯяш.
Чӣ бошад аз сари лутфу карам гоҳе ба ёд орӣ,
Аз ин дилхастаи муштоқ Муҳйии дуогӯяш.
138
Зиҳӣ он соҳиби толеъ, ки бошад меҳрубон ёраш,
Ба коми хештан гирад зи дилбар ҷоми саршораш.
Бувад ҳамдам зарифони баъид аз ғайр андар ид,
Ба абнои замон ҳаргиз набошад мутлақо кораш.
Набинад рӯи ин ғулони одамрӯй як умре,
Ба ин хартинатон мутлақ наяфтад ҳоҷати бораш.
Ба боғи ағниё ҳаргиз марав, азбас намебинӣ,
Ба ҷуз хори ҷафову ҷавр аз ҳар барги гулзораш.
Сари зулфат ба даст афтад шабе, эй нозанин, ҳаргиз
Намебахшам ба Тотору Хутан з-он зулф як тораш.
Хушо, бар ҳоли он ошиқ, ки афтад ҳар саҳаргоҳе,
Зи иқболи баланди худ назар бар ёру рухсораш.
На ман танҳо кунам тавсифи рӯю ҳусни ахлоқаш,
Ҳама хубони оламро ба хубӣ ҳаст иқрораш.
Ба дарди ишқи он дилбар на ман танҳо гирифторам,
Тамоми халқи олам гашта чун Муҳйӣ гирифтораш.
139
Он дилбаре, ки будӣ дар дидаҳо маконаш,
Шуд аз назар, биҷӯям ман аз куҷо нишонаш?

Лаҳза ба лаҳза додӣ аз гуфтаҳои ширин,
Бар ҷисми нотавонаш аз лаъли худ равонаш.
Зинда чӣ гуна монам дур аз висоли ёре?
Мемурдам аз ҷудоӣ нодида як замонаш.
Қадаш ҳамеша будӣ зиннатфизои бӯстон,
Зеби чаман ҳамебуд рухсори арғавонаш.
Аз соҳире ба ҳар ҷо будӣ, вале рабудӣ,
Баста ба тори гесӯ чашмони ҷодувонаш.
Тиру камон кушодӣ аз баҳри қатли мардум,
Бо он синони мижгон пайваста абрӯвонаш.
Ҷон медиҳам барояш, азбаски кай гузорад,
Зинда ба ин ҷудоӣ ҳиҷрони ҷонситонаш?
Ман мекунам дуоҳо, он ёри бовафоро,
Дорад Худо ҳамеша дар ҳар куҷо амонаш.
Эй боди субҳ, баргӯй ҳар ҷо, ки бинӣ он ёр,
Муҳйӣ, зи сӯзи ҳиҷрон дар оташ аст ҷонаш.
140
Эй муҳиби аҳли олам лолариш,
Сурхрӯ бошӣ ба даҳру лола риш.
Рӯи ту аз нури маънӣ ҳамчу бадр,
Равшан асту ҳаст дар вай ҳола риш.
Ҳамчу мӯят заъфаронӣ кас надид,
Не ба Кашмиру на дар Банғола риш.
Фарҳатафзо зардию сурхии ӯ,
Гӯиё кардӣ хизоб аз лола риш.
Аз ғами дунё нагардӣ мӯ сафед,
Ғайри сурхӣ гар шавӣ садсола риш.
Дар хаёли рӯи майгунат зи рашк,
Заъфарон, ярқонӣ гашта лола риш.
Аз фироқи ёр дар рухсори ман,
Ашк шуд табхолаю табхола риш.
Одамият кай ба ришу саблат аст?
Гурба дорад саблату бузғола риш.
То ки ҳаст осори сурхӣ дар ҷаҳон,
Рӯи ту гулнор боду лола риш.
Нест нуқсе ,Муҳйӣ , набвад ҳаҷмааш,
Аз маҳосин кай фитад нимкола риш?

141
Бидидам ду париваш ёр дар Ӯш,
Ки ҳар як бурда аз ман тоқату ҳуш.
Зи дидори чунин гулгунузорон,
Намудам ҷумла хубонро фаромӯш.
Тамоми аҳли Ӯшу дилбаронаш,
Намеарзанд дар хубӣ ба як мӯш.
Яке дар ғояти ҳусну назокат,
Зада таъна ба хуршеди фалак рӯш.
Яке дар гулшани нозу латофат,
Бувад сар то ба пояш ҷумла гулҷӯш.
Яке дар ғояти ҳусну расоӣ,
Ки бошад ӯшиёнаш ҳалқабаргӯш.
Яке дар хубию шаклу латофат,
Малоҳат аз рухи ӯ мезанад ҷӯш.
Чӣ будӣ, эй дареғо, ин ду дилбар,
Яке шаб мешудӣ бо ман ҳамоғӯш.
Набудӣ чора бо ман гар фурӯшанд,
Кашида ҳарду дар бозор аз гӯш.
Қалам оҷиз зи васфи ин ду маҳбуб,
Шавам акнун ҳамон беҳтар, ки хомӯш.
Агар ин аст лутфи дилбаронаш,
Марав Муҳйӣ дигар Хӯқанд аз Ӯш.
142
Маро зи ҷаври замон нест ҷои истихлос,
Ба як пиёлаи май соз, соқиё, ту халос.
Ба ман зи майкада дигар мақоми амне нест,
Куҷо равем аз ин дар бигӯй ин маннос?
Хушам агар бинишинам ба кунҷи майхона,
Маро агар нарасад з-ин мақом ҷои хос.
Ба тавфи Каъба расидем ғам нашуд зоил,
Гузидаам дари кӯи муғон зи баҳри манос.
Маро зи шайхи риёӣ гирифта шуд хотир,
Буридаам ман аз ин шайх риштаи ихлос.
Зи пири майкада ҷӯям муроди хотири хеш,
Ба рағми шайх бинӯшам мудом баҳри қасос.

Ба остонаи пири муғон ниҳодам рӯй,
Шудам зи рӯи ақидат муриди хосулхос.
Касе ба баҳри ҳақиқат фурӯ барад сари хеш,
Шавад ба гавҳари мақсуди хештан ғаввос.
Бигӯш гавҳари назму ба гӯши ҷон, эй ёр,
Ки Муҳйӣ бо ту намояд тариқи истихлос.
143
Шаб, ки дар маҳфил ҳамон хуршеди тобон кард рақс,
Дар ҳавояш ҷумлаи зурроти даврон кард рақс.
Инчунин афсунгаре пайдо нашуд дар рӯзгор,
Аз тамошояш ба мастӣ халқ яксон кард рақс.
Шӯрише афтод аз атвори ӯ бо мардумон,
Аз таҳайюр аҳли маҷлис пойкӯбон кард рақс.
Ишқ чун комил шавад кай фарқи куфру дин кунад,
Бин чӣ сон дар ишқи тарсо Шайх Санъон кард рақс?
Ман чӣ сон таҳсин насозам аз хаёли он санам,
Аҳли маҷлис ҷумлагӣ то шайху эшон кард рақс?
Хурду бузрук ҳар кӣ ҳозир буд аз худ рафта буд,
Баъзе нолон, баъзе гирён, баъзе хандон кард рақс.
Ман чӣ сон оям бурун аз васфи ин зебонигор,
Базм шуд ҷаннатнишон, азбаски ғилмон кард рақс?
Муҳйӣ, аз ин базми хоси ин малакзоди замон,
Зуҳра аз авҷи фалак аз фарти афғон кард рақс.
144
Кай шавад хотир зи ранҷу кулфати дунё халос,
Гар зи дасти ғам насозад соғару саҳбо халос?
Соғаре деҳ, соқиё, лоҷуръа нӯшам, то ки ман
Гардам аз ташвиши ин дунёю мо фиҳо халос.
Гар ҳама гардӣ малак, мушкил, ки ёбӣ як нафас,
Аз забони шикваҳои мардуми дунё халос.
То нагардӣ хок ҳаргиз нест осоиш туро,
Дар адам ҳам кай шавӣ аз таънаи аъдо халос?
Дар куҷо ёбам паноҳе з-ин мунофиқтинатон,
Чун нагаштам дар ҳарими Ясрибу Батҳо халос?
Дар диёри хештан ҳам нест осоиш маро,
Як даме ҳаргиз наям аз ав-ави сагҳо халос.

Дорам умед ,ин ки созад ҷазб аз рӯи карам,
Созад аз ташвиши олам ҳазрати мавло халос.
Ҳиҷрате бояд маро з-ин ғулодамсиратон,
Гӯшаи ғурбатгузиниҳо намояд то халос.
Муҳйӣ, аз аҳли замона нест ҷои дам задан,
Чунки з-ин мардум нагашта муршидони мо халос.
145
Шукрилилаҳ, нестам ман бо касе ёр аз ғараз,
Ё равам назди касе аз баҳри дидор аз ғараз?
Маҳви гуфтори худам, ҷуз дил надорам улфате,
Ман чаро созам ба кас беҳуда гуфтор аз ғараз?
Гар ҳамехоҳӣ, ки ёбӣ давлати Искандарӣ,
Рӯи ҳар зиштӣ мабин, оинакирдор аз ғараз.
Пеши мо ҳар кас лаъиме гарчи ӯ Қорун бувад,
Ҳоҷати худро макун, эй дӯст, зинҳор аз ғараз.
Ошноӣ гар бихоҳӣ бо фақирон ёр бош,
Ошно бо кас машав, эй ёр, зинҳор аз ғараз.
Дил назаргоҳи Худо гӯию месозӣ чаро,
Аз хаёли ёди ҳар нопок мурдор аз ғараз?
Дар ниҳоди аҳли дунё нест ғайр аз ишқи зар,
З-ин сабаб ҳаргиз набинам рӯи зардор аз ғараз.
Муҳйӣ, ҷуз ёди Худо набвад ба кунҷи узлатам,
Ҳамдулилаҳ ман надорамм бо касе кор аз ғараз.
146
Ҳоҷати худро макун дар назди дунёдор арз,
Гар ҳама аз фоқа гардӣ, хун макун зинҳор арз.
Пеши ҳар нокас чӣ гӯӣ арзи ҳоли худ, ки ӯ
Назди ҳар габру яҳудӣ мекунад изҳор арз.
Хуни дил гаштам, нагуфтам бо касе асрори худ,
Ҳоли худ ҳаргиз накардам бо рафиқи ёр арз.
Гар туро бошад зи ваҳдат огаҳӣ, аз ғайри Ҳақ,
Қатъ кун уммед, пеши кас макун изҳор арз.
Гар ҳама ранҷур гардам, ҳимматам бин бо табиб,
Ман насозам дарду ранҷи ин тани бемор арз.
Сӯхтам аз дарди ишқу ман накардам назди ёр,
Ҳасрату сӯзу гудози ин дили афгор арз.

Эй сабо, гар бигзарӣ бо кӯи ҷонон, зинҳор,
Соз шаръи иштиёқи ман ба он дилдор арз.
Ин ҳама беҳосил, аммо Муҳйӣ бо аҷзу ниёз,
Соз нуқсонҳои худ бо Аҳмади Мухтор арз.
147
Дод озодӣ зи ғам, то кард зоҳир ёр хат,
Баҳри озодӣ дамида гирди он рухсор хат.
Гарна эъҷози ҷамоли ӯ бувад ,бин, аз чӣ рӯй,
Менасӯзад гирди он рухсори оташбор хат?
Сӯхтам аз иштиёқи хати он ороми ҷон,
Чун намесозад маро ирсол он дилдор хат.
Ин чӣ бераҳмист ,ё Раб, дар ниҳоди он парӣ?
Аз барои пурсишам нанвишт ӯ як бор хат.
Ғайри ҷонбахшӣ набошад кору бори ошиқон,
То ки зоҳир шуд ба гирди он лаби дилдор хат.
Чист мазмуни хати он дилрабо? Огоҳ бош,
Зиндагонӣ менамояд баъд аз ин душвор хат.
Дилработар аз хатат, эй ёр, набвад дар ҷаҳон,
Гарчи аз мушкинхатон дидам басе бисёр хат.
Дил буридан аз хатат, эй ёр, бас мушкил бувад,
Рӯҳи ту ёбам ба тан, бинам агар ҳар бор хат.
Муҳйӣ ҳар дам интизори хату пайғомат кашад,
Тарк манмо, эй париваш, баҳри ман зинҳор хат.
148
Чашм пӯшида менависам хат,
На тароши қалам намуда на қат.
Чашми ман бастааст сабзхате,
То нависам ба васфи он хат хат.
Беҳтар аз ҳусни хати сабзхатон,
Ҳаст гар ин хатам ба ҳадди васат.
Инчунин шеъри хуб кай дидӣ,
Ҳам хати хуш ба ин сиёҳ намат?
Гавҳари назми ман беҳ аз лӯлӯст,
Гар бувад ҳар яке чу байзаи бат.
Шуд муаттар машомам аз хати ӯ,
Лаб ба лаб дошт баски мушкин хат.

Ҳарзагӯи масоз, эй ҳосид,
Лаб бубанд аз каломи фаҳшу сақат.
Ҳар кӣ бошад муқаллиди Муҳйӣ,
Дар мазомини назму насри ғалат.
149
Баҳри он гулузори мушкинхат,
Менависам аҷиб рангин хат.
Холҳое, ки дар рухат пайдост,
Баҳри хати лаби ту ҷумла нуқат.
Буд сода баёзи орази ёр,
Килки қудрат намуд зоҳир хат.
Ваҳ, чӣ хате, ки аз тамшояш,
Сайри ҷаннат бувад ба ҳади васат.
Сайри яҳюлизоми ваҳйи рамим,
Мешавад ошкор аз он хат.
Ашки ман аз фироқи орази ӯ,
Ҳаст ҷорӣ мисоли Даҷлаву Шат.
Сӯзиши дил чӣ сон кунам таҳрир?
Фаҳм кун худ аз ин қиёсу намат.
Қиссаи Қайсу шуҳрати Фарҳод,
Назди сӯзу гудози мост ғалат.
Навхатон дил ҳамекунанд тасхир,
Муҳйӣ тасхири навхатон аз хат.
150
Номи худ маълум кун, бинвис хат,
Эй ки гуфтӣ нисбати хатро ғалат.
Хат бибину шеър бингар дар ҷаҳон,
Гар ту ҳам шеъре тавонӣ з-ин намат.
Рав даҳан барбанд, эй ҳосид, зи кизб,
То ба кай гуҳ хӯрдану гуфтан сақат?
Аз барои душманӣ, эй нобакор,
Ин қадарҳо гуҳхӯриҳоят ғалат.
Дода бар ман муншии қудрат қалам,
То кашам бар ҳарфи хасми хеш хат.
Табъи ман баҳрест мамлу аз гуҳар,
Гашта маҳрум аз ҳасад он бенамат.

Менамоям дар қалам сеҳр ошкор,
Кай тавонӣ ҳамчу ман таҳрири хат?
Гуҳ махӯр, минбаъд илло мекунам,
Ман ба теғи ҳаҷв ангушти ту қат.
Бо вуҷуде медиҳам доди қалам,
Кай маро бошад бино бар ҳусни хат?
Муҳйӣ, чархи илму фазл аст, эй хабис,
Аз китоби фазли ӯ хат як нуқат.
151
Ваҳ, чӣ хуш ояд маро з-он лаъли шакарбор лафз,
Медиҳад ҷон дар тани ман аз сухан ҳар бор лафз.
Ҳиммати ҷонбахши он лабҳои ширин ҳамчунон,
Мекунад яҳюлизом аз лаъли сеҳросор лафз.
Ғунчаи дил шуд шукуфта гул-гул аз гуфтори ӯ,
Табъи маҳзунам намуда рашки сад гулзор лафз.
Субҳдам боди саҳар овард бӯи зулфи ёр,
Баъд аз ин созам шамими нофаи тотор лафз.
Хӯи бад одат макун, муътод гардӣ баъди ин,
Тарки он мушкил бувад, эй ёри ҷон, душвор лафз.
Сирати маънӣ ба кор ояд ба кас, не рӯи хуб,
Гар надорӣ ҳусни маънӣ, эй писар, бекор лафз.
Гар надорӣ баҳрае аз маънии ман, эй сафеҳ,
Аз харӣ ҳаргиз макун аз назди ман изҳор лафз.
Ёд аз Муҳйӣ накард он бевафо, ояд ба ёд,
Бо вафову дӯстиҳо карда буд он ёр лафз.
152
Аз гулу гулшан маро бе оразы ҷонон чӣ ҳаз?
Бе тамошои хаташ аз сунбулу райҳон чӣ ҳаз?
Гар набошад маҳфилоро шамъи рухсори нигор,
Аз ҳузури дӯстону мутриби хушхон чӣ ҳаз?
Дар гулистоне набошад сарви қаддаш ҷилвагар,
Аз тамошои гулу шамшоду аз бӯстон чӣ ҳаз?
Боғу бӯстону чаман бахшад фараҳ бо дӯстон,
Аз гулу боғу чаман бе суҳбати ёрон чӣ ҳаз?
Дардманди ишқро набвад илоҷе, эй табиб,
Дур шав аз ман ба ман з-ин доруву дармон чӣ ҳаз?

То ба кай ин ғофилиҳо, кори худ аввал бисоз,
Кор чун аз даст шуд аз ҳасрату армон чӣ ҳаз?
Кай хабар доранд зи ҳоли зори ман сангиндилон,
Мешавӣ рӯзе пушаймон охир, эй нодон, чӣ ҳаз?
Ман ба кунҷи ғам фитода, дӯстон ғофил зи ман,
Бо мани мискин зи базми суҳбати ёрон чӣ ҳаз?
Чашми таҳсин Муҳйӣ аз ёрони Хӯқандӣ мадор,
Каргасонро аз навои булбули хушхон чӣ ҳаз?
153
Хуррамӣ ҳаргиз макун аз давлати дунё тамаъ,
Шеваи меҳру вафо аз шоҳиди барно тамаъ.
Шоҳиди дунё накарда бо касе ҳаргиз вафо,
Кас насозад дар ҷаҳон аз соҳиби яғмо тамаъ.
Дар хаёли зулфу кокул гашта рӯзи ту сиёҳ,
Боз дар дил хуррамиҳо кард аз савдо тамаъ.
Мулку асбоби ҷаҳони бевафо дарди сар аст,
Ҳеҷ оқил менасозад шӯришу ғавғо тамаъ.
Назди дунёдор ҳаргиз ҳоҷати худро мабар,
Ҳеҷ кас аз саг накарда устухон асло тамаъ.
Ёфтам роҳат зи тарки ихтилоти ҷоҳилон,
Гар ту ҳам хоҳӣ фароғат соз з-истиғно тамаъ.
Давлати дунё туро маҳрум кард аз охират,
Баъд аз ин ҳаргиз макун аз неъмати уқбо тамаъ.
Ҳаст истиғнои ман чандин нахоҳам бар машом,
Накҳати мушки Хито аз анбари соро тамаъ.
То ки дидам бевафоиҳои ин дунёи дун,
Ман буридам Муҳйӣ аз дунёю мо фиҳо тамаъ.
154
Эй парӣ дар ҳаҷри ту пайваста гирёнам чу шамъ,
З-оташи ишқи ту шаб то рӯз сӯзонам чу шамъ.
Доғ дар дил, дард бар сар, сина сӯзон то ба субҳ,
Ашки ҳасрат бар замин аз дида резонам чу шамъ.
Сӯзиши дил оқибат бо рӯи зардам кард фош,
З-ин сабаб дар сӯхтан машҳури давронам чу шамъ.
Дар дили ман аз куҷо афтод ин сӯзу гудоз?
Ҷумла тан аз оташи ишқи ту бирёнам чу шамъ.

Ин бувад гар сӯхтан, эй дӯстон, дар ошиқӣ,
То ба вақти субҳдам номурдагӣ монам чу шамъ.
Инчунин сӯзиш маротиб то саҳар аз баҳри чист?
Субҳ наздик асту ман дар фикри рӯзонам чу шамъ.
Нест дар шабҳои васлаш ҳосиле ҷуз сӯхтан,
Рӯзи равшан доимо дар банди ҳирмонам чу шамъ.
Сӯхтам дар ҳаҷри ту, аммо туро равшан нашуд,
Инчунин рӯзе макун маҳруми ҷононам чу шамъ.
Бе рухи Муҳйӣ нагардад гарм базми ёр аз он,
Равшанибахши маҳалли базми хубонам чу шамъ.
155
Эй ёр, арзи ошиқи нолон кун истимоъ,
Сӯзи даруни синаи бирён кун истимоъ.
Ман сӯхтам зи ҳасрати рухсори оташин,
Шарҳи фироқи хастаи сӯзон кун истимоъ.
Афтодаам зи дарди ту дар бистари ҳалок,
Ман дардманди толиби дармон кун истимоъ.
Биншин зи рӯи лутф, ки созам баёни ҳол,
Як-як азобу меҳнати ҳиҷрон кун истимоъ.
Бингар замону ҳолати аҳли замонаро,
Рафтору вазъи мардуми даврон кун истимоъ.
Мардум ҳама шуданд сияҳрӯю тирадил,
Атвори толибони парешон кун истимоъ.
Шурби мудому шӯриши бешармию ҳаво,
Фисқу фуҷуру фаҳши намоён кун истимоъ.
Бо ин ҳама бало, ки ба инҳо мусаллат аст,
Ғофил ҳама ба мастию исён кун истимоъ.
Гар ин бувад шиори аҳолии мулки мо,
Муҳйӣ, шавад зи мулк гурезон, кун истимоъ.
156
Бод бар гӯши азизони замона масмуъ,
Ки миёни ҷуҳало расми баде ёфт шуюъ.
Чанде аз толиби илмону ҷавонон созанд,
Муттафиқ гашта ба кирдори сафеҳона руҷуъ.
Ин чӣ мастист, надонам, зи куҷо пайдо шуд,
Пеш кай буд, зи нав ёфт чунин расм вуқуъ?

Бинишинанд сари чорсуву хандазанон,
Менамоянд шару шӯру манохӣ маҷмуъ.
Нестанд воқифи аҳвол асотини замон,
То ки бо заҷру насоеҳ бинамоянд мамнуъ.
Гар насозанд насиҳат уламо шогирдон,
Фош бояд аз ин кор намоянд руҷуъ.
Чашм дорем, ки устоди замон аз ғайрат,
Ин амал аз сари инҳо бинамоянд марфуъ.
Ин амал лоиқи марфуъу на мансубот аст,
Асл гар манъ насозад набувад кор фуруъ.
Муҳйӣ, изҳор намудему вале ҳаст умед,
Шавад аз сарзаниши ҳазрати эшон мадфуъ.
157
Агар зи оташи ишқат ба дил фитад як доғ,
Шавад ҳар оина бо ман зи ранҷи даҳр фароғ.
Ба нимҷуръа кунам поймол лашкари ғам,
Ба коми хеш бигирам зи дасти ёр аёғ.
Бар он сарам, ки кашам боз суҳбати дунон,
Ба ихтилоти сафеҳон маро куҷост димоғ?
Гирифта хотирам аз шайхи хонақаҳ акнун,
Маро зи гӯшаи кӯи муғон намой суроғ.
Шудаст синаи ман лолазор аз ғами даҳр,
Ба ғайри сайри дил акнун чӣ ҳоҷат аст ба боғ?
Дилам зи нури таҷаллост водии Айман,
Маҷӯ зи дуд нишоне, ки нест ҷои чароғ.
Дар ин чаман, ки манам нест ҷои шӯриши ту,
Бирав ба ҷинси худат соз нози худ, эй зоғ.
Маро ба зоғу калоғон, чӣ нисбат ин ки ба ғайб,
Ба Муҳйӣ мерасад овози булбули мозоғ.
158
Дилам ба ёди нигор аст аз ҷаҳон фориғ,
Сазад, ки худ шавам акнун зи ину он фориғ.
Намудаам дили худ рашки бӯстон аз хун,
Аз ин сабаб шудам аз сайри гулситон фориғ.
Зи бевафоии аҳбоб то шудам огоҳ,
Ба гӯшае бинишинам зи дӯстон фориғ.

Марав ба хони касею макаш ту миннати он,
Нишин ба кунҷи қаноат зи мизбон фориғ.
Маро, ки хуни ҷигар гашт субҳу шом ғизо,
Шудам ба файзи қаноат зи фикри нон фориғ.
Хуш аст гӯшаи ваҳдат ба фикру истиғно,
Зи ихтилоти сафеҳону ҷоҳилон фориғ.
Макун зи баҳри тақозо ба золимон таъзим,
В-агарна мешавӣ аз файзи ҷовидон фориғ.
Зибас дурангии шайхони асрро дидам,
Шудам зи ҳиллаю найранги зоҳидон фориғ.
Гирифта гӯшаи ваҳдат аз ин ҷаҳон Муҳйӣ,
Шуда зи кулфати дунёю аҳли он фориғ.
159
Ба даври рӯи ту гум гашт эътибори чароғ,
Шуд аз таҷаллии рӯят тамом кори чароғ.
Зи шом то ба саҳар ғайри сӯзу гиря надошт,
Ба маҳфиле, ки дар ин ҷо туӣ шиори чароғ.
Ба ишқи мою ҷамоли ту ҳаст дар олам,
Дареғи равшанӣ аз чашми ашкбори чароғ.
Бале натиҷаи рӯшандилист сӯзу гудоз,
В-агарна аз чӣ сабаб гиря аст кори чароғ?
Ба маҳфиле, ки зи шамъи рухат нашуд равшан,
Ҳамеша сӯзу гудоз аст кору бори чароғ.
Саҳар, ки партави ҳуснат гирифт рӯи замин,
Фитод барқи таҷаллӣ ба пунбазори чароғ.
Шабе, ки шамъи рухи ёр дар назар бошад,
Чӣ ҳоҷат аст, ки бошем интизори чароғ?
Ба даври моҳи ҷамолат фитод аз равнақ,
Тамом гашт ҳама айбу кору бори чароғ.
Ба Муҳйӣ ,то ки кунад ростнисбатӣ дар ишқ,
Аз он ба сӯзу гудоз аст корубори чароғ.
160
Дилам ба гавҳари асрори ёр гашта садаф,
Зиҳӣ саодату давлат, зиҳӣ камоли шараф.
Ба ин саодати ҷовид, соқиё, имшаб,
Бигир аз сари алтоф ҷоми май дар каф.

Махӯр фиреб зи шайху бинӯш бода, ки мо
Ба баҳри раҳмати Эзад шудем мустағраф.
Биҷӯй гӯшаи хилват ба фикру зикри мудом,
Канора гиру ҳазар кун зи аҳли шӯру шаъаф.
Дарои кӯчаи ишқу сипарнамои ҷунун,
Ба саҳми макри шаётин чаро шавем ҳадаф?
Ба дафъи ҳиллаи ин рӯбаҳон амон хоҳӣ,
Намо умеди ионат зи шери шоҳи Наҷаф.
Куҷо равему чӣ созем, дар куҷост амон?
Ки нест ҷои панохе зи баҳри амну канаф.
Ҳавои нашъунамоҳои саркашӣ макунед,
В-агарна ҷумла ба говону хар шавед алаф.
Надида ғайри таассуф ба мулки худ Муҳйӣ,
Дареғ умри гаронмоя ҷумла гашт талаф.
161
Баъд аз ин созам зи сар ошуби дунё бартараф,
Ихтилоти халқи дуну шӯру ғавғо бартараф.
Як сару чандин чӣ ҳоҷат дарди сар, соқӣ куҷост?
То ба ҷоми май кунад ин дарди сарҳо бартараф.
Барканам аз дил ниҳоли меҳри ин раъноқадон,
Аз назар созам хаёли чашми шаҳло бартараф.
Аз хаёли оташинрӯён чаро сӯзам ниҳон?
Менамоям назди мардум ошкоро бартараф.
Лашкари андуҳу ғам гар ҳамла орад сӯи ман,
Ваҳм кай созам, ки созад ҷому саҳбо бартараф?
Фозилон гаштанд хоку ҷоҳилон монданд, ҳайф,
Созам акнун назму насру хату иншо бартараф.
Нест акнун маъние дар саҳфаи иқлими мо,
Гашт сад афсӯс базму завқи шабҳо бартараф.
Шеъргӯӣ, шеърхониҳо ҳама барбод шуд,
Шуд парешон суҳбату гашта расоҳо бартараф.
Ёд аз Муҳйӣ намоянду зи шоҳони ҷаҳон,
Ҳайф гашта хубии давру замонҳо бартараф.
162
Умрам ба фикри зулфи гуландом шуд зи каф,
Дар ёди чашму наргиси бодом шуд зи каф.

Ҳаргиз надида сер ҷамолаш ба чашми хеш,
Дар иштиҳори номаи пайғом шуд зи каф.
Савдо фитода бар сарам аз печутоби зулф,
Дар печутоби роҳату ором шуд зи каф.
Бо ман намуда ваъдаи инъомҳо басе,
Роҳат зи фикри ваъдаи инъом шуд зи каф.
Умре умедвории коми ту доштам,
Андар умед хотири ноком шуд зи каф.
Авҳом буда ҷумлаи андешаҳои хом,
Айёми умр ҷумла ба авҳом шуд зи каф.
Оғозро агар бувад ин ҳосиле, дареғ,
Эй дил, ба ҳуш ой, ки анҷом шуд зи каф.
То кай ба лаҳву лаъб, дило, бандагӣ чӣ шуд?
Бе ёди Ҳақ тамомии айём шуд зи каф.
Ин нафси кофар аст мусаллат чунин агар,
Огоҳ бош, Муҳйӣ, ки ислом шуд зи каф.
163
Ман надорам корубore ғайри кору бори ишқ,
Нестам ҳаммоли дунё, ҳаст бар ман бори ишқ.
Ҳар касе аз ёр ночор аст, меҷӯяд мудом,
Ман ҳамехоҳам, ки бошад дил ҳамеша ёри ишқ.
Оҳи сарду чеҳраи зардам гувоҳӣ медиҳад,
Ҳарду оётест возеҳ аз паи осори ишқ.
Шуд таҷаллигоҳ, рӯи ёр гар дорӣ ҳавас,
Аз дили ман кун тамошо партави анвори ишқ.
Буд Маҷнун камтарин шогирди ман дар ошиқӣ,
Дар биёбоне, ки мо будему Лайлизори ишқ.
То насозад пок дил з-олоиши авҳоми ғайр,
Ҳар касеро нест лоиқ орзуи кори ишқ.
Шайхи Санъонро шунидӣ баҳри он тарсонасаб,
Корд бар гардан ҳамоил оқибат зуннори ишқ.
Нест азбас ҷуз ҳарими ишқ маъвое амон,
Муҳйии мо, в-остони олии дарбори ишқ.
164
Дилам гирифта зи ранҷи замону ҷаври рафиқ,
Куҷост соқии гулрӯю ҷоми софи рақиқ?

Дар ин замона, ки моем гашт чун анқо,
Рафиқу ёри ҳавохоҳу файзбахши шафиқ.
Ба сар ҳамеша хаёл аст, ёбад ороме,
Дили ҳазини ман андар ҳарими байти атиқ.
Гаҳе, ки бар сари зону ниҳам ҷабин, ояд
Ба ёди ҷавру ҷафоҳои фирқаи зандиқ.
Агарчи сокини байтулҳаром мебошанд,
Валек гашта ба дарёи шӯри ишқ ғариқ.
Ба Каъба меравaнд, аммо ба дил хаёли дигар,
Наянд ҳоҷии содиқ, агар кунӣ таҳқиқ.
Хаёлашон ҳама сайр асту фисқу лаҳву тараб,
Ба фикри моли мусалмон чу қотеъони тариқ.
Ҳар он ки покниҳод асту муъмину диндор,
Дилаш ба хун шавад оғушта аз шиори рафиқ.
Куҷо равам, чӣ кунам, дарди дил киро гӯям?
Ки мулки мо шуда вайрон зи издиҳоми фариқ.
Замона баски харистон шуда зи боғу чаман,
Расад ба гӯш зи ҳар сӯ мудом савти наҳиқ.
Хилоф нест каломам, намой истиғфор,
Ривоҷи рафта зи ислом кун зи ман тасдиқ.
Зи фарти ҷаҳл гирифтанд роҳи нафсу ҳаво,
Дареғу дард, ки гаштанд муъминон тафриқ.
Аз ин тафаккуру сӯзу гудоз ин Муҳйӣ,
Фитода з-оташи ҳасрат ба ҳолати таҳриқ.

165

Ба сурати ту, аё ёри симтан ошиқ,
Шудам ба сурати Ширин чу Куҳкан ошиқ.
Ҳама ҳисоли ту ширин чу номи ширинат,
Аз он шудам ба ту, эй ёри хушсухан ошиқ.
Ҳазор ошиқи шӯрида бештар дорӣ,
Вале ба меҳру вафо нест мисли ман ошиқ.
Агар ба ҳусну малоҳат мисол нест туро,
Бале ба ҳусни ақидат куҷо чу ман ошиқ?
Даро ба боғ, ки карданд сарву ғунчаву гул,
Ба ҳусну қомату рухсору он даҳан ошиқ.
Ҳамеша хори фироқаш ба сина, то ки шудам,
Ба он нигори суманбӯи гулбадан ошиқ.

Дилам зи кӯи ту дигар мақом кай хоҳад?
Куҷо кунад ба дарат ёд аз ватан ошиқ?
Ба ёди қомату рӯйи ту кай шавад хуррам,
Ба сайри боғ зи сарву гули чаман ошиқ.
Бубин, ки Муҳйӣ чӣ сон шуд шакарфишон ба сухан?
Зибаски гашта ба лаъли шакаршикан ошиқ.
166
Ниҳодаам сари худро зи рӯи аҷз ба хок,
Агар зи кӯи ту ёбам муроди хеш чӣ бок?
Бурун макун зи риёзи ҳарими худ моро,
Ки нест чора ба гулзор аз хасу хошок.
Куҷост тоқати дурӣ даме зи хоки дарат?
Илоҷ нест ба ҳаҷрат ба ман ба ғайри ҳалок.
Ба ёди он лаби ширин ҳамеша заҳрошом,
Ба зиндагонии ман бину талхии тарёк.
Илоҷи дафъи ғами худ наҷӯям аз саҳбо,
Ки нест зарра масаррат маро зи шираи ток.
Зи хор-хори фироқат шикаста хор ба дил,
Чӣ сон хаёли гулу мул кунад дили ғамнок?
Расида ҷон ба лаби ман зи ҳасрати лаълат,
Биё, бубин, ки чӣ сон ҷон ҳамедиҳам чолок?
Маро, ки ёди ҷамолат давидатар дорад,
Маҷӯ ҳавои тамошо зи дидаи намнок.
Ба сарнавишти азал чора чист, эй Муҳйӣ,
Маро насиба ҳамин шуд зи гардиши афлок.
167
Метавон кардан хатоҳо баъди истиғфор тарк,
Лек бо соқӣ даме кай метавон гулзор тарк?
То ки аз майхона шуд ҳосил мурoду муддао,
Рабти шайху хонақоҳаш кардаам сад бор тарк.
Мо ризои Ҳақ зи аҷзу номуродӣ ёфтем,
Карда ин зуҳди риёӣ, уҷбу истикбор тарк.
Хок шав то гул намояд донаи мақсуди ту,
Аз барои имтиҳон кун кибри худ як бор тарк.
Кай ба авҷи Кибриё раҳ ёбӣ, эй соҳибғурур,
Як даме ҳаргиз накарда нахвату кирдор тарк?

Хешро зоҳир кунӣ бо донаи тасбеҳу далқ,
Аз барои Ҳақ намой ин ҳиллаи маккор тарк.
Ҳамчу хар ишкам намоӣ серу в-онгаҳ хобӣ хуш,
Менамоӣ назди халқ аз макри худ гуфтор тарк.
Нони ҷав шуд дар кучову фақру биншастан ба хок,
Мекунӣ дониста феъли Аҳмади Мухтор тарк.
Панди Муҳйӣ гӯш кун, эй ҳиллагар, шайхи замон,
Аз Худо тарсӣ, агар ин шева кун зинҳор тарк.
168
Моҳи ту бадр гашта, эй дилрабо муборак!
Бахшида хат ба рӯят ҳусни ҷудо муборак!
Ҳар кас, ки ҳусни дигар дарёфт аз хати ту,
Гуфто: Чӣ давлат аст ин? Созад Худо муборак!
Ҳусни ту гашт комил, оина гиру баргӯй,
Аз ғояти тааҷҷуб бошад ба мо муборак!
Бар гирди Кавсари лаб ҷӯшида сабзаи хат,
Эй хушлиқо, ба рӯят бошад сафо муборак!
Будем чунки доим дар интизори хатат,
Бо муддао расидем ,ҳам баҳри мо муборак!
Аз кӯи ту рақибон гум гашту ваҳ, чӣ хуш шуд,
Азбаски рӯи онҳо мебуд басо муборак!
Гаштем фориғ аз ғам аз дидани хати ӯ,
Эй ошиқони мискин, иди шумо муборак!
Ҳаргиз насоз тундӣ, ҷоно, ки баъд аз ин хат,
Ҷавру ҷафову тундӣ аз туст номуборак!
Бахшида рӯҳи тоза бо куштагони ишқаш,
Шеъри ту дар равонӣ Муҳйӣ туро муборак!
169
Ман асири зулфи он маҳбуби гулрухсоракак,
Шӯхчашмак, маҳҷабинак, нозукак, айёракак.
Лоларӯяк, мушкмӯяк, нозанинак, дилбарак,
Гулрухак, шакарлабак, симинтанак, тарроракак.
Офати ҷон, шоҳи хубон, зубдаи мушкинхатон,
Худписандак, бевафояк, золимак, хунхоракак.
Қоматаш сарви хиромон, оразаш моҳи тамом,
Симтан, гулпираҳан, ширинадо, дилдоракак.

Моҳрухсорак, суманбӯяк, парешонкокулак,
Гулузорак, зулфмушкинак, париатворакак.
Риндакак, айёракак, хушхӯю хушгуфторакак,
Чашммастак, пурфусунак, хунхӯрак, беоракак.
Як шабе ҳаргиз нашуд, афсӯс, аз бахти сиёҳ,
Ҳалқае дар гарданам он зулфи анбарборакак.
Хуни дил хӯрдам ба ёди лаъли ӯ як умр лек,
Бӯсае ҳаргиз насиби мо нашуд якборакак.
Аз миёни моҳрӯён мисли ӯро кас надид,
Сарвқад маҳбубакак, маъшуқи хушрафторак.
Номи он ширини ман Муҳйӣ ниҳон шуд дар ғазал,
Ёбад он соҳибфаросат дилбари айёракак.
170
Эй ки дар хубӣ миёни лоларӯёнӣ масал,
Юсуфи мисри ҷамолӣ, нест Юсуфро бадал.
Ончунон маҳбуби дилҳоӣ ту ,эй ороми ҷон,
Дар миёни дилбарон ҳаргиз туро набвад бадал.
Гашта баҳри дарду ранҷу меҳнати ҳиҷрони ту,
Ин дили маъюсу маҷруҳи мани мискин маҳал.
Аз лаби лаълат шунидан як ҳадиси рӯҳбахш,
Беҳ бувад з-Оби Ҳаёту шарбату қанду асал.
Аз ту набвад як нафас майли ҷудоӣ, мутлақо,
Риштаи меҳрат насозад қатъ ҷуз теғи аҷал.
Кай тавонам аз ту баркандан дили худро, аз он
Меҳри ту бо ман сиришта, бо ман аз рӯзи азал.
Ҳар қадар аз баҳри васлат ҳаст саъям бештар,
Менабахшад суд бо ман ин ҳама ҷаҳду ҷадал.
Аз барои дидани дидорат, эй нозофарин,
Менамоям ман талаб аз Ҳақтаъоло ҳар маҳал.
Баҳри Муҳйиддини мо дидори файзосори ту,
Бод қисмат аз Худовади Карими Ламязал.
171
Зиҳӣ, зи дидани рӯи ту дил шавад хушҳол,
Рухи ту бадри мунир аст дар сипеҳри ҷамол.
Манам фитода зи ишқат ба хок то ба саҳар,
Ту дар сарири фароғат ба хоб фориғбол.

Накарда дар сари кӯят ғуломӣ аз дилу ҷон,
Чӣ ҳосил аст ба шоҳон аз ин шукуҳу ҷалол?
Ҳазор сол ту бошӣ ба маснади иззат,
Маҳи рухи ту набинад ба даҳр ранги завол.
Рухам ба фикри ҷамоли ту гашта ҳамчун коҳ,
Қадам зи бори ғами ишқ гашт ҳамчу ҳилол.
Бақои ҷоҳу ҷалолат кунам талаб шабу рӯз,
Дуои давлати ту мекунам ба ҷон маҳу сол.
Туро Худой расонад ба ҷумлаи мақсуд,
Шавад ҳасуди ту дар зери кӯҳи ғам помол.
Зи ман мапурс, ки чунӣ? Зи ранҷи дурии ту,
Ба сар фитода маро бори ғусса мисли ҷибол.
Ба ғайри дидани дидору талъатат ҳаргиз,
Набуда дар дили Муҳйии хаста ҳеҷ хаёл.
172
Мабош ғарра ба дунёи бебақо, эй дил,
Ки умри туст ба рафтан чу барқ мустаъҷил.
Ҳазор сол буроқи ту тай кунад афлок,
Ба вақт марг ба зери лаҳад равӣ роҳил.
Забон ба ком нигоҳ дору дам мазан аз Ҳақ,
Ки ғайри зикри Илоҳӣ ҳама бувад ботил.
Қазо ба қасди ту доим ниҳода ҷоми аҷал,
Чаро ба чашми ҳақиқат набинӣ, эй ғофил?
Шудӣ ба дидаи таҳқиқ, чашми ту равшан,
Агар ба дидани зоҳир намешудӣ моил.
Туӣ ҳумои ҷаҳони шараф зи олами қудс,
Ба хокдони балият чаро шудӣ нозил?
Туро ба арши барин аст маъману ором,
Чаро намуда таманно мазиқи обу гил?
Кунад тулуъ туро меҳри бахт агар сад сол,
Мабош ғарра, ки охир ҳамешавад офил.
Зи пиразоли ҷаҳони фано чӣ меҷӯӣ?
Маҷӯ дурустии паймон, агар туӣ оқил.
Ба рӯзи марг бувад ҷумла оҷизу бекас,
Чи подшоҳу вазиру чи мунъиму соил.
Ба дастгоҳи ҷаҳон дил чӣ мениҳӣ, Муҳйӣ?
Ки ҳамчу сояи абр аст аз сарат зоил.

173
Расон боди сабо арзи мани Муҳйӣ ба сӯи гул,
Ки охири хазон умрам надида лаҳза рӯи гул.
Чу булбул нолаҳо кардам, насимо, шамае бар ман
Паёми накҳатомезе наёвардӣ зи сӯи гул.
Магар симоб шуд шабнам, ба гӯши гул наёбад роҳ,
Агарчи булбулон созанд зорӣ рӯ ба рӯи гул.
Шудам овораи олам, ки то бӯе аз он ёбам,
На чашмам рӯи гул дида, машоми ман на бӯи гул.
Зи бебаргӣ нашуд сарсабз нахли орзу, лекин
Шуда барбод авроқи танам дар орзуи гул.
Бақои айши ин гулшан қиёс аз гул намой охир,
Вафое дида дар олам касе аз рангубӯи гул.
Ба гӯши ҳуш аз булбул расид ин панди дилсӯзе:
Макун барбод умри худ чу ман дар орзуи гул.
Надорад аз бақо ранге, чӣ меҷӯӣ вафо аз вай?
Ки набвад кас чу ман маҳрам дар ин гулшан ба хӯи гул.
Зи рангубӯи ин гулшан наёбӣ бӯи матлубе,
Забон даркаш аз ӯ Муҳйӣ, чӣ лозим гуфтугӯи гул?
174
Шунав арзи мани афгор, эй гул,
Чу булбул ман ба рӯят зор, эй гул.
Туӣ раъно, гули гулзори хубӣ,
Манам булбул ба он рухсор, эй гул.
Куҷо бошад раво бо булбули худ,
Диҳӣ беҳудагӣ озор, эй гул?
Агар дорӣ вафо, раҳме ба ман кун,
Зи булбул то ба кай ин ор, эй гул?
Ба мисли ман набошад ҳеҷ булбул,
Ба боғу гулшану гулзор, эй гул.
Намесозӣ ба ин булбул тараҳҳум,
Зи рӯи марҳамат як бор, эй гул.
Навоҳо мекунам чун булбули зор,
Мани дилхастаи афгор, эй гул.
Мани булбул ҳазорон бор кардам,
Ба кӯят ошиқӣ изҳор, эй гул.

Чу булбул мекунам афғон, ки эй кош
Худо бахшад маро дидор, эй гул.
Зи булбул ҳам шудам дар ошиқӣ зор,
Ки ҳастам ман туро хушдор, эй гул.
Мани булбул аз ин гулзори Хӯқанд,
Наям гулчин ба ғайр аз хор, эй гул.
Туро гоҳе зи булбул ёд н-ояд,
Мусоҳиб бо ту доим хор, эй гул.
Машав аз булбули афгор ғофил,
Ба ёдат чашми ман хунбор, эй гул.
Ароизномаи булбул ту бархон,
Ки дорад нома дар минқор, эй гул.
Аз он рӯ карда булбул назди Муҳйӣ,
Зи шавқат нолаҳои зор, эй гул.
175
Ба боғи зиндагӣ бе талъати гул,
Куҷо булбул намояд тоқати гул?
Ба ҳусну хубию рангу тароват,
Аё булбул, фазояд зиннати гул.
Мани булбул надорам тоби ҳиҷрон,
Бувад доим хаёлам васлати гул.
Зи гул афтода будам дур, сад шукр,
Муяссар шуд ба булбул ишрати гул.
Шудам гарчанд дар Хӯқанд маҳзун,
Мани булбул ҷудо аз суҳбати гул.
Кашидам ҳамчу булбул оҳу афғон,
Ба Хӯқанди латиф аз ҳасрати гул.
Халида бар дили маҷруҳи булбул,
Ҳазорон хори ғам аз заҳмати гул.
Маро не сабр буду тобу тоқат,
Чу булбул доимо дар фурқати гул.
Дар ин муддат напурсид ӯ зи булбул,
Чӣ шуд ҳолат, аё берӯяти гул?
Ҳамекардам зи ҳаҷрат оҳу афғон,
Чу булбул мекашидам меҳнати гул.
Хаёли булбулат ин буд доим,
Ки хоҳад дид бе ман ишрати гул.

Напурсадӣ дар ин муддат зи булбул,
Чӣ сон ту зиндаӣ бе хидмати гул?
Ба мурдан гашта будам чунки наздик
Чу булбул дар фиғон аз ҳасрати гул.
Хабар омад маро ногоҳ аз ёр,
Ки эй булбул, муборак рофати гул.
Ки дорад ӯ ба булбул лутфи бисёр,
Туро омад муяссар навбати гул.
Биё, акнун ба базми васли он ёр,
Чу булбул нӯш фармо шарбати гул.
Ки дар ёди ту ҳам монанди булбул,
Намонда зарра сабру тоқати гул.
Ҷудо аз чун тӯе булбул зи ҳасрат,
Шуда хам сарви зебо қомати гул.
Биё, бингар ба чашми ашкбораш,
Аё булбул, дар ин дам ҳолати гул.
Зи баҳри доду айши комбахшӣ,
Ба булбул шуд муяссар фурсати гул.
Туро ин дам шавад мавҷуд булбул,
Ҷамиъи айшу нозу ишрати гул.
Аё булбул шунав аз Муҳйии зор,
Сифоти ҳусну хӯю сирати гул.
Зи бетобӣ Худо бахшида сиҳҳат,
Чу булбул шукр кун бар суҳбати гул.
Аё булбул, машав навмед аз васл,
Вафодорист бо ту нияти гул.
Ба ҳаҷраш сабр агар созӣ чу булбул,
Бубинӣ ҳамчу Муҳйӣ роҳати гул.
176
Як шаб бихонӣ чун шавад, эй моҳпайкар, дар бағал,
То кай хӯрам аз ҳаҷри ту сад захми ханҷар дар бағал?
Мақсуди ту аз ин ситам қатл аст, инак, ҳозирам,
Ин нақди ҷон андар кафам, овардаам сар дар бағал.
Ҷуз кӯи ту, эй меҳрубон, ман дар куҷо ёбам амон?
Ёбам ҳаёти ҷовидон гар ҷо диҳӣ андар бағал.
Бигзаштаам аз мосаво, баҳри ту то ёбам бақо,
Хоки дари ту муддао, з-он карда афсар дар бағал.

Шабҳо чу шамъи дар лаган, месӯзадам ҷон дар бадан,
Аз оташи шавқи ту ман бинҳода миҷмар дар бағал.
Эй дӯстон, озурдаам аз суҳбати ноқобилон,
Азбас расонанд аз забон ин қавм наштар дар бағал.
Гар ақл дорӣ, эй қарин, бо ин харон камтар нишин,
Табъи ту месозад ғамин як зиштманзар дар бағал.
Расмест бо шайхони мо, бинанд агар аҳли ғано,
Гуфта таҳийёту сано хуш мекашанд андар бағал.
Муҳйӣ на аз аҳли ғино, дар чашми шайхон кам намо,
Гардӣ ба эшон тӯтиё ,дорӣ агар зар дар бағал.
177
Замон-замон ба ту , эй сарвинози симандом,
Зи сӯзи ҳоли дили зор медиҳам пайғом.
На қосиде, ки расонад навиди алтофат,
На ҳамдаме, ки кунам ҳоли зори худ эълом.
Маро зи дурии рӯи ту зиндагӣ душвор,
Маро ба дида зи шавқи ту хоб гашта ҳаром.
Чаро ба ғусса намирам зи ҳасрати рӯят?
Чунин ки дур фикандаст бахти бадфарҷом.
Расид ҷон ба лаби ман зи шавқи дидорат,
Маҳалли додани ҷон аст бе ту ин ҳангом.
Раво мадор, ки мирам ба ҳасрату армон,
Надида маҳзи ҷамоли ту ҷон диҳам ноком.
Ҳаёти тоза биёбам ба тан карам созӣ,
Агар зи лаъли лаби хеш бӯсае инъом.
Зи баҳри додани ҷони мани ҳазину низор,
Биё, барои тамошо, аё маҳи гулфом.
Набуда дар дили маҷруҳи хастаи Муҳйӣ,
Ба ғайри ёди ҷамоли ту дар ҳама айём.
178
На он шайхам, ки аз зуҳду мусалло дар риё афтам,
На баҳри ҳосили дунё ба мардум дар дуо афтам.
Ҳумоюн тоири қудсам, ки даврон з-ошёни ман,
Ҷудо афканду ҳайронам, ки ман худ дар куҷо афтам?
Агарчанде гирифторам ба базми ин Худодурон,
Мабодо бо ман он соат, ки бе ёди Худо афтам.

Дилам аз сайқали меҳри Илоҳӣ пок аз занг аст,
Ба ин оинаи равшан чӣ ҳоҷат дар ҷило афтам?
Ало, эй мақсади ҷону дили ман, бо ту кай афтам?
Агар дар Руму дар Шомам, в-агар Чину Хито афтам.
Ғариқи баҳри дарёи хаёлат гаштаам сад сол,
Зи рӯят гар ҷудо афтам, зи куят кай ҷудо афтам?
Ба гулзори ҷаҳон гулҳо фаровон баҳри дил бастан,
Куҷо аз ҳусни гулрӯён паи бӯи вафо афтам?
Ба ҷуз ёди Худо ҳаргиз надидам баҳра аз дунё,
Зи Ҳақ бигзашта дар ғафлат, чаро дар мосаво афтам?
Сарам аз тоҷи каррамно шараф дорад, чаро Муҳйӣ
Зи баҳри иззати мардум паи боли ҳумо афтам?
179
Зи ҳаҷраш нолаҳои зор дорам,
Чу булбул аз ғами гулзор дорам.
Чаро булбулсифат нолон набошам?
Ки ёри чун ту гулрухсор дорам.
Мусалмонон чӣ созам чораи васл?
Ба роҳаш раҳзани бисёр дорам.
Зи мижгони хаданги он камондор,
Ба дил сад захм то суффор дорам.
Ба хидматгорияш хуш ҳастам, аммо
Зи тахти иззу ҳашмат ор дорам.
Чаро пайваста чун гул хуш набошам?
Ба сина меҳри ёри ғор дорам.
Натарсам дар раҳи Ҳақ аз шаётин,
Ки монанди Умар сардор дорам.
Чу Усмону Алии шери даргоҳ,
Ба олам Ҳайдари Каррор дорам.
Надорам зарра ғам Муҳйӣ зи исён,
Ба маҳшар Аҳмади Мухтор дорам.
180
Дилам бигрифт аз гулзору сайри боғу гулшан ҳам,
Буридам дил зи сарву савсану наргису насрин ҳам.
Шудам озода аз ёрону аз аҳбоб, аз он рӯ
Ҷафоҳое, ки ман дидам, надида кас зи душман ҳам.

Зи абнои замон бигрифт дил, чандон ки баъд аз он
Намонда тоқати суҳбат, на танҳо тоби дидан ҳам.
Намудам чун Масеҳо тарки асбоби ҷаҳон яксар,
Буридам риштаи уммед аз фарзанду аз зан ҳам.
Зи асбоби тааллуқ гарчи як мӯй аст, доман каш,
Масеҳоро дар ин раҳ гашт хори пой сӯзан ҳам.
Зи доғи лоларӯён сӯхт дил, аммо аз ин оташ,
Ҷигар гардид бирёну саропо шуъла шуд тан ҳам.
Биё, бар хоки ман бигзар, саропо лола меҷӯшад,
Халосӣ нест аз доғаш ба ошиқ баъди мурдан ҳам.
Агар огоҳие дорӣ зи роҳатҳои нокомӣ,
Ҳамеёбӣ ҳузури тахти огаҳ, шӯри гулхан ҳам.
Зи гулзори ҷаҳон Муҳйӣ чу лола бо дили пурхун,
Ба ҳасрат дӯстон рафтанду аз пай меравам ман ҳам.
181
Сарви хушхиромеро дӯш дар чаман дидам,
Ошиқи гули рӯяш ҷумла марду зан дидам.
Аз лаби чу ёқуташ хун хӯрад ақиқ аз рашк,
Хати анбаринашро нофаи Хутан дидам.
Ошиқони ӯ ҳар сӯ, дур аз висоли ӯ,
Бо салосили ҳиҷрон бастаи маҳан дидам.
То ки қадди мавзунат шуҳра шуд ба раънойӣ,
Чашми ниммасташро фитнаи заман дидам.
Ҷони ман ба лаб омад дур аз лаби лаълаш,
Кас надида дар олам меҳнате, ки ман дидам.
То ки додаӣ ташриф бар мақоми мо лутфе,
Манзилу мақоми худ гулшану чаман дидам.
Дидаам агарчи ман дар ҷаҳон парӣ бисёр,
Лек кам мисоли ту шӯхи симтан дидам.
Ин ғазал ҷавоби он мисрае, ки аз Мир аст:
«Гирди Оби Ҳайвонаш ҷӯши настаран дидам».
Нашнавӣ магар, эй гул, заъфи ҳолати Муҳйӣ?
Эй Масеҳи ман, бе ту мурдаму кафан дидам.
182
Эй туро давлат қарину бахт ром,
Дӯстон аз давлати ту шодком.

Меҳри чархи фазлу илму донишӣ,
Зубдаи ҳуҷҷоҷи соҳибэҳтиром.
Гаштаӣ аз фазли Эзад дар ҷаҳон,
Дар миёни дӯстон олимақом.
Рафта сити ҷуду файзат дар ҷаҳон,
То ба ҳадди Ҳинду Мисру Руму Шом.
Дӯстонат доимо масрур бод,
Душманонат дар ғаму кулфат мудом.
Тавсани бахту саодат зери рон,
Бар ту, эй соҳибфазоил, бод ром.
Мекунам аз Ҳақ талаб аз сидқи дил,
Издиёди умру давлат субҳу шом.
Ёди рӯят бурда хоб аз чашми ман,
Кош бинам меҳри рӯят дар маном.
Мекунад Муҳйӣ дуо шому саҳар,
Дӯсткоми аср бошӣ, вассалом.
183
Шаби ҳиҷрони ёр бинвисам,
Ҳамчу зулфи нигор бинвисам.
Сифати зулфи ёр агар хоҳам,
Мисли шабҳои тор бинвисам.
Дар шаби тира моҳи оразӣ ӯ,
Шамси нисфуннаҳор бинвисам.
Васфи хатташ агар рақам созам,
Ман ба хатти ғубор бинвисам.
Рангу рухсору ҳусну холу хат,
Дасти қудратнигор бинвисам.
Вақти таҳрири васфи дандонаш,
Гавҳари шоҳвор бинвисам.
Теғи абрӯ ба қатли ушшоқон,
Ханҷари обдор бинвисам.
Муҳйӣ, васфаш тамом кай гардад?
З-ин қабил сад ҳазор бинвисам.
184
Эй маъдани макориму в-эй махзани карам,
Эй он ки оҷиз аст зи авсофи ту қалам.

Мебуд мақсади мани муштоқи муътақид,
Дар орзу ба хидмати олет рафтанам.
Чидан гули мурод зи гулзори суҳбатат,
Ҳар лаҳза тоза-тоза зи файзи ту дам ба дам.
Лекин дар ин миёна яке аз мухолифон,
Дохил шуда ба суҳбатат афзуд ранҷу ғам.
Дорам умеди ин ки ба ин муддаои хеш,
Восил шудам, ба хидмати олет гар расам.
З-он рӯ зи рӯи шавқ кунун арзи ҳол кард,
Аз фарти иштиёқ намудам туро рақам.
Бодо ҳамеша гулшани файзи ту гулфишон,
Бо ҷумла аҳли донишу бо маънию ҳакам.
Ҳам меҳру илтифоти ту бо Муҳйӣ Лоязол,
Бодо фузун зи аввалу ҳаргиз мабод кам.
185
Ба ишқи гулузоре хор гаштам,
Зи ҳиҷронаш ҷигарафгор гаштам.
Зи фикри печутоби мори зулфаш,
Ба худ печидаму бемор гаштам.
Ба пирӣ ишқи ёре дар сар афтод,
Аз он бо навҷавонон ёр гаштам.
Ба ман овард қосид то паёмаш,
Ба гирдаш аз фараҳ сад бор гаштам.
Гузашта умри ман дар ғафлат, афсӯс,
Зи файзи ишқи ту ҳушёр гаштам.
Паи як ҷуръа май аз соғари ишқ,
Ғуломи хонаи хаммор гаштам.
Гузаштам аз ҷаҳон дар олами ишқ,
Ба ёди Аҳмади Мухтор гаштам.
Рссидам то ба берангӣ чу Мансур,
Аналҳақ гуфта зери бор гаштам.
Дар он ҳангом Муҳйӣ з-аҳли дунё,
Намудам нафрату безор гаштам.
186
Ман, ки муштоқи гули рӯи Муҳиййидинам,
Кай диҳад завқи тамошои гули насринам?

Чӣ ғам аз талхии айём, ки аз шаҳди лабаш,
Чи ҳаловат, ки набахшид лаби ширинам.
Манъам аз ишқ макун воизу афсона магӯй,
Нест ҷуз ишқи бутон маслиҳату оинам.
Ҷумла хубони ҷаҳон бар сари ман ҷамъ шаванд,
Дилбаро, бо сари ту, ғайри туро нагзинам.
Гарчи дурам зи гулистони ҷамолат ба хаёл,
Фориғ аз ранҷи хасу хор, чи хуш гулчинам.
Ман, ки дар рӯзи азал ишқи бутон варзидам,
Гӯ, чӣ сон аз талабаш як нафасе биншинам?
Рӯзу шабгулшани Кашмир маро дар назар аст,
Гар ба Хӯқандаму ман рӯи туро мебинам.
Ҳар гаҳе бод биёяд ба ман аз боғи нишот,
Бе рухат шарбати марг аст маи рангинам.
Мекунад Муҳйӣ дуои ту ба сидқу ихлос,
То бигӯяд ба фалак хайли малак оминам.
187
Эй сабо, аз мо расонӣ ёри ҷониро салом,
Ҷумла аҳбоби кироми андиҷониро салом.
Бо калонон арзи шавқу эътиқоду дӯстӣ,
Боз хурдони зи мо хуш, меҳрубониро салом.
Аз ҷамиъи ошноёни гиромӣ дӯсттар,
Он ҳабиби дӯстдори дуҷаҳониро салом.
Он ки аз фазлу камолоту ҳунар фарди замон,
Дар қалам он носеҳи осори Мониро салом.
Вақти таҳрир аз қалам бар саҳфа аз Уммони табъ,
Килки ӯ дар хат намуда дурфишониро салом.
Соҳибони мансабу иқболу ҷоҳу илму фазл,
Маснадоро ҳар яке олимакониро салом.
Холбаҳодур он ки бошад соҳиби фазлу камол,
Волии мулки карам, Ҳотамнишониро салом.
Қозиёну муфтиёнро ҳам зи рӯи иштиёқ,
Аз самими дил дуову ёри ҷониро салом.
Гӯй аз Муҳйӣ дуо аз шавқ бо аҳли улум,
Ман намегуям фалонӣ, андиҷониро салом.

188
Хуш омадӣ бар мулки мо, сад марҳабо, эй муҳтарам,
Эй соҳиби иззу шараф, в-эй маъдани фазлу ҳакам.
Шуд сабзу хуррам сар ба сар, аз файзат, эй олигуҳар,
Ҳамчун Хизир Фарғонаро то ранҷа бинмудӣ қадам.
Васфат шунидам дар ҷаҳон, гарчи надидам ман аён,
Меҳрат гузидам ман ба ҷон, то ранҷа фармудӣ қадам.
Ҳоло, ки дидам рӯи ту, ахлоқи хубу хӯи ту,
Толеъ кушод аз сӯи ӯ бо ман дари Хулду Ирам.
Афсӯс, эй олимакон, ҳастӣ мусофир ин замон,
Дигар куҷо ёбам нишон, ҳастам асири дарду ғам?
Дидам туро дар ҳолате, чун хоби хуш як соате,
Акнун надорам тоқате, аз дурият, эй муҳтарам.
Акнун чӣ сон созам даво, ин шуд муқаддар аз Худо,
Рафтиву ту мондӣ маро дар ҳасрати дарду алам.
Танҳо на ман ҳастам ба ғам, аз рафтанат, эй зулкарам,
Монда ҷаҳоне з-ин алам дар вартаи андуҳу ғам.
Ҷону ҷаҳоне меравӣ, чун хайрбоди ҷон кунам,
Ҷонро касе карда видоъ, эй ҷони ҷони муғтанам?
Қисмат чунин буд ҷон агар, ҷуз сабр набвад аз қадар,
Бошад Худоят роҳбар, ин аст вирдам дам ба дам.
Инно фатаҳно пешво афҳат мубино аз қафо,
Илёсу Хизрат раҳнамо аз лутф, ё Раббулнаъам.
Муҳйист як дилхастае, лоиқ надорам туҳфае,
Ғайри дуоят ҳадяе, созӣ қабулаш дам ба дам.
189
Эй париваш, дилрабо, ман масту ҳайронат шудам,
Куштаи лаъли лабу чашмони хандонат шудам.
Сарву тубӣ кай маро манзур гардад баъд аз ин,
Баски ман маҳви қадди сарви хиромонат шудам.
Ҳайратам гардад зиёда гар ба ёд омад маро,
Чунки маҳви он рухи чун моҳи тобонат шудам.
Эй парӣ, баъд аз вафотам бар сари қабрам биё,
Ман шаҳиди чашми масту тири мижгонат шудам.
Қасди ҷони ман, чӣ ҳоҷат, з-он ки ман, эй ёри ман,
Бисмили шамшери нозу теғи ҳиҷронат шудам.

Хуш нигоҳе сохтӣ бо ман зи рӯи илтифот,
Он замон ман бандаи алтофи пинҳонат шудам.
Офарин, эй дилбари нозофарин, бар фаҳми ту,
Ман асири фаҳму ҳушу лутфу эҳсонат шудам.
Номи некӯи туро кардам ниҳон дар ин ғазал,
Чунки ман дилхаста, Муҳйӣ, маҳву қурбонат шудам.
190
Худовандо, забони ман ба ҳамди хеш гӯё кун,
Замири ман зи нақши ёди ғайри худ мусаффо кун.
Маро чашме бидеҳ пӯшам назар аз айбпӯшиҳо,
Ба айбу нуқси худ, ё Раб, маро аз лутф бино кун.
Таҷаллое ба таври дил намою рафъи зулмат кун,
Зи нури маърифат, ё Раб, дили ман Тури Сино кун.
Ба ҷуз ишқи ту дар олам ҳама мақсуд буд ботил,
Зи тарки мосаво, ё Раб, ба ишқи хеш шайдо кун.
Ҳар он андешаи ботил, ки ояд дар замири ман,
Аз ин андешаи ботил замири ман мубарро кун.
Ба ман фазлу карам фармою аҳли охират бинмой,
Ба ҳаққи аҳли Ҳақ, ё Раб, барӣ аз аҳли дунё кун.
Дар он рӯзе, ки аз боби ибодат ҷумла зуҳд оранд,
Ба ман ҳам раҳмате бахри тафили зуҳди онҳо кун.
Агарчи дар шумори дӯстдоронат наям, дорам,
Умед аз ту, ки дар маҳшар маро аз аҳли онҳо кун.
Намуда тарки асбоби ҷаҳон, Муҳйӣ, Масеҳосо,
Мақоми осмонӣ бахшу ҳамрози Масеҳо кун.
191
Илоҳо, аз карам лутфе ба ҳоли зори шайдо кун,
Дили ман аз ғубори ширку нуқсонҳо мубарро кун.
Шуда оинаи табъам мукаддар аз ғубори даҳр,
Зи нақши ёди ину он замири ман муҷалло кун.
Наёбад роҳ ҷуз ёдат хаёли мосаво ҳаргиз,
Зи нури хештан, ё Раб, дили моро мусаффо кун.
Набинад дидаам ҳаргиз ба ҷуз сунъи ту осоре,
Зи нури маърифат чашми маро аз лутф бино кун.
Зи нури маърифат бинмой роҳи сидқу айқонӣ,
Дили ман аз таҷаллоят мисоли Тури Сино кун.

Надорам роҳате дар дил зи ошӯби парешонӣ,
Ба маҳфил фазлу эҳсонат илоҷи бесару по кун.
Писанди мардуми дунё набошам нест нуқсоне,
Илоҳо, дар қиёмат аз шумори аҳли уқбо кун.
Намудам тарки молу ҷоҳи фонӣ, дорам уммеде,
Ки аз лутфу иноётат миёни восилон ҷо кун.
Надорад ихтиёри маскан аз ҷои дигар Муҳйӣ,
Насиби ӯ Худовандо зи хоки поки Батҳо кун.
192
Эй роҳати рӯҳу табъи мавзун,
Аз ҳаҷри ту ҳаст дида пурхун.
Лаъли ту ҳаёти ҷисми беҷон,
Чашми ту ҳалоки ҷони маҳзун.
Саргашта мудом аз ҷамолат,
Хуршеду қамар ба авҷи гардун.
З-он ҳусну ҷамол ман чӣ гӯям?
Ҳар кас, ки бидид гашт мафтун.
Сарв аз қади ту фитода дар хок,
Гул аз рухи ту нишаста дар хун.
Мушкил зи қадат халос, эй ҷон,
Гардида балои табъи мавзун.
Ҳар кас зи ғамат ба нақди дорайн,
Бифрӯхт, бидон, ки ҳаст маъсун.
Танҳо на манам ба рӯят ошиқ,
Чун ман ба ту садҳазор Маҷнун.
Дардаш, ки ҳузури ҷони Муҳйист,
Ё Раб, зи карам намой афзун.
193
Табу тоби таҷаллои ҷамоли оташинрӯён,
Сувайдое ба ҷӯш оварда доғам аз дили сӯзон.
Ҷидоли ман абас баҳри ҷавоби муъҷизосояш,
Яди байзо намуд изҳор аз эъҷози ман ҳайрон.
Лаоли уқдаи назмаш ба худ аз силки гавҳарҳо,
Диёри аҳли маънию ҷавоҳирпошию Уммон.
Ба ман аз ташнагӣ бар лаб ақиқ аз ёди лаъли ӯ,
Абас савдо ба сар дорад абир аз он хати райҳон.

Саҳеҳ албатта даъвои Масеҳоӣ зи анфосаш,
Маро бахшида дар тан баски ҳарфи рӯҳбахшаш ҷон.
Аз ин саҳбои алтофи шумоён мастаму гӯям,
Раҳиқам ташнаи маънию ҷомам дур(р)и назми он.
Ҳаёти тоза бахшида паёми рӯҳафзояш,
Хасам гул шуд, гулам гулшан, замирам равзаи ризвон.
Ба бор ояд ниҳоли орзуи ман аз он соат,
Аҳодис аз лаби лаълаш шунидан гар бувад имкон.
Маоли хати ӯ чун буд Муҳйӣ заррапурсиҳо,
Насозам бар фалак то кай зи ёди меҳри ӯ рахшон?
194
Ишқбозӣ ба зулфи ёр макун,
Дастбурде ба сӯи мор макун.
Ишқи гулчеҳраҳои сангиндил,
Муҳлики туст, ихтиёр макун.
Ҳаваси васл офатангез аст,
Пурҳазар бош, зинҳор,макун.
Гул зи боғи висол кам чинӣ,
Дил гирифтори захми хор макун.
Дил зи ҳиҷрони лоларухсорон,
Чоку афгору доғдор макун.
Ҳар кӣ нашнохт қадри қиммати ту,
Хештанро залилу хор макун.
Суҳбати фозилони донишманд,
Кимиёе бидону ор макун.
Дилбаро ,бо асири худ, зинҳор,
Ситаму ҷаври бешумор макун.
Панди Муҳйӣ шунав ба ҷон, эй дӯст,
Истиқомат ба ин диёр макун.
195
Дил гирифтори ишқи ёр макун,
Тан зи ҳиҷрони ӯ фигор макун.
Суҳбати ҷоҳилони дунёдӯст,
Заҳри мор аст, ихтиёр макун.
Муҳйӣ боёни хуксиратро,
Дар қатори башар шумор макун.

196
Эй рухқамар, қамарруху дур(р) дандон,
В-эй чаҳзақану зақанчаҳу лаб хандон.
Эй гулбадану бадан гулу мушкинбӯй,
В-эй лабшакару шакарлабу хат райҳон.
Эй худ суману суман худу симандом,
В-эй сарвқади суманбари ғунчадаҳон.
Гардида хиҷил зи сарви қаддат тубӣ,
Хун хӯрд зи ёқути лабат лаъли Бадахшон.
Аз ҳайрати рухсори ту бо сангдилиҳо,
Оина шуда маҳв ба дидори ту ҳайрон,
Додан ба ту ташбеҳ хато ҳуру париро,
Чун аҳсани тақвим туро шоҳиди Қуръон.
То чашми ман афтод ба рухсори чу моҳат,
Гуфтам ба дили хеш зиҳӣ қодири Субҳон.
Дар васфи ҷамоли ту чӣ гӯям ба малоҳат?
Рӯи ту ба хубист фузун аз маҳи Канъон.
Бо ҳурмати он ҳусни ҷамиле, ки туро ҳаст,
Аз Муҳйии муштоқ рухи хеш магардон.
197
Зй орази ту меҳру маҳи осмон, Ҳасан,
В-эй қомати ту Тубию сарви равон, Ҳасан.
Аз сарви нози қадди ту зебост боғи даҳр,
В-аз офтоби рӯйи ту равшан ҷаҳон, Ҳасан.
Кай дида мисли рӯйи ту моҳею сарви ноз?
Дар осмони хубию дар бӯстон, Ҳасан.
Аз Салсабили ноз магар об додааст?
Наврасниҳоли қадди туро боғбон, Ҳасан.
Аз хубию латофату фарри ҷамоли ту,
Ҳукми шабоб ёфт ҷаҳон дар замон, Ҳасан.
Дар даври Кавсари лаби ту кард ошкор,
Райҳони хатти сабзи ту сирри ниҳон, Ҳасан.
Дар гулшани латофату хубии қоматат,
Қадди ту гулшанест шуда гулфишон, Ҳасан.
Ҷуз дар мақоли Муҳйии ширинсухан намонд,
Дар чеҳраи ҷамилаи маънӣ нишон, Ҳасан.

198
Мани Муҳйӣ ҳастам ғуломи Ҳусайн,
Аҷиб не нависам зи ҷоми Ҳусайн.
Ҳар он кас, ки ҳамном бошад ба ӯ,
Ба ҷон мекунам эҳтироми Ҳусайн.
Ҳамедорам уммед з-ин эътиқод,
Расад оқибат лутфи оми Ҳусайн.
Зи боди сабо мефиристам мудом,
Ба аҷзу тазаруъ саломи Ҳусайн.
Расон бо мани хаста ҳар субҳу шом,
Насимо, зи кӯяш паёми Ҳусайн.
Бимурдам дар ин ғам, ки аз душманон,
Гирифтан нашуд интиқоми Ҳусайн.
Вале дил қавӣ ҳаст, охир мурод
Биёбам зи ҳубби мудоми Ҳусайн.
Ҳамеша ману домани поки ӯ,
Зи сидқу сафо эътисоми Ҳусайн.
Навиштам мани Муҳйӣ ин як ғазал,
Ба ёдоварӣ бо ғуломи Ҳусайн.
199
Чист рӯят, эй нигори дилситон?
Ҳамчу меҳре дар миёни осмон.
Қомати нозофаринат, эй санам,
Сарви нозе дар миёни бӯстон.
Зулфи мушкини ту баҳри сайди халқ,
Ҳаст занҷире ба пои дӯстон.
Кай шукуфта дар риёзи дилбарӣ,
Мисли рӯят як гуле дар гулситон?
Ҷон чӣ сон ёбад амон аз абрӯят,
Чун балои ҷисму ҷони мост он?
Аз лаби лаъли ту ёбам бӯсае,
Бегумон ёбам ҳаёти ҷовидон.
Сарв гуфтам қадди ту, дидам ҷафо,
Оре, бошад ҳар балоро бостон.
Бар гули рӯи ту доим дар фиғон,
Андалебон бо ҳазорон достон.

Шаккарафшон аст, Муҳйӣ, хомаам,
Бар мазоқи тӯтии Ҳиндустон.

200

Илоҳо, меҳрубон бодо ба ман олампаноҳи ман,
Азизи Мисри маҳбубӣ, малоҳатдастгоҳи ман.
Ҳавои бандагӣ доранд хубони ҷаҳон бар вай,
Бувад султони гулрӯён шаҳи соҳибкулоҳи ман.
Зи хуршеди ҷамоли ӯ мунаввар дидаи даврон,
Зи моҳи оразаш равшан бувад шоми сиёҳи ман.
Шудам саҳроии ишқаш, ба савдо рӯй меорам,
Ба умеде дучор ояд, ҳамон оҳунигоҳи ман.
Зи шавқи дидани он моҳи бозорӣ ба ҳар рӯзе,
Ба вақти субҳ меафтад даруни раста роҳи ман.
Надорам маҳрами асрор то аҳволи худ гӯям,
Ки созад чораи дарди дилу ҳоли табоҳи ман.
Рақиби рӯсияҳ то кай намояд ханда бар ҳолам,
Ҳазар, эй душмани ғофил, зи оҳи субҳгоҳи ман.
Маро аз накбати айём набвад зарра андуҳе,
Бувад аз давлати Ҷамшед афзун иззу ҷоҳи ман.
Надорам ҳеҷ ташвише зи ошуби ҷаҳон, Муҳйӣ,
Агар он ёри ҷон бошад мурувватдастгоҳи ман.

201

Гар ба ин унвон барад рӯи ту тоб аз чашми ман,
Аз назар хоҳад фитодан офтоб аз чашми ман.
Дар ҳавои чеҳраи гулранги ту атру гулоб,
Нест боке гар бирезад ҷои об аз чашми ман.
Гуфтаӣ оям ба хобаш як шабе аз рӯи ноз,
Бахти бад бингар зи шодӣ рафт хоб аз чашми ман.
Ҳар қадар обе, ки дар тӯфон талаф шуд аз саҳоб,
Дар шаби ҳаҷри ту хоҳад шуд ҳисоб аз чашми ман.
Аз зумуррад реша бар ёқути рангинаш дамонд,
Сабзаи лаъли лабаш то хӯрд об аз чашми ман.
Дар шаби ялдои зулфаш аз маҳи рухсори ӯ,
Метавон кардан тамошо моҳтоб аз чашми ман.
Дар ҳарими синаи ман соз манзил, зинҳор,
Мардуми чашми манию рух матоб аз чашми ман.

Бо чунин дарёкашиҳо чашми он дорам, шавад,
Ҷумлаи арзу дуоҳо мустаҷоб аз чашми ман.
Муҳйӣ, гар з-ин сон занад мавҷ аз сиришкам дар ҷаҳон,
Хавфи он дорам шавад олам хароб аз чашми ман.
202
Эй муғтанами асри азизони ман,
Афтода каломи ту ҳама мустаҳсан.
Бошӣ ба фароғболӣ дар охири умр,
Мустағнӣ зи эҳтиёҷи ташвишу маҳан.
Аҳволи замона нест пинҳон аз ту,
Як-як чӣ зарур аст намоям равшан?
Фарёд зи дасти чархи аблаҳпарвар,
Афтод зи эътибор доное чу ман.
Бубул зи наво мондаю тутӣ зи сухан,
Гардида сухансанҷ зи бас зоғу заған.
Аз ғояти издиҳоми зоғу бумон,
Гардида ба ман танг ҳама боғу чаман.
Ман гавҳари худ киро намоям изҳор?
Хармуҳра баэътибор аз дур(р)и Адан.
Бо ин ҳама бекасию сахтӣ доим,
Аз ман ҳама шукр аст ба зоти Зулман[3].
Бояд, ки ту ҳам сабр кунӣ чун Муҳйӣ,
Ҷуз сабр чӣ ихтиёр бо ту, бар ман?
203
Дар шаби ҳаҷри ту чандин рехт об аз чашми ман,
Ҳамчу тӯфон гашт мардум дар азоб аз чашми ман.
Шоми ҳиҷронат нишаста бар сари фулки фалак,
Сайри ахтар мекунанд мардум дар об аз чашми ман.
Чунки шуд ғарқ аз сиришкам чархи анҷум баҳри об,
Вом бояд хостан баҳру саҳоб аз чашми ман.
Чашми пуршӯрам намуд изҳор сад дарёи шӯр,
Ёфт тӯфон бе рухат ҳукми сароб аз чашми ман.
Дар фироқи рӯи гулгунаш зи ашкам зарфҳо,
Метавон пур сохтан атру гулоб аз чашми ман.

[3] Зулминан

Фикри он дандони гавҳарбор мерезад ба ҷайб,
Мардумонро рӯзу шаб дур(р)и саҳоб аз чашми ман.
Як шабе кардӣ макон дар дидаи ман, субҳдам
Юсуфе зоҳир намуда дод об аз чашми ман.
Нури чашми ман туию масканат дар дида буд,
Манзари асли худ, эй дилдор, ёб аз чашми ман.
Гар ба ин андоза резад, Муҳйӣ, ашкам бе рухаш,
Гунбади гардун шавад охир ҳубоб аз чашми ман.
204
Орази худ, эй парӣ, гоҳе намо бар чашми ман,
Дидани дидори ту бахшад зиё бар чашми ман.
Бе ҷамолат гар ба гулшан бигзарам, эй гулузор,
Гар назар созам ба гулҳо хорҳо бар чашми ман.
Дидаҳоро мардумию лек дур аз чашми ман,
Мардумӣ кун, дилбаро, гоҳе биё бар чашми ман.
Аз дарат ҳар субҳгоҳе мевазад боди сабо,
Мерасад аз гарди роҳат сурмаҳо бар чашми ман.
Лоларӯёнро набошад дар ҳаё монанди ту,
Як даме ою нишин ҳамчун ҳаё бар чашми ман.
Лаъли нӯшини туро аз шаҳди ҷон парвардаанд,
Лоҷарам ҷуз лаъли ту н-ояд даво бар чашми ман.
Ҳамчу ҷон аз чашми мардум мешавӣ то кай ниҳон?
Ҷилва фармо, эй парӣ, худро намо бар чашми ман.
Ҷони ман чун дидагони мо иқоматгоҳи туст,
Ҳамчу мардум соз манзил ҷо ба ҷо бар чашми ман.
Аз ҷамолат чашми мардум равшану аз интизор,
Дидаи мо шуд сафед охир биё бар чашми ман.
Нуричашмо, чун ба номат шуд мувашшаҳ ин ғазал,
Лутф кун бар Муҳйию аз дар даро бар чашми ман.
205
Гаштам ба субҳгоҳе ногаҳ дучори гулшан,
Гул-гул шукуфт табъам аз гулузори гулшан.
Шуд анбарин димоғам аз бӯи рӯҳбахшаш,
Бӯйи нишот бахшид Чину Татори гулшан.
Имрӯз ғунчаи дил хуш бишкуфад, ки омад,
Моро насими шодӣ субҳ аз баҳори гулшан.

Ғайр аз сурур набвад аз навбаҳори васлаш,
Фориғ зи ранҷи ҳиҷрон дар рӯзгори гулшан.
Будам агарчи умре бо доғи синасӯзон,
Хун гашта пой то сар дар лолазори гулшан.
Сад шукр, ин саҳаргаҳ баҳри висолу ишрат,
Омад тараб хиромон аз марғзори гулшан.
Вақт аст, ин ки гардад гулчини гулшани васл,
Азбаски буд умре дар интизори гулшан.
Эй дил, аҷиб набвад, монанди сабза рӯяд,
Сад гул зи ҳар буни мӯ аз хор-хори гулшан.
Ғам рафту омад аз пай ҳангоми айш, Муҳйӣ,
Минбаъд мову ишрат дар сабзазори гулшан.
206
То ниҳон шуд орази он ёри ҷон аз чашми ман,
Шуд равон сад ҷӯйи хун бе ӯ равон аз чашми ман.
Мекунад вайрон бинои оламе аз сели ашк,
Гар чунин тӯфон мегардад равон аз чашми ман.
Рӯй бинмо то бубинам сер, эй ороми ҷон,
То ба кай созӣ ҷамоли худ ниҳон аз чашми ман?
Аз хаёли лаъли майгунат зи дил сад чашма хун,
Мешавад чун чашмаи ҷорӣ равон аз чашми ман.
Баҳри ташрифи қудуми чун ту меҳмони азиз,
Мешавад тифли сиришки ман давон аз чашми ман.
Ҳар қадар обе ба тӯфон рафт аз қаъри замин,
Дар шаби ҳаҷри ту мегардад аён аз чашми ман.
Мардуми чашми манӣ, эй ҷони ман, аз мардумӣ,
Манзиле омода кун чун меҳмон аз чашми ман.
Рӯзи равшан тира гардад бе ту, эй хуршедрӯй,
Ҷилва манмо ҷои дигар як замон аз чашми ман.
Муҳйӣ, аз шабҳои ҳаҷраш дуди оҳ аз сӯзи дил,
Мебарояд то ба гардун шамъсон аз чашми ман.
207
Ёфт лаззат ҷони ман аз лаъли он ширинзабон,
З-он ки дар ҳусну латофат нест мислаш дар ҷаҳон.
Орази зебои ӯ сад бор аз гул беҳтар аст,
Аз тароват ҳаст рӯяш беҳ зи моҳи осмон.

Қоматаш эҷоди маҳшар мекунад вақти хиром,
Хандаи ӯ дар табассум медиҳад бар мурда ҷон.
Волаю шайдо шудам дар як нафас бар он нигор,
Мекунам ҳар лаҳза акнун дар ғамаш оҳу фиғон.
Бе лаби майгуни ӯ аз лаб маро ҷон шуд бурун,
Бе ҷамоли ҳамчу моҳаш тира шуд бар ман ҷаҳон.
Хубсурат, моҳталъат, хушадо, ширинсухан,
Хуштакаллум, бофатонат, мӯшикофу нуктадон.
Воқифи асрори хубӣ, соҳиби фазлу адаб,
Дӯстдори аҳли маънӣ ҳаст, ҳам ороми ҷон.
Орзу дорам, ки ёбам суҳбати ӯ гоҳ-гоҳ,
Ё Раб, он ширинадоро соз бо ман меҳрубон.
Ҷони ман бодо фидоят, соз арзи ман қабул,
Мекунам бо ту ғазалҳо, гар Худо созад амон.
Ҳар замон созад дуо, Муҳйӣ, ба Ҳақ аз баҳри ту,
То нигаҳ дорад туро аз офати чашми замон.
208
Матлаб зи қасру манзару гунбад фарoштан,
Нақшу нигорҳои ба тилло нигоштан.
Оинахонаҳою имороти зарнигор,
Қандилҳою шишаи рангин нигоштан.
Гулҳои ранг-рангу дарахтони мевадор,
Дар боғу бӯстон зи сари шавқ коштан.
Фаршу зуруфи чину самовору истакон,
Қолинҳои махмалу зебо фарoштан.
Дар қасру боғу хонаю меҳмонсаройҳо,
Аз шиша лампаҳои булӯрин гузоштан.
Асбоби базму ҳашмату курсию дастгоҳ,
Хубони гулузор ба хидмат гумоштан.
Қонуну созу ғиҷҷаку танбӯр бо дутор,
Бозигарони шӯх ба бозӣ бидоштан.
Анвоъи қанду шарбату хонҳо пур аз таом,
Бо ағниё мураттабу маҳфуз доштан,
Курсии руму русу фарангии боҳашам,
Аз саҳни боғу суффаи к-остона доштан.
Мақсуди халқ ,ин ки дар ин умри панҷрӯз,
Бо дӯстон нишастану дил шод доштан.

В-арна кадом оқилу нодони бехирад,
Заҳмат кашад мудом зи баҳри гузоштан.
Гар доштан зи баҳри ғурур асту ифтихор,
З-ин доштан беҳ аст ба Муҳйӣ надоштан.
209
На ман туро шуда булбул, аё маҳи гулрӯ,
Ки андалеби ту чун ман ҳазор дар ҳар сӯ.
Ба сарви қадди ту чун ман басе бувад ошиқ,
Чу қумрӣ карда фиғонҳо ба нолаи ку-ку?
Ба боғи даҳр сиҳиқоматон фузун, оре
Ба ин хиром чу қаддат надида кас дилҷӯ.
Абири зулфи ту бурда гарав зи нофаи Чин,
Ба даҳр чун ту надидам нигори мушкинмӯ.
Миёни лоларухонӣ ба дилбарӣ мумтоз,
Ба ҳусну сурату сират, аё камонабрӯ.
Ба мисли рӯи ту як гул куҷост дар гулшан?
Ба ин таровату хубию обу рангу бӯ.
Валек ин қадаре ҳаст нуқс ҳусни туро,
Ки рангубӯи вафо нест дар гули он рӯ.
Куҷост тоқати дурӣ маро, ки як умре,
Ба ҳусну лутфи каломи ту карда будам хӯ.
Муроди Муҳйии афгор ин бувад доим,
Ки як нафас зи ту дурӣ набошад аз паҳлӯ.
210
Чун бошам, эй париваш, зору низор бе ту,
Мурдам зи ҳасрату ғам дар интизор бе ту.
Хун хӯрда доим аз ғам дар ҳасрати ҷамолат,
Наздик шуд ба мурдан ин дилфигор бе ту.
Ҷамъияте надорад хотир ба фикри зулфат,
Ошуфтагист корам дар рӯзгор бе ту.
Аз гулшани ҷамолат як гул начида, афсӯс
Ҷон медиҳад, дареғо, ин дилфигор бе ту.
Манзур агар набошад дар гулшане, ки қадат
Гул дар назар намояд бадтар зи хор бе ту.
Афтодаам ба ёдат дар гӯшаи надомат,
Ҷуз сӯхтан надорам ман корубор бе ту.

Ҳоло фиканда дар сар савдои зулфи мушкин,
Кай фарқ метавонам лайлу наҳор бе ту?
Бе дӯст зиндагонӣ мушкил бувад ба олам,
Ман зинда чун бимонам, эй дӯстдор бе ту?
Муҳйӣ, ба кунҷи узлат ҷон медиҳад биё зуд,
Бингар, ки чун диҳад ҷон, эй гулузор, бе ту.
211
Агарчанде ки мо дурем дар зоҳир зи кӯйи ту,
Вале доим ҳамесозад дилу ҷон гуфтугӯйи ту.
Таманно аз Худо дорам, ки созам ман ба коми дил,
Зи баъди интизориҳо тамошоҳо ба рӯйи ту.
Тақозо доштам созам азимат баҳри дидорат,
Зи рашк ин чархи каҷрафтор монеъ шуд зи сӯйи ту.
Саборо гар гузор афтад ба сӯйи гулшани кӯят,
Хушам ,бо ин ки хуш созад, машоми ман зи бӯйи ту.
Маро аз худ мадон ғофил, ки як дам нестам бе ту,
Ману дил доимо моил ба шавқи орзуйи ту.
Агар хубони оламро ба чашмам ҷилвагар созанд,
Куҷо ман дар назар орам ба он як тори мӯйи ту?
Ба дафъи кулфати ғамҳову андуҳи хумори ман,
Маро як ҷуръа май доим таманно аз сабӯйи ту.
Намоям накди ҷон эсор аз баҳри тамошоят,
Агар як бор, эй дилбар, назар афтад ба рӯйи ту.
Хилофи ваъда кай созам, ки ҳастам дар вафо собит,
Қадам аз сар кунад, Муҳйӣ, нигоро, баҳри тӯйи ту.
212
Ду дилбаре, ки муқиманд ба Марғинон ҳарду,
Намеравад зи дили ман хаёли он ҳарду.
Яке ба ҳусн чу Юсуф, яке ба талъати моҳ,
Рабуда гӯи малоҳат ба дилбарон ҳарду.
Яке ба шаҳди табассум, яке ба қанди такаллум,
Давои дарди дили зори нотавон ҳарду.
Ба он латофату рухсору қомату рафтор,
Назода модари айём мисли он ҳарду.
Қади чу сарв якею рухи чу моҳ яке,
На дар замин буваду не дар осмон ҳарду.
Умедвор ба онам, ки ёди ман оранд,
Ба маҳзи лутфу иноёт ҳар замон ҳарду.

Агарчи дур фитодам зи суҳбати онҳо,
Дуои ман ҳама ин аст баҳри он ҳарду:
«Ҳамеша дар чамани ҳусн шоду хандон дор,
Ба лутфи хеш, Худоё, ту дар ҷаҳон ҳарду».
Саломи Муҳйии муштоқ аз сари ихлос,
Аё бародари ҷонӣ расон ба он ҳарду.
Агар саломи ман афтад қабул, месозанд
Дили ҳазини мани зор шодмон ҳарду.
Ба Муҳйӣ ношуда манзур аз ҳама хубон,
Ба ҳусну хулқу малоҳат мисоли он ҳарду.
213
Сабзаи хатте, ки сар аз лаъли он дилбар зада,
Сабзаи тар гӯиё аз гирди кишвар сар зада.
Бӯи ҷонбахше, ки омад аз хати райҳони ӯ,
Инчунин накҳат куҷо аз мушку аз анбар зада?
Дод аз он чашмони хуммоpат, ки аз мастӣ мудом,
Доимо бар ин дили маҷруҳи ман наштар зада.
Аз барои мункарони ҳашр аз мазмуни хат,
Сирри юҳйиалъазам ҷон аз лабат сар барзада.
Ҳар киро дил шуд садаф бо гавҳари ашъори ман,
Дасту рӯ бо обу ранги лаъл бо гавҳар зада.
Аз дами Рӯҳуқудус гардад дилам мамлӯ аз он,
Ин ҳама файзи маонӣ аз дилам сар барзада.
Муддаӣ аз мастии моён куҷо дорад хабар?
Гирд бо риндони олам доимо соғар зада.
Дар таманнои лаби лаъли ту Муҳйӣ дасту рӯ,
Бар шароби Салсабилу чашмаи Кавсар зада.
То ки дидам бевафоӣ Муҳйӣ з-ин дори фано,
Пушти по бар махзани ганҷу зару зевар зада.
214
Эй он ки бе ҷамолат чашмам пуроб гашта,
Чархи ҷамол аз ту равшан шиҳоб гашта.
Дар орзуи рӯят, эй нури дидаи ман,
Ин дидаҳои хунин аз майли хоб гашта.
Мурдам зи фикри васфат, то чанд бениёзӣ?
К-аз оташи фироқат дилҳо кабоб гашта.
Аз партави ҷамолат сар зад зи бурҷи хубӣ,
Ҷамъи зиёпарастон аз офтоб гашта.

Ман маҳв чун нагардам, бо он ки бо дили санг,
Аз ҳайрати ҷамолат оина об гашта.
Аз лаззати каломат арбоби фаҳму фитрат,
Афтода зери поят хоку туроб гашта.
Ин қатраи арақҳо дар оразі гули ту,
Аз муъҷизи каломат атру гулоб гашта.
Райҳони сабзаи хат бар гирди Оби Ҳайвон,
То сар кашида з-он рӯ олам хароб гашта.
Эй моҳи ман, ба васфат, бингар ба назми Муҳйӣ,
Ҳар ҳарфи ӯ ба хубӣ чун дур(р)и ноб гашта.
215
Табъи ман аз ҷамолаш азбаски чоғ гашта,
Гул-гул шукуфта хотир, монанди боғ гашта.
Ҳаргиз гуле чу рӯяш ман дар чаман надидам,
Ҳамчун ниҳоли қаддаш сарве ба боғ гашта.
Бе он ҷамоли зебо, в-он чашми оҳувона,
Хуррам чӣ гуна гардам дар боғу роғ гашта?
Мебуд ҳамчу тӯтӣ соли гузашта қумрӣ,
Бигзар аз ӯ ту, эй ёр, монанди зоғ гашта.
Ҳар дил, ки дӯш чун гул дар базми ёр нашкуфт,
Чун лола бо дили хун имрӯз доғ гашта.
Аз сайри боғу гулшан хотир чӣ сон шавад хуш?
Дар гулситони базмаш ҷаннатсуроғ гашта.
Бас кун ҳадиси васфи райҳони хат, ки имшаб
Муҳйӣ зи бӯи зулфаш хуш тардимоғ гашта.
216
Эй дида, хун бибор, зи олам чӣ дидаӣ?
Эй ашк, об шав, ки ба ҳасрат чакидаӣ.
Эй чашм, акси рӯи нигори кӣ дидаӣ,
Оинавор аз чӣ ба ҳайрат расидаӣ?
Эй нола, доғ шав, ки ҷаҳон аз ту дар фароғ,
Омад, вале ба гӯши касе норасидаӣ.
Эй оҳ, як диле караме наёфт аз ту, ҳайф,
Яксар ҷаҳон гирифта ба гардун расидаӣ.
Эй дил, ба қайди зулф, ки гирифтор гаштаӣ,
Умри дароз хаста ба зулмат расидаӣ.
Эй тан, зи бори меҳнати қадди кадом ёр,
Умре дар интизории беҷо хамидаӣ.

Эй васл, аз чӣ рӯй муяссар намешавӣ?
Гарчанд аз қафои сафеҳон давидаӣ.
Эй шоми ҳаҷр, аз чӣ ба саҳро намерасӣ?
Чун зулфи ёр тӯл ба маҳшар кашидаӣ.
Муҳйӣ, дар интизор, ки хун мехӯрӣ мудом,
Сад бор бевафоии хубон бидидаӣ.
217
Дорад ба ман муҳибон озор дастпанҷа,
Аз чашми ҳосидон шуд афгор дастпанҷа.
Аз ҳосидони равзан созам чӣ сон шикоят?
Азбаски ёфт кулфат бисёр дастпанҷа.
Ин кулфате, ки бо ман як бор нест умре,
Доим кашида заҳмат сад бор дастпанҷа.
Зоҳир макун фазоил, манмо қалам ба дастат,
Бинад дигар на кулфат ночор дастпанҷа.
Бошад агарчи дар ҳар ангушт садҳазорон,
Фазлу ҳунар, ту манмо изҳор дастпанҷа.
Умре намуда атҳор бо халқ яди байзо,
Карда ҳунарнамоӣ изҳор дастпанҷа.
Ин халқи бебасират нокарда фаҳм, лекин
Дида азоби беҳад ночор даступанҷа.
Маҷруҳ шуд ба ҳадде ин килки гавҳарафшон,
Баҳри навиштани хат душвор дастпанҷа.
Манмо гила бародар аз ман ба тарки мактуб,
Ҳарфе наметавонад афгор дастпанҷа.
Аз суф-суфи дуохон, в-аз марҳами табибон,
Филҷумла ҳаст беҳтар, эй ёр, дастпанҷа.
Дорад умед, Муҳйӣ, ёрон дуо намоянд,
Ёбад шифои комил афгор дастпанҷа.
218
Мужда бод, эй дӯстон, к-он ёри ҷонон омада,
Гӯиё бар қолаби беҷони ман ҷон омада.
Сад чаман гулҳои мақсуд шуд шукуфта бар рухам,
Аз Ватан азбаски он маҳбуби даврон омада.
Аз биҳишти хуррамӣ омад магар пайғоми хуш?
Ё ки аз баҳри навиди васл ризвон омада?

Ё магар он сарви боғу ҳусни гулзори ҷамол,
Дилбари маҳбуби ман чун моҳи тобон омада.
Дид ҳар кас он Азизи Мисри хубӣ дар замон,
Гуфт аз ҳайрат магар Юсуф зи Канъон омада?
Гар дарояд дар чаман он дилбари симинбадан,
Мекунанд ҳуснаш тамошо, ҳуру ғилмон омада.
Ман чӣ сон васфат кунам, аз он ки хубони ҷаҳон,
Ҷумла бо сад шавқу рағбат бар ту қурбон омада.
Нест дар тахти назокат ҷуз ту зебо дар ҷаҳон,
Ҷумла хубони ҷаҳон дар таҳти фармон омада.
Аз барои Муҳйии муштоқи худ он дилрабо,
Баҳри лутфу марҳамат аз баҳри эҳсон омада.
219
Дишаб, ки моюю дилдор ҳарду баҳам нишаста,
Будем маҳви дидор фориғ зи ғам нишаста.
Ман бо ниёзмандӣ биншаста бо ду зону,
Афканда сар ба пояш бо чашми нам нишаста.
Ӯ дар сарири иззат бо нозу нозанинӣ,
Мағрури ҳусну хубӣ монанди Ҷам нишаста.
Чашмаш ба хоби мастӣ олам намуд вайрон,
Бедор кард фитна, баҳри ситам нишаста.
Зулфаш паи харобӣ карда дароздастӣ,
Дилҳо намуда дар банд, бо печухам нишаста.
Он чашми оҳувона аз айни ҷодуиҳо,
Дилҳо рабуда аз мо, аз баҳри рам нишаста.
Моҳе, ки золи гардун аз баҳри дидани ӯ,
Дар шоҳроҳи шавқаш бо қадди хам нишаста.
Раҳ ёфтам ба васлаш аз юмни толеъу бахт,
Азбаски раҳ намуда ҳарду ба ҳам нишаста.
Сад шукр аз висолаш гул кард тухми уммед,
Бишкуфта табъи Муҳйӣ дар хоки нам нишаста.
220
Зиҳӣ аз гулшани ҷаннат ҷаҳонро зебу маъмурӣ,
Зи гулзори рухат дорад хиҷолат лолаи сурӣ.
Наӣ бо ин ҷамоли ҳусн авлоди башар, бешак
Ки дар фирдавси зебоӣ муқаррар зодаи ҳурӣ.
Диҳад боди сабо пайғоми васлат, кай ба он бахшам
Зи баҳри мужда гулзори ҷинон аз рӯи масрурӣ.

Чӣ гуна зиндагӣ ёбам зи ҳаҷри чун ту ҷононе?
Маро сад бор мурдан беҳ, ки аз ту як нафас дурӣ.
Надорам он қадар давлат, ки ёбам роҳ дар кӯят,
Ба ғайр аз аҷзу зориҳо надорам қуввати зӯрӣ.
Мабин аз ноз бо оина, ҷоно, з-он ки афзояд,
Зи ҳусни оламороят аз ин рӯ нози мағрурӣ.
Ба ҷоҳу иззату давлат маноз, эй бехабар, охир
Ба вақти марг дармонӣ,ба ҳоли хеш, маъзурӣ.
Агар мулки Сулаймонӣ туро зери нигин ояд,
Аҷал чун бар сарат ояд, дар он дам камтар аз мӯрӣ.
Набошад Муҳйӣ дар олам ба ёрон ҳеҷ душворӣ,
Ба ғайр аз кулфати дурию дарду доғи маҳҷурӣ.
221
Асири қадду рафтори туам, донистаӣ ё не?
Кабоби лутфи гуфтори туам, донистаӣ ё не?
Фитода мурғи дил дар доми он чашмони сайёдат,
Асири чашми хуммори туам, донистаӣ ё не?
Агарчанде ҳунар з-оинарӯён дар назар дорам,
Вале ман маҳви рухсори туам, донистаӣ ё не?
Ҷамиъи дилбарони аср муштоқи мананд, аммо
Мани Маҷнуни ту, зори туам, донистаӣ ё не?
Наояд хоб дар чашмам ба ёдат дар ҳама шабҳо,
Ки ман пайваста бемори туам, донистаӣ ё не?
Ба ёди дидани рӯи ту, эй Юсуфлиқо, доим,
Паёпай ман ба бозори туам, донистаӣ ё не?
Маро аз чашми хунрези ту пайконҳост дар сина,
Ҳалоки чашми хунбори туам, донистаӣ ё не?
Зи ман дурӣ макун, ҷоно, ки охир мекунӣ афсус,
Ки ман пайваста дар кори туам, донистаӣ ё не?
Бувад уммеди ман, ҷонон, ки Муҳйӣ дар ҷавоби ман,
Нависад, ин ки ман ёри туам, донистаӣ ё не?
222
Аз ишқи парирӯён дам нозада боистӣ,
То хонаи айши ту роҳаткада боистӣ.
Акнун, ки шудӣ Маҷнун дар кӯчаи расвоӣ,
Номусу ҳаё як сӯ барҳамзада боистӣ.
Эй зоҳиди бесомон, дар маҷлиси ушшоқон,
Аз дасти парирӯён ҷоме зада боистӣ.

Умри ту гузашт, афсӯс, дар савма, эй ғофил,
Ин умри гаронмоя дар майкада боистӣ.
Эй кош, ҳамедидӣ, воиз, ту нигори ман,
То аз дами сарди худ хиҷлатзада боистӣ.
Аз анҷумани ҳурон, аз гулчамани ризвон,
Аз хулди барин берун ноомада боистӣ.
Чун омадаи берун, доим ба парирӯён,
Дар боғи мақоми ту тахти сада боистӣ.
Ҳар лаҳза ба рӯи ёр, дар гулшану дар гулзор,
Бар ною маю шаштор чанге зада боистӣ.
Азбаски нашуд мумкин умеди бақо, Муҳйӣ,
Ин гунбади миноро оташзада боистӣ.
223
Бошад чи хуш муфарраҳ базми китоб дар вай,
Рав баҳри касби маънӣ бинмо шитоб дар вай.
Файзи шаби зимистон ҳайф аст сарф кардан,
Ёрон, ба лаҳву мастӣ ҳамчун шабоб дар вай.
Беҳтар зи савти лаҳни ғулони одамирӯй,
Шавқи наю самоъу чангу рубоб дар вай.
Ёрею базми дунон бошад азоби ҷонҳо,
Хуррам чӣ гуна гардад кас аз азоб дар вай?
Моро зи аҳли маънӣ бояд яке нигоре,
Ҳардам шавад зи файзаш кас комёб дар вай.
Ҷонро расад ҳаловат аз нутқи шакаринаш,
В-аз лаъли ӯ биҷӯшад мавҷи шароб дар вай.
Роҳат аз ин чӣ беҳтар, Муҳйӣ, агар намояд,
Аз суҳбати лаимон кас иҷтиноб дар вай.
224
Эй ки дар зоту шараф рутбаи аъло дорӣ,
Сирати Аҳмадию феъли Масеҳо дорӣ.
Дониши Буалию ҳикмати Луқмон дар ту,
Ҷамъ гардида ба ҳикмат яди байзо дорӣ.
Бо вуҷуди адаму давлату ҷоҳу ҳашмат,
Ҳиммати Хусравию фитрати Доро дорӣ.
Тарки дунё ба ту зебад, ки задӣ пушти пой,
Бар зару ганҷу дирам ҳиммати боло дорӣ.
Баҳри ин муътақиди хеш зи ҳусни тинат,
Назари марҳамату шафқати азмо дорӣ.

Марҳамат кардаӣ, аз лутф аҷаб маъҷунӣ,
Магар ин мурдадилам фикрати эҳё дорӣ.
Ончунон шод шудам аз ту, ки гуфтан натавон,
Аз замирам туӣ огаҳ, дили бино дорӣ.
Мекунад Муҳйии муштоқ дуо шому саҳар,
Бод ҳосил зи Худо ҳар чӣ таманно дорӣ.
225
Эй яҳудинажоди бозорӣ,
Зулфи ту рашки мушки тоторӣ.
Қади ту сарви боғи раъноӣ,
Лаби лаъли ту чеҳрагулнорӣ.
Қул узотсам анориға айтур,
Ноз айлаб, ки олматур норӣ.
Айласун гул юзунгни муминға,
Ҳақ насибу ҷуҳудлара хорӣ.
Дар хаёли ту, эй парисимо,
Нест ҷуз оҳу нолаам коре.
Толеидур баланд хусравдин,
Ҳар кими булса сен каби ёрӣ.
Аз сарат гардам, эй парипайкар,
Соя бар фарқи ман фикан боре.
Ишқ дардест Муҳйӣ бе дармон,
Набвад ӯро ба куфру дин коре.
226
Муддао дорам, ки ё Раб, ёри ҷононам шавӣ,
Эй табиби ошиқон, дар банди дармонам шавӣ.
Ҳолате дорам ба ёди ту, ки гуфтан мушкил аст,
Кош, эй ҷон, маҳрами асрори пинҳонам шавӣ.
Ман ҳамехоҳам, ки ёбам лаззати гуфтори ту,
З-он ҳамехонам зи рӯи лутф меҳмонам шавӣ.
Дам ба дам аз дил барорӣ дарду андуҳи ғамам,
Аз лаби чун қанд ширин марҳами ҷонам шавӣ.
Оразат хуршеди анвар, қоматат сарви саҳӣ,
Ҷаннати васли ту хоҳам, ҳуру ғилмонам шавӣ.
Юсуфӣ дар Мисри хубӣ, ман чу Яъқуб аз ғамат,
Тирарӯзам, кошки он моҳи Канъонам шавӣ.

Лаъли ту бахшад ҳаёти тозае бар ҷисми ман,
Соқии маҷлис агар , эй шоҳи хубонам шавӣ.
Хубрӯёни ҷаҳон мисли ту аъло нестанд,
Эй ҳаёпарвар, чӣ хуш ошӯби давронам шавӣ.
Орзу дорам, ки бошӣ ҳамдаму дилдори ман,
Дилбари нозукадои чашмфаттонам шавӣ.
Нозанино, ин мувашшаҳ гуфта Муҳйӣ баҳри ту,
Баъди хондан воқифи ин ишқи пинҳонам шавӣ.

## МУХАММАСИ МУҲЙИИ ХӮҚАНДӢ

Ғофил манишин бин¸ки азизон ҳама рафтанд¸
Аз дори фано силсиладорон ҳама рафтанд.
Ковусу Кайу Қайсару шоҳон ҳама рафтанд¸
Искандару Ҷамшеду Сулаймон ҳама рафтанд.
Аз гулшани ин даҳр ҳазорон ҳама рафтанд.

Домоди Муҳаммад¸ ки Алӣ шери Худо буд.
Ӯ сайқали дилҳои ҳама аҳли сафо буд¸
Ӯ шавҳари Фотимаю ҳам кони сахо буд.
Ин исми бузурге зи самак то ба само буд¸
Пайғамбари мо, ҷумла имомон ҳама рафтанд.

Пеш аз ҳама омад ба ҷаҳон Одаму Ҳавво¸
Ку Юсуфу Яъқуб, куҷо рафт Зулайхо?
Ку Хусраву Ширин, ки ватан карда ба саҳро?
Ку Лайливу Маҷнун, куҷо Вомиқу Узро?
Аз ҷабри фалак дидаи гирён ҳама рафтанд.

Ҷибрили амин, пайки ҷаҳон, ҳазрати довар¸
Оварда ба он шоҳи Наҷаф теғи чу аждар¸
Аз Қоф бар он Қофи ҷаҳон карда мусаххар¸
Канданд ба ду ангушт чу дарвозаи Хайбар¸
Ку соҳиби Дулдул¸ки саворон ҳама рафтанд?

Мӯсо ба сари Тур баромад ба кучо шуд?
Он Исии Марям зи замин сӯи само шуд,
Идрис ба ҳурони чаман вирди дуо шуд,
Ёрон ҳама рафтанд ,дигар навбати мо шуд.
Печида сару дидаи гирён ҳама рафтанд.

Мазлумаму бечораю фарёдрасе нест,
Як мӯнису як ҳамдаму як ҳамнафасе нест,
Аз будани ин куҳначаҳонам ҳавасе нест,
Ҷуз зоти Худованд маро ҳеч касе нест,
Ҷуз зоти Аҳад монаду ёрон ҳама рафтанд.

Ногаҳ биёранд яке маркаби чӯбин,
Ӯро на сару пою на ҷон асту на ҳам зин,
Бо ҳукми Худованд бигӯянд,ки бинишин,
Аз рӯзи азал карда Худо қисмати мо ин,
Бархезу равон шав,ки саворон ҳама рафтанд.

Гаштем дар ин дайр ба бӯстону чаманҳо,
Дидем шукуфтаст чи садбаргу суманҳо,
Шаккарлабу ширинсухану пистадаҳанҳо,
Андар лаҳади танг бирифтанд зи дунё,
Бо ҳасрату андуҳу ба армон ҳама рафтанд.

Ин синаи решам ҳадафи тири дуо кард,
Фарзанду бародар зи мани хаста ҷудо кард.
Ҳар шоҳу гадо буд,ки филҷумла адо кард,
Бар ҳолати Муҳйӣ, бингар, чарх чиҳо кард?
Афсӯс,ки танҳояму ёрон ҳама рафтанд.

**ВАҲШИИ БОФҚӢ**

# ДЕВОН

## ТАРҶУМАИ ҲОЛ

*Валодати Ваҳшӣ зоҳиран дар нимаи аввали садаи даҳум дар Бофқ (бар сари роҳи Язду Кирмон) иттифоқ афтод, ба ҳамин сабаб Ваҳширо гоҳ Яздӣ ва гоҳ Кирмонӣ гуфта ва навиштаанд. Огози ҳаёташ дар зодгоҳаш сипарӣ шуд ва дар онҷо ба гайр аз бародараш дар хидмати Шарафуддин Алии Бофқӣ ба касби донишу адаб пардохт.*

*Ваҳшӣ пас аз омӯхтани муқаддамоти адаб аз Бофқ ба Язд ва аз он ҷо ба Кошон рафт ва чанде дар он шаҳр саргарми мактабдорӣ буд ва сипас аз рӯзгоре ба Язд бозгашт ва ҳамон ҷо монд ва ба шоирӣ ва ситоиши фармонравоёни он шаҳр саргарм буд то ба соли 991 ҳиҷрӣ ва падруди ҳаёт гуфт. Дар бораи иллати вафоташ суханоне ҳаст, ки агар рост бошад метавонад мояи шигифти хонанда гардад.*

*Масалан, баъзе навиштаанд, ки аз ифрот дар майхорагӣ мурд, бархе дигар муддаӣ шудаанд, ки вай бар дасти «маъшуқи бемурувввати худ кушта шуд». Ба ҳар ҳол Ваҳшӣ дар Язд даргузашт ва ҳамон ҷо дар кӯйи «Сарбурҷ» ба хок супурда шуд.*

*Ваҳшӣ марде покбоз, вораста, ҳассос, хурсанд, баландҳиммат ва гӯшагир буд. Ӯ бархилофи шоирони аҳди худ аз Эрон пой берун наниҳод ва ҳатто аз Бофқ танҳо чанд гоҳе ба Кошон ва боқии умрро ба Язд рафту ҳамон ҷо бимонд.*

*Мақсуди ӯ аз шоирӣ дар ҳақиқат иштигол ба ҳунар ва адаб ва баёни андешаҳо ва эҳсосҳои худ аз он роҳ буд на касби мол ва андухтани симу зар. Даврони камоли шоириро дар Язд гузаронд ва барои касби маош танҳо ба ситоиши риҷоли Язду Кирмон пардохт. Дар девони ӯ қасидае дар ситоиши шоҳ Таҳмос ва моддаи таърихӣ дар бораи вафоташ дида мешавад, вале мамдуҳ ва ҳомии воқеии ӯ Мири Мирон аз наводагони духтари Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ва ҳокими Язд будааст. «Куллиёт»-и Ваҳшӣ иборат аз нуҳ ҳазор байт ва шомили қасида, таркибу тарҷеъ, газал, қитъа, рубоӣ ва маснавӣ аст. Қасидаҳои ӯ дар*

*ситоиш ва таркибҳову тарҷеъҳояш, хоса мураббаъ ва мусаддаси онҳо ҳама аз назмҳои бисёр дилпазири аҳди Сафавӣ аст.*

*«Соқинома»-и тӯлонии ӯ, ки ба сурати тарҷеъбанд суруда дар навъи худ камназир аст ва ҳамин арзишро мусаддасу таркибҳо ва мураббаъву таркибҳои Ваҳшӣ дар шеъри гиноии форсӣ дорад.*

*Шумораи ғазалҳояш 397 ададанд.Бо ин ҳама бояд ғазалҳои ӯро саромади шеърҳои ӯ дар ин роҳ донист чандон ки бештари онҳо дар сафи авал аз асарҳои гиноии форсӣ аст. Ваҳшӣ ду маснавие ба истиқбол аз Хусраву Ширини Низомӣ дорад яке ба номи «Нозиру Манзур» ва дигаре ба номи «Фарҳоду Ширин».*

*Маснавии нахустин ба соли 966 ба поён расид ва фарогири 1569 байт аст ва аммо маснавии дуввум, ки аз шоҳкориҳои адаб дар адабиёти порсӣ аст, ҳам аз аҳди шоир шуҳрати бисёр ёфт, лекин Ваҳшӣ аз 1050 байтро навишта боқӣ аз онро Висоли Шерозӣ шоири машҳури садаи сездаҳуми ҳиҷрӣ суруда ва бо афзудани 1251 байт онро ба поён расонидааст.*

*Шоири дигар бо номи Собир баъд аз Висоли Шерозӣ 304 байт ба ин манзума афзуд.*

*Манзумаи дигаре, ки Ваҳшӣ ба пайравии Низомӣ суруда “Хулди барин” аст бар вазни “Махзан-ул-асрор” ва мураттаб ба ҳашт равза. Маснавиҳои кӯтоҳе аз Ваҳшӣ дар мадҳу ҳаҷв ва назоири онҳо боз монда, ки аҳамияти манзумаҳои ёдшударо надорад. Вай саъй дорад андешаҳои латифи худро ҳамроҳ бо авотифи гарм бо забони сода ва пур аз сидқ боз гӯяд, то битавонад ба воқеъ баён кунандаи сӯзҳову созҳо ва ҳолҳову розҳои худ бошад. Ба ҳамин сабаб аст, ки маснавиҳо ва ғазалҳои ӯ пур аз нуктаҳои дилпазир ва мазмунҳову фикрҳои тоза гардид ва махсусан, ғазалҳояш чунон бо эҳсосҳои сӯзанда ҳамроҳ шуда, ки гоҳ ба ахгарҳои сӯзон шабоҳат ёфтааст. Мо дар ин китоб ғазалиёт ва рубоиёти комили ӯро ҷой додем ва аз тарҷеъбанду таркиббандҳо намунаҳо овардем.*

# ҒАЗАЛИЁТ

1
Оҳ, то кай зи сафар боз наёӣ, боз, о!
Иштиёқи ту маро сӯхт, куҷоӣ? Боз, о!
Шуда наздик, ки ҳиҷрони ту моро бикушад,
Гар ҳамон бар сари хунрезии моӣ, боз, о!
Кардаӣ аҳд, ки боз оиву моро бикушӣ,
Вақти он аст, ки лутфе бинамоӣ, боз, о!
Рафтиву боз намеоиву ман бе ту ба ҷон,
Ҷони ман, ин ҳама бераҳм чароӣ? Боз, о!
Ваҳшӣ, аз ҷурми ҳамин, к-аз сари он кӯ рафтӣ,
Гар чи муставҷиби сад гуна ҷафоӣ, боз, о!
2
Кашида ишқ дар занҷир ҷони ношикеборо,
Ниҳода кори саъбе пеш, сабри бандфарсоро.
Туам сарришта дорӣ, гар парам сӯи ту маъзурам,
Ки дар даст ихтиёре нест мурғи бандбарпоро.
Ман аз кофирниҳодиҳои ишқ ин рашк мебинам,
Ки бо Яъқуб ҳам хасме бувад ҷони Зулайхоро.
Ба гунҷишкон маёло доми худ, хоҳам чунон бошӣ,
Ки истиғно занӣ, гар бинӣ андар дом анқоро.
Агар доне чу мурғон дар ҳавои домгаҳ дорӣ,
Зи доми худ ба саҳро афканӣ, аввал дили моро.
Насиҳат ин ҳама дар парда бо он тавр худроӣ,
Магар, Ваҳшӣ, намедонад забони рамзу иморо?
3
Рондӣ зи назар чашми балодидаи моро,
Ин чашм куҷо буд зи ту дидаи моро?
Санге нафитад ин тараф аз гӯшаи он бом,
Ин бахт набошад сари шӯридаи моро.
Мурдем, ба он чашмаи ҳайвон кӣ расонад,
Шарҳи аташи синаи тафсидаи моро?
Фарёд зи бадбозии давре, ки барафшонд,
Ин арсаи шатранҷи фурӯчидаи моро.
Ҳиҷрони касе кард ба як силии ғам кӯр,
Чашми дили аз теғ натарсидаи моро.

Мо шуълаи шавқи ту ба сад ҳилла нишондем,
Доман мазан ин оташи пӯшидаи моро.
Ногоҳ ба боғи ту хазоне бифиристанд,
Хурсанд кун аз худ дили ранҷидаи моро.
Бо ашк фурӯ рехт ситамҳои ту, Ваҳшӣ,
Пошид намак ҷони харошидаи моро.
4
Чанд ба дил фурӯ хӯрам ин тафи синатобро?
Дар таҳи дӯзах афканам ҷони пуризтиробро.
Тофта ишқ дӯзахе з-аҳли насиҳат андар ӯ,
Бар ману дил гумошта сад малаки азобро.
Шавқ ба тозиёна гар даст бад-ин намат занад,
Зуд сабукинон кунад сабри гаронрикобро.
Он ки хаданг намекашӣ мехӯрам аз тағофулаш,
Кош тамом каш кунад нимакаши итобро.
Хайлу хаёли кист ин, к-аз дари чашмхонаҳо,
Мекашад инчунин бурун хилватиёни хобро.
Меҷаҳад оҳам аз дарун поси ҷамол дор, ҳон,
Сар-сари мо нагун кунад машъали офтобро.
Ваҳшиву ашки ҳасрату таффи ҳавои бодия,
Об зи чашми тар бувад раҳсипари саробро.
5
Тоза шуд овозаи хубӣ гулистони туро,
Нағмасанҷи нав, муборак бод, бӯстони туро.
Хони зебоӣ ба неъматҳои ноз орост ҳусн,
Неъмати ин хон гуворо бод меҳмони туро.
Муддаӣ хуш кард маҳкам дар миён домони саъй,
Фурсаташ бодо, ки гирад сахт домони туро.
Бод паймони ту бо ағёр, ё Раб, устувор,
Гарчи имкони дурустӣ нест паймони туро.
Сад чу Ваҳшӣ бастаи занҷири ишқат шуд зи нав,
Баъд аз ин гунҷоиши мо нест зиндони туро.
6.
Ман он мурғам, ки афкандам ба доми сад бало худро,
Ба як парвоз беҳангом кардам мубтало худро.
На дасте доштам бар сар, на пое доштам дар гил,
Ба дасти хеш кардам инчунин бе дасту по худро.

Чунон аз тарҳи вазъи нописанди худ гурезонам,
Ки гар дастам диҳад аз хеш ҳам созам ҷудо худро.
Гар ин вазъ аст метарсам, ки бо чандин вафодорӣ,
Шавад лозим, ки пешат вонамоям бевафо худро.
Чу аз изҳори ишқам хешро бегона медорӣ,
Намебоист кард аввал ба ин ҳарф ошно худро.
Бубин Ваҳшӣ, ки дар хуноби ҳасрат монд по дар гил,
Касе к-ӯ бигзарондӣ ташна аз оби бақо худро.
7
Таййи замон кун, эй фалак, муждаи васли ёрро,
Порае аз миён бубар ин шаби интизорро.
Шуд ба гумони дидане умр тамому ман ҳамон,
Чашм ба раҳ нишондаам ҷони умедворро.
Ҳам ту магар пиёлае бахшӣ аз он маи куҳан,
Варна шароби дигаре нашканад ин хуморро.
Шуд зи ту заҳр хӯрданам мояи рашки оламе,
Баски ба завқ мекашам ин маи ногуворро.
Ними шарар зи ишқ бас то зи замини офият,
Дуд бар осмон расад хирмани эътиборро.
Ваҳшӣ агар ту ошиқӣ, ку нафаси туро асар?
Ҳаст нишонаи дигар синаи доғдорро.
8
Хезу ба ноз ҷилва деҳ қомати дилнавозро,
Чун қади худ баланд кун пояи қадри нозро.
Ишвапарасти ман, биё, май зада масту кафзанон,
Ҳусни ту парда, гӯ, бидар пардагиёни розро.
Арзи фурӯғ чун диҳад машъалаи ҷамоли ту,
Қисса ба кӯтаҳӣ кашад шамъи забондарозро.
Он мижа кушт оламе, то ба карашма насб шуд,
Вой, агар амал диҳӣ, чашми карашмасозро.
Нимкуши тағофулам, кор тамом ношуда,
Ним назар иҷоза деҳ наргиси нимбозро.
Ваъдаи ҷилва чун диҳӣ, қудваи аҳли савмаа,
Дар раҳи интизори ту фавт кунад намозро.
Ваҳшияму ҷаридарав, каъбаи ишқ мақсадам,
Бадрақа ашку оҳи ман қофилаи ниёзро.

9

Нарх боло кун матои ғамзаи ғаммозро,
Шеваро бишнос қиммат, қадр машкан нозро.
Пеши ту ман кам зи ағёрам, в-агарна фарқ ҳаст,
Мардуми беимтиёзу ошиқи мумтозро.
Сайдбандонат мабодо таъни нодонӣ зананд,
Баҳри сайди пашша банд аз пой бикшо бозро.
Ангубин доми магас кардан зи ширинпешагист,
Бар гузар неҳ дом мурғи осмонпарвозро.
Ҳайф аз бозу наояд даст бар симурғ банд,
Тир бар гунҷишк машкан чашми тирандозро.
Бар деҳи вайрон чӣ тозӣ, кишваре тасхир кун,
Шавкати шоҳӣ мабар ҳусне ба ин эъзозро.
Муҳр бар лаб бош, Ваҳшӣ, ин чӣ дилпардозӣ аст?
Беш аз ин рухсат мадеҳ табъи суханпардозро.

10

Набвад тулуъ аз бурҷи мо, он моҳи меҳрафрӯзро,
Тағйири толеъ чун кунам ин ахтари бадрӯзро?
Кай бошад аз ту толеъам к-ин бахти ахтарсӯхта,
Гардонад аз таъсири худ, сад ахтари фирӯзро?
Дил роми дастат шуд, вале бар вай маяфшон остин,
Тарсам, ки ногаҳ рам диҳӣ ин мурғи дастомӯзро.
Бар ҷайби сабрам panҷа зад ишқе, гиребон пора кун,
Афтода коре бас аҷаб дасти гиребондӯзро.
Кам бод ин фориғдилӣ, к-ӯ сад таманно мекунад,
Сад бор гардам гирди сар ишқи таманносӯзро.
Бо он ки рӯзи васли ӯ донам, ки шавқам мекушад,
Надҳам ба сад умри абад як соати он рӯзро.
Ваҳшӣ, фароғат мекунад, к-аз давлати анбуҳи ту,
Сад хона пурасбоб шуд, ҷони малоландӯзро.

11

Бори фироқ бастаму ҷуз пои хешро,
Кардам видоъ ҷумлаи аъзои хешро.
Гӯӣ ҳазор банди гарон пора мекунам,
Ҳар гом пои бодияпаймои хешро.

Дар зери пой рафтанам алмос пора сохт,
Ҳаҷри ту сангрезаи саҳрои хешро.
Ҳар ҷо равам зи кӯи ту сар бар замин занам,
Нафрин кунам иродаи бечоѳи хешро.
Умри абад зи уҳда намеоядаш бурун,
Нозам уқубати шаби ялдои хешро.
Ваҳшӣ, маҷоли нутқи ту дар базми васл нест,
Тай кун бисоти арзу таманнои хешро.
12
Иззат мабар дар кори дил ин лутфи беш аз пешро,
Ин бас, ки зоеъ мекунӣ бар ман ҷафои хешро.
Лутфе, ки бадхӯ созадам н-ояд ба кори ҷони ман,
Асбоби кин омода кун, хӯи малоландешро.
Ҳарчанд сели фитнагар чун бахт бошад в-ар расӣ,
Киштӣ ба девор оварӣ вайронаи дарвешро.
Бар кофари ишқи бутон ҷоиз набошад марҳамат,
Бе ҷурм бояд сӯхтан, муфтӣ манам ин кешро.
Ишқам хароши сина шуд лутфат чу марҳам мениҳад,
Гар илтифоте мекунӣ, носур кун ин нешро.
Чун неши занбӯрам ба дил, гӯ, заҳр мерез аз мижа,
Афюни ҳайрат хӯрдаам, заҳмат надонам нешро.
Бо подшоҳи ман бигӯ, Ваҳшӣ, ки чун дур аз ту шуд,
Торих бархон гаҳ-гаҳе хубони аҳди хешро.
13
Манъи меҳри ғайр натвон кард ёри хешро,
Ҳар кӣ бошад, дӯст дорад дӯстдори хешро.
Ҳар нигоҳе аз паи корест бар ҳоли касе,
Ишқ медонад накӯ одоби кори хешро.
Ғайр, гӯ, аз ман қиёси кор кун, ин ишқ чист?
Мекунад бечора зоеъ рӯзгори хешро.
Сайди новакхӯрда хоҳад чист, мо худ бисмилем,
Эй шикорафкан, битоз аз пай шикори хешро.
Бо ту ихлосам дигар шуд, баски дидам нақзи аҳд,
Ман, ки дар оташ нагардонам иёри хешро.
Бодаи ин шиша беш аз соғари ағёр нест,
Бишканем аз ҷои дигар мо хумори хешро.

Кор рафт аз даст, Вахшӣ, пойбасте кун зи сабр,
Ин бинои тоқати ноустувори хешро.
14
Чист қасди хуни ман он турки кофаркешро?
Эй мусулмонон, намедонам, гуноҳи хешро.
Эй ки пурсӣ мӯҷиби ин нолаҳои дилхарош,
Синаам бишкоф то бинӣ даруни хешро.
Гар ба бадномӣ кашад, корам дар охир дур нест,
Ман, ки нашнидам дар аввал панди некандешро.
Лутфи хубон гарчи дорад завқи беш аз беш, лек,
Ҳолати дигар бувад бедоди беш аз бешро.
Ҳади Вахшӣ нест лофи ишқи он султони ҳусн,
Ҳарф бояд зад ба ҳадди хештан дарвешро.
15
Ҳаст умеди қуввате бахти заифҳолро,
Муждаи як хиром деҳ мунтазири висолро.
Гӯшаи ноумедиям дод зи сад бало амон,
Ҳаст қафас ҳисори ҷон мурғи шикастаболро.
Рашҳаи васли ку, к-аз ӯ гарди умед нам кашад,
В-аз нами он бароварам рахнаи инфисолро.
Нимшабон нишаста ҷон, бар дари хилвати дилам,
Мунтазири садои по маҳдкаши хаёлро.
Ман, ки ба васл ташнаам Хизр чӣ обам оварад?
Рафъи аташ намешавад ташнаи ин зулолро.
Дил зи фиреби ҳусни ӯ базми фусусу андар ӯ,
Анҷумане ба ҳар тараф орзуи маҳолро.
Вахшии маҳвмондаро қуввати шукри васл ку?
Ҳайрати дида гӯ, бигӯ, узри забони лолро.
16
Бар сар нагашт дар таби ғам ҳеҷ кас маро,
Ҷуз дуди дил, ки баст нафас бар нафас маро.
Ман дар занам ба сангу ту соғар занӣ ба ғайр,
Ин сарзаниш миёнаи ушшоқ бас маро.
Рӯзе, ки мирам аз ғами маҳмилнишини худ,
Бахри азо бас аст фиғони ҷарас маро.
З-ин чокҳои сина, ки карданд раҳ ба ҳам,
Тарсам, ки мурғи рӯҳ парад аз қафас маро.

Вахшӣ, намезадам чу магас дасти ғам ба сар,
Будӣ агар ба хони тараб дастрас маро.
17
Бар қавли муддаӣ макуш, эй фитнагар, маро,
Гар мекушӣ, бикуш ба гуноҳи дигар маро.
Пешат ба қадри ғайр маро эътибор нест,
Бе эътибор карда фалак ин қадар маро.
Шавқам чунон фузуд, ки ҳар гаҳ ниҳон шавӣ,
Бояд давид бар сари сад раҳгузар маро.
Бар гарданам зи теғи ту сад бори миннат аст,
Зеро ки вораҳонд зи сад дарди сар маро.
Вахшисифат зи айби касон дида бастаем,
Эй айбҷӯ, бирав, ки бас аст, ин ҳунар маро.
18
Нанмуда устухон зи тани нотавон маро,
Пайдо шуда фатилаи захми ниҳон маро.
То зад ба номи ман ғами ӯ қуръаи ҷунун,
Шуд пора-пора қуръасифат устухон маро.
Умре ба сар сабӯи ҳарифон кашидаам,
Ҳаргиз надидааст касе саргарон маро.
Аз як нафас барор зи ман дуд шамъсон,
Набвад агар ба базми ту банди забон маро.
Вахшӣ, бубин, ки ёр ба ишратсаро нишаст,
Беруни дар гузошт ба ҳоли сагон маро.
19
Хона пур буд аз матои сабр ин девонаро,
Сӯхт ишқи хонасӯз аввал матои хонаро.
Хоҳ оташ гӯю хоҳӣ қурб, маънӣ воҳид аст,
Қурби шамъ аст, он ки хокистар кунад парвонаро.
Ҳарчи гӯӣ охире дорад, ба ғайр аз ҳарфи ишқ,
К-ин ҳама гуфтанду охир нест ин афсонаро.
Гард наншинад ба тарфи домани озодагон,
Гар барандозад фалак бунёди ин вайронаро.
Май зи ратли ишқ хӯрдан кори ҳар безарф нест,
Вахшие бояд, ки бар лаб гирад ин паймонаро.

20
Сокини гулхан шудам, то соф кардам синаро,
Додам аз хокистари гулхан сафо оинаро.
Пеши риндон ҳақшиносӣ дар либоси дигар аст,
Пур ба мо манмой, зоҳид, хирқаи пашминаро.
Ганҷи сабре беш аз ин дар дил ба қадри хеш буд,
Лашкари ғам кард ғорат накди ин ганҷинаро.
Рӯзи мурдан дарди дил бар хок месозам рақам,
Чун кунам, кас нест, то гӯям ғами деринаро.
Гар ба куштан кини Вахшӣ меравад аз синаат,
Кард хуни худ биҳил, бардор теғи кинаро.
21
Кас назад ҳаргиз дари ғамхонаи аҳли вафо,
Гар бад-ӯ гӯянд: -Бар дар кист? Гӯяд: -Ошно.
Чист боз ин зуд рафтан, ё чунин дер омадан,
Баъди умре, к-омадӣ, биншин замоне пеши мо.
Чун намеояд ба соҳил ғарқаи дарёи ишқ,
Мезанад беҳуда аз баҳри чӣ чандин дасту по?
Гуфтаӣ: «Ҳар ҷо, ки мебинам фалонро мекушам»,
Хуш навиде додаӣ, аммо намеорӣ ба ҷо.
Чеҳра хоколуд, Вахшӣ, мерасад чун гирдбод,
Аз куҷо меояд ин девонаи сар дар ҳаво?
22
Аз коҳ, каҳрабо бигурезад ба бахти мо,
Ханҷар ба ҷои барг барорад дарахти мо.
Алмосреза шуд намаки судаи ҳаким,
Дар захм бастани ҷигари лахт-лахти мо.
Бо ин ҳама хиҷолату зиллат, ки мекашам,
Аз ҳам фурӯ нарехт, зиҳӣ рӯи сахти мо.
Заврақ гарону луҷҷа хатарноку мавҷ саъб,
Эй нохудо, нахуст бияндоз рахти мо.
Вахшӣ, ту будиву ману дил, шоҳи вақти хеш,
Оташ фиканд шуълаи гулхан ба тахти мо.
23
Эй сурх гашта аз ту ба хун рӯи зарди мо,
Моро зи дард куштаву ғофил зи дарди мо.

Аз теғи бемулоҳизаи оҳи мо битарс,
Авлист, ин ки кас нашвад ҳамнабарди мо.
Дар оҳи мо нуҳуфта хазону баҳори ҳусн,
Таъсирҳост бо нафаси гарму сарди мо.
Рахш инчунин матоз, ки пеш ту дигаре,
Кардаст инчунину надидаст гарди мо.
Сад лаъб булаҷаб шуду сад нақши бад нишаст,
То рехтем бо ту, бад афтод нарди мо.
Ваҳшӣ, гирифт хотири мо аз ҳариму дайр,
Рафтем то куҷост дигар обх(в)арди мо?
24
Сад ҳайф аз муҳаббати беш аз қиёси мо,
Бо бевафои ҳаққи вафо ношиноси мо.
Будӣ ба роҳи сел басе беҳ, ки роҳи ӯ,
Тарҳи бинои ишқи муҳаббатасоси мо.
Айбаш кунанд ногаҳу бошад ба ҷои хеш,
Гӯ, дур дор атласи хеш аз палоси мо.
Моро ба дасти рашк мадеҳ, худ бикуш ба ҷавр,
Ин аст аз муруввати ту илтимоси мо.
Куфрони неъматаш сабаби қаҳти васл шуд,
З-инаш батар сазост дили носипоси мо.
Тарсам, ки н-оядаш ба назар банди пора низ,
Дорад, агар нигоҳи ту з-ингуна поси мо.
Ваҳшӣ, аз ин азо бадар оем, то ба кай
Бошад куҳанпалоси мусибат либоси мо?
25
Бисёр гом пеш манеҳ дар ҳалоки мо,
Андеша кун зи ҳоли дили дардноки мо.
Заҳри надомат аст, ки бурдем зери хок,
Ин сабзае, ки сар зада аз рӯйи хоки мо.
Мағрури ҳусни худ машаву қасди мо макун,
К-ин ҳусни туст аз асари ишқи поки мо.
Берун давидаем зи меҳнатсарои ғам,
Маълум мешавад зи гиребони чоки мо.
Ваҳшӣ, риёзи ҳиммати мо з-он фузунтар аст,
К-авроқи сабзи чарх шавад барги токи мо.

26
Диламро буд аз он паймонгусил уммеди ёриҳо,
Ба навмеди кашид охир ҳама уммедвориҳо.
Рақибонро зи васли хеш то кай муътабар сози̅?
Макун ҷоно, ки ҳаст ин мӯҷиби беэътибориҳо.
Ба ағёр аз ту ин гармихтилофиҳо, ки ман дидам,
Аҷаб набвад агар чун шамъ дорам ашкбориҳо.
Ба сад хори̅ маро кушти̅, вафодори̅ ҳамин бошад,
Накарди̅ ҳеч таъсир, аз ту дорам шармсориҳо.
Шаби ғам кушт моро, ёд бод он рӯзи хуш, Ваҳши̅,
Ки мекард аз тариқи меҳр моро ғамгусориҳо.
27
Пок соз аз ғайр дил, в-аз худ тиҳи̅ шав чун ҳубоб,
Гар сабукрӯҳи̅ тавони̅ хайма зад бар рӯйи об.
Худнамойи̅ кай кунад он кас, ки восил шуд ба дӯст,
Чун намояд маҳ чу гардад муттасил бо офтоб?
Кай диҳад дар ҷилвагоҳи дӯст ошиқ роҳи ғайр,
Дам мазан аз ишқ, агар раҳ медиҳи̅ бар дида хоб?
Нест бар заррот яксон партави хуршеди файз,
Лек бояд ҷавҳари қобил, ки гардад лаъли ноб.
Ваҳши̅, аз дарёи раҳмат гар диҳандат рашҳае,
Гом бар рӯйи ҳаво осон зани̅ ҳамчун саҳоб.
28
Қиссаи май хӯрдани шабҳову гашти моҳтоб,
Ҳамҳарифони ту мегӯянд пеш аз офтоб.
Огаҳам аз тарси суҳбат, то шумори̅ нуқли базм,
Гар насозам як ба як хотирнишонат беҳисоб.
Маҷлисе дориву соғар мекаши̅ то нимашаб,
Рӯз пиндори̅, намебинем чашми нимахоб.
Бода гар бар хок рези̅ беҳ, ки дар ҷоми рақиб,
Мехӯрад бо ӯ касе ҳайф аз туву ҳайф аз шароб.
Ваҳшии девонаам, дар ростгӯиҳо масал,
Хоҳ роҳ аз ман бигардон, хоҳ рӯ аз ман битоб.
29
Шуд ёр ба ағёри дилозор мусоҳиб,
Диди̅, ки чи̅ шуд? Бо чи̅ касон ёр мусоҳиб.

Рангин шудани базми ман аз ёр муҳол аст,
З-ин гуна, ки гардида ба ағёр мусоҳиб.
Ман ринди гадопешаву ӯ подшаҳи ҳусн,
Бо ҳамчу мане кай шавад аз ор мусоҳиб?
Якбора чаро қатъи назар мекунӣ аз мо?
Будем, на охир ба ту як бор мусоҳиб.
Ваҳшӣ шуда дамсози сагони сари кӯят,
Гардида ба ёрони вафодор мусоҳиб.
30
Гаҳе аз меҳр ёди ошиқи шайдо кунад, ё Раб,
Чу шайдое бубинад, ҳеч ёди мо кунад, ё Раб.
Гирифтам, к-он мусофир нома сӯи ман равон созад,
Чӣ сон қосид мани гумномро пайдо кунад, ё Раб?
Ба оҳу нолаи шабҳо асирам карду фориғ шуд,
Чаро бо тирарӯзи худ касе инҳо кунад, ё Раб?
Ба бозори ҷунун афтод, Ваҳшӣ, бе сари зулфаш,
Бад афтодаст кораш, тарки ин савдо кунад, ё Раб.
31
Муждаи васли туам сохта бетоб имшаб,
Нест аз шодии дидор маро хоб имшаб.
Гиря бас кардаам, эй чуғд, нишин фориғбол,
Ки хатар нест дар ин хона зи селоб имшаб.
Дурам аз хоки дари ёру ба мурдан наздик,
Чун кунам, чораи ман чист дар ин боб имшаб?
Баски дар маҷлиси мо рафт сухан з-оташи шавқ,
Нафасе гарм нашуд дидаи аҳбоб имшаб.
Шамъсон пургуҳари ашк каноре дорам,
Ваҳшӣ, аз дурии он гавҳари сероб имшаб.
32
Зи шабҳои дигар дорам таби ғам бештар имшаб,
Васият мекунам, бошед аз ман бохабар имшаб.
Мабошед, эй рафиқон, имшаби дигар зи ман ғофил,
Ки аз базми шумо хоҳем бурдан дарди сар имшаб.
Магар дар ман нишони марг зоҳир шуд, ки мебинам,
Рафиқонро ниҳонӣ остин бар чашми тар имшаб.
Макун дурӣ, Худоро, аз сари болинам, эй ҳамдам,
Ки ман худро намебинам чу шабҳои дигар имшаб.

Шарар дар ҷони Ваҳшӣ зад ғами он ёри симинтан,
Зи вай ғофил мабошед, эй рафиқон, то саҳар имшаб.
33
Касе худ ҷон набурд аз шеваи чашми фусунсозат,
Дигар қасди кӣ дорӣ, эй ҷаҳоне куштаи нозат?
Намедонам, ки боз, эй абри раҳмат бар кӣ меборӣ?
Ки бинам дар камингоҳи назар сад новакандозат.
Ҳумои давлатӣ, то соя бар боми кӣ андозӣ?
Хушо, бахти баланди ӯ, ки сӯи ӯст парвозат.
Чӣ гуфтам, Аллаҳ, Аллаҳ, он чунон саркаш наяфтодат,
Ки осояд касе дар сояи сарви сарафрозат.
Ман он рӯз остон бӯсидаму бори сафар бастам,
Ки сар дар хонаи ҷон кард ишқи хонапардозат.
Зи Ваҳшӣ фош шуд розе, ки ҳуснат дошт пинҳонӣ,
Бикуш ӯро, ки ашку оҳи ӯ карданд ғаммозат.
34
Ин замон, ё Раб, маҳи маҳмилнишини ман куҷост?
Орзубахши дили андуҳгини ман куҷост?
Ҷонам аз ғам бар лаб омад, оҳ, аз ин ғам, чун кунам,
Боиси хушҳолии ҷони ғамини ман куҷост?
Эй сабо, ёрӣ намо, ашки ниёзи ман бубин,
Ранҷа шав, бингар, ки ёри нозанини ман куҷост?
Дур аз он ошӯби ҷону дил, дигар сабрам намонд,
Офати сабру дилу ошӯби дини ман куҷост?
Меҳнату андӯҳи ҳиҷрон кушт, чун Ваҳшӣ маро,
Мояи ишқи дили андуҳгини ман куҷост?
35
Ёди ӯ кардам, зи ҷон сад оҳи дардолуд хост,
Хӯи гармаш дар дилам бигзашту аз дил дуд хост.
Чун нафас имшаб фурӯ бурдам ҷудо аз субҳи васл,
К-аз сари болини ман он сустпаймон зуд хост.
Дӯш дар маҷлис ба бӯи зулфи ӯ оҳе задам,
Оташе афтод дар миҷмар, ки дуд аз уд хост.
Аз суруди дарди ман дар базми ӯ афтод шӯр,
Най зи дарди ман бинолиду фиғон аз руд хост.
Гарчи Ваҳшӣ хок шуд, биншаст ҳамчун гирдбод,
Аз замин дигар ба азми каъбаи мақсуд хост.

36
Лутфи пинҳонии ӯ дар ҳақи ман бисёр аст,
Гар ба зоҳир суханаш нест, сухан бисёр аст.
Фурсати дидани гул, оҳ, ки бисёр кам аст,
В-орзуи дили мурғони чаман бисёр аст.
Дили ман дар ҳаваси сарви суманрухсорест,
В-арна бар тарфи чаман сарву суман бисёр аст.
Ёр соқӣ шуду сад тавба ба як ҳилла шикаст,
Ҳиллаангезии он аҳдшикан бисёр аст.
Ваҳшӣ, аз ман маталаб сабр басе дар ғами дӯст,
Андаке гар бувадам сабр, зи ман бисёр аст.
37
Дар раҳи пурхатари ишқи бутон бими сар аст,
Барҳазар бош дар ин роҳ, ки сар дар хатар аст.
Пеш аз он рӯз, ки мирам ҷигарамро бишкоф,
То бубинӣ, ки чи хунҳо зи туам дар ҷигар аст.
Чӣ кунам бо дили худкоми балодӯст, ки ӯ,
Меравад бештар он ҷо, ки бало пайсипар аст.
Шамъ саргарм ба тоҷи сари хеш аст чаро?
Бо чунин зиндагие, к-аз сари шаб то саҳар аст.
Чанд гӯянд ба Ваҳшӣ, ки ниҳон кун ғами хеш,
Аз кӣ пӯшад ғами худ, чун ҳама касро хабар аст?
38
Бозам аз нав хами абрӯи касе дар назар аст,
Салх моҳи дигару ғурраи моҳи дигар аст.
Он ки дар боғи дилам реша фурӯ бурда зи нав,
Гарчи навхез ниҳолест, саропо самар аст.
Тӯтии мо, ки ба ғайр аз қафаси танг надид,
Ин замон болфишон бар сари тунги шакар аст.
Бишитобеду ба маҷруҳи куҳан мужда баред,
Ки табиб омаду дар чораи реши ҷигар аст.
Он ки бинад ҳама айбам, нарасидаст он ҷо,
Ки ҳунарҳо ҳама айбу ҳама айбе ҳунар аст.
Аз вафои писарон ишқи маро толеъ нест,
В-арна аз ман кӣ дар ин шаҳр вафодортар аст?
Ваҳшии оқибатандеш аз он сӯ наравӣ,
Ки аз он чашми пурошӯб раҳе пурхатар аст.

39
То мақсади ушшоқ раҳи дуру дароз аст,
Як манзил аз он бодияи ишқи маҷоз аст.
Дар ишқ агар бодияе чанд кунӣ тай,
Бинӣ, ки дар ин раҳ чӣ нишебу чӣ фароз аст.
Сад булаҷабе ҳаст ҳама лозимаи ишқ,
Аз ҷумла яке қиссаи Маҳмуду Аёз аст.
Ишқ аст, ки сар дар қадами ноз ниҳода,
Ҳусн аст, ки мегардаду ҷӯёи ниёз аст.
Ин зоғ аҷаб чист, ки кабки дарияшро,
Рангинии минқор зи хуни дили боз аст.
Ин муҳраи мумӣ, ки дили мост, чӣ тобад?
Бо барқи ҷунун, к-оташи ёқутгудоз аст.
Ваҳшӣ, ту бурун мондаӣ аз саъйи ками хеш,
Варна дари мақсуд ба рӯйи ҳама боз аст.
40.
Хуш аст базм, вале пур зи хоини роз аст,
Сухан ба рамз бигӯям, ки ғайр ғаммоз аст.
Кӣ бар хазонаи ин розҳои пинҳон зад?
Ки қуфл тофта афтодаасту дар боз аст.
Ба эътимоди кас, эй ғунча, рози дил макшой,
Ки булбули ту ба зоғу заған ҳамовоз аст.
На захми мост ҳамин аз камони душману бас,
Ки дӯст низ камонсозу новакандоз аст.
Замони қаҳқаҳаи кабк хуш дароз кашид,
Маҷоли гиряи хунину чангали боз аст.
Ҳазар зи ваҳшати ин остона кун, Ваҳшӣ,
Ғубори бол барафшон, ки вақти парвоз аст.
41
Итоб агарчи ҳамон дар мақоми хунрез аст,
Валек теғи тағофул, на он чунон тез аст.
Далерие, ки дилам карду мезанад дар сулҳ,
Ба эътимоди нигаҳҳои рағбатомез аст.
Маризи тифлмизоҷанд ошиқон, варна
Илоҷи ранҷи тағофул ду рӯз парҳез аст.
Шудем мот ба шатранҷи ғоибонаи ту,
Ба мо биханд, ки хушбозият ба ангез аст.

Кунанд силсила дар гарданаш ба зулфи ту ҳашр,
Дилам, ки бастаи он турраи диловез аст.
Ҷигар зад обила в-аз дида мечакад намакоб,
Ки бахти шӯр ба реши ҷигар намакрез аст.
Рақиб иззати худ, гӯ, мабар, ки бар дари ишқ,
Ҳарифи Кӯҳкане нест, он ки Парвез аст.
Ба завқи ҷустани Фарҳод меравад Гулгун,
Ту ин мабин, ки инон бар инон Шабдез аст.
Шудаст дидаи Ваҳшӣ шукуфадору ҳанӯз,
Дар интизори самар з-он ниҳоли навхез аст.
42.
Тарози сабза бар гулшани узор хуш аст,
Муъаян аст, ки гулшан ба навбаҳор хуш аст.
Чӣ хуш буд тарфи рӯйи ёр аз хати сабз,
Бале, чу сабза дамад, тарфи лолазор хуш аст.
Агарчи хуш набувад дар назар ғубор, вале
Гар аз хати ту бувад, дар назар ғубор хуш аст.
Ба бӯйи мушк ҷароҳат шавад фузуну маро,
Ҷароҳати дил аз он хатти мушкбор хуш аст.
Ба ёди сабза хате гашт сабза кун, Ваҳшӣ,
Ки сабза сар зада, атрофи ҷӯйбор хуш аст.
43
Хор мекун, зор мекуш, миннатат бар ҷони мост,
Хории зоҳир гувоҳи иззати пинҳони мост.
Чашми зоҳирбин бар озор аст, вой, ар бингарад,
Ин гулистонҳо, ки пинҳон зери хористони мост.
Тарки мо кардиву меҳру лутф байъат бо ту кард,
Нозу истиғно, вале ҳамаҳду ҳампаймони мост.
Бе ризои мост сӯят омадан, аз мо маранҷ,
Ин на ҷурми мо, гуноҳи пои нофармони мост.
Бар вуҷуди мо тилисме баста ҳирмони дарат,
К-он чи ғайр аз мост девору дари зиндони мост.
Талх доруест заҳри чашму тарки нӯшханд,
Лекин он дарде, ки мо дорем, ин дармони мост.
Ақлро бо ишқу ошиқро ба сомон душманист,
Бехирад, Ваҳшӣ, ки дар андешаи сомони мост.

44
Имрӯз ноз узри ҷафоҳои рафта хост,
Узре, ки ӯ нахост, табассум нуҳуфта хост.
Ман бандаи нигаҳ, ки ба сад шарҳу баст гуфт,
Ҳарфи инояте, ки табассум нагуфта хост.
Аз нӯки ғамза суфта шуду хуб суфта шуд,
Дурҳои роз ҳам, ки нигоҳаш насуфта хост.
Лутф омаду талофии садсола мекунад,
Хашм арчи кард, ҳар чи дар ин як-ду ҳафта хост.
Борад ба вақти худ ҳама борони илтифот,
Абри инояте, ки риёзе шукуфта хост.
Дилро навид, к-оташи хӯйи ту пок сӯхт,
Хору хасе, к-аш аз сари он кӯй рафта хост.
Шукри Худо, ки мурд ба бедории фироқ,
Ваҳшӣ, касе ки дидаи бахти ту хуфта хост.
45
Ёри мо бераҳм ёре будааст,
Ишқи ӯ бо саъб коре будааст.
Лутфи ӯ нисбат ба ман ин як-ду сол,
Гар шуморӣ як-ду боре будааст.
То ба ғоят мо ҳунар пиндоштем,
Ошиқӣ худ айбу оре будааст.
Лайливу Маҷнун ба ҳам мебудаанд,
Пеш аз ин хушрӯзгоре будааст.
Мешунидам ман, ки ин Ваҳшӣ касест,
Ӯ аҷаб беэътиборе будааст.
46
Абр асту эътидоли ҳавои хазонӣ аст,
Соқӣ, биё, ки вақти майи арғувонӣ аст.
Дар зери абр соғари хуршед шуд ниҳон,
Рӯзи қадаҳ кашидану айши ниҳонӣ аст.
Соқӣ, биёву ҷоми маи мушкбӯ биёр,
Ин дам, ки боди субҳ ба анбарфишонӣ аст.
Май ҳасту эътидоли ҳаво ҳасту сабза ҳаст,
Чизе, ки нест суҳбати ёрони ҷонӣ аст.
Ёре ба даст ор мувофиқ ту, Ваҳшиё,
К-он ёр боқӣ асту худ ин ҷумла фонӣ аст.

47
Дар дил ҳамон муҳаббати пешина боқӣ аст,
Он орзу, ки буд дар ин сина, боқӣ аст.
Боз ову ҳусн ҷилва деҳу арзи ноз кун,
К-он дил, ки буд соф чу оина, боқӣ аст.
Аз мо фурӯтанист, бикаш теғи интиқом,
Бар хотири шарифат, агар кина боқӣ аст.
Нақдинаи вафост ҳамон бар иёри хеш,
Қуфле, ки буд бар дари ганҷина боқӣ аст.
Ваҳшӣ, агар зи кисвати риндӣ дилат гирифт,
Зуҳду салоҳу хирқаи пашмина боқӣ аст.
48
Турки ман теғ ба каф, барзада доман бархост,
Ҷон фидояш, ки ба хун рехтани ман бархост.
Мекашиданд малоик ҳама чун сурма ба чашм,
Ҳар ғуборе, ки туро аз суми тавсан бархост.
Хирмани мушк чу бар даври маҳат зоҳир шуд,
Дуд аз ҷони мани сӯхтахирман бархост.
Ваҳшии сӯхтаро бистари санҷоб намуд,
Ҳар саҳаргаҳ, ки зи хокистари гулшан бархост.
49
Ба ҷавр тарки муҳаббат хилофи одати мост,
Вафо мусоҳиби деринаи муҳаббати мост.
Туву хилофи мурувват, Худо, нигаҳ дорад,
Ба мо ҷафои ту аз бахти бемурувват мост.
Басо гадо ба шаҳон нарди ишқ бохтаанд,
Ба мо маханд, ки ин расми бад, на бидъати мост.
Ба дигаре нагузорем, мурдаем магар?
Нишони тири тағофул шудан, ки хидмати мост.
Туӣ, ки иззати мо мебарӣ ба каммаҳалӣ,
Вагарна хории ишқат ҳалоки суҳбати мост.
Ба даъвӣ омада будем, чошнӣ кардем,
Камони ту на ба бозуи сабру тоқати мост.
Ҳазор банда чу Ваҳшӣ хариду кард озод,
Кунад музояқа дар як нигаҳ, ки қиммати мост.

50
Гирди он хона бигардам, ки дар ӯ хилвати туст,
Саги толеъ шавамаш кист, ки ҳамсуҳбати туст?
Чашми моро нарасад бештар аз бому даре,
Эй хушо, давлати ин дида, ки бар талъати туст.
Ваҳ, чӣ бом аст, ки ҷорӯбкашаш дидаи ман,
Ҷони ман бандаи он пой, ки дар хидмати туст.
Ҳама бар бодаи рашкест, ки дар ҷоми ман аст.
Қаҳқаҳи шиша, ки дар анҷумани ишрати туст.
Рухсати маҷлису бар васл тағофул, эй шӯх,
Инзиёд аз туву аз ҳавсалаи тоқати туст.
Ҳаҷр бигзиданат аз васл, дило, вазъи ту нест,
Ихтироест, ки худ кардаву ин бидъати туст.
Ваҳшӣ, аз туст, ки мо низ ба беруни дарем,
Монеъе нест, агар ҳаст, ҳамин даҳшати туст.
51
Баҳри дилам, ки дардкашу доғдори туст,
Доруи сабр бояду он дар диёри туст.
Як бор номи ман ба ғалат бар забон наронд,
Моро шикоят аз қалами мушкбори туст.
Бар поракоғазе ду-се мадде тавон кашид,
Дашному ҳар чи ҳаст ғараз ёдгори туст.
Ту бевафо чӣ боз фаромушпешаӣ,
Бечора он асир, ки уммедвори туст.
Ҳам ин паёми васл, ки инак равона аст,
Ҷонам ба лаб расида, ки дар интизори туст.
Маҷнун ҳазор нома зи Лайлӣ зиёда дошт,
Ваҳшӣ, ки ҳамчу ёри фаромӯшкори туст.
52
Видои ҷону танам истимоъи рафтани туст,
Марав, ки гар биравӣ, хуни ман ба гардани туст.
Замона доманат аз дасти мо бурун макунод,
Худойро, наравӣ, дасти мову домани туст.
Ба кишваре, ки кас аз дӯстӣ нишон надиҳад,
Марав, марав, ки на ҷои ту, ҷои душмани туст.
Нишину бол барафшон, ки ҳар куҷо мурғест,
Ватан гузошта, дар орзуи гулшани туст.

Дар оташе зи фироқаш фитодаӣ, Вахшӣ,
Ки ҳар забонаи он барқи сад чу хирмани туст.
53
Бигзашт даври Юсуфу даврони ҳусни туст,
Ҳар Мисри дил, ки ҳаст ба фармони ҳусни туст.
Бисёр сар ба кунгураи ишқ бастаанд,
Он ҷо, ки тоқбандии айвони ҳусни туст.
Фармони ноз деҳ, ки дар ақсои мулки ишқ,
Парвонае, ки ҳаст, зи девони ҳусни туст.
Занҷири ғам ба гардани ҷон мениҳад ҳанӯз,
Он мӯйҳо, ки силсилаҷунбони ҳусни туст.
Обаш ҳанӯз мерасад аз рашҳаи ҷигар,
Он сабзаҳо, ки зиннати бӯстони ҳусни туст.
Донам, ки то ба домани охирзамон кашад,
Дасти ниёзи ман, ки ба домони ҳусни туст.
Тақсир дар карашмаи Ваҳшинавоз нест,
Ҳарчанд дунмартабаи шони ҳусни туст.
54
Абрӯи ту ҷунбиду хаданге зи камон ҷаст,
Бар сина чунон хӯрд, ки аз ҷавшани ҷон ҷаст.
Ин чашм чӣ буд, оҳ, ки ногоҳ кушудӣ,
Ин фитна дигар чист, ки аз хоби гарон ҷаст?
Ман будаму дил буду канорею фароғе,
Ин ишқ куҷо буд, ки ногаҳ ба миён ҷаст?
Дар ҷиргаҳи ӯ гардани ҷон баст ба фитрок,
Ҳар сайд, ки аз қайди каманди дигарон ҷаст.
Гардан бинеҳ, эй бастаи занҷири муҳаббат,
К-аз заҳмати ин банд ба кӯшиш натавон ҷаст.
Гуфтам, ки магар поси тафи сина тавон дошт,
Ҳарфе ба забон омаду оташ зи даҳон ҷаст.
Ваҳшӣ, майи Мансур ба ҷом аст махӯр, ҳон,
Ногоҳ шудӣ бехуду ҳарфе зи забон ҷаст.
55
Бигзарон дониста аз мо гар адое сар задаст,
Буда нодониста гар аз мо хатое сар задаст.
Охир, эй соҳибматои ҳусн, ин дашном чист?
Дар сари дарюза, гар аз мо дуое сар задаст.

Аллаҳ-Аллаҳ маҳрами рози ту созам ҳарфу савт,
Ин забону теғ, агар ҳарфе зи ҷое сар задаст.
Илтифоти абри раҳмат нест, варна бар дарат,
Тухми меҳре киштаму шохи вафое сар задаст.
Абри раҳмат, гар наборад, гӯ, самумаш худ масӯз,
Баъд сад хуни ҷигар к-ин ҷо гиёе сар задаст.
Ҳаст Ваҳшӣ булбули ин боғу маст аз бӯи гул,
Аз сари мастист, гар аз вай навое сар задаст.
56
Аз назар афтодаи ёрем, муддатҳо шудаст,
Захмҳои теғи истиғно ҷароҳатҳо шудаст.
Пеш аз ин бо мо диле з-оина будаш софтар,
Оҳе аз мо сар задасту ин кудуратҳо шудаст.
Чашми ман густохбин, он хӯйнозук зудранҷ,
То нигоҳам он тараф афтода, суҳбатҳо шудаст.
Бар сари ин кин ҳама хорӣ чаро бояд кашид?
Бо дили бедарди худ моро хусуматҳо шудаст.
З-ин тараф, Ваҳшӣ, яке сад гашта пайванди умед,
Гарчи з-он ҷониб ба куллӣ қатъи нисбатҳо шудаст.
57
Ҳанӯз ошиқиву дилрабоӣ нашудааст,
Ҳанӯз зӯриву зӯрозмоӣ нашудааст.
Ҳанӯз нест мушаххас, ки дил чӣ пеша гирифт?
Ҳанӯз мабҳаси қайду раҳоӣ нашудааст.
Дил истода ба дарюзаи карашма, вале
Ҳанӯз фурсати арзу гадоӣ нашудааст.
Зи ихтилоти ту имрӯз ёфтам сад чиз,
Аҷаб, ки доияи бевафоӣ нашудааст.
Ҳамин тавозуи ом аст, ҳуснро бо ишқ,
Миёни нозу ниёз ошноӣ нашудааст.
Нигаҳ захираи дидор, гӯ, бинеҳ имрӯз,
Ки ҳаст фурсату тарҳи ҷудоӣ нашудааст.
Ҳанӯз аввали ишқ аст, сабр кун, Ваҳшӣ,
Маҷоли рашку ғайратфизоӣ нашудааст.
58
Бозам забони шукр ба ҷунбиш даромадаст,
Найшаккари умед зи богам баромадаст.

Он давлате, ки металабидем дар ба дар,
Пурсида роҳи хонаву худ бар дар омадаст.
Эй сина, зангбаста диле доштӣ, куҷост?
Оинаат биёр, ки равшангар омадаст.
То бомдод кӯси башорат задем дӯш,
Ғамро аз ин шикаст, ки бар лашкар омадаст.
Аз ман диҳед мужда ба мурғи шакарпараст,
К-инак зи роҳи қофилаи шаккар омадаст.
Ваҳшӣ, ту ҳаргиз ин ҳама шодӣ надоштӣ,
Гӯё дурӯғҳои манат бовар омадаст.
59
Хуш сайди ғофиле ба сари тир омадаст,
Заҳ кун камони ноз, ки нахчир омадаст.
Рӯзе ба кор теғи ту ояд, нигоҳ дор,
Ин гардане, ки дар хами занҷир омадаст.
Ку ишқ? То шаванд ҳама муътариф ба аҷз,
Аввал хирад, ки аз паи тадбир омадаст.
Ишқе, ки мо дуасба аз ӯ гурехтем,
Инаст к-омадасту инонгир омадаст.
Мулки дили маро, ки саворе бас аст, ишқ
Бо як ҷаҳон сипоҳ ба тасхир омадаст.
Дар хора кандаанд ҳарифон ба ҳукми ишқ,
Ҷӯе, ки чанд фарсах аз он шир омадаст.
Белутфие ба ҳоли ту дидам, ки сӯхтам,
Ваҳшӣ, бигӯ, ки аз ту чӣ тақсир омадаст?
60
Нотавон мӯре ба побӯси Сулаймон омадаст,
Заррае дар сояи хуршеди тобон омадаст.
Қатраи ночиз к-ӯро бурд абри тафриқа,
Рафта аз Уммону дигар сӯи Уммон омадаст.
Санги ноқис карда худро мустаиди тарбият,
То кунад касби камоле ҷониби кон омадаст.
Безабон мурғе, ки дар кунҷи қафас дам баста буд,
Сад забон гардидаву сӯи гулистон омадаст.
Ташнаи дидор к-аз вай то аҷал як гом буд,
Инак, инак бар канори Оби Ҳайвон омадаст.

То ба кай ин рамзу имо, ин муаммо то ба чанд,
Чанд дарди сар диҳам, к-ин омадаст, он омадаст.
Мухтасар кардам сухан, Ваҳшист, к-аз сар карда по,
Баҳри побӯси сагони Мири Мирон омадаст.

61

Аз ту ҳамин тавозӯи оме маро бас аст,
Дар ҳафтае ҷавоби саломе маро бас аст.
Не садри васл хоҳаму не пешгоҳи қурб,
Ҳамроҳии ту як-ду-се гоме маро бас аст.
Беҳуда гирди арсаи ҷавлонгаҳи туам,
Гоҳе карашмаеву хироме маро бас аст.
Хумхонае наметалабам аз шароби васл,
Як қатра бозмондаи ҷоме маро бас аст.
Ваҳшӣ, магӯ, бигӯ саги ку, балки хоки роҳ,
Яъне зи ту навозиши моме маро бас аст.

62

Он ки бе мо дид базми айшу дар ишрат нишаст,
Гӯ муҳайё шав, ки мебояд ба сад ҳайрат нишаст.
Омадам то рӯбаму дар чашм навмеди занам,
Гарди ҳирмоне, ки бар рӯям дар ин муддат нишаст.
Базми моро баҳри чашм бад сипанде лозим аст,
Ғайрро мебояд андар оташи ғайрат нишаст.
Маснади хорӣ биёроед пеши тахти ноз,
З-он ки хоҳем омаду дигар ба сад иззат нишаст.
Ваҳшӣ омад бар дари радду қабулат ҳукм чист?
Рафт агар набвад иҷозат, в-ар бувад рухсат нишаст.

63

Худ ранҷаму худ сулҳ кунам, одатам ин аст,
Як рӯз таҳаммул кунаму тоқатам ин аст.
Бар ханҷари алмос ниҳодам ба ту паҳлу,
Осудадило, бин, ки зи ту роҳатам ин аст.
Ҷое, ки бувад хок ба сад иззату сурма
Беқадртар аз хоки раҳам, иззатам ин аст.
Бо хоки ман омехта хунобаи ҳасрат,
З-ин об сириштанд маро, тинатам ин аст.
Майлам ҳама ҷоест, ки хӯи ҳама он ҷост,
Бо хислати зотӣ чӣ кунам, фитратам ин аст.

Вахшӣ, наравад аз дари ҷонон ба сад озор
Дар асл чунин омадаам, хислатам ин аст.
64
Он кас, ки маро аз назар андохта ин аст,
Ин аст, ки помоли ғамам, сохта ин аст.
Шӯхе, ки бурун омада шаб масту сарандоз,
Теғам задаву куштаву нашнохта ин аст.
Турке, ки аз ӯ хонаи ман рафта ба тороҷ,
Ин аст, ки аз хона бурун тохта ин аст.
Моҳе, ки бувад подшаҳи хайли накӯён,
Ин аст, ки аз ноз қад афрохта ин аст.
Вахшӣ, ки ба шатранҷи ғаму нарди муҳаббат,
Якбора матои дилу дин бохта ин аст.
65
Эй муддаӣ, аз таъни ту моро чӣ малол аст?
Бориду қабули ту чӣ нуқсу чӣ камол аст?
Гирям, ки ҷаҳон оташи сӯзанда бигирад,
Бе об шавад ҷавҳару ёқут муҳол аст.
Ин ҷо сари бозорчаи лаълфурӯшист,
Макшо сари сандуқ, ки пурсангу сафол аст.
Моро ба ҳумо даъвии парвози баланд аст,
Боре ту чӣ мурғеву кадомат пару бол аст?
Бо булбули хушлаҳҷаи ин боғ чӣ лофед?
Савсан ба забоноварии хеш, ки лол аст.
Хуш бош, агар ҳаст касеро сари пайкор,
Н-овард гаҳи мо, сари майдони хаёл аст.
Хомӯш нишин, Вахшӣ, агар соҳиби ҳолӣ,
К-инҳо, ки ту гуфтиву шунидӣ ҳама қол аст.
66
Машварат бо ғамза чашматро паи тасхири кист?
Боз ин тадбир бахри ҷони бетадбири кист?
Дасти ёре, к-остин молида ҷайби мо гирифт,
Ҷайби мо бигзошт, то дигар гиребонгири кист?
Эй хаданги ғамза, зоеъ кун ба мо ҳам новаке,
То бидонад ҷони мо омоҷгоҳи тири кист?
Ин ғурури ноз ёд аз бандаи нав медиҳад,
Ҳуснро дар дасти истиғно сари занҷири кист?

Бандае чун ман, ки хоҳад аз ту қиммат як нигоҳ,
Оварад, гар дигаре дар байъаш аз тақсири кист?
Ном гӯ мавқуф кун, Ваҳшӣ, ки ин тӯмори шавқ,
Ҳаст гӯё, к-аз забони аҷз бе таъсири кист?
67
Ё Раб, маҳи мусофири ман ҳамзабони кист?
Бо ӯ кӣ шуд ҳарифу кунун ҳаминони кист?
Моҳе, ки чарх сохт ба дастон зи ман ҷудо,
То бо кӣ дӯст гаштаву ҳамдостони кист?
То ҳамчу моҳ хайма ба сарманзили кӣ зад?
В-аз меҳр бо кӣ дам занаду меҳрубони кист?
Он маҳ, к-аз ӯ расид фиғонам ба гӯши чарх,
Ё Раб, ниҳода гӯш ба сӯи даҳони кист?
Ваҳшӣ, ҳамин на ҷони ту фарсуда шуд зи ғам,
Он-к аз ғами фироқ нафарсуд ҷони кист?
68
Баста бар фитроку мепурсад, ки сайёди ту кист?
Теғи хунолуди худ дорад, ки ҷаллоди ту кист?
Сохтӣ корам ба як пурсиш, ки дар корат кӣ бурд?
Сахт пуркорӣ, намедонам, ки устоди ту кист?
Лаб кунӣ Ширину пурсӣ: -Кист, чун бинӣ маро,
Бандаам, яъне намедонӣ, ки Фарҳоди ту кист?
Гар Аёзибиллаҳ аз розе, ки мепӯшам зи ту,
Барфитад ин буда рӯзе, марди бедоди ту кист?
Гар хурӯшон нестӣ, Ваҳшӣ, зи дарди бекасӣ,
Чист ин фарёду дар кунҷи ғамободи ту кист?
69
Эй дида, даштбон нигоҳат ба роҳи кист?
Дар хотират саворни тарзи нигоҳи кист?
Хуш пурфараҳ заминию хуррам гузаргаҳест,
Он ҷо, ки ҷилва мекунаду ҷилвагоҳи кист?
Сар кард нозу фитнаву олам фурӯ гирифт,
Шоҳи кадом арса гузашт, ин сипоҳи кист?
Хуш кишваре, ки ӯ аламу дод мезанад,
Эй ман гадои кишвари ӯ подшоҳи кист?
Ваҳшӣ, нуҳуфта нест, ки он гармрав кӣ буд,
Ин оташи нуҳуфта, ки зад шӯъла, оҳи кист?

70
То қисматам зи майкадаи орзуйи кист?
Ратли майе, ки маст шавам, дар сабӯйи кист?
Теғе, ки захми ноз ба қадри ҷигар хӯрам,
То дар миёни ғамзаи бедодҷӯйи кист?
Бехе, ки бардамад гули айшам зи шохи ӯ,
Аз гулшане, ки раставу обаш зи ҷӯйи кист?
Доғе, ки равғанам бичаконад зи устухон,
Бо оташи забонакашии шамъи рӯйи кист?
Пои талаб, ки дар раҳаш алмосгард шуд,
Тақдири суданаш ба такупӯю кӯйи кист?
Дилро каманди шавқи кӣ хоҳад гулӯ фишурд,
Он печутоби таъбия дар тори мӯйи кист?
Ваҳшӣ, илоҷи ин дилу табъи фусурдаҳол,
Шуғли мизоҷи гарми киву кори хӯйи кист?
71
Маризи ишқ агар сад бувад илоҷ якест,
Мариз якеву табиат яке, мизоҷ якест.
Тамом дар талабиваслу васл металабам,
Агар якему агар сад, ки эҳтиёҷ якест.
Агарчи монда асир аст ҳамчунон хуш бош,
Ки мунтаҳои раҳи корвони ҳоҷ якест.
Фиреби тоҷи мурассаъ мадеҳ ба сарбозон,
Ки тарки сар ба ин ҷамъу нанги тоҷ якест.
Ҳамин мунодии ишқ аст дар даруни хароб,
Ки он ки медиҳад ин мулкро ривоҷ якест.
Чӣ ҷои заҳмату роҳат, ки пеши пои талаб,
Ҳарири настарану наштари зуҷоҷ якест.
Ба ҷуз фасод маҷӯ, Ваҳшӣ, аз табиати даҳр,
Ки вазъи унсуру таълифи имтизоҷ якест.
72
Эй ҳамнафасон, будану осудани мо чист?
Ёрон ҳама карданд сафар, будани мо чист?
Биштоб, рафиқо, ки азизон ҳама рафтанд,
Сокин шудану роҳ напаймудани мо чист?
Эй чарх, ҳамон гир, ки аз ҷаври ту мурдем,
Ҳар дам аламе бар алам афзудани мо чист?

Гар захми ғаме бар ҷигари реш надорем,
Рухсора ба хуни ҷигар олудани мо чист?
Вахшӣ, чу тағофулзада аз мо гузарад ёр,
Афтодану бар хок ҷабин судани мо чист?
73
Ҳамдаме бо ғайру аз ман эҳтироз аз баҳри чист?
Худ чӣ кардам бо ту чандин хашму ноз аз баҳри чист?
Боз бо ман ҳар замонаш хашму нози дигар аст,
Хашму нози ӯ намедонам, ки боз аз баҳри чист?
Аз ниёзи ошиқон чун бениёз аст, ин ҳама,
Ошиқонро ин ҳама аҷзу ниёз аз баҳри чист?
Маҷлисе хоҳам, ки пешат гиряму сӯзам чу шамъ,
Бар забон орам, ки ин сӯзу гудоз аз баҳри чист?
Гӯш бар афсонаи мо чун нахоҳад кард ёр,
Вахшӣ, ин афсонаи дуру дароз аз баҳри чист?
74
Ку чунон ёре, ки донад қадри аҳли дард чист?
Чист ишқу кист марди ишқу дарди мард чист?
Гулшани ҳуснӣ, вале бар оҳи сарди мо маханд,
Оҳ, агар ёбӣ, ки таъсири ҳавои сард чист?
Эй, ки мегӯӣ, надорӣ шоҳиде бар дарди ишқ,
Ҷони ғампарварду оҳи сарду рӯи зард чист?
Он ки мепурсад нишони роҳату лаззат зи мо,
Кош пурсад, аввал ин маънӣ, ки хобу х(в)ард чист?
Гарна ошиқ сабр медорад ба танҳоӣ зи дӯст,
Он чӣ мегӯянд аз Маҷнуни танҳогард чист?
Вахшӣ, аз пай гар набудӣ он савори тундро,
Мерасӣ боз аз куҷо в-ин чеҳраи пургард чист?
75
Қадри аҳли дард соҳибдард медонад, ки чист?
Марди соҳибдард, дарди мард медонад, ки чист?
Ҳар замон дар маҷмаъе гардӣ, чӣ донӣ ҳоли мо,
Ҳоли танҳогард, танҳогард медонад, ки чист?
Ранҷи онҳое, ки тухми орзуе киштаанд,
Он ки нахли ҳасрате парвард медонад, ки чист?
Оташи сарде, ки бугдозад даруни сангро,
Ҳар киро будаст оҳи сард, медонад, ки чист?

Бозии ишқ аст, к-ин ҷо оқилон дар шашдаранд,
Ақл кай мансубаи ин нард медонад, ки чист?
Қатрае аз бодаи ишқ аст сад дарёи захр,
Ҳар кӣ як паймона з-ин май х(в)ард, медонад, ки чист?
Ваҳшӣ, он касро, ки хуне чанд рафт аз роҳи чашм,
Иллати осори рӯи зард медонад, ки чист?
76
Боз ин итобу шеваи ошиқгудоз чист?
Бар абрӯ ин ҳама гираҳи нимабоз чист?
Заҳрам диҳанд, ё шакар он чашму лаб, бигӯ,
Амри карашмаи туву фармони ноз чист?
Мо худ бисӯхтем дар аввал нигоҳи гарм,
Ин шуълаи тағофули тоқатгудоз чист?
Аз мо агар канора кунӣ ҳоиле бикун,
Аммо нигоҳро зи нигор эҳтироз чист?
Як захм давр бош чу кӯтаҳназар нахӯрд,
Пас муддао аз ин мижаҳои дароз чист?
Ин лутфҳо, ки сарфи дигарҳост, ку яке?
То бингарад, ки аҷз кадому ниёз чист?
Ваҳшӣ, ҳамеша рози ту фош аз забони туст,
Боз ин сухангузориву ифшои роз чист?
77
Захр дар чашму чин бар абрӯ чист?
Боз фармони тундии хӯ чист?
Ғайр аз ин, к-омадему хор шудем,
Гунаҳи мо дар ин сари кӯ чист?
Чун ба мо з-ин батар шавӣ, ки шудӣ,
Ғарази мардуми ғаразгӯ чист?
Гули ту хорҳои худрӯест,
Бори ту, эй ниҳоли худрӯ, чист?
Аз дурӯ буд ин кашиш зи нахуст,
Ин замон ҷурмҳои яксӯ чист?
Ҳусну ишқанд аз ду сӯ даркор,
Ҷурми чашми ману лаби ӯ чист?
Сабри Ваҳшӣ ба ғамза месанҷад,
Тир дар ҷони ман тарозу чист?

78
Хандаат бар мову бар доғи дили дармонда чист?
Гиряаат бар ҳоли мо гар нест, боре ханда чист?
Аз қадаҳ нӯшидани пинҳонияш бо дигарон,
Гар намедонад, ки огоҳам, чунин шарманда чист?
Аз накӯхоҳист бо ӯ панди меҳромези ман,
Варна аз ин гуфтугӯ суду зиёни банда чист?
Муҳтасиб дар ҷустани май пардаи мо медарад,
Муддаояш дигар аз ин ҷустуҷӯйи ганда чист?
Соли нав омад, ғами беҳуда хӯрдан хуб нест,
Май бихӯр, Ваҳшӣ, Худо донад, ки дар оянда чист?
79
Маст омадӣ, ки мӯҷиби чандин малол чист?
Ҳушёр чун шавӣ ба ту гӯям, ки ҳол чист?
Ман ҳарфи май кашидани ағёр мезанам,
Он масти нозро арақи инфиол чист?
Ханҷар кашӣ, ки мо зи ту қатъи назар кунем,
Кай мебарем аз ту, туро дар хаёл чист?
Аз дашти ҳаҷр мерасам, огоҳиям диҳед,
Вазъи нишасту хост ба базми висол чист?
Ваҳшӣ, мапурс масъалаи ошиқӣ зи ман,
Муфтӣ манам ба дини муҳаббат, савол чист?
80
Васлам муяссар асту вале бар мурод нест,
Бар дил ниҳам чӣ туҳмати шодӣ, ки шод нест.
Ғам мефурӯхт, лек ба андоза мефирист,
Як дил даруни синаи мо худ зиёд нест.
Ҷое ҳанӯз нест, ба завқи диёри ишқ,
Ҳарчанд зулм ҳасту ситам ҳасту дод нест.
Эй бевафо, бирав, ки ба ин аҳдҳои суст,
Не андак эътимод, ки ҳеч эътимод нест.
Рав, рав, ки Ваҳшӣ он чӣ кашид аз ту сустаҳд,
Моро ба хотир аст, туро гар ба ёд нест.
81
Сӯзи табиъ фироқи ту дармонпазир нест,
То зиндаам чу шамъ аз инам гузир нест.

Ҳар дардро, ки менигарӣ, ҳаст чорае,
Дарди муҳаббат аст, ки дармонпазир нест.
Ҳеч аз дили рамидаи мо кас нишон надод,
Пайдо нашуд, аҷаб, ки ба доме асир нест.
Бар ман камон макаш, ки аз он ғамзаам ҳалок,
Бозу масоз ранҷа, ки ҳоҷат ба тир нест.
Рафтиву аз фироқи ту аз по даромадам,
Боз о, ки ҷуз ту ҳеч касам дастгир нест.
Саҳл аст, агар гаҳе гузарад дар замири ту,
Ваҳшӣ, ки ҷуз ту ҳеч касаш дар замир нест.
82
Кас ба базми дилбарон аз даври гардон пеш нест,
Қурби наздикони маҷлис ҳарфу савте беш нест.
Дар салоти ошиқон дуриву танҳоист рукн,
Гӯ, қазо кун тоъати худ, ҳар кӣ инаш кеш нест.
Мо накӯ донем таври ҳусни дурафтода дӯст,
Қурби арзоне ба муштоқе, ки дурандеш нест.
Пурҳазар хонанд наздикон, валекин лутфи шоҳ,
Мунтазир ҷуз бар раҳи дарюзаи дарвеш нест.
Ангубин заҳри ҳалоки туст бо дурӣ бисоз,
Эй магас, марги ту дар нӯш аст, андар неш нест.
Дилбарон, Ваҳшӣ, ҳакимонанд, зоеъ кай кунанд?
Марҳами худро бар он дил к-аз муҳаббат реш нест.
83
Дилтангаму бо ҳеч касам майли сухан нест,
Кас дар ҳама офоқ ба дилтангии ман нест.
Гулгашти чаман бо дили осуда тавон кард,
Озурдадилонро сари гулгашти чаман нест.
Аз оташи савдои туву хори ҷафоят,
Он кист, ки бо доғи наву реши куҳан нест?
Бисёр ситамгору басе аҳдшикан ҳаст,
Аммо ба ситамгории он аҳдшикан нест.
Дар ҳашр чу бинанд бидонанд, ки Ваҳшист,
Онро, ки тани ғарқа ба хун ҳасту кафан нест.
84
Вақти бурқаъ зи рух кашидан нест,
Рух бипӯшон, ки тоби дидан нест.

Бар мани хаста бину тунд марон,
Ки маро қуввати давидан нест.
Бо кӣ гӯям ғамат, ки дар маҷлис,
Заҳраи гуфтану шунидан нест.
Ман худ аз ҳайрати ту хомӯшам,
Ҳоҷати манъу лаб газидан нест.
Мерамад Ваҳшӣ он ғизол аз ман,
Ҳаргизаш майли орамидан нест.
85
Ҷуз ғайр касе ҳамраҳи он арбадаҷӯ нест,
Бад меравад ин роҳу равиш ҳеҷ накӯ нест.
Дурӣ нагузинад, зи рақибон сари мӯе,
Бо мо кашиши хотири ӯ як сари мӯ нест.
Пеши ту сабаб чист, ки мо кам зи рақибем,
Оини вафодории мо худ кам аз ӯ нест.
Гӯйӣ сухан аз меҳр ба ҳар бераҳу рӯе,
Ҳеҷат зи ҳамовозии ин тоифа рӯ нест.
З-ин дар биравад, гар ғаразат рафтани Ваҳшист,
Ҳоҷат ба тағофул задану тундии хӯ нест.
86
Як илтифот зи фармондеҳони нозам нест,
Зи даври рухсати як саҷдаи ниёзам нест.
Манеҳ ба гӯшаи тоқи баланди истиғно,
Калиди васл, ки дасте чунин дарозам нест.
Хилофи одати парвона хоҳад аз ману шамъ,
В-агарна з-оташи сӯзанда эҳтирозам нест.
Маро ба кунгураи васли ӯ сало мазанед,
Ки он парӣ, ки шумо дидаед, бозам нест.
Ҳадиси тарки вафо, гӯ, забон ба сарфа бигӯ,
Ки эътимод ба ин сабри ҳилласозам нест.
Салоҳи кор дар инкори ишқ бинам, лек,
Таҳаммуле, ки бувад пардапӯши розам нест.
87
Чи лутфҳо, ки дар ин шеваи ниҳонӣ нест,
Инояте, ки ту дорӣ, ба ман баёнӣ нест.
Карашма гарми савол аст, лаб макун ранҷа,
Ки эҳтиёҷ ба пурсидани забонӣ нест.

Рамузи кашфу каромоти соликони тариқ,
Варои рамзшиносиву нуктадонӣ нест.
Ба ҳар кӣ хоҳӣ нишин, гарчи ин на шеваи туст,
Ки аз ту дар дили мо роҳи бадгумонӣ нест.
Маро зи кеши муҳаббат ҳамин писанд афтод,
Ки гарчи ҳаст сад озори саргаронӣ нест.
Ту хуни мурдаи Ваҳшӣ чаро намерезӣ?
Бирез, то биравад, оби зиндагонӣ нест.
88
Тоири бӯстонпарастам, лекинам пар боз нест,
Гулшанам наздик, аммо рухсати парвоз нест.
Дар қафас гар монда булбул боғи айшат тоза бод,
Равнақи гулзор аз мурғи навопардоз нест.
Даҳшатам дар санглохи ҳаҷр фармояд диранг,
Варна шавқам ҷуз ба роҳи васл тавсантоз нест.
Саъваи камзаҳраам ман в-ин далерӣ аз куҷо,
Рухсати парвозам андар сайдгоҳи боз нест.
Мири маҷлисро чӣ бикшояд зи ман ҷуз дарди сар?
З-он ки чанги ман ба қонуни ҳарифон соз нест.
Он ки ман-ман шиша дорад бор, суд он гаҳ кунад,
Гӯ, бисоти худ ниҳад ҷое, ки сангандоз нест.
Дар баёни ҳоли худ, Ваҳшӣ, сухан сарбаста гуфт,
Нуктадон донад, ки ҳар кас маҳрами ин роз нест.
89
То ба охирнафасам тарки ту дар хотир нест,
Ишқ худ нест, агар то нафаси охир нест.
Асари шеваи манзур кунад, ҳар чӣ кунад,
Майли ин фитна нахуст аз тарафи нозир нест.
Айби Маҷнун макун, эй мункири Лайлӣ, ки зи дур,
Ҳолате ҳаст, ки он бар ҳама кас зоҳир нест.
Дида густохнигоҳ аст, бар он масти ғурур,
Дар камингоҳи назар ғамза магар ҳозир нест?
Ҳама ҷо ҷилваи ҳусни туву муштоқи висол,
Ҳама тан дидаву бар нимназар қодир нест.
Ваҳшӣ, он чашм, к-аз ӯ нест туро пои гурез,
Баст чун пои ту бе силсила, гар соҳир нест.

90
Ошиқи якрангро ёри вафодор ҳаст,
Бандаи шоиста нест, варна харидор ҳаст.
Мерасадат, эй писар, бар ҳама кас ноз кун,
Ҳусну ҷамоли туро нози ту даркор ҳаст.
Гарчи лабат медиҳад, муждаи ҳалвои субҳ,
Монда ҳамон заҳрчашм, талхии гуфтор ҳаст.
Лозимаи ошиқист рафтану дидан зи дур,
Варна зи наздик ҳама рухсати дидор ҳаст.
Ваҳшӣ, агар раҳм нест, дар дили ӯ, гӯ, мабош,
Шукр, ки ҷони туро тоқати озор ҳаст.
91
Пур гашт дил аз рози ниҳоне, ки маро ҳаст,
Номаҳрами роз аст, забоне, ки маро ҳаст.
Бо кас натавон гуфтану пинҳон натавон дошт,
Аз дард ҳамин аст, фиғоне, ки маро ҳаст.
Эй дил, сипаре соз зи пӯлоди сабурӣ,
Бо арабадаи сахт гумоне, ки маро ҳаст.
Машҳури ҷаҳон сохт бар овози азизаш,
Дар кӯйи ту расвои ҷаҳоне, ки маро ҳаст.
Бодест, ки бо бӯйи ту як бор наёмехт,
Ин маҳрами пайғомрасоне, ки маро ҳаст.
Маҳрумкуни гарданам аз тавқи дигарҳост,
Аз доғи вафои ту нишоне, ки маро ҳаст.
Як хандаи расмӣ зи ту нанҳода захира,
Ин чашми ба ҳасрат нигароне, ки маро ҳаст.
Зоил накунад чини ҷабину нигаҳи чашм,
Бар лутфи ниҳони ту гумоне, ки маро ҳаст.
Ваҳшӣ, ту бидеҳ ҷон, ки наояд ба аёдат,
Ин ёри хуши қоидадоне, ки маро ҳаст.
92
Менамояд чанд рӯзе шуд, ки озорет ҳаст,
Ғолибан, дил дар кафи чун худ ситамкорет ҳаст.
Чунӣ, аз шохи гулат рангеву бӯе мерасад,
Ё ба ин хуш мекунӣ хотир, ки гулзорет ҳаст.
Дар гулистоне чу шохи гул намеҷунбӣ зи ҷо,
Метавон донист, к-андар пои дил хорет ҳаст.

Ишқбозон роздорони ҳаманд, аз ман мапӯш,
Ҳамчу ман беиззате, ё қадру миқдорет ҳаст.
Дар тилисми дӯстӣ, к-андар туаш таъсир нест,
Нусхаҳо дорам, ишорат кун, агар корет ҳаст.
Чораи худ кун, агар бечорасӯзе ҳамчу туст,
Вой бар ҷони ту, гар монанди ту ёрет ҳаст.
Бори ҳирмон барнатобад хотири нозукдилон,
Умри ман бар ҷони Ваҳшӣ неҳ, агар борет ҳаст.
93
Бар даре з-омадшуди бисёр озорем ҳаст,
Гар Худо сабре диҳад андешаи корем ҳаст.
Сабр дар мебандад, аммо нестам, эман зи шавқ,
Хонаи пуррахнаи кӯтоҳдеворем ҳаст.
Гар шавад ночору дандон бар ҷигар бояд ниҳод,
Чораи худ кардаам, ҷони ҷигархорем ҳаст.
Кай гурезам аз дарат, аммо зи ман ғофил мабош,
Гар туам хоҳӣ, ки бифрӯшӣ, харидорем ҳаст.
Гарчи н-ояд бандае чун ман ба кори кас, вале
Нақши деворам, валекин пои рафторем ҳаст.
Ҷуз дари давлатсарои васли ту ҳар ҷо равам,
Дар ҳисобе ҳастаму қадреву миқдорем ҳаст.
Ҳурмати ман гар надорӣ, ҳурмати ишқам бидор,
Худ агар ҳеҷам, дилу табъи вафодорем ҳаст.
Кӯрии чашми рақибон, з-он гулистони умед,
Нест гар домони пургул, чашми пурхорем ҳаст.
Ваҳшӣ, изҳори вафо кардаст, хуни ӯ марез,
В-ар мадад хоҳӣ ба хун, дастошно ёрем ҳаст.
94
Қуръаи давлат задам ёриву иқбол ҳаст,
Хубиву фархундагӣ, ҷумла дар ин фол ҳаст.
Ҳоли накӯ бигзарад, бахт мададҳо кунад,
Толеъи худ дидаам, шоҳиди ин ҳол ҳаст.
Дод мунаҷҷим навид, гуфт, ки : -Бо ахтарат
Зиллати порина рафт, иззати имсол ҳаст.
Дод маризи маро муждаи сиҳҳат табиб,
Гарчи ҳанӯз андаке музтарибаҳвол ҳаст.

Тоири иқболи ман, шашпари давлат дамонд,
Рухсати парвоз нест, варна пару бол ҳаст.
Бахт зи дунболи чашм, ашки маро пок кард,
Мужда, ки ин гиряро, ханда зи дунбол ҳаст.
Ваҳшию ақсои дайр, к-аз тарафи майкада,
Дарди сари қол нест, сархушии ҳол ҳаст.
95
Метавонам буд бе ту, тоби танҳоем ҳаст,
Имтиҳони сабри худ кардам, шикебоем ҳаст.
Ҳифзи номуси ту манзур аст, медонӣ ту ҳам,
Варна сад тақриб хуб аз баҳри расвоем ҳаст.
Сӯи ту гӯям нахоҳад омад, аммо мешунав,
Истода бар дари дил сад тақозоем ҳаст.
Не, ҳамин доди тағофул медиҳад худрои ман,
Андаке ҳам дар мақоми рашкфармоем ҳаст.
Гар шароб ин аст, к-андар косаи ман меравад,
Пурхуморе дар паи ин бодапаймоем ҳаст.
Гарчи ҳечам, нестам ҳамчун рақибон дар ба дар,
Имтиёзе аз ҳаваснокони ҳарҷоем ҳаст.
Ваҳшиям, мон, ки маро ваҳшат гузорад пеши ту,
Гарчи медонам, ки дар базми ту гунҷоем ҳаст.
96
Шукуфтагеш чу ҳаррӯз нест, ҳоле ҳаст,
Агар ғалат накунам, аз манаш малоле ҳаст.
Зи рашки қурби ман, эй муддаӣ, халос шудӣ,
Туро навид, ки бар хотираш хаёле ҳаст.
Ба рухсати ту, ки рафтему дарди сар бурдем,
Туро малолеву моро ҳам инфиоле ҳаст.
Ба бӯстони ту гар мурғи мо намегунҷад,
Гараш зи боли дурусте шикастаболе ҳаст.
Ту бадмизоҷ, чӣ беэътидолу бадхӯӣ?
Табиатеву мазоҷеву эътидоле ҳаст.
Суфориши дили худ бо ту ин замон гуфтам,
Зи гиряи рӯзи видои туам маҷоле ҳаст.
Чу қасди рафтани он кӯй кард, Ваҳшӣ, гуфт:
«Ки фикри ботилу андешаи маҳоле ҳаст».

97
Ту ҷафо кун, ки аз ин сӯй вафодоре ҳаст,
Тоқату сабри маро ҳавсалаи хоре ҳаст.
Бо дилам ҳар чӣ тавон кард бикун, то бикашад,
К-аз ману ҷони манаш низ мададгоре ҳаст.
Меҳӯрам мояи ҳар шиква ба сад шукр зи ту,
Ман харидор, гарат ҷинси дилозоре ҳаст.
Гарди занҷир ба мижгони адаб пок кунад,
Он ки дар қайди касаш завқи гирифторе ҳаст.
Мо ба домони ту нозем, ки пок аст чу гул,
Варна дар шаҳр басе лӯъбати бозоре ҳаст.
Шукри ҷавраш куну хушнудии ӯ ҷӯ, Ваҳшӣ,
Ки дароз аст шаби ҳасрату бедоре ҳаст.
98
Асири ҷилваи ҳар ҳусн ишқбозе ҳаст,
Миёни ҳар ду ҳақиқат ниёзу нозе ҳаст.
Зи ҳар даре, ки ниҳад ҳусн пои ноз бурун,
Бар остонаи он дар сари ниёзе ҳаст.
Агар мукаллафи ишқӣ, сари ниёз бинеҳ,
Ки ҳар кӣ ҳаст, ба кеши худаш намозе ҳаст.
Чу нек дарнигарӣ ишқи мо маҷозӣ нест,
Ҳақиқате паси ҳар пардаи маҷозе ҳаст.
Миёни ошиқу маъшуқ, кай дуӣ гунҷад?
Бирав, бирав, ки ту пиндорӣ имтиёзе ҳаст.
Видои хеш кун аввал, агар рафиқи манӣ,
Ки ин раҳест хатарноку турктозе ҳаст.
На эҳтироз аз он ҷониб аст ҳамвора,
Гаҳе зи ҷониби Ваҳшӣ ҳам эҳтирозе ҳаст.
99
Аз арзу ниёзам чӣ бало бехабараш дошт?
Он нози нигаҳдузд, ки поси назараш дошт.
Фарёд, ки ҳар тоири фархунда, ки дидам,
Сайёд зи мурғони дигар бастатараш дошт.
Булбул гила мекард зи гул дӯш ба сад ранг,
Гул буд, ки ҳар дам ба забони дигараш дошт.
Ин ишқ балоест, шунидӣ, ки чиҳо дид,
Яъқуб, ки дил дар кафу меҳри писараш дошт.

Бар ҳар кӣ шунидам, ки ғазаб кард замона,
Дидам, ки ба зиндони ту бедоргараш дошт.
Ин тайи макон бин, ки зи ҳар ҷо, ки бурун тохт,
Ваҳшӣ, нигарон буд, сари раҳгузараш дошт.
100
Аз паи беҳбуди дарди мо даво суде надошт,
Ҳар кӣ шуд бемор, дарди ишқ беҳбуде надошт.
Буд рӯзе он иноятҳо, ки бо мо менамуд,
Хуш намуде дошт, аммо ончунон буде надошт.
Дӯш к-омад бо рақибон масту ханҷар мекашид,
Ғайри қасди куштани мо, ҳеҷ мақсуде надошт.
Ишқ ғолиб гашт, агар дар базми ӯ оҳе задам,
Кай фурӯзон гашт ҷое, к-оташи дуде надошт.
Ҷои худ дар базми хубон шамъсон чун гарм кард,
Он ки ашки гарму оҳи оташолуде надошт.
Дошт савдои рухаш, Ваҳшӣ, ба сар дар ҳар нафас,
Лек аз он савдо чӣ ҳосил як дамаш суде надошт?
Ваҳшӣ, аз дарди муҳаббат лаззате чандон наёфт,
Ҳар кӣ ҷисми решу ҷони дардфарсуде надошт.
101
Расиду он хами абрӯ баланд карду гузашт,
Тавозуе, ки ба абрӯ кунанд, карду гузашт.
Навозишам ба ҷавоби салом, агарчи надод,
Табассуме зи лаби нӯшханд карду гузашт.
Ба ҷазбаи нигаҳе, к-аз паяш кашон мебурд,
Чӣ сайдҳо, ки асири каманд карду гузашт.
Карашмае, ки ҷунун оварад таъақули он,
Балои дониши сад ҳушманд карду гузашт.
Яке қабул накард аз ҳазор туҳфаи ҷон,
Баҳона ғамзаи мушкилписанд карду гузашт.
Кӣ буд ин, ки зи чашми бадаш газанд мабод,
Ки ҷон бар оташи шавқам сипанд карду гузашт.
Расиду боз ба андак тараҳҳуме, Ваҳшӣ,
Забони шиква ба коми ту банд карду гузашт.
102
Зи пеши дида то ҷонони ман рафт,
Ту пиндорӣ, ки аз тан ҷони ман рафт.

Агар худ ҳамраҳи ҷонон нарафтам,
Вале фарсангҳо афғони ман рафт.
Сару сомон маҷӯ аз ман, чу рафтӣ,
Ту чун рафтӣ, сару сомони ман рафт.
Чӣ дид аз ман, ки чун барҳам задам чашм,
Чу ашк аз дидаи гирёни ман рафт.
Аз он печам ба худ чун мор, Ваҳшӣ,
Ки ганҷи кулбаи вайрони ман рафт.
103
Ба тавфи Каъба мани хоксор хоҳам рафт,
Вале ба ёди сари кӯи ёр хоҳам рафт.
Агар ба боғ равам баҳри дидани гулу сарв,
Ба ёди қомати он гулъизор хоҳам рафт.
Ҷудо зи ёр чӣ бошам дар ин диёр муқим,
Чу ёр кард сафар, з-ин диёр хоҳам рафт.
Маро ба майкада, эй муҳтасиб, руҷӯе нест,
Агар равам, паи дафъи хумор хоҳам рафт.
Ба раҳгузораш, агар хоки раҳ шавад сари ман,
Куҷо чу Ваҳшӣ аз он раҳгузор хоҳам рафт?
104
Гарм омаду бар оташи шавқам нишонду рафт,
Оташ ба ҷои об зи чашмам фишонду рафт.
Омад чу боду музтарибам кард ҳамчу барқ,
В-аз оташам забона ба гардун расонду рафт.
Бархостам, ки дасти дуое бароварам,
Дашном доду роҳ дигар карду ронду рафт.
Аз пай давидамаш, ки инонгирие кунам,
Афрошт тозиёнаву маркаб ҷаҳонду рафт.
Ваҳшӣ, нашуд насибам аз ӯ тозиёнае,
Чашмам ба ҳасрат аз паи ӯ бозмонду рафт.
105
Ноз баргирад камон дар вақти тиркаш бастанат,
Фитна покӯбон шавад ҳангоми абраш ҷастанат.
Лола оташнок рӯёнад зи обу хоки дашт,
З-оби хай рухсора аз гарди саворе шустанат.
Пеши дасту қабзаат мирам, ки хуш мардумкуш аст,
Дар камони ноз тири дилбаре пайвастанат.

То чи оташҳо кунад бар ҳар сари кӯе баланд,
Шӯхии табъи туву як ҷо даме наншастанат.
Ваҳшиям ман, ҷои ман майдонгаҳи нахҷири туст,
Нестам сайде, ки бояд кушту бояд хастанат.
106.
Гирди сари ту гардаму он Рахш ронданат,
В-он дасту тозиёнаву маркаб ҷаҳонданат.
Шаҳре ба турктоз диҳад, балки оламе,
Туркона барнишастану ҳар сӯ давонданат.
Пеши ҳаданги паркаши нози ту ҷон диҳам,
В-он шаст боз кардану то пар нишонданат.
Мирам ба он итоб, ки гӯё сириштаанд,
Сад лутф бо адои таъарруз расонданат.
Тарзи нигоҳи нозаму ҷунбидани мижа,
В-он домани карашма ба мардум фишонданат.
Ваҳшӣ, агар ту фориғӣ аз дарди ишқ чист?
Ин оҳу нола кардану ин шеър хонданат.
107
Ту мункари валек, ба ман меҳрубонният,
Меборад аз адои нигоҳи ниҳонният.
Мирам ба мултафит нашуданҳои сохта,
В-он тарз боз дидану тақрибдонният.
Як хам шудан зи гӯшаи абрӯи илтифот,
Ояд бурун зи уҳдаи сад саргаронният
Нозам карашмаро, ки садам нукта ҳал намуд,
Беминнату мувофиқату ҳамзабонният.
Шодии илтифоти ту корам тамом кард,
Бодо бақои умри туву зиндагонният.
Эй шоҳбоз, дурии мо аз ту лозим аст,
Гунҷишкро чӣ заҳраи ҳамошёният.
Ҷунбидат ин ҳавас зи куҷо, эй ниҳоли лутф,
Кай уфтод рағбати мевафишонният?
Ман аз куҷову ин ҳама навбоваи умед?
Ё Раб, ки бархӯрӣ зи дарахти ҷавонният.
Шохи гуле куҷост бад-ин покдоманӣ?
Беҳуда солҳо накунам боғбонният.

Сад навбаҳорро зи ту обасту рангубӯ,
Дорад Худо нигоҳ зи боди хазоният.
Ваҳшӣ, пиёла гир, ки дигар ҳарифи туст,
К-аз хум ба шиша рафт маи шодмоният.
108
Навиди ошноӣ медиҳад чашми сухангӯят,
Гирифта унс гӯё нармие бо тундии хӯят.
Бимирам пеши он лаб, инчунин гоҳе табассум кун,
Биҳамдуллоҳ, ки дидам бегираҳ як бор абрӯят.
Ба рӯят мардумони дидаро ҳаст ончунон майле,
Ки ногаҳ медаванд аз хона берун то сари кӯят.
Шаробе хӯрдаам аз шавқу зӯр оварда метарсам,
Ки бардорад маро ногоҳу бехуд оварад сӯят.
Зи оташ об меҷӯям, бибин фикри маҳоли ман,
Вафодорӣ тамаъ медорам аз табъи ҷафоҷӯят.
Фиреби ғамза имрӯз он қадар хӯрдам, ки мебояд,
Муҷарраб буд, ҳар афсун, ки бар ман хонд ҷодуят.
Чӣ будӣ гар ба қадри орзу ҷон доштӣ, Ваҳшӣ,
Ки кардӣ сад ҳазорон ҷон фидои як сари мӯят.
109
Ҳаргизам, ё Раб, аз он дидор маҳҷурӣ мабод,
Ин нигоҳи дурро аз рӯи ӯ дурӣ мабод.
Ман куҷову рухсати он базм донам ҷои хеш,
Дигарон ҳам рухсат, ар хоҳанд, дастурӣ мабод.
Ҳар мараз к-аз ишқ пеш омад, илоҷаш бар ман аст,
Лек ҷонамро зи дарди рашк ранҷурӣ мабод.
Чашмғораткардаро сабъ аст аз дидори дӯст,
Ҳеҷ ошиқро, Илоҳӣ, ҳаргиз ин кӯрӣ мабод.
Ҷавҳари ҳусни ту ганҷи хонаи обод нест,
Бар бинои ҷони Ваҳшӣ номи маъмурӣ мабод.
110
Ҳиҷрон рафиқи бахти забуни касе мабод,
Хасми чунин далер ба хуни касе мабод.
Ё Раб, ҳариф гарм кунӣ ҳамчу орзу,
Гармихтилот доғи даруни касе мабод.
Ин шуълаҳои зоҳиру ботингудози ҳаҷр,
Пироҳани даруну буруни касе мабод.

Он гиряҳои шавқ, ки ғалтид кӯҳ аз ӯ,
Сели бинои сабру сукуни касе мабод.
Сад банди шавқ пора кунад зӯри орзу,
Ё Раб, ки бахти шӯру ҷунуни касе мабод.
Наълам ба номи ҷумлаи аҷзо дар оташ аст,
Ҷодуи ӯ ба фикри фусуни касе мабод.
Ваҳшӣ, ҳазор бодия дурам зи Каъба кард,
Ин бахти бад, ки роҳнамуни касе мабод.
111
То абад далати навоб, вале султон бод,
Мулкати сармадияш номзади фармон бод
Он асое, ки шикаста сар Қайсар бо ӯст,
Пеши қасрат ба сари даст камин дарбон бод.
Душманатро, ки бар ӯ ҳабсмаобаст ҳаёт,
Чини абрӯи аҷал қуфли дари зиндон бод.
Рафъат он ҷома, ки орад ба қади қадри ту рост,
Тавқи ҷайби фалакаш доираи домон бод.
Арсагоҳе, ки шукуҳи ту кунад арзи сипоҳ,
Тӯлу арзаш ҳама Эрону ҳама Тӯрон бод.
Гарди ҳар хашм, ки аз теғи ту дар чашми адӯст,
Новаки ҳодиса саф барзада чун мижгон бод.
Бод, ё Раб, зи ту бӯстони Амолӣ хуррам,
Ваҳшии нуктасаро булбули ин бӯстон бод.
112
Хуш нест ҳар замон задан аз ҷаври ёр дод,
В-арна зи дасти туст маро сад ҳазор дод.
Шуд ёри ғайру дод қарори ҷафо ба мо,
Ёрон, наметавон ба худ инҳо қарор дод.
Рафту зи дасти аҳли тазаллум инон кашид,
Дод аз инон кашидани он шаҳсавор дод.
Он турки зулмпеша дигар меравад, ки боз,
Аз халқ хост бар сари ҳар раҳгузор дод.
Ваҳшӣ, ту зулмдидаву он турк тундхӯст,
Тарсам, ки сар занад зи ту беихтиёр дод.
113.
Аёзанбиллаҳ, аз рӯзе, ки ишқам дар ҷунун орад,
Сари занҷир гирад в-аз дари ақлам дарун орад.

Ману радду қабули базми султоне, ки дарбонаш,
Ба сад хорӣ кунад берун, ба сад иззат дарун орад.
Ба ҷурми ишқ дар банди яке султони бераҳмам,
Ки ҳар кас ояд аз девонаву фармони хун орад.
Сари Хусрав зи гул гардад гарон, Фарҳодро нозам,
Ки Гулгунро ба гардан гираду аз Бесутун орад.
Каманди ҷазбаи маъшуқ агар дар ҷон наёвезад,
Касе парвонаро дар оташи сӯзанда чун орад,
Бирав, фориғ нишин Ваҳшӣ, ки нахли орзумандӣ,
Наёрад бор, агар ҳам оварад бори забун орад.
114
Бода ку, то хирад ин даъвии беҷо бибарад,
Бехуде ояду нанги худӣ аз мо бибарад.
Хуш биҳиштест харобот, касе, к-он бигузошт,
Дӯзахи ҳасрати ҷовид зи дунё бибарад.
Мову майхона, ки тамкини гадоӣ дар ӯ,
Шавкати шоҳии Искандару Доро бибарад.
Ҷоми май киштии Нуҳ аст, чӣ парво дорем?
Гарчи селоби фано гунбади воло бибарад.
Ҷуръаи пири харобот бар он ринд ҳаром,
Ки ба пеши дигаре дасти таманно бибарад.
Арсаи мо ба мурувват, ки зи олам кам шуд,
Ҳудҳуде ку, ки ба сарманзили анқо бибарад.
Шохи хушкем, ба мо сардии олам чӣ кунад?
Пеши мо баргу баре нест, ки сармо бибарад.
Хонаоташзадагонем, ситам, гӯ, метоз,
Он чи андӯхта бошем, ба яғмо бибарад.
Ваҳшӣ, аз раҳзани айём чӣ андеша кунем,
Мо чӣ дорем, ки аз мо набарад, ё бибарад?
115
Ғамзаи ӯ ҳашари фитна ба ҳар ҷо бибарад,
Офиятро ҳама асбоб ба яғмо бибарад.
Сабри мо панҷаи мумест, чу ишқ орад зӯр,
Панҷа гар сохта бошанд, зи хоро бибарад.
Гӯ, ту хоҳӣ, ки гаронӣ бибарад бандии ишқ,
Кӯҳ бар сар ниҳаду силсила дар по бибарад.

Дили ман кист, ки лутф аз ту кунад густохӣ,
Бар даҳонаш зан, агар номи таманно бибарад?
Пеши мо нест аз ин ҷинс бифармой, ки ноз,
Сабру ором зи дилҳои шикебо бибрад.
Аз ту имоеву аз сайқали абрӯ майле,
Занги садсола тағофул зи дили мо бибарад.
Надиҳӣ ишқ ба худ, раҳ, ки чу фурсат ёбад,
Қуфли ганҷинаи ҷон печаду коло бибарад.
Ҳар забон к-ӯ сари беҷурм нахоҳад бар дор,
Даъвии ишқ кунад кӯтаҳу ғавғо бибарад.
Даштпаймоии бисёр кунад чун Ваҳшӣ,
Ҳар киро дил, нигаҳи оҳуи саҳро бибарад.
116
Шоми ҳиҷрони ту ташриф ба ҳар ҷо бибарад,
Дар пасу пеш ҳазорон шаби ялдо бибарад.
Дуди оташкада аз кулбаи ошиқ хезад,
Гар ба кошонаи худ оташи Мӯсо бибарад.
Меҷаҳад барқи ҷамоле, ки диҳад аҷри фироқ,
Кист то мужда ба Яъқубу Зулайхо бибарад.
Ишқ чун бар сари кас ҳамлаи бедод орад,
Аввалаш қуввати бигрехтан аз по бибарад.
Ҳар киро бар дари нозукбаданон хонад ишқ,
Дилу ҷоне, ки бувад з-оҳану хоро бибарад.
Он ки суди сари бозори муҳаббат хоҳад,
Бояд он ҷо ҳама сармояи савдо бибарад.
Дар ба рӯ боззанам бе рухи ӯ ризвонро,
Гар ба гулзори биҳиштам ба тамошо бибарад.
Надиҳад тавфи санамхона ба сад ҳаҷи қабул,
Шайхи Санъон, ки дилашро бути тарсо бибарад.
Бо чунин дард, ки Ваҳшӣ ба дуо металабад,
Боядаш кушт, агар номи мудово бибарад.
117
Хоҳам он ишқ, ки ҳастӣ зи сари мо бибарад,
Бехудӣ ояду нанги худӣ аз мо бибарад.
Хонаоташзадагонем, ситам, гӯ, метоз,
Он чи андӯхта бошем, ба яғмо бибарад.

Шохи хушкем ба мо сардии олам чӣ кунад?
Пеши мо баргу баре нест, ки сармо бибарад.
Дӯзахи ҷавр барафрӯз, ки ман то қавиям,
Нашунидам, ки маро ахгаре аз ҷо бибарад.
Ҷуръаи пири харобот бар он ринд ҳаром,
Ки ба пеши дигаре дасти таманно бибарад.
Ваҳшӣ, аз раҳзани айём чӣ андеша кунем?
Мо чӣ дорем, ки аз мо набарад, ё бибарад.
118
Дилам имрӯз аз он лаб ҳар замон шукри дигар дорад,
Забон, к-аз шикваам пурзаҳр буд, акнун шакар дорад.
Дигар роҳи кадомин корвони сабр хоҳад зад?
Ки чашмаш сад нигаҳбон дар камингоҳи назар дорад.
Ба як суҳбат, ки бо ӯ дошт дил, к-аз ман биҳил бодо,
Дигар н-омад зи ман ёдаш, бале суҳбат асар дорад.
Дуоҳои саҳар гӯянд, медорад асар, оре,
Асар медорад, аммо кай шаби ошиқ саҳар дорад?
Зи ҳар кас бештар меҳри ту дорам в-ин далелам бас,
Ки ҳар касро фузунтар меҳр, ҳасрат бештар дорад.
Аҷаб набвад зи Ваҳшӣ гиряҳои талхи нокомӣ,
Ки заҳролуда пайконҳои ҳасрат бар ҷигар дорад.
119
Ба зери лаб ҳадиси талх, к-он бедодгар дорад,
Бувад заҳре, ки баҳри куштани мо дар шакар дорад.
Балои ҳаҷру дарди иштиёқи Пири Канъонӣ,
Касе донад, ки чун Юсуф азизе дар сафар дорад.
Надорад иштиёқи васли Ширин Кӯҳкан, в-арна
Ба зарби теша сад чун Бесутун аз пеш бардорад.
Итоболуда омад, бода дар сар, даст бар ханҷар,
Кадомин бекулаҳро мекушад, дигар чӣ сар дорад?
Касе дорад хабар аз ашку оҳи гарми ман, Ваҳшӣ,
Ки оташ дар дилу доғи надомат бар ҷигар дорад.
120
Ба танг омад дилам, як ханҷари корӣ тамаъ дорад,
Аз он мижгони қаттол ин қадар ёрӣ тамаъ дорад.
Ниҳодаст аз накӯёнаш басе ғамҳои нохӯрда,
Аз ин хунхора мардум, ҳар кӣ ғамхорӣ тамаъ дорад.

Саҳар гул ханда мезад бар шикоятгӯии булбул,
Ки ин нодон магар к-аз мо вафодорӣ тамаъ дорад?
Гуноҳи гулфурӯшон чист, гӯ, булбул бинол аз худ,
Ки як ҷо будан аз ёрони бозорӣ тамаъ дорад.
Ҳавои бода, соқӣ сода, софӣ ишрат омода,
Касе маст аст, Вахшӣ, к-аз ту ҳушёрӣ тамаъ дорад.
121
Чашми ӯ қасди ақлу дин дорад,
Лашкари фитна дар камин дорад.
Оламеро кунад мусаххари хеш,
Ҳар кӣ ӯ лашкаре чунин дорад.
Масту ханҷарбадаст меояд,
Оҳ, бо ошиқон чӣ кин дорад.
Ҳеҷ касро ба ҷон музояқа нест,
Агар он шӯх қасди ин дорад.
Соиди ӯ мабод ранҷа шавад,
Доғ бар дасти нозанин дорад.
Ҳар киро ҳаст тӯҳфае дар даст,
Пеши ҷонон дар остин дорад.
Нимаҷонест туҳфаи Вахшӣ,
Чӣ кунад, бенаво ҳамин дорад?
122
Ҷонон назаре, к-ӯ зи вафо дошт, надорад,
Лутфе, ки аз ин пеш ба мо дошт, надорад.
Раҳме, ки ба ин ғамзадааш буд, намондаст,
Лутфе, ки ба ин бесару по дошт, надорад.
Он подшаҳи ҳусн надонам чӣ хато дид?
К-он лутф, ки нисбат ба гадо дошт, надорад.
Гар ёр хабардор шавад аз ғами ошиқ,
Ҷавре, ки ба ин қавм раво дошт, надорад.
Вахшӣ, агар аз дида равад хун, аҷабе нест,
К-он гӯшаи чашме, ки ба мо дошт, надорад.
123
Кори хубе на ба гуфти дигарон бояд кард,
Ҳар чӣ фармон бидиҳад ҳусн, чунон бояд кард.
Теғи тезу дили бераҳм чаро дода Худо?
Ҷӯи хун бар дари бедод равон бояд кард.

Гоҳ бошад, ки мурувват надиҳад рухсати ҷавр,
Чун бувад маслиҳати ноз ҳамон бояд кард.
Суннати миллати хубист, ки бо соҳиби ишқ,
Дӯстӣ аз дилу хасмӣ ба забон бояд кард.
Гӯ, забон дарди сари ошиқу маъшуқ мадеҳ,
Чист пӯшида аз эшон, ки чунон бояд кард.
Вахшӣ, озори ҳарифон кунад аз камзарфӣ,
Рафъи бадмастияш аз ратли гарон бояд кард.
124
Хуш он ниёз, ки рафъи ҳаё тавонад кард,
Нигоҳро ба нигоҳ ошно тавонад кард.
Хуш он нигаҳ, ки дар ошноии аввал,
Шуруъ дар сухани муддао тавонад кард.
Хуш он ғурур, ки воми дусад ҷавоби салом,
Ба як карашмаи абрӯ адо тавонад кард.
Хуш он адо, ки ҳазорон ҳазор ваъдаи ноз,
Ба нимҷумбиши мижгон раво тавонад кард.
Хуш он фиреб, ки дар айни теғронданҳо,
Илоҷи даъвии сад хунбаҳо тавонад кард.
Хуш аст тарзи адоҳои хос бо Вахшӣ,
Хуш он, ки пайравии тарзи мо тавонад кард.
125
Кай дидамаш, ки қасди дили зори ман накард?
Наншаст бо рақибеву озори ман накард.
Як шамма кор дар фани нозу карашма нест,
К-аз як нигоҳ чашми ту дар кори ман накард.
Гуфтам: -Маранҷу гӯш кун аз ман ҳикояте,
Ранҷаш намуду гӯш ба гуфтори ман накард.
Хандон нишасту шамъи шабистони ғайр шуд,
Раҳме ба гиряҳои шаби тори ман накард.
Вахшӣ, намонд ҳеч сиёсат, ки ҳаҷри ёр,
Бо ҷони хаставу дили афгори ман накард.
126
Чӣ гӯямат, ки чӣ бо ҷонам иштиёқ накард?
Чӣ корҳо, ки ба фармудаи фироқ накард?
Замона васли туро сад сабаб муҳайё сохт,
Вале чӣ суд, ки иқболам иттифоқ накард.

Ҳазор нақши вифоқам намуд зоҳири бахт,
Валек ботини худ сода аз нифоқ накард.
Калиди доғи иноят василаҳо ангехт,
Валек бахти бадам бо ту ҳамвисоқ накард.
Чӣ завқ аз ин ҳама тунги шаккар, ки бахт кушуд,
Чу дафъи талхии ҳаҷри ту аз мазоқ накард.
Шуд аз фироқ ба як зарра сабр розиву нест,
Касе, ки тоқати ӯро ғами ту тоқ накард.
Мазоқи Ваҳшиву ин дарду гам, ки соқии вақт,
Насиби соғари мо бодаи равоқ накард.
127
Дигар он шабест, имшаб, ки зи пай саҳар надорад,
Ману боз он дуоҳо, ки яке асар надорад.
Ману захми тездасте, ки зад ончунон ба теғам,
Ки сарам фитода бар хоку танам хабар надорад.
Ҳама заҳрхӯрда пайкон хӯраму рутаб шуморам,
Чӣ кунам, ки нахли ҳирмон, беҳ аз ин самар надорад?
Зи лабе чунон, ки борад шаккараш зи шаккаристон,
Ҳама захр дорад, аммо чӣ кунад шакар надорад?
Ба ҳавои боғи мурғон ҳама болҳо кушуда,
Ба шиканҷа доми мурғе, чӣ кунад, ки пар надорад?
Бикушу бисӯзу бигзар, манигар ба ин ки ошиқ,
Ба ҷуз ин, ки меҳр варзад, гунаҳи дигар надорад.
Маи васл нест, Ваҳшӣ, ба хумори ҳаҷр хӯ кун,
Ки шароби ноумедӣ ғами дарди сар надорад.
128
Тоби рухи ӯ меҳри ҷаҳонтоб надорад,
Ҷуз зулфи касе пеши рухаш тоб надорад.
Хоб оварад афсонаву афсонаи ошиқ,
Ҳар кас, ки кунад гӯш дигар хоб надорад.
Паҳлӯи ману такяи хокистари гулхан,
Девона сари бистари санҷоб надорад.
Сели мижа тарсам, ки тан аз пой дарорад,
К-он сустбино тоқати селоб надорад.
Гар саҷда кунад пеши ту чандон аҷабе нест,
Ваҳшӣ, ки ҷуз абрӯи ту меҳроб надорад.

129
Ҳарчанд ноз кард, ниёзам зиёда шуд,
Дардам фузуду сӯзу гудозам зиёда шуд.
Ҳарчанд беш гашт ба нозу карашмаам,
Рағбат ба он карашмаву нозам зиёда шуд.
Боз омадиву шуълаи шавқам ба ҷон задӣ,
Кам гашта буд сӯзи ту, бозам зиёда шуд.
Дарди ту кам нашуд зи сафар, балки сад алам,
Аз ранҷи роҳи дуру дарозам зиёда шуд.
Ваҳшӣ, ба фикри чашмғизоле ба ҳар ғазал,
Ангези табъи сеҳртирозам зиёда шуд.
130
Ҳалокам соз, гар бар хотират боре зи ман бошад,
Кӣ бошам ман, ки бори хотири ёре зи ман бошад.
Гузориям ҳамон ҷое, ки мирам бармадориям,
Намехоҳам, ки бар дӯши касе боре зи ман бошад.
Ҳилоле хостам аз ҷумла ёрон, қотили ман ку?
Ки хоҳам узри ӯ гар гоҳаш озоре зи ман бошад.
Зи ашки ноумедӣ бурд мижгон обу метарсам,
Ки ногаҳ бар сари роҳи касе хоре зи ман бошад.
Бигӯяш, гар надорам савти ишрат ғам махӯр, Ваҳшӣ,
Маро ин бас, ки он ҷо нолаи зоре зи ман бошад.
131
Меҳрам зи ҳирмон шуд фузун, шавқе зи ҳасрат кам нашуд,
Ҳарчанд ҳасрат беш шуд, шавқу муҳаббат кам нашуд.
Тухми умеди мо аз ӯ, нораста монд аз бенамӣ,
Аммо ба кишти дигарон борони раҳмат кам нашуд.
Хушбахт ту, эй муддаӣ, к-ин ҷо, ки ман хорам чунин,
Бо як ҷаҳон беҳурматӣ, ҳеҷат зи ҳурмат кам нашуд.
Умре задам лофи сагӣ, аммо чӣ ҳосил чун маро,
Бо ин ҳама ҳаққи вафо хориву зиллат кам нашуд.
Ваҳшӣ, аз ӯ бар хотирам пайваста буд ин гарди ғам,
З-оинаи ман ҳеҷ гаҳ гарди кудурат кам нашуд.
132
Малул аз зуҳди хешам, сокини майхона хоҳам шуд,
Ҳарифи соғару ҳаммашраби паймона хоҳам шуд.

Агар панди маро тифле ба ин ошуфтагӣ донад,
Ки аз ишқи парирухсорае девона хоҳам шуд.
Шудам чун риштае аз заъфу дорам шодмониҳо,
Ки рӯзе ёр бо он гавҳари якдона хоҳам шуд.
Ба ҳар ҷо мерасам афсонаи ишқи ту мегӯям,
Ба ин афсона гуфтан оқибат афсона хоҳам шуд.
Магӯ, Ваҳшӣ, куҷо мебошаду манзил куҷо дорад?
Куҷо бошам, муқими гӯшаи вайрона хоҳам шуд.
133
Ин аст, к-аз ӯ рахна ба кошонаи ман шуд,
Тороҷгари хонаи вайронаи ман шуд.
Ин аст, ки май рехт ба паймонаи ағёр,
Хун рехт, чу дур(р)и ману паймонаи шуд.
Ин аст, ки чашми тари ман абри бало сохт,
Сел омаду бунёдкани хонаи ман шуд.
Ин аст, ки чун дид, парешонии ман, гуфт:
«Ваҳшӣ магар ин аст, ки девонаи шуд?»
134
Хуш он к-ӯ ғунчасон бо гулъизоре ҳамнишин бошад,
Сурохӣ дар бағал, ҷоми маяш дар остин бошад.
Зи дастат ҳар чӣ меомад ба арбоби вафо кардӣ,
Накардӣ ҳеч тақсире, вафодорӣ ҳамин бошад.
Рақибо, медиҳӣ бимам, ки дорад қасди хунрезет,
Аз ин беҳтар чӣ хоҳад буд, ё Раб, инчунин бошад?
Куҷо гуфтан тавон шарҳи ғами маҳмилнишини худ,
Агар ҳамчун ҷарас моро забони оҳанин бошад?
Ба ҳар вайрона, к-он ҷо Ваҳшии девона ҷо гирад,
Зи ҳар сӯ домане пурсанг, тифле дар камин бошад.
135
Гул чист? Агар дил зи ғам озод набошад,
Аз гул чӣ кушояд, чу диле шод набошад?
Хоҳам, ки зи бедоди ту фарёд барорам,
Чандон ки дигар тоқати фарёд набошад.
Шаҳре, ки дар ӯ ҳамчу ту бедодгаре ҳаст,
Бедодкашонро тамаъи дод набошад.
Парвона, ки ӯ маҳрамии хилвати фонус,
Чун дар ҳарами шамъ раҳи бод набошад.

Санге ба раҳи тавсани Ширин натавон ёфт,
К-оташ ба дилаш аз ғами Фарҳод набошад.
Ваҳшӣ, чӣ кунӣ нола, ки маъмур нашуд дил,
Бигзор, ки ин ғамкада обод набошад?
136
Ба рози ишқ забон дар миён намебошад,
Забон бибинад, ки он ҷо баён намебошад.
Миёни ошиқу маъшуқ як карашма бас аст,
Баёни ҳол ба кому забон намебошад.
Дили рамидаи ман, захмдори сайдгаҳест,
Ки захми сайд ба тиру камон намебошад.
Аз он ривояи бозори камиёрон аст,
Ки дар миёни маҳак имтиҳон намебошад.
Агар ба ман нашавӣ меҳрубон, дар ин ғаразест,
Касе ба халқи ту номеҳрубон намебошад.
Ба оламе, ки манам, мунтаҳои ғусса мапурс,
Ки қатъи муддату тайи замон намебошад.
Забон ба ком макаш, Ваҳшӣ аз фасонаи ишқ,
Бигӯ, ки хуштар аз ин достон намебошад.
137
Дӯшам аз оғози шаб ҷо, бар дари ҷонона буд,
То ба рӯзам чашм бар бому дари он хона буд.
Дӣ, ки меомад зи ҷавлонгоҳи шӯхӣ масти ноз,
Наргисаш бар гӯшаи дастори хуш туркона буд.
Баҳри он ноошно мирам, ки фард аз ҳамраҳон,
Ончунон мешуд, ки гӯё аз ҳама бегона буд.
Он насиҳатҳо, ки мекардем аҳли ишқро,
Ин замон маълуми мо шуд, к-он ҳама афсона буд.
Қурб то ҳосил нашуд, дудам зи хирман барнахост,
Иттиҳоди шамъ барқи хирмани парвона буд.
Сӯхтан бо оташ асту ишқ бо девонагӣ,
Ишқ бар ҳар дил, ки зад оташ чу ман девона буд.
Ваҳшӣ, аз хун хӯрдани шаб дӯш натвонист хост,
К-ин маи мардафкан имшаб то лаби паймона буд.
138
Имрӯз нозро ба ниёзам назар набуд,
З-он шеваҳои хос яке ҷилвагар набуд.

Чашм аз ғурур, агарчи намегашт мултафит,
Ачзи нигоҳи ҳасрати ман беасар набуд.
Бас шеваҳои ноз, ки дар парда дошт ҳусн,
Аммо табассуме, ки шавад пардадар набуд.
Он хандаҳо, ки ғунчаи сероб менуҳуфт,
Берун зи зери пардаи гулбарги тар набуд.
Ман куштаи карашмаи мижгон, ки бар ҷигар,
Ханҷар задончунон, ки нигаҳро хабар набуд.
Дил баҳри ту муқайяди зиндони ҳасрат аст,
Ҷуз арзи ишқ ҳеч гуноҳи дигар набуд.
Ваҳшӣ, нагуфтамат, ки ғурур оварад ниёз,
Ин саркашиву ноз чаро бештар набуд?
139
Чу шамъ шаб ҳама шаб сӯзу гиря з-онам буд,
Ки саргузашти фироқи ту бар забонам буд.
Шуд ошташи ҷигарам пеши мардумон равшан,
Зи хуни гарм, ки дар чашми хунфишонам буд.
Ба илтифоти ту дорам умедвориҳо,
Вале зи хӯи ту эман наметавонам буд.
Ситам гузашта зи андоза в-арна кай бо ту,
Кадом рӯзи дигар ин қадар фиғонам буд?
Забони хомаи ман сӯхт з-ин ғазал, Ваҳшӣ,
Магар забонае аз оташи ниҳонам буд?
140
Моҳи ман гуфтам, ки бо ман меҳрубон бошад, набуд,
Марҳами ҷони мани озурдаҷон бошад, набуд.
Аз миён бемӯҷибе ханҷар ба хуни ман кашид,
Ин ки андак гуфтугӯе дар миён бошад, набуд.
Бар дилам сад кӯҳи ғам аз саргарониҳои ӯ,
Буд, аммо ин ки бар хотир гарон бошад, набуд.
Хотири ҳар кас аз ӯ мешуд ба навъе шодмон,
Шодмон гаштам, ки бо ман ҳамчунон бошад, набуд.
Ваҳшӣ, аз белутфии ӯ сад шикоят доштам,
Пеши ӯ гуфтам, ки ёрои забон бошад, набуд.
141
Мурғи мо дӯш сарояндаи бқстоне буд,
Дошт гулбонгеву машъуфи гулистоне буд.

Дида, к-аз неъмати дидор набудаш сипаре,
Магасе буд, ки меҳмони сари хоне буд.
Дасти уммед, ки як бор ниқобе накашид,
Буд дур аз сару наздик ба домоне буд.
Он ки аз ташнагияш буд гузар бар зулмот,
Тафнишони ҷигараш Чашмаи Ҳайвоне буд.
Реша тафсидагиёҳе зи лаби Кавсар раст,
Ки зи абраш ҳаваси қатраи бороне буд.
Хешро сохта омодаи сад шуъла хасе,
Гарми ҳамсуҳбатии оташи сӯзоне буд.
Буд, Ваҳшӣ, ки зи рухсори ту шуд қофиясанҷ,
Ё навосози гуле, мурғи хушилҳоне буд.
142
Он чӣ кардӣ, он чӣ гуфтӣ, ғояти матлуб буд,
Ҳар чӣ гуфтӣ, хуб гуфтӣ, ҳар чӣ кардӣ, хуб буд.
Ман чаро дар ишқ андешам зи санги таъни ғайр?
Он кӣ Маҷнун буд, инаш дар ҷаҳон саркӯб буд.
Чанд гӯӣ қиссаи Айюбу сабри ӯ, бас аст,
Беш аз ин мо сабр натвонем, он Айюб буд.
Буд аз Маҷнуну Лайлӣ лофи якрангӣ дурӯғ,
Дар миён гар эҳтиёҷи қосиду мактуб буд.
Ман намедонам, ки ин ишқу муҳаббат аз куҷост?
Ин қадар донам, ки майл аз ҷониби матлуб буд.
Ин аҷоиб бин, ки Юсуф дошт дар зиндони Миср,
Пой дар занҷиру ҷояш дар дили Яъқуб буд.
Ваҳшӣ, ин мижгони хунполо, ки гарди ғам гирифт,
Ёди он рӯзе, ки дар роҳи касе ҷорӯб буд.
143
Буд он, вақте ки дашноми ту хотирхоҳ буд,
Банда будему забони мо чаро кӯтоҳ буд?
Ҳаққи ёриҳои собиқ, гар набастӣ роҳи нутқ,
Дар ҷавоби ин ки гуфтӣ, нуктае дар роҳ буд.
Пеш аз инам ҷон фузудӣ лаззати дашноми ӯ,
Аллаҳ-Аллаҳ аз чӣ имрӯз инчунин ҷонкоҳ буд.
Гӯ, мадеҳ фармон, ки дигар нест дил фармонпазир,
Ҳукми ӯ мерафт чандоне, ки ин ҷо шоҳ буд.

Солҳо ҳам бигзарад, Ваҳшӣ, ки сӯяш нагзарам,
То напиндорӣ, ки хашми мо ҳамин як моҳ буд.

144

Он мастии ту дӯш зи паймонаи кӣ буд?
Чандин шароб дар хуму хумхонаи кӣ буд?
Эй мурғи зудром, кӣ овард нуқлу май,
Доми фиреб, оби киву донаи кӣ буд?
Равшан ба сони оташи ҳуснат маи кӣ шуд,
Шамъат забонакаш, паи парвонаи кӣ буд?
Овозаат ба мастиву риндӣ баланд шуд,
Ифшои он зи наъраи мастонаи кӣ буд?
Ваҳшӣ, чӣ пурсиш аст, ки шуд бо кӣ ошно,
Худ, гӯ, ки ӯ ба ғайри ту бегонаи кӣ буд?

145

Дӯш дар кӯи аҷаб, белутфие дар кор буд,
Теғ дар дасти тағофул сахт безинҳор буд.
Рафтану ноомадан саҳл аст бо худ хуш кунем,
Дидаро нодида карду рафт ин озор буд.
Расм ин мебошад, эй дерошнои зудсар,
Он ҳама лофи вафо охир ҳамин миқдор буд.
Ёрии зоҳир чӣ кор ояд, хуш он ёре, ки ӯ,
Ҳам ба зоҳир ёр буду ҳам ба ботин ёр буд?
Барнаёвардан мурувват буд, худ инсоф деҳ,
Орзуи хотире гар дур як дам дор буд.
Кард, Ваҳшӣ, шикваи беилтифотӣ бартараф,
Дарди сар мешуд в-агарна дарди дил бисёр буд.

146

Бо ғайр дӯш ин ҳама гардиданаш чӣ буд?
В-аз заҳри чашм ҷониби мо диданаш чӣ буд?
Он нози чашмкарда сари сулҳ, агар надошт,
Аз дур истодану хандиданаш чӣ буд?
Изҳори қурб, агар на ғараз буд ғайрро,
Аз ман раҳи ҳарими ту пурсиданаш чӣ буд?
Гар ваъдаи висол набудаш ба дигарон,
Бе ваҷҳ тунд гаштану ранҷиданаш чӣ буд?
Ваҳшӣ, агар набуд, зи мо ёри мо ба танг,
Бемӯҷибе ба ҷанг расониданаш чӣ буд?

147
Чун ту мустағнӣ зи дил будӣ, дилоройӣ чӣ буд?
Бар дилу ҷон нозро чандин тақозоӣ чӣ буд?
Дар тасарруф чун намеовард ҳуснат мулки дил,
Ин ҳашар бурдан ба иқлими шикебоӣ чӣ буд?
Мушкиле дорам, бипурсам аз ту, ё аз ёри ту,
Ҷилваи хубӣ чиву манъи тамошоӣ чӣ буд?
Буд чун дар кеши хубӣ айби ошиқ доштан,
Ҷурми чашми мо чӣ бошад, арзи зебоӣ чӣ буд?
Гашта будам мустаиди ишқ, тақсир аз ту шуд,
Он чӣ бошад кам маро, з-асбоби расвоӣ чӣ буд?
Аз паи рамкарда оҳуе, ки пиндорӣ парид,
Кас намепурсад маро к-ин даштпаймоӣ чӣ буд?
Гар маро мекард бадхӯ ҳамнишиниҳои хос,
Ваҳшӣ, акнун ҳоли ман дар кунҷи танҳоӣ чӣ буд?
148
Чандин иноят аз паи чандин ҷафо чӣ буд?
Тағйири таври хеш чаро, муддао чӣ буд?
Мо куштаи ҷафо, на барои вафо шудем,
Сад ҷон фидои ханҷари ту, хунбаҳо чӣ буд?
Бе шикваву шикояти мо тарки ҷавр чист,
Дидӣ чӣ носавоб, бифармо, хато чӣ буд?
Табъи ту ҳеҷ хотири мо дар миён надид,
Манъи ҷафову ҷавр зи баҳри Худо чӣ буд?
Чинандат, ин ҳавас зи куҷо, эй ниҳоли лутф,
Бар мо самар фишонии шоху вафо чӣ буд?
Бо ин ғурури ҳусн, ки сад нахли сарбаланд,
Аз по фиканд нармии ӯ бо гиё чӣ буд?
Ваҳшӣ, ниёзу аҷзи туаш дошт бар вафо,
Худкардае чунин ба худаш, ҷурми мо чӣ буд?
149
Дӯш аз арбада як мартаба боз омада буд,
Чашми пурарбадааш бар сари ноз омада буд.
Чашмаш аз зоҳири ҳолам хабаре мепурсид,
Ғамзааш низ ба ҷосусии роз омада буд.
Буд ҳангомаи ман гарм чунон з-оташи шавқ,
Ки нигоҳаш ба тамошои ниёз омада буд.

Ғайр донад, ки нигоҳаш чӣ бало гармӣ дошт?
З-он ки дар бутаи ғайрат ба гудоз омада буд.
Чӣ адоҳо, ки надидем, чӣ назарҳо, ки накард,
Бандааш ман, ки аҷаб банданавоз омада буд.
Орзу буд, ки ҳар лаҳза ба сӯят метохт,
Дошт майдоневу хуш дар такутоз омада буд.
Ваҳшӣ, аз базм, ки ин мояи хушҳолӣ ёфт,
Ки сӯи кулбаи мо бо маю соз омада буд.
150
З-он аҳд ёд бод, ки аз мо ба кин набуд,
Будаш гумони меҳру ҳанӯзаш яқин набуд.
Иқрори меҳр кардаму гуфтам, вафо кунӣ,
Куштӣ маро, қарори ту бо ман чунин набуд.
Инкори меҳр садди раҳи сад тағофул аст,
Аммо чӣ суд, чун дили мо пешбин набуд?
Ман худ гираҳ ба кори худ андохтам, ки ту,
З-ин пеш бо манат гираҳе бар ҷабин набуд.
Афсонаест будани Ширин ба Кӯҳкан,
Он рӯз чашми фитна магар дар камин набуд?
Ваҳшӣ, касе, ки чашми вафо доштам аз ӯ,
Зуд аз назар фиканд маро, чашми ин набуд.
151
Ҳар диле, к-аз ишқ ҷони шуълаандӯзаш набуд,
Гар саропо оташи сӯзанда шуд, сӯзаш набуд.
Ишқро омода буд, асбобу ҷони мустаид,
Кор чун афтод бо дил, бахти фирӯзаш набуд.
Хирмани ман буду хирмансӯз шӯхе буд низ,
Гармии хосе, ки бошад шуълаафрӯзаш набуд.
Дар камони ноз он тире, ки ман мехостам,
Буд паркаш, лек пайкони ҷигардӯзаш набуд.
Тоқат овардем чандин сол аз ӯ бегонагӣ,
Ошноее шуд зарурат, тоби як рӯзаш набуд.
Он ки сад мурғ аст дар домаш, агар Ваҳшӣ рамид,
Гӯ, тасаввур кун, ки як мурғи навомӯзаш набуд.
152
Як раҳ суол кун, гунаҳи бегуноҳи худ,
З-ин чашми пуртағофули андакгуноҳи худ.

З-он нимашаб битарс, ки дартозад аз ҷигар,
То кай инонкашида тавон дошт оҳи худ?
Додем ҷон ба роҳи ту, золим чӣ мекунӣ?
Сар додаӣ чӣ фитнаи чашми сиёҳи худ?
Бурдӣ дили марову ба ҳирмон бисӯхтӣ,
Ӯ худ чӣ карда буд, бидонад гуноҳи худ?
Дарди сарат мабод зи фарёди додхоҳ,
Гар дод мезананд ту мерон ба роҳи худ.
З-он аҳд ёд бод, к-аз осеби заҳри чашм,
Медошт нӯшханди туам дар паноҳи худ.
Ман сайди дигаре нашавам, Ваҳшии туам,
Аммо ту ҳам бурун марав аз сайдгоҳи худ.
153
Маро васле намебояд, ману ҳаҷру малоли худ,
Сало зан ҳар киро хоҳӣ, ту донию висоли худ.
Нахоҳад буд ҳоли ҳеч ошиқ ҳамчу ҳоли ман,
Ту гар худро гузорӣ бо тақозои ҷамоли худ.
Зи ман шармандаӣ, азбаски кардӣ ҷавр, медонам,
Зи пуркорӣ зи ман пинҳон намоӣ инфиоли худ.
Забон хуб аст, аммо безабоне чун забони ман,
Ки гардад лол ҳар гаҳ шарҳ бояд кард ҳоли худ.
Кадом аз ман беҳанд, ин покдомон ошиқони ту?
Қароре дода хоҳӣ буд, моро дар хаёли худ.
Чӣ ёри хуб пайдо кард, наздик аст, к-аз ғусса,
Ба дасти худ канам ин чашму созам поймоли худ.
Намегуфтам машав, парвонаи шамъи рухаш Ваҳшӣ,
Чу нашнидӣ насиҳат, ин замон месӯз боли худ.
154
Ниёзе, к-аз ҳавас хезад, кадомаш обрӯ бошад?
Ниёзи булҳавас ҳамчун намози бевузӯ бошад.
Зи мастӣ, он ки мегӯяд, «Аналҳақ» кай хабар дорад,
Ки курсӣ зери по, ё ресмонаш дар гулӯ бошад?
Ниҳам дар пои ҷон банде, ки то ҷовид нагрезад,
Аз он кокул, ки ман донам гарам як тори мӯ бошад.
Ба хун ғалтидам аз ишқи ту, сад чун ман нагардонад,
Ба як паймона он соқӣ, к-аш ин май дар сабӯ бошад.

На сулҳат боисе дорад, на хашмат мӯҷибе, ё Раб,
Чӣ хонад ин табиатро касе, в-ин хӯ чӣ хӯ бошад?
Бад-ин бемеҳрии зоҳир, машав навмед аз ӯ Ваҳшӣ,
Чӣ медонӣ ту, шояд дар таҳи хотир накӯ бошад?
155
Тарсам дар ин дилҳои шаб, аз сина оҳе сар занад.
Барқе зи дил берун ҷаҳад, оташ ба ҷое дар занад.
Аз ӯҳда чун ояд бурун, гар бар замин омад саре,
Он нимаҳои шаб, ки ӯ бо муддаӣ соғар занад.
Кӯси набарди мо мазан, андеша кун, к-аз хайли мо,
Гар як дуо тозад бурун, бар як ҷаҳон лашкар занад.
Оташфишонист ин ҳаво, пиромуни мо нагзарӣ,
Хасме ба боли худ канад, мурғе, ки ин ҷо пар занад.
Май бесафо, най бенаво, вақт аст, агар дар базми мо,
Соқӣ майи дигар диҳад, мутриб раҳи дигар занад.
Моро дар ин зиндони ғам, минбаъд натвон доштан,
Банде магар бар по ниҳад, қуфле магар бар дар занад.
Ваҳшӣ, зи бас озурдагӣ заҳр аз забонам мечакад,
Хоҳам далере, к-ин замон худро ба ин ханҷар занад.
156
Бутон, ки аҳли таъаллуқ ба қайдашон банданд,
Ғариб сӯхт диле, чанд сустпайванданд?
Таҳияи сабаби гиряҳои чун заҳр аст,
Шакарфишоние инон, ки дар шакар ханданд.
Дар ин ҷаридаи афсун ранги маънӣ нест,
Чунин нигошта матбӯи сурате чанданд.
Ба рӯди Нил фикананд дидаи падарон,
Ҷамоае, ки аз эшон баҳина фарзанданд.
Фиғон, ки нағмасароёни гул наянд огаҳ,
Ки ҳаст рангею бӯе бад-он чӣ хурсанданд.
Ҳуқуқи хидмати садсола лаъби атфол аст,
Ба кишваре, ки дар он кӯдакон худованданд.
Зи шӯри ин намакинон ҷуз ин наёяд кор,
Ки бар ҷароҳати Ваҳшӣ намак пароканданд.
157
Лаб бичунбон, ки сари тунги шакар бикшояд,
Шакаристони туро қуфл зи дар бикшояд.

Ғамзаро бахш иҷозат, ки ба ханҷар биканад,
Дидае, к-ӯ ба ту густох назар бикшояд.
Раҳи наззорагиён баста ба мижгон, фармо,
Ки ба як чашм задан роҳи гузар бикшояд.
Дар гулӯям зи ту ин гиря, ки шуд уқдаи дард,
Гираҳе нест, ки аз ҷои дигар бикшояд.
Шаби моро ба дари субҳ, на он қуфл заданд,
Ки ба мифтоҳи дуоҳои саҳар бикшояд.
Ҳамаро кушт, бигӯед, ки бо хотири ҷамъ,
Ин замон боз кунад теғу камар бикшояд.
Роҳи тақриби ҳикоят надиҳӣ Ваҳширо,
Ки мабодо гиларо пеши ту сар бикшояд.
158
Хуррам дил он кас, ки зи бӯстони ту ояд,
Гул дар бағал аз гашти гулистони ту ояд.
Мо бо лаби тафсида раҳи бодия рафтем,
Хуш он ки зи сарчашмаи ҳайвони ту ояд.
Хуш мегузарӣ, ғунчакушои чамани кист,
Ин бод, ки аз ҷунбиши домони ту ояд?
Бар моидаи хулд хӯронам ҳама хунам,
Рашки магасе, к-он зи сари хони ту ояд.
Гӯ, мотами худ дору ба наззора қадам неҳ,
Он кас, ки ба роҳи сари майдони ту ояд.
Сарлашкари ҳар фитна, ки ояд паи ҷоне,
Тозон зи раҳи арсаи ҷавлони ту ояд.
Ваҳшӣ, марази ишқ кашид чорагаронро,
Бечора табибе, ки ба дармони ту ояд.
159
Наздики мо сагони дарат ҷо намекунанд,
Мардум чӣ эҳтироз, ки аз мо намекунанд?
Расми куҷост ин, ту бигӯ дар кадом мулк,
Дил мебаранду чашм ба боло намекунанд.
Раҳме намекунӣ, магар ин маҳрамони ту,
Изҳори ҳоли мо ба ту асло намекунанд?
Лайлӣ тамом гӯшу надимони базми хос,
Зикри асири бодия қатъо намекунанд.

Ин қурбу буъд чист, на мо ҷумла ошиқем,
Онҳо чӣ кардаанд, ки инҳо намекунанд?
Ишқ он дақиқа нест, ки аз кас тавон нуҳуфт,
Мардум магар нигоҳ ба симо намекунанд?
Панди абас балост, бале зиракони ишқ,
Беҳуда ҷо ба гӯшаи саҳро намекунанд.
Ин турфа бин, ки ташналабонро ба қатрае,
Сад эҳтиёҷ ҳасту таманно намекунанд.
Ваҳшӣ, чӣ кардаӣ ту, ки хосони базми ӯ,
Ҳаргиз инояте ба ту пайдо намекунанд.
160
Гар дида ба дарюзаи дидор наояд,
Дил дар назари ёр чунин хор наояд.
В-ар даъвии ҷонбозии ишқе накунад дил,
Бар ҷони касе ин ҳама озор наояд.
Фармондеҳии кишвари ҷон кори бузургест,
Навдавлати хуснӣ, зи ту ин кор наояд.
Надҳад дили мо гӯшаи ҳаҷри ту ба сад васл,
Одат ба қафас карда ба гулзор наояд.
Бо бӯй бисозам, ки гули боғчаи васл,
Беш аз бағалу домани ағёр наояд.
Нопухта самар ин ҳама ғавғои харидор,
Навбӯяи ин боғ ба бозор наояд.
Бас завқ, ки ҳосил кунад аз замзамаи ишқ,
Аз Ваҳшӣ, агар ёри маро ор наояд.
161
Гарчи медонам, ки меранҷию мушкил мешавад,
Гар накӯбӣ ҳалқа сад ҷо, бар дари дил мешавад.
Ҳамчу фонусаш касе бояд, ки дорад поси ҳусн,
З-он ки лозим гашту ҷояш шамъи маҳфил мешавад.
Як раҳаш хос аз барои ҷони мо берун фирист,
Он нигоҳ, к-аш то ба мо сад ҷой манзил мешавад.
Рахна банди дидаи уммед хоҳад шуд, макан,
Хоки кӯят, к-аз сиришки ашки мо гил мешавад.
Он чӣ кардӣ инфиъолаш узр хоҳад, бок нест,
Чашмҳо рӯзе, агар бо мо муқобил мешавад.

Дидаро хунбор хоҳад кард аз дидор зуд,
Гар тағофул дар миён з-ин гуна ҳоил мешавад.
Даст барҳам судане дорад, к-аз ӯ хун мечакад,
Дар камини сайди сайёде, ки ғофил мешавад.
Ишваҳои чашмро, к-он ғамза мехонанду ноз,
Ман гирифтам сеҳр шуд, охир на ботил мешавад.
Гул таровад дорад, аммо гӯ ба булбул, хуш туро,
К-обу ранги субҳгоҳаш чошт зоил мешавад.
Дил, агар девона шуд, дорушшифои сабр ҳаст,
Мекунам як ҳафтааш занҷиру оқил мешавад.
Ишқу савдо чист, Ваҳшӣ, мояи беҳосиле,
Ғайри нокомӣ зи худкомон чӣ ҳосил мешавад?
162
Шаҳр, бим аст, к-аз ин ҳусн пурошӯб шавад,
Ин қадар низ набояд, ки касе хуб шавад.
Дар замине, ки ба ин кавкаба шоҳе гузарад,
Сари бисёр гадоён, ки лагадкӯб шавад.
Нашавад ҳеч кам аз кавкабаи шоҳи ҳусн,
Юсуф, ар мултафити саҷдаи Яъқуб шавад.
Хок бодо ба сари он мижаи гардолуд,
К-аш дар он кӯ написанданд, ки ҷорӯб шавад.
Талабаш, гар бикашанд низ муборак талабест,
Толиберо, ки касе мисли ту матлуб шавад.
Ман худ ин матлаби олӣ зи Худо металабам,
З-ин чӣ хуштар, ки муҳиб куштаи маҳбуб шавад.
Бирав, эй Ваҳшию бигзор сафоройи сабр,
Шавқи лашкаршикане нест, ки мағлуб шавад.
163
Шакли мастонаву инкори шаробаш нигаред,
То надонанд, ки маст аст, шитобаш нигаред.
Он ки гӯяд назадам ҷому зад оташ ба дилам,
Чеҳра афрӯхтану майли кабобаш нигаред.
Сад гули тоза шукуфтаст зи гулзори рухаш,
Гул-гул афтода бар ӯ аз маи нобаш нигаред.
То напурсем аз он маст, ки кай май задаӣ?
Чин ба абрӯ задану нозу итобаш нигаред.

Он ки мегуфт ба Ваҳшӣ, ки манам зоҳиди шаҳр,
Гӯ, биёед ба майхона, харобаш нигаред.
164
Ин дил, ки дӯстӣ ба ту хунхора мекунад,
Хасмӣ ба худ, на бо мани бечора мекунад.
Бадхӯият ба охири дидан гузаштааст,
Ҳоло назар ба хубии рухсора мекунад.
Ин сайди бе мулоҳизаи ғофил аз каманд,
Гардан дароз карда чӣ наззора мекунад?
Ин шишаи шариф, ки сад ҷо шикаста беш,
Ин ихтилот чист, ки бо хора мекунад?
Фардо намоямаш, ки сӯи ҷайби ҷон равад,
Ваҳшӣ, ки ҷайби ориятӣ пора мекунад.
165
Гар рехт пар уқобе, фарри ҳумо бимонад,
Ҷовид сояи ӯ бар фарқи мо бимонад.
Рафт, он ки лашкареро дар ҳамлае шикастӣ,
Лашкаршикан, агар рафт, кишваркушо бимонад.
Моҳи сипеҳри маснад, шуд аз сафи кавокиб,
Меҳри ситораи хайл гардунливо бимонад.
Аббосбеки аъзам, к-аз бори эҳтишомаш,
То инқирози олам гардун дуто бимонад.
Хони заифпарвар, к-аз баҳри ҳифзи ҷонаш,
Бар чарх оламеро дасти дуо бимонад.
Хуршед ходими ӯ, гардун мулозими ӯ,
То ҳашр ин бузургӣ, в-ин кибриё бимонад.
Гардун захира созад гарди суми самандаш,
К-аз баҳри чашми гардун ин тӯтиё бимонад.
Гар дасти теғи фитна гардун баланд созад,
Хушк аз ниҳеби адлаш андар ҳаво бимонад.
Гар ҷон гузошт холӣ нахли расидаи ӯ,
Ӯ ҳарду тоза нахлаш ӯро ба ҷо бимонад.
Инро ба боғи давлат, в-онро ба гулшани бахт,
Ё Раб, ки то қиёмат нашъунамо бимонад.
Ту ҷовидон бимонӣ, гар ӯ намонд боқӣ,
Иқболи ту ҷаҳонро то интиҳо бимонад.

Ваҳшӣ, ҳамеша монад ин зубдаи замона,
То ҳеҷ кас намонад, танҳо Худо бимонад.
166
Алминнатулилаҳ, ки шаби ҳаҷр сар омад,
Хуршеди висол аз уфуқи бахт баромад.
Сад шукр, ки занҷирии зиндони ҷудоӣ,
Аз ҳабси фироқи ту саломат бадар омад.
Шуд навбати дидору задам кӯси башорат,
Яъне ки дуои саҳарӣ коргар омад.
Ҷон буд зи ҳаҷри ту муҳайёи ҳазимат,
Ин буд, ки ногоҳ зи васлат хабар омад.
Бехуд шуда буд аз шаъафи васли ту, Ваҳшӣ,
З-ӯ даргузар, ар ӯ ба дарат дертар омад.
167
Ёри дурафтодамон ҳалли муроди мо накард,
Муддате рафтему ӯ як бор ёди мо накард.
Маҷлиси мо ҳар дам аз ёдаш биҳиште дигар аст,
Гарчи ҳаргиз ёди мо ҳуринажоди мо накард.
Бар сари сад роҳ доди мо ба гӯши ӯ расид,
Як раҳ он бедодгар гӯше ба доди мо накард.
Дил ба хоки раҳгузораш умрҳо паҳлу ниҳод,
Ӯ гузоре бар дили хокиниҳоди мо накард.
Эътимоди мо яке сад шуд ба Ваҳшӣ,  з-ин ғазал,
Кист, к-ӯ сад офарин ба эътиқоди мо накард?
168
Он кас, ки доман аз паи кини ту барзанад,
Бар пои нахли зиндагии худ табар занад.
Гар кӯҳ хасмии ту кунад, интиқоми ту
Он теғро ба дасти худаш бар камар занад.
Аз лашкари таваҷҷуҳи ту камтарин савор,
Тозад буруну яктана бар сад ҳашар занад.
Қаҳри ту чун баланд кунад гӯшаи камон,
Ҳар тирро, ки қасд кунад, бар ҷигар занад.
Шукри Худо, ки хасми туро бар ҷигар нишаст,
Он тирҳо, ки хост туро бар сипар занад.
Мурғе, к-аз ошёнаи хасми ту барпарид,
Илло ба хуни худ натавонад, ки пар занад.

Ту дар гулӯфишории хасмию ҷони ӯ,
Дар банди фарҷаест, ки аз тан бадар занад.
Мутриб ба базм хонду адӯят чи ғофил аст,
Гӯ, кас равона кун, ки дари навҳагар занад.
Дар роҳи сайри кавкаби иқболи ту сипеҳр,
Дар дидаи ситораи бад нештар занад.
Фатҳе намудаӣ дигар аз нав, ки бар фалак,
Иқбол табли нусрату кӯси зафар занад.
Ваҳшӣ, куҷост мункари ӯ то чу дигарон,
Худро ба теғи қаҳри қазову қадар занад?
169
Бозам ғами беҳуда ба ҳамхонагӣ омад,
Ишқ омаду бо нашъаи девонагӣ омад.
Эй ақл, ҳамоно ки надорӣ хабар аз ишқ,
Бигрез, ки ӯ душмани фарзонагӣ омад.
Хуш бошад, агар кунҷи ғамат ҳаст, ки ин дил
Бо рахнаи дерина ба вайронагӣ омад.
Дорад хабаре он нигаҳи хос, ки сӯям
Махсус ба сад шеваи бегонагӣ омад.
Эй шамъ, ба ҳар шуъла, ки хоҳеш бисӯзон,
Мурғи дили Ваҳшӣ, ки ба парвонагӣ омад.
170
Мулки дилро сипаҳи ноз ба яғмо омад,
Дидаро мужда, ки ҳангоми тамошо омад.
То чӣ кардем, ки чун сабза зи кӯе надамем,
Гул ба гулзор шуду лола ба саҳро омад.
Партави талъати Юсуф магараш хоҳад узр,
Он чи бар дидаи Яъқубу Зулайхо омад.
Ғамзааш кард тамаъ дар дилу чунаш надиҳам?
Хоса акнун, ки табассум ба тақозо омад.
Муждаи умри абад мерасад акнун зи лабаш,
Сабр кун, як нафас, эй дил, ки Масеҳо омад.
Манъи дил з-ин раҳи пуртафриқа кардам, нашнид
Рафт бо як ҳашари тоқату танҳо омад.
Бош омодаи фитроки маломат, Ваҳшӣ,
Ки ту дар хобию сайёд зи сад ҷо омад.

171
Ағёрро осон кушад ошиқ чу тарки ҷон кунад,
Ҳар кас, ки аз ҷон бигзарад, бисёр хун осон кунад.
Эй дил, ба роҳи сели ғам ҷонро чӣ ғамхорӣ кунӣ?
Ин хонаи андуҳро, бигзор, то вайрон кунад.
Ҷон сарфи пуркоре, ки ӯ чун рӯ ба бозор оварад,
Бозори хубон бишканад, нархи бало арзон кунад.
Аз бесарусомониям, ёрон, насиҳат то ба кай?
Ӯ мегузорад то касе фикри сару сомон кунад.
Шуд каъбаи дил аз бутон бутхона, Ваҳшӣ, чун кунам?
Доғи рақибонаш, агар оташгаҳи габрон кунад.
172
Хуш он рӯзе, ки занҷири ҷунун бар пои ман бошад,
Ба ҳар ҷо по ниҳам, аз бехудӣ ғавғои ман бошад.
Хуш он ишқе, ки дар кӯи ҷунунам хусравӣ бахшад,
Ҷаҳон пурлашкар аз ашки ҷаҳонпаймои ман бошад.
Ҳавас дорам дигар дар ишқи он шабзиндадориҳо,
Ки дар ҳар гӯшае афсонаи савдои ман бошад.
Хуш он, к-аз хор-хори доғи ишқи лоларухсоре,
Ҷаҳоне лолазори чашми хунполои ман бошад.
Маро девона созад ин ҳавас, Ваҳшӣ, ки аз ёре
Маҳеро гӯш бар афсонаи шабҳои ман бошад.
173
Дар аввал ишқу ҷунун, оҳам зи гардун бигзарад,
Оғоз кардам инчунин, анҷоми он чун бигзарад?
Лайлӣ, ки шуд Маҷнун аз ӯ дур аз хирад сад марҳила,
К-ӯ то зи ишқи рӯи ту сад раҳ зи Маҷнун бигзарад.
Эй он ки пурсӣ ҳоли ман, ваҳ, чун бувад ҳоли касе,
К-аз дида ҳар дам бар рухаш сад ҷадвали хун бигзарад?
Аз дил барояд шуълае, к-оташ ба олам дарзанад,
Ҳар гаҳ ки дар хотир маро он ҷомагулгун бигзарад.
Ваҳшӣ, ки шуд гавҳарфишон дар васфи иқди гавҳараш,
Набвад аҷаб, к-аз назми ӯ аз дур(р)и макнун бигзарад.
174
Нишонам пеши тираш, кош тираш бар нишон ояд,
Ки пешам аз паи тири худ он абрӯкамон ояд.

Магӯедаш ҳадиси кӯҳи дарди ман, ки метарсам,
Ки гӯед ин сухан, ногаҳ бар он хотир гарон ояд.
Аз онам кас намепурсад, ки чун пурсад касе ҳолам,
Ба ӯ гӯям ғами дил он қадар, к-аз ман ба ҷон ояд.
Биё, эй бод, хокам бар сари ҳар раҳгузар афкан,
Ки домонаш бигирам, ҳар куҷо доманкашон ояд.
Зи шавқи ӯ нарафтам сӯи бӯстон, баҳри он рафтам,
Ки шояд нахли ман рӯзе ба сӯи бӯстон ояд.
Ту дамсози рақибонӣ, чунин маълум мегардад,
Ки чун хонӣ, маро номи рақибат бар забон ояд.
Сабуҳӣ карда меомад, басе хун карда рафтораш,
Бале, хунҳо шавад ҷое, ки масте ончунон ояд.
Магӯ, Вахшӣ, чаро аз базми ӯ ғамнок меоӣ,
Касе, к-аз базми ӯ берун равад, чун шодмон ояд?
175
Ҳам магар файзи туям нутқу баёне бидиҳад,
Дархури шукри атои ту забоне бидиҳад.
Он ҷавоҳир, ки тавон кард нисори ту кам аст,
Ҳам магар ҳиммати ту баҳреву коне бидиҳад?
Чашмаи файзкушо хотири файёзи шумост,
Ваҳ, чӣ бошад, ки ба мо табъи равоне бидиҳад.
Ваҳшӣ, аз уҳдаи шукри ту наояд берун,
Узр ин хоҳад, агар умр амоне бидиҳад.
176
Ғам ҳуҷум оварда медонам, ки зорам мекушад,
В-ин ғами дигар, ки дур аз рӯи ёрам мекушад.
Мекушад сад бор ҳар соат мани бадрӯзро,
Ман намедонам, ки рӯзе чанд борам мекушад?
Гиря кун бар ҳасрату дарди ман, эй абри баҳор,
К-инчунин фасле, ғами он гулъизорам мекушад.
Шаб ҳалокам мекунад андешаи ғамҳои рӯз,
Рӯз фикри меҳнати шабҳои торам мекушад.
Гуфта хоҳад кушт Ваҳширо ба сад бедод зуд,
Дер меояд, магар аз интизорам мекушад?
177
Куҷо дар базми ӯ ҷои чу ман девонае бошад?
Мақоми ҳамчу ман девонае, вайронае бошад.

Чу Маҷнун тоза созам достони ишқу расвоӣ,
Ки ин ҳам дар миёни мардумон афсонае бошад.
Ману шамъе, ки бошад қадри ошиқ он қадар пешаш,
Ки худро чун бисӯзад камтар аз парвонае бошад.
Миёни ошноён ҳар чӣ мехоҳӣ бикун бо ман,
Вале хорам макун чандин, агар бегонае бошад.
Магӯ, Ваҳшӣ, куҷо мебошад, эй султони маҳрӯён,
Куҷо бошад мақомаш, гӯшаи майхонае бошад?
178
Боғи туро назорагиёне, ки дидаанд,
Гуфтанд: -Сабзаҳои хушаш бардамидаанд.
Дар бӯстони ҳусни ту гул бар сари гул аст,
Дарбаста будаею гулашро начидаанд.
Эй бод, саргузашти ҷудоӣ ба гул бигӯй,
З-ин булбулон, ки сар ба пар андар кашидаанд.
Оё чӣ гуна мегузарад талхии қафас?
Бар тӯтиён, ки бар шакаристон паридаанд.
Шукрат ба хун рақам шавад, ар сар барӣ ба ҷавр,
Ушшоқро забони шикоят буридаанд.
Аз беҳақиқатист шикоят зи мардуме,
К-аз баҳри мо ҳазор ҳикоят шунидаанд.
Ваҳшӣ, биё, ки омада он булҳавасгудоз,
Зарҳои камиёр ба оташ расидаанд.
179
Ишқ, гӯ, беиззатам кун, ишқ хорӣ гуфтаанд,
Ошиқиро мояи беэътиборӣ гуфтаанд.
Кӯҳи меҳнат бар дилам неҳ, миннатат бар ҷони ман,
Ошиқиро рукни аъзам, бурдборӣ гуфтаанд.
Пой то сар биму уммедам, ки Тӯри ишқро,
Ғояти навмедию уммедворӣ гуфтаанд.
Пеши ман ҳаст эҳтироз аз чашму дил аз ғайри дӯст,
Он чӣ аҳли тақвияш парҳезгорӣ гуфтаанд.
Рост шуд дил бо ризои ёру раст аз ҳаҷру васл,
Оре-оре, ростию растагорӣ гуфтаанд.
Ман муриди ишқ, гар иршоди он шуд ҳосилам,
Он сифат, к-аш номи мавти ихтиёрӣ гуфтаанд.

Зистан фаръист, Вахшӣ, асли поси дӯстист,
Ҷону сар сахл аст, аввал ҳифзи ёрӣ гуфтаанд.
180
Паи васлаш нахоҳам зуд ёре дар миён афтад,
Ки шавқ афзун шавад чун рӯзгоре дар миён афтад.
Ба худ додам қарори сабр бе ӯ як-ду рӯз, аммо
Аз он тарсам, ки ногаҳ рӯзгоре дар миён афтад.
Фиғон, к-аз даст шуд корам зи ҳаҷру корсозонро,
Зи заъфи толеам ҳар рӯз коре дар миён афтад.
Хуш он рӯзе, ки чун гӯянд пешат ҳарфи муштоқон,
Ҳадиси дарди ман ҳам аз каноре дар миён афтад.
181
Касе, к-аз рашки ман маҳрум аз он паймоншикан гиряд,
Агар дар базми ӯ бинад маро бар ҳоли ман гиряд.
Ба базми айши бедардон ба ҷонам, ку ғамободе?
Ки сӯзад як тараф Маҷнуну як сӯ Кӯҳкан гиряд.
Чӣ мепурсӣ ҳадиси дардпарварде, ки аҳволаш
Касе ҳаргиз нафаҳмад, баски ҳангоми сухан гиряд?
Нишинам ман ҳам аз андуҳу дур аз кӯи ӯ гирям,
Ғарибу дардманде ҳар куҷо дур аз Ватан гиряд.
Бирав, эй пандгӯ, бигзор Ваҳширо, ки ин мискин,
Даме бiншинаду бар рӯзгори хештан гиряд.
182
Коре нашуд аз пешу зи каф накди бақо шуд,
Ин накди бақо чист, ки беҳуда фано шуд?
Изҳори муҳаббат ба саги кӯи ту кардем,
Гуфтем магар дӯст шавад, душмани мо шуд.
Дил хун шуду аз дидаи хунобафишон рафт,
То рафтае аз дида, чӣ гӯям, ки чиҳо шуд?
Бо ҷилваи ҳуснат чӣ кунад ин тани чун коҳ?
Анвори таҷаллист, к-аз он кӯҳ зи по шуд.
Рафтем ба хоби ғам аз афсонаи Ваҳшӣ,
Ӯро, ки ба ишратгаҳи мо роҳнамо шуд.
183
Паи хаданги ҷигаргун ба хуни мардум кард,
Баҳона сохт, ки шанжарф буда пай гум кард.

Табассуме зи лаби дилфиреби ӯ дидам,
Ки ҳар чӣ бо дили ман кард, он табассум кард.
Чунон шудам зи ғаму ғуссаи ҷудоии дӯст,
Ки дид душман, агар ҳоли ман тараҳҳум кард.
Зи санги тафриқа эман нишаст софдиле,
Ки рафту такя ба девори дайр чун хум кард.
Нагуфт ёр, ки дод аз кӣ мезанад, Ваҳшӣ?
Агарчи бар дари ӯ умрҳо тазаллум кард.
184
Ғуломи ишқ, ҳошо, к-аз ҷафои ёр бигрезад,
На ошиқ булҳавас бошад, ки аз озор бигрезад.
Бибар, гар булбулӣ, дарди сари беҳуда аз гулшан,
Ки гӯяд ошиқи рӯи гулам, в-аз хор бигрезад.
Набошад бевафо гул, балки мурғе бевафо бошад,
Ки чун гулро намонад хубии рухсор, бигрезад.
Бас аст ин таъна аз парвона, то ҷовид булбулро,
Ки рангубӯи гул чун рафт, аз гулзор бигрезад.
Чаро аз нисбати худ ишқро туҳмат ниҳад, Ваҳшӣ?
Касе аз ҷаври ёру таънаи ағёр бигрезад.
185
Дар он диёр, ки ҳиҷрон бувад ҳаёт набошад,
Асоси зиндагии Хизрро сабот набошад.
Мунодиест зи ҳиҷрон, ки ҳар кӣ бандӣ шуд,
Зи бандихонаи мо дигараш наҷот набошад.
Мабин ба зоҳири белутфияш, ки ҳаст бутонро,
Тағофуле, ки кам аз ҳеч илтифот набошад.
Матоъҳои вафо ҳаст дар дукончаи ишқам,
Ки дар саросари бозори коинот набошад.
Ба мазҳабе, ки амал мекунию кеш, ки дорӣ,
Ки гуфтааст, ки ҳусни туро закот набошад?
Бисоти дуриву шатранҷи ғоибона ба хубон,
Ба худ фурӯшуда Ваҳшӣ аҷаб, ки мот набошад.
186
Ҳеч кас чашм ба сӯи мани бемор накард,
Ки ба ҷон додани ман гиряи бисёр накард.
Ки маро дар назар овард, ки аз ғояти ноз,
Чин бар абрӯ назаду рӯй ба девор накард.

Ҳеҷ сангиндили бераҳм ба ғайр аз ту набуд,
Ки суруди ғами ман дар дили ӯ кор накард.
Рӯҳи он куштаи ғам шод, ки то буд даме,
Ёри ғам буду шикоят зи ғами ёр накард.
Рӯзи мурдан зи ту Ваҳшӣ гилаҳо дошт, вале
Рафт аз кор забониваю изҳор накард.
187
Оинаи ҷамоли туро он сафо намонд,
Оҳе задему оинаатро ҷило намонд.
Рӯзе, ки мо зи банди ту озод мешудем,
Буданд сад асиру яке мубтало намонд.
Дигар ману шикояти он бевафо, к-аз ӯ
Ҳечам умедвории меҳру вафо намонд.
Сӯи мусоҳибони ту ҳаргиз касе надид,
К-аз инфиъол чашми ту бар пушти по намонд.
Ваҳшӣ, зи остонаи ӯ бор басту рафт,
Аз заъф чун таҳаммули бори ҷафо намонд.
188
Ҳар кӣ ёри мост, майли куштани мо мекунад,
Ҷурми ёрон чист, даврон ин тақозо мекунад?
Мекунад ифшои дарди ишқ доғи тозаам,
Ин сияҳрӯ дардмандонро чӣ расво мекунад?
Ашк ҳардам пеши мардум обрӯям мебарад,
Чун тавон гуфтан, ки тифле бо ман инҳо мекунад?
Аз ҷунуни мо тамошои хушӣ хоҳад шудан,
Ҳар кӣ меояд ба кӯи мо тамошо мекунад.
Дам ба дам аз дарди Ваҳшӣ санг бар дил мезанад,
Ҳар замон дарди диле аз санг пайдо мекунад.
189
Моро ба сӯи худ хами мӯи ту мекашад,
Занҷир карда бар сари кӯи ту мекашад.
Эй боғ, хуш биханд, ки халқе зи ҳар тараф,
Чун сабза рахт бар лаби ҷӯи ту мекашад.
Эй сабза, бахти сабз ту дорӣ, ки лоласон
Ҳар сӯ касе пиёла ба рӯи ту мекашад.
Эй бӯстон, шукуфта шав акнун, ки халқро,
Дил ҳамчу ғунча боз ба сӯи ту мекашад.

190
Дӯш андак шиквае аз ёр мебоист кард,
В-аз паи он гиряи бисёр мебоист кард.
Ҳоли худ, гар арз мекардам, ба ин сӯзу гудоз,
Чораи кори манаш ночор мебоист кард.
Баъди умре, к-омадӣ, як лаҳза мебоист буд,
Пурсиши ҳоли мани бемор мебоист кард.
Имтиҳон нокарда хондӣ ғайрро дар базми хос,
Чанд рӯзе чун манаш озор мебоист кард.
Рафтан аз маҷлис бад-ин сурат чӣ маънӣ дошт дӯш?
Ранҷише гар доштӣ, изҳор мебоист кард.
То шавад зоҳир, ки номи мо нарафт аз ёди дӯст,
Ёди мо дар номае як бор мебоист кард.
Кори худ бад кардам аз арзи муҳаббат пеши ёр,
Худ ғалат кардам, чаро ин кор мебоист кард?
Шаб, ки мебурданд маст аз базми он бадхӯ маро,
Ҳар чӣ дил мехост, бо ағёр мебоист кард .
Ин ки Ваҳширо задӣ бар дор, лутфе кам набуд,
Аввалаш бисёр миннатдор мебоист кард.
191
Сурхие, к-он зи наи тири ту пайдо бошад,
Ранги хунобаи хуми ҷигари мо бошад.
Розҳо дораму з-он бим, ки бадном шавад,
Мекунам дурӣ аз он шӯх, ки танҳо бошад.
Чун диҳам ҷон кафанам пинаи марҳам гардад,
Баски аз теғи туям захм бар аъзо бошад.
Эй хуш он ноз, ки чун бар сари ғавғо бошӣ,
Асари ханда зи лабҳои ту пайдо бошад.
Чун ту дар дида нишинӣ наравад ашк, бале,
Кай равад тифл зи ҷое, ки тамошо бошад?
Мирам аз дағдаға чун ғайр набошад пайдо,
Ки мабодо ҳарами васли туяш ҷо бошад.
Гул-гул аз санги ҷунун гашт тани мо, Ваҳшӣ,
Оре-оре гули девонагӣ инҳо бошад.
192
Мекашам з-он тундхӯ, гар сад тағофул мекунад,
Дигаре бошад куҷо чандин таҳаммул мекунад.

Мекунад фарёд булбул аз камоли шавқи бод,
Ғунча гӯё хандае дар кори булбул мекунад.
Бар рухи чун зар сиришки ҳамчу симам диду гуфт:
«Ин гадоро бин, ки изҳори таҷаммул мекунад».
Зулфи ӯ дил бурду кокул дар паи ҷон аст, вой,
К-он чӣ бо ҷонам накард он зулф, кокул мекунад.
Мекунад бе навгуле хунобаи дил дар канор,
Дар чаман, Вахшӣ, чунин доман пур аз гул мекунад.
193
Ҳаргиз ба ғараз ишқи ман олуда нагардад,
Чашмам ба кафи пои касе суда нагардад.
Олуда наям, чун дигарон, ин ҳунарам ҳаст,
К-аз суҳбати ман ҳеч кас олуда нагардад.
Парвонааму одати ман сӯхтани хеш,
То пок насӯзам дилам осуда нагардад.
Бо булҳавас аз покии домони ту гуфтам,
То боз ба дунболи ту беҳуда нагардад.
Вахшӣ, зи ғамаш ҷони ту фарсуд, аҷаб нест,
Ҷон аст, на санг аст, ки фарсуда нагардад.
194
Он кӣ ҳаргиз ёди муштоқон ба мактубе накард,
Гарчи густохист мегӯем пур хубӣ накард.
Бо вуҷуди корвони Миср, к-аз ҳам нагсалад,
Юсуфе дорам, ки ҳаргиз ёди Яъқубе накард.
Кушт моро ҳаҷру ёре бар дари султони васл,
Ҷомаи хунбастаи мо бар сари чӯбе накард.
Дурам аз матлаб ҳамон бо он ки ҳаргиз ҳеҷ кас,
Ин қадарҳо ҷаҳд дар таҳсили матлубе накард.
Бо балое чун балои ҳаҷр умре кард сабр,
Он чӣ Вахшӣ кард ҳаргиз ҳеҷ Аюбе накард
195
Диле к-аз ишқ гардад гарм, афсурдан намедонад,
Чароғеро, ки ин оташ бувад, мурдан намедонад.
Диле дорам, ки ҳарчандаш биёзорӣ, наёзорад,
На дил, санг аст пиндорӣ, ки озурдан намедонад.
Хасак дар зери по дорам, муқими кӯи муштоқӣ,
Аҷаб набвад, ки пои сабр афшурдан намедонад.

Инон камтар каш ин ҷо, чун расӣ, к-аз мо вафокешон,
Касе дасти тазаллум бар инон бурдан намедонад.
Мае дар коса дорам, мояи сад гуна бадмастӣ,
Ҳанӯз ӯ мастию хуни ҷигар хӯрдан намедонад.
Биханд, эй гул, к-аз оби чашми Вахшӣ парвариш дорӣ,
Ки ҳар гул, к-ӯ ба бор овард, пажмурдан намедонад.
196
Касе аз дур то кай чини абрӯи касе бинад,
Саропо чашми ҳасрат гардаду сӯи касе бинад.
Зи рӯи хештан ҳам шарм меяд маро то кай?
Касе биншинаду аз дур дар рӯи касе бинад.
На мағрурӣ чунонам кушт, к-аз дил чун кашад ханҷар,
Саре пеш афканад дар чоки паҳлӯи касе бинад.
Фалак, гӯ, устухон пеши кас афкан устухонеро,
Ки фарсояд зи ҳасрат чун саги кӯи касе бинад.
Касе донад, ки Вахширо чӣ барқ афтод дар хирман,
Ки доғе бар ҷигар аз тундии хӯи касе бинад.
197
Ки ҷон барад, агар он маст саргарон бадар ояд,
Кулоҳ каҷ ниҳад аз нозу бар сари гузар ояд.
Расид бори дигар бори ҳусни ҳукм чӣ бошад?
Дигар, ки аз назар афтад, ки боз дар назар ояд.
Зи сӯи Миср ба Канъон аҷаб раҳест, ки бошад,
Ҳанӯз қофила дар Мисру қосиду хабар ояд.
Камина хосияти ишқ ҷазбаест, ки касро
Зи ҳар даре, ки паронанд беш, бештар ояд.
Сабӯ ба дӯшу сурохӣ ба дасту мухтасиб аз пай,
Наъузубиллоҳ, агар пои ман ба санг барояд.
Магӯ, ки Вахшиям ояд зи пай, агар биравам ман,
Чӣ монеъ аст, наояд чаро ба чашму сар ояд?
198
Шавқам гирифту аз дари ақлам бурун кашид,
Якрӯза меҳр бин, ки ба ишқу ҷунун кашид.
Он орзу, ки дӯш набудаш асар ҳанӯз,
Бисёр зуд буд ба ин ишқ чун кашид?
Фарҳод вазъи маҷлиси Ширин назора кард,
Барҷасту рахти худ ба сӯи Бесутун кашид.

Худро нуҳуфта буд ба ин остона ишқ,
Берун давид ногаҳу моро дарун кашид.
Он нам, ки буд қатра шуду қатра ҷӯи об,
В-аз оби ҷӯ гузашт, ба тӯфон ҷунун кашид.
З-ин май ба ҷуръаи дигар аз худ бурун равем,
З-ин бодҳои дард, ки аз мо фузун кашид.
Ваҳшӣ, ба худ накард чунин хор хешро,
Гар хорие кашид, зи бахти забун кашид.
199
Зи кори бастаи мо уқдаи ҳирмон кӣ бикшояд?
Кӣ созад ин калиду қуфли ин зиндон кӣ бикшояд?
Ба гулхан гар равам аз рашки гулхантоб дар банданд,
Ба рӯи нокасе чун ман дари бӯстон кӣ бикшояд?
Чунин к-аз дидани ҳар нописандам хун ба ҷӯш ояд,
Агарна сели хун зӯр оварад, мижгон кӣ бикшояд?
Ҷигар то лаб гираҳ аз ғуссаву сад уқда дар хотир,
Куҷо зоҳир кунам, в-ин уқдаи пинҳон кӣ бикшояд?
Тилисми дӯстӣ пурхавфу ганҷи васл пурдушман,
Аҷаб ганҷест, аммо то тилисми он кӣ бикшояд?
Магӯ, Ваҳшӣ, кӣ бикшояд дари уммеди мо охир,
Худо бикшояд ин дар охир, эй нодон, кӣ бикшояд?
200
Сад ҳашари ҷон зи пай яккасворе расид,
Ханҷари пурхун ба даст шершикоре расид.
Беҳуда абраш натохт ин тараф он турки маст,
Теғ ба даст инчунин аз паи коре расид.
Рахшдавоне зи пеш, ашкфишоне зи пай,
Тундсаворе гузашт, ғошиядоре расид.
Доғи ҷунун тоза гашт ин дили пажмурдаро,
Сахтхазоне гузашт, хуббаҳоре расид.
Ваҳшӣ, аз ин мавҷхез раст, вале баъди марг,
Ғута басе зад ба хун, то ба каноре расид.
201
Чаро худро касе дар доми сад бенисбат андозад,
Равад бо як ҷаҳон ноаҳл тарҳи суҳбат андозад.
Ҳазар аз суҳбати авбош, агар худ як нафас бошад,
Ки гар худ подшоҳӣ, касрат андар ҳурмат андозад.

Нигаҳ дор обуранги хеш, эй ёқути пурқиммат,
Ки беобиву беранги̅ халал дар қиммат андозад.
Чу бошад бода дар хум, талхиву ҳоле дигар дорад,
Тасарруф кардани бодеш аз кайфият андозад.
Хилофи ақл бошад май нахӯрда, ҷомае олуд,
Барад худро касе дар шоҳроҳи тухмат андозад.
Туву моро видои ҳусну ишқ авлост, к-ин суҳбат,
На танҳо ҳуснро, сад ишқро аз ҳолат андозад.
Маҷоли гуфтугӯ танг аст, гӯ, Ваҳши̅, забон даркаш,
Ҳамон беҳ, к-ин насиҳатҳо ба вақти фурсат андозад.
202
Магар ман булбулам, к-аз гуфтугӯи гул забон бандад?
Чу гулбун рахти рангубӯи хеш аз бӯстон бандад.
Гулаш дарҳам шукуфт, он бемурувват бин, ки мехоҳад,
Чунин фасле дари бӯстон ба рӯи дӯстон бандад.
Забонам месарояд қиссаи андуҳу метарсам,
Ки бар ҳар ҳарфи ман бадгӯ ҳазорон достон бандад.
Хаданге хӯрдаам кори̅ зи шасти нози пуркоре,
Ки аз абрӯ кушояд тиру тӯҳмат бар камон бандад.
Раҳе дар пешам афтодасту бими роҳзане дар пай,
Ки чун бар корвоне тохт, аввал даст ҷон бандад.
Қабо мепӯшаду хун мекунад афшондани дасташ,
Маъозаллоҳ, аз он соат, ки ханҷар бар миён бандад.
Илоҷи захмҳои зоҳири̅ ояд зи Ваҳши̅ ҳам,
Табибе ончунон хоҳам, ки ӯ захми ниҳон бандад.
203
Дар ростаи нозфурӯшон, ки битонанд,
Моему нигоҳе, ки ба ҳеҷаш наситонанд.
Эй ишқ, шуди̅ хор, бикаш нози дурӯзи̅,
К-ин ҳуснфурӯшон ҳама қадри ту надонанд.
Хубон, ки гаҳе хонамашон умру гаҳе ҷон,
Бози̅ махӯр аз ман, ки на умранду на ҷонанд.
Ҷонанд, бад-ин ваҷҳкашон нест вафое,
Умранд, аз ин рӯ, ки ба суръат гузаронанд.
Ҷуз рангеву бӯе наю сад мояи озор,
Дар пардаи гул хорбуне чанд ниҳонанд.

Бе ҷавшани фулод сабурӣ наравӣ пеш,
К-ин лашкари бедод аҷаб сахткамонанд.
Ваҳшӣ, сухани нуқси бутон беҳудагӯист,
Хубанд, Илоҳо, ки басе сол бимонанд.
204
Моро дурӯза дурии дидор мекушад,
Заҳрест ин ки андаку бисёр мекушад.
Умрат дароз бод, ки моро фироқи ту,
Хуш мебарад ба зорию хуш зор мекушад.
Маҷруҳро ҷароҳату беморро мараз,
Ушшоқро муфориқати ёр мекушад.
Он ҷо, ки ҳусн даст ба теғи карашма бурд,
Аввал ҷафокашони вафодор мекушад.
Ваҳшӣ, чунин кушанда балое, ки ҳаҷри ӯст,
Моро ҳазор бор, на як бор мекушад.
205
Хунхора роҳе меравам, то худ ба поён кай расад?
Пое, ки ин раҳ сар кунад, дигар ба домон кай расад?
Саҳл аст кори пои ман, гӯ, дар талаб фарсуда шав,
Ин сар, ки ман мебинамаш, лекин ба сомон кай расад?
Гарчи тавонӣ чораам, саҳл аст, гӯ, дардам бикаш,
Натвон ниҳодан бидъате, ошиқ ба дармон кай расад?
Ҷоне, ки пурсидӣ аз ӯ, карда видоъи колбад,
Бар лабситода мунтазир то аз ту фармон кай расад?
Довар дилам дар тарбият шохе бараш нодида кас,
То чун гуле з-ӯ бишкуфад, ё меваи он кай расад?
Нозам машоми шавқро, варна сабо гар бигзарад,
Дар Миср бар пироҳане, бӯяш ба Канъон кай расад?
Мӯре ба ҷид бандад миён, базми Сулаймон ҷо кунад,
Ту саъй кун, Ваҳшӣ, магӯ ин ҷон ба ҷонон кай расад?
206
Ишқ ку? То шаҳнаи ҳасрат ба зиндонам кашад,
Интиқоли аҳд фориғболӣ аз ҷонам кашад.
Бар дари майхона ман хоҳам, ки ояд ғамзамаст,
Гаҳ миёнам гираду гоҳе гиребонам кашад.
Парнигоҳе ку, ки чун бар дил кушояд тири ноз,
Аз паи ҳам сад нигаҳ тозад, ки пайконам кашад.

Сурмае хоҳам, ки ҷуз як рӯ набинам, ишқ ку?
То ба мили оташин бар чашми гирёнам кашад.
Гулшани шавқе ҳавас дорам, ки ризвон дар биҳишт,
Бар дари боғ ояму сӯи гулистонам кашад.
Ваъдагоҳе ку, ки чун навмед бархезам зи васл,
Дасти уммеди вафои ваъда домонам кашад.
Дар кадомин чашм ҷӯям он нигоҳи бардагӣ?
К-ошкоро гӯядам бархезу пинҳонам кашад.
Он ғизолеро, ки хоҳад Вахшӣ, ар воқеъ шавад,
Даҳр бас ният, ки аз табъи ғазалхонам кашад.
207
Даруни дил ба ғайр аз ёру фикри ёр кай гунҷад?
Хаёли рӯи ӯ ин ҷо, дар ӯ ағёр кай гунҷад?
Зи ҳарфу савт берун аст рози ишқ, ман бо ӯ
Рамузу ишқу виҷдонест, дар гуфтор кай гунҷад?
Ману озурдагӣ аз ишқи ӯ ҳошо, маъозаллоҳ
Диле, к-аз меҳр пур бошад, дар ӯ озор кай гунҷад?
Ба ратли бахт як хумхона май соқӣ, ки бар лаб неҳ,
Ба зарфи танги ман ин бодаи бисёр кай гунҷад?
Чӣ ҷои марҳами роҳат дили бемор Вахширо,
Ба ҷуз ҳасрат дар он дил, к-аз ту шуд афгор кай гунҷад?
208
Дилам худро ба неши ғамзае афгор мехоҳад,
Шикоят дорад аз осудагӣ, озор мехоҳад.
Бало ин аст, к-ин дил баҳри нозу ишва мемирад,
Зи некӯён, на танҳо хубии рухсор мехоҳад.
Дил аз дасте бадар бурдан набошад кори ҳар чашме,
Нигоҳи пуртасарруф ғамзаи пуркор мехоҳад.
Бувад оҳу, ки сайёдаш ба як тир афканад дар хун,
Дилеро сайд кардан кӯшиши бисёр мехоҳад.
Ғуломе ҳаст Вахшӣ ному мехоҳад харидоре,
Ба бозори накӯрӯён, ки хидматгор мехоҳад.
209
Ҷунуне доштам з-ин пеш, бозам он ҷунун омад,
Маро то чун бурун орад, ки пурғавғо дарун омад.
Ки дорад ботилалсеҳре, ки бар бозуи ҷон бандам,
Ки ҷодуи қадимӣ бар сари сеҳру фусун омад.

Надонам чун шавад анҷоми маҷлис, к-он ҳарифафкан,
Мае афканд дар соғар, к-аз он май бӯи хун омад.
Сипар андохтем ин аст, агар чини хами абрӯ,
Ки зӯри ин камон аз бозуи тоқат фузун омад.
Маро хонию ман дурӣ кунам бо як ҷаҳон рағбат,
Чунин бошад, бале, он кас, ки бахташ вожгун омад.
Магӯ, Ваҳшӣ чи гуна омадат ин меҳр дар сина
Ҳамедонам, ки хуб омад, намедонам, ки чун омад?
210
Оҳи шарорабoрам, к-он аз дарун баромад,
Абрест оташафшон, к-аз баҳри хун баромад.
Мекард дил тағоил аз мусҳафи ҷамолаш,
Аз зулфи ӯ ба фолаш ҷими ҷунун баромад.
Фонусвор моро аз шамъи дилфурӯзӣ,
Оташ зи сина сар зад, дуд аз дарун баромад.
Аз лолаи ҷигархун аҳволи Кӯҳкан пурс,
К-он доғдор бо ӯ дар Бесутун баромад.
Аз чашми пурфани ӯ дар як фиреб додан,
Аз ақлу ҳушмандӣ сад зуфунун баромад.
Бар расми додхоҳон зад даст бар инонаш,
Оё зи дасти Ваҳшӣ ин кор чун баромад?
211
Кай аҳли дил ба коми худ аз дӯстон буранд?
То корашон ба ҷон нарасад, кай зи ҷон буранд?
Аз мо бурид ёр ба андак ҳикояте,
Чандон набуд, ин ки зи ҳам дӯстон буранд.
Шуд гарм то шунид зи мо сӯзи дил чу шамъ,
Оҳ, ин чӣ ҳарф буд,ки моро забон буранд?
Он кас, ки гашт боиси сӯзи фироқи мо,
Ё Раб, сараш ба маҷлиси ӯ шамъсон буранд.
Ваҳшӣ, мабур ба теғ зи ҷонон, ки аҳли дил,
Аз ҳам намебуранд, агар аз ҷаҳон буранд.
212
Зи ишқи ман ба ту ағёр бадгумон шудаанд,
Карашмаҳои ниҳонро нигоҳбон шудаанд.
Ҳикояте, ки ҳарифони базм дар бади ман,
Тамом муттафиқу ҷумла ҳамзабон шудаанд.

Аҷаб, ки бодаи рашке намеравад дар ҷом,
Ки сахт маҷлисиёни ту саргарон шудаанд.
Рақобат аст, ки чу дар диле ба кина нишаст,
Касе надид, ки минбаъд меҳрубон шудаанд.
Ҳама барои ту доранд нуктаҳо, Ваҳшӣ,
Ҷамоате зи ҳарифон, ки нуктадон шудаанд.
213
Ёрон, Худойро, ба сӯи ӯ гузар кунед,
Бошад, к-аш ин хаёл зи хотир бадар кунед.
Дар мо задаст оташу бар азми рафтан аст,
Чун оҳи мо забони худ оташасар кунед.
Оташзабон шаведу бигӯед ҳоли мо,
Ҳангоми ҳол гуфтани мо дида тар кунед.
Аз ҳоли мо, чунон ки дар ӯ коргар шавад,
Он бемаҳалсафаркуни моро хабар кунед.
Манъаш кунед аз сафару дар миёни манъ,
Иғроқ дар суъубати ранҷи сафар кунед.
Гар худ шунид ҷон зи ману мужда аз шумо,
В-ар нашнавад мабод, ки ин ҷо гузар кунед.
Ваҳшӣ, гар ин хабар шунавад, вой, бар шумо,
Аз оташи забонакаши ӯ ҳазар кунед.
214
Сарат аз ғурури хубӣ ба касе фурӯ наояд,
Сари ин ғурур кардам, ки каме дар ӯ наояд.
Биҳиле зи ман, агарчи ҳама бод бурд номам,
Ки касе ба кӯи хубон паи обрӯ наояд.
Дили рашкпарвари ман ҳама сӯхт, чун насӯзад,
Ки ба ғайри доғ коре зи ту тундхӯ наояд.
Зи балои чашми шӯхат нагурехтам зи худ ҳам,
Ба нигоҳ кун суфориш, ки ба ҷустуҷӯ наояд.
Ту бигӯй мардӣ аст ин, ба куҷо равад асире,
Сари роҳи ту нагирад, ба тавофи кӯ наояд?
Ту ба ман гузор, Ваҳшӣ, ки ғами ту ман бигӯям,
Ки ту дар ҳиҷоби ишқӣ, зи ту гуфтугӯ наояд.
215
Рӯзҳо шуд то касам пиромани ин дар надид,
То ту гуфтӣ дур шав, з-ин дар касам дигар надид.

Сӯхт мороончунон ҳирмони оташсӯзи мо,
К-аз танам он к-ӯ нишон меҷуст, хокистар надид.
Алвидоъ,эй сар, ки моро мебарад савдои ишқ,
Бар сари роҳе, ки ҳар кас рафт он ҷо, сар надид.
Марди ишқ аст, он ки гар олам сипоҳи ғам гирифт,
Тохт бар майдону бар бисёрии лашкар надид.
Гарчи Ваҳшӣ нохушиҳо диду сахтиҳо, вале
Сахттар аз рӯзгори ҳаҷру нохуштар надид.
216
Ту хун ба косаи ман кун, ки ғайр тоб надорад,
Тунукшароби ситам зарфи ин шароб надорад.
Чӣ дидаию дар ин чист маслиҳат, ки нигоҳат
Тамом хашм шуду рухсати итоб надорад.
Ту зудранҷи тағофулпараст, ваҳ, чӣ баландӣ,
Чӣ гуфтаам, ки саломам дигар ҷавоб надорад?
Ба хушксоли вафо растӣ, эй гиёҳи муҳаббат,
Бирез барг, ки абри умед об надорад.
Дили балокаши Ваҳшӣ, ки хӯ ба доғи ту карда,
Агар ба оташи дӯзах равад, азоб надорад.
217
Ба лаб бигӯй, ки он хандаи ниҳон накунад,
Маро ба лутфи ниҳони ту бадгумон накунад.
Ту худ маро чӣ кунӣ, лек чашмро фармой,
Ки он нигаҳ, ки ту кардӣ, замон-замон накунад.
Ту ранҷаи зи ману майли ман, вале чӣ кунам?
Бигӯ, ки нози туам даст дар миён накунад.
Гарам маҷоли нигоҳе бувад, замон чӣ кунам,
Ҳикояте, ки нигаҳ мекунад, забон накунад.
Ҳазор суд дар ин байъ ҳаст, хоҳӣ дид,
Маро бихар, ки харидори ман зиён накунад.
Ҷафову ҳар чӣ кунад, гӯ, ба ман худованд аст,
Валек нисбати моро ба ину он накунад.
Бас аст ҷавр зи саброзмуд Ваҳширо,
Ҳазор бор касеро кас имтиҳон накунад.
218
Чаро ситамгари ман бо касе ҷафо накунад?
Ҷафои ӯ ҳама кас мекашад, чаро накунад?

Фиғон зи сангдили ман, ки хуни сад мазлум,
Ба зулм резаду андеша аз Худо накунад.
Чӣ ғуссаҳо, ки нахӯрдам зи ошноии ту,
Худо, туро ба касе, ё Раб, ошно накунад.
Кадом сангдил аз дарди ман хабар дорад?
Ки бо вуҷуди дили сахт гиряҳо накунад.
Кашида ҷому сари бегунаҳкушӣ дорад,
Аҷаб, ки барнакашад теғу қасди мо накунад.
Ба ҷои хеш наёмад маро чу Ваҳшӣ дил,
Агар зи сири ту пайкон ба дида ҷо накунад.
219
Пурсидани реши дили зорам бигузоред,
Як дам ба ғаму меҳнати хешам бигузоред.
Ёрон, ба миёни ману он маст маоед,
Гар мекушад он арбадакешам бигузоред.
Гӯянд, ки пеш ор сабурӣ ба ғами ишқ,
Гар меравад ин кор зи пешам, бигузоред.
Рӯзе, ки баред аз раҳи ин куштаи ишқаш,
Он-ч аз ду-се рӯз аз ҳама пешам бигузоред.
Ваҳшисифатам, ҷомаи садпора бидӯзанд,
Часпида ба захми дили решам бигузоред.
220
Оини дастгирӣ, з-аҳли ҷаҳон наояд,
Бонги дарои ҳиммат з-ин корвон наояд.
Эй андалеб, хӯ кун бо хори ғам, ки ҳаргиз
Бӯи гули мурувват з-ин бӯстон наояд.
Бар ҳарфи аҳли ҳоҷат гӯши қабул бикшо,
К-ин ҳарфро нагӯяд, то кас ба ҷон наояд.
Ночор гашта ғурбат дилро, вагарна ҳаргиз
Мурғе бувад, ки ёдаш аз ошён наояд.
Кам оядам ба хотир ҳамсуҳбатони ҷонӣ,
К-оташ ба ҷон нагирад, дил дар фиғон наояд.
Тири дуо чӣ хуб аст, гар бар нишон тавон зад,
Аммо чӣ чора созам, гар бар нишон наояд?
Ваҳшӣ, дигар наояд сӯям арӯси давлат,
Рӯзе биёяд охир, гар ин замон наояд.

221
Кӣ ҷон барад, агар он маст саргарон ба дар ояд?
Кулоҳ кач ниҳаду бар сари гузар бадар ояд.
Расид бори дигар бори ҳусн, ҳукм чӣ бошад,
Дигар кӣ аз назар афтад, ки боз дар назар ояд?
Зи сӯи Миср ба Канъон аҷаб раҳест, ки бошад
Ҳанӯз қофила дар Мисру номаю хабар ояд.
Камина хосияти ишқ ҷазбаест, ки касро
Зи ҳар даре, ки биронанд беш, бештар ояд.
Сабӯ ба дӯшу сурохӣ бар дасту муҳтасиб аз пай,
Наъузубиллоҳ, агар пои ман ба санг барояд.
Магӯ, ки Ваҳшиям омад зи пай, агар биравам ман,
Чӣ монеъ аст наояд чаро ба чашму сар ояд?
222
Равам ба ҷои дигар, дил диҳам ба ёри дигар,
Ҳавои ёри дигар дораму диёри дигар.
Ба дигаре диҳам ин дил, ки хоркардаи туст,
Чаро, ки ошиқи ту дорад эътибори дигар?
Миёни мову ту нозу ниёз бартараф аст,
Ба худ ту низ бидеҳ баъд аз ин қарори дигар.
Хабар диҳед ба сайёди мо, ки мо рафтем,
Ба фикри сайди дигар бошаду шикори дигар.
Хамӯш, Ваҳшӣ, аз инкори ишқи ӯ, к-ин ҳарф,
Ҳикоятест, ки гуфтӣ ҳазор бори дигар.
223
Дилу табъи хешро, гӯ, ки шаванд нармхӯтар,
Ки дилам баҳонаҷӯ шуд, ман аз ӯ баҳонаҷӯтар.
Гила, гар кунам зи хӯят, ба ҷуз ин қадар набошад,
Ки шаванд, агар ту хоҳӣ, қадаре аз ин накӯтар.
Ҳама ранг ҳила бинам паси пардаи фиребат,
Бирав, эй дурӯ, ки ҳастӣ, зи гули дурӯ дурӯтар.
Ту на мурғи ин шикорӣ, паи сайди дигаре рав,
Ки уқоби дигар омад паи сайди ин кабӯтар.
На хуш омадаст, Ваҳшӣ, ту ғариби хушадоӣ,
Ҳама тарз тозагӯӣ, зи ту кист тозагӯтар?

224
Охир, эй мағрур, гоҳе зери пои худ нигар!
Зери пои худ сари аҷзи гадои худ нигар!
Ин чӣ истиғнову ноз аст, ин чӣ кибру саркашист?
Ҳасбаилиллоҳ, ба сӯи мубталои худ нигар!
Чун хиромӣ ғамзаро биншон бар он дунболи чашм,
Нимкушти нози халқӣ, бар қафои худ нигар!
Ин мабин, ҷоно, ки осон панҷаи сабрам шикаст,
Зӯри бозую ғами мардозмои ман нигар!
Боварат, гар нест аз Ваҳшӣ, ки месӯзад зи ту,
Чок дар ҷонаш фикан, доғи вафои худ нигар!
225
Гӯ, ҳурмати худ, носеҳи фарзона нигаҳ дор!
Худро зи забони мани девона нигаҳ дор!
Ҷо дарх(в)ари ӯ ҷуз садафи дидаи ман нест,
Гӯ, ҷои худ он гавҳари якдона нигаҳ дор!
Зоҳид, чӣ кашӣ ин ҳама бар дӯши мусалло?
Бардор сабӯи ману риндона нигаҳ дор!
Ҳар чиз, ки ҷуз бода бувад, гӯ, бирав аз даст,
Дар даст ҳамин шишаву паймона нигаҳ дор!
Парвона бар оташ занад аз баҳри ту худро,
Эй шамъ, ту ҳам ҳурмати парвона нигаҳ дор!
Он зулф макун шона, ки занҷири дили мост,
Барҳам мазан он силсиларо шона нигаҳ дор!
Ваҳшӣ, зи ҳарам дар қадами дӯст қадам неҳ,
Ҳоҷӣ, ту бирав, хишту гили хона нигаҳ дор!
226
Ҷастам аз дом, ба дом ор гирифтори дигар,
Ман на онам, ки фиреби ту хӯрам бори дигар.
Шуд табиби мани бемор Масеҳонафасе,
Ту бирав баҳри илоҷи дили бемори дигар.
Гӯ, макун ғамзаву саъйе ба дилдории мо,
З-он ки додем дили хеш ба дилдори дигар.
Баски озурда маро, хуштарам аз роҳати ӯст,
Гар сад озор бибинам зи дилозори дигар.
Ваҳшӣ, аз дасти ҷафо раст, дилат воқиф бош,
Ки наяфтад сару корат ба ҷафокори дигар.

227
Узлати мо шуда сар то сари дунё машҳур,
Қоф то қоф бувад узлати анқо машҳур.
Поя он ёфт, ки гардид муҷаррад зи ҳама,
Ҳаст, оре, ба фалак рафтани Исо машҳур.
На ҳамин қиссаи Маҷнун шуда машҳури ҷаҳон,
Дар ҷаҳон ҳаст зи мо низ суханҳо машҳур.
Шуҳрати ҳусн кунад замзамаи ишқи баланд,
Шуд зи Юсуф сухани ишқи Зулайхо машҳур.
Ҳамчу Вахшӣ сухани мо ҳама ҷо машҳур аст,
Нест ҷое, ки набошад сухани мо машҳур.
228
Шудаам саги ғизоле, ки нагашта ром ҳаргиз,
Магасе зи ангубинаш нагирифта ком ҳаргиз.
Зи фурӯғи офтобе шаби хеш рӯз хоҳам,
Ки шабе зи хона берун нанихода гом ҳаргиз.
Ҳаваси пиёла хӯрдан бувадам ба хурдсолӣ,
Ки касе нагуфта пешаш зи шаробу ҷом ҳаргиз.
Чу ҳадиси ман бароад кунад ончунон тағофул,
Ки магар ба умри хешам нашунида ном ҳаргиз.
Ба раҳат мақом кардам, нагузоштӣ муқимам,
Ба асири худ набудӣ, ту дар ин мақом ҳаргиз.
Ба шиканҷи турраи ӯ дили Вахшияст моил,
Ки халосияш мабодо зи балои дом ҳаргиз.
229
Маст он турк ба кошонаи ман буд имрӯз,
Ваҳ, чӣ ғавғо, ки на дар хонаи ман буд имрӯз.
Вой, бар ғайр агар як-ду-се рӯзе монад,
Бо ман ин навъ, ки ҷононаи ман буд имрӯз.
Бе лабат хуни диле буд, ки даврам медод,
Май, ки дар соғару паймонаи ман буд имрӯз.
Баски шаб қиссаи девонагӣ аз ман сар зад,
Бар забони ҳама афсонаи ман буд имрӯз.
Шарҳи вайронагии чуғди ғам аз Вахшӣ пурс,
З-он ки як лаҳза ба вайронаи ман буд имрӯз.

230
Дӯш бар арбадае буду на онаст имрӯз,
Нигаҳаш қосиди сад лутфи ниҳонаст имрӯз.
Ҳуснаш он аст, вале худ на ҳамон аст, бале,
Будӣ офоти дилу роҳати ҷонаст имрӯз.
Рӯй дар рӯю нигаҳ бар нигаҳу чашм ба чашм,
Ҳарфи мову ту на муҳтоҷи забонаст имрӯз.
Шарҳи розе, ки миёни ману ӯ хоҳад буд,
Беш аз ҳавсалаи нутқу баёнаст имрӯз.
То чиҳо бар сару дастори ҳарифон гузарад?
З-он маи тунд, ки дар ратли гаронаст имрӯз.
Бар камон мекашад он ғамза хаданге, ки мапурс,
Эй хушо, синаи Ваҳшӣ, ки нишонаст имрӯз.
231
Эй дили беҷурми зиндонӣ, ту дар бандӣ ҳанӯз,
Орзу кардат, ба ин ҳол орзумандӣ ҳанӯз.
Кӯҳ, агар будӣ зи ҷо рафтӣ ба нозам ҳавсала,
Ин ҳама озурдагӣ дорию хурсандӣ ҳанӯз.
Вақт н-омад, к-аз ҷунун ин банд аз ҳам бигсалӣ,
Аллаҳ, Алаҳ бастаи он суст пайвандӣ ҳанӯз.
Бо ҳама хидмат чӣ будӣ, гар пазируфтӣ туро,
Шарм бодат з-ин ғуломӣ, бе худовандӣ ҳанӯз.
Хандаат бар худ наёмад, порае бар худ биханд,
Аз лаби ӯ чашм дар роҳи шакархандӣ ҳанӯз.
То ба кай хоҳӣ зад ин теша ба пои худ? Бас аст,
Ин куҳаннахли таманноро наяфкандӣ ҳанӯз.
Содадил Ваҳшӣ, ки медонад туро, аҳвол чист?
В-ин гумон дорад, ки гӯё қобили пандӣ ҳанӯз.
232
Ваҳ, ки доман мекашад он сарви ноз аз ман ҳанӯз,
Рехт хунамрову дорад эҳтироз аз ман ҳанӯз.
Ноз бар ман кун, ки нозат мекашам то зиндаам,
Нимҷоне ҳасту меояд ниёз аз ман ҳанӯз.
Ончунон ҷонбозие кардам, ба роҳи ӯ, ки халқ
Солҳо бигзашту мегӯянд боз аз ман ҳанӯз.
Сӯхтам сад бор пеши ӯ саропо ҳамчу шамъ,
Пурсад акнун боиси сӯзу гудоз аз ман ҳанӯз.

Ҳамчу Ваҳшӣ гаҳ ба теғам менавозад, гаҳ ба тир,
Марҳамат нагрифта боз он дилнавоз аз ман ҳанӯз.
233
Гарчи дурӣ мекунам, бесабру оромам ҳанӯз,
Менамоям инчунин ваҳшӣ, вале ромам ҳанӯз.
Бовараш меояд аз ман даъвии ворастагӣ,
Худ намедонад, ки чун оварда дар домам ҳанӯз.
Аввали ишқу маро сад нақши ҳайрат дар замир,
Ин худ оғоз аст, то худ чист анҷомам ҳанӯз.
Ман ба сад лутф аз ту нохурсанду маҳрум ин замон,
Аз лабат оварда сад пайғоми дашномам ҳанӯз.
Субҳу шом аз пай давонам, рӯз то шаб мунтазир,
Ҳамраҳӣ бо ӯ муяссар нест як гомам ҳанӯз.
Ман саропо гӯш, к-инак мекушояд лаб ба узр,
Ӯ худ акнун ранҷа медорад ба пайғомам ҳанӯз.
Ваҳшӣ, ин паймона настонӣ, ки заҳр аст, ин на май,
Боварат, гар нест дурде ҳаст дар ҷомам ҳанӯз.
234
Ҳаст аз рӯят маро сад гуна ҳайронӣ ҳанӯз,
В-аз сари зулфи ту анвоъи парешонӣ ҳанӯз.
Сӯхт дил аз доғу доғам бори ҷонсӯз ончунон,
Ҷон баромад аз ғаму ғам ҳамдами ҷонӣ ҳанӯз.
Эй ки гӯи пеши ӯ изҳори дарди хеш кун,
Хуб мегӯӣ, вале ӯро намедонӣ ҳанӯз.
Гарчи умре шуд, ки кушт аз дарди истиғно маро,
Дар рухаш пайдост осори пушаймонӣ ҳанӯз.
Ваҳшӣ, аз тарзи сухан бигзар, ки ин ҷо ом нест,
Тарзи хоси нуктапардозони кошонӣ ҳанӯз.
235
Шарҳи заъфам аз сагони остони худ бипурс,
Аз касон як бор ҳоли нотавони худ бипурс.
Шаб ба кӯят мардумонро нест хоб аз дидаам,
Гар зи ман бовар надорӣ, аз сагони худ бипурс.
Шарҳи дардам аз забони ғайр пурсидан чаро?
Мекунӣ чун лутф боре аз забони худ бипурс.
Дур аз он кӯ то ба кай бошӣ, дило, бехонумон,
Ин чӣ авқот аст, роҳи хонумони худ бипурс?

Ҳоли беморони худ ҳаргиз намепурсад чаро?
Ваҳшӣ, ин ҳол аз маҳи номеҳрубони худ бипурс.
236
Мағрур касӣ, беҳ, ки дарат ҷо накунад кас,
Васле, ки маҳол аст, таманно накунад кас.
Не, Юсуфи мисрӣ ту, ки дар байъи кас ойӣ,
Байъонаи ҷон чист, ки савдо накунад кас?
Равшан накунад чашми кас, ин турфа Азизест,
Ҳамчашмии Яъқубу Зулайхо накунад кас.
Мурғи дили мо кист, агар домгаҳ ин аст?
Симурғ ба дом афтаду парво накунад кас.
Оҳ, ин чӣ ғурур аст, ки сад кушта гар афтад,
Дуздида ҳам аз дур тамошо накунад кас.
Чандин сари беҷурм ба дор аст дар он кӯ,
Як бор сар аз ноз ба боло накунад кас.
Ваҳшӣ, сабаби нозу тағофул ҳама ҳусн аст,
Ҳусн, ар набувад, ин ҳама инҳо накунад кас.
237
Эй дил, ба банди дурии ӯ ҷовидона бош!
Эй сабр, посбони дари бандихона бош!
Эй сар, ба хок танг фурӯ рав, туро кӣ гуфт:
Дар банди касри ҳурмати ин остона бош?!
Ҳаргиз миёни ошиқу маъшуқ буъд нест,
Садсола роҳ фосила, гӯ, дар миёна бош!
Сад дӯзахам забона кашад, ишқ худ якест,
Гӯ, як забон бар сар омад, садзабона бош!
Ваҳшӣ, нагуфтамат, ки камонаш намекашӣ,
Ҳоло, биё, хаданги балоро нишона бош!
238
Ишқ мефармоядам, мустағнӣ аз дидор бош!
Чанд гаҳ бо ёр будӣ, чанд гаҳ бе ёр бош!
Шавқ мегӯяд, ки осон нест бе ӯ зистан,
Сабр мегӯяд, ки боке нест, гӯ, душвор бош!
Васл хоре бар диҳад, эй тоири бӯстонпараст,
Гулситон хоҳӣ қафас, мустағнӣ аз гулзор бош!
Васл, агар ин асту завқаш, ин ки ман дарёфтам,
Гар зи ҳирмонам бисӯзад, ҳаҷр миннатдор бош!

Сабр хоҳам кард, Ваҳшӣ, аз ғами нодиданаш,
Ман чу хоҳам мурд, гӯ, аз ҳасрати дидор бош!
239
Тан, агар набвад зи наздикон, чу шуд, гӯ, дур бош!
Дида дар васл аст, по аз базм, гӯ, маҳҷур бош!
Дар нигоҳе, к-он ба ҳар моҳе кунӣ, он ҳам зи дур,
Саҳл бошад, гӯ, иноятгунаи манзур бош!
Як нигоҳи лутф аз чашми ту моро мерасад,
Гӯ, касе, к-ин низ натвонад, ки бинад, кӯр бош!
Базми бадмастони ишқ аст ин ба ҳикмат бода нӯш,
Соқии маҷлис шавад ҳам масту ҳам махмур бош!
Лутф бо ағёру бо мо кин, тафовут аз куҷост?
Бо ҳама ҳар навъ мебошӣ ба як дастур бош!
Сели белутфи ҳамин сар дар бинои мо мадеҳ,
Хонаи мо ё ҳама вайрона, ё маъмур бош!
Кори мову кори Ваҳшӣ пеши теғат чун якест,
Гӯ, дилат бераҳму бозуи ситам пурзӯр бош!
240
Тарки мо кардӣ, бирав ҳамсуҳбати ағёр бош!
Ёри мо чун нестӣ, бо ҳар кӣ хоҳӣ ёр бош!
Масти ҳуснӣ, бо рақибон майли май хӯрдан макун,
Бадҳарифонанд онҳо, гуфтамат, ҳушёр бош!
Он кӣ моро ҳеҷ бархурдорӣ аз васлаш набуд,
Аз ниҳоли васли ӯ, гӯ, ғайр бархурдор бош!
Гарчи медонам, ки душвор аст, сабр аз рӯи дӯст,
Чанд рӯзе сабр хоҳам кард, гӯ, душвор бош!
Сабр хоҳам кард, Ваҳшӣ, дар ғами нодиданаш,
Ман, ки хоҳам мурд, гӯ, аз ҳасрати дидор бош.
241
Рӯзе ин бегонагӣ берун кунад аз хӯйи хеш,
Ошнои мо шавад, моро бихонад сӯйи хеш!
Ҳам расад рӯзе, ки дар кори бадомӯз афканад,
К-ин гираҳ, к-имрӯз афкандаст бар абрӯйи хеш.
Лозими нокомии ишқ аст истиғнои ҳусн,
Нест ҷои шиква, гар меронадам аз кӯйи хеш.
Чун писандам бози фитроки ту, зери по фикан,
Ин саре, к-аз бори ӯ фарсудаам зонуйи хеш.

Суд, Ваҳшӣ, чеҳра бар хоки дараш чандон, ки шуд,
Ҳам хиҷил аз роҳи ӯ, ҳам мунфаъил аз рӯйи хеш.
242
Кардем номзад ба ту нобуду буди хеш,
Гаштем ҳеҷкораи мулки вуҷуди хеш.
Ғаммоз дар камини гуҳарҳои роз буд,
Қуфле задем бар дари гуфтушуниди хеш.
Ман будаму намудию боқӣ хаёли ту,
Рафтам, ки пардае бикашам бар намуди хеш.
Як ваъда хоҳам аз ту, ки гардам дар интизор,
Ҳоким туӣ дар омадани деру зуди хеш.
Аз чашми ман ба худ нигару манъ кун маро,
Беихтиёр, агар нашавӣ дар суҷуди хеш.
Гӯ, ҷону сар бирав, ғарази мо ризои туст,
Ҳошо, ки мо зиёни ту хоҳему суди хеш.
Базми нишоти ёр куҷо, в-ин фиғони зор?
Ваҳшӣ, навои маҷлиси ғам кун суруди хеш.
243
Дармондаам ба дарди дили бе илоҷи хеш,
В-аз бадмизоҷии дили кӯдакмизоҷи хеш.
Меҳри хазона ёфт дилу ҷону ҳар чӣ буд,
Ҷӯяд ҳанӯз аз ин деҳи вайрон хироҷи хеш.
Ҷонро магар ба машъалаи дил бурун барам?
З-ин рӯзҳои тиpаву шабҳои доҷи хеш.
Фарҳодро, ки бигзарад аз сар чӣ нисбат аст?
Бо он ки мушкил аст, бар ӯ тарки тоҷи хеш.
Узби Фирот дигаре, гӯ, хӯр, ки мо хушем,
Бо оби шӯри дидаву талхи иҷоҷи хеш.
Эй соҳиби матоъи саодатталаттуфӣ,
К-оварда оҷизе ба дарат эҳтиёҷи хеш.
Ваҳшӣ, ривоҷ нест суханро, забон бубанд,
То чанд даъвӣ аз сухани беривоҷи хеш?
244
Банди дигар дорам аз ишқат ба ҳар пайванди хеш,
Ҷазбае хоҳам, ки аз ҳам бигсалонам банди хеш.
Ишқ хунхор асту бо бегонаю хешаш чӣ кор,
Хӯрд кам хуне магар Яъқуб аз фарзанди хеш?

Истодан нест бар як матлабам дар ҳеҷ ҳол,
Барнамеоям ба майли табъи нохурсанди хеш.
Инчунин мустағнӣ аз ҳоли тиҳидастон мабош,
Охир, эй мунъим, нигоҳе кун ба ҳоҷатманди хеш.
Ваҳшӣ, омад аз хумори зуҳди хушкам ҷон ба лаб,
Ку салои ҷуръае, то бишканам савганди хеш?
245
Мо дар мақоми сабр фушурдем гоми хеш,
Як гом он тараф наниҳем аз мақоми хеш.
Ин мурғи тангҳавсаларо донае бас аст,
Сайёди мо ба дона чи орост доми хеш.
Фориғ нишин, ки ҳусн ба ҳар ҷо, ки ҷилва кард,
Махсуси ҳеҷ кас накунад лутфи оми хеш.
Дил шуд кабӯтари лаби боме, ки сад раҳаш,
Созанд дуру боз нишинад ба боми хеш.
Ваҳшӣ, рамидаест, ки ромаш касе насохт,
Оҳуи даштро натавон сохт роми хеш.
246
Туву ҳар рӯзу базми ишрати хеш,
Ману шабҳою кунҷи меҳнати хеш.
Манам бо меҳнати рӯи замин хуш,
Нигаҳ дор осмон, гӯ, роҳати хеш.
Зи ҳиҷрон мурдаму бар сар надидам,
Касеро ғайри санги турбати хеш.
Макаш заҳмат барои рондани мо,
Ки мо хоҳем бурдан заҳмати хеш.
Ба зери теғи ӯ нолид, Ваҳшӣ,
Фитодаш сар ба пеш аз хиҷлати хеш.
247
Рехт хунамрову бурд аз пеши он бедодкеш,
Хуни чун ман бекасе осон тавон бурдан зи пеш.
Ҳаст беш аз тоқати ман бори андӯҳи фироқ,
Беш аз ин тоқат надорам гуфтаам сад бор беш.
Новакат гуфтам: -Зи дил бигзашт. Ранҷидӣ ба ҷон,
Ҷони ман гуфтам: - Хатое магзарон аз лутфи хеш.
Аз кадомин дарди худ нолам, ки аз дасти ғамат,
Синаам чун дил фигор асту дарун чун сина реш?

Нӯши ишрат нест, Вахшӣ, дар ҷаҳон бе неши ғам,
Орзуи нӯш, агар дорӣ, манол аз ҷаври неш.
248
Илоҳо, аз миёни нописандон бар карон дораш,
Зи доми ҳиллаи мардумфиребон дар амон дораш.
Садои шаҳпари шоҳине аз ҳар гӯша меояд,
Тазарви ғофиле дорам, муқими ошён дораш.
Худоё, бо манаш хуш саргарон дорию хурсандам,
На танҳо бо ману бас, бо ҳама кас саргарон дораш.
Падид орад ҳавас аз ишқ бо мардум ҷафокоре,
Намехоҳам бар ин бошад, Худовандо, бар он дораш.
Тағофулкешу кинандешу дуриҷӯю вахшихӯй,
Аҷаб вазъест хуш, ё Раб, ҳамеша ончунон дораш.
Замони аввали ҳусн асту ҳасташ фитнаҳо дар пай,
Илоҳо, дар амон аз фитнаи охирзамон дораш.
Худоё, фурсати як ҳарфи пандомез мехоҳам,
Намегӯям, ки бо Вахшӣ, ҳамеша ҳамзабон дораш.
249
Мустаҳиқи куштанам, худ қоилам, зорам бикуш,
Бегунаҳ мекуштиям, акнун гунаҳгорам бикуш.
Теғи бераҳмӣ бикаш, аввал забонамро бибур,
Пас биёзору пас аз ҳирмони бисёрам бикуш.
Гуфтаам ҳарфе, ки бояд кушту бояд сӯхт ҳам,
Гар намесӯзӣ, ба куштан худ сазоворам, бикуш.
Ҷурм меояд зи ман, то авф меояд зи ту,
Раҳмро ҳаддест, аз ҳад рафт ин борам бикуш.
Вахшиям ман куштани ман, ин ки рӯят бингарам,
Рӯи худ бинмову аз шодии дидорам бикуш.
250
Кӯҳкан бо ёди Ширину лаби ҷонпарвараш,
Ҷони ширин доду ғайр аз теша н-омад бар сараш.
Он ки мушти устухоне буд, бигзар, сӯи ӯ,
То бибинӣ з-оташи ҳиҷрон кафан хокистараш,
Ҷумла аз хоки дараш хезанд рӯзи растахез,
Баски бемorони ғам мурданд аз хоки дараш.
Даст бар ханҷар хиромон меравад он турки маст,
Монда чашми ҳасрати халқе ба дасту ханҷараш.

Фикри зулфат аз сари Ваҳшӣ сари мӯе нарафт,
Гарчи мӯе гашт аз зулфи ту ҷисми лоғараш.
251
Бо ҷавоне чанд дар айни вафо мебинамаш,
Боз бо ҷамъи ғарибе ошно мебинамаш.
Боз то имрӯз дорад бо кӣ майли ихтилот?
З-он ки аз ёрони дирӯзӣ ҷудо мебинамаш.
Моҳи рухсораш, ки чун оина будӣ дар сафо,
Пурсафо гардиду бо ман бесафо мебинамаш.
Он ки ҳар дам дар раҳи ӯ мефикандам хешро,
Роҳ мегардонам, акнун ҳар куҷо мебинамаш.
Мурғи дил, Ваҳшӣ, ки аз доме ба чандин ҳилла ҷаст,
Аз сари нав боз ҷое мубтало мебинамаш.
252
Баст забони шикваам лаб ба сухан кушоданаш,
Узри итоб гуфтану ваъдаи васл доданаш.
Буд ҷаҳон-ҷаҳон фиреб аз паи ҷони музтариб,
Омадану гузаштану рафтану истоданаш.
Ноз дамонд аз замин, фитна фишонд аз ҳаво,
Тарзи хиром кардану по ба замин ниҳоданаш.
Ҷазби муҳаббаташ кашад, ҳаст баҳонаеву бас,
Ин ҳама тунд гаштану дар паи ман фитоданаш.
Ваҳшӣ, агар чунин бувад, вазъи замона баъд аз ин,
Вой, бар он ки бояд аз модари даҳр зоданаш.
253
Бар миён доман задан бинанду чобук рафтанаш,
То чу ман афтодае ногаҳ бигирад доманаш.
Мурғи фориғбол будам дар ҳавои офият,
Аз камин бархост ногаҳ ғамзаи сайдафканаш.
Ишқи Лайлӣ сахт занҷирест Маҷнунозмо,
Ин касе донад, ки занҷире бувад дар гарданаш.
Сар ба қадри орзу хоҳам, ки чун ронад ба ноз,
Гирди он сар гардаму резам ба пои тавсанаш.
Ин сари пурорзу дар интизори ишваест,
Гӯшаи чашме биҷунбону бияндоз аз танаш.
Суди пироҳан бар он андому моро ронд рашк,
То қиёмат дасти мову домани пироҳанаш.

Ваҳшиям ҳайрони ӯ аз дуру ҷон наздик ба лаб,
Кори ман мавқуфи як дидан зи чашми пурфанаш.
254
Нестам як дам зи дарду меҳнати ҳиҷрон халос,
Ку аҷал, то созадам з-ин дарди бедармон халос?
Кор душвор аст бар ман, вақти кор аст, эй аҷал,
Саъй кун, бояд, ки гардонӣ маро осон халос.
Киштии тобут мехоҳам, ки об аз сар гузашт,
То ба он киштӣ кунам худро аз ин тӯфон халос.
Чанд нолам бар дараш, эй ҳамнишин, зорам бикуш,
Гӯ, раҳад аз дарди сар, ман гардам аз афғон халос.
Баст, Ваҳшӣ, бо дили хуррам аз ин ғамхона рахт,
Чун гирифторе, ки худро ёбад аз зиндон халос.
255
Такя кардам бар вафои ӯ, ғалат кардам, ғалат,
Бохтам ҷон дар ҳавои ӯ, ғалат кардам, ғалат.
Умр кардам сарфи ӯ феъли абас кардам, абас,
Сохтам ҷонро фидои ӯ, ғалат кардам, ғалат.
Дил ба доғаш мубтало кардам, хато кардам, хато,
Сӯхтам худро барои ӯ, ғалат кардам, ғалат.
Ин ки дил бастам ба меҳри оразаш, бад буд, бад,
Ҷон, ки додам дар ҳавои ӯ, ғалат кардам, ғалат.
Ҳамчу Ваҳшӣ рафт ҷонам дар ҳавояш, ҳайф, ҳайф,
Хӯ гирифтам бо ҷафои ӯ, ғалат кардам, ғалат.
256
Бе рухи ҷонпарвари ҷонон маро аз ҷон чӣ ҳаз?
Аз чунон ҷоне, ки бошад бе рухи ҷонон чӣ ҳаз?
Дигар аз шаҳрам чӣ хушҳолӣ, чу он маҳпора рафт,
Чун зи Канъон рафт Юсуф, дигар аз Канъон чӣ ҳаз?
Ноумед аз хидмати ӯ ҷон чӣ кор ояд маро,
Ҷон, ки сарфи хидмати ҷонон нагардад, з-он чӣ ҳаз?
Ҷониби бӯстон чӣ мехонӣ маро, эй боғбон,
Бо ман он гулпираҳан чун нест дар бӯстон чӣ ҳаз?
Дил ба танг омад маро, Ваҳшӣ, намехоҳам ҷаҳон,
Аз ҷаҳон бе ӯ маро дар гӯшаи ҳирмон чӣ ҳаз?

257
Қимати аҳли вафо ёр надонист, дареғ,
Қадри ёрони вафодор надонист, дареғ.
Дарди маҳрумии дидор маро кушт, афсӯс,
Ёр ҳоли мани бемор надонист, дареғ.
Ёри ҳар хору хасе гашт дар ин гулшан, ҳайф,
Қимати он гули рухсор надонист, дареғ.
Зорам андохт зи по хории ҳиҷрон, ҳайҳот,
Мурдаму ҳоли маро ёр надонист, дареғ.
Ваҳшӣ, он арбадаҷӯ кушт ба хорӣ моро,
Қадри ушшоқи ҷигархор надонист, дареғ.
258
Ба савдои ту машғулам, зи ғавғои ҷаҳон фориғ,
Зи ҳаҷри доимӣ эман, зи васли ҷовидон фориғ.
Баланду пасту ҳаҷру васл яксон сохта бар худ,
Варои нуру зулмат аз замину осмон фориғ.
Суханро шуста дафтар бар сари оби фаромӯшӣ,
Чу гул аз пой то сар гӯшу аммо аз забон фориғ.
Камонро зеҳ бурида, тирро пайкону парканда,
Сипар афканда, худро карда аз тиру камон фориғ.
Аҷаб мурғе на ҷое дар қафас, не аз қафас берун,
Зи дому донаву парвозгоҳу ошён фориғ.
Бурун аз мурдану аз зистан бас булаҷаб ҷое,
Ки он ҷо метавон будан зи нанги ҷисму ҷон фориғ.
Ба шакли банду хурсандӣ, ба номе то ба кай Ваҳшӣ?
Биё, то дарнавардам, гардам аз ному нишон фориғ.
259
Шамъи базми ғайр шуд бо рӯйи оташнок, ҳайф,
Рехт охир обрӯи хешро бар хок, ҳайф.
Рӯ ба рӯ биншаст бо ҳар бе раҳу рӯе дареғ,
Кард бебокона ҷо дар ҷамъи ҳар бебок, ҳайф.
Зулм бошад ихтилоти ӯ ба ҳар ноаҳл, зулм,
Ҳайф бошад бар чунон рӯ дидаи нопок, ҳайф.
Гар бароyад ҷонам аз ғам, нестӣ он, к-аз ғалат,
Бар забонат бигзарад рӯзе, к-аз он ғамнок, ҳайф.
Дар хами фитрок Ваҳширо намебандӣ чу сайд,
Гӯиё меоядат з-он ҳалқаи фитрок, ҳайф.

260
Мустағнияст аз ҳама олам гадои ишқ,
Мову гадоии дари давлатсарои ишқ.
Ишқу асоси ишқ ниҳоданд бардавом,
Яъне халилпазир нагардад бинои ишқ.
Онҳо, ки номи оби бақо вазъ кардаанд,
Гуфтанд нуктае зи давому бақои ишқ.
Гӯ, хоки тира зар куну санги сиёҳ сим,
Он кас, ки ёфт огаҳӣ аз кимиёи ишқ.
Парвона маҳв кард дар оташ вуҷуди хеш,
Яъне ки иттиҳод бувад интиҳои ишқ.
Инро барад ба водию онро барад ба кӯҳ,
З-инҳо басест то чӣ бувад иқтизои ишқ?
Ваҳшӣ, ҳазорсола раҳ аз ёр сӯи ёр,
Як гом беш нест, валекин ба пои ишқ.
261
Мадеҳ аз ханда фиребу мазан аз ғамза ханданг,
Рав, ки моро ба ту минбаъд на сулҳ асту на ҷанг.
Ғамза, гӯ, новаки худ беҳуда зан, пас мафкан,
Ки дилу ҷони дигар сохтам аз оҳану санг.
Узрам ин бас, агар аз кӯи ту рафтам, ки намонд,
Номи неке, ки тавонам бадалаш сохт ба нанг.
Булбул он беҳ, ки фиреби гули раъно нахӯрад,
Ки дурӯзист вафодории ёрони дуранг.
Оҳи ҳасрат на ба оинаи Ваҳшӣ он кард,
Ки тавон бурданаш аз сайқали абрӯи ту занг.
262
Ту зи ман пурс қадри рӯзи висол,
Ташна донад, ки чист оби зулол?
Завқи он ҷустан аз қафас ногоҳ,
Ман шиносам, на мурғи фориғбол.
Метавон мурд бахри он ҳиҷрон,
К-аш висоли ту бошад аз дунбол.
Ин манам, ин манам ба хидмати ту,
Эй хушам ҳолу эй хушам аҳвол.
Ин туӣ, ин туӣ баробари ман,
Эй хушам бахту эй хушам иқбол.

Вахшӣ, асбоби хушдилӣ ҳама ҳаст,
Эй дареғо, ду ҷоми моломол.
263
Кай табассум дур аз он ширинтакаллум мекунам?
Заҳрханд аст, ин ки пиндорӣ табассум мекунам.
Дар миёни ашки шодӣ гум шудам рӯзи висол,
Инчунин рӯзе, ки дидам, хешро гум мекунам.
Бо мани овора мардум то ба куштан ҳамраҳанд,
Ман намедонам чӣ берохӣ ба мардум мекунам.
Чеҳра пурхокистар аз гулхан бурун хоҳам давид,
Ҳар чӣ хоҳад Кӯҳкан, то ман тазаллум мекунам.
Такя бар меҳроб дорад обиду зоҳид ба зуҳд,
Вахшии дурдикашам, ман такя бар хум мекунам.
264
Дил бозраст аз ту, зи банди замона ҳам,
Дарҳам шикаст банду дари бандихона ҳам.
Бархост боди шуртаву заврақ дуруст монд,
Аз мавҷхез растаму дидам карона ҳам.
Он мурғи чуғдшева, ки сӯи ту мепарид,
Болу параш бисӯхтаму ошёна ҳам.
Гар дигар аз паи ту давам, доди ман бидеҳ,
Маҳмез кун саманду бизан тозиёна ҳам.
Вахшӣ, чаро ба нанг бимирӣ, ки пеши ӯ?
Аз ғайр камтарӣ, зи саги остона ҳам.
265
То чанд ба ғамхонаи ҳасрат бинишинам?
Вақт аст, ки бо ёр ба ишрат бинишинам.
Бетоқатиям дар раҳи ӯ меравад аз ҳад,
Ку сабр, ки дар гӯшаи тоқат бинишинам?
То чанд равам аз паи ӯ банд кунедам?
Бошад, ки замоне ба фароғат бинишинам.
Доғи ту маро шамъсифат сӯхт, куҷоӣ?
Магзор, ки бо ашки надомат бинишинам.
Помол шудам, чанд чу Вахшӣ ба раҳи ғам,
Аз дасти ту бар хоки мазаллат бинишинам?

266
Барзан, эй дил, домани кӯшиш, ки коре кардаам,
Боз худро ҳарзагарди раҳгузоре кардаам.
Гашта поям роздори тӯлу арзи кӯчае,
Чашмро ҷосуси роҳи интизоре кардаам.
Мекунам пинҳон зи худ, аммо гулам хоҳам шукуфт,
К-аз дили худ фаҳми андак хор-хоре кардаам.
Об дар паймона гардонидаам з-ин дарди беш,
Дар сабӯи худ шароби хушгуворе кардаам.
Соқиё, пешина он дурде, ки андар шиша буд,
Дигаронро деҳ, ки ман дафъи хуморе кардаам.
То чӣ фармояд ғулӯи шавқ дар ифшои роз,
Бар хилофи худ ба он ҳоло қароре кардаам.
Вахшӣ, аз ман з-ин суруди ғам басе хоҳад шунид,
З-он ки худро булбули хуррамбаҳоре кардаам.
267
Ҳар хун, ки ту додӣ чу маи ноб кашидем,
Заҳри ту ба сад рағбати ҷуллоб кашидем.
Ин боби муҳаббат ҳама ашколи дақиқ аст,
Мо заҳмати бисёр дар ин боб кашидем.
Дӯш аз тарафи боми касе партави маҳ тофт,
Аз зулмати шаб рахт ба маҳтоб кашидем.
Гар оҳани бигдохта дар бӯтаи мо рехт,
Гаштем саропо лабу чун об кашидем.
Ҳарчанд хасак буд аз ӯ дар тахи паҳлу,
Дар бистар аз ӯ меҳнати санҷоб кашидем.
Эй дида, ба хобӣ ту, ки бо ин ҳама ташвиш,
Аз ғафлати ин бахти гаронхоб кашидем.
Вахшӣ, написанданд ба паймонаи душман,
Он заҳр, ки мо аз кафи аҳбоб кашидем.
268
Саҳар куҷост, ки фароши ҷилвагоҳи туям,
Нишаста бар сари раҳ дидабони роҳи туям.
Ҳанӯз хуфта чу бахти манand, халқ, ки ман
Бурун давида зи шавқи рухи чу моҳи туям.
Ман он гадои ҳарисам, ки субҳ нест ҳанӯз,
Ки истода ба дарюзаи нигоҳи туям.

Маро ту аввали шаб рондаӣ ба хорию ман
Саҳар худ омадаам бозу узрхоҳи туям.
Ту бегуноҳкушӣ кун, ки истода ба узр,
Ба рӯзи арзи ҷазо ҳоили гуноҳи туям.
Агар ба куштани Ваҳшӣ гувоҳ металабӣ,
Маро талаб ба гувоҳӣ, ки ман гувоҳи туям.
269
Мо чун зи даре пой кашидем, кашидем,
Уммед зи ҳар кас, ки буридем, буридем.
Дил нест кабӯтар, ки чу бархост, нишинад,
Аз гӯшаи боме, ки паридем, паридем.
Рам додани сайди худ аз оғоз ғалат буд,
Ҳоло, ки рамондию рамидем, рамидем.
Гӯи ту, ки боғи Ирами равзаи Хулд аст,
Ангор, ки дидем, надидем, надидем.
Сад боғи баҳор асту салои гулу гулшан,
Гар меваи як боғ начидем, начидем.
Сар то ба қадам теғи дуоему ту ғофил,
Ҳон, воқифи дам бош, расидем, расидем.
Ваҳшӣ, сабаби дурию ин қисм суханҳо,
Он нест, ки мо ҳам нашунидем, шунидем.
270
Ишқи мо партав надорад, мо чароғи мурдаем,
Гарм кун ҳангомаи дигар, ки мо афсурдаем.
Гар ҳама марҳам шавӣ, моро набошӣ судманд,
К-аз ту пур озодагӣ доредму бас озурдаем.
Лахт-лахт аст ин ҷигар, чун худ набошад лахт-лахт?
Ки магар дандони ҳасрат дар ҷигар афшурдаем.
Дарнамегирад ба мо найрангсозиҳои ӯ,
Гарчи з-афсун об аз оташ бурун овардаем.
Ваҳшӣ, он чашмат, агар хонад ба худ, нодида кун,
К-он фиреб аст, он ки мо сад бори дигар хӯрдаем.
271
Ман ин кӯшиш, ки дар тасхири он худком мекардам,
Агар ваҳшиғизоле буд, ӯро ром мекардам.
Дар ин муддат, агар авқоти ман сарфи малак мешуд,
Ба ӯ дар базмгоҳи айш май дар ҷом мекардам.

Раҳамро мунтаҳое нест, з-он рӯ дурам аз мақсад,
Агар медошт поёне, манаш як гом мекардам.
Ба кунҷи ин қафас афтода оҷиз ман ҳамон мурғам,
Ки таълими халоси бастагони дом мекардам.
Ба андак сабри дигар рафта буд ин нози бемавқеъ,
Ғалат кардам, чаро ин сулҳи беҳангом мекардам?
Паёме кард, к-аз шармандагӣ мурдам, кӣ гуфт ӯро
Шикоятномае, к-аз бахти нофарҷом мекардам?
Чӣ нангомез номе буда пеши ёр ин Ваҳшӣ,
Басе беҳ буд аз ин худро, агар саг ном мекардам.
272
Нестем аз дурият, бо доғи ҳирмон нестем,
Дил пушаймон аст, лекин мо пушаймон нестем.
Гарчи аз дил меравад ишқи ба ҷон омехта,
Бо вуҷуди ин видоъи саъб гирён нестем.
Гӯ, ҷароҳат куҳна шав, мо аз илоҷ осудаем,
Дард, гӯ, моро бикуш, дар фикри дармон нестем.
Он чӣ моро хор мекард, он муҳаббат буду рафт,
Гӯ, ба чашми он мабин моро, ки мо он нестем.
Мо сипар андохтем, инак ҳарифи ишқ нест,
Табл бар куштан бизан, мо марди майдон нестем.
Юсуфи дигар ба даст орем, Ваҳшӣ, қаҳт нест,
Мо магар дар Миср, яъне шаҳри Кошон нестем.
273
Бар он ки дар сари лутфӣ, макуш зи миннати хешам,
Саги вафои худу бандаи муҳаббати хешам.
Сазои хизмати шоистааст, лутф чӣ миннат?
Зи хидматам хиҷилу ҳақгузори хидмати хешам.
Инояти ту ба подоши сабр дораму тоқат,
Ба шукри сабри худу зикри хайри тоқати хешам.
Палангхӯй ғизоле, ки мерамад зи фаришта,
Чӣ гуна сохтамаш ром, сайди қудрати хешам?
Ба коми шер дарун рафтану ба ком расидан,
Кирост заҳраву, ёро, ғуломи ҷуръати хешам?
Чӣ хуш гузидамат аз бисоти ҳуснфурӯшон,
На ошиқи ту, ки ман ошиқи басирати хешам.

Маро расад, ки чу Ваҳшӣ чунин далер дароям,
Ки хонда лутфи ту дар сояи ҳимояти хешам.
274
Шуд вақт, он дигар, ки ман тарки шикебоӣ кунам,
Номусро як сӯ ниҳам, бунёди расвоӣ кунам.
Чанде бикӯшам дар вафо, аз ман напӯшад рози худ,
Ҳам маҳрами маҷлис шавам, ҳам бодапаймоӣ кунам.
Гар хоҳиям дар банди ғам пои вафо дар силсила,
Кардам, миёни хоку хун занҷирфарсоӣ кунам.
Ту хуфтаву ман ҳар шабе дар хилвати ҷон орамат,
Дилро нигаҳбонӣ диҳам, худро тамошоӣ кунам.
Гуфтам, ки: -Худроӣ макун. Гуфт: -Инчунин бошад. Вале
Ваҳшӣ, куҷо шайдо шавад, гар тарки худроӣ кунам?
275
Ин бас, ки тамошоии бӯстони ту бошам,
Мурғи сари девори гулистони ту бошам.
Кофист ҳамин баҳраам аз моидаи васл,
К-аз давр магасрони сари хони ту бошам.
Ин мансаби ман бас, ки чу Рахши ту шавад зин,
Ҷорӯбкаши арсаи ҷавлони ту бошам.
Хоҳам, ки шавад даст саропои вуҷудам,
Дар шуғли инонгирии якрони ту бошам.
Дар базмгаҳи Юсуф, агар раҳ диҳадам бахт,
Дар орзуи гӯшаи зиндони ту бошам.
Дар ташнагиям толеъи бад ҷон ба лаб орад,
Гар худ ба сари чашмаи Ҳайвони ту бошам.
Ман Ваҳшияму нағмасарои чамани ҳусн,
Маъзурам, агар мурғи ғазалхони ту бошам.
276
Бахти он ку, ки кашам Рахшу савораш созам,
Дил ҷанибаткашу ҷон ғошиядораш созам.
Хоҳам ин сина пур аз ҷавҳари ҷонҳои нафис,
Ки ба домони вафо карда нисораш созам.
Нафаси гарм нигар, файзи асар бин, ки агар
Бигуморам ба хазон, файзи баҳораш созам.
Кист бадхоҳи ту, эй ҳиммати покон бо ту?
Ки ба як оҳи саҳар баҳри ту кораш созам.

Боғбони чамани ҳусни туям, гӯ, дигарон
Гул начинанд, ки ман бо хасу хораш созам.
Вахшӣ, ин дил, ки азиз аст, ба ҳар ҷо, ки равад,
Чандаш орам ба сари кӯеву хораш созам?
277
Ду ҳафта рафт, нанавохтӣ ба нимнигоҳам,
Ҳанӯз вақт наёмад, ки бигзарӣ зи гуноҳам.
Карашмае, ки накоҳад зи ҳусн, агар навозӣ,
Ба лутфи гоҳ ба гоҳу нигоҳи моҳ ба моҳам.
Миёни мову ту сад гуна хашм шуд ҳама беҷо,
Чунин макун, ки маро айб мекунанду туро ҳам.
Кадом мулк ба тӯфон диҳам, кадом бисӯзам?
Ки фарқ то ба қадам сели ашку шуълаи оҳам.
Фитодаам ба раҳат чашму гӯш гашта саропо,
Биё, ки гӯш ба овозу пову чашм ба роҳам.
Макун, ки айб кунандат зи чун мане чу гурезӣ,
Ки некномии ҷовид аз барои ту хоҳам.
Чу Вахшӣ аз чамани васл растам аввалу охир,
Самуми бодияи ҳаҷр зард кард гиёҳам.
278
Мабодо, ё Раб, он рӯзе, ки ман аз чашми ёр афтам,
Ки гар аз чашми ёр афтам, зи чашми эътибор афтам.
Шароби лутф пур дар ҷом мерезию метарсам,
Ки зуд охир шавад ин бодаю ман дар хумор афтам.
Ба маҷлис меравам андешанок, эй ишқи оташдам,
Бидам бар ман фусуне то қабули табъи ёр афтам.
Зи юмни ишқ бар вазъи ҷаҳон хуб хандаҳо кардам,
Маъозаллоҳ, агар рӯзе ба дасти рӯзгор афтам.
Тазаллум он қадар дорам миёни роҳат афтода,
Ки чандоне нигаҳ дорӣ, ки ман бар як канор афтам.
Аҷаб кайфияте дорам баланд аз ишқу метарсам,
Ки чун Мансур ҳарфе гӯяму дар пои дор афтам.
Дигар рӯзе саворе омаду шуд вақти он, Вахшӣ,
Ки ӯ тозад ба саҳро, ман ба роҳи интизор афтам.
279
Омадам аз сари нав бар сари пайванди қадим,
Нав шуд он силсилаи кухнаву он банди қадим.

Омадам ман ба сари гиряи худ беҳ, ки ту низ,
Бар сари нози худ оию шакарханди қадим.
Ба вафои ту, ки то рӯзи қиёмат боқист,
Аҳди дерин ба қарори худу савганди қадим.
Нахли ту як-ду самар дошт, ба хомӣ афтод,
Ману парвардани он нахли барӯманди қадим.
Баҳри он ҳалқабагӯшем, ки будем, эй бод,
Бирасон бандагии мо ба худованди қадим.
Хилвате хоҳаму дарбастаю як маҳрами роз,
Ки кушоям сари розу гилаи чанди қадим.
Ваҳшӣ, он силсила нав кард, ки оянд зи нав,
Пандгӯёни қадимӣ ба сари панди қадим.
280
Метавонам, ки лаб аз оби Хизир тар накунам,
Мирам аз ташнагию чашм ба Кавсар накунам.
Шавқи Юсуф, агарам сонии Яъқуб кунад,
Дорам он тоб, к-аз ӯ дида мунаввар накунам.
Он қавиҳавсала бозам, ки агар ҳасрати сайд,
Чанг дар ҷон занадам, майли кабӯтар накунам.
Дорам он сабр, ки бо чошнии завқи магас,
Бар лаби тунги шакар даст ба шаккар накунам.
Дари ҷаннат бикушо бар рухам, эй хозани хулд,
Ки димоғ аз гули боғи ту муаттар накунам.
Ҳалқаи нур, агарам ҳур ба икроҳ диҳад,
Пешаш андозаму настонаму дар бар накунам.
Ваҳшӣ, озурдагие дорию аз ман дорӣ,
Ман чӣ кардам, ки ғалат буд, ки дигар накунам.
281
Мо гул ба посбони гулистон гузоштем,
Бӯстон ба парварандаи бӯстон гузоштем.
Меояд аз кушудани ӯ бӯи миннате,
Дарбаста боғи Хулд ба ризвон гузоштем.
Дар кори мо мазоқиае дошт нохудо,
Киштӣ ба мавҷу рахт ба тӯфон гузоштем.
Дар худ наёфтем мадоро ба Аҳриман,
Бӯсидани бисоти Сулаймон гузоштем.

Кардем по зи дида ба азми раҳи ҳарам,
Раҳ баста буд, хори мағелон гузоштем.
Зулмат ба пеши Чашмаи Ҳайвон тутуқ кашид,
Рафтему завқи Чашмаи Ҳайвон гузоштем.
Вахшӣ, надошт пои гурез аз каманди ишқ,
Ӯро ба банди хонаи ҳирмон гузоштем.
282
Мо чу паймон бар касе бастем, дигар нашканем,
Гар ҳама захр аст, чун хӯрдем, соғар нашканем.
Пеши мо ёқут ёқут асту гавҳар гавҳар аст,
Доби мо ин аст, яъне қадри гавҳар нашканем.
Ҳар матоъеро дар ин бозор нархе бастаанд,
Қанд, агар бисёр шуд, мо нархи шаккар нашканем.
Айбпӯшони ҳунар бинем, мо товусро,
Пой пӯшонем, аммо ҳаргизаш пар нашканем.
Мо дарахтафкан наем, онҳо гуруҳи дигаранд,
Бо вуҷуди сад табар, як шохи бебар нашканем.
Беҳ, ки Вахширо дар ин савдо наёзорем дил,
Беш аз инаш дар ҷароҳат нӯги ханҷар нашканем.
283
Маслиҳатдида чунин сабр, ки сӯяш наравам,
Нанишинам ба раҳаш, бар сари кӯяш наравам.
Ҳаст хуш маслиҳате, лек дареғо, ку тоб?
Ки як имрӯз ба наззораи кӯяш наравам.
«Орзу» ном, яке силсилаҷунбонам ҳаст,
Худ ба худ ман ба шикангирии мӯяш наравам.
Сад сало мезанад он чашму ба ин ҷуръати шавқ,
Бар дари васл зи андешаи хӯяш наравам.
Гар тавон хонд фусуне, ки дароянд ба дил,
Ҳаргиз аз пеши дили арбадаҷӯяш наравам.
Соқии мо зи маи хос ба базм овардаст,
Нест маълум, ки аз дасти сабӯяш наравам.
Вахшӣ, ин ишқ бад афтод, аҷаб гар охир,
Дар сари ҳасрати рухсори накӯяш наравам.
284
Н-афрӯхта худ рози ғамат, боз харидем,
Он хатти ғуломӣ, ки надодем, даридем.

Дар даст надорем ба ҷуз хори маломат,
З-он домани гул, к-аз чамани васл начидем.
Ин роҳ на роҳест, инон бозкаш, эй дил,
Дидӣ, ки дар ин як-ду-се манзил чӣ кашидем?
Монанди саги ҳарзарави сайднадида,
Беҳуда давидему чӣ беҳуда давидем.
Ваҳшӣ, ба фиреби ҳама кас меравӣ аз роҳ,
Бигзор, ки мо содадиле аз ту надидем.
285
Чу хоҳам, к-аз раҳи шавқаш даме бар гирди сар гардам,
Ба наздикаш равам сад бору боз аз шарм баргардам.
Мани бадрӯзро он бахти бедор аз куҷо бошад?
Ки дар кӯяш шабе чун посбонон то саҳар гардам.
Дилам сад пора гашт аз ханҷараш в-аз шавқи ҳар захме,
Ба хеш оям даме сад бору аз худ бехабар гардам.
Агар ҷуз каъбаи кӯи ту бошад қиблагоҳи ман,
Илоҳо, ноумед аз саҷдаи он хоки дар гардам.
На аз сӯзи муҳаббат бенасибам ҳамчу парвона,
Ки дар ҳар анҷуман гирди сари шамъи дигар гардам.
Ба базми айши шабҳо то саҳар ӯро чӣ ғам бошад?
Ки бар гирди сараш зорикунон шаб то саҳар гардам.
Ба базми ханҷари бедоди ӯ хӯ кардаам, Ваҳшӣ,
Намехоҳам, ки як дам дур аз он бедодгар гардам.
286
Дар оғози муҳаббат, гар вафо кардӣ, чӣ мекардам?
Дили ман бурда бунёди ҷафо кардӣ, чӣ мекардам?
Ҳанӯзам мубтало нокарда кушт аз теғи истиғно,
Диламро, гар ба лутфе мубтало кардӣ, чӣ мекардам?
Нигори ошнокуш, дилбари бегонасӯзи ман,
Маро бо хештан, гар ошно кардӣ, чӣ мекардам?
Ба ҷуз ҷавру ҷафокорӣ накард он маҳ, биҳамдуллоҳ,
Агар баъд аз вафо ин корҳо кардӣ, чӣ мекардам?
Шудам огоҳ зуд аз хӯи он бедодҷӯ, Ваҳшӣ,
Дилам, гар хӯ ба он шӯхи бало кардӣ, чӣ мекардам?
287
Дорад, ки чун ту подшаҳи бандаат шавам,
Қурбони ихтилоти фиребандаат шавам.

Байъонаи ҳазор ғулом аст хандаат,
Сад бор бандаи лаби пурхандаат шавам.
Сад кас ба як нигаҳ фиканӣ дар камони лутф,
Шайдоии нигоҳи парокандаат шавам.
Парвона сӯзад аз паи сад гом партават,
Саргарми шамъи оrази тобандаат шавам.
Хуш ахтарест, ин ки баромад ба толеъат,
Ваҳшӣ, ғуломи ахтари тобандаат шавам.
288
Зи кӯи он парӣ девона рафтам,
Накӯ кардам, хирадмандона рафтам.
Биё, бишнав зи ман афсонаи ишқ,
Ки дигар бар сари афсона рафтам.
Зи ман бовар кунад зоҳид, зиҳӣ, ақл,
Ки кардам тавба, в-аз майхона рафтам.
Сафар кардам зи кӯи ошноӣ,
Зи сабру дину дил бегона рафтам.
Чӣ мебуд, ин ки соқӣ дод, Ваҳшӣ,
Ки ман аз худ ба як паймона рафтам.
289
Хуш аст он маҳ ба ағёр, озмудам,
Ба ман хуш нест, бисёр озмудам.
Ҳамон хӯрдам фиреби ваъдаи ту,
Туро бо он ки сад бор озмудам.
Зи ту гуфтам ситамгорӣ наояд,
Туро низ, эй ситамгор, озмудам.
Ба маҳҷурӣ сабурӣ кори ман нест,
Басе худро дар ин кор озмудам.
Ба ман ёр аст, душмантар зи ағёр,
Ки ҳам ағёру ҳам ёр озмудам.
Касе, к-аз умр беҳтар буд пешам,
Набуд ӯ ҳам вафодор, озмудам.
Аҷал нисбат ба дарди ҳаҷр, Ваҳшӣ,
На чандон буд душвор, озмудам.
290
Аз он тар шуд ба хуни дида домоне, ки ман дорам,
Ки бо тардоманон ёр аст ҷононе, ки ман дорам.

Агар бо ман чунин монад парешонихтилоти ман,
Аз ин бадтар шавад ҳоли парешоне, ки ман дорам.
Зи мардум, гарчи мепӯшам хароши синаи худро,
Вале пайдост аз чоки гиребоне, ки ман дорам.
Кашам то кай ғами ҳиҷрон, аҷал, гӯ, қасди ҷонам кун,
Намеарзад ба чандин дарди сар ҷоне, ки ман дорам.
Мапурс аз ман, ки вайрон аз чӣ шуд ғамхонаат, Ваҳшӣ,
Ҷаҳон вайрон кунад, ин чашми гирёне, ки ман дорам.
291
Анҷоми ҳусни ӯ шуд, поёни ишқи ман ҳам,
Рафт он навои булбул, бебарг шуд чаман ҳам.
Кард ончунон ҷамоле дар кунҷи хона зоеъ,
Бар ишқи ман ситам кард, бар ҳусни хештан ҳам.
Бадмастии ғурураш ҳангома гарм нагзошт,
Афсурда кард суҳбат, барҳам зад анҷуман ҳам.
Гӯ, масти ҷоми хубӣ, ғофил машав,ки дорад,
Ин дасти шишапуркун, дасти қадаҳшикан ҳам.
Ҷон кандани абасро бар худ кунем Ширин,
Якчанд кӯҳ меканд, беҳуда Кӯҳкан ҳам.
Ваҳшӣ, ҳадиси талх аст, бори дарахти ҳирмон,
Гӯянд талхкомон, з-ин талхтар сухан ҳам.
292
Дур аз чамани васл яке мурғи асирам,
Тарсам, ки шавӣ ғофилу дар дом бимирам.
Хоҳам, ки шавам аз назари лутфи ту ғоиб,
Ҳарчанд ки пурдардаму бисёр ҳақирам.
Гар оби фаромӯшӣ аз ин бештар ояд,
Тарсам, ки фурӯ шӯяд аз он лавҳ замирам.
Ҷон кард видоъи тану бархост, ки Ваҳшӣ,
Биншин ту, ки ман дар қадами мӯкиби мирам.
293
Аз тундии хӯи ту гаҳе ёд накардам,
К-аз дард нанолидаму фарёд накардам.
Пеши кӣ расидам, ки зи андуҳи ҷудоӣ,
Нагристаму ҳарфи ту бунёд накардам.
Бо ин ҳама бедод, ки дидам зи ту ҳаргиз
Доде назадам, нола зи бедод накардам.

Гуфтӣ: -Чӣ кас аст ин? -Чӣ касам? Он ки зи ҷаврат,
Ҷон додаму оҳ аз дили ношод накардам.
Ваҳшӣ, манам он сайд, ки аз по нанишастам,
То ҷон ҳадафи новаки сайёд накардам.
294
Зи камоли нотавонӣ ба лаб омадаст ҷонам,
Ба табиби ман, кӣ гӯяд, ки чӣ зору нотавонам.
Ба гумони ин фикандам тани нотавон ба кӯят,
Ки саги ту бар сар ояд ба умеди устухонам.
Агар он ки заҳр бошад чу ту нушханд бахшӣ,
Ба Худо, ки хуштар ояд зи ҳаёти ҷовидонам.
Зи ғами ту мегурезам ман аз ин ҷаҳону тарсам,
Ки ҳамон балои хотир шавад андар он ҷаҳонам.
На қарор монда Ваҳшӣ зи ғамаш маро на тоқат,
Асаре намонад аз ман, агар инчунин бимонам.
295
Ҳамхоби рақибонию ман тоб надорам,
Бетобаму аз ғуссаи ин хоб надорам.
З-ин дар натавон рафту дар он кӯ натавон буд,
Дармондааму чораи ин боб надорам.
Озурда зи бахти бади хешам, на зи аҳбоб,
Дорам гила аз хешу зи аҳбоб надорам.
Соқӣ, маи софе ба ҳарифони дигар деҳ,
Ман дурдкашам, завқи маи ноб надорам.
Ваҳшисифатам, ин ҳама асбоби алам ҳаст,
Ғайр аз чӣ занад таъна, ки асбоб надорам?
296
Мунфаъил гашт басе, дӯш чу масташ дидам,
Буда дар маҷлиси ағёр чунин фаҳмидам.
Сабри санҷиданам аз ёр ба рӯзе накашид,
Тоқати ман чу ҳамин буд, чӣ меранҷидам?
Ғайр донист, ки аз маҷлиси хосам рондӣ,
Шаб, ки бо чашми тар аз кӯи ту баргардидам.
Ёди он рӯз, ки домони туям буд ба даст,
Мезадӣ ханҷару ман пои ту мебӯсидам.
Ваҳшӣ, аз ишқ хабар дошт, ки бо сад ғами ёр,
Мурду ҳарфи гилаомез аз ӯ нашнидам.

297
Чун тифли ашк пардадари роз нестам,
Аз ман мапӯш роз,ки ғаммоз нестам.
Дар интизори ин ки магар хонадам шабе,
Як шаб нашуд, ки гӯш ба овоз нестам.
Бехуд маро ҳикояти ӯ чист бар забон,
Гар дар хаёли он бути танноз нестам?
Дар базми ишқ нарди муроде намезадам,
З-он рӯ, ки чун рақиб дағобоз нестам.
Гар тарки хонумон накунам аз барои ту,
Ваҳшии ринди хонабарандоз нестам.
298
Дар он маҷлис, ки ӯро ҳамдами ағёр медидам,
Агар худро намекуштам, басе озор медидам.
Чӣ будӣ гар мани бемор чандон зинда мебудам,
Ки ӯро бар сари болини худ як бор медидам.
Ба ман лутфе надорӣ, варна мекардӣ сад озорам,
Ки мемондам басе, то ман туро бисёр медидам.
Ба маҷлис, кош аз ман ғайр мешуд он қадар ғофил,
Ки як раҳ бар муроди хеш рӯи ёр медидам.
Аҷаб, гар зинда монад шамъсон то субҳдам, Ваҳшӣ,
Ки имшаб з-оташи дил кори ӯ душвор медидам.
299
Дилею тоқати сад оҳи оташин дорам,
Ҳамин манам, ки дилу тоқати чунин дорам.
Наъузубиллоҳ, агар бигзарӣ ба ҷониби ғайр,
Ту мехиромию ман рашк бар замин дорам.
Ба рондан аз ту шикоят кунам, Худо макунод,
Шикоят, ар кунам, озор беш аз ин дорам.
Муҳити ҷониби ман бину узри рафта бихоҳ,
Ки сахт Рахшгурезе ба зери зин дорам.
Макун тағофулу магзорам аз каманд бурун,
Ки сайди бешаи бисёр дар камин дорам.
Биё, биё, ки ту аз офият гурезонӣ,
Ки ман гумони яке ишқофарин дорам.
Кадом сабру чӣ тоқат, чӣ дину дил, Ваҳшӣ?
Аз ӯ на сабру на тоқат, на дил, на дин дорам.

300
Дар роҳи ишқ бо дили шайдо фитодаем,
Чандон давидаем, ки аз по фитодаем.
Ошиқ басе ба кӯи ту афтодааст, лек
Мо дар миёнаи ҳама расво фитодаем.
Пушти рақиброҳо ҳама қурб асту манзилат,
Мардуди даргаҳи ту ҳамин мо фитодаем.
Мо бекасему сокини вайронаи ғамат,
Девонаҳои турфа ба як ҷо фитодаем.
Ваҳшӣ, накардаем қад аз ёри фитна рост,
То дар ҳавои он қади раъно фитодаем.
301
Аз баҳри чӣ дар маҷлиси ҷонона набошам?
Гирди сари он шамъ чу парвона набошам.
Бемӯҷиб аз ӯ ранҷаму беваҷҳа кунам сулҳ,
Инҳо накунам, ошиқи девона набошам.
Сад фасли баҳор ояду берун нанииҳам гом,
Тарсам, ки биёӣ туву дар хона набошам.
Бегона шавам аз ту, ки бегонапарастӣ,
Озор кашам, гар зи ту бегона набошам.
Ваҳшисифат аз наргиси махмури ту мастам,
З-он аст, ки бе наъраи мастона набошам.
302
Ҷон рафту мо ба орзуи дил намерасем,
Ҳарчанд меравем, ба манзил намерасем
Барқему балки тундтар аз барқу раъд низ,
В-ин турфатар, ки ҳеҷ ба маҳмил намерасем.
Лутфи Худо мадад кунад, аз нохудо чӣ суд?
То боди шурта нест ба соҳил намерасем.
Дар асл ҳалли масъалаи ишқ кас накард,
Ё мо ба ин дақиқаи мушкил намерасем.
Ваҳшӣ, намерасад зи раҳе он савор тунд,
Каш аз раҳи дигар, зи муқобил намерасем.
303
Бирав, ки бо дили пурдарду рӯйи зард биёям,
Агар чу бод равӣ тунд, ҳамчу гард биёям.

Ҳазор марҳала дурам фиканд чарх зи кӯят,
Ба ҷустуҷӯи ту чун гирдбод фард биёям.
Макун, макун, ки пушаймон шавӣ чу бар сари роҳат,
Ба азми доди дили пур зи доғу дард биёям.
Ба сӯйи мулки адам, гарчи аз ҷафои ту рафтам,
Агар ба лутф бигӯӣ, ки бозгард, биёям.
Магӯ наёмадаӣ сӯи мо, бигӯ, ки чӣ гуна
Ба суҳбате, ки маро кас талаб накард биёям?
304
Муддате шуд аз гулистоне ҷудо афтодаам,
Андалебам, сахт бе баргу наво афтодаам.
Навбаҳоре медамонд аз хоки ман гул, в-он гузашт,
Гаштаам пажмурда, в-аз нашъунамо афтодаам.
Дар ҳавои гулшане сад раҳ чу мурғи бастабол,
Кардаам оҳанги парвозу ба ҷо афтодаам.
Гар намепӯям раҳи дидор, узрам зоҳир аст,
Баски дар занҷири ғам мондам, зи по афтодаам.
На гумони растагӣ дорам, на уммеди халос,
Сахт дар ташвишу маҳкам дар бало афтодаам.
Мояи ҳастӣ тамоме сӯхтам дар ёди васл,
Муфлисам, Ваҳшӣ, ба фикри кимиё афтодаам.
305
Сабрам намонду нест дигар тоби фурқатам,
Хуш бар сари баҳона нишастаст тоқатам.
Ман марди ҳиллаи сипаҳи ҳаҷр нестам,
Гирам, ки устувор бувад пои ҷуръатам.
Зиндони бедар аст кудуратсарои даҳр,
Ман чун дар ин тилисм фитодам, ба ҳайратам?
Ҷоиз надоштааст касе ҳаҷри доимӣ,
Ман муфтии масоили кеши муҳаббатам.
Ваҳшӣ, манам муаррихи зиндониёни ҳаҷр,
Зеро ки дерсолаи зиндони ҳасратам.
306
Кай буд, к-аз ту ҷони фигоре надоштам?
Дарди дилею нолаи зоре надоштам.
То буд накди ҷон ба кафи ман, наёмадӣ,
Он рӯз омадӣ, ки нисоре надоштам.

Гуфтам: «Зи кор бурд маро ханда карданат»,
Хандиду гуфт: «Ман ба ту коре надоштам».
Шуд монеъи нишастанам аз хоки роҳи хеш,
Хокам ба сар, ки қадри ғуборе надоштам.
Пайваста даст бар сарам аз ишқ буд кор,
Ҳаргиз ба даст дасти нигоре надоштам.
Дар маҷлисе миёнаи ҷамъе набуд ёр,
К-он ҷо паи назора каноре надоштам.
Ваҳшӣ, маро ба ҳеҷ гулистон гузар набуд,
К-аз навгуле фиғони ҳазоре надоштам.
307
Оташ ба ҷигар з-он рухи афрӯхта дорам,
В-ин гиряи талх аз ҷигари сӯхта дорам.
Гуфтӣ: «Ту чӣ андӯхтаӣ з-оташи дурӣ?»
Ин доғ, ки бар ҷони ғамандӯхта дорам.
Андохтаам сайди мурод аз назари хеш,
Яъне сифати бози назардӯхта дорам.
Дар доми ғамат тоза фитодам, нигаҳам дор,
Ман одати мурғони навомӯхта дорам.
Ваҳшӣ, ба дил ин оташи сӯзанда чу фонус,
Аз партави он шамъи барафрӯхта дорам.
308
Чиҳо бо ҷони худ дур аз рухи ҷонони худ кардам,
Магар душман кунад инҳо, ки ман бо ҷони худ кардам?
Табибам гуфт: «Дармоне надорад дарди маҳҷурӣ»,
Ғалат мегуфт, худро куштаму дармони худ кардам.
Магӯ, вақте дили садпорае будат, куҷо бурдӣ?
Куҷо бурдам, зи роҳи дида дар дармони худ кардам.
Зи сар бигзашт оби дидааш аз саргузашти ман,
Ба ҳар кас шарҳи оби дидаи гирёни худ кардам.
Зи ҳарфи гарми Ваҳшӣ оташе дар сина афкандам,
Ба ӯ изҳори сӯзи синаи сӯзони худ кардам.
309
Дерест, ки риндона шаробе накашидем,
Дар гӯшаи боғе маи нобе накашидем.
Чун сабза қадам бар лаби ҷӯе нанниҳодем,
Чун лола қадаҳ бар лаби обе накашидем.

Бар чеҳра кашидем ниқоби кафан, афсӯс,
К-аз чеҳраи мақсуд ниқобе накашидем.
Бисёр азобе, ки кашидем, валекин
Душвортар аз ҳаҷр азобе накашидем.
Ваҳшӣ, ба рухи мо дари файзе накушуданд,
То пои талаб аз ҳама бобе накашидем.
310
Ҷоно, чӣ воқеъ аст, бигӯ, то чӣ кардаем?
Бо мо чӣ шуд, ки бад шудаӣ, мо чӣ кардаем?
Оё чӣ шуд, ки паҳлуи мо ҷо намекунӣ,
Аз мо чӣ кор сар зада, беҷо чӣ кардаем?
Бандад камар ба куштани мо ҳар кӣ бингарем,
Чун аст, мо ба мардуми дунё чӣ кардаем?
Ваҳшӣ, ба пои дор маро чун баранд халқ,
Аз баҳри чист ин ҳама ғавғо, чӣ кардаем?
311
Ман, ки чун шамъ аз тафи дил ҷонгудозӣ мекунам,
Гар сарам бардорӣ аз тан, сарфарозӣ мекунам.
Бо чунин тундию бебокӣ, ки он ошиққуш аст,
Оҳ, агар донад, ки бо ӯ ишқбозӣ мекунам.
Мекушад онам, ки ханҷар мезанад, в-он гаҳ ба ноз,
Бозмепурсад, ки чун ошиқнавозӣ мекунам.
Эй азизон, бор хоҳам баст, ёри ман куҷост?
Ҳозираш созед, то ман корсозӣ мекунам.
Ҳамчу Ваҳшӣ нимбисмил дар миёни хоку хун,
Метапам, в-он шӯх пиндорад, ки бозӣ мекунам.
312
Гӯ, ҷон ситон аз ман, ки ман тан дар балои ӯ диҳам,
Пайкар ба хун андар кашам, ҷон хунбаҳои ӯ диҳам.
Базми фароғ орост дил, ку бе муҳобо ғамзае?
К-аш ман зи роҳи чашми худ сар дар сарои ӯ диҳам.
Ҷоне ба ҳасрат меканам, баҳри аёдат, гӯ, маё,
Кай баҳри ҳифзи ҷони худ ташвиши пои ӯ диҳам?
Мохӯлиё гар нест ин, ҷӯям чаро хунхорае?
К-ӯ қасди ҷони ман кунад, ман ҷон барои ӯ диҳам.
Чун ишқ хоҳам душмане, ин ҷони эманхуфтаро,
То боз сад раҳ ҳар шабе тағйир ҷои ӯ диҳам.

Вахшӣ, шикоят то ба кай аз рӯзгори офият,
Айёми рашки ишқ ку, то ман сазои ӯ диҳам?
313
Сад дашна бар дил мехӯрам, в-аз хеш пинҳон мекунам,
Ҷон гиря бар ман мекунад, ман ханда бар ҷон мекунам.
Хун қатра-қатра мечакад, то ашки навмедӣ шавад,
В-аз оҳи сард андар ҷигар он қатра пайкон мекунам.
Дасти ғам андар ҷайби ҷон, пои нишот андар чаман,
Пироҳанам сад чоку ман гул дар гиребон мекунам.
Гулханфурӯзи ҳасратам, гирд оварад хошоки ғам,
Бедард пиндорад, ки ман гашти гулистон мекунам.
Ғам ҳам ба танг омад, вале қуфл аст доим бар дараш,
Ин хонаи танге, ки ман ӯро ба зиндон мекунам.
Имрӯз, ё фардо аҷал душвории ғам мебарад,
Вахшӣ, ду рӯзе сабр кун, кори ту осон мекунам.
314
Оварда иқболам дигар, то саҷдаи ин дар кунам,
Шукронаи ҳар саҷдае, сад саҷдаи дигар кунам.
Кардам саропо хешро чашм аз паи тайи раҳат,
К-аз баҳри саҷда бар дарат худро тамомӣ сар кунам.
Гӯ, гарди аҳмар кай кунад кори ғубори роҳи ту,
Ин кимиёгар бошадам, хоки сияҳро зар кунам.
Ту хуш ба давлат хоб кун, гар посбоне боядат,
Ман аз дуои нимшаб гардун пур аз лашкар кунам.
Хасмат, ки ҳаст андар қафас, бигзор бо оҳи манаш,
К-ӯро, агар ёқут шавад, з-ин шуъла хокистар кунам.
Гар тӯтиёе афканӣ, дар дидаам аз роҳи худ,
Аз рашки чашми худ намак дар дидаи ахтар кунам.
Бар авҷи тахтат, к-андар ӯ симурғ шаҳпар гум кунад,
Ман пашшаю аз пашша кам, кай арзи болу пар кунам?
Вахшӣ, чӣ пеш орад, ки он исори роҳатро сазад,
Аз махзани файзат магар доман пур аз гавҳар кунам?
315
Коре макун, ки рухсати оҳи саҳар диҳам,
В-ин тундбодро ба чароғи ту сар диҳам.
Обам зи ҷӯи теғ тағофул мадеҳ, мабод
Нахле шавам, ки ханҷари алмос бар диҳам.

Селе зи дида хоҳадам, омад дили шабе,
Авлотар, он ки ман ҳама касро хабар диҳам.
Киштии Нуҳ чист, чу тӯфони гиря шуд?
Ҳар тахта з-он сафина ба мавҷе дигар диҳам.
Ларзад дилам, ки хонаи ҳуснат кунад сиёҳ,
Гар андак ихтиёр ба дуди ҷигар диҳам.
Афсурдагӣ бас аст, ки боди хазон шавад,
Оҳ, ар ба бӯстони ҷамоли ту сар диҳам.
Бедодкеши ман мутанабеҳ намешавад,
Ваҳшӣ, ман ин нидои абас чанд дар диҳам?
316
Мо аҷнабӣ зи қоидаи кори оламем,
Беҳудагарди кӯчаю бозори оламем.
Девонатинатем зару санги мо якест,
Инем, агар азиз, в-агар хори оламем.
Бо марказу муҳит надорем ҳеҷ кор,
Ҳаст ин қадар, ки дар хати паргори оламем.
Мо мардумони хонабадӯшему хушнишин,
Не з-он гуруҳи хонанигаҳдори оламем.
Ҳак карданӣ чу нуқтаи саҳвем бар варақ,
Мо холи айби саҳфаи рухсори оламем.
Бо синаи бараҳна ба шерон ниҳем рӯ,
Инсоф нест, варна ҷигардори оламем.
Ваҳшӣ, русуми роҳату озори бо ҳам аст,
З-ин одати бад аст, ки озори оламем.
317
На ман аз ту меҳр хоҳам, на ту бигзарӣ зи кин ҳам,
На турост ин мурувват, на мarост чашми ин ҳам.
Чӣ баҳона сохт дигар ба ҳалоки бегуноҳон,
Ки таъарруз аст бар лаб, гираҳест бар ҷабин ҳам.
Ба миёни ҷангу сулҳат,ману дасту он дуоҳо,
Ки на з-остин барояд, наравад зи остин ҳам.
На ҳамин фалак хиҷил шуд зи кафи ниёзи ишқам,
Ки зи саҷдаҳои шавқам шуда мунфаъил замин ҳам.
Бирасон зи хирмани худ мададе ба бенасибон,
Ки на хирмани ту монад, на ҳуҷуми хӯшачин ҳам.

Чӣ матоъи растагорӣ бувадам зи саҷдаи бут,
Ки захирае набурдам зи нигоҳи вопасин ҳам.
Зи ту хушнамост, Ваҳшӣ, раҳу расму зуҳду риндӣ,
Ки дилест ҳақшиносу назари худойбин ҳам.
318
Дили пурҳасрат аз кӯи ту баргардидаму рафтам,
Нашуд побӯс, рӯзе остон бӯсидаму рафтам.
Зи гарди роҳ худро бар сари кӯйи ту афкандам,
Рухи пургард бар хоки дарат молидаму рафтам.
Агар манзил ба манзил чун ҷарас нолам, аҷаб набвад,
Ки овози дирое аз дарат нашнидаму рафтам.
Наёмад сарви ман берун, ки бар гирди сараш гардам,
Ба сони гирдбод аз ғам худ ба худ печидаму рафтам.
Муяссар чун нашуд, Ваҳшӣ, ки бинам хилвати васлаш,
Ба ҳасрат бар дару девори кӯяш дидаму рафтам.
319
Як ҳамдаму ҳамнафас надорам,
Мемираму ҳеҷ кас надорам.
Гӯянд бигир домани васл,
Мехоҳаму дастрас надорам.
Дорам ҳавасу намедиҳад даст,
Он нест, ки ин ҳавас надорам.
Гуфтӣ: -Гилае зи мо надорӣ,
Дорам гила аз ту, пас надорам.
Ваҳшӣ, наравам ба хоби роҳат,
То такя ба хору хас надорам.
320
Чу дидам хор худро аз дари он бевафо рафтам,
Расад рӯзе, ки қадри ман бидонад, ҳолиё рафтам.
Бар он будам, ки дар роҳи вафояш умрҳо бошам,
Чу мебинам, ки аз ҳад мебарад ҷавру ҷафо, рафтам.
Дилам, гар ояд аз кӯяш бурун, огаҳ кунед ӯро,
Ки гар хоҳад маро, ман ҷониби шаҳри вафо рафтам.
Шудам сӯяш ба таклифи касон, аммо пушаймонам,
Намебоист рафтан сӯи ӯ, дигар чаро рафтам?
Зи ман ишқе бигӯ девонагони ишқро, Ваҳшӣ,
Ки ман занҷир кардам пора, дар дорушшифо рафтам.

321
Дар базми васл, агарчи ҳамин дар миён манам,
Чун нек бингарӣ, зи ҳама баркарон манам.
Ранге зи гул надораму бӯе зи ёсуман,
Оре, калиддори дари бӯстон манам.
Хору хаси зиёда ба оташниҳод нест,
Гар бӯстони ҳусни туро боғбон манам.
Маълум меҳрубонии аҳли ҳавас, ки чист?
Бишнав сухан, ки ошиқаму меҳрубон манам.
Эй гул, агар ба гуфтаи Ваҳшӣ амал кунӣ,
Садсола навбаҳори хазонро замон манам.
322
Ба дил дерин биное буд кандам,
Ба ҷои ӯ зи нав тарҳе фикандам.
Харидорона чашме дид сӯям,
Нагуфт, аммо ҳанӯз аз чуну чандам.
Қабуле з-он нигаҳ меёбам, эй бахт,
Бисӯзон баҳри чашми бад сипандам.
Нигаҳбонат ба сӯи фитнаву ноз,
Фиребам медиҳанду мебарандам.
Бирав, Ваҳшӣ, ту сайди зулфи ӯ бош,
Ки ман ҷои дигар сар дар камандам.
323
Ба истиғнот мирам, сарви истиғнобаланди ман,
Ки хуш розист аз ту ҷони истиғнописанди ман.
Сарат гардам ба ракс овар диламро, гарм сӯям бин,
Ки нек аст аз барои чашми бад дуди сипанди ман.
Ман ин тори нигаҳро ҳалқа-ҳалқа мекунам, аммо
Шикореро, ки ман дидам, зиёд аст аз каманди ман.
Ҳаловатбахшие гоҳе ба шакарханда мефармо,
Ба заҳри чашми худ магзор кори заҳрханди ман.
Шикоре нестам, к-ороиши фитрокро шоям,
Ба сайди ман чӣ саъй аст, ин ки дорад сайдбанди ман?
Маро боист куштан, то на ман расво шавам, на ӯ,
Насиҳатнашнави ман гӯш, агар мекард панди ман.
Зи Ваҳшӣ бар дари ӯ бадтарам, балк аз саги кӯям,
Аз ин бадтар шавам ин аст, агар бахти нажанди ман.

324
Омад, омад ҳусн дар Рахши ғурур ангехтан,
Инак, инак ишқ меояд ба шӯр ангехтан.
Ҳар киро куҳли муҳаббат чашму ҷон равшан насохт,
Рӯзи ҳашраш ҳамчунон хоҳанд кӯр ангехтан.
По ба ҳурмат неҳ дар ин водӣ, ки Мӯсо ҳад надошт,
Кард наълайн аз таҷаллигоҳи Тур ангехтан.
Расми базми мост дуд аз дил баровардан нахуст,
Сӯхтан чун уду чун миҷмар бухур ангехтан.
Даст кардан дар камар бо ишқ кори саҳл нест,
Фитнае натвон зи баҳри худ ба зӯр ангехтан.
Арсаи ишқу ҳарифи мо чунин мансубабоз,
Сахтбозӣ чист? Бозиҳои дур ангехтан.
Хезу доман барфишон, Ваҳшӣ, ки кори даҳр нест,
Ҷуз ғубори фитнаву гарди футур ангехтан.
325
Ҳаст ҳанӯз моҳи ман чашму чароғи дигарон,
Сабзаи ӯ ҳанӯз беҳ аз гули боғи дигарон.
Халқ равон ба ҳар тараф баҳри суроғи ёри ман,
Беҳуда ман чаро равам баҳри суроғи дигарон?
Раста гулам зи бому дар ҷои дигар чаро равам,
Бо гули худ чӣ мекунам сабзаи боғи дигарон?
Ман, ки муяссарам шавад софии ҷоми ӯ, чаро
Дар дили худ кунам гираҳ дарди аёғи дигарон?
Ваҳшӣ, аз ӯ илоҷ кун сӯзи даруни хешро,
Фоида чист сӯхтан? Аз тафу доғи дигарон.
326
Ман, агар ин бор рафтам, рафтам озорам макун,
Ин тағофулҳои беш аз пеш дар корам макун.
Пои баргаштан нахоҳам дошт, хоҳам рафту монд,
Дар тамошогоҳи дигар нақши деворам макун.
Банда мехоҳӣ, зи хидматгори худ ғофил мабош,
Мешавад ногаҳ каси дигар харидорам макун.
Ман, ки мастам, маҷлисат гар ҳасту мири маҷлисе,
Базми худ афсурда хоҳӣ кард, ҳушёрам макун.
Иззати саг ҳаст дар кӯи ту, Ваҳшӣ, худ чӣ кард?
Гарчи ошиқ хор мебояд, чунин хорам макун.

327
Эй қомати ту ҷилвадеҳи шеваҳойи ҳусн,
Дар ҳар карашмаи ту ниҳон сад адойи ҳусн.
Хоҳӣ бидору хоҳ бикуш, нописанд нест,
Мустаҳсан аст ҳар чи бувад иқтизойи ҳусн.
Султони ҳусн ҳар чӣ кунад ҳукм ҳукми ӯст,
Бигзор кори ҳусн ба тадбиру ройи ҳусн.
Ин ҳусни панҷрӯз ба Юсуф вафо накард,
Зинҳор эътимод макун бар вафойи ҳусн.
Донӣ, ки гул зи боғ чаро зуд меравад?
Яъне, ки андакест замони бақойи ҳусн.
Гӯйе бизан, ки ҳоли ҷаҳон барқарор нест,
Ҳоло ки дар рикоби мурод аст пойи ҳусн.
Ваҳшӣ, ману гадойии хубон, ки ин гуруҳ
Султони оламанд зи фарри ҳумойи ҳусн.
328
Макун, макун лаби моро ба шиква боз макун,
Забони кутаҳи моро ба худ дароз макун.
Макун мабод, ки одат кунад табиати ту,
Бад аст ин ҳама, одат ба хашму ноз макун.
Пур аст шаҳр зи нози бутон, ниёз кам аст,
Макун, чунон ки шавам аз ту бениёз, макун.
Ман он наям, ки бадӣ сар занад, зи ёри ман,
Даро хуш аз дари ёрею эҳтироз макун.
Ба ҳоли Ваҳшии худ чашми раҳмате бикшой,
Дари умед ба рӯяш чунин фароз макун.
329
Рашк мебурданд шаҳре бар ману аҳволи ман,
Кард зоеъ кори ман, ин бахти беиқболи ман.
Тоире будам ману ғавғои болафшоние,
Чашмзахме омаду бишкаст бар ҳам боли ман.
Бахти бад ин расми бад бинҳоду ранҷонд аз манат,
Варна кас ҳаргиз намеранҷида аз афъоли ман.
Гаштаам овора сад манзил зи кӯи офият,
Медавонад ҳамчунон бахти бад аз дунболи ман.
Содарав, Ваҳшӣ, кӣ мехоҳад ба арзи ӯ расид?
Он чӣ ҳаргиз шарҳ натвон кард, яъне ҳоли ман.

330
Маро бо хори ғам бигзору гашти боғу гулшан кун,
Паи ороиши базми ҳарифон гул ба гулшан кун.
Ту шамъи маҷлисафрӯзӣ, мани саргашта парвона,
Маро оташ ба ҷон зан, дигаронро хона равшан кун.
Макун нодида, в-аз ман тунд чун бегонагон магзар,
Маро шояд, ки ҷое дида бошӣ, чашм бар ман кун.
Чу кори ман нахоҳад шуд ба коми дӯстон аз ту,
Ҳалокам соз, боре фориғам аз таъни душман кун.
Бубин, Вахшӣ, ки чун сӯят ба заҳри чашм мебинад,
Туро з-он пеш аз маҷлис биронад, азми рафтан кун.
331
Инчунин гар ҷониби ағёр хоҳӣ доштан,
Баъд аз ин хуш ошиқи бисёр хоҳӣ доштан.
Як харидори дигар мондасту гар ин аст вазъ,
Беш аз ин ҳам гармии бозор хоҳӣ доштан.
Бандаи бисёр хоҳӣ дошт дар фармони хеш,
Гар чунин парвои хидматгор хоҳӣ доштан.
Боғбоно, хор дар роҳи тамошочӣ манеҳ,
Доим ин гулҳо магар бар бор хоҳӣ доштан?
Забти худ кун, Вахшӣ, ин густох гуфтан то ба кай?
Боз медонам, ки бо ӯ кор хоҳӣ доштан.
332
Шуд сарф умрам дар вафо, бедоди ҷонон ҳамчунон,
Ҷон бохтам дар дӯстӣ, ӯ душмани ҷон ҳамчунон.
Ҳар кас, ки омад ғайри мо, дар базми васлаш ёфт ҷо,
Мо бар сари роҳи фано бо хок яксон ҳамчунон.
Умрест, к-аз пеши назар бигзашт он бедодгар,
Мо бар сари он раҳгузар афтода ҳайрон ҳамчунон.
Ҳолам мапурс, эй ҳамнишин, бе турраи он нозанин,
Ошуфта будам пеш аз ин, ҳастам парешон ҳамчунон.
Вахшӣ, басе шаб то саҳар, будам парешон, дида тар,
Боқист он сӯзи ҷигар, в-он чашми гирён ҳамчунон.
333
Тағофулҳо зад, аммо шуд нигоҳе узрхоҳи ман,
Ки сад раҳ гашт бар гирди сари чашмаш нигоҳи ман.

Маро чашми ту афканд аз назар, аммо намепурсӣ,
Ки ҷосуси нигоҳи ӯ чӣ мехоҳад зи роҳи ман.
Барои ҳурмати хоки дарат ин чашм медорам,
Ки гардолуда ҳар пое нагардад саҷдагоҳи ман.
Ба кишти дигарон чун борӣ, эй абри ҳаё, хоҳам
Ки гоҳе қатрае зоеъ шавад ҳам бар гиёҳи ман.
Рақибо, пур далерӣ бар сари он кӯю метарсам,
Ки теғе дар ғилоф аст ин тараф, яъне, ки оҳи ман.
Камони шавқ пурзӯр асту тирандоз девона,
Хаданге, гар нишинад бар касе набвад гуноҳи ман.
Хатар бисёр дорад муддаӣ, худ низ медонад,
Агар Ваҳшӣ наяндешад зи хашми подшоҳи ман.
334
Чӣ кам мегардад аз ҳашмат, балогардони нозам кун,
Нигоҳе чанд нозолуда дар кори ниёзам кун.
Дарахти мевае дорӣ, салои мевае мезан,
Вале андеша аз густохии дасти дарозам кун.
Ба девонаш маро коре фитод, эй лутфи пинҳонӣ,
Яке з-он шеваҳои пешхидматгор созам кун.
Бурун овар зи ҷайбат он иноятҳо, ки медонӣ,
Калиде в-аз дари зиндони ғам, ин қуфл бозам кун.
Ба ҳеҷам метавон кардан тасалло, гар дилат хоҳад,
Намегӯям, ки хос аз шеваҳои дилнавозам кун.
Ҳиҷоб аст, ин ки холӣ мекунад паҳлӯи мо аз ту,
Ба як ҷониб фикан ин шарму рафъи эҳтирозам кун.
Зи ман бархост таклиф аз ҷунуни ишқи бут, Ваҳшӣ,
Бибар девонагӣ аз табъу таклифи намозам кун.
335
Пеши ту басе аз ҳама кас хортарам ман,
З-он рӯй, ки аз ҷумла гирифтортарам ман.
Рӯзе, ки намонад дигаре бар сари кӯят,
Донӣ, ки зи ағёр вафодортарам ман.
Бар бекасии ман нигару чораи ман кун,
З-он к-аз ҳама кас бекасу беёртарам ман.
Бедод кунӣ пешаву чун аз ту кунам дод?
Зорам бикушӣ, к-аз ки ситамгортарам ман.

Вахшӣ, ба табиби мани бечора,кӣ гӯяд
К-имрӯз зи дирӯз басе зортарам ман.
336
Омадам сар то қадам дар банди савдо ҳамчунон,
Тавқ дар гардан ҳамон, занҷир дар по ҳамчунон.
Рафта будам з-оташи уммед дар дил шуълаҳо,
Омадам дилгарм аз сӯзи таманно ҳамчунон.
Ёри Хусрав гашт Ширину бурид аз Кӯҳкан,
Кӯҳкан раҳ мебарад дар кӯҳи хоро ҳамчунон.
Пеши Лайлӣ кист, то гӯяд зи истилои ишқ,
Бозгашт аз Каъба Маҷнун ринду расво ҳамчунон.
Рӯ ба шаҳру мулки хеш овард ҳар оворае,
Вахшии бехонумон дар кӯҳу саҳро ҳамчунон.
337
Эй аҷал, аз банди зиндони ғамам озод кун,
Саъй дорад меҳнати ҳиҷрон, ту ҳам имдод кун.
Айши Хусрав чист бо Ширин ба тарфи ҷӯи шир?
Раҳм, гӯ, бар ҷони меҳнатдидаи Фарҳод кун.
Ноқаи Лайлӣ ба суръат рафту аз ошуфтагӣ,
Роҳ гум кардаст Маҷнун, эй ҷарас, фарёд кун.
Эй ки як дам фориғ аз ёди рақибон нестӣ,
Ҳеҷ айбе нест, моро низ гоҳе ёд кун.
Ғофилӣ, Вахшӣ, зи турки чашми тирандози ӯ,
Тир ҷаст, эй сайди ғофил, чашм бар сайёд кун.
338
Навбаҳор омад, вале бе дӯстон дар бӯстон,
Оташин майлест дар чашмам ниҳоли арғувон.
То гули сурӣ бихандад соқии базми баҳор,
Рехт дар ҷоми зумуррадфом хайре заъфарон.
Ғунча кай хандад ба рӯи булбули шабзиндадор,
Гар наяндозад насими субҳ худро дар миён?
Бар сари ҳар шохи гул мурғе хушилҳону маро,
Муҳри хомӯшист чун барги шақоиқ бар забон.
Ғунча бо мурғи саҳархон саргарон гардида буд,
Аз каноре боди субҳ андохт худро дар миён.

339
Фароғат боядат ҷо дар сари кӯйи қаноат кун,
Сари кӯйи қаноат гир, то бошӣ фароғат кун.
Ба чандин ганҷ ранҷу меҳнати олам намеарзад,
Чаро бояд кашидан ранҷи олам, тарки роҳат кун?
Агар хоҳӣ, ки ҳар душвор осон бигзарад бар ту,
Хаданги ҷаври гардунро лақаб саҳми саодат кун.
Аз ин беҳимматон хорест ҳосил аҳли ҳоҷатро,
Агар хоҳӣ, ки худро хор созӣ, арзи ҳоҷат кун.
Агар кӯтоҳ хоҳӣ аз гиребон дасти ғам, Ваҳшӣ,
Чу ман бо кисвати урёнтанӣ хӯ гиру одат кун.
340
Моро маёзор ин ҳама, чандин ҷафо бар мо макун,
Оғози ишқ аст, эй писар, инҳо макун, инҳо макун.
Вале ёрие бад-он расмест хубонро куҳан,
Эй аз ҳама бераҳмтар, расми наве пайдо макун.
Гоҳе нигоҳе мекунӣ, он ҳам ба чандин хашму ноз,
Гӯ, корҳо якбора шав, ин чашм ҳам боло макун.
Машҳури шаҳре гаштаӣ, Ваҳшӣ, чӣ расвоист ин?
Чандин ба кӯи ӯ марав, худро дигар расво макун.
341
З-ин сон, ки тунд мегузарад хушхироми ман,
Кай мултафит шавад ба ҷавоби саломи ман?
Гуфтам, бигӯ: «Аз он лаби ширин ҳикояте»,
Сад талх гуфт дилбари ширинкаломи ман.
Он шамъ, гар зи сӯзи дили ман хабар надошт,
Баҳри чӣ барфурӯхт чу бишнид номи ман?
Коме наёфтам зи лаби ӯ ба бӯсае,
Ҳаргиз набуд он лаби ширин ба коми ман.
Ваҳшӣ, ғизоли ман, ки ба ман орамида буд,
Ваҳшӣ чунон нашуд, ки шавад боз роми ман.
342
Ба даст овар бути ҷонбахшу айши ҷовидонӣ кун,
Ҳаёти Хизр хоҳӣ, фикри оби зиндагонӣ кун.
Зи аҳли нашъа ҳарфе ёд дорам, ҷони ман, бишнав
Нишин бо шиша ҳамзонуву майро ёри ҷонӣ кун.

Дили миноӣ мебояд, ки бошад соф бо риндон,
Дигар ҳар кас, ки бошад, гӯ, чу соғар саргаронӣ кун.
Ба овози дафу най хокбӯси дайр мегӯяд:
Биё, хоки дари майхона бошу комронӣ кун.
Зи рангомезии даврон, машав ғофил, зи ман бишнав,
Майи рангин ба ҷом андозу ораз арғувонӣ кун.
Насиҳат гӯш кун, Ваҳшӣ, ки аз ғам пир гардидӣ,
Суроҳӣ гиру соғар хоҳу хатте аз ҷавонӣ кун.
343
Гаҳе аз базм бармехезу тарфи бом ҷо мекун,
Закоти базми ишрат ишвае дар кори мо мекун.
Қусуре нест дар бегонагӣ, аммо на ҳар вақте,
Нигаҳро бо нигаҳ дар вақти фурсат ошно мекун.
Нигаҳ хуб аст, мустағнӣ зад, аммо он на дар ҳар ҷо,
Бувад ҷое, ки бояд гуфт чашме бар қафо мекун.
Чу дорӣ ғамзаро бигзор то олам занад барҳам,
Нигаҳ, гӯ, бош шармолуду изҳори ҳаё мекун.
Ту захми ноз бар ҷон мезану меозмо бозу,
Даҳони пуртабассум, гӯ: «Илоҷи хунбаҳо мекун».
Сару ҷон аст дар роҳат, на охир сангу хок аст ин,
Ба истиғнот мирам, ки нигоҳе зери по мекун.
Тағофул ратл пур кардасту Ваҳшӣ зарф мебояд,
Нигоҳе ҷониби ин косаи мардозмо мекун.
344
Меёбам аз худ ҳасрате, боз аз фироқи кист ин?
Омодаи сад гирьям, аз иштиёқи кист ин?
Сад ҷавқи ҳасрат баргузашт, акнун ҳазорон гард шуд,
Гар нест ҳиҷрони касе, пас тумтароқи кист ин?
Ратли гарону андар ӯ дарёи захре мавҷзан,
Ё Раб, насиби кас макун, баҳри мазоқи кист ин?
Асбоби сад зиндонсаро чанд аст бар болои ҳам,
Ҷоест хуш ороста, оё висоқи кист ин?
Эй шаҳнаи беҷурмкуш, ин сар, ки дар хун мекашӣ,
Гуфтӣ, ки меовезамаш, аз пештоқи кист ин?
Васле намудӣ, эй фалак, пӯшида сад ҳиҷрон дар ӯ,
Ту худ мувофиқ гаштаӣ, кори нифоқи кист ин?

Ҳаҷр инчунин наздику ту дар суҳбати фориғдиле,
Ваҳшӣ, далерат ёфтам, аз иттифоқи кист ин?
345
Зи кӯят рахт барбастам, нигоҳе зоди роҳам кун,
Ба тақсири иноят, як табассум узрхоҳам кун.
Раҳи оворагӣ дар пешу аз пай дидаи ҳасрат,
Видоъе ном неҳ инрову чашме бар нигоҳам кун.
Зи кӯи ӯ, ки кори посбони Каъба мекардам,
Худоё, безарурат гар равам, санги сиёҳам кун.
Бихон, эй ишқ, афсуневу он афсун бидам бар ман,
Маро болу паре деҳ, мурғи он парвозгоҳам кун.
Ба Канъонам мабар, эй бахт, ман Юсуф намехоҳам,
Бибар он ҷо, ки кӯйи ӯст, дар зиндону чоҳам кун.
Зи сад фарсанг аз пушти ҳарифон ҷаста пайконам,
Марав наздики ӯ, Ваҳшӣ, ҳазар аз тири оҳам кун.
346
Эй ки дил бурдӣ зи дилдори ман озораш макун,
Он чи ӯ дар кори ман кардаст, дар кораш макун.
Ҳиндуе чашми ту шуд, мебин харидоронааш,
Эътимоде, лек бар туркони хунхораш макун.
Гарчи ту султони ҳуснӣ, дорад ӯ ҳам кишваре,
Шавкати ҳуснаш мабар, беқадру микдораш макун.
Интиқом аз ман кашад, мапсанд бар ман ин ситам,
Рухсати наззорааш деҳ, манъи дидораш макун.
Ҷои дигар дорад ӯ, шаҳбози авҷи ҷони мост,
Ҳамқафас бо хайли мурғони гирифтораш макун.
Ин чӣ густохист, Ваҳшӣ, то чӣ бошад ҳукми ноз?
Илтимоси лутф бо ӯ кардан аз ёраш макун.
347
Ту покдоман навгулӣ, ман булбули нолони ту,
Пок аз ҳама олоише, ишқи ману домони ту.
З-ин сон матоз, эй сангдил, тарсам билағзад тавсанат,
К-аз хуни ноҳақ куштагон гил шуд сари майдони ту.
Аз ҷо биҷунбад лашкаре, к-аз фитна олам пур шавад,
Гар ғамзаро фармон диҳад, ҷунбидани мижгони ту.
Ту хуш биё ҷавлонкунон, гӯ, ҷони мо барбод рав,
Эй хок, ҷони оламе дар арсаи ҷавлони ту.

Саҳл аст қатли оламе, биншин туву наззора кун,
К-аз аҳд меояд бурун, як дидани пинҳони ту.
Бар дил агар ханҷар хӯрад, бар дида гар наштар халад,
Огаҳ нагардам, баски шуд чашму дилам ҳайрони ту
Ваҳшӣ,чӣ парҳезӣ бирав, худро бизан бар теғи ӯ,
Охир туро чун мекушад, ин дарди бедармони ту.
348
Дило, азми сафар дорам, аз он дар гуфтам, огаҳ шав,
Агар бо ман рафиқӣ, меравам, омодаи раҳ шав.
Сабук бош, эй сабоҳи рӯзи ишрат бас гаронхезӣ,
Ту ҳам аз ҳад дарозӣ, эй шаби андуҳ, кӯтаҳ шав.
Ҳанӯз аз шаб ҳамон поси нахуст аст, эй фалак моро,
Чӣ шуд чун дигарон, гӯ, як шаби мо ҳам саҳаргаҳ шав.
Зи симои қасаб дар моҳтоб афтода ҷонҳоро,
Баро, эй абри мушкин, сояпӯши талъати маҳ шав.
Биҳиште ҳаст номи он мақоми ишқу ҳайронӣ,
Вале то ақл ҳаст он ҷо нашояд рафт, огаҳ шав.
Қабули варди мардум аз такупӯйи абас хезад,
На мардуди дари кас бошу на мақбули даргаҳ шав.
Ҳавои табъ ташвишот дорад, хуш биё, Ваҳшӣ,
Ба итминони хотир гӯшае биншин, мураффаҳ шав.
349
Омада нав ба шаҳнагӣ, дар дилам орзуйи ту,
Мансаби посбониям дода ба гирди кӯйи ту.
Чист ишора, чун зиям, ҳукм чӣ мекунад, бигӯ?
Дар баду неки ишқи ман радду қабули хӯйи ту.
Пой фаришта чун магас бурда фурӯ дар ангубин,
Ханда, ки шаҳд рехта дар раҳи гуфтугӯйи ту.
З-он хами зулф мекашад миннати банди ҷовидон,
Гардани ҷони ман,ки шуд, тавқпарасти мӯйи ту.
Мегузарию дошта дасти ниёз пеши рӯ,
Чашми гадонигоҳи ман фотиҳахони рӯйи ту.
Соф сари хуми туро нест қаробакаш басе,
Розиям, ар ба ман расад, дурди таҳи сабӯйи ту.
Ваҳшӣ, агарна рашк зад дасти нигори хештан,
Гиря, ки мекунад гираҳ дар гузари гулӯйи ту.

350
Як бор набошад, ки наёзурдаам аз ту,
Дар ҳайратам аз худ, ки чӣ хуш кардаам аз ту.
Хоҳам, ки ҳарифе чу ту хубат бичашонад,
Таҳмондаи ин ратл, ки ман хӯрдаам аз ту.
Ин мева, ки олуда ба заҳрам лабу дандон,
Навбоваи шохест,ки парвардаам аз ту.
Сад пардаи хун гашт бар уқдаи ғам хушк,
Дилмурдатар аз ғунчаи пажмурдаам аз ту.
Чун Ваҳшӣ, агар умр бувад, бар ту фишондам,
Ҷоне, ки ба наздики лаб овардаам аз ту.
351
Тарсам ҷунун ғолиб шавад, туғён кунад ғавғойи ту,
Тавқам ба гардун барниҳад ишқи ҷунунфармойи ту.
Меоию меафканад чокам ба ҷайби офият,
Шохи гуле доманкашон, яъне қади раънойи ту.
Вақте нигоҳе расм буд аз чашми сангиндил бутон,
Он расм ҳам мансух шуд, дар аҳди истиғнойи ту.
Фарсуда сарҳо дар раҳат, дар ҳар саре сад орзу,
В-он орзуҳо хок шуд, як-як ба зери пойи ту.
Ваҳшӣ, бибин андуҳи дил, в-аз сахтҷонӣ дам мазан,
К-аз ҳам бипошад кӯҳро андуҳи ҷонфарсойи ту.
352
Гарчи кардам завқҳо аз ошноиҳойи ӯ,
Интиқом аз ман кашид, охир ҷудоиҳойи ӯ.
Аллаҳ, Аллаҳ, ин дил аст, он дил, ки вақте доштам,
Ёди он изҳори қурбу худнамоиҳойи ӯ.
Ҳасрати он мурғ, к-аз хуррамбаҳоре дур монд,
Метавон кардан қиёс аз бенавоиҳойи ӯ.
Мову ту ҳам дарду ҳам доғем, эй мурғи чаман,
Ту зи гул менолу ман аз бевафоиҳойи ӯ.
Ваҳшию уммеди васлу имтиҳони худ ба сабр,
Оқибат коре кунад саброзмоиҳойи ӯ.
353
Миёни мардумонам хор кардӣ, иззати ман ку?
Саги кӯи ту будам, рӯзгори ҳурмати ман ку?

Ба сад ҷон мехарам гарде,ки хезад аз сари роҳат,
Надорам қадри хоки роҳ пешат, қимати ман ку?
Ба доғам ҳар замон дарде фазояд маҳрами базмат,
Касе, к-ӯ бо ту гӯяд дарду доғи ҳасрати ман ку?
Чу хоҳад бегуноҳеро кушад, аҳволи ман пурсад,
Ки он бехонумон пайдо нашуд дар суҳбати ман ку?
Магӯ дар базми ӯ доим ба айшу ишратӣ, Ваҳшӣ,
Кадомин айшу ишрат, мурдам аз ғам, ишрати ман ку?
354
Дил аз ишқи куҳан бигрифт, аз нав дилситоне ку?
Қафас барҳам шикаст ин мурғ, хуррам бӯстоне ку?
Нигоҳи гарми оташ бар ҳариф андоз, мехоҳам,
Бар ин дил, к-аз муҳаббат сард шуд, оташфишоне ку?
Маи дӯшина аз сар рафту як олам хумор омад,
Ҳарифи тозаву базми наву ратли гароне ку?
Каманди пора дар гардан гурезон аст нахчире,
Бихоҳад ҷаст аз ин омоҷгаҳ, чобукиноне ку?
Мазоқи талх дорам, Ваҳшӣ, аз заҳре, ки медонӣ,
Ҳадиси талх то кай бишнавам, ширинзабоне ку?
355
Шуд беҳисоб кишвари ҷонҳо хароб аз ӯ,
Турк асту тундхӯ, чӣ аҷаб беҳисоб аз ӯ.
Парвона як замони дигар зинда беш нест,
Эй шамъ, саркашӣ макуну рух матоб аз ӯ.
Сар дар ниқоби хоб каш, эй булҳавас, ки ту
Бе ёр зиндаию надорӣ ҳиҷоб аз ӯ.
То парда баргирифт зи моҳи тамоми хеш,
Рӯзардии тамом кашид офтоб аз ӯ.
Ваҳшӣ, ки нимкушта ба хун метапад зи ту,
Бо ҷон магар бурун равад ин изтироб аз ӯ.
356
Сад хонаи дин сӯхт ба ҳар раҳгузар аз ту,
Кофар накунад, он чӣ ту кардӣ, ҳазар аз ту.
Бе раҳми касе шарҳи ҷигар хӯрдани ман пурс,
Пайкони ҷафо чанд хӯрам бар ҷигар аз ту?
Он кас, ки баровард маро аз чу ту нахле,
Ё Раб, нахӯрад дар чамани умр бар аз ту.

Эй қосид, аз он ҳамсафари ғайр хабар чист?
Маштоб, ки маълум кунам як хабар аз ту.
Ваҳшӣ, чӣ диҳӣ шарҳ ба мо ҳарфи ғами хеш?
Мо низ асирем ба сад ғам батар аз ту.
357
Меравам наздику ҳоли хеш мегӯям ба ӯ,
Он чӣ пинҳон доштам з-ин пеш, мегӯям ба ӯ.
Гаштаам хомӯшу пиндорад, ки дорам роҳате,
Чанд ҳарфе аз даруни реш мегӯям ба ӯ.
Ғофил аст ӯ аз ману дардам шавад ҳаррӯз беш,
Андаке з-ин дарди беш аз пеш мегӯям ба ӯ.
Ғамзаат хунрезу дил дар банди лаъли нӯшханд,
Дил намедонад, ҷафои хеш мегӯям ба ӯ.
Гарчи Ваҳшӣ дил аз ӯ барканд, меранҷад ба ҷон,
Гар бади он дилбари бадкеш мегӯям ба ӯ.
358
Мунфаъили дили худам, чанд кашад ҷафойи ту?
Узри ҷафои ту магар хоҳамаш аз Худойи ту.
Гашт зи тобу тоқатам тоби рақиб мунфаъил,
Ҳеҷ хиҷил намешавад табъи ситезаройи ту.
Шаб ҳама шаб дуо кунам, то ки ба рӯзи ман шавӣ,
Дил ба ситамгаре диҳӣ, к-ӯ бидиҳад сазойи ту.
Рахна чу мефитад ба дил, баста намешавад ба гил,
Гӯ, мижа тар макун ба хун, хоки дари саройи ту.
Эй рақами фиреби ақл, аз ту бисӯхт ҳастиям,
Хона сиёҳ мекунад нусхаи кимиёйи ту.
Афсари лутф дошта, ин ҳама иззаташ мабар,
Тораки аҷзи мо, ки шуд паст ба зери пойи ту.
Эй ки табиби Ваҳшии хуб илоҷ мекунӣ,
Ваъда ба ҳашр медиҳад дарди маро давойи ту.
359
Оташе хоҳам, дили афсурдаро бирён дар ӯ,
Дар камини хирмани ҷон шуълаҳо пинҳон дар ӯ.
Шуълае мебоядам сӯзон, ки наншинад зи тоб,
Гар ба ҷӯш ояд зи хуни гарм сад тӯфон дар ӯ.
Хонаи дилро зи дасти шаҳнае хоҳам калид,
Чанд бар болои ҳам асбоби сад зиндон дар ӯ?

Орзу дорам тилисми рахнаи ӯ баста ишқ,
Ақли саргардон дар он беруну ман ҳайрон дар ӯ.
Суди дарёи муҳаббат бас ҳамин, к-аз мавҷааш
Бишканад киштию саргардон бимонад ҷон дар ӯ.
Шаҳсаворӣ, бар сарам тоз, эй инонҷунбони ҳусн,
В-он гаҳам чашме бидеҳ, сад арсаи ҷавлон дар ӯ.
Чашми Ваҳшӣ арсае бояд, ки дар ҷавлони ноз,
Шухӣ, ар хоҳад тавонад сохт сад майдон дар ӯ.
360
Бо муддаӣ ба сулҳ бадал гашт ҷанги ту,
Моро навид бод зи захми хаданги ту.
Нақши фиреби ғайр пазируфт ҳамчу мум,
Чун нарм гашт оҳи дили ҳамчу санги ту.
Бо мо сабукинону ба ғайрӣ сабукрикоб,
Рашковар аст сахт шитобу диранги ту.
Қонуни худ ба чанги мухолиф кунам ба соз,
Чун нест эҳтимоли раҳоӣ зи чанги ту.
Эй тозагул, на гарми ҷаҳон дидаӣ, на сард,
Навъе намо, ки кам нашавад обуранги ту.
Бадноми оламем, зи мо эҳтироз кун,
Бар мост ҳифз ҷониби номусу нанги ту.
Ваҳшӣ, нишин ба хилвати хаффош к-офатон,
Н-ояд ба кунҷи кулбаи торику танги ту.
361
Тунд сӯям ба ғазаб дид, ки бархезу бирав,
Хасакам дар таҳи по рехт, ки бигрезу бирав.
Чист гуфтам гунаҳам, даст ба ханҷар заду гуфт:
Пеш аз он ки шавӣ кушта, бипарҳезу бирав.
Пеш рафтам, ки бикуш, дасти ману домани ту,
Гарм шуд оташи ман, боз макун тезу бирав.
Менишастам, ки магар хори ғам аз по бикашам,
Дод дашном, ки тақриб маянгезу бирав.
Ваҳшӣ, ин дида, ки гардид ҳама ашки умед,
Оби ҳасрат куну аз дида фурӯ резу бирав.
362
Хушо дар пои ӯ мурдан, Худоё, бахти онам деҳ,
Нишони инчунин бахте, куҷо ёбам, нишонам деҳ.

Нисоре хоҳам, эй ҷонофарин, шоистаи пояш,
Пур аз накди вафову меҳр як ганҷина ҷонам деҳ.
Сухан бисёру фурсат кам, Худоё, васл чун додӣ,
Намебахшӣ, агар тӯли замон, тайи лисонам деҳ.
Саги хорикаши ишқам, ба гардан тавқи хурсандӣ,
Агар хони умеде густарӣ, як устухонам деҳ.
Ману озурдагӣ аз ишқу ишқи чун туе, ҳошо,
Гарат бовар намедорӣ, ба дасти имтиҳонам деҳ.
Ман он хумхонапардозам, ки бадмастӣ намедонам,
Ало эй соқии даврон, май аз ратли гаронам деҳ.
Яке тӯмор дар дасту дар ӯ аҳволи ман, Ваҳшӣ,
Агар фурсат шавад, гоҳе ба ёри нуктадонам деҳ.
363
Гирифта ранг зи хуни дилам чу лола пиёла,
Зибаски бе ту хӯрам хуни дил пиёла-пиёла.
Хуш аст базмгаҳи ёру нолаи найи мутриб,
Зи дасти ёр кашидан миёни лола пиёла.
Сафои хотири риндон зи чиллахона наёбӣ,
Ба дайр рав, ки пур аст аз маи дусола пиёла.
Бувад аломати борони ашки хуррамии мо,
Шабе, ки бодаи равшан маҳ асту ҳола пиёла.
Агар ба чашми ту даъво накард аз сари мастӣ,
Чӣ шуд, бар сари наргис шикаст жола пиёла.
Манеҳ зи даст чу наргис пиёла, хоса дар ин дам,
Ки лола медамаду мехӯрад ғизола пиёла.
Чӣ гуна тавба кунад, Ваҳшӣ, аз пиёла кашидан?
Ки кардаанд ба ӯ дар азал ҳавола пиёла.
364
Ҳаҷр, Худоё, бас аст, зуд височе бидеҳ,
Шавқ мадеҳ ин ҳама, бо пару боле бидеҳ.
Хубии худро бигир аз дилам андозае,
Оина овардаам, арзи ҷамоле бидеҳ.
Эй дили ваҳшатгурез, ин ҳама ваҳшат чаро?
Фурсати ҳарфе биҷӯ, шарҳи малоле бидеҳ.
Аз паи як нимҷон чанд тақозои ноз?
Медиҳам, инак ба ту, лек маҷоле бидеҳ.

Содафиребии касе васл набахшӣ, мабахш,
Нимфусуне бидам, ваъда висоле бидеҳ.
Ёди ғазалҳои ту, Ваҳшию ин завқи ишқ,
Беҳудагардӣ бас аст, дил ба ғизоле бидеҳ.
365
Софитараб омода кун, тартиби ишратхона деҳ,
Биншину биншон ғайрро, паймона хӯр, паймона деҳ.
Нуқли вафо дар базм неҳ, то ром гардад муддаӣ,
Мурғе, ки набвад дар қафас, ӯро фиреби дона деҳ.
То гарм гардад ҳар замон ҳангомае дар кӯи ту,
Тифлони бозидӯстро занҷири ин девона деҳ.
Бо лоуболимашрабон хуш бар сари майдон даро,
Дасторро ошуфта кун, тобе бар он риндона деҳ.
Гар пеши ӯ гаштӣ хиҷил, саҳл аст ин хиффат бикуш,
Ваҳшӣ шикоят то ба кай, тахфиф ин афсона деҳ?
366
Лолааш аз силлият нилуфарӣ шуд, оҳ, оҳ,
Эй муаллим, шарм аз он рӯят нашуд, рӯят сиёҳ.
Эй муаллим, эй худонотарс, эй бедодгар,
Ман гирифтам, дорад ӯ ҳамсанги ҳусни худ гуноҳ.
Кард рӯят сад нигоҳи ҷонфазо аз баҳри узр,
Хунбаҳои садҳазорон чун ту нокас ҳар нигоҳ.
Бод дастат хушк ҳамчун хомаи он моҳрӯ,
Бод рухсорат сияҳ чун машқи он тобанда моҳ.
Ҷони ман, маъзур фармо, ман набудам бохабар,
Зиндагиро варна ман месохтам, бар вай табоҳ.
Ин замон ҳам ғам махӯр дорам барои куштанаш,
Ҳамчу Ваҳшӣ тири оҳи ҷонгудози узрхоҳ.
367
Гузаштам аз дарат бар хок сад ҷо чашми тар монда,
Бибин, к-аз ашки сурхам сад нишон бар хоки дар монда.
Биё, биншин, ки ғамнокест чашми орзу бар дар,
Ба уммеди нигоҳе бар сари ин раҳгузар монда.
Ба ҷуз ман ҳар киро дидӣ, зи беморони ғам куштӣ,
Ҳанӯз аз каф манеҳ ханҷар, ки бемори дигар монда.
Баромад умрҳо, к-аз дур дидам нахли болояш,
Ҳанӯзам он қаду рафтор дар пеши назар монда.

Ба ҳар кас гуфта бе тақриб, Ваҳшӣ, арзи ҳоли худ,
Ки дар базмат ба ин тақриб як дам бештар монда.
368
Новакат бар синаи ин нотавон омад ҳама,
Офарин бодо, ки тират бар нишон омад ҳама.
Шуд нишони тири бедоди ту ҷисми лоғарам,
Сад хаданг андохтӣ, бар устухон омад ҳама.
Ҷону дил кардам нишон пеши хаданги ғамзаат,
Ҷаст тират аз дили зору ба ҷон омад ҳама.
Ҷони ман гӯё нишони тири бедоди ту буд,
З-он ки бар ҷони мани бехонумон омад ҳама.
Бар тани хамгашта, Ваҳшӣ, захмҳо хӯрдам аз ӯ,
Тири паркаш карда з-он абрӯкамон омад ҳама.
369
Бар он сарам, ки наосоям аз машаққати роҳ,
Равам ба шаҳри дигар чун ҳилол аввали моҳ.
Ба сабзаи сари хони касе наёрам даст,
Кунам қаноату розӣ шавам ба барги гиёҳ.
Кашида бод маро мили оҳанин дар чашм,
Агар кунам ба зари офтоб чашм сиёҳ.
Дили чу оинаам тира шуд дар ин пастӣ,
Бас аст, чанд нишинам чу об дар таки чоҳ?
Ба қаъри чоҳи фано аҳли ҷоҳ аз он рафтанд,
Ки пеши ёри ситамгар намекунанд нигоҳ.
370
Дар ин фикрам, ки хоҳӣ монд бо ман меҳрубон ё на?
Ба ман кам мекунӣ лутфе, ки дорӣ ин замон ё на?
Гумон доранд халқе аз ту хориҳо кашам охир,
Азизи ман, яқин хоҳад шуд охир ин гумон ё на?
Сухан бошад басе, к-аз ғайр бояд дошт пӯшида,
Намедонам, ки шуд ҳарфи манат хотирнишон ё на?
Бувад ҳар остонеро саге, эй ман саги кӯят,
Ту мехоҳӣ, ки ман бошам саги ин остон ё на?
Ниҳонӣ чанд ҳарфе бо ту аз аҳволи худ дорам,
Дар ин андешаам аз ғайр мемонад ниҳон ё на?
Агар з-ин сон тамошои ҷамоли ӯ кунӣ, Ваҳшӣ,
Тамошо кун, ки хоҳӣ гашт расвои ҷаҳон ё на?

371
Қалби сипаҳи мост ба як ҳамла шикаста,
Бо ғамза, бигӯ, то назанад теғ дудаста.
Пайкон зи ҷигар ҷаставу захмӣ шуда ҷон ҳам,
В-ин турфа, ки тират зи камонхона наҷаста.
Уммеди ман аз тоири васли ту буридаст,
Натвон пари ӯ баст ба ин тори гусаста.
Аз даври ману дасту дуое, агарам ту
Бар хони саное дару дарюза набаста.
Нагзошт касодӣ, ки ғуборе бинишонем,
З-ин ҷинси муҳаббат, ки бар ӯ гард нишаста.
Ҳаргиз нараҳад, он ки туяш банд ниҳодӣ,
Мирад ба қафас мурғи пару бол шикаста.
Ваҳшӣ, натавон хирмани уммед ниҳодан,
З-ин тухми таманно, ки ту киштию нараста.
372
Охир, эй бегонахӯ, ноошноӣ ин ҳама,
То ба ин ғоят мурувват, бевафоӣ ин ҳама.
Ҷисму ҷонамро зи ҳам пайванд бигсастӣ бас аст,
Бо заифе ҳамчу ман зӯрозмоӣ ин ҳама.
Устухонам суда шуд, аз рӯи хешам шарм бод,
Бар замин аз орзу рухсорасоӣ ин ҳама.
Ҳар кӣ буд аз васл шуд дилгиру ҳаҷри мо ҳамон,
Нест моро тоқату тоби ҷудоӣ ин ҳама.
Ваҳшӣ, ин дарюзаи дидори давлат то ба кай?
Арзи худ бурдӣ чӣ вазъ аст ин гадоӣ ин ҳама?
373
Сӯи базмат нагзарам, азбаски хорам кардаӣ,
То надонад кас, ки чун беэътиборам кардаӣ.
Чун ба сӯи кас тавонам дид, боз аз инфиъол,
Инчунин аз рӯи мардум шармсорам кардаӣ.
Ноумедам беш аз ин магзор, хуни ман бирез,
Чун ба лутфи хештан уммедворам кардаӣ.
Ту ҳамон ёрӣ, ки бо ман доштӣ сад илтифот,
К-ин замон бо сад ғаму андуҳ ёрам кардаӣ.
Эй ки мепурсӣ, бад-ин сон кистӣ зору низор?
Ваҳшиям ман, к-инчунин зору низорам кардаӣ.

374
Шавқест ғолиб бар дилам аз нав, ба дил ҷо кардае,
Ҷонам гирифта дар миён ишқи ҳуҷум овардае.
Эй сайдкуш, сайёди ман, тоби камандат боздеҳ,
То чанд дасту по занад сайди гулӯафшурдае.
Эй ақл, барчин ин дукон аз чорсӯи офият,
К-омад ба бадмастӣ бурун ратли паёпай хӯрдае.
Чун маъдани алмос шуд аз ғамзаи ту синаам,
Раҳме, ки паҳлӯ мениҳад он ҷо дили озурдае.
Эй ғайр, дил дорӣ ту ҳам, аммо дилатро нур ку?
Дар ҳар мазор афтодааст ин сон чароғи мурдае.
Гӯ, мурғ ой раҳ битоб, аз мо самандармашрабон,
Яъне ба оташ даршудан н-ояд зи ҳар афсурдае.
Ваҳшӣ, чи маъниҳо, ки ту кардӣ ба ин сурат аён,
То раҳ ба ин маънӣ барад, ку пай ба маънӣ бурдае?
375
Хоҳад дигар ба домгаҳе болбастае,
Мурғи қафасшикастае, аз дом ҷастае.
Сайёд кист то нагузорад зи ҳастияш,
Ғайр аз сари буридаву боли шикастае.
Сайде ситода боз, ки бандад гулӯи ҷон,
Дар гарданаш ҳанӯз каманди гусастае.
Ку ҷиргае, ки боз намонад нишон аз ӯ,
Ҷуз ҷони захмхӯрдаӣ хунобабастае.
Қайдест қайди ишқ, ки завқаш касе, ки ёфт,
Ҳаргиз талаб накард дили бозрастае.
Ишрат дар он сарост, ки ояд бурун аз ӯ,
Ҳар бомдод чеҳра ба хуноба шустае.
Ваҳшӣ, хамӯш бош, ки оташзабон нашуд,
Илло диле чу шуъла ба оташ нишастае.
376
Мардумӣ фармуда ҷо дар чашми гирён кардаӣ,
Шӯразори шӯрбахтонро гулистон кардаӣ.
Ту куҷо, в-ин дил, ки дар ҳар гӯшае чуғди ғамест,
Ганҷро монӣ, ки ҷо дар кунҷи вайрон кардаӣ.
Корҳо мавқуфи тавфиқ аст, мушкил ин шудаст,
Варна ту, эй Каъба, бар мо кори осон кардаӣ.

Миннати куҳлулҷавоҳир мекашад чашмам зиёд,
Гар намак орад аз он роҳе, ки ҷавлон кардаӣ.
Бӯи ҷон меояд аз ту, хайрамақдам, эй сабо,
Ғолибо, тавқе ба гирди кӯйи ҷонон кардаӣ.
Эй сабо, пироҳани Юсуф магар ҳамроҳи туст,
Аз кадомин боғ ин гул дар гиребон кардаӣ?
Марҳабо, эй турки сайдандоз, Ваҳшӣ, дар каманд,
Ҷазби шавқам хушкаманди гардани ҷон кардаӣ.
377
Сабӯйи бодае, гӯё ба ҳар паймонае хӯрдӣ,
Надорад як хум ин мастӣ, магар хумхонае хӯрдӣ?
На доби ошноёнаст бо ҳам бода паймудан,
Ту ин май гӯиё дар суҳбати бегонае хӯрдӣ.
Ниҳодӣ сар ба бадмастию бо дастори ошуфта,
Ба бозор омадӣ хуш бодаи риндонае хӯрдӣ.
Ба ҳикмат бода хӯр ҷонон бад-он монад, ки ин бода
Ба бебоке чу худ хӯрдӣ, на бо фарзонае хӯрдӣ.
Шароби хун дили гарме надорад варна, эй Ваҳшӣ,
Ту медонӣ чӣ майҳо дӯш аз паймонае хӯрдӣ.
378
Мани андуҳгинро қасди ҷон кардӣ, накӯ кардӣ,
Рақибонро ба қатлам шодмон кардӣ, накӯ кардӣ.
Ба кунҷи кулбаи вайрони ғам навмедам афкандӣ,
Маро бо чуғди меҳнат ҳамзабон кардӣ, накӯ кардӣ.
Зи кӯйи хештан рондӣ маро аз санги маҳрумӣ,
Зи дастат он чӣ меомад, чунон кардӣ, накӯ кардӣ.
Шудӣ аз меҳрубонӣ дӯст бо ағёру бад бо ман,
Маро охир ба коми душманон кардӣ, накӯ кардӣ.
Чу Ваҳшӣ рондаӣ аз кӯи хешам, офарин бар ту,
Мани саргаштаро бехонумон кардӣ, накӯ кардӣ.
379
Чӣ фурӯ шудӣ ба кулфат, чӣ шудат, чӣ ҳол дорӣ?
Бираву бикаш ду ҷоме, ки басе малол дорӣ.
Дили туст фориғ аз ғам, ки шароби айш хӯрдӣ,
Ту ба айш кӯшу мастӣ, ки фароғи бол дорӣ.
Ту нишаста дар муқобил, ману сад хаёли ботил,
Ки ба олами тахайюл ба кӣ иттисол дорӣ?

Ба кадом илм, ё Раб, ба дили ту андар оям,
Ки бибинаму бидонам, ки чӣ дар хаёл дорӣ?
Ба тарашшуҳи иноят ғами бозмондаи худ,
Ту ки корвони ҷонҳо ба лаби зулол дорӣ.
Чи хуш аст аз ту Ваҳшӣ, зи шароби ишқ мастӣ,
Ки на хастаи фироқӣ, на ғами висол дорӣ.

380

Ҷое равам, ки ҷинси вафоро харад касе,
Номи матоъи ман ба забон оварад касе.
Ёре, ки дастгирии ёре кунад куҷост?
Гар синае харошаду ҷайбе дарад касе.
Ёрест ҳарчи ҳасту зи ёрӣ ғараз вафост,
Ёре, ки бевафост куҷо мебарад касе?
Деҳқон чи хуш гуфт чу меканд хорбун:
«Шохе, к-аш ин бар аст, чаро парварад касе».
Ваҳшӣ, барои суҳбати ёрони бевафо,
Хотир чаро ҳазин кунаду ғам х(в)арад касе?

381

Чӣ шавад гарам навозӣ ба иноятӣ хитобе,
На агар барои лутфе, ба баҳонаи итобе.
Таҳи пои ҷоншикоре дили ман ба хун занад пар,
Чу кабӯтаре, ки афтад ба тасарруфи уқобе.
Чу манаш рикоб бӯсам, чи сабукинон саворе,
Чу ба ғайр ҳаминон шуд, чу балогарон рикобе.
Ҳама хирқаи салоҳам шуда хор-хору гул-гул,
Зи мае, ки доғи он май наравад ба ҳеҷ бобе.
Бигузор дарси дониш, ки ниҳояте надорад,
Зи китоби ишқ, Ваҳшӣ, бинавис як-ду бобе.

382

Чун кӯҳи ғам тоб оварад ҷисме бад-ин фарсудагӣ,
Ғам барнатобад беш аз ин, бояд тани фармудагӣ.
Не нолае наздики лаб, не гиряе дар дил гиреҳ,
Ё Раб, насиби ман макун, ин аст агар осудагӣ.
Гуфтӣ: Ба ишқи дигаре олудаи тӯҳмат макун,
Ҳошо, маъозаллоҳ, куҷо ишқи ману олудагӣ?
Рафт он савори тундрав, монд ин саги дунболарав,
Биштоб, эй пои талаб, ё Раб, мабодат судагӣ.

383
Гар тай кунам тариқи адабро чӣ мекунӣ?
Ронам далер Рахши талабро чӣ мекунӣ?
Гар ман ба дил фурӯ нахӯрам дашнаҳои ноз,
Он ғамзаи ҳариси ғазабро чӣ мекунӣ?
Гирам зи ноз манъ тавон кард ҳуснро,
Чашми ниёзманди талабро чӣ мекунӣ?
Бо чашми шӯх, низ гирифтам, баромадӣ,
Он хандаи ниҳонии лабро чӣ мекунӣ?
Эй бесабаб асиркуши бегуноҳсӯз,
Пурсанд, агар ба ҳашр сабабро, чӣ мекунӣ?
Аҷзу ниёзи рӯзам, агар бесабаб бувад,
Таъсири гиряи дили шабро чӣ мекунӣ?
Ваҳшӣ, гирифтам он ки ту аз нанги муддаӣ,
Бастӣ забон зи шеър, лақабро чӣ мекунӣ?
384
Чи хуш будӣ, дило, гар рӯйи ӯ ҳаргиз намедидӣ,
Ҷафоҳои чунин аз хӯйи ӯ ҳаргиз намедидӣ.
Суханҳое, ки дар ҳаққи ту сар зад аз рақиби ман,
Гарат мебуд дарде сӯйи ӯ ҳаргиз намедидӣ.
Бад-ин бадҳолӣ афкандӣ маро, эй чашми тар, охир
Чи будӣ гар рухи некӯйи ӯ ҳаргиз намедидӣ.
Зи ашки ноумедӣ, кош, эй дил, кӯр мегаштӣ,
Ки з-ин сон ғайрро паҳлӯйи ӯ ҳаргиз намедидӣ.
Туро сад кӯҳи меҳнат, кошки пеш омадӣ, Ваҳшӣ,
Ки мемурдию роҳи кӯйи ӯ ҳаргиз намедидӣ.
385
Чи дидӣ, эй ки ҳаргиз бад набинӣ.
Ки сӯи мубталои х(в)ад набинӣ.
Афокаллоҳ, маро куштию рафтӣ,
Накӯ рафтӣ, Илоҳо, бад набинӣ.
Маҷӯ поёни дарёи муҳаббат,
Ки гардӣ ғарқу онро ҳад набинӣ.
Зи мақсудам баровардӣ, рақибо,
Илоҳо, раҳ сӯйи мақсад набинӣ!
Чӣ таври бад зи ман дидӣ, ки сӯям,
Ба он тавре, ки мебояд, набинӣ?

Манам, Вахшӣ, ҳамин мардуди базмаш,
Ба пешаш дигаронро бад набинӣ.
386
Оташе дар ҷони мо афрӯхтӣ,
Рафтию моро зи ҳасрат сӯхтӣ.
Бе видоъи дӯстон кардӣ сафар,
Аз кӣ ин роҳу равиш омӯхтӣ?
Гарна аз ёрон бадӣ дидӣ, чаро
Дида аз дидори ёрон дӯхтӣ?
Бе рухи ӯ тарҳи сабр андохтӣ,
Эй дил, ин сабр аз куҷо омӯхтӣ?
Вахшӣ, аз ҷонат алам зад оташе,
Хонумони оламеро сӯхтӣ.
387
Ману аз дур тамошои гулистони касе,
Ба насиме шуда хурсанд зи бӯстони касе.
Дар назар неъмати дидору ба ҳасрат нигарон,
Дастҳо баставу меҳмон шуда бар хони касе.
Зери бори сарам ин даст бифарсояд беҳ,
З-он ки дастест, ки дур аст зи домони касе.
Подшоҳону накӯён ду гуруҳи аҷабанд,
Ки набуданду набошанд ба фармони касе.
Вахшӣ, аз ҳаҷри ту ҷон дод, ту бошӣ зинда,
Зиндагибахши касе, умри касе, ҷони касе.
388
Эй аз гули узорат ҳар мурғро навое,
Дар ҳар диле хаёле, бар ҳар саре ҳавое.
Оини бевафоӣ ҳам худ бигӯ, ки хуб аст,
Аз чун ту хубрӯе, в-аз чун ту дилрабое.
Ҳар ҷо саги ту дидам, рӯ дод гиря бехуд,
Чун бекасе, ки бинад, аз дур ошное.
Омад ба базми риндон маст аз маи шабона,
Мино шикаст ҷое, соғар фиканд ҷое.
Вахшӣ, видоъи ҷон кун, к-омад ба дидани ту,
Сангиндиле, ғарибе, ошиқкуше, балое.

389
Маро зад роҳ ишқи хурдсоле,
Аз ин наврасгуле, нозукниҳоле.
Фурӯзон оразе монанди лола,
Зи мушкин ҳар тараф бар лола холе.
Шакархо тӯтии дилкашҳикоят,
Забондон дилбаре, ширинмақоле.
Ба қаддаш сарвро нисбат тавон кард,
Агар дар сарв бошад эътидоле.
Тавон хуршед хондан оразашро,
Агар хуршедро набвад заволе.
Ғизоли мо нагардад роми Ваҳшӣ,
Надидам инчунин ваҳшиғизоле.
390
Хуш аст чашм ба чашми туву нигоҳи ниҳонӣ,
Рисолати дилу ҷон сӯи ҳам зи роҳи ниҳонӣ.
Карашмаи ту зибас бошадаш барои иҷобат,
Дуои зери лаб андар миёни оҳи ниҳонӣ.
Ту хуш нишаста ба тамкину ҳусн аз ту нуҳуфта,
Ба ҷилва баҳри фиребам ба ҷилвагоҳи ниҳонӣ.
Чи рӯзгори хуш аст он барои рафъи музаннаҳ,
Итоби зоҳиру сад лутфу узрхоҳи ниҳонӣ.
Ба ғорати дили мо тохт ғамза, вои асире,
К-аш аз камин бадар оянд он сипоҳи ниҳонӣ.
Ба ҷурми дидани пинҳон бикуш ба фатвии нозам,
Ки куштанӣ нашавад кас саги гуноҳи ниҳонӣ.
Зи хуни Ваҳшӣ, агар мункарӣ, нигоҳ ба ман кун,
Ки бигзаронам аз он чашм сад гуноҳи ниҳонӣ.
391
Кардам аз саҷдаи роҳи ту ҷабинорой,
Сари иқболи ману пешаи гардансой.
Боз чун омада аз саҷда сараш суда ба чарх,
Ҳар кӣ бар хоки дарат карда ҷабинфарсой.
Он қадар орзуи саҷдаи рӯят, ки марост,
Дар ҳама рӯи заминаш набувад ғунҷой.
Дертар давлати побӯси ту дарёфтаам,
З-он ки мекардаам аз дида заминпаймой.

Шукрилиллаҳ, ки расидам ба тамошогаҳи васл,
Кардам аз хоки дарат тақвияти биноӣ.
Бар дари хеш, бигӯ, ҳурмати чашмам доранд,
Ки ба ҷорӯбкашӣ омадаю саққоӣ.
Хоҳам аз лутфи ту бошад нигаҳи хосаи ман,
Нигаҳе не, чу нигоҳи дигарон ҳарҷоӣ.
Тӯли маншури бақои абадиро чӣ кунам?
Хами абрӯи туяш гар накунад туғроӣ.
Ваҳшиям, тӯтиям андар паси оинаи бахт,
Доим аз шукри атои ту ба шаккархоӣ.
392
Чу пеши нақши Ширин Кӯҳкан арзи бало кардӣ,
Агар сангин набудӣ гӯши ӯ, фарёдҳо кардӣ.
Кунад бегонагӣ ҳарчанд гӯям шарҳи ғам бо ӯ,
Чӣ ғам будӣ, агар худро ба ин ҳарф ошно кардӣ.
Ба ағёр он қадарҳо метавонист аз вафо дидан,
Чӣ мешуд гар зиёдӣ як назар ҳам сӯи мо кардӣ.
Ба тангем аз ҷудоӣ кошки мешуд яке пайдо,
Ки моро раҳнамоӣ сӯи иқлими вафо кардӣ.
Аҷал, гар раҳм бар Ваҳшӣ накардӣ шоми маҳҷурӣ,
Ту медонӣ, ки ғам бо рӯзгори ӯ чиҳо кардӣ?
393
Эй ҷавони турквaш, мири кадомин лашкарӣ?
Эй хушо, он кишваре, к-он ҷо ту соҳибкишварӣ.
Эй савори фард аз лашкар ҷудо афтодаӣ,
Ё аз он туркони яғмопешаи ғоратгарӣ?
Оташат дар об пинҳон асту заҳрат дар шакар,
Ошкоро, гарчи бо ман ҳамчу ширу шаккарӣ.
Хоҳ шаккар резу хоҳӣ заҳр дар ҷомам, ки ту,
Гарчи заҳрам мечашонӣ, аз шакар ширинтарӣ.
Ваҳшӣ, он сайдафканат, гар афканад дар хун, манол,
Нестӣ лоиқ ба фитрокаш, ки сайди лоғарӣ.
394
Аз барои хотири ағёр хорам мекунӣ,
Ман чӣ кардам, к-инчунин беэътиборам мекунӣ?
Рӯзгоре он чӣ бо ман кард истиғнои ту,
Гар бигӯям гиряҳо бар рӯзгорам мекунӣ.

Гар намеоям ба сӯи базмат, аз шармандагист,
З-он ки ҳар дам пеши ҷамъе шармсорам мекунӣ.
Гар бидонӣ ҳоли ман гирён шавӣ беихтиёр,
Эй ки манъи гиряи беихтиёрам мекунӣ.
Гуфтаӣ: Тадбири корат мекунам, Ваҳшӣ, манол,
Рафт кор аз даст, кай тадбири корам мекунӣ?
395
Бикуш зорам, чӣ доим ҳарф аз озор мегӯӣ?
Ту худ озори ман кун, аз чӣ бо ағёр мегӯӣ?
Рақибон сад сухан гӯянду як-якро кунӣ таҳсин,
Чу ман як ҳарф гӯям, гӯиям бисёр мегӯӣ.
Тағофул мезанам, гар як сухан сад бор мегӯям,
В-агар гӯӣ ҷавобе рӯй бар девор мегӯӣ.
Ҳадиси ғайр гӯӣ то зи ғайрат зудтар мирам,
Пас аз умре, ки ҳарфе бо мани бемор мегӯӣ.
Нагуфтӣ ҳоли худ то буд ёрои сухан, Ваҳшӣ,
Магар вақте ки набвад қуввати гуфтор мегӯӣ?
396
Эй он ки арзи ҳоли мани зор кардаӣ,
Бо ӯ кадом дарди ман изҳор кардаӣ?
Озод кун зи роҳи карам, гар намекушӣ,
Моро чӣ бегуноҳ гирифтор кардаӣ?
То ман хиҷил шавам, ки бади ғайр гуфтаам,
Доим сухан зи некии ағёр кардаӣ.
То ҷон диҳам зи шавқ чу ин мужда бишнавам,
Оҳанги пурсиши мани бемор кардаӣ.
Ваҳшӣ, ба кори ғайр, агар шуҳраӣ, чӣ шуд?
Нақди ҳаёт сарф дар ин кор кардаӣ.
397
Эй мурғи саҳар, ҳасрати бӯстони кӣ дорӣ?
Ин нола ба андозаи ҳирмони кӣ дорӣ?
Эй хушклаби бодия, ин сӯзи ҷигартоб,
Дар орзуи Чашмаи Ҳайвони кӣ дорӣ?
Эй пои талаб, ин ҳама хунбаста ҷароҳат,
Аз захми мағелони биёбони кӣ дорӣ?
Пажмурда шуд, эй зардгиё, барги умедат,
Уммеди нам аз Чашмаи Ҳайвони кӣ дорӣ?

Эй шуълаи афрӯхта, ин ҷони пуроташ,
Тез аз асари ҷунбиши домони кӣ дорӣ?
Мо худ ҳама донанд, ки аз тири кӣ нолем,
Ин нола ту аз тезии мижгони кӣ дорӣ?
Ваҳшӣ, суханони ту аҷаб синагудоз аст,
Ин гармии табъ аз тафи пинҳони кӣ дорӣ?

## РУБОИЁТ

1
Ё Раб, ки бақои ҷовидонӣ бодо!
Комат бодову комронӣ бодо!
Ҳар ашрабае, к-аз паи дармон нӯшӣ,
Хосияти оби зиндагонӣ бодо!
2
Ишрат бодо субҳи туву шоми туро,
Оғози туро, хушию анҷоми туро.
Шабҳои туро бод нишоти шаби ид,
Наврӯз зи ҳам нагсалад айёми туро.
3
Шуд ёру ба ғам сохт гирифтор маро,
Нагзошт ба дарди дили афгор маро.
Чун сӯи чаман равам, ки аз боди баҳор,
Дил метарқад чу ғунча бе ёр маро.
4
Ҷон сӯхт зи доғи дурии ёр маро,
Афзуд сад озор бар озор маро.
Ман куштаниям, к-аз ӯ ҷудоӣ ҷустам,
Эй ҳаҷр, ба ҷурми ин бикуш зор маро.
5
Аз бахри нишемани шаҳи аршҷаноб,
Бингар, ки чӣ хуш даст ба ҳам дод асбоб?
Гардид сипеҳр хаймаву анҷум мех,
Шуд Сидра сутуну Каҳкашон гашт таноб.
6
Андар раҳи интизор чашме, ки мarост,
Бе нур шуду висоли ту нопайдост.

Ман ном бигардондаму Яъқуб шудам,
Эй Юсуфи ман, номи ту Яъқуб чарост?
7
Он сарв, ки ҷояш дили ғампарвари мост,
Ҷон дар ғами болош гирифтори балост.
Аз дурии ӯ ба нохуни маҳрумӣ,
Сад чок задем сина, чокаш пайдост.
8
Пайвастани дӯстон ба ҳам осон аст,
Душвор буридан асту охир он аст.
Ширинии васлро намедорам дӯст,
Аз ғояти талхие, ки дар ҳиҷрон аст.
9
Шоҳо, сари бахт бар дари давлати туст,
Як хайма фалак зи урдуи шавкати туст.
Гар хаймаи чархро сутуне бояд,
Андоза сутуни хаймаи рифъати туст.
10
Иксири ҳаёти ҷовидонам бифирист,
Коми дилу орзуи ҷонам бифирист.
Он моъ, ки сармояи айшу тараб аст,
Онам бифиристу дар замонам бифирист.
11
Шӯхе, ки хаташ ояи фаррухфолист,
Нодидани он мӯҷиби сад бадҳолист.
То шамъи рухаш ниҳон шуд аз пеши назар,
Шуд дида тиҳӣ зи нуру ҷояш холист.
12
Ҷуз фикри ҷудо шудан зи дилдорам нест,
Ин сабри ҳаросанда, вале ёрам нест.
Дандон ба ҷигар ниҳоданӣ мебояд,
Аммо чӣ кунам, сабри ҷигардорам нест?
13
Маҷнун, ки камоли ишқу ҳайронӣ дошт,
Меҳре, на чунин меҳр, ки медонӣ, дошт.
Ин меҳр на ошиқист, меҳрест, ки он
Бо Юсуфи Миср Пири Канъонӣ дошт.

14
Шоҳо, сари рӯзгор помоли ту бод!
Гардун зи куталкашони аҷлоли ту бод!
Ҳар сайд муроде, ки бувад дар олам,
Фитрокпараст Рахши иқболи ту бод!
15
Шоҳо, чу камон қадр ба фармони ту бод!
Чун гӯи фалак дар хами чавгони ту бод!
Он синаи пурдоғ, ки хасмат дорад,
Сандуқаи тирҳои паррони ту бод!
16
Сайдафкании мурод оини ту бод!
Айюқи шикоргоҳ шоҳини ту бод!
Ҳар сар, ки на дар пои саманди ту бувад,
Бар баста ба ҷои табл бар зини ту бод!
17
Шоҳо,дар ҷаҳон арсаи даргоҳи ту бод!
Офоқ пур аз хаймаю хиргоҳи ту бод!
Ин хаймаи бесутун, ки чархаш хонанд,
Қоим ба сутуни хаймаи ҷоҳи ту бод!
18
Ҷурм аст саропои мани хокниҳод,
Лекин будам ба авфи ӯ хотиршод.
Эй вой, агар авф набошад, эй вой,
Фарёд, агар ҷурм набахшад, фарёд.
19
Кӯи ту, ки овора ҳазоре дорад,
Ҳар кас ба худ он ҷо сару коре дорад.
Танҳо, на манам ташнаи дидор он ҷо,
Ҷоест, ки Хизр ҳам гузоре дорад.
20
Ваҳшӣ, ки ҳамеша майли соғар дорад,
Ҷуз бодакашӣ чӣ кори дигар дорад?
Пайваста кадуяш зи маи ноб пур аст,
Яъне, ки мудом бода дар сар дорад.

21
Гар касби камол мекунӣ, мегузарад,
В-ар фикри маҷол мекунӣ, мегузарад.
Дунё, ҳама сар ба сар хаёл аст, хаёл,
Ҳар навъ хаёл мекунӣ, мегузарад.
22
Фарёд, ки сӯзи дил аён натвон кард,
Бо кас сухан аз доғи ниҳон натвон кард.
Инҳо, ки ман аз ҷафои ҳиҷрон дидам,
Як шамма ба сад сол баён натвон кард.
23
Тират чу раҳи нишони паррон гирад,
Ҳар бор нишони захми пайкон гирад.
Аз ҳайрати он қудрати бахтандозӣ,
Мардум лаби худ бахш ба дандон гирад.
24
Дил з-он бути паймонгусилам месӯзад,
Барқи ғами ӯ муттасилам месӯзад.
Аз доғи фироқ, агар бинолам, чӣ аҷаб,
Ёрон, чӣ кунам, вой, дилам месӯзад?
25
Ё Раб, ки замона дилнавозат бошад,
Айём ҳамеша корсозат бошад.
Рахши ту сипеҳру зини Рахши ту ҳилол,
Хуршед ба ҷои табл бозат бошад.
26
Мехост фалак, ки талхкомам бикушад,
Нокарда маи тараб ба ҷомам, бикушад.
Биспурд ба шаҳнаи фироқи ту маро,
То ӯ ба уқубати тамомам бикушад.
27
Шоҳо, ба адовати ту кас ёр нашуд,
К-ӯ дар назари ҷаҳониён хор нашуд.
Бо нашъаи хасмии ту он кас, ки бихуфт,
Дар хоб шуд ончунон, ки бедор нашуд.

28
Онон, ки ба кӯе нигарон мегузаранд,
Пайваста маро ба қасди ҷон мегузаранд.
Аз рашки набот медиҳам ҷон, ки чаро
Гирди сари ҳам номи фалон мегузарад.
29
Он зумра, ки аз мантиқи мо бехабаранд,
Сад нағмаи мо ба бонги зоғе нахаранд.
Зоғем шуда ба андалебӣ машҳур,
Мо дигару мурғони хушилҳон дигаранд.
30
Маҷнун ба мани бесарупо мемонад,
Ғамхонаи мо ба Карбало мемонад.
Чуғде ба сарои ман фуруд омаду гуфт:
К-ин хона ба вайронаи мо мемонад.
31
Эй чарх, маро дилест бедодписанд,
Бимам диҳӣ аз санги ҳаводис то чанд?
Ман шиша наям, ки бишканад санги туям,
Мурғи қафасам, ки гаштам озод зи банд.
32
Ё соҳиби нангу ном мебояд буд,
Ё шуҳраи хосу ом мебояд буд.
Алқисса, камоли ҷаҳд мебояд кард,
Дар водии худ тамом мебояд буд.
33
Дар кӯи туям пои таманно наравад,
Ман саъй басе кунам, вале по наравад.
Хоҳам, ки зи кӯят равам, аммо чӣ кунам?
Ин беҳудагард по дигар ҷо наравад.
34
То пои касе силсилаоро нашавад,
Ӯро сари қадр осмонсо нашавад.
Боз ар нашавад сайду наяфтад дар қайд,
Ӯро ба сари дасти шаҳон ҷо нашавад.

35
Дар сайдгаҳат, ки ҷон тарабсоз ояд,
Симурғ асири чангали боз ояд.
Ҳар ҷо, ки садои таблбози ту расад,
Сад мурғи дил аз шавқ ба парвоз ояд.
36
Аз дида зи рафтани ту хун меояд,
Бар чеҳра сиришки лолагун меояд.
Биштоб, ки бе ту ҷон зи ғамхонаи тан,
Инак, ба видоъи ту бурун меояд.
37
Хуш он ки раҳи ишқи буте паймояд,
Бар хоки раҳаш рӯи иродат сояд.
Як сӯ назараш, ки ғайр пайдо нашавад,
Дил дар тарафе, ки ёр кай меояд?
38
То шакли ҳилол гардад аз чарх падид,
К-аз баҳри дари шодии ид аст калид.
Рӯзу шаби умр безаволат бодаш,
Мусталзими аҷри рӯзаву шодии ид.
39
Наврӯз шуду бунафша аз хок дамид,
Бар рӯи ҷамилони чаман нил кашид.
Касро ба сухан намегузорад булбул,
Дар боғ магар ғунча ба рӯяш хандид?
40
Оҳанги сафар мекунад он моҳ узор,
Эй ҷон, ки нафасгир шудӣ, нола барор.
Дар маҳмилаш овез, дило, ҳамчу ҷарас,
В-аз нолаву фарёд забон бозмадор.
41
Ё Раб, ки дар ин доираи дермадор,
Бошӣ зи чунон зиндагие бархурдор.
К-айёми шарифи идаш ар ҷамъ кунанд,
Сад умри абад ба ҳам расад, балки ҳазор.

42
Донӣ, шоҳо, ки меҳри фархундаасар,
Таҳвили ҳамал намуду будаш чӣ назар?
То рӯзи нишотат, ки ба гулшан гузарад,
Ҳар рӯз фузунтар бувад аз рӯзи дигар.
43
Эй сайти муоличоти ту оламгир,
В-овозаи ту карда ҷаҳонро тасхир.
Ё Раб, ки ҷудо мабод то олам ҳаст,
Сиҳҳат зи танат чу нур аз бадри мунир.
44
Он шамъ, ки дӯш буд таб то саҳараш,
Сиҳҳат паи рафъи таб даромад зи дараш.
Таб аз баданаш роҳи гурезе меҷуст,
Фассод ҷаҳонд аз раҳи нештараш.
45
Эй маншаи доноию эй мояи ҳуш,
Бифрист аз он ки то саҳар хӯрдам дӯш.
Бисёр на, кам на, он қадар бахш, ки ман,
Ҳушёр нагардаму намонам мадҳуш.
46
Эй ҷону танам мутеъу шавқи ту матоъ,
Рафтию ҷудо з-он рухи хуршед шуоъ.
Ҳайҳот, ки ҷон видоъи тан карду надод,
Чандон муҳлат, ки тан шитобад ба видоъ.
47
Фанни туву сад ҳазор бурҳони камол,
Шуғли ману як ҷаҳон хаёлоти маҳол.
Ту мунзавии мадрасаи олифазл,
Ман беҳудагарди рости бозори хаёл.
48
Дар нома рақам зи хонае ёфтаам,
В-аз анбари тар шамомае ёфтаам.
Аз шавқ даме ҳазор бораш хонам,
Гӯи ту, ки ганҷномае ёфтаам.

49
То кори ҷаҳон ба коми кас нест мудом,
Айши ту мудом боду кори ту тамом.
Дар маҷлиси ишрати ту ғам хӯрдани даҳр,
Ё Раб, ки бувад чу рӯза дар ид ҳаром.
50
То дар раҳи ишқ ошнои ту шудам,
Бо сад ғаму дард мубталои ту шудам.
Лайливаши ман, ба ҳоли зорам бингар,
Маҷнуни замона аз барои ту шудам.
51
Имшаб ҳама шаб зи ҳаҷр нолон будам,
Бо бахти сияҳ дасту гиребон будам.
Қурбон шавамат, дӣ ба кӣ ҳамраҳ будӣ?
К-имшаб ҳама шаб ба хеш гирён будам.
52
Аз обила, эй тозагули боғи Ирам,
Ҳошо, ки шавад таровати рӯи ту кам.
Не ҷавҳари ҳусни лола аст аз жола,
Не зевари хубии гул аст аз шабнам.
53
Эй он ки ба якрангии ту муттасифам,
Дар бандагият муқарраму муътарифам.
Бо «қоф»-у «ре»-у «алиф, бе»-у «ҳо» зи карам,
Бифрист ба дасти «ғайн»-у «лом»-у «алиф»-ам
54
То кай зи мусибати ғамат ёд кунам?
Оҳиста зи фурқати ту фарёд кунам.
Вақт аст, ки даст аз даҳан бардорам,
Аз дасти ғамат ҳазор бедод кунам.
55
Рухсори ту, эй тозагули гулшани ҷон,
К-аз обила шабнаме нишастаст бар он.
Толаст, вале омада бо жола қарин,
Моҳест, вале карда ба сайёра қирон.

56
То буд чунин асту чунин аст ҷаҳон,
Аз ҳодисаи даҳр киро буд амон?
Билқис, агар ба мулки ҷовидон рафт,
Ҷовид ту монӣ, эй Сулаймони замон.
57
Хуршед, ки ҳаст шамсаи ҳафт айвон,
Хоҳӣ, ки бигӯямат, ки чун гашт аён.
Зад рифъати шоҳи хайма берун аз чарх,
Мондаш зи сутуни хайма бар чарх нишон.
58
Дар нафйи рухат шамъ шабе ронд сухан,
Рӯзаш дидам гирифта кунҷе маскан.
Монандаи осие, ки дар рӯзи ҷазо,
Бо рӯи сиёҳ сар барорад зи кафан.
59
Эй муддати шоҳии ҷаҳон муддати ту,
Дар иди сурур халқ аз давлати ту.
Гар ид тавонад, ки муҷассам гардад,
Ояд зи паи таҳнияти хилъати ту.
60
Эй рифъату шон фурӯтарин пояи ту,
Хубӣ яке аз ҳазор пирояи ту.
Аз баҳри Худо соя зи ман боз магир,
Эй сояи раҳмати Худо сояи ту.
61
Хуш он ки шавад бисоти маҳҷурӣ тай,
Дар базми висол май кашам пай дар пай.
Меҷӯямат ончунон, ки маҳҷури висол,
Муштоқи туям, чунон ки махмур ба май.
62
Гар дарх(в)ари меҳрам эҳтироме будӣ,
Наздики туям қадри тамоме будӣ.
Ман мегуфтам, ки ишқи ман то ба куҷост?
Гар з-он тараф аз ишқ мақоме будӣ.

63
Эй кош, бароти ман бароте буди̅,
К-аз муфлисиям хати наҷоте буди̅.
Биллоҳ, ки ончунон бароте мебуд,
Гар аз тарафи ту илтифоте буди̅.
64
Дар аҳди муъолиҷоти ту бемори̅,
Бекор шуд аз шеваи халқозори̅.
Не, аз паи озор ба сӯи ту шитофт,
Омад, ки шикоят кунад аз бекори̅.
65
Гар бо ту гаҳе назар кунам пинҳони̅,
Лозим набувад, ки табъи худ ранҷони̅.
Ман будаму дидане чу ин ҳам манъ аст,
Он низ ба ёрони дигар арзони̅.
66
Эй даргаҳи ту идгаҳи рӯҳони̅,
Дар таҳниятат ҳам инсию ҳам ҷони̅.
Аз лутфи ту идие тамаъ дорам, лек
Тарсам, ки туям тифли таббат хони̅.

## АЗ ТАРКИББАНДҲО ШАРҲИ ПАРЕШОНИ̅

Дӯстон, шарҳи парешонии ман гӯш кунед,
Достони ғами пинҳонии ман гӯш кунед,
Қиссаи бесару сомонии ман гӯш кунед,
Гуфтугӯи ману ҳайронии ман гӯш кунед.

Шарҳи ин оташи ҷонсӯз нагуфтан то кай?
Сӯхтам, сӯхтам, ин роз нуҳуфтан то кай?

Рӯзгоре ману дил сокини кӯйе будем,
Сокини кӯи бути арбадаҷӯйе будем,
Ақлу дин бохта, девонаи рӯйе будем,
Бастаи силсилаи силсиламӯйе будем.

Кас дар он силсила ғайр аз ману дил банд набуд,
Як гирифтор аз ин ҷумла, ки ҳастанд набуд.

Наргиси ғамзазанаш ин ҳама бемор надошт,
Сунбули пуршиканаш ҳеҷ гирифтор надошт,
Ин ҳама муштарию гармии бозор надошт,
Юсуфе буд, вале ҳеҷ харидор надошт.

Аввал он кас, ки харидор шудаш ман будам,
Боиси гармии бозор будаш ман будам.

Ишқи ман шуд сабаби хубию раънoии ӯ,
Дод расвоии ман шуҳрати зебоии ӯ,
Баски додам ҳама ҷо шарҳи дилороии ӯ,
Шаҳр пур гашт зи ғавғои тамошоии ӯ.

Ин замон ошиқи саргашта фаровон дорад,
Кас сару барги мани бесару сомон дорад.

Чора ин асту надорам беҳ аз ин ройи дигар,
Ки диҳам ҷои дигар дил ба дилоройи дигар,
Чашми худ фарш кунам зери кафи пойи дигар,
Бар кафи пои дигар бӯса занам ҷойи дигар.

Баъд аз ин рои ман ин асту ҳамин хоҳад буд,
Ман бар ин ҳастаму албатта чунин хоҳад буд.

Пеши ӯ ёри наву ёри куҳан ҳарду якест,
Ҳурмати муддаию ҳурмати ман ҳарду якест,
Қавли зоғу ғазали мурғи чаман ҳарду якест,
Нағмаи булбулу ғавғои заған ҳарду якест.

Ин надониста, ки қадри ҳама яксон набувад,
Зоғро мартабаи мурғи хушилҳон набувад.

Чун чунин аст, паи кори дигар бошам беҳ,
Чанд рӯзе паи дилдори дигар бошам беҳ,

Андалеби гули рухсори дигар бошам беҳ,
Мурғи хушнағмаи гулзори дигар бошам беҳ.

Навгуле ку, ки шавам булбули дастонсозаш?
Созам аз тозаҷавонони чаман мумтозаш.

Он ки бар ҷонам аз ӯ дам ба дам озоре ҳаст,
Метавон ёфт, ки бар дил зи манаш боре ҳаст,
Аз ману бандагии ман, агараш оре ҳаст,
Бифурӯшад, ки ба ҳар гӯша харидоре ҳаст.

Ба вафодории ман нест дар ин шаҳр касе,
Бандае ҳамчу маро ҳаст харидор басе,

Муддате дар раҳи ишқи ту давидем бас аст,
Роҳи сад бодияи дард буридем бас аст,
Қадам аз роҳи талаб боз кашидем бас аст,
Аввалу охири ин марҳала дидем бас аст.

Баъд аз ин мову сари кӯйи дилоройи дигар,
Бо ғизоле ба ғазалхонию ғавғойи дигар.

Ту мапиндор, ки меҳр аз дили маҳзун наравад,
Оташи ишқ ба ҷон афтаду берун наравад,
В-ин муҳаббат ба сад афсонаву афсун наравад,
Чӣ гумони ғалат аст ин? Биравад, чун наравад?

Чанд кас аз туву ёрони ту озурда шавад,
Дӯзах аз сардии ин тоифа озурда шавад.

Эй писар, чанд ба коми дигаронат бинам?
Сархушу маст зи ҷоми дигаронат бинам,
Мояи айши мудоми дигаронат бинам,
Соқии маҷлиси оми дигаронат бинам.

Ту, чӣ донӣ, ки шудӣ ёри чӣ бебоке чанд?
Чӣ ҳавасҳо, ки надоранд ҳавасноке чанд?

Ёри ин тоифаи хонабарандоз мабош!
Аз ту ҳайф аст, ба ин тоифа дамсоз мабош!
Мешавӣ шуҳра, ба ин фирқа ҳамовоз мабош!
Ғофил аз лаъби ҳарифони дағобоз мабош!

Беҳ, ки машғул ба ин шуғл насозӣ худро,
Ин на корест, мабодо,ки бибозӣ худро.

Дар камини ту басе айбшуморон ҳастанд,
Сина пурдард зи ту кинагузорон ҳастанд,
Доғ бар сина зи ту синафигорон ҳастанд,
Ғараз ин аст, ки дар қасди ту ёрон ҳастанд.

Бош мардона, ки ногоҳ қафойе нахӯрӣ,
Воқифи киштии худ бош, ки пойе нахӯрӣ.

Гарчи аз хотири Ваҳшӣ ҳаваси рӯйи ту рафт,
В-аз дилаш орзуи қомати дилҷӯйи ту рафт,
Шуд дилозурдаю озурдадил аз кӯйи ту рафт,
Бо дили пургила аз нохушии хӯйи ту рафт.

Ҳошалиллаҳ, ки вафойи ту фаромӯш кунад,
Сухани маслиҳатомези кашон гӯш кунад.

## ГИЛАИ ЁРИ ДИЛОЗОР

Эй гули тоза, ки бӯйе зи вафо нест туро,
Хабар аз сарзаниши хори ҷафо нест туро,
Раҳм бар булбули бебаргу наво нест туро,
Илтифоте ба асирони бало нест туро,
Мо асири ғаму асло ғами мо нест туро,
Бо асири ғами худ раҳм чаро нест туро?

Фориғ аз ошиқи ғамнок намебояд буд,
Ҷони ман, ин ҳама бебок намебояд буд.

Ҳамчу гул чанд ба рӯи ҳама хандон бошӣ?
Ҳамраҳи ғайр ба гулгашти гулистон бошӣ,
Ҳар замон бо дигаре дастугиребон бошӣ,
З-он бияндеш, ки аз карда пушаймон бошӣ,
Ҷамъ бо ҷамъ набошанду парешон бошӣ,
Ёди ҳайронии мо орию ҳайрон бошӣ.

Мо набошем, ки бошад, ки ҷафои ту кашад?
Ба ҷафо созаду сад ҷавр барои ту кашад.

Шаб ба кошонаи ағёр намебояд буд,
Ғайрро шамъи шаби тор намебояд буд,
Ҳама ҷо бо ҳама кас ёр намебояд буд,
Ёри ағёри дилозор намебояд буд,
Ташнаи хуни мани зор намебояд буд,
То ба ин мартаба хунхор намебояд буд.

Ман, агар кушта шавам, боиси бадномии туст,
Мӯҷиби шуҳрати бебокию худкомии туст.

Дигаре ҷуз ту ба ман ин ҳама озор накард,
Ҷуз ту кас дар назари халқ маро хор накард,
Он чӣ кардӣ ту ба ман ҳеҷ ситамгор накард,
Ҳеҷ сангиндили бедодгар ин кор накард,
Ин ситамҳо дигаре бар мани бемор накард,
Ҳеҷ кас ин ҳама озори мани зор накард.

Гар зи озурдани ман ҳаст ғараз мурдани ман,
Мурдам, озор макаш аз паи озурдани ман.

Ҷони ман, сангдилӣ, дил ба ту додан ғалат аст,
Бар сари роҳи ту чун хок фитодан ғалат аст,
Чашми уммед ба сӯи ту кушодан ғалат аст,
Рӯи пургард ба роҳи ту ниҳодан ғалат аст,
Рафтан авлост зи кӯйи ту, ситодан ғалат аст,
Ҷони ширин ба таманнойи ту додан ғалат аст.

Ту на онӣ, ки ғами ошиқи зорат бошад,
Чун шавад хок, бар он хок гузорат бошад.

Муддате ҳаст, ки ҳайронаму тадбире нест,
Ошиқи бесару сомонаму тадбире нест,
Аз ғамат сар ба гиребонаму тадбире нест,
Хуни дил рафта ба домонаму тадбире нест,
Аз ҷафои ту бад-инсонаму тадбире нест,
Чӣ тавон кард, пушаймонаму тадбире нест?

Шарҳи дармондагии худ ба кӣ тақрир кунам?
Оҷизам, чораи ман чист, чӣ тадбир кунам?

Нахли навхези гулистони ҷаҳон бисёр аст,
Гули ин боғ басе, сарви равон бисёр аст,
Ҷони ман ҳамчу ту ғоратгари ҷон бисёр аст,
Турки зарринкамари мӯймиён бисёр аст,
Бо лаби ҳамчу шакар тангдаҳон бисёр аст,
На ки ғайр аз ту ҷавон нест, ҷавон бисёр аст,

Дигаре ин ҳама бедод ба ошиқ накунад,
Қасди озурдани ёрони мувофиқ накунад.

Муддате шуд, ки дар озораму медонӣ ту,
Ба каманди ту гирифтораму медонӣ ту,
Аз ғами ишқи ту бемораму медонӣ ту,
Доғи ишқи ту ба ҷон дораму медонӣ ту,
Хуни дил аз мижа мебораму медонӣ ту,
Аз барои ту чунин зораму медонӣ ту.

Аз забони ту ҳадисе нашунудам ҳаргиз,
Аз ту шармандаи як ҳарф набудам ҳаргиз.

Макун он навъ, ки озурда шавам аз хӯят,
Даст бар дил ниҳаму по бикашам аз кӯят,
Гӯшае гираму ман баъд наоям сӯят,
Накунам бори дигар ёд қади дилҷӯят,

Дида пӯшам зи тамошои рухи некӯят,
Сухане гӯяму шарманда шавам аз рӯят.

Бишунав панду макун қасди дилозурдаи хеш,
В-арна бисёр пушаймон шавӣ аз кардаи хеш.

Чанд субҳ ояму аз хоки дарат шом равам,
Аз сари кӯи ту худком ба ноком равам,
Сад дуъо гӯяму озурда ба дашном равам,
Аз паят ояму бо ман нашавӣ ром, равам,
Дури дур аз ту мани тирасаранҷом равам,
Набувад заҳра, ки ҳамроҳи ту як гом равам.

Кас чаро ин ҳама сангиндилу бадхӯ бошад?
Ҷони ман, ин равише нест, ки некӯ бошад.

Аз чӣ бо ман нашавӣ ёр, чӣ мепарҳезӣ?
Ёр шав бо мани бемор, чӣ мепарҳезӣ?
Чист монеъ зи мани зор, чӣ мепарҳезӣ?
Бикушо лаъли шакарбор, чӣ мепарҳезӣ?
Ҳарф зан, эй бути хунхор, чӣ мепарҳезӣ?
На ҳадисе кунӣ изҳор, чӣ мепарҳезӣ?

Ки туро гуфт: «Ба арбоби вафо ҳарф мазан,
Чин бар абрӯ зану як бор ба мо ҳарф мазан».

Дарди ман куштаи шамшери бало медонад,
Сӯзи ман сӯхтаи доғи ҷафо медонад,
Масканам сокини саҳрои фано медонад,
Ҳама кас ҳоли мани бесарупо медонад,
Покбозам ҳама кас таври маро медонад,
Ошиқе ҳамчу манат нест, Худо медонад.

Чораи ман куну магзор, ки бечора шавам,
Сари худ гираму аз кӯи ту овора шавам.

Аз сари кӯйи ту бо дидаи тар хоҳам рафт,
Чеҳра олуда ба хуноби ҷигар хоҳам рафт,
То назар мекунӣ аз пеши назар хоҳам рафт,
Гар нарафтам зи дарат шом, саҳар хоҳам рафт,
На, ки ин бор чу ҳар бори дигар хоҳам рафт,
Нест боз омаданам, боз агар хоҳам рафт.

Аз ҷафойи ту мани зор чу рафтам, рафтам,
Лутф кун, лутф, чу ин бор чу рафтам, рафтам.

Чанд дар кӯйи ту бо хок баробар бошам?
Чанд помоли ҷафои ту ситамгар бошам?
Чанд пеши ту ба қадр аз ҳама камтар бошам?
Аз ту чанд, эй бути бадкеш, мукаддар бошам?
Меравам то ба суҷуди бути дигар бошам,
Боз агар саҷда кунам пеши ту кофар бошам.

Худ бигӯ, к-аз ту нозу тағофул то кай?
Тоқатам нест аз ин беш, таҳаммул то кай?

Сабзаи домани насрини туро банда шавам,
Ибтидои хати мушкини туро банда шавам,
Чин бар абрӯ задану кини туро банда шавам,
Гираҳи абрӯйи пурчини туро банда шавам,
Ҳарф ногуфтану тамкини туро банда шавам,
Тарзи маҳбубию оини туро банда шавам.

Аллаҳ, Аллаҳ, зи кӣ ин қоида андӯхтаӣ?
Кист устоди ту, инҳо зи кӣ омӯхтаӣ?

Ин ҳама ҷавр, ки ман аз паи ҳам мебинам,
Зуд худро ба сари кӯйи адам мебинам,
Дигарон роҳату ман ин ҳама ғам мебинам,
Ҳама кас хурраму ман дарду алам мебинам,
Лутфи бисёр тамаъ дораму кам мебинам,
Ҳастам озурдаю бисёр ситам мебинам.

Хӯрда бар ҳарфи дурушти мани озурда магир,
Ҳарфи озурда дуруштона бувад, хӯрда магир.

Ончунон бош, ки ман аз ту шикоят накунам,
Аз ту қатъи тамаъи лутфу иноят накунам,
Пеши мардум зи ҷафои ту ҳикоят накунам,
Ҳама ҷо қиссаи дарди ту ривоят накунам,
Дигар ин қиссаи бе ҳадду ниҳоят накунам,
Хешро шуҳраи ҳар шаҳру вилоят накунам,

Хуш кунӣ хотири Ваҳшӣ ба нигоҳе саҳл аст,
Сӯи ту гӯшаи чашме зи ту гоҳе саҳл аст.

## ДАР СУГВОРИИ ДӮСТ

Дида, гӯ, ашки надомат шаву берун фармо,
Дидани дида чӣ кор оядам аз дӯст ҷудо?
Ивази Юсуфи гумгашта чу ихвон бинанд,
Дида хуб аст, ба шарте ки бувад нобино.
Гарчи донам, ки намеёбамаш, эй мардуми чашм,
Бош бо ашки ману рӯи замин мепаймо.
Дар қиёмат магараш боз бибинам, ки фитод
Дар миён фосила моро зи бақо то ба фано.
Ёр дар қаср чунон мойиҳае зайли ҷаҳон,
Мо куҷоему тамошогаҳи дидор куҷо?
Ёди он ёри сафаркардаи тобутмаҳмил,
К-ончунон ронд, ки нашнид касаш бонги даро.
Расми пайғому хабар нест, мусибат ин аст,
Ба диёре, ки сафар кард сафаркардаи мо.

Ба чӣ пайғом кунам хуш дили озурдаи хеш?
Аз кӣ пурсам сухани ёри сафаркардаи хеш?

Ёду сад ёд аз он аҳд, ки дар суҳбати ёр,
Хотире доштам аз айши ҷаҳон бархурдор.
На маро чеҳраи аз ашки мусибат хунин,
На маро синаи аз нохуни ҳасрат афгор.

Хотире доштам, алқисса, чу хуррамбоғе,
Лолаи айш шукуфта, гули шодӣ бар бор.
Оҳ, к-он боғи пур аз лолаю гул ёфт хазон,
Лолаҳо шуд ҳамаи доғи дилу гулҳо ҳама хор.
Бирасидаст дар ин боғ хазоне, ҳайҳот,
Кай дигар булбули моро бувад уммеди баҳор?
Булбуле, к-аш қафаси тангу пару бол шикаст,
Ба чӣ уммед дигар ёд кунад аз гулзор.
Гар ҳама рӯи замин шуд гулу гулзор чӣ ҳаз?
Ёр чун нест, маро бо гулу гулзор чӣ кор?

Ёр, агар ҳаст, ба ҳар ҷо, ки равӣ гулзор аст,
Гули гулзор, ки бе ёр бувад, мисмор аст.

Кошки навгули мо чун гули бӯстон будӣ,
Ки чу рафтӣ гузараш сӯи гулистон будӣ.
Кош чоҳе, ки дар он Юсуфи мо афкананд,
Роҳи бозомаданаш ҷониби Канъон будӣ.
Кошки он ки ниҳон гашту зи мо як танро,
Бар сараш роҳи сари Чашмаи Ҳайвон будӣ.
Шаби ҳиҷрон чи дароз аст, хусусан, ин шаб,
Кош рӯзе зи паси ин шаби ҳиҷрон будӣ.
Чӣ қадар гиря тавон кард дар ин ғам ба ду чашм?
Кош сар то қадамам дидаи гирён будӣ.
Он ки бар маркаби чӯбин бинишасту бидавонд,
Кош ин ҷо дигараш фурсати ҷавлон будӣ.
Будӣ аз марг давое чу давоҳои табиб,
Чораи хеш дар ин дард чи осон будӣ.

Сер аз умри худу зиндагии хештанам,
Нест парвои худ аз бе ту дигар зистанам.

Эй саропои вуҷудат ҳама захму ғаму дард,
Ин ҳама ханҷару шамшер ба ҷони ту кӣ кард?
Ҳеҷ марде сипаҳе бар сари як хаста кашад,
Рӯи ин мард сияҳ бод, к-аш ин аст набард.

Ҳоли ту, оҳ, чӣ пурсем чӣ хоҳад будан?
Ҳоли марде, ки кушандаш ба ситам сад номард.
Ғайр аз он, к-афтаду аз ҳам бикanandaш, чӣ кунанд
Шери ранҷур чу бинанд шағолонаш фард?
Кӣ хабар дошт, ки чандин дади одамсурат,
Баҳри ҷони ту зи хони ту фалакшон парвард.
Сардмеҳрии фалак бо чу ту хунгарме, оҳ,
Кирдигоре, ки маро сохт зи олам дилсард.
Чун туро зери гилу хок бибинанд, афсӯс,
Он ки дидан натавонист ба домони ту гард.

Мурдам аз ғам, чӣ кунам, пеши кӣ гӯям ғами хеш?
Ҳама дорад туро мотаму ман мотами хеш.

Ё Раб, онҳо, ки паи қатли ту фатво доданд,
Зиндагонии туро хона ба яғмо доданд.
Ё Раб, онҳо, ки зи хумхонаи бедор туро,
Ратли хун дар ивази соғари саҳбо доданд.
Ё Раб, онҳо, ки рамонданд зи ту тоири рӯҳ,
Ҷои он мурғ ба сарманзили уқбо доданд.
Ё Раб, онҳо, ки ниҳоданд ба болини ту пой,
Тани бемори ту бар бистари хун ҷо доданд.
Ё Раб, онҳо, ки чу диданд, ки шуд фурсати кор,
Инчунин заҳри ҷафое ба туву мо доданд.
Ё Раб, онҳо, ки зи маҳрумият, эй гавҳари пок,
Абри мижгони маро мояи дарё доданд.

Зинда бошанду ба зиндони балое дар банд,
К-аз Худо марг шабу рӯз ба зорӣ талабанд.

## ДАР СУГВОРИИ БАРОДАР

Оҳ, эй фалак, зи дасти туву ҷаври ахтарат,
Кардӣ чу хок паст маро, хок бар сарат.
Ҷуз акси муддао зи ту кас сурате надид,
Торик бод оинаи меҳри анварат.

Машмор барқи оҳи ҷигарсӯзи ман ба ҳеҷ,
Бо хоки тира гар нанамоям баробарат.
Шуд кушта оламу ту ҳамон дар мақоми ҷанг,
Эй тезҷанг, кунд нагардид ханҷарат.
То чанд талхкоми ҷаҳонро кунӣ ҳалок?
Ҳаргиз тиҳӣ намешавад аз заҳр соғарат.
Сад додхоҳ ҳар тарафе истода, лек
Дасти кӣ мерасад ба инони таковарат?
Чандин шикасти кори мани дилшикаста чист?
Эй ҳарзагард, нест магар кори дигарат?
Куштӣ маро зи кина ба теғи забункушӣ,
Гӯё нашуд дучор кас аз ман забунтарат?
Бодо, сиёҳ рӯзи ту, ё Раб, ки ҳеҷ ёр,
Нури вафо наёфт зи шамъи маҳу хӯрат.
Чун ҷӯям аз ту меҳр, ки дар хокаш афканӣ,
Гирад, агарчи меҳри ҷаҳонгир дар барат?
Бигсил таноби хаймаи лаъбат, ки сӯхтам,
З-ин бозии малолфизои мукаррарат.
Гӯ, зард аз хазони фано шав, ки ҳеҷ бор
Ҷуз бори дай надид кас аз чархи ахзарат.
　　Нисбат ба ман ғариб тариқе гузидаӣ,
　　Гӯё ҳанӯз шуълаи оҳам надидаӣ.

Ёрон, рафиқу ҳамнафасу ёри ман куҷост?
Мурдам зи ғам, бародари ғамхори ман куҷост?
Ман бехудона сина басе кандаам зи дард,
Гӯед, марҳами дили афгори ман куҷост?
Дорам тане ба сурати товус доғ-доғ,
Тӯтизабони нодирагуфори ман куҷост?
Бигдохтам, чунон ки нишастам ба рӯзи шамъ,
Оташнишони оҳи шарарбори ман куҷост?
Бе ёру бекасам, чӣ кунам, чист фикри ман,
Он кас, ки буд ёри вафодори ман куҷост?
Дар кунҷи ғам чароғи дилам мурд, баски сӯхт,
Равшан нашуд, ки шамъи шаби тори ман куҷост?
Бемор буд, он ки ғамаш сохт бехудам,
Огоҳиям диҳед, ки бемори ман куҷост?

Бо хоб нури дида ба селоби гиря рафт,
Он нурбахши дидаи бедори ман куҷост?
Дил зор шуд зи навҳа мани номуродро,
Эй ҳамдамон, муроди дили зори ман куҷост?
Рӯзи хазон ниҳод гулистони умри ман,
Он гул, ки буд равнақи гулзори ман куҷост?
Гавҳаршиносу ҷавҳарии назму наср ку,
Ҷавҳарфизои гавҳари ашъори ман куҷост?
Ёре намонду кори ман аз даст меравад,
Он ёрро, ки буд ғами кори ман куҷост?
Дар хок рафт ганҷи мароде, ки доштем,
Моро намонд хотири шоде, ки доштем.

## АЗ ТАРҶЕЪБАНДҲО

## СОҚИНОМА

Соқӣ, бидеҳ он бода, ки иксири вуҷуд аст,
Шӯяндаи олоиши ҳар буду набуд аст.
Бе зайбақу гугирд, ки асли зари кон аст,
Мифтоҳи дари ганҷи тилохонаи ҷуд аст.
Бе гардиши хуршед каму беш ҳарорат,
Кони зар аз ӯ ҳар чи фароз асту фуруд аст.
Қуръе наю инбиқею ҳулию на акде,
Дар бӯта гудози зару на нору на дуд аст.
Симоб дар ӯ ақди вафо баста бар оташ,
Аз ҳарду аҷаб ин ки на буду на намуд аст.
Ҳамаҳд дар ӯ суду зиёни ҳама олам,
В-ин турфа ки дар вай на зиён асту на суд аст.
Дар олами ҳастӣ, ки зи ҳастӣ ба дар оем,
Моро чӣ зиён аз адами суди вуҷуд аст.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

Мутриб ба навое раҳи мо бехабарон зан,
То ҷома даронем, раҳи ҷомадарон зан.

Овард хаме соқию паймона бар он зад,
Ту низ биҷӯ сози худу захма бар он зан.
З-он захма, ки беҳавсала аз шаҳна ҳаросад,
Ханҷар куну захмаш ба дили беҷигарон зан.
Он нағма баровар, ки фитад мурғи ҳавое,
З-он ришта гираҳ бар пари беҳудапарон зан.
Бонге, ки кулоҳ аз сари Айюқ дарафтад,
Бар тантанаи кавкабаи тоҷварон зан.
Ин майкада вақф асту сабил аст, шаробаш
Аз ҷумла салое зи карон то ба карон зан.
Бигзор, ки мо бехуду мадҳуш бияфтем,
Ин нағмаи мастона ба гӯши дигарон зан.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

Соқӣ, бидеҳ он май, ки зи ҷон шӯр барорад,
Бар дор «аналҳақ» сари Мансур барорад.
Он май, ки фурӯғаш шуда Хизри раҳи Мӯсо,
Оташ зи ниҳоди шаҷари Тур барорад.
Он май, ки уфуқ чун шавадаш домани соғар,
Хуршед зи ҷайби шаби дайҷур барорад.
Он май, ки чу таҳмонда фишонанд ба хокаш,
Садмурдасари маст сар аз гӯр барорад.
Он май, ки гар оҳанг кунад бар дару бомам,
Мотам зи шаъаф замзамаи сур барорад.
Он май, ки чу тафсида кунад табъи фусурда,
Сад «алаташ» аз синаи кофур барорад.
Он май ба касе деҳ, ки ба майхона нарафтаст,
То он маяш аз масту зи мастур барорад.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

Ку мутриб хушнағма, ки оташасар ояд?
К-он нағма барорад, ки зи ҷон дуд барояд.

Он нағма, ки сири маю майхона кунад фош,
То зоҳиди паймонашикан шишагар ояд.
Он нағма, ки чун шуъла фурӯзад ба дари гӯш,
Аз роҳи нафас бӯи кабоби ҷигар ояд.
Он нағма, ки чун гом ниҳад бар гузари ҳуш,
Ҷон рақскунон бар сари он раҳгузар ояд.
Он нағмаи ширин, ки парад рӯҳ ба сӯяш,
Монанди магас, к-ӯ ба саломи шакар ояд.
Он нағмаи пурҳол, ки дар кӯи хамӯшон,
Ҳар нолааш аз уҳдаи сад ҷон бадар ояд.
З-он нағма хабар деҳ ба муноҷотии масҷид,
Бе он ки чу мо аз ду ҷаҳон бехабар ояд.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

Дерест, ки мо муътакифи дайри муғонем,
Риндему хароботию фориғ зи ҷаҳонем.
Лои таҳи хум сандали сар сохта, яъне
Эман шуда аз дарди сари кавну маконем.
Чун коса шикастем, на пур монд, на холӣ,
Бе киссаи бозор чӣ суду чӣ зиёнем?
Мо ҳеҷбаҳобанда кам аз ҳеҷ наярзем,
Ҳарчанд ки андар гарави ратли гаронем.
Шерему сар аз миннати сотур кашида,
Қассоби ғаразро на саги пои дуконем.
Парвонае аз шуълаи мо доғ надорад,
Ҳарчанд ки чун шуъла саропой забонем.
Ҳушёр шавад ҳар кӣ дар ин майкада маст аст,
Аммо дигаронанд чунин, мо на чунонем.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

Риндони харобот зару сар нашиносанд,
Чизе ба ҷуз аз бодаву соғар нашиносанд.
Бехуд шудаву бурда вуҷуду адам аз ёд,

Дарвеш надонанду тавонгар нашиносанд.
Ратле, ки биғалтид шиносанду дигар ҳеҷ,
Даври фалаку гардиши ахтар нашиносанд.
Ёбанд, ки дар зулмати майхона ҳаёт аст,
Он чашма, ки меҷусту Сикандар нашиносанд.
Бозони камозор назарбаста зи сайданд,
Ғайр аз маи чун хуни кабӯтар нашиносанд.
Дашному дуъоро бари эшон дуийе на,
Шодӣ зи ғаму заҳр зи шакар нашиносанд.
Ҳастанд шиносоӣ маю майкада чун мо,
Фирдавс надониста зи Кавсар нашиносанд.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

То роҳ намуданд ба мо дайри муғонро,,
Хуш мегузаронем ҷаҳони гузаронро.
Аз муғбачагон, баски дар ӯ ғулғули шодист,
Нашнида кас овозаи андуҳи ҷаҳонро.
Дайре на, биҳиште, зи маю муғбача дар вай,
Аз кавсару аз ҷоми фароғат дилу ҷонро.
Он дайр, ки ҳар маст, ки он ҷо гузар андохт,
Худ гум шуду гум кард зи худ ному нишонро.
Дере, ки сар аз саҷдаи бут бознаёвард,
Ҳар кас, ки дар ӯ хӯрд яке ратли гаронро.
Масҷид на, ки дар вай маю майхоҳ нагунҷад,
Сад ҷӯш дар ин роҳ ҳам инрову ҳам онро.
Ғалтида чу мо пеши буте маст ба бӯе,
Ҳар гӯша ҳазорону наёлуда даҳонро.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

Тарсобачае, к-аз маю ҷомаш хабарам нест,
Хоҳам барамаш ном, вале он ҷигарам нест.
Кофар шудам, азбаски кунам саҷда ба пояш,
Ин аст, ки зунноре аз ӯ бар камарам нест.

Ноқус навозам, ки муноҷоти бут ин аст,
Дар ҳалқаи тасбеҳшуморон гузарам нест.
Он ҷо, ки салиб аст намудор сари дор,
Поям шуду кам гашту суроғе зи сарам нест.
Гар хидмати Хинзир кунад, Амр чӣ тадбир?
Гирам раҳи дигар, ки тариқи дигарам нест.
Шайхе паси сад чилла паи духтари тарсо,
Он кард аз ӯ ғайрати дин бештарам нест.
Тарсобача, гӯ, бода аз ин масттарам соз,
То бастани зуннор бигӯям хабарам нест.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

Гар ишқ кунад амр, ки зуннор бибандем,
Зуннори муғон дар сари бозор бибандем.
Сад бӯса ба ҳар тор диҳем аз паи таъзим,
Тасбеҳи баташ бар сари ҳар тор бибандем.
Гар савмаадорони муқаллид написанданд,
Ҳарчанд кушоянд, дигар бор бибандем.
Маълум, ки бар дил чу дари лутф кушояд,
Он ишқ, ки бар хеш ба мисмор бибандем.
Бар лаб тарии бодаву хушк ар нами ӯ ҳалқ,
Пайдост чи тарф аз дари хаммор бибандем.
Он бода хуш ояд, ки давад бар сару бар гӯш,
Роҳи сухани мардуми ҳушёр бибандем.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

Хоҳам, ки шаби ҷумъае аз хонаи хаммор,
Оям ба дари савмааи зоҳиди диндор.
Дар бишканаму аз паси ҳар пардаи зарқе,
Берун фиканам аз дили ӯ сад бути пиндор.
Бар тан дарамаш хирқаи солусу аз он зер,
Орам ба дари савмаа сад ҳалқаи зуннор.

Мардони Худо рахт кашиданд ба як бор,
Чизе ба миён нест ба ҷуз ҷуббаву дастор.
Ин савмаадорони риёӣ ҳама зарқанд,
Пас таҷриба кардем ҳамон ринди қадаҳхор.
Май хӯрдани мо узри сухан кардани мо хост,
Бар маст нагиранд сухан мардуми ҳушёр.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

Рафтам ба дари мадрасаву гӯш кашидам,
Ҳарфе,ки ба анҷом барам пай, нашунидам.
Сад асли сухан рафту далелаш ҳама мадхул,
Аз шакку гумоне ба яқине нарасидам.
Бас укда, ки ҳал гашт дар ӯ ҳеҷ набаста,
Як дар накушуданд зи сад қуфл калидам.
Гуфтанд дарун ою бибин моҳасали кор,
Ғайр аз варақе чанд сияҳкарда надидам.
Гуфтанд, ки дар ҳеҷ китобе нанавиштанд,
Ҳар масъалаи ишқ, к-аз эшон талабидам.
Ҷустам маи Мансур зи сарҳалқаи маҷлис,
Он майталабе гуфт, ки: «Ҳаргиз начашидам».
Дидам, ки дар ӯ дарди саре буду дигар ҳеҷ,
Бо дурдкашон боз ба майхона давидам.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

Алминнатулиллаҳ, ки надорам зару симе,
К-аз бухл хасисе шавам, аз ҳирс лаиме.
Шуғле на, ки то ғайр барад моидаи хулд,
Бояд зи паи ҷони худ афрӯхт ҷаҳиме.
На омили девону на по дар гили зиндон,
Не бастаи уммедею не хастаи биме.
Моему ҳамин ҳалқаю пӯшидани далқе,
Як гӯшаи нон бас буваду порагилеме.

Баҳри шикаме, к-ӯст паи музбала муздур,
Дарюзаи ҳар сифла бувад айби азиме.
З-он ҷо, ки бувад серии чашму дили қонеъ,
Даҳ рӯз бисозам, на ба қурсе, ки ба ниме.
Гар рӯҳ ғизо гирад аз он бода, ки морост,
Сад сол тавон зист ба таҳрики насиме.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

Ҳарчанд ки ман қумрии беҳудасароям,
Булбул равад аз ҳуш, чу дар боғ дароям.
Бо он ки ҳама рӯи замин қимати ман нест,
Ҳайф аст, агар хок диҳад кас ба баҳоям.
Айбе ба ман аз даъвии таҷрид намояд,
Ман низ забоне ба ҷавобаш бикушоям.
Фонуси фалакро манам аз сӯзи ҷигар шамъ,
Фонуссифат з-он зи бадан ҷон бинамоям.
Чун сабза шавад дашти вафо, хушкгиёҳам,
Чун хушк шавад кишти бало, коҳрабоям.
Ҳамвора чаро хор набошам, ки азизам,
Пайваста ҷафо чун накашам, з-аҳли вафоям.
Ғирболи фалак, гар ҳама аҷром бибезад,
З-ин мушти гилу хок чу гавҳар бадар оям.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

Дорам зи замон шиква, на аз аҳли замона,
Ку мутрибу созе, ки бигӯям ба тарона,
Хоҳам, ки саровозае аз тоза бисозам,
Кӯранд ба бозор ба овози чағона.
Саркандану андохтанашро чӣ тавон гуфт?
Мурғе, ки на обе талабидасту на дона.
Дар аҳди кӣ будаст, кӣ як бор шунидаст?
Таърихи ҷаҳон ҳаст фасона ба фасона.

Булбул ҳадафи тир намудан кӣ писандад?
Хоса, ки бувад булбули машҳури замона.
Ҷуз ишқу муҳаббат гунаҳам чист, чӣ кардам?
«Эй тири ғаматро дили ушшоқ нишона».
Соқӣ, сухани маст дароз аст, бидеҳ май,
То дарди сари шиква кашад по зи миёна.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

Гар шиквае омад ба забон базми шароб аст,
Бояд, ки бишӯянд зи дил олами об аст.
З-инаш натавон сӯхт гар аз хеш бинолад,
Он мурғ, ки дар равғани худ гашта кабоб аст.
Абре бирасад рӯзею ҷонаш ба тан ояд,
Он моҳии тафсида, ки дар оби сароб аст.
Гар қаҳқааш нест махон мурғ ба кӯяш,
Он кабк, ки оромгаҳаш ҷои уқоб аст.
По дар гиламу мақсади ман даври ҳарам, лек
То чун бираҳам, з-он ки раҳам ҷумла халоб аст.
В-ин турфа, ки борам ҳама шишаст пур аз май,
Вақте ки шавад шиша тиҳӣ, кор хароб аст.
Ку Хизр, ки то чашм кунад бозу бубинад,
Хумхонаву хумҳо, ки пур аз бодаи ноб аст.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

Майхона, ки парвардаам аз лои хуми ӯ,
Бодо сари ман хоки таҳи пои хуми ӯ.
Ҳайф аст ба зери сари ман, бар сари ман неҳ,
Он хишт, ки будаст ба болои хуми ӯ.
Дар хидматам он ҷо, ки барои гули тасбеҳ,
Хоке ба каф орам магар аз ҷои хуми ӯ?
Сурею чӣ сурест, ки дар ақди кас ояд,
Бинтулунаб он бикри тарабзои хуми ӯ.

Тӯфон чӣ кунад, киштии Нуҳаш чӣ намояд?
Обе, ки занад мавҷ зи дарёи хуми ӯ.
Дар зардии хуршеди қиёмат ба худ оем,
Моро, ки сабоҳист зи саҳбои хуми ӯ.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

Ваҳшӣ, магар он замзама аз чанг бароянд,
К-аз уҳдаи шукри маи соқӣ ба дар ояд.
Он соқии боқӣ, ки паи ҷуръакаши ӯ,
Хуршед қадаҳсозу фалак шишагар ояд.
Он дурд, ки дар майкадаи ӯ ба сафолест,
Лутфест, ки кардаст чу дар ҷоми зар ояд.
Хоҳад зи сабӯи маи тоҷи сари хеш,
Он кас, ки садаш бандаи зарринкамар ояд.
Дар кӯчаи майхонаи ӯ, гар фиканӣ роҳ,
Бас Хизри сабӯкаш, ки туро дар назар ояд.
Гар дар бизанӣ, сад қадаҳат пеш давонанд,
Он вақт, ки овози хурӯси саҳар ояд.
Гӯ мири шабаш гиру бизан сахту бибар рахт,
Масте, ки шабонгоҳ аз он ҷо бадар ояд.

Мо гӯшанишинони хароботи аластем,
То бӯйи мае ҳаст, дар ин майкада мастем.

## АЗ ҚИТЪАҲО

## ТАҚСИМИ МЕРОС

Зеботар он чӣ монда зи бобо аз они ту!
Бад, эй бародар, аз ману аъло аз они ту!
Ин тоси холӣ аз ману он кӯзае, ки буд,
Порина пур зи шаҳди мусаффо аз они ту!
Ёбӯи ресмонгусили мехкан зи ман,
Маҳмези галатези муталло аз они ту!

Он деги лабшикастаи собунпазӣ зи ман,
Он чумчаи ҳарисаю ҳалво аз они ту!
Ин ғучи шохкаҷ, ки занад шох аз они ман,
Ғавғою ҷанги ғучу тамошо аз они ту!
Ин астари чамуши лагадзан аз они ман,
Он гурбаи мусоҳиби бобо аз они ту!
Аз саҳни хона то ба лаби бом аз они ман,
Аз боми хона то ба Сурайё аз они ту!

РОЗИҚИ ФОНӢ

# АҶАБ САБРЕ ХУДО ДОРАД

*Розиқи Фонӣ шоири баландовозаи Афғонистон мебошад. Ӯ соли 1943 дар Кобул таваллуд ёфтааст.*

*Дар Булғористон соҳиби маълумоти олӣ шудааст.*

*Шеъргӯиро барвақт оғоз кардааст ва нахустин маҷмӯаи шеърҳояш соли 1961 бо номи «Армуғони ҷавонӣ» дар Кобул ба нашр расидааст.*

*Фонӣ моҳи апрели соли 2007 дар Калифорния вафот кардааст.*

*Аз ӯ маҷмӯаҳои шеърии «Армуғони ҷавонӣ», «Паёмбари борон», «Абру офтоб», «Шикасти шаб», «Дашту оинаву тасвир» ва чанд китоби дигар ба мо мерос мондааст.*

*Мо гузидаи шеърҳои ӯро бо номи «Аҷаб сатре Худо дорад» пешкаши хонанда мегардонем.*

## ҒАЗАЛИЁТИ РОЗИҚИ ФОНӢ

### ХУДО ГАР ПАРДА БАРДОРАД

Худо гар парда бардорад зи рӯи кори одамҳо,
Чӣ шодиҳо хӯрад барҳам, чӣ бозиҳо шавад расво.
Яке хандад зи ободӣ, яке гиряд зи барбодӣ,
Яке аз ҷон кунад шодӣ, яке аз дил кунад ғавғо.
Чӣ козибҳо шавад содиқ, чӣ содиқҳо шавад козиб.
Чӣ обидҳо шавад фосиқ, чӣ фосиқҳо шавад мулло.
Чӣ зиштиҳо шавад рангин, чӣ талхиҳо шавад ширин,
Чӣ болоҳо равад пойин, чӣ сифлиҳо шавад улё.
Аҷаб сабре Худо дорад, ки парда барнамедорад,
В-агарна бар замин афтад зи ҷайби муҳтасиб мино.
Шабе дар кунҷи танҳоӣ миёни гиря хобам бурд,
Ба базми қудсиён рафтам, вале дар олами руъё.
Дурахшон маҳфиле дидам чу базми ахтарон равшан,
Муҳаммад ҳамчу хуршеде нишаста андар он боло.
Равони анбиё бо ӯ, Алӣ шери Худо бо ӯ,
Тамоми авлиё бо ӯ ,ҳама поку ҳама воло.
Зи худ рафтам дар он маҳфил, тапидам чун тани бисмил,
Кашидам нолае аз дил, задам фарёди вовайло.
Ки эй фахри расул Аҳмад, бурун шуд ранҷи мо аз ҳад,
Дилам дигар ба танг омад зи бозиҳои ин дунё.

Занад ғам бар дилам наштар ,надорам сабр то маҳшар,
Бигӯ бо одили довар ,бигӯ бо Холиқи якто.
Чӣ сон бинам, ки Намруде бисӯзонад Халилеро?
Чӣ сон бинам, ки Фиръавне бипӯшонад яди байзо?
Чӣ сон бинам, ки номарде чароғи анҷуман бошад?
Чӣ сон бинам ҷавонмарде бимонад бекасу танҳо?
Чӣ сон бинам бадандеше кунад тақлиди дарвешон?
Чӣ сон бинам, ки иблисе бипӯшад хирқаи тақво?
Чӣ сон бинам, ки шаҳбозе ба доми анкабут афтад?
Чӣ сон бинам, ки хаффоше кунад хуршедро иғво?
Чӣ сон бинам, ки нопоке фиребад покбозонро?
Чӣ сон бинам, ки инсоне бихонад хукро мавло?
Ғарибу хонавайронам ,фидоят ин тану ҷонам,
Мабодо накди имонам равад аз каф дар ин савдо.
Чӣ шуд таъсири қуръонӣ, чӣ шуд расми мусалмонӣ?
Куҷо шуд сураи Ёсин, куҷо шуд ояи Тоҳо?
Ба шиква чун лабам во шуд, ҳакими Ғазна пайдо шуд,
Бигуфто: «Баста кун дигар даҳон аз шикваи беҷо.
Арӯси ҳазрати Қуръон ниқоб онгаҳ барандозад,
Ки дорулмулки имонро муҷаррад бинад аз ғавғо.
Ба ин олудадомонӣ, ба ин ошуфтасомонӣ,
Мазан лофи мусалмонӣ, макун беҳуда ин ғавғо.
Мусалмон моли муслимро ба коми шуъла наспорад,
Мусалмон хуни муслимро нарезад дар шаби ялдо.
Бирав худро мусалмон кун, пас он гаҳ фикри Қуръон кун,
Сафар дар кишвари ҷон кун, ки бинӣ ҷилваи маъно».
Саноӣ рафту пинҳон шуд, маро руъё парешон шуд,
Хаёл аз авҷ поён шуд, фурӯ афтодам аз боло.
На маҳфил буду не ёрон, на ғамхори гунаҳгорон,
Зи абри дидаам борон фурӯ борид бепарво.
Утоқам нимарӯшан буд, китобе чанд бо ман буд,
Кушудам ганҷи Ҳофизро, ки ёбам гавҳари якто.
Яқинам шуд, ки ҳоламро Лисонулғайб медонад,
Ки дар тасвири аҳволам бигуфт он шоири доно:
«Ало ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо,
Ки ишқ осон намуд аввал, вале уфтод мушкилҳо.

Шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳоил,
Куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо?».
Бигуфтам: Ҳофизо акнун каме аз ҳоли меҳан гӯй,
Ки мо дар гӯшае ғурбат аз ӯ дурем манзилҳо.
Бигуфто: Хома хун гардад, гар он аҳвол бинвисам,
Ба тӯфон монда киштиҳо, ба оташ рафта ҳосилҳо.
Зи теғи номусалмонон, зи санги ноҷавонмардон
Фитода ҳар тараф сарҳо, шикаста ҳар тараф дилҳо.
Бигуфтам чун кунад мардум? Бигуфто: Худ намедонӣ?
«Ҷарас фарёд медорад, ки барбандед маҳмилҳо»!

## ОЗОД

Нест як лаҳза, ки аз хотири ношод равӣ,
Ба чӣ машғул кунам, дида, ки аз ёд равӣ?
Ҷодаи умр пур аз сангу ту побанди ҳавас,
Бигсал ин банд зи по то чу ман озод равӣ.
Реша дар хок макун, нагҳати гул бошу насим,
То аз ин боғ сабукболтар аз бод равӣ.
Бар сари хоки ман, о, мӯъҷизаи ишқ нигар,
Ки ғамин оию аз турбати ман шод равӣ.
Ту пур аз боди ғурурию ҷаҳон дунпарвар,
Тарсам, эй сар, ки дар ин фоҷиа барбод равӣ.

## САДАФ

Ҳама ҷо дукони ранг аст, ҳама ранг мефурӯшад,
Дили ман ба шиша сӯзад, ҳама санг мефурӯшад.
Ба карашмае нигоҳаш дили содалавҳи моро
Чӣ ба ноз мерабояд, чӣ қашанг мефурӯшад.
Шараре бигиру оташ ба ҷаҳон бизан ту, эй оҳ,
Зи шарорае, ки ҳар шаб дили танг мефурӯшад.
Ба дукони бахти мардум кӣ нишастааст, ёрон,
Гули ханда меситонад, ғами ҷанг мефурӯшад?
Дили кас ба кас насӯзад ба муҳити мо ба ҳадде,
Ки ғизол ҷӯҷаашро ба паланг мефурӯшад!
Мудатест кас надида гуҳаре ба қулзуми мо,
Ки садаф ҳар он чӣ дорад, ба наҳанг мефурӯшад.
Зи тануری табъи Фонӣ ту маҷӯ суруди ором,
Маталаб гул аз дуконе, ки туфанг мефурӯшад.

## ҚИССАПАРДОЗ

Дӣ шаб, ки то саҳаргаҳ бо ёр қисса гуфтам,
Ӯ хобу ман ба пояш бедор қисса гуфтам.
Чун чашмае, ки ҷӯшад дар бешае шабонгоҳ,
Оҳиста гиря кардам, ҳамвор қисса гуфтам.
Бигзашт ниме аз шаб, ман бастам аз сухан лаб,
Гуфтам: « Бихоб, ҷоно!» Бисёр қисса гуфтам.
Бикшуд мижа аз ноз, яъне, ки қисса ,гӯ, боз,
Ман ҳам чу қиссапардоз, такрор қисса гуфтам.
Ҳуснаш чу месутудам, аз моҳ ёд кардам,
Зулфаш чу мекушудам, аз мор қисса гуфтам.
Лаб чун ба ханда бикшод, гуфтам ҳикоят аз гул,
Мижгон ба ҳам чу бинҳод, аз хор қисса гуфтам.
Фонӣ, чу дар шаби васл, комам нагашт ҳосил,
То субҳдам ба дилбар, ночор қисса гуфтам.

## МАРДОН ВА НОМАРДОН

Эй дил, марав сӯи хатар, гар меравӣ, ларзон мабош!
Аз раҳзанон ғофил машав, аз душманон тарсон мабош!
Чун бо касе ҳамраҳ шудӣ, аз нимаи раҳ барнагард,
Чун аз паи мардон равӣ, дигар зи номардон мабош!
Душман агар ҷонат диҳад, бо ӯ дами ёрӣ назан,
Дар дӯстӣ гар ҷон диҳӣ, аз дӯст рӯгардон мабош!
Гар ошиқи мастонаӣ, зуҳди риёиро бисӯз,
В-ар ҳамнишини зоҳидӣ, дар ҳалқаи риндон мабош!
Боди баҳорон шав, ки то дар мақдамат гул бишкуфад,
Чун гирдбоди ҳарзагард, дар дашт саргардон мабош!
Ҳамдасти мо гар мешавӣ, пои каси дигар магир,
Бо дӯст чун паймон кунӣ, бо ғайр ҳампаймон мабош!
Фонӣ, ба кеши ошиқон дар фикри худ будан хатост,
Ё аз сару ҷон даргузар, ё ошиқи ҷонон мабош!

## ХОМАИ БЕҲЗОД

Бо ҳар диле, ки шод шавад, шод мешавам,
Обод ҳар кӣ гашт, ман обод мешавам.
Дар дом ҳар кӣ рафт, шарики ғамаш манам,
Аз банд ҳар кӣ раст, ман азҳод мешавам.

Бинам ,агар ки боли фиғон дар диле шикаст,
Ман бар лабаш нишаставу фарёд мешавам.
Бо ин набарди сахт, ки бо сахраҳо кунам,
Рӯзе ҳарифи тешаи Фарҳод мешавам.
То хубтар баён кунам, эй зиндагӣ туро,
Табъи салиму хомаи Беҳзод мешавам.
Чун бӯи гул, ки гоҳи шукуфтан шавад падид,
Ман аз миёни шеъри худ эҷод мешавам.
Фонӣ, ба пои ҳеҷ касе хам нашуд сарат,
Охир ман аз ғурури ту барбод мешавм.

## МАЪБАДИ БЕКАСӢ

Лабаш чун ба шӯхӣ табассум кунад,
Ҷунун оламеро ба худ гум кунад.
Ба он нозукӣ ғунча натвон шукуфт,
Ба ранге, ки он гул такаллум кунад.
Ду чашмаш диламро навозиш диҳанд,
Нигоҳаш ба ҷонам тазаллум кунад.
Фазои дили тангу ашкам равост,
Агар ноз бар чарху анҷум кунад.
Дигар айши риндон набинад халал,
Кунун муҳтасиб хидмати хум кунад.
Хуш он дил, ки дар маъбади бекасӣ,
Ба хоки ду олам таяммум кунад.
Ғами мо бувад, Фонӣ, аз дасти дил,
Дуо кун, ки дилро Худо гум кунад.

## ФАРЗАНДИ МУҲИТ

На зи қайд дар ҳаросам, на зи дор мегурезам,
Ҳама тан тапиш чу мавҷам, зи қарор мегурезам.
Нафасе нашуд, ки фориғ бинишинам аз табу тоб,
Зи нишастану фусурдан чу шарор мегурезам.
Агарам ба шона чун кӯҳ бинишанд борҳоро,
На зи роҳ хаста гардам, на зи бор мегурезам.
На парам зи шӯъла сӯзад, на ба пои ман халад хор,
На зи шӯъла бок дорам, на зи хор мегурезам.

Манам он ягона тифле, ки муҳит модарам шуд,
Сари санг мезанам ғалт, зи канор мегурезам.
Ба наҳиби марг, Фонӣ, наравам зи ҷабҳа берун,
Ба Худо, агар бимирам, зи мазор мегурезам.

## ДАРДИ ЗИНДА БУДАН

Дар кӯи майфурӯшон ҳушёр кас мабодо!
З-осеби ақл вайрон ,зинҳор ,кас мабодо!
Ҷое, ки ҳамнишинон дар хоби ноз ғарқанд
Бор, эй Худо, дар он ҷо бедор кас мабодо!
Ибратсарои олам бисёр пуртамошост,
Чун ман аз ин тамошо безор кас мабодо!
Аз дасти чорасозон корам зи чора бигзашт,
Бо садҳазор чора ночор кас мабодо!
Бе симу зар ба гетӣ саҳл аст зиндагонӣ,
Дар гирудори ҳастӣ бе ёр кас мабодо!
Бо халқ дарфитодан дорад харобӣ аз пай,
Дар пеши пои дарё девор кас мабодо!
Фонӣ, илоҷи моро ғайр аз аҷал кӣ донад?
Аз дарди зинда будан бемор кас мабодо!

## АРӮСӢ

То пеши лаълҷомон паймонаро арӯсист,
Аз ҷӯши майпарастон хумхонаро арӯсист.
Дар роҳи шавқ ошиқ аз ҷон намеҳаросад,
Чун шамъ шӯъла гирад, парвонаро арӯсист.
Аз ғафлатем яксар девонаи хаёлот,
То хоби мо гарон аст, афсонаро арӯсист.
Бемеҳрии ту бо мо хушнудии рақиб аст,
Дар мотами азизон бегонаро арӯсист.
Бошад масаррати ман дар шуҳрати асирӣ,
Дар нолаҳои занҷир девонаро арӯсист.
Фонӣ, зи дида ашкам мастона мехиромад,
Дар мавқаи фусурдан ин донаро арӯсист.

## ХОНАБАРДӮШ

Доғ гулпӯш кардааст маро,
Нола мадҳуш кардааст маро.
Нигаҳи шавқи бисмили нозам,
Ҳайратоғӯш кардааст маро.
Чун фиғони ғариқи ғайри худам,
Кай касе гӯш кардааст маро?
Умрҳо шуд ба доди бедардӣ,
Ғам фаромӯш кардааст маро.
Ғафлати зиндагӣ чу шишаи май,
Пунбадаргӯш кардааст маро.
Чун ҳубобам надомати ҳастӣ,
Хона бар дӯш кардааст маро.
Фонӣ, имшаб шароби гуфторат,
Ғофил аз ҳуш кардааст маро.

## ТАБЪИ ТЕЗ

Навоям шӯри растохез дорад,
Забонам нутқи шӯрангез дорад.
Даруни синаам оташфишон аст,
Лабам фарёди оташрез дорад.
Ҳамин дард аст дармони дили ман,
Зи бедардӣ дилам парҳез дорад.
Битарс, эй тоири ваҳшӣ, ки сайёд,
Ба лаб гуфтори лутфомез дорад.
Вале дар остин он фитна бинҳод,
Ҳамоно ханҷари хунрез дорад.
Ба ноҳақ рехт хуни оламеро,
Нигорам машраби Чингиз дорад.
Маяфшон ҳар тараф бол, эй кабӯтар,
Ки шоҳин панҷаҳои тез дорад.
Дилам ҳамчун сипанд аз фарти мастӣ,
Дар оташ низ ҷастухез дорад.
Дигар ҳарфе наёрам бар лаби хеш,
Ки Фонӣ табъи тунду тез дорад.

## ХОКИ ҲИРС

Чашми тар охир маро дар ҳирс расво карданист,
Тифли ашк аз рӯи корам парда боло карданист.
Гоҳ- гоҳе аз раҳи чашме гузоре кун ба дил,
Ин бинои шавқ ҳам як раҳ тамошо карданист.
Дину дил рафтаст, аммо ҷони маҳзунам баҷост,
Шавқи он роҳам ба як лабханд савдо карданист.
То ки озодаш насозам дил намегирад қарор,
Ин ғизоли ваҳшӣ охир сар ба саҳро карданист.
Гиряам хоҳад намудан хонаи дилро хароб,
Қатраи ашки ман охир кори дарё карданист.
Хоки ҳирс аз чашми мардум нури биниш бурданист,
Чашми ин бедонишонро марг бино карданист.
Фониё, ман лек бо рӯшандилонам ошно,
Суҳбати оина моро низ зебо карданист.

## ДАРСИ ИНСОФ

Чанд тақлид зи андешаи аҷдод кунед?
Дӯстон, баҳри Худо, фикри нав эҷод кунед.
Дилам афсурда дар ин кунҷи қафас, ҳамнафасон,
Арзи ин мурғи гирифтор ба сайёд кунед.
Хасу хоре, ки ба таъмири қафас даркор аст,
Ҷамъ созеду аз он лонае обод кунед.
Эй бузургон, сабақи ҷавр ба тифлон надиҳед,
Дарси инсоф дар ин мадраса иршод кунед.
Ман зи тафриқи шумо ҳамватанон дилгирам,
Ҳама якранг шаведу дили ман шод кунед.
Рафт бо шӯру фиғон ,Фонӣ, аз ин базми нишот,
Сари хокаш ивази фотиҳа фарёд кунед.

## ЧАШМИ ЗАМОНА

Илоҳӣ, то абад аз ашк мижа тар монад,
Даме мабод, ки ин ришта бе гуҳар монад.
Надошт манзили ҳастӣ суроғи осоиш,
Ҷаҳон ба ҷодаю мардум ба раҳгузар монад.
Ба ҳар қадам ба раҳи мост бандише пайдо,
Ниҳоли зиндагии мо ба найшакар монад.

Ба ранги тир касеро, ки ростӣ бошад,
Фитад ба хоки сияҳ дур аз назар монад.
Харобу хуб ба чашми замона яксонанд,
Фалак ба мардуми нодону бебасар монад.
Дил аз шунидани ҳарфи хароб хун гардад,
Забони мардуми нодон ба нештар монад.
Бас аст гавҳари якдонаи сухан, Фонӣ,
Агар зи баъди вафотам зи ман асар монад.

## АРМУҒОН

Боз аз ишқат ҳадисе бар забон овардаам,
Шамъсон оташ ба лаб ҷои фиғон овардаам.
Гуфтӣ: «Ҷонатро ба лабханде ситонам, гар диҳӣ»,
Ман ба қурбони лабонат ройгон овардаам.
Гулбуни дардам, ки барги ишратам ҷуз яъс нест,
Дар баҳори зиндагӣ ранги хазон овардаам.
Дар фазои хилвати дил бар умеди ҷилваат,
Аз ҳуҷуми доғи ҳасрат Каҳкашон овардаам.
То чӣ гул резад ба пирӣ орзу дар доманам,
Дар ҷавонӣ ин қадарҳо армуғон овардаам.
Фонӣ, чун абри баҳор ин гиряи мо айб нест,
Судҳо аз файзи чашми дурфишон овардаам.

## ДОҒИ ТАМАННО

Мастию шӯриши дарё, на ту дорию на ман,
Шӯхии мавҷи гуҳарзо, на ту дорию на ман.
Бояд, эй ғунча, дар ин боғ зи шарм об шавем,
Лоласон доғи таманно, на ту дорию на ман.
То абад роҳ ба ҷое натавонем кашид,
Дидаи равшану бино, на ту дорию на ман.
Оқибат дард гулӯи ману ту хоҳад баст,
Ҷони ман, фикри мудово, на ту дорию на ман.
Бигзар аз васвасаи булбулу гул, баҳри Худо,
Фурсати сайру тамошо, на ту дорию на ман.

## МЕРАВАМ

Зи дил то ба мижгони тар меравам,
Чу ашк ин қадарҳо сафар меравам.
Бувад вақфи як ханда умри чу барқ,
Ба мижгон задан аз назар меравам.
Зи озори ҳастӣ ба завқи фано,
Парафшон ба ранги шарар меравам.
Ба баҳри хурӯшандаи зиндагӣ,
Дар оғӯши мавҷи хатар меравам.
Нагардам зи роҳи талаб, Фониё,
Гар аз пой монам, ба сар меравам.

## РАҲБАРИ КОМИЛ

Ба соҳибдилон зиндагӣ мушкил аст,
Дареғо, бар он кас, ки соҳибдил аст.
Ба авҷи саодат фалак мебарад,
Касеро, ки аз ҷаҳл по дар гил аст.
Надонам, чаро дидаи рӯзгор?
Чунин ҷониби сифлагон моил аст.
Макун гиря, эй шамъ, к-ин шуълаҳо,
Туро бар забону маро дар дил аст.
Абас нола дорам дар ин анҷуман,
Ба девонагон панд беҳосил аст.
Сухан зишт гуфтам, вале чун кунам,
Лаб аз ҳарф бастан басе мушкил аст.
Намебуд, эй кош, дар синаам,
Ҳамин қатра хуне, ки номаш дил аст.
Ғалат гуфтаам, з-он ки дар роҳи шавқ,
Дили ман маро раҳбари комил аст.
Чӣ сон вораҳам, Фонӣ, аз орзу?
Ки чун ғунча сар то ба поям дил аст.

## БАҲОНА СОХТ

Сарҳо буриду теғи қазоро баҳона сохт,
Халқи Худо бикушту Худоро баҳона сохт.
Шайх аз тариқи Каъба зи бутхона сар кашид,
Бингар куҷо расиду куҷоро баҳона сохт?

Зоҳид ба нӯги найза ҷигарҳо шикоф кард,
Чун дидамаш хамиду асоро баҳона сохт.
Буду набуди мо ҳама дар пои ғайр рехт,
Гуфтам: Бас аст. Ҷуду сахоро баҳона сохт.
Размандагони роҳи Худоро зи ман бигӯй:
Шайтон ба арса тохт, шуморо баҳона сохт.

## ШАМЪИ МАЗОР

Синаам лолазорро монад,
Дида абри баҳорро монад.
Дилам афсурда аз тапиданҳо,
Ашки ҳайратшикорро монад.
То қадам мениҳӣ ба бод равад,
Дил ба роҳат ғуборро монад.
Чашмзахмам ба роҳи пайконат,
Дидаи интизорро монад.
Оламе зинда шуд зи омаданат,
Ҷилваат навбаҳорро монад.
Тифли ашкам шаҳиди ҳаҷри кӣ шуд?
Мижа шамъи мазорро монад.
Мурда бошад дилам ба домани ӯ,
Зулфи ӯ сӯгворро монад.
Ҳазар аз ваҳми худпарастиҳо,
Ба раҳи шавқ хорро монад.
Эътиборот ба ҷуз фузулӣ нест:
«Муътабар харсаворро монад.»
Пунбаи ғафлатам зи гӯш бисӯхт,
Шеъри Фонӣ шарорро монад.

## ДАСТИ КАРАМ

Аз вартаи талошу ҷоҳу ҳашам бурун о!
Дар арзи хоксорӣ нақши қадам бурун о!
Дар бӯстони ваҳдат ранги дуӣ нагунҷад,
Гар завқи васл дорӣ аз хеш ҳам бурун о!
Роҳат ба дашти улфат андешаи маҳол аст,
Эй булҳавас, дар ин ҷо собитқадам бурун о!
Чун меҳр то тавонӣ файзофарин аён шав,
Аз остини имкон дасти карам бурун о!

Оинаи ҳақоиқ дар сина соз дилро,
Яъне дар ин хумистон чун Ҷоми Ҷам бурун о!
Эй ашки ноумедӣ, аз дил ба дида бихром,
З-ин тангно бадар шав, з-ин печухам бурун о!
Чун Тур то насӯзад хокам адамталош аст,
Эй барқи ҷилваи ёр, боз аз адам бурун о!
Дар базми арзи матлаб, Фонӣ, ту камнамоӣ,
Аз гӯшаи қаноат, гоҳе ту ҳам бурун о!

## АДАБГОҲИ ҶУНУН

Ҷилваи ӯ як ҷаҳон найранг дошт,
Дилтапиданҳои мо ҳам ранг дошт.
Ҳастии мо домгоҳи нестист,
Шӯриши мавҷ инчунин оҳанг дошт.
Шоҳроҳи нестӣ ҳамвор буд,
Лек ҳастӣ пои моро ланг дошт.
Гар зи худ рафтӣ, ба манзил мерасӣ,
Ҷодаи шавқ ин қадар фарсанг дошт.
Дар адабгоҳи ҷунунаш мебарам,
Дил, ки умре хоҳиши фарҳанг дошт.
Аз куҷо ҷӯям суроғи нестӣ?
Ҳимматам аз номи ҳастӣ нанг дошт.
Дӯш Фонӣ бар сари сайди дилам,
Ишвау бози тағофул ҷанг дошт.

## АЛМОСПОРА

Дар дидаам агарчи маҷоли назора нест,
Дил меравад ба сайри гулистону чора нест.
Булбул наям, ки шиква намоям зи ҷаври хор,
Парвонаам, ки бок маро аз шарора нест.
Гулбун ба дида колбади ваҳшатовар аст,
Гул дар назар ба ғайри дили пора-пора нест.
Ханҷар дамидааст зи гулзори сабз, к-ӯ
Дар ҷӯшиш аст хуни чаман, ин фавора нест.
Нӯшобае зи хуни ситамгар ба ман биёр,
Носеҳ, магӯ, ки дарди туро ҳеҷ чора нест.
Чун тифли кайфхӯрда чӣ сармаст хуфтаем,
Осудагӣ агарчи дар ин гоҳвора нест.

Чун шиша ҳар чӣ ҳаст ба дил бар лаб оядам,
Соқӣ, маро тавони адою ишора нест.
Мехостам зи сӯзи дилам бохабар шавӣ,
Во ҳасрато, ки оташи дил ошкора нест.
Як байти ин ғазал набувад камтар аз шарор,
Эй дил, магӯ, ки сӯзи суханро шарора нест.
Эй кӯдаки ятим, зи ғурбат дигар манол,
Ашки ту низ камтар аз алмоспора нест.
Фонӣ, ба мавҷи ҳодиса бистезу шод бош,
Ин ҷо агарчи қулзуми ғамро канора нест.

## ПАЁМБАРИ БОРОН

Биё, ки бо ту бигӯям даме ҳикояти гул,
Ба марги ғунча зи андуҳи бениҳояти гул.
Бигӯямат, ки ба фасли фиреб дар гулзор,
Чӣ кард лашкари сармо ба зери рояти гул?
Аҷаб мадор ба тороҷ гар равад ин боғ,
Ки ҳеҷ даст наҷунбид дар ҳимояти гул.
Бас аст ҳарзадавиҳо, чаман ба ғорат рафт,
Ба гӯши бод бигӯед ин шикояти гул.
Зи боргоҳи худои баҳор омадаам,
Манам паёмбари борон, қасам ба ояти гул.
Расидаам, ки ба Фиръавни бод бистезам,
Касе, ки он ҳама хун рехт дар валояти гул.
Чу гарди ҳодиса аз рӯи бод бистурдам,
Равам ба минбари абрӯ, кунам ҳидояти гул.
Инони хома нигаҳ дор пеш аз ин Фонӣ,
Сухан дурушт чи гӯӣ, бикун риояти гул.

## САФАР

Сафар аз кӯят, эй дилбар, намекардам, чӣ мекардам?
Ҳавоят гар бурун аз сар намекардам, чӣ мекардам?
Ба тасхири дилат чун кӯшишамро беасар дидам,
Шикасти хешро бовар намекардам, чӣ мекардам?
Гули ишқе ба боғи хотирам рӯиду хандон шуд,
Гараш дар пои ту пар-пар намекардам, чӣ мекардам?
Ба теғи мижа чашми золимат қасди ҳалокам кард,
Ҳазар аз теғи ин кофар намекардам, чӣ мекардам?

Ба тавфи Каъба шайхам раҳ надод, азбаски бадномам,
Тавофи соқию соғар намекардам, чӣ мекардам?
Мапурс аз ман: «Чаро тарки ҳабибони куҳан кардӣ»,
Надидам чорае дигар, намекардам, чӣ мекардам?

## УҚОБИ ЗАХМИИ ДАВРОН

Ватан, баъд аз Худо, номат маро вирди забон бодо!
Шароби сурхи савдоят ба рагҳоям равон бодо!
Ало, эй шаҳри Кобул, эй уқоби захмии даврон,
Ҳумои бахтро бар гӯшаи бомат макон бодо!
Бару бумат сафо аз лавси бадхоҳону бадкешон,
Гиребонат раҳо аз панҷаи Аҳриманон бодо!
Зи хуни навҷавононат мабодо лолагун санге,
Агар рангин шавад кӯҳат, зи ҷӯши арғавон бодо!
Нагардад гарди ғам, ё Раб, ба кӯҳу дашти Гардезат,
Ба Лугар мутриби мастона дар шӯру фиғон бодо!
Бисоти якдилӣ ҳамвор зери токи Парвонат,
Зулоли зиндагӣ ҷорӣ ба банди Бомиён бодо!
Ало ,эй Ҳиндукуш, эй сарфарози паҳнаи торих,
Сари озодаат аз дасти душман дар амон бодо!
Ало, эй Ҳирманд, эй қиссагӯи пири давронҳо,
Хурӯши нағмаи мастӣ ба мавҷат ҷовидон бодо!
Ало, эй Қандаҳор, эй марзу буми қаҳрамонпарвар,
Ба бомат хирқаи поки Муҳаммад соябон бодо!
Ало, эй Балхи бумӣ, дар(р)аву дашту дару бомат,
Зи файзи равзаи шоҳи вилоят чун ҷинон бодо!
Ало, эй Ғазна, эй хокат зиёратгоҳи дарвешон,
Муҳибонро дар он водӣ Саноӣ мизбон бодо!
Ало ,шаҳри Ҳарӣ, пои аҷониб аз ту кӯтаҳ бод,
Равони Хоҷаи Ансор он ҷо посбон бодо!
Ало, эй Нанга(р)ҳор, эй маъмани Сайид Ҷамолиддин,
Ба боғистони норинҷат ғиреви булбулон бодо!
Ало, эй миллати хомӯши дар хун хуфтаи афғон,
Забони хомаи шоир шуморо тарҷумон бодо!

## БОЛИ САҲАР

Имшаб зи бахти кист, ки фардо намешавад?
Боли саҳар, кӣ баста, ки пайдо намешавад?
Эй дил ,сабур бошу ба тадбир такя кун,
Аз оҳу нола дард мудавво намешавад.
Дигар кушоди кори худ аз ғайр кам талаб,
Ин укда ҷуз ба дасти худат во намешавад.
Бояд ба ҳам расем, ки мавҷе шавад баланд,
Ҳар қатрае алоҳида дарё намешавад.
Зоҳид, дуо махон ба сари куштагони ишқ,
Ҳар булҳавас ҳарифи Масеҳо намешавад.
Озодагӣ ба хуни ҷигар ғӯта хӯрдан аст,
Ҳар доғдида лолаи саҳро намешавад.
Дилро бисӯз то суханат дилнишин шавад,
Иншои шеъри хуб ба даъво намешавад.

## ҚИССА МЕКУНАМ

Имшаб чу шамъ гирякунон қисса мекунам,
Месӯзадам агарчи забон, қисса мекунам.
Аз аҳди бесаботи туву умри хештан,
Бо мавҷҳои оби равон қисса мекунам.
Рафтӣ ту чун баҳору ман афсонаи туро,
Бо баргҳои зарди хазон қисса мекунам.
Ашкам фасона гӯяду лаб ҳамчунон хамӯш,
Бе гуфтугӯ, бибин, ки чӣ сон қисса мекунам?
Чун қиссагӯи пир ба ҳар кӯча меравам,
Ҷаври туро ба пиру ҷавон қисса мекунам.
Фонӣ, зи дасти ин дили расвои хештан,
Дорам ғаме, ки бо ту ниҳон қисса мекунам.

## ИШҚИ ҒАЮР

Сӯхтаи ғами туро гиря сабот медиҳад,
Дил кунадаш ҳалоку чашм Оби Ҳаёт медиҳад.
Гаҳ кунадам шаҳиди ғам, гаҳ ба итоб сӯзадам,
Ишқ маро ба ҳар қадам ин дараҷот медиҳад.
Дар суханам ҳаловате ҳаст агар, зи лаъли туст,
Ӯст, ки ин қадар маро нуқлу набот медиҳад.

Гиря гулӯи ман гирифт, оҳ ба доди ман расид,
Киштии оббурдаро бод наҷот медиҳад.
Бӯса чу медиҳӣ ба ман, тири нигаҳ ба дил мазан,
Менакушад гадойро, он ки закот медиҳад.
Ин сари ҳақпарастро тухфаи дор агар кунӣ,
Ишқи ғаюр он замон бӯса ба пот медиҳад.
Фонӣ, агар ки ҷон диҳӣ, миннати нокасон макаш,
Бар дари фақр бӯса зан, бин, ки чиҳот медиҳад?

## АВҶ

Бунафшазори чашми ту маро ба боғ мебарад,
Ба дил сурур медиҳад, зи сина доғ мебарад.
Чу мижа боз мекунӣ, ҷаҳон фароғ мешавад,
Лабат чу ханда мекунад, ғам аз димоғ мебарад.
Дили маро хаёли ту ба авҷи қисса мекашад,
Ғизолае ғизолро ба сӯи доғ мебарад.
Ба мижаи сиёҳи худ дилам шикор кардаӣ,
Уқоби саркаши маро бибин, ки зоғ мебарад.
Фурӯғи ишқ, то ки ҳаст, маро зи марг бим нест,
Дилам ба зери хок ҳам, ҳамин чароғ мебарад.
Ба тору пуди шеъри ту чӣ накҳат аст, Фониё?
Ки байт-байти ин ғазал маро ба оғ мебарад.

## ТИФЛИ НИГОҲ

Боз хаёли чашми ту фикри фирор мекунад,
Чашми маро ба роҳи худ абри баҳор мекунад.
То зи кафаш кашидаӣ домани васли хешро,
Кӯдаки дил ба синаам гиряи зор мекунад.
Дасти ман асту нои ту, бар лаби ман навои ту,
Дар паси дастҳои ман дасти ту кор мекунад.
Тарбияте бикун, буто, тифли нигоҳи хешро,
Мезанадам шарар ба ҷон, боз фирор мекунад.

## РАҲО КАРДАМ

Боли дилро дубора во кардам,
Ба ҳавои туяш раҳо кардам.
То худои дилам шавӣ рӯзе,
Рӯзҳо ман Худо-Худо кардам.

Достони ғамам чӣ мепурсӣ?
Ба ту ин қисса борҳо кардам.
Дил ба ранги риё наолудам,
Гарчи сад кори нораво кардам.
Чун зи меҳроб бӯи хун омад,
Маъбаде аз вафо бино кардам.
Ишқ пайдо шуду имомат кард,
Аз паяш ман ҳам иқтидо кардам.
Зоҳид аз кина гуфту ман аз меҳр,
Роҳи худро аз ӯ ҷудо кардам.

## БАҲОР ОМАД

Баҳор омад, дареғо, мотаме дар гулшан аст имрӯз,
Ба барги ҳар дарахте мурғаке дар шеван аст имрӯз.
Гиребон бояд аз ғам пора созем, эй ватандорон,
Гиребони Ватан дар панҷаи Аҳриман аст имрӯз.
Ба меҳан боядаш мерехтам, фарёд аз ин ғурбат,
Зи хуни хеш мешармам, ки ҷорӣ дар тан аст имрӯз.
На ҷисми нотавонамро маҷоли ҷонфишониҳо,
На чашми бефурӯғамро тавони дидан аст имрӯз.
Нигинеро ,ки бар тоҷи ғурури Шарқ метобид,
Чӣ сон бинам, ки помоли ҷунуни душман аст имрӯз?
Ба гӯши қотили мардум шунидам рӯҳи Буддо гуфт:
«Ки хуни санг, инак, туро дар гардан аст имрӯз».
Табар дар дасти кӯр афтода, кишвар мешавад вайрон,
Худоё, гарданаш бишкан, ки бишкан бишкан аст имрӯз.

## ДАР ОТАШИ БЕҲАМЗАБОНӢ

Дилам боз аз ғами ғурбат ба хомӯшӣ фиғон дорад,
Парастуи парешонам ҳавои ошён дорад.
Наёсояд даме дур аз замину осмони хеш,
Намедонад, ки ин ҷо ҳам замину осмон дорад.
Шарори оташи беҳамзабонӣ сӯхт ҷонамро,
Хуш он ринде, ки суҳбат бо ҳарифи ҳамзабон дорад.
Зи чашмам то надуздад хоб тасвири хиромашро,
Тамошохонаи чашмам зи мижгон посбон дорад.
Зи буҳтоне ,ки бар дин баст касро ман куҷо гуфтам?
Хатиби шаҳр ноҳақ дар ҳақи ман ин гумон дорад.

Маро бо шайх ҷанге нест, дар ҳаққам дуо хонед,
К-аз ин сагиндили кофар Худоям дар амон дорад.
Пур аз ҳангомаи ишқ аст, Фонӣ, паҳнаи гетӣ,
Ҳамин як қисса дар ҳар ҷо дигаргун достон дорад.

## ШАМЪИ ҲАЁТ

Ин ман, ки хуфта дар ман, ман нестам, ту ҳастӣ,
Дар ҷон намуда маскан, ман нестам, ту ҳастӣ.
Лаб бар лабам ниҳодӣ, гуфтӣ, бинол чун най,
Пас дар фиғону шеван, ман нестам, ту ҳастӣ.
Қалби ту чун бигиряд, ояд зи чашми ман хун,
Ин хуни дил ба доман, ман нестам, ту ҳастӣ.
Гар хирманам бисӯзӣ, бо хеш кинатӯзӣ,
Пинҳон даруни хирман, ман нестам, ту ҳастӣ.
Сад раҳ ба номи душман, бастӣ камар ба хунам,
Эй дӯст, бо ту душман, ман нестам, ту ҳастӣ.
Шамъи ҳаёти моро дар роҳи бод магзор,
К-ин шамъи нимаравшан, ман нестам, ту ҳастӣ.
Фонӣ, ғазалсароӣ аз дасти мо наояд,
Марди ғазал сурудан, ман нестам, ту ҳастӣ.

## ЛОЛАЗОРОН

Ба ҳар қатра борон нишонам диламро,
Ки бар лолазорон фишонам диламро.
Чу саргашта боди саросема то кай,
Ба ҳар сӯ шитобон фишонам диламро?
Бар онам, ки гардун агар вогузорад,
Аз ин ранҷ рӯзе раҳонам диламро.
Баҳоре ба боли парасту нишинам,
Ба боғе, ки хоҳад, расонам диламро.
Ба ҳар ғунча лабханди шодӣ бибахшам,
Зи ҳар чашма обе чашонам диламро.
Аз он боғ чархам агар боз раҳонад,
Худам бозгардам, бимонам диламро.
Парасту ва ё қумрии паршикаста,
Ту худ гӯӣ, Фонӣ! Чӣ хонам диламро?

## ОСТОНИ ИШҚ

Дил ҷудо аз ҷилваи ҷонон мабод!
Ин қанорӣ дар қафас нолон мабод!
Пой, агар дар роҳи шайтон рафт, рафт,
Эй Худо, дил хонаи шайтон мабод!
Аз тафили мижаи хунбори мо,
Ҷангали уммед бе борон мабод!
Эй, ки размидед бо Аҳриманон,
Аҳриманро бо шумо паймон мабод!
Номатон, эй раҳравони роҳи ишқ,
Ҳамрадифи номи номардон мабод!
То нарезандаш ба пои хукҳо,
Обрӯ чун оби ҷав арзон мабод!
Мо зи султону зи дарбон фориғем,
Остони ишқро дарбон мабод!

## ҚОСИДИ САДО

Ман қосиди садои туам, эй диёри дур,
Тафсири дардҳои туам, эй диёри дур.
Бо захмҳои хеш дар оинаи замон,
Тасвири қаднамои туам, эй диёри дур.
Дар гӯши нокасе, ки туро сӯхту зинда монд,
Нафрину носазои туам, эй диёри дур.
Аз душманони дӯстнамо рӯзи бозпурс,
Хоҳони хунбаҳои туам, эй диёри дур.
Дур аз ту дар биҳишт дилам танг мешавад,
Девонаи ҳавои туам, эй диёри дур.
Ҷонам ҳазор бор ба ғурбат ба лаб расид,
Гар зиндаам, барои туам, эй диёри дур.
Ҳаргиз фидои кас нашудам, лекин аз Худо,
Хоҳам кунад фидои туам, эй диёри дур.

## ХАЁЛИ ТУ

Туро шабе ба гумонам, ки хоб дида Худо,
Ва аз хаёли ту атре ба гул дамида Худо.
Гирифта шираи ангури токи ҷаннатро,
Шароби чашми ту з-он шира офарида Худо.

Зи тарҳи нози ту чун гашта хомааш foриғ,
Китоб бастаю даст аз қалам кашида Худо.
Супурда кори ҷаҳонро ба дасти Ҳазрати Ишқ,
Ва рафта бар фалаки ҳафтум орамида Худо.
Чу қасди кишвари ҷон карда ишқи ҳастисӯз,
Барои ӯ дили танги маро гузида Худо.
Чӣ гуна хештанамро ба банда бифрӯшам?
Маро зи рӯзи таваллуд зи ман харида Худо.
Зи боли мурғи нафас атри номи ӯ шунавам,
Насимвор ба офоқи ман вазида Худо.

## ХАСТАДИЛ

Мурғи сухансарои ман боз ба лона мерасад,
Ёри гурезпои ман бар дари хона мерасад.
Ҷӯй пуроб мешавад, хор гулоб мешавад,
Абр ба хок ҷон диҳад, хок ба дона мерасад.
Ғам биравад зи дил бурун, шодии дил шавад фузун,
Он ба ишора меравад, ин ба баҳона мерасад.
Ёр чу ёри мо шавад, дил зи қафас раҳо шавад,
Боли нишот во шавад, чангу чағона мерасад.
Кина зи синаҳо равад, ғусса зи дил ҷудо шавад,
Ханда ба кӯчаҳо давад, хона ба хона мерасад.
Боди баҳор дар вазиш, набзи ниҳол дар тапиш,
Эй дили ман тарона ку? Фасли тарона мерасад.
Фонии хастадил, биё, мужда расон ба мурғакон,
Рӯҳ ба сабза медамад, ҷон ба ҷавона мерасад.

## МУРҒИ ТӮФОН

Сайқал задам оинаро, лабрези ҷавлонам кунед,
Зангори кибру кинаро дур аз дилу ҷонам кунед.
Аз куфру имон растаам, бо ишқ паймон бастаам,
Эй ошиқон, дар кеши худ побанди паймонам кунед.
Ғам синаам бишкофта, меҳраш ба дил раҳ ёфта,
Хуршед бар ман тофта, оинабандонам кунед.
Ман мурғи тӯфондидаам, андар бало болидаам,
Аз хору хас бибридаам, дар боғ меҳмонам кунед.

Зоҳид ба тори тӯбие хоҳад, ки бандад боли ман,
Аз чанги ин кофар раҳо, ёрон, гиребонам кунед.
То хайма дар хулди барин аз шайх болотар занед,
Эй майпарастон, ҷуръае нӯш аз хумистонам кунед.
Охир ба Мисри маърифат, тақдир роҳам медиҳад,
Эй ҳамраҳон, сад бор агар дар чоҳ пинҳонам кунед.
Ишқ аст меъмори дилам, ӯ мекушояд мушкилам,
Гул медамад боз аз гилам ҳарчанд вайронам кунед.

## ҲАМГОМИ МОДАРОНИ СИЯҲПӮШ

Дар пардаи баҳор чакидаст хуни мо,
Хушнақшу хушнигор чакидаст хуни мо.
Танҳо, магӯ, шақоиқи дашт аст, сурх аз ӯ,
Ҳатто ба неши хор чакидаст хуни мо.
Гаҳ рӯи санги сангару гаҳ рӯи фарши шоҳ,
Гоҳе ба пои дор чакидаст хуни мо.
Он ҷо, ки умқи фоҷеаро ҷеғ мезадем,
Бар реги раҳгузор чакидаст хуни мо.
Ҳамгоми модарони сияҳпӯши шаҳри ишқ,
Дар кӯча сӯгвор чакидаст хуни мо.
Рӯзе, ки ҷанг ҷангали моро ба фитна сӯхт,
Дар дуду дар шарор чакидаст хуни мо.
Бо боли захмхӯрда чу кардем қасди кӯч,
Бар шонаи чанор чакидаст хуни мо.
Имсол ҳам зи наштари ғурбат ба ҳар диёр,
Чун солҳои пор чакидаст хуни мо.

## РӮҲИ ДАРЁ

Тамоми умр дар фарёду ғавғои ту, эй дарё!
Чӣ гум кардӣ? Чаро дилтангу танҳоӣ ту, эй дарё?!
Гарат аз ишқ дарде ҳаст, шабҳо гиря пинҳон кун,
Туро ошиқ напиндорам, ки расвоӣ ту, эй дарё!
Даҳан каф карда чун ой, чирики хастаро монӣ,
Ки мағрурӣ, ки бебокӣ, ки зебоӣ ту, эй дарё!
Чу ноҳамвор гардад раҳ пӯётар занӣ манзил,
Ба ҳамворӣ чу раҳ пӯӣ, шикебоӣ ту, эй дарё!

Ба гӯши ташнагони дашт овои ту ҷон бахшад,
Ба рӯҳи захмии ҷангал тасаллои ту, эй дарё!
Агар ошуфтасомонӣ, в-агар шӯри ҷунун дорӣ,
Ба ҳар вазъе, ки меоӣ, тамошои ту, эй дарё!
Гурезонем аз роҳат, магар дар мо ту пинҳонӣ?
Ба худ пайваста дар ҷангӣ, магар моӣ ту, эй дарё?!

## АНДУҲ

Андуҳи ман зи чашми қалам гиря мекунад,
Ё Раб, чӣ ҳолатест, ки ғам гиря мекунад?
Меъёри шодмонии мо гиря кардан аст,
Хушбахт он кас аст, ки кам гиря мекунад.
Азбас ба остини лаимон асир монд,
Бар ҳоли хеш дасти карам гиря мекунад.
Бар чашми тар хаёли ту бигзашту ашк монд,
Ту рафтаию нақши қадам гиря мекунад.
Фонӣ, на бутпараст шудӣ, не Худопараст,
Бар машраби ту дайру ҳарам гиря мекунад.

## ГАҲВОРАИ БОРОНА[4]

Мамнуни дили ошиқу девонаи хешам,
К-аз ҳиммати ӯ дар бари ҷононаи хешам.
Ҷононаи ман Кобулу захмест, ки бо меҳр
Парварда ба гаҳвораи Боронаи хешам.
Ҷодугари ғурбат ба сад афсонаю афсун,
Якчанд кашонид ба завлонаи хешам.
Инак, ба дари пири харобот расидам,
То маст кунад аз маю майхонаи хешам.
Гар кохнишинон зи ман аҳвол биҷӯянд,
Гӯед, ки ман шод ба вайронаи хешам.
Осудатар аз тахти зарандуди салотин,
Дар сояи девори ғарибонаи хешам.
Хору гули ин боғ шиносанд садоям,
Ман тоири баргашта ба кошонаи хешам.

[4] Борона- маҳаллаест дар шаҳри Кобул, зодгоҳи шоир.

## ФАЗОИ ТАШНАИ БОҒ

***Барои устод Восифи Бохтарӣ***

Чӣ қадар зи оташу хун, чӣ қадар зи дуд гӯям?
Ту биё, ки бо ту имшаб ғазалу суруд гӯям.
Ту биё, ки аз гулӯям, ғами куҳнаро бишӯям,
Ба ту з-он чӣ ҳаст гӯям, на аз он чӣ буд, гӯям.
Манишин ба интизорам, бинишин ту дар канорам,
Ки на айби кас шуморам, на бади ҳасуд гӯям.
Зи ту гар ҷудо нишинам, ҷаҳад оташ аз ҷабинам,
Ҳамаро сиёҳ бинам, ҳамаро кабуд гӯям.
Ту биё, ки бо ҳузурат, равад аз дилам кудурат,
Ҳамаро сутуда хонам, ҳамаро дуруд гӯям.
Чӣ қадар ба хок гуфтан, чӣ қадар ба хок хуфтан?
Ба ту имшаб аз шукуфтан, ба ту аз суъуд гӯям.
Зи фазои ташнаи боғ, шабу рӯз қисса гуфтам,
Нафаси зуъудати об ба масири руд гӯям.

## ҲАЗЁН

Бибинед, бибинед, Азозил чиҳо кард?
Ба ҳар ҷо, ки хиромид, яке фитна бапо кард.
Азозил, Азозил, ҳамон ворисi Қобил,
Ки ҳамзоди худашро заду кушту хато кард.
Азозил, магӯ, кист? Ки ӯ турфа балоест,
Ки дар кӯра камин дошту дар шуъла шино кард.
Чу дар субҳи азал хост Худо саҷда ба Одам,
Ҳама сар биниҳоданд, Азозил ибо кард.
Аз он лаҳза Худованд, дил аз кори ҷаҳон канд,
Ҳама кори ҷаҳонро ба ин дев раҳо кард.
Ҷаҳон дар кафи ин дев чу бозича фитодаст,
Кунун ҳар чӣ ки бошад, магӯед, Худо кард.
Агар кох фурӯ рехт, Азозил барафканд,
В-агар шоҳ гадо гашт, Азозил гадо кард.
Агар барқ дурахшид, Азозил бихандид,
В-агар раъд хурӯшид, Азозил садо кард.
Ба қавле, ки ба кас дод, бар он қавл напоид,
Ба аҳде, ки ба кас баст, дар он макру риё кард.

Ба ин деви табаҳкор, ба ин душмани ғаддор,
Ҳар он кас, ки наёмехт, накӯ карду баҷо кард.

## ПАЙҒОМ

Ба номаш медиҳам ҷон, муҳтасиб, номам чӣ мепурсӣ?
Ман ошиқпешаам, аз куфру исломам чӣ мепурсӣ?
Тамоми умр саргарми тавофи Каъбаи ишқам,
Кафан бар дӯш мегардам, зи эҳромам чӣ мепурсӣ?
Дурахшидам даме чун озарахшу маҳв гардидам,
Дар ин зулматсаро оғозу анҷомам чӣ мепурсӣ?
Зи айёми савобат ашку оҳе монда дар зеҳнам,
Ба хун олуда субҳе доштам, шомам чӣ мепурсӣ?
Чамангумкарда мурғе дар ниҳодам зор менолад,
Ало, эй ҳамнафас, аз рамзи илҳомам чӣ мепурсӣ?
Ба куфрам шайх фатво доду ишқ аз ман таҳаммул хост,
Хамӯшӣ посухаш кофист, дашномам чӣ мепурсӣ?
Маро бо худпарастон гуфтугӯе нест, эй қосид,
Забонамро намедонанд, пайғомам чӣ мепурсӣ?
Ба рӯи баҳри нопайдакарони зиндагӣ, Фонӣ,
Яке мавҷи гурезонам,, зи оромам чӣ мепурсӣ?

## ГУМШУДАГОНИ ШАБ

Гуфтӣ, ки шаб охир шуд, аз ғусса дигар дурем,
Шуд субҳи зафар наздик, в-аз шоми хатар дурем.
Гуфтӣ, ки сафар саҳл аст, ин қофиларо з-ин пас,
К-аз тирраси дуздон, в-аз кӯҳу камар дурем.
Афсӯс, надонистӣ, к-андар талаби мақсуд,
Мо гумшудагони шаб аз марзи саҳар дурем.
Рӯида канори санг, бо роҳравон дар ҷанг,
Мо хори биёбонем, аз баргу самар дурем.
Аз фитна ба хуни мо, гардун чӣ сиришт оё?
К-аз нафрату кин лабрез, в-аз ишқу ҳунар дурем.
Афканд ба гӯши бод, нахле зи баҳорон шод,
К-имсол муборак бод, к-аз теғу табар дурем.
Нолид чанори пир, аз доғи табар дилгир,
Гуфто, ки бале дурем, аммо чӣ ҳунар дорем.

## РАМЗИ ЗИНДАГӢ

Маро дар даҳр чун барқи сабуксайр,
Тавaққуф дар раҳи ҳастӣ набошад.
Ҷаҳонро аз ҷунуни хеш сӯзам,
Агар шармам зи бадмастӣ набошад.
Зи мавҷ омӯз рамзи зиндагонӣ,
Баландӣ нест, то пастӣ набошад.
Ба зоҳид ҷоми май зоеъ магардон,
Ки он сар дар х(в)ари мастӣ набошад.
Заифон зери бори ғам намиранд,
Агар зулму забардастӣ набошад.
Ба лабханде наярзад умри Фонӣ,
Гараш ин шӯру ин мастӣ набошад.

## РУБОӢ

Мо масту харобем, вале покдилем,
Ҳар ришта, ки покиза набошад гусалем.
Хӯрдем фиреби ҳарфи иблисе чанд,
Аз содагии хеш кунун мунфаилем.

## РУБОӢ

Ё Раб, ҷараси набард хомӯш мабод,
Дар сӯги саҳар шафақ сияҳпӯш мабод.
Он ошиқи хуршед, к-аз ин қофила рафт,
Аз зеҳни ситорагон фаромӯш мабод.

## РУБОӢ

Эй дар сафару ҳазар ҳамовози дилам,
Эй аз ту саранҷому сароғози дилам.
Дур аз ту ба ҳар карон, ки пар бикшоям,
Бо шаҳпари ёди туст парвози дилам.

## ФИКРИ ХОМ

Дасти ман бигрифту бо дасти дигар,
Киссаам меҷуст то ёбад магар.
Ман ба фикри ин ки ӯ марди Худост,
Ӯ дар ин савдо, ки ҷайбам дар куҷост?

Эй дареғ, аз фикри хоми одамӣ,
Гиря кардам бар мақоми одамӣ.
Ёдам омад гуфтаи Мавлои Балх,
Он гиромӣ гавҳари яктои Балх.
Эй басо Иблис одамрӯй ҳаст,
Пас ба ҳар дасте набояд дод даст.
Гуфт: « Мурдан дар миёни ошён,
Беҳтар аз парвоз бо боли касон».
Эй басо имдод, ки истибдод буд,
Эй басо ночӣ, ки худ ҷаллод буд.
Эй басо шодӣ, ки дилро хун кунад,
Эй басо дармон, ки дард афзун кунад.
Эй басо гурги табаҳкору палид,
Барраро дар ҷомаи чӯпон дарид.

## ТОИРИ ШИКАСТАДИЛ

Ман он тоири болу пар бастаам,
Ки аз сайри гулшан назар бастаам.
Ба тори дилам арзи овоз нест,
Ба болу парам ранги парвоз нест.
На бар шохи гул бастаам ошён,
На чун булбул аз шавқ дорам фиғон.
Маро орзуе ба дил шуд падид,
Ки чун гул гиребони сабрам дарид.
Аз он орзу хирманам сӯхтанд,
Сипас нағмаи ишқам омӯхтанд.
Намуданд сайдам ба найранги ишқ,
Диламро шикастанд бо санги ишқ.
Бад-он сон зи барқи вафо сӯхтам,
Ки аз фарқ то шасти по сӯхтам.
Агар нолаҳои дилам шуълазост,
Ва ё шуъла хезад зи оҳам равост.
Ки аз орзуҳо шарорам заданд,
Шарарҳо ба мушти ғуборам заданд.
Кунун шуълаҳо бар забони ман аст,
Забони шарар тарҷумони ман аст.
Наёяд дигар нола аз нои ман,
Нарезад дигар май зи минои ман.

Дилам мурду андеша мотам гирифт,
Гулӯи маро гиря маҳкам гирифт.
Ба гулшан касе ҳамзабонам нашуд,
Кас огаҳ зи сӯзи ниҳонам нашуд.
Зи гулзор қатъи назар мекунам,
Сари хешро зери пар мекунам.

## ҒАЙРАТИ ИШҚ

Шабе гуфт шамъе ба парвонае:
Надидам ба сони ту девонае.
Туӣ хасми болу пари хештан,
Ба оташ занӣ пайкари хештан.
Аҷаб расми беҳуда омухтӣ,
К-аз он хирмани хешро сӯхтӣ.
Набинӣ, ки оташ ба ҷонам бувад,
Шарарҳо ба нӯки забонам бувад.
Чаро хештанро ба оташ занӣ?
Ба ҷисми заифат чаро душманӣ?
Чу парвона ин ҳарфҳоро шунуфт,
Ба гирди сари шамъ гардиду гуфт:
Ки эй дар вуҷуди туам зиндагӣ,
Рухат манбаи нуру тобандагӣ.
Наям душмани пайкари хештан,
На беҳуда сӯзам пари хештан.
Маро ғайрати ишқ девона кард,
Ҷунунам ба даври ту парвона кард.
Чӣ сон чашми ошиқ тамошо кунад?
Ки шамъаш ба базми касе ҷо кунад.
Ҳамин гуфту худро ба оташ супурд,
Бияфтод дар пои он шамъу мурд.
Агар ошиқӣ ғайратомӯз бош!
Чу парвона сар то ба по сӯз бош!

## ИМТИҲОН

Яке булбули зор дар гулситон,
Ба шохи гуле карда буд ошён.
Зи барқи вафо пайкараш сӯхта,
Ба дил оташи улфат афрӯхта.

Ба доми муҳаббат гирифтор буд,
Дилу дидааш маҳви дидор буд.
Зибас улфаташ буд бо рӯи гул,
Шабу рӯз будӣ ба паҳлӯи гул.
Шунидам ба ӯ гуфт вақти саҳар,
Насими ҷунункеши девонасар:
Ки эй содадил, ин чӣ шӯру навост?
Бирав, тарки гул кун, ки гул бевафост.
Ду рӯзе на беш аст ин рангубуй,
Ту васфи гулу хубиашро магӯй.
Биё, бо ман аз боғ берун равем,
Ба дашту ба кӯҳсору ҳомун равем.
Баровард булбул ба ҳасрат фиғон,
Ки эй ғофил, аз мазҳаби ошиқон.
Ҷаҳон чун ту бемағз кам дидааст,
Ҷунун бар шуури ту хандидааст.
Бирав, бо ман ин гуфтугӯҳо макун,
Зи рӯи дилам парда боло макун.
Сабук метавон аз сари ҷон гузашт,
Вале мушкил аз ишқи ҷонон гузашт.
Ту гӯӣ, магӯ, васфи гул ин қадар,
Агар гул нагӯям, чӣ гӯям дигар?
Зи ишқ аст занҷир дар пои ман,
Гар аз боғ берун равам, вои ман.
Ба пои гулам ҷон супурдан накӯст,
Зи боғам на берун шудан орзуст.
Чӣ хуш гуфт он мурғи шириншиор,
Ки бе дӯст бо ҷон маро нест кор.
Ту ҳам, эй ки аз ишқ гӯӣ сухан,
Ба дил гар туро ҳаст меҳри ватан.
Зи гулзори бегона озод зӣ!
Ба хушкида хори Ватан шод зӣ!
Ба ишқи Ватан тарки ҷон боядат,
Ба роҳи вафо имтиҳон боядат.

## ЧАРОҒОН

Боз мехоҳам хурӯше сар кунам,
Дар чаман шӯр афканам, маҳшар кунам.
Сар кашам, ин ҷоми мастибахшро,
Баркашам фарёди ҳастибахшро.
Бишканам муҳри хамӯшӣ аз забон,
Хомаро озод созам дар баён.
Аз даруни дил барорам ноларо,
Бишканам ҷоми ғами садсоларо.
Шеър гӯям, шеъри ҳастиофарин,
Ҳамчу май гирову мастиофарин.
Шеъри ман соз аст, сози зиндагӣ,
Сар ба сар сӯзу гудози зиндагӣ.
Шеъри ман ишқ аст, ишқи бошукӯҳ,
Ишқи дашту дар(р)аву дарёю кӯҳ.
Шод зӣ, эй ишқи ман, эй хоки ман!
Эй гиромитар зи ишқи поки ман!
Шод зӣ, эй сарзамини арҷманд!
Номи ту чун кӯҳсоронат баланд!
Шод зӣ, эй маъмани размандагон!
Модари фарзандҳои қаҳрамон!
Шод зӣ, чун мавқеи шодии туст!
Солгарди рӯзи озодии туст!
Хоҳам, эй Меҳан, ки дар дарёи нур,
Ғарқ бошӣ, то абад аз ғусса дур.
Имшаб аз ҷашни ту ҷӯшон гаштаам,
Ҳамчу дарёи хурӯшон гаштаам.
Ашки шодӣ рӯи мижгони ман аст,
Шоирам ман, ин чароғони ман аст.

## ШУКӮҲ

Боз ин дил шӯриши дигар гирифт,
Достони хешро аз сар гирифт.
Гарчи н-ояд нолае аз нои ман,
Осмон бар санг зад минои ман.
Доғи ҳасрат дар гулӯям сурма рехт,
Тору пуди ишратам аз ҳам гусехт.

Дар парам нерӯи парвозе намонд,
Бар лабам оҳи фалактозе намонд.
Рафт гармӣ аз навои дилкашам,
Бе ҳарорат монд умре оташам.
Нои мо то аз найистон чидаанд,
Нағмаҳо дар пардаҳо хобидаанд.
Найнавозе нест, то бинвозадам,
З-ин сукути марг берун созадам.
Хоҳам имдоди ту, эй Мавлои Рум!
То барам бар ноумедиҳо ҳуҷум.
Муршидо, хоҳам, ки имдодам кунӣ,
Дар тариқи ишқ иршодам кунӣ.
Сӯхтам дар водии сӯзони ишқ,
Гум шудам дар роҳи бепоёни ишқ.
Гармие бахшой овози маро,
Боздеҳ он сӯзу он сози маро.
Боздеҳ он сӯз то созе кунам,
Андар ин майхона овозе кунам.
Шӯри мастӣ андар ин майхона нест,
Ё ҳама хобанд, ё кас хона нест.
Не, ғалат гуфтам ҳама дар хонаанд,
Лекин аз файзи тапиш бегонаанд.
Зиндагӣ танҳо на хобу хӯрдан аст,
Гар табу тобе надорад мурдан аст.
Умрҳо хобидаему хӯрдаем,
Бе табу тобем, з-он афсурдаем.
Гулбуне афсурда бошад хок беҳ,
Аз вуҷудаш ин гулистон пок беҳ.
Нахли моро, эй Худо, пурбор соз!
Чашми моро, эй Худо, бедор соз!
Зинда соз ин гулбуни афсурдаро!
Ё бигир аз ман дили озурдаро!
Аз бари ман ин дили бетоб гир,
Ё зи чашми дигаронаш хоб гир.
Роҳате бар ҷони бетобам мадеҳ,
Ё ба ранги дигарон хобам мадеҳ.
Ё бигир аз ман дили дардофарин,
Ё ба ҳар дил андаке дард офарин.

Умрҳо нолидам аз дарди дарун,
Ҷои ашк аз дида омад мавҷи хун.
Кас нагуфт ин тоири овора кист?
Ин шаҳиди лаззати наззора кист?
Аз чӣ дарде рӯзу шаб афғон кунад?
Хоби ширин талх бар ёрон кунад.
Ҳеҷ касро ин ғами ҷонкоҳ нест,
Ҳеҷ кас аз дарди мо огоҳ нест.
Эй дареғ, аз дарду доғи орзу,
Ҳамчу мино гиря дорам дар гулӯ.
Гӯшае хоҳам, ки биншинам хамӯш,
То ки дил биншинад аз ҷӯшу хурӯш.
Лек дил гӯяд, ки то ман зиндаам,
Шоҳроҳи ишқро пӯяндаам.
Ишқи мардум, ишқи Меҳан, ишқи пок,
Ишқи ин дарёю дашту сангу хок.
Рост гӯяд ин дили дардошно,
Ман куҷову шиква аз мардум куҷо?
Ин шикоятҳо забони хома кард,
Арзи ҳоламро «Шикоятнома» кард.
Шоири мардум барои мардум аст,
Тарҷумони дардҳои мардум аст.
Фард бояд дар ҷамоат гум шавад,
«Қатраи вусъатталаб қулзум шавад[5]».

---

[5] Моли Аллома Иқбол

## Мундарича

**Амирӣ (Амир Умархони Хӯқандӣ). ………………………………………4**
**Ғазалиёт………………...…...…………………………………………4**
**Мухаммасҳо……………………...…………………………………...75**
**Тарҷеъбанд…………………...…………………………………….100**
**Мусамман……………………...……………………………………..104**
**Чанд таърих аз шуарои давр дар марги Амир Умархони**
**Хӯқандӣ ……………………..……...………………………………….106**

**Муҳйии Хӯқандӣ……………..……………………………………113**
**Ғазалиёт……………………..………………………………………114**
**Мухаммаси Муҳйии Хӯқандӣ……………………………………237**

**Ваҳшии Бофқӣ…………………...…………………………………239**
**Ғазалиёт……………………...……..………………………………..242**
**Рубоиёт……………………...………………………………………..381**
**Аз таркиббандҳо Шарҳи парешонӣ……...……………………...390**
**Гилаи ёри дилозор……………...……………………………………..393**
**Дар сугвории дӯст…………...……………………………………..398**
**Дар сугвории бародар…………...…………………………………400**
**Аз тарҷеъбандҳо……………...……………………………………..402**
**Аз қитъаҳо……………………...…………………………………….410**

**Розиқи Фонӣ…………………...……………………………………..412**
**Ғазалиёти Розиқи Фонӣ…………………..…………………………413**
**Худо гар парда бардорад………………………………………….413**
**Озод………………………………………………………………….415**
**Садаф…………………………..…………………………………….415**
**Қиссапардоз…………………...……………………………………..416**
**Мардон ва номардон………………………………………………..416**
**Хомаи беҳзод…………….....………………………………………416**
**Маъбади бекасӣ……………………..……………………………….417**
**Фарзанди муҳит……………………………………………………417**
**Дарди зинда будан…………...……………………………………..418**
**Арӯсӣ……………………...………………………………………….418**
**Хонабардӯш………………...………………………………………..419**

**Табъи тез…………………………………………………………419**
**Хоки ҳирс…………………………………………………………410**
**Дарси инсоф………………………………………………………420**
**Чашми замона……………………………………………………420**
**Армуғон……………………………………………………………421**
**Доғи таманно………………………………………………………421**
**Меравам……………………………………………………………422**
**Раҳбари комил……………………………………………………422**
**Баҳона сохт…………………………………………………………422**
**Шамъи мазор………………………………………………………423**
**Дасти карам…………………………………………………………423**
**Адабгоҳи ҷунун……………………………………………………424**
**Алмоспора…………………………………………………………424**
**Паёмбари борон……………………………………………………425**
**Сафар………………………………………………………………425**
**Уқоби захмии даврон………………………………………………426**
**Боли саҳар…………………………………………………………427**
**Қисса мекунам……………………………………………………427**
**Ишқи ғаюр…………………………………………………………427**
**Авҷ…………………………………………………………………428**
**Тифли нигоҳ………………………………………………………428**
**Раҳо кардам………………………………………………………428**
**Баҳор омад…………………………………………………………429**
**Дар оташи беҳамзабонӣ……………………………………………429**
**Шамъи ҳаёт…………………………………………………………430**
**Лолазорон…………………………………………………………430**
**Остони ишқ…………………………………………………………431**
**Қосиди садо………………………………………………………431**
**Хаёли ту……………………………………………………………431**
**Хастадил……………………………………………………………432**
**Мурғи тӯфон………………………………………………………432**
**Ҳамгоми модарони сияҳпӯш………………………………………433**
**Рӯҳи дарё…………………………………………………………433**
**Андуҳ………………………………………………………………434**
**Гаҳвораи борона……………………………………………………434**
**Фазои ташнаи боғ…………………………………………………435**
**Ҳазён………………………………………………………………435**

**Пайғом……………………….…..………………………………436**
**Гумшудагони шаб……………...………………………………..436**
**Рамзи зиндагӣ…………………...……………………………437**
**Рубоӣ……………………………...………………………………..437**
**Фикри хом……………….……...……………………………437**
**Тоири шикастадил……………..……………………………..438**
**Ғайрати ишқ…………………...……………………………439**
**Имтиҳон……………..………...……………………………439**
**Чароғон……………………………...………………………….441**
**Шукӯҳ……………..…………...……………………………..441**

# ЧАҲОР ГУЛЗОР

**Муҳаррир** ***Равшани Ҳамроҳ***

**Тарроҳ** ***Ҳаётулло Холов***

**Ба матбаа 18.06.2019 супурда шуд. Ба чоп 2.08.2019 имзо шуд. Андозаи 60Х84 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 28.0. Адади нашр 100. Супориши № 150/19. Нархи шартномавӣ.**

Дар матбааи Нашриёти ***«Истеъдод»*** чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.